ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 1 (091) (575.3)

СУЛАЙМОНОВ БАҲМАНЁР САЙДИҲСОНОВИЧ

МАНТИҚ ВА НАҚШИ МЕТОДОЛОГИИ ОН ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа
аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои фалсафа,
профессор Сайфуллаев Н.М.

Душанбе – 2025

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА 4-11

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ …..… 11 36

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ АФКОРИ МАНТИҚИЮ МАЪРИФАТИИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ 37-38

1.1. Заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккули афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ..... 38-62

1.2. Нақши фалсафаи Юнони қадим дар рушди андешаи мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ 62-91

БОБИ 2. ШАКЛҲОИ АСОСИИ ТАФАККУРИ МАНТИҚӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ..... 92

2.1. Хусусиятҳои хоси ташаккули мафҳумҳо ва мақулаҳои илмӣ-мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ.....93-121

2.2. Мафҳум ҳамчун шакли тафаккури мантиқӣ дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ 121-148

2.3. Моҳият ва ҷойгоҳи қазия дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ..... 148-175

БОБИ 3. ВОСИТАҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ДОНИШ ДАР МЕРОСИ МАНТИҚИИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ 176-177

3.1. Ҳамбастагии тафаккур ва забон дар таълимоти мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ 177-196

3.2. Нақши қиёс ва айнияту тафовути он дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ..... 197-228

3.3. Вижагиҳои хоси назарияи бурҳон дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ 228-255

БОБИ 4. ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ МАНТИҚӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ..... 256-257

4.1. Таснифи илмҳо дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ва ҷойгоҳи мантиқ дар он..... 257-287

4.2. Маърифати ҳиссӣ: шаклҳо, хусусиятҳо ва нақши он дар раванди маърифатӣ аз назари Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ..... 287-321

4.3. Маърифати ақлӣ (мантиқӣ) ва таҳлили он дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ..... 322-353

БОБИ 5. НАҚШИ МАНТИҚ ҲАМЧУН МЕТОДОЛОГИЯИ МАЪРИФАТИ ОЛАМ ВА ШИНОХТИ ҲАҚИҚАТ ДАР ОСОРИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ 354-355

5.1. Маърифати олам аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ..... 355-382

5.2. Консепсияи ҳақиқат ва меъёрҳои он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ 382-408

ХУЛОСА 409-417

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ 418-421

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 422-463

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ..... 464-472

Муқаддима

Мубрамии мавзуи таҳқиқот – «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ», дар марҳилаи кунунии рушди илмҳои фалсафӣ, на танҳо дорои аҳаммияти бузурги назариявӣ мебошад, балки ҷавобгӯйи ниёзҳои амалии омӯзиши мероси фалсафии форсу тоҷик ва шинохти решаҳои ақлонӣ дар фарҳанги кишварҳои шарқӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯз, пеш аз ҳама, дар шароити ҷаҳонишавии илм ва бархурди тамаддунҳо, баррасии низоми мантиқӣ ва фалсафии мутафаккирони гузаштаи Машриқзамин аҳаммияти тоза пайдо кардааст. Афкори мантиқӣ ва маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки дар заминаи муколамаи фарҳангҳои Шарқу Ғарб ташаккул ёфтаанд, имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қарор доранд. Бо вуҷуди он ки оид ба таълимоти ҳар ду мутафаккир корҳои зиёди пажуҳишӣ анҷом ёфтааст, аммо таҳлили бонизоми таълимоти онҳо дар соҳаи мантиқ ва маърифат, бахусус, дар заминаи муқоисавӣ ва бо назари методологӣ, то кунун сурат нагирифтааст. Бинобар ин, муаллиф кӯшиш намудааст, ки ин холигии назариявиро дар заминаи таълифоти мутафаккирони мазкур пурратар гардонад.

Мавзуи таҳқиқот, аз як тараф, ба омӯзиши масъалаи асосии таърихи фалсафа – рушду таҳаввули тафаккури мантиқӣ ва низоми маърифат дар афкори ин мутафаккирон равона шудааст, аз ҷониби дигар, он ба баҳсҳои илмию методологие ворид мешавад, ки имрӯз дар атрофи мантиқ ва фалсафаи асримиёнагии Шарқ ба вуҷуд омадаанд. Масалан, яке аз масъалаҳои асосие, ки дар заминаи баҳсҳои илмии муосир ба вуҷуд омадаст, чунин аст: Оё фалсафаи форсу тоҷик танҳо бозсозии фалсафаи юнонӣ аст, ё он низоми мустақили назариявии дорои сохтор, мақсад ва методологияи хоси худ мебошад? Дар ин росто, таҳқиқ ва баррасии таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи мафҳуму

қазия, қиёсу бурҳон ва маърифат барои посух додан ба ин баҳс саҳми назаррас гузошта метавонад.

Зимнан, аҳаммияти мавзуъ дар заминаи методологияи таҳқиқ низ зоҳир мегардад. Дар аксар таҳқиқоти қаблӣ ба тавсифи таърихӣ ва мазмунӣ бештар аҳаммият дода мешуд, дар ҳоле ки таҳлили матншиносӣ, герменевтикӣ ва муқоисавии мантиқ ва истилоҳоти фалсафии ин мутафаккирон маҳдуд боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур бо татбиқи равишҳои муосири фалсафӣ ва таҳлили матншиносӣ, ки ба равиши илмии муосир ҳамоҳанг мебошанд, метавонад ба такмили методологияи омӯзиши мантиқ ва фалсафа мусоидат намояд.

Ғайр аз ин, масъалаи дигари мубрам ин аст, ки бо вуҷуди пажуҳиши васеи таълимоти ин ду мутафаккир, бештари корҳои илмӣ, асосан, ба баррасии масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ ё сиёсӣ-иҷтимоии онҳо равона шудаанд, дар ҳоле ки низоми мантиқии таҳиякардаашон ба таври ҷиддӣ ва ҳамаҷониба баррасӣ нашудааст. Ба андешаи муаллиф, бо дарназардошти эҳёи таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ ба илм ва фалсафа, омӯзиши мероси мантиқии чунин шахсиятҳо барои муаррифии саҳми фарҳанг ва тамаддуни асримиёнагии форсу тоҷик дар рушди умумибашарии ақл ва маърифат аҳаммияти куллӣ касб мекунад.

Мубрамии таҳқиқ, инчунин, дар он зоҳир мегардад, ки дар муҳити илмию фалсафии муосир эҳтиёҷ ба таҳияи моделҳои нави илмӣ ва фарҳангии фаҳмиши мантиқ, маърифат ва асосҳои ақлонӣ афзудааст. Аз ин рӯ, мероси Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо як анъанаи гузашта, балки имкони муосири тарбияи тафаккури интиқодӣ ва таҳлили илмӣ мутобиқ ба шароити ахлоқиву фарҳангии Шарқ мебошад.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқ метавонанд барои такмили барномаҳои таълимӣ дар риштаҳои «Мантиқ», «Маърифатшиносӣ», «Таърихи фалсафа», «Фалсафа ва методологияи илм» ва ғайра истифода шаванд. Хулосаҳои илмӣ метавонанд асоси таҳияи дастурҳои методӣ ва таълимӣ

гарданд, ки ба омӯзиши амиқи мантиқ ва фалсафа дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мусоидат мекунанд. Барои таҳияи луғатҳои махсуси фалсафӣ, китобҳои дарсӣ натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз аҳаммияти амалӣ холӣ нестанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки баъзе ҷанбаҳои ин масъала дар илми фалсафа, хусусан дар риштаи таърихи фалсафа ва фалсафаи муосир, дар марҳилаҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Бо вуҷуди он ки дар бораи фаъолияти фалсафии ин ду мутафаккир корҳои зиёде анҷом ёфтаанд, аммо омӯзиши махсус ва системавии низоми мантиқӣ ва маърифатии онҳо, бо равиши муқоисавӣ, то кунун мавзуи таҳқиқ қарор нагирифтааст. Муҳимтарин корҳои анҷомёфта дар ин самтро метавон дар шакли зер оварда:

1. Омӯзиши шароити таърихӣ ва таҳлили сарчашмаҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳаёт, эҷодиёт ва афкори фалсафии Абунасри Форобӣ, аз ҷумла, андешаҳои инсоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва табиатшиносии ӯ, дар асарҳои як қатор муҳаққиқон бозтоб ёфтааст. Аз ҷумла, чунин ҷанбаҳои таълимоти Форобӣ дар корҳои илмии Н. Решер [366; 368; 367], М. Хайруллаев [191; 201], Б.Г. Гафуров, А. Касымжанов [69], А.В. Сагадеев [152], Б. Шукрӣ [374], С. Чатти [338], Ҷ. Ал-Имронӣ [340], Ҷ. Ламир [361], Ф.В. Зиммерман [376], А.Л. Казибердов, С.А. Муталибов [106], Р.Д. Ардаканӣ [43], Маҳмуд Муҳаммад Алӣ [221], Абдулҳамиди Дарвеш ан-Нассоҷ [245], Н.М. Сайфуллаев [191], З.М. Диноршоева [88] ва дигарон мавриди баррасии ҷузъӣ қарор гирифтаанд.

Таҳлили осори ин муаллифон нишон медиҳад, ки афкори мантиқӣ-маърифатии Форобӣ дар чунин таҳқиқот, асосан, ба таври пароканда ва ҳамчун бахшҳои иловагӣ, дар иртибот бо мавзуъҳои васеътаре чун мантиқ, гносеология, кайҳоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, ахлоқ, шеър ва дигар соҳаҳо тасвир шудаанд. Бо вуҷуди саҳми арзандаи ин муҳаққиқон,

афкори мантиқии Форобӣ, аксаран, дар доираи васеъ баррасӣ гардида, таҳлили бонизоми сохтори мантиқии андешаи ӯ ва робитаи он бо системаи маърифат ба таври мустақил ва мукаммал анҷом наёфтааст.

Ҳамчунин, таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ, фалсафӣ ва илмии ҳаёт ва осори Насируддини Тусӣ низ дар таҳқиқоти илмии як қатор муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавқеи назаррас дорад. Онҳо, пеш аз ҳама, ба омӯзиши шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи зиндагии Насируддини Тусӣ, рушди илмҳои дақиқ дар асри XIII ва саҳми бузурги ӯ дар ин раванд оғоз мегарданд. Таълимоти ӯ дар соҳаҳои фалсафа, мантиқ, ахлоқ, табиатшиносӣ, инчунин, нақши ӯ дар таҳкими пояҳои илмии идоракунии давлат ва ҷомеа аз мавзуъҳои муҳимми таҳқиқот маҳсуб меёбанд.

Дар ин замина, корҳои илмии В.В. Бартолд [50; 51; 52], Р. Груссе [244], Г. Зутер [378], Г.Д. Мамадбейли [119; 120], Ф.Г. Максудов [118], М. Ризавӣ [286], А.К. Рзаев [148], Е.С. Кеннеди [360], Н. Идибеков [100], М.М. Зинҷонӣ [253], Х. Шоихтиёров [212], Г.З. Саидова [397] ва дигарон ҷолиби диққат мебошанд. Онҳо паҳлуҳои гуногуни фаъолияти илмӣ ва фалсафии Насируддини Тусиро равшан сохта, ҷойгоҳи ӯро ҳамчун шахсияти барҷаста дар фарҳанги асримиёнагии форсу тоҷик таъкид намудаанд.

2. Як қатор корҳои илмӣ бевосита ба омӯзиши ҷанбаҳои мантиқӣ ва маърифатии осори ин ду мутафаккир бахшида шудаанд, ки дар онҳо масоили мухталифи марбут ба усулҳои таҳқиқи мантиқӣ, робитаи равандҳои равонӣ бо тафаккури таҷридӣ, мантиқ ва фалсафа, нақши забон дар маърифат, қобилиятҳои маърифати инсон, гунаҳои ҳукм ва қиёс, инчунин, ҷанбаҳои гносеологӣ ва эпистемологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, масъалаҳои усули ҳукмҳои қиёсӣ, аз қабили аподейктикӣ, диалектикӣ, софистӣ, хитобӣ ва ғайра. Дар таълифоти мантиқии Форобӣ нақши забон ва нутқ, ҳамчун воситаи

интиқоли дониш мавқеи муҳимро касб намуда, дар таҳқиқоти баъзе муҳаққиқони соҳа баръало мушоҳида мешавад. Ин ҷо метавон аз асарҳои М.С. Бурабаев, А.С. Иванов, Е.Д. Харенко [63], М.С. Бурабаев, А.М. Кенисарин, Г.В. Курмангалиева [64], Б.С. Сулаймонов [186; 187], Ж. Алтаев [37] ва дигарон ном бурд, ки дар онҳо мафҳумҳо ва методологияи мантиқии Форобӣ, алоқамандии мантиқ бо равандҳои фикрӣ ва забонӣ, инчунин, масоили маърифат ва мантиқ ба таври ҷузъӣ ва фаҳмиши муосир баррасӣ шудаанд.

Дар мавриди Насируддини Тусӣ, таҳқиқоти кофӣ дар соҳаи мантиқ то имрӯз нисбатан маҳдуд боқӣ мондааст. Ғайр аз корҳои Э.М. Мамедов [426] ва Л.Э. Кенҷаева [391], ки ҷанбаҳои алоҳидаи таълимоти мантиқии Тусиро таҳқиқ намудаанд, таҳлилҳои пурра ва системавии афкори мантиқии ӯ ҳанӯз ба таври мукаммал сурат нагирифтаанд. Бо назардошти саҳми бузурги Насируддини Тусӣ дар такмили низоми мантиқӣ, махсусан дар китоби «Асос-ул-иқтибос», чунин ҳолат нишондиҳандаи холигии ҷиддии назариявӣ дар таҳқиқи осори ӯ мебошад.

3. Инчунин, дар як қатор мақолаҳои алоҳида, ки ба масъалаҳои гуногуни мантиқ бахшида шудаанд, вазифаҳои мантиқ ҳамчун абзори шинохти илмӣ, робитаи он бо забон ва маърифат, аҳаммияти таълимоти Форобӣ дар бораи мафҳум, ҳукм, қиёс ва хулосабарорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар баробари ин, муқоисаи афкори мантиқии Форобӣ бо мутафаккирони юнонӣ ва шарқӣ, аз ҷумла, бо Арасту ва Ибни Сино, низ дар баъзе аз ин мақолаҳо зикр ёфтааст. Аз ҷумла, таҳқиқоти Г. Шаймухамбетова [208], Р.Н. Насыров [431], Н.Н. Караев [416], Ориф Ризо [437], А. Марун, Ҷ. Шойлер [363], Б.Л. Деборах [339], М.С. Галстон [350], Н. Джерманн [352], К. Гайкей [354], Ф.С. Ҳаддад [356], К. Каримуллаҳ [359], С. Тюркер [375], М. Зонта [377] ва дигарон ба баррасии чунин мавзуъҳо дахл доранд.

Бо вуҷуди ин, мақолаҳои марбут ба таҳқиқи амиқи мантиқи Насируддини Тусӣ, чуноне ки қайд шуд, то ҳол камшуморанд. Аз ҷумла, таҳқиқоти П. Мураввиҷ [365], А.Г. Палангов [434], А.А. Бабаев, В.Ф. Меҷлумбекова [407] ва дигарон баъзе ҷанбаҳои афкори мантиқии Тусиро дар бар мегиранд, аммо ба баррасии сохтори низомии таълимоти мантиқии ӯ, муносибати ӯ бо таълимоти Арасту ва Форобӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар байни мантиқшиносони асримиёнагии форсу тоҷик муайян нашудааст.

Агарчи файласуфону муҳаққиқони замони муосир – А.М. Баҳоваддинов, М.С. Осимӣ, М.Н. Болтаев, М. Диноршоев, Ғ. Ашуров, Н. Саид, Н.М. Сайфуллоев, С.Аҳмадов, О. Зоҳидов, Ф.Б. Худойдодзода, Ё Ниёзӣ ва дигарон, бо вуҷуди таҳқиқоти номбурда, корҳои мондагоре анҷом додаанд, вале масоили асосии марбут ба системасозии илми мантиқ, махсусан, таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, таҳлили муқоисавии онҳо, табақабандии мафҳумҳои илмӣ, арзёбии методологӣ ва эпистемологии осори онҳо то ҳол як паҳлуи нокифоя таҳқиқшудаи илми мантиқ ва таърихи фалсафа боқӣ мондааст. Ин ҳолат зарурати анҷоми таҳқиқоти мукаммалу мустақилро дар ин самт бештар асоснок мекунад.

Бо вуҷуди саҳми арзандаи ин муҳаққиқон, таҳлили бонизоми таълимоти мантиқӣ-маърифатии Насируддини Тусӣ, махсусан, дар иртибот бо мантиқ ҳамчун воситаи маърифат, бурҳон ва категорияҳои асосии фикри мантиқӣ, то ҳол мавриди баррасии амиқ ва таҳлили муқоисавӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқоти ҷадид ва мукаммали мантиқии ин ду мутафаккири бузург ба миён меояд, ки умумият ва тафовути таълимоти онҳо тавассути таҳлили муқоисавӣ ошкор гардад.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ мутобиқ ба нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафа

ва сиёсатшиносии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – «Таҳқиқи ғояҳои миллатсозӣ дар таълимоти мутафаккирони тоҷик ва ташаккули консепсияи худшиносии миллӣ» РБ № 0125TJ, аз 01.01.2025-31.12.2028 яъне омӯзиши мероси фалсафии мутафаккирони Шарқ ва таҳлили масъалаҳои мантиқӣ-маърифатӣ дар доираи мактабҳои илмии анҷомдодашуда, ҷузъи таркибии фаъолияти илмию таълимии ин кафедра мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар доираи масоили меҳварии илми фалсафа ва таърихи афкори фалсафӣ таҳия шуда, ба омӯзиши амиқ ва муқоисавии таълимоти мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ равона шудааст. Ин таҳқиқ, бо такя ба арзишҳо ва дастовардҳои фалсафаи классикӣ, махсусан, дар заминаи таҳкими анъанаи мантиқӣ ва модели маърифати ақлонӣ, барои фаҳмиши дурнамои рушди тафаккури илмӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон саҳмгузор мебошад.

Ин таҳқиқот ба таври хос бо мавзуъҳои стратегии дорои аҳаммияти илмӣ, аз ҷумла, рушди фикри фалсафӣ дар фазои пасошуравӣ, эҳёи мероси маънавии Шарқ, таҳкими худшиносии миллӣ тавассути шинохти амиқи афкори илмии гузаштагон, густариши мантиқ ва тафаккури интиқодӣ дар низоми таълим иртибот дорад. Мавзуи таҳқиқот, дар баробари хосияти хоси илмӣ доштанаш, ба вазифаҳои таълимӣ-методологӣ ва фарҳангӣ низ ҷавобгӯ буда, имкон медиҳад, ки натиҷаҳои он дар таҳияи барномаҳои таълимии фаннӣ, омода намудани маводи таълимӣ ва таҳкими муҳтавои илмии курсҳои «Мантиқ», «Таърихи фалсафа» ва «Фалсафа ва методологияи илм» истифода шаванд.

Ҳамзамон, диссертатсияи мазкур бо самтҳои афзалиятноки сиёсати илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, эҳёи мероси илмии ниёгон, таҳкими ҳувияти миллӣ дар заминаи омӯзиши фалсафа ва афкори илмӣ-мантиқӣ, рушди фалсафаи муосир ва методологияи таҳқиқ дар низоми

таҳсилоти олӣ созгор мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар татбиқи барномаҳои таҳсилоти фалсафӣ ва ташаккули донишҳои асосии донишҷӯён дар риштаҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ истифода шаванд.

Бинобар ин, робитаи мавзуи диссертатсия бо барномаҳо ва самтҳои муҳимми илмӣ на танҳо дар доираи фаъолияти як кафедра, балки дар партави талаботи рушди илми фалсафа ва ҳифзи арзишҳои ақлонӣ-маънавии тамаддуни тоҷикон низ асоснок ва муътамад арзёбӣ мегардад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур дар таҳлили амиқ ва муқоисавии таълимоти мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ифода меёбад, ки тавассути он саҳми ин ду мутафаккири барҷаста дар ташаккули анъанаи мантиқ ва низоми маърифатӣ муайян ва асоснок карда мешавад. Ин мақсад ба ҳалли як масъалаи муҳим ва то ҳол пурра таҳқиқнашудаи илмӣ фаҳмиши бонизом ва муассири таълимоти мантиқии ду мутафаккире, ки дар байни фалсафаи классикии Юнон ва афкори асримиёнагии шарқӣ нақши пайвандиро иҷро кардаанд, равона гардидааст.

Дар раванди таҳқиқот ин ҳадаф тавассути ҳалли як қатор масъалаҳои мубрам амалӣ мешавад: таҳлили мафҳумҳои меҳварӣ; баррасии равишҳои методологӣ; омӯзиши амиқи осори мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ; муқоисаи истилоҳот ва баррасии таълимоти маърифатӣ дар доираи низоми мантиқӣ.

Дар натиҷа, баён ва системасозии назариявии таълимоти мантиқӣ ва маърифатии ду мутафаккир, таҳияи модели таҳлилии маърифат ва бурҳон дар осори онҳо, ҳамчунин, муайян намудани таъсири онҳо ба рушди илм ва фалсафа ба амал бароварда мешавад.

Мақсади мазкур дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад. Аз нигоҳи илмӣ, он ба такмили илми таърихи фалсафа ва мантиқ, таҳкими

заминаҳои назариявии омӯзиши мероси ниёгон ва фаҳмиши масъалаҳои маърифатшиносӣ мусоидат мекунад. Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, таҳқиқоти илмии минбаъда ва татбиқи моделҳои мантиқӣ дар омӯзиш ва таҳлили фалсафаи классикӣ истифода шаванд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Бо назардошти ҳадафи асосии таҳқиқот – таҳлили мукаммал ва муқоисавии таълимоти мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ва муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар рушди илмҳои мантиқ ва фалсафа, вазифаҳои зерин ҳамчун марҳалаҳои амалӣ ва мантиқан асосноки таҳқиқот муқаррар карда шудаанд:

- муайян кардани заминаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ташаккули афкори мантиқӣ ва маърифатӣ дар муҳити исломи асримиёнагӣ, бо таваҷҷуҳ ба нақши марказҳои илмӣ, хусусан, «Байт-ул-ҳикма» ва вазъи умумии рушди илмҳо дар он давра;

- омӯзиши амиқи осори мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бо такя ба таҳлили мазмунӣ, истилоҳотӣ ва сохтории асарҳояшон, бавижа, «Эҳсо-ул-улум», «Ал-алфоз ал-мустаъмала фӣ ал-мантиқ», «Китоб-ул-қиёс», «Китоб-ул-ҳуруф», «Асос-ул-иқтибос» ва «Таҷрид-ул-мантиқ»;

- таҳлили муфассали мафҳумҳо ва категорияҳои асосии мантиқӣ (мафҳум, қазия, қиёс, бурҳон) дар осори ду мутафаккир ва муайян намудани вижагиҳои назарии онҳо нисбат ба маърифати илмӣ ва усулҳои исбот;

- муайян кардани таъсири фалсафаи Юнони қадим, бахусус, таълимоти Арасту, ба низоми мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бо баррасии шеваи қабул, бозсозӣ ва мутобиқсозии ин таълимот дар фазои илмии асримиёнагии Шарқ ва баъд аз он;

- арзёбии мантиқӣ-забонӣ ва истилоҳсозии илмии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки дар ташаккули забони мантиқ ва фалсафа нақши асосӣ бозидаанд;

- муқоисаи назариявӣ ва методологии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бо ҳадафи муайян кардани самтҳои умумӣ ва тафовутҳои асосӣ дар равиши маърифатшиносӣ ва мантиқшиносии онҳо;

- таҳияи шеваҳои тасниф ва моделҳои таҳлилии маърифат ва бурҳон дар осори ду мутафаккир, ҳамчун асос барои арзёбии низоми мантиқӣ ва имкони мутобиқсозии он бо равишҳои муосири таҳқиқ;

- муайян намудани аҳаммияти назариявӣ ва амалии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бавижа, дар заминаи таълим, методологияи таҳқиқ ва рушди илмҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ дар муҳити муосир;

- пешниҳоди тавсияҳои илмӣ барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар таълими фалсафа ва мантиқ, таҳияи дастурҳои методӣ ва таҳкими маводи омӯзишии донишгоҳӣ;

- асоснок кардани саҳми муаллиф дар коркарди методология, консепсия, фарзия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ, ки тавассути таҳлили мустақил, нашри мақолаҳо ва иштироки фаъолона дар муҳокимаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

Объекти тадқиқот. Афкори мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Мазмун ва хусусиятҳои низоми мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар заминаи осори фалсафӣ ва таърихии онҳо.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот. Таҳқиқоти назариявии диссертатсионӣ дар давоми солҳои 2020 то 2025 анҷом дода шуда, он се марҳилаи асосиро дар бар мегирад. Ин таҳқиқот дар асоси нақшаи

илмии тасдиқшуда ва дар доираи фаъолияти илмии кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода амалӣ гардидааст.

Марҳилаи аввал (солҳои 2020-2021) ба ҷамъоварии маводи ибтидоӣ, омӯзиши сарчашмаҳои асосӣ, таҳияи нақшаи корӣ ва таҳлилҳои муқаддамотӣ бахшида шуд. Дар ҳамин марҳила, маводи ҷамъшуда мураттаб гардида, ба қисматҳои мавзуъ тақсим карда шуд ва заминаи методологии таҳқиқот (объект, предмет, ҳадаф, вазифаҳо ва усулҳои таҳқиқ) мушаххас гардид. Ҳамзамон, боби аввал таҳия ва таҳрир гардид.

Марҳилаи дуюм (солҳои 2022-2023) ба таҳлили амиқи бобҳои дуюм ва сеюм бахшида шуд. Дар ин марҳила, таҳқиқи манбаъҳо муқоисаи таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, таҳлили истилоҳоти мантиқӣ-маърифатӣ ва арзёбии назариявии онҳоро дар бар гирифт.

Марҳилаи сеюм (солҳои 2024-2025) ба таҳияи қисматҳои боқимонда, ҷамъбасти хулосаҳои илмӣ, таҳияи пешниҳодҳо, ташаккули навгониҳои илмӣ ва анҷом додани расмиёти ниҳоии илмӣ-таҳқиқотӣ (аз ҷумла, муҳокимаҳо, таҳрир ва пешниҳоди диссертатсия) бахшида шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкур маҷмуи консепсияҳо, назарияҳо ва қонуниятҳои илмӣ дар рушди афкори мантиқӣ ва маърифатӣ мебошанд, ки заминаи методологӣ ва илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Таҳқиқ ба таври хос ба ин раванд таваҷҷуҳ менамояд, ки чӣ гуна мутафаккирони барҷастаи тамаддуни асримиёнагии форсу тоҷик – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар иртибот бо мероси фалсафаи Юнони бостон ва дар пайванд бо муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии замони худ низоми мустақили андешаи мантиқӣ ва маърифатиро ташаккул доданд.

Пояи назариявии таҳқиқотро таълимоти мантиқии Арасту ва фалсафаи Афлотун ташкил медиҳад, ки тавассути шарҳу бозсозии

эҷодии онҳо дар осори Форобӣ («Китоб-ул-ҳуруф», «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила», «Ал-алфоз ал-мустаъмала фӣ ал-мантиқ», «Китоб-ул-қиёс», «Эҳсо-ул-улум») ва Насируддини Тусӣ («Асос-ул-иқтибос», «Шарҳ-ул-ишорот», «Равзаи таслим», «Таҷрид-ул-мантиқ») ҷойгоҳи нав ва мазмуни тоза касб кардааст. Дар осори ин мутафаккирон, мантиқ на танҳо ҳамчун фанни расмии тартибдиҳандаи афкор, балки ҳамчун асоси маърифат, ахлоқ ва низоми иҷтимоӣ мавқеи марказӣ пайдо мекунад.

Таҳқиқ дар заминаи равишҳои назариявии таърихи фалсафа, маорифи миллӣ, мантиқ ва маърифатшиносӣ сурат мегирад. Аз ҷумла, асосҳои назариявӣ бо такя ба омӯзиши интиқодии осори муҳаққиқони муосир оид ба фалсафа ва мантиқи анъанавӣ таҳия шудаанд. Ин муҳаққиқон муносибатҳои мантиқ ва фалсафаро дар тамаддуни шарқӣ авлавият бахшида, дар тавсифи илмии ин масъала саҳми арзанда гузоштаанд.

Яке аз вазифаҳои асосии ин таҳқиқот таҳлили интиқодии ғояҳои мавҷудаи илмӣ дар бораи осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мебошад, ки дар бисёр ҳолатҳо ба тавсифи формалӣ ё таърихӣ маҳдуд мегарданд. Муаллиф кӯшиш намудаст, ки тавассути муқоисаи консептуалии мантиқи ду мутафаккир, равандҳои таҳаввули маърифат ва низоми асосноккунии илмиро дар афкори фалсафа ба таври амиқ тавсиф намояд.

Ҳамчунин, бо баррасии амиқи адабиёти илмӣ ва таҳлили матншиносии фалсафӣ мушкилоти ҳанӯз пурра таҳқиқнашуда, ба мисли равиши таҳлилҳои мантиқӣ ва тавсеаи илмии онҳо, низоми истидлол ва асоснокии ахлоқ дар равшангарии мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ошкор ва арзёбӣ мегарданд. Бо ин роҳ, асосҳои назариявии таҳқиқот на танҳо шарҳи заминаҳои фалсафӣ ва мантиқиро дар бар мегиранд, балки бо мушаххас кардани холигии илмӣ дар соҳаи омӯзиши мантиқ ва маърифатшиносӣ, барои таҳияи модели нави таҳлилӣ дар илми фалсафа хизмат мекунанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот маҷмуи усулҳо, равишҳо ва воситаҳои илмиро дар бар мегиранд, ки барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда, амалӣ сохтани ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот хизмат мекунанд. Дар таҳқиқи мазкур равиши таърихӣ-фалсафӣ ҳамчун шеваи асосӣ ба кор рафтааст, ки он имкон медиҳад равандҳои ташаккул ва инкишофи афкори мантиқӣ ва маърифатӣ дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар иртибот бо муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии замони онҳо таҳлил ва арзёбӣ шаванд.

Ҳамзамон, **равиши муқоисавӣ-таҳлилӣ** истифода шудааст, ки шароити пайдоиш, сохтор ва хусусиятҳои консепсияҳои мантиқию маърифатии ду мутафаккирро дар муқоиса бо ҳам ва бо мероси фалсафаи Юнон (Афлотун, Арасту) ва анъанаи шарқӣ (Ибни Сино, Ибни Рушд) тавсиф мекунад.

Барои шинохти сохтори функсионалии таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ **равиши системавӣ** ба кор бурда шудааст, ки таҳлили ҳамаҷонибаи мантиқи асримиёнагиро ҳамчун як низоми донишҳои муназзам ва пайваста таъмин мекунад. Ин равиш имкон медиҳад, ки робитаи байни мафҳумҳо, қонунҳо ва сохторҳои мантиқӣ муайян ва мураттаб карда шавад.

Истифодаи **усули таҳлили мазмунӣ ва матншиносӣ** имкони баррасии амиқи асарҳои мантиқию фалсафии ду мутафаккирро муҳайё мекунад. Ин усулҳо барои таҳлили истилоҳот, забон, услуб ва равиши таҳлили илмии муаллиф нақши муассир мебозанд.

Илова бар ин, **равиши герменевтикӣ** (таъвил) ба унвони як низоми ёридиҳандаи фаҳмиши таносуби назария ва контексти таърихии матнҳо истифода мешавад. Ин равиш ба кашфи маънои аслии истилоҳоти фалсафӣ ва мантиқии дар асарҳо истифодашуда ва барқарор намудани иртиботи он бо маҷмуи ҷаҳонбинии муаллиф ёрӣ мерасонад.

Бо дарназардошти зарурати таҳқиқи интиқодии мавқеъҳои илмии қаблӣ, **равиши таҳлили интиқодӣ** низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин равиш имконият медиҳад, ки дар асоси муқоисаи сарчашмаҳо ва мавқеъҳои гуногуни муҳаққиқон нуқтаҳои заъф, тафовутҳои методологӣ ва холигии таҳқиқоти мавҷуда муайян карда шаванд.

Ҳамин тариқ, маҷмуи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, матншиносӣ, таҳлили мазмунӣ ва герменевтикӣ ҳамчун пояи методологии таҳқиқот хизмат намуда, имкони таҳияи як системаи таҳлилӣ ва арзёбии илмии таълимоти мантиқӣ ва маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусиро фароҳам овардаанд.

Сарчашмаи маълумот. Сарчашмаҳои асосии маълумоти таҳқиқоти мазкурро осори мантиқӣ, маърифатӣ ва забоншиносии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ташкил медиҳанд, ки ба забони аслӣ (арабӣ), қисман, форсӣ таълиф ёфта, дар давраҳои баъдӣ ба забонҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла, ба тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ва фаронсавӣ, тарҷума шудаанд. Ин манбаъҳо заминаи аввалиндараҷа ва мустақими таҳқиқро фароҳам оварда, асоси таҳлил ва баррасии назариявии мавзуи диссертатсионӣ қарор гирифтаанд.

Аз зумраи осори муҳимми Абунасри Форобӣ, ки дар таҳқиқ истифода шуда, аввалин бор ба муомилаи илмӣ ворид карда шуданд, метавон инҳоро зикр намуд:

- «Китоб-ул-ҳуруф» – асари барҷаста дар шарҳи фалсафаи забон ва асосҳои мантиқӣ-фалсафӣ;

- «Эҳсо-ул-улум» – таснифи илмҳо ва ҷойгоҳи мантиқ дар низоми маърифат;

- «Китоб-ул-қиёс», «Ал-ибора», «Мадхал», «Ал-мақулот» ва «Ал-алфоз ал-мустаъмала фи-л-мантиқ», ки ҳар кадом ҷанбаҳои алоҳидаи

сохтори мантиқ, истилоҳшиносӣ, усули қиёс ва бурҳонро инъикос менамоянд.

Дар баробари ин, асарҳои мантиқӣ-фалсафии Насируддини Тусӣ, ки дар таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтаанд, инҳоянд:

- «Асос-ул-иқтибос» – осори мукаммали мантиқӣ, ки дар он тамоми бахшҳои мантиқ бо забони форсӣ-тоҷикӣ ва равиши низомманд таҳлил шудаанд;

- «Таҷрид-ул-мантиқ» – шарҳи мухтасар ва системавии асосҳои мантиқ;

- «Посух ба пурсишҳои Шамсуддин Муҳаммад Кешӣ» – ки дар он мутафаккир ба саволҳои методологӣ ва фалсафӣ бо шеваи мантиқӣ посух медиҳад;

- «Таъдил-ул-меъёр фӣ нақд танзил ал-афкор», «Меъёр-ул-ашъор» ва «Равзаи таслим» – ки дар онҳо масъалаҳои мантиқ, қиёс, хулосабарорӣ ва робитаи забон бо маърифат таҳлил шудаанд.

Ин осор на танҳо мазмуни мантиқӣ ва маърифатӣ, балки методология ва забони истилоҳии илми мантиқ ва сохтори таҳлили ақлонии мутафаккиронро бозтоб медиҳанд ва дар таҳқиқ ба ҳайси манбаъҳои аввалия хидмат мекунанд.

Илова бар ин, асоси назариявии таҳқиқотро инчунин, таҳқиқоти илмии муҳаққиқони тоҷику форс, русу аврупоӣ, арабу турк ва дигар мактабҳои илмӣ ташкил медиҳад, ки дар онҳо афкори мантиқӣ, маърифатӣ ва фалсафии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ин таҳқиқот паҳлуҳои гуногуни таълимоти ин мутафаккиронро шарҳ дода, заминаи муосири таҳлили истилоҳот, равишҳои мантиқӣ ва методологияи маърифатро фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, сарчашмаҳои таҳқиқ аз маҷмуи осори аслӣ ва таҳқиқоти муосири илмӣ иборат буда, бо такя ба онҳо таҳлили бонизом,

муқоисавӣ ва методологии таълимоти мантиқӣ-маърифатии ду мутафаккири барҷастаи шарқӣ анҷом дода шудааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот маҷмуи далелҳо, маълумот, таҳлил ва натиҷаҳои воқеие мебошанд, ки дар раванди омӯзиши мустақими осор, муқоисаи консепсияҳо ва баррасии мантиқии матнҳо ба таври таҷрибавӣ ба даст омада, асоси боэътимоди хулосаҳои илмии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқоти мазкур заминаи эмпирикӣ, бо дарназардошти хусусияти фалсафӣ-мантиқии мавзуъ, аз равандҳои зерин иборат аст:

1. **Таҳлили мустақими матнҳои аввалия (асосӣ):** Бо истифода аз усули таҳлили мазмунӣ (контент-анализ) ва герменевтикаи фалсафӣ осори мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, сохтор, истилоҳот, услуби далеловарӣ ва муносибати онҳо ба мантиқу маърифат таҳлил ва табақабандӣ шудааст.

2. **Муқоисаи консептуалӣ ва байниматнӣ:** Дар ҷараёни таҳқиқот, шаклҳои баёни мантиқии мафҳум, қазия, қиёс ва хулосабарорӣ дар осори ду мутафаккир бо ҳам муқоиса гардида, ҳамчунин, дар низоми маърифатӣ тавассути далеловарӣ исбот шудаанд. Ин раванд ба муаллиф имкон додааст, ки на танҳо айниятҳо, балки тафовутҳо ва равишҳои хоси ҳар як мутафаккирро дар баёни мантиқу фалсафа мушаххас созад.

3. **Таҳияи ҷадвалҳо ва таснифот:** Дар асоси таҳлили матнҳо, гурӯҳбандии истилоҳоти мантиқӣ, таҳлили сохторҳои таркибии назарияҳои мантиқӣ ва шаклҳои муҳокимаронӣ анҷом дода шудааст, ки дар шакли ҷадвалҳо ва намунаҳои типологӣ пешниҳод мегарданд. Ин ҷанбаи эмпирикӣ хосияти назарияро бо мисолҳои мушаххас пайваст менамояд.

4. **Истифодаи таҳқиқоти дуюмдараҷа бо шеваи интиқодӣ:** Бо таҳлили муқоисавии корҳои муҳаққиқони муосир ва классикӣ (дар

Тоҷикистон, Эрон, Русия ва Ғарб), фаҳмиши мавқеи таҳқиқшуда дар заминаи илмии кунунӣ муайян ва баррасиҳои интиқодӣ сурат гирифтаанд. Ин таҳқиқот ҳамчун далелҳои иловагии эмпирикӣ истифода шудаанд.

5. **Санҷиши робитаи назария ва воқеият:** Натиҷаҳои таҳқиқи осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар заминаи воқеияти иҷтимоӣ-фарҳангии замони онҳо арзёбӣ гардида, равобити миёни муҳити сиёсиву фарҳангӣ ва шаклгирии назарияҳои мантиқӣ-маърифатӣ бо шеваи таҳлили мураттаб амалан нишон дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, заминаи эмпирикии таҳқиқот на танҳо дар хониши матнҳо ва таҳлили мухтасар маҳдуд намешавад, балки дар баробари тавсифи мантиқӣ ва назариявӣ, ҷанбаи таҷрибавии таҳлили матнии фалсафиро низ таъмин менамояд. Маҳз, ин замина, имкони ба даст овардани хулосаҳои боэътимоди илмӣ ва пешниҳодҳои навро фароҳам овардааст.

Пойгоҳи таҳқиқот. Пойгоҳи асосии ин таҳқиқот кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад. Донишгоҳ дорои тамоми инфрасохтори зарурӣ ва имкониятҳои моддӣ-техникӣ барои пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, толорҳои таълимӣ, китобхонаҳои тахассусӣ, дастрасӣ ба пойгоҳҳои электронии илмӣ ва захираҳои байналмилалӣ мебошад.

Аз ҷумла, Донишгоҳ дорои китобхонаи электронӣ ва маъхази адабиёти классикӣ ва муосир оид ба фалсафа, мантиқ ва таърихи фалсафа мебошад, ки барои таҳлили амиқи манбаъҳои аслӣ ва назариявӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Илова бар ин, муҳити илмии кафедра ва иштироки фаъоли омӯзгорон ва муҳаққиқон дар раванди роҳнамоии илмӣ имконият медиҳад, ки диссертант дастрасӣ ба

маслиҳатҳои тахассусӣ, муҳокимаҳои илмӣ ва баррасиҳои методологӣ дошта бошад.

Ҳамин тариқ, пойгоҳи моддӣ-техникӣ, ташкиливу иттилоотии кафедраи мазкур ҳамчун пояи устувори ташкилӣ ва илмии таҳқиқот амал намуда, ба пешбурди босамари таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат менамояд ва шароити зарурӣ барои дарёфти натиҷаҳои боэътимоди илмӣ фароҳам меорад.

Навоварии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар ҷараёни омӯзиши муқоисавӣ ва таҳлили мантиқӣ-маърифатии осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тозае ба даст оварда шудаанд, ки дар адабиёти илмии қаблан мавҷудбуда, ба назар намерасанд. Ин навгониҳо чунинанд:

- дар диссертатсия собит карда шудааст, ки омилҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, хусусан, муҳити илмии фарҳангистони «Байт-ул-ҳикма», дар ташаккули таълимоти мантиқӣ-маърифатии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ, аз ҷумла, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, нақши меҳварӣ бозидаанд;

- таъсири истилоҳот ва мақулоти фалсафӣ ва мантиқии Юнони бостон ба истилоҳофаринии илмии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ муайян гардида, раванд ва заминаи таърихии ин таъсир дар заминаи забонӣ, консептуалӣ ва мазмунӣ таҳлил шудааст;

- ғояҳои илмӣ-методологии Арасту, хусусан, дар бахши мантиқ ва маърифатшиносӣ, ба ташаккули назарияҳои мантиқии ҳар ду мутафаккир таъсири муайян гузоштаанд ва ин ҳамбастагии консептуалӣ дар таҳқиқот бо далелҳои мантиқӣ асоснок карда шудааст;

- бори аввал ғояҳои мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар асоси осори аслӣ бо истифода аз методи таҳлили контентӣ ва герменевтикаи фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд;

- таълимоти мантиқии ҳар ду мутафаккир бори аввал дар муқоисаи фалсафӣ-мантиқӣ баррасӣ гардида, оид ба мафҳум, қазия ва хулосабарорӣ ҳамчун воситаҳои методологии маърифат таҳлили амиқ ва муназзам ёфтаанд.

- мақулаи «бурҳон» ҳамчун назарияи марказии мантиқ дар осори ҳар ду мутафаккир дар шакли муқоисавӣ баррасӣ гардида, ин равиш дар муҳити илмии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ таҷрибаи тоза ба шумор меравад;

- ҷанбаҳои маърифатии таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бори аввал, дар иртиботи мустақим бо низоми мантиқии онҳо, бо назардошти сохтор ва функсияи маърифатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;

- дар таҳқиқ исбот шудааст, ки Муаллими сонӣ ҳамчун яке аз асосгузорони мантиқ дар Шарқ, на танҳо масъалагузории мантиқиро ба роҳ мондааст, балки бо таҳлили асосии мантиқи юнонӣ таҳаввулоти илми мантиқро ба муҳити замонаш мутобиқ сохта, дар ин замина, таълифоти пурмуҳтавои мантиқӣ-фалсафӣ ба мерос гузоштааст;

- дар диссертатсия бори нахуст собит шудааст, ки Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» ҳамаи қисматҳои мантиқро ба таври муфассал таҳлил ва мураттаб намуда, заминаи таҳқиқи муосири мантиқро бо назардошти фалсафаи иҷтимоӣ фароҳам овардааст, ки ба талаботи имрӯз комилан мутобиқат дорад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада саҳми эҷодкоронаи муаллифро дар омӯзиши таълимоти мантиқӣ ва маърифатии ду чеҳраи барҷастаи форсу тоҷик нишон дода, дар заминаи илмии кишвар ва берун аз он барои таҳқиқоти минбаъда мусоидат менамоянд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Дар таҳқиқот муайян карда шуд, ки ташаккули таълимоти мантиқӣ-маърифатии мутафаккирон, аз ҷумла, Абунасри Форобӣ ва

Насируддини Тусӣ, мустақиман ба муҳити фарҳангӣ-иҷтимоӣ ва сиёсие, ки онҳо дар он фаъолият доштанд, вобаста аст. Аз ҷумла, муҳити илмии «Байт-ул-ҳикма» дар Бағдод ҳамчун заминаи асосии рушди озодандешӣ, муколамаи илмӣ ва тарҷумаи мероси фалсафаи Юнон хизмат кардааст. Ин марказ бо муҳити тозафикрӣ ва эҳтиром ба дониш шароити мусоиди пайдоиши консепсияҳои нави фалсафӣ ва мантиқиро фароҳам овард. Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар чунин муҳит афкори Арасту ва Афлотунро мутолиа ва бозсозӣ намуда, онҳоро ба шароити замони худ мутобиқ намуданд. Дар натиҷа, таҳқиқ нишон медиҳад, ки мантиқ дар ин сарзамин танҳо тавассути ворид кардани истилоҳот не, балки дар асоси эҳёи ақлгароии фалсафӣ ва бо такя ба озодии фикрӣ ва муҳити илмии устувор ташаккул ёфтааст.

2. Афкори фалсафӣ ва мантиқии Юнони қадим, бавижа, таълимоти Арасту, ба шаклгирии консепсияҳои мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ муассир будааст. Аммо хусусияти ин таъсир дар бархурди интиқодӣ ва эҷодкоронаи онҳо зоҳир мешавад. Форобӣ истилоҳоти юнониро бо фаҳмиши луғавӣ, фалсафӣ ва иҷтимоии замонаш мутобиқ кардааст. Дар «Китоб-ул-ҳуруф», «Китоб-ул-қиёс», «Ал-алфоз ал-мустаъмала фи-л-мантиқ» ва «Эҳсо-ул-улум» ӯ на танҳо истилоҳотро шарҳ медиҳад, балки низоми фалсафии навро пешниҳод мекунад. Насируддини Тусӣ дар «Асос-ул-иқтибос» «Таҷрид-ул-мантиқ» ва «Шарҳ-ул-ишорот» фаҳмиши мукаммали мақулаҳои мантиқӣ, хусусан, бурҳон, қиёс ва истидлолро ба миён мегузорад. Аз таҳқиқ бармеояд, ки таъсири Юнон бештар нақши ташвиқӣ ва ҳидояткунанда дошт, дар ҳоле ки мутафаккирони тоҷик истилоҳоти илмиро бо талаботи фалсафӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоии худ мутобиқ намуданд ва дар натиҷа, анъанаи мантиқии мустақилро ба вуҷуд оварданд.

3. Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба мероси фалсафии Юнон на ҳамчун маҷмуи таълимоти тайёр, балки ҳамчун заминаи

коркард ва таҳаввули фикрии худ нигаристаанд. Онҳо бархурди интиқодӣ ва созанда доштанд, ки он ба тавсеаи забони илмӣ, бахусус, дар соҳаи мантиқ ва маърифатшиносӣ мусоидат кардааст. Форобӣ истилоҳоти юнониро на танҳо мутарҷимона қабул мекунад, балки дар доираи мантиқ ва луғатшиносии фалсафӣ онҳоро бозсозӣ намуда, фаҳмишҳои тозаеро дар заминаи фарҳанги миллӣ ба вуҷуд меорад. Насируддини Тусӣ бошад, дар осораш на танҳо истилоҳотро равшан мекунад, балки шабакаи мураккаби мафҳумҳо ва категорияҳои мантиқиро таҳия менамояд. Дар таҳқиқ исбот мегардад, ки ҳар ду мутафаккир дар истилоҳофаринӣ саҳми муассир дошта, забони мантиқ ва фалсафаи исломиро такмил ва густариш додаанд. Ин раванд яке аз ҷанбаҳои муҳимми инкишофи мантиқ дар Шарқ ба ҳисоб меравад.

4. Таъсири таълимоти Арасту ба афкори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ умдатарин заминаи рушди низоми мантиқро ташкил медиҳад. Аммо ин таъсир ҳамчун интиқоли мустақим набуд, балки тавассути бозсозии маъноӣ ва методологӣ сурат гирифтааст. Форобӣ бо такя ба «Органон»-и Арасту, низоми маърифати ақлро дар таълимоти фалсафӣ ба вуҷуд оварда, аввалин бор бурҳонро на танҳо ҳамчун омили шаклии исбот, балки ҳамчун воситаи дарёфти ҳақиқат баррасӣ менамояд. Насируддини Тусӣ бошад, бо таҳкими ин равиш, бурҳонро дар иртибот бо ахлоқ, калом ва фалсафа ба таври муназзам таҳлил менамояд. Таҳқиқ собит месозад, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бо истифода аз заминаҳои илмии Арасту, низоми наверо таъсис додаанд, ки хоси тафаккури асримиёнагӣ буда, ба масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва динӣ ҷавобгӯ мебошад.

5. Дар ин тадқиқот бори аввал ғояҳои мантиқӣ-забоншиносии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба таври мустақил таҳлил гардиданд. Ин таҳлил нишон дод, ки ҳар ду мутафаккир ба масъалаи забон, ҳамчун унсури асосии воситаи мантиқӣ назар карда, мақоми истилоҳот, маъно

ва иртиботи онҳо бо воқеиятро баррасӣ намудаанд. Форобӣ забонро на танҳо василаи гуфтор, балки системаи интиқоли маърифати ақлӣ мешуморад. Ӯ дар «Китоб-ул-ҳуруф» равиши мантиқиро бо таҳлили истилоҳоти луғавӣ муттаҳид намуда, муносибати байни «лафз», «маъно» ва «маъқул»-ро шарҳ медиҳад. Насируддини Тусӣ низ бо шеваи худ услуби баёни мантиқиро такмил дода, барои истилоҳсозии дақиқ ва устувори фалсафӣ замина мегузорад. Пас, маълум мешавад, ки таҳлили мантиқӣ дар осори ин ду мутафаккир бидуни таҳлили забонӣ имконнопазир аст ва ин равиш метавонад ҳамчун равиши назариявӣ барои таҳқиқи муосири фалсафаи забон истифода шавад.

6. Таълимоти мантиқии Форобӣ ҳамчун пояи низоми маърифати фалсафӣ амал мекунанд. Форобӣ мантиқро ҳамчун илм муаррифӣ намуда, ба таснифи илмҳо асос мегузорад ва ҷойгоҳи мантиқро, ҳамчун илм дар байни илмҳои дигар дақиқ муайян мекунад. Ӯ мантиқро василаи тарбияи ақл ва асоси ҳамаи намудҳои маърифат мешуморад. Метавон гуфт, ки ин равиш дар илмҳои муосири фалсафӣ ва методологияи илм низ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Форобӣ дар робита ба анъанаҳои фалсафаи юнонӣ, махсусан фалсафаи Арасту, вале дар доираи мактаби худӣ, раванди ботадриҷи ташаккули ақлгароиро таҳия кардааст, ки дар фалсафаи асриимёнагии Шарқ аввалин маротиба мафҳуми илм ва мантиқро дар як низоми маърифатӣ ба ҳам пайваст мекунад.

7. Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» низоми мукаммали илми мантиқро ба таври ҳамаҷониба таҳия намудааст. Ӯ тамоми қисматҳои мантиқро аз мафҳум, таъриф то қазия, қиёс ва бурҳон, бо дақиқият ва бо шеваи муназзам тавсиф менамояд. Муҳимтар аз ҳама, Насируддини Тусӣ мантиқро на танҳо ҳамчун василаи расидан ба дониши қатъӣ, балки ҳамчун зербинои маърифат, ахлоқ ва фалсафа муаррифӣ мекунад. Ӯ методи таҳлили қиёсро бо шеваи истидлоли ахлоқӣ ва илмӣ муттаҳид карда, ба мантиқ вижагии иртибот бо амалияи

иҷтимоӣ медиҳад. Ҳамин тариқ, дар таҳқиқ нишон дода шудааст, ки асари мондагори ӯ, на танҳо китоби мантиқӣ, балки як дастури системавии таҳлили ақлонӣ мебошад, ки барои муҳаққиқони фалсафа, калом ва илмҳои ақлӣ дар сарзамини Шарқ заминаи назариявии боэътимод фароҳам овардааст. Нақши Насируддини Тусӣ дар системасозии илмии мантиқ, махсусан дар муқоиса бо асарҳои пешин, ҳамчун давраи авҷи мантиқи асримиёнагӣ асоснок мегардад.

8. Бори аввал дар муҳити илмии тоҷик ва пасошуравӣ бурҳон ҳамчун мақулаи марказии низоми мантиқӣ дар осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ ва системавӣ қарор дода шудааст. Дар таҳқиқ нишон дода шудааст, ки ҳар ду мутафаккир бурҳонро ҳамчун баландтарин шакли исбот ва воситаи таҳкими маърифати илмӣ медонистанд. Форобӣ бурҳонро дар иртибот бо илми аввал (фалсафа) ва маорифи ахлоқӣ меомӯзад, дар ҳоле ки Насируддини Тусӣ онро дар иртибот бо матолиби илоҳӣ ва истидлоли каломӣ низ ба таҳлил мегирад. Ин таҳқиқ бори нахуст нишон медиҳад, ки бурҳон дар осори ин ду мутафаккир на танҳо мавқеи мантиқӣ, балки арзишҳои маърифатӣ ва ахлоқӣ низ дорад. Дар баррасии муқоисавӣ, сохтор, шаклҳои қиёсӣ ва шеваи ташаккули бурҳон дар заминаҳои гуногун (табиат, ахлоқ, фалсафа, дин) таҳлил гардида, хулоса мешавад, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бурҳонро баҳри ташаккули тафаккури илмӣ ва зинанизоми маърифатӣ ба вуҷуд овардаанд.

9. Дар таҳқиқ собит карда шудааст, ки таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи маърифат танҳо ба маънои назариявии шинохти воқеият маҳдуд намешаванд, балки бо системаи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ зич алоқаманданд. Форобӣ дар асари «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила» маърифатро ҳамчун омили асосии ташаккули шахсият ва ҷомеаи фозил тавсиф мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки ақл ва мантиқ воситаи камолоти инсон ва рушди иҷтимоӣ мебошанд. Насируддини

Тусӣ низ дар осораш, махсусан, дар асарҳои «Ахлоқи Носирӣ», «Равзаи таслим» ва «Асос-ул-иқтибос», таъкид мекунад, ки маърифат бояд бо ахлоқ ва таҳкими худогоҳии шахсӣ ҳамбастагӣ дошта бошад. Дар таҳқиқ исбот шудааст, ки ҳар ду мутафаккир ба маърифат ҳамчун низоми фалсафии аз марҳилаи мантиқӣ то ахлоқӣ нигоҳ кардаанд ва дар ин замина, бунёди афкори гуманистии хешро таҳким бахшидаанд.

10. Муқоисаи низоми мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар ин таҳқиқ бори аввал дар асоси таҳлили матнӣ, сохторӣ ва истилоҳӣ ба таври илмӣ ва муназзам анҷом дода шудааст. Дар натиҷа, нишон дода шуд, ки ҳарчанд ҳар ду мантиқшинос аз манбаи муштарак – таълимоти Арасту сарчашма мегиранд, равиш, ҳадаф ва сохтори мантиқи онҳо тафовутҳои назаррас доранд. Форобӣ ба сохтани системаи фалсафӣ бо пояи мантиқӣ таваҷҷуҳ дорад ва мантиқро дар иртибот бо ҷомеа ва тарбияи фард мебинад. Насируддини Тусӣ бошад, ба таҳкими методологӣ ва систематизатсияи фаннии мантиқ таваҷҷуҳ дорад ва он ҳамчун воситаи таҳлили илмӣ ва матолиби фалсафӣ истифода мешавад. Ин таҳқиқ собит месозад, ки Форобӣ бештар ба равишҳои фалсафӣ ва маърифатӣ такя мекунад, дар ҳоле ки Насируддини Тусӣ бо назари илмӣ-мантиқӣ ва низоми тадқиқотии комилан мураттаб амал мекунад.

11. Дар таҳқиқ бо такя ба таҳлили осори мантиқии ду мутафаккир собит карда шудааст, ки Абунасри Форобӣ ҳамчун Муаллими сонӣ ва яке аз асосгузорони илми мантиқ дар Шарқ, равиши таълимоти мантиқиро таҳия намуда, заминаи аввалини истилоҳоти илмиро гузоштааст. Ӯ масъалагузории мантиқӣ-фалсафиро бо фаҳмиши фарҳангии ҷомеаи ақлгаро мутобиқ намуда, мантиқро ҳамчун василаи маърифат ва ахлоқ таъриф кардааст. Насируддини Тусӣ бошад, ин асосҳоро бо таҳкими илмӣ ва мураттабсозии назариявӣ идома дода, мантиқро ҳамчун илми мустақил бо тамоми бахшҳо ва шохаҳояш ба таҳқиқ даровардааст. Дар китоби «Асос-ул-иқтибос», ӯ барои ҳар як

бахши мантиқ қоидаҳои дақиқ пешниҳод кардааст, ки имрӯз низ ба талаботи илми муосир мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, дар натиҷаи таҳқиқ исбот гардид, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо ҳомили илми гузашта, балки созандагони мантиқ дар фазои илмии шарқӣ мебошанд, ки равишҳои онҳо дар таҳқиқи муосир қобили истифодаанд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он аст, ки бори аввал таълимоти мантиқии асосгузорони илми мантиқ – Форобӣ ва Тусӣ, дар муқоиса таҳқиқ шуда, дар сатҳи назариявӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Он ҳамчун як иқдоми илмии мукаммал ба ғанигардонии дониши фалсафӣ ва мантиқӣ, ҳамчун заминаи густариш додани дониши ақлонии инсон, инчунин, василаи хуби ошноӣ бо таърихи ташаккул ва таҳаввули тафаккури миллӣ мусоидат намуда, дар баробари таҳкими пояҳои илмӣ, замина барои таҳия ва истифодаи тавсияҳои методологӣ ва таълимӣ низ фароҳам меорад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки аввалин бор дар доираи илмҳои фалсафӣ ва мантиқшиносии тоҷик таълимоти мантиқӣ ва маърифатии ду мутафаккири барҷастаи тоҷику форс Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳамчун бунёди тафаккури илмӣ, фалсафӣ ва мантиқӣ муаррифӣ гардида, ба таври муқоисавӣ, системавӣ ва методологӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Дар натиҷа, саҳми ин ду мутафаккир дар ташаккули низоми мустақили мантиқӣ равшан гардида, мафҳумҳо ва категорияҳои асосии мантиқӣ (қазия, мафҳум, қиёс ва бурҳон) бо таҳлили муфассал такмил ёфтаанд. Таҳқиқ низомҳои нави таҳлили фалсафӣ ва истилоҳшиносии мантиқиро пешниҳод намудааст, ки барои рушди илмҳои фалсафа, мантиқ, маърифатшиносӣ ва таърихи афкори тоҷик арзиши баланди назариявӣ доранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот низ назаррас буда, натиҷаҳои он метавонанд дар таҳия ва таълими барномаҳои таълимӣ дар самтҳои «Фалсафа», «Мантиқ», «Маърифатшиносӣ», «Таърихи фалсафа» ва «Фалсафа ва методологияи илм» истифода шаванд. Хулосаҳои таҳлилии пешниҳодшуда метавонанд барои донишҷӯён, муҳаққиқон ва устодони соҳа ҳамчун воситаи методологӣ хизмат кунанд. Илова бар ин, таҳқиқ заминаи зарурӣ барои таҳияи дастурҳои таълимӣ ва илмию методӣ фароҳам оварда, барои баланд бардоштани сатҳи таҳлилгарии илмии муҳаққиқони ҷавон ва таҳқиқи афкори мантиқии Шарқ мусоидат менамояд. Тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар барномаҳои ислоҳи таълим, мураттабсозии луғати истилоҳоти мантиқӣ ва таҳияи платформаҳои электронии таълимии мантиқ низ амалӣ гарданд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот на танҳо дар рушди назариявии илм саҳм мегузорад, балки ба эҳтиёҷоти амалӣ ва татбиқии ҷомеаи илмӣ ва омӯзишӣ низ ҷавобгӯ мебошад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти мазкур дар сатҳи баланд қарор дошта, бо маҷмуи омилҳои методологӣ, илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок шудааст. Онҳо аз рӯйи риояи принсипҳои илмӣ, интихоби методологияи муосир, таҳлили амиқи сарчашмаҳо, такя ба заминаи назариявӣ ва тасдиқи натиҷаҳо тавассути фаъолияти амалии илмӣ муайян мегарданд.

Пеш аз ҳама, эътимоднокии назариявӣ ва методологӣ бо интихоби модели илмии таҳқиқот, такя ба манбаъҳои аслӣ (осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ), таҳлили бонизом ва татбиқи равишҳои таърихӣ, муқоисавӣ, контекстуалӣ ва герменевтикӣ таъмин шудааст. Усулҳои таҳқиқ, ки бар асоси равишҳои муосири фалсафӣ ва матншиносӣ тарҳрезӣ шудаанд, имкони баррасиҳои амиқ ва дақиқро фароҳам овардаанд. Истифодаи консепсияҳои тасдиқшудаи илмӣ ва таҳлили

мураттаби мафҳумҳои асосии илми мантиқ ва маърифат ба таҳқиқ хусусияти устувори назариявӣ бахшидаанд.

Сониян, заминаи таҷрибавии таҳқиқот аз таҳлили мустақими осори аслӣ, муқоисаи мафҳумҳо, ҷудокунии категорияҳо, таснифоти истилоҳот ва ҷадвалбандии натиҷаҳои таҳлил иборат аст, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои амиқ ва боэътимод замина гузоштааст. Ҳамзамон, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, интихоби сарчашмаҳои аслӣ ва такя ба таҳқиқоти қаблӣ бо назари интиқодӣ сифати таҷрибавии таҳқиқро афзун намудааст.

Дар ҷанбаи сеюм, натиҷаҳои диссертатсия аз ҷониби ҷомеаи илмӣ тасдиқ ва эътироф шудаанд. Баъзе аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тахассусии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳои кор дар конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шуда, мавриди баррасии муҳаққиқон ва мутахассисон қарор гирифтаанд. Гузашта аз ин, пас аз баррасӣ ва қабули натиҷаҳои таҳқиқ, тақризҳои мусбати устодон ва таҳлилгарони соҳа оид ба арзиши илмии кор ба даст омадааст.

Ниҳоят, эътимоднокии натиҷаҳо тавассути санҷиши амалӣ низ собит шудааст. Баъзе қисматҳои таҳқиқ ва хулосаҳои он дар раванди таълими фанҳои фалсафа, мантиқ ва маърифатшиносӣ истифода гардида, тавсияҳои илмии пешниҳодшуда барои таҳияи маводи таълимӣ ва методӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ин гуна истифода ва татбиқи натиҷаҳо далели самаранокии амалии таҳқиқ буда, ба эътимоднокии он асоси воқеӣ мебахшад.

Хулоса, дараҷаи баланди эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо истифодаи назарияҳои илмии муътамад, равишҳои муосир, таҳлили амиқи сарчашмаҳо, нашр ва баррасии илмӣ, инчунин, татбиқи амалӣ

пурра асоснок шудааст ва имкони истифодаи густардаи он дар соҳаҳои илмӣ ва таълимиро фароҳам меорад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи мазкур, ки ба омӯзиши таҳлили муқоисавии таълимоти мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бахшида шудааст, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 09.00.03 – таърихи фалсафа пурра мутобиқат дорад. Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба самтҳои меҳварии ин ихтисос, аз ҷумла, баррасии таърихи инкишофи афкори фалсафӣ дар тамаддуни шарқӣ, таҳлили танзимёфтаи осори фалсафии шахсиятҳои барҷаста, омӯзиши решаҳои мантиқӣ ва маърифатшиносӣ дар доираи анъанаи фалсафаи Шарқ ва арзёбии робитаи онҳо бо мактабҳои классикии ғарбӣ мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳияи диссертатсия дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқотӣ аён буда, натиҷаи мустақили фаъолияти илмӣ, таҳлили амиқ ва коркарди шахсии масъалаҳои назариявию методологӣ мебошад. Довталаб ҳама ҷанбаҳои асосии кори илмиро, аз интихоби мавзуъ то таҳияи хулосаҳои илмӣ ба таври мустақил ва бо риояи талаботи илмии муосир иҷро намудааст.

Нахуст, мавзуъ ва самти таҳқиқот аз ҷониби довталаб, бо дарки амиқи аҳаммияти илмӣ ва фазои холии пажуҳишӣ, дар доираи мантиқ ва таърихи фалсафа, интихоб гардидааст. Интихоби мавзуи «Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» бо такя ба зарурати бознигарии илмии осори ин ду мутафаккири барҷаста ва арзёбии мақоми онҳо дар ташаккули фалсафаи замони муосир сурат гирифтааст.

Дуюм, методологияи таҳқиқ ба таври мустақилона таҳия ва татбиқ гардидааст. Довталаб тавонистааст сохтор ва шеваҳои таҳлили илмиро

ба хусусиятҳои мавзуъ мутобиқ созад ва дар асоси онҳо усулҳои муосири таҳлили матнҳои мантиқӣ ва фалсафиро ба роҳ монад.

Сеюм, консепсияи илмии таҳқиқот пурра аз ҷониби довталаб таҳия шуда, ба таври мантиқӣ асоснок ва бо далелҳои илмӣ тасдиқ шудааст. Довталаб дар таҳияи консепсияи илмии худ таҳлили бонизоми мантиқ, маърифат ва сохторҳои истидлолро дар фалсафаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ анҷом дода, натиҷаҳои боэътимоди илмиро пешниҳод намудааст.

Чорум, навовариҳои илмии таҳқиқот, ки аз таҳлили муқоисавии асосҳои мантиқӣ ва назарияи далеловарӣ, фаҳмиши забонӣ ва мафҳумии мантиқ, ҷанбаҳои маърифатии андешаи фалсафӣ ва истифодаи равишҳои таҳлилӣ бармеояд, пурра натиҷаи коркарди шахсии довталаб мебошад. Хулосаҳо, пешниҳоди усули таҳлили маърифат вобаста ба методологияи мантиқ ва истифодаи мафҳумҳои классикӣ дар заминаи методологияи муосир аз навгониҳои муҳимми таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

Ҳамин тавр, тамоми марҳилаҳои таҳқиқ, аз таҳияи сохтори диссертатсия, ҷамъоварӣ ва таҳлили сарчашмаҳо, интихоби методология, таҳлили натиҷаҳо, то баёни хулосаҳои илмӣ, ба таври комилан мустақилона аз ҷониби довталаб иҷро шуда, саҳми шахсии ӯ дар рушди илм ва тафсири муосири мероси мантиқию фалсафии асримиёнагии форсу тоҷик бо далелҳо исботшуда мебошад.

1. **Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода омода ва таҳти суратмаҷлиси №11/1 (03.06.2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Хулосаи таҳқиқот дар монографияи нашршуда, мақолаҳои илмии тақризшаванда ва конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ

ба таври муфассал инъикоси худро ёфтаанд. Вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намуда, арзиши диссертатсияи худро ҳимоя намудааст.

Дар конференсияҳои байналмилалӣ:

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Актуальные проблемы языкознания и литературоведения в современном времени» – маъруза дар мавзуи «Фанни шеър ҳамчун саноати чаҳоргона дар таълимоти мутафаккирони машшоӣ – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ». – Душанбе, 23–24 декабри соли 2022.

- Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 75-солагии доктори илми филология, профессор Сулаймонов С. «Масоили мубрами арабшиносӣ» – маъруза дар мавзуи «Ҷойгоҳи Насируддини Тусӣ дар илм ва тамаддуни Шарқ». – Душанбе, 28 октябри соли 2022.

- Маводи таҳқиқӣ дар маҷаллаи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Международный научно-практический журнал» – маъруза дар мавзуи «Влияние древних и средневековых переводческих школ в развитии философского мышления Абунасра Фараби». – Алматы, 20 феврали соли 2023.

- Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули илм ва фалсафаи Шарқ» – маъруза дар мавзуи «Тамсил ва аҳкоми қиёсии он аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ». – Душанбе, 11 октябри соли 2023.

- Маводи таҳқиқӣ дар маҷаллаи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Ежемесячный научный журнал» – маъруза дар мавзуи «Анализ философских и логических категорий в книге «Слова, употребляемые в логике» Абунасра Фараби». – Том 3, №87. – Екатеринбург, 2023.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Институти оила дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва нақши он дар рушди сармояи

инсонӣ» – маъруза дар мавзуи «Нигоҳи иҷмолӣ ба фалсафаи иҷтимоии Абунасри Форобӣ». – Душанбе, 17 майи соли 2024.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ: моҳият ва аҳаммият барои ҷаҳони муосир» – маъруза дар мавзуи «Аҳаммияти омӯзиши таърихии илми мантиқ ва алоқамандии он бо дигар илмҳо аз нигоҳи Абунасри Форобӣ». – Душанбе, 16–17 октябри соли 2024.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои умдаи риёзиёт дар осори Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино ва Умари Хайём» – маъруза дар мавзуи «Дақиқнигорӣ андар риёзиёти донишмандони машшоӣ – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ». – Душанбе, 27 декабри соли 2024.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Вазъ ва мушкилоти таълими фанни мантиқ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Аҳаммияти омӯзиши илми мантиқ ва зарурати таҳқиқи он дар шароити бархурди андешаҳои замони муосир». – Душанбе, 02 майи соли 2025.

- Маводи таҳқиқӣ дар маҷаллаи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Международный научный журнал» – маъруза дар мавзуи «Нақши фазилати ахлоқ дар ташаккули ҳувияти миллӣ аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ». – Алматы, 15 августи соли 2025.

- Маводи таҳқиқӣ дар маҷаллаи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Международный научный журнал» – маъруза дар мавзуи «Консепсияи ҷомеаи ормонии ҳувиятсоз дар таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ». – Алматы, 30 сентябри соли 2025.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули илм ва фарҳанги башарият» – маъруза дар мавзуи «Ҷойгоҳи ҳокимияти сиёсӣ ва равандҳои таҳкимбахшандаи

ҳувиятсози миллӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Абуали ибни Сино». – Душанбе, 11 ноябри соли 2025.

- Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Образование и диалог культур: традиции и современность» - маъруза дар мавзуи «Анализ роли электронных образовательных ресурсов в поликультурном обучении». – Набережные Челны, (27.11.), 2025.

Дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ:

- Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Философское осмысленые проблем инноваций в современном таджикистанском обществе» – маъруза дар мавзуи «Подготовка работы «Классификация наук» Абунасра Фараби в качестве предпосылок расширения и развития научного мышления на Востоке». – Душанбе, 28 ноябри соли 2023.

- Маводи таҳқиқӣ дар маҷаллаи илмӣ-омавии «Илм ва ҷомеа – маҷаллаи академии илмӣ-оммавӣ» – мақола дар мавзуи «Тақвияти худшиносии миллӣ – омили устуворӣ ва рушди идеяи миллӣ». – №1 (31). – Душанбе, 2023.

- Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Актуальные проблемы социально-гуманитарных наук» – маъруза дар мавзуи «Таъсири ратсионализми илмӣ дар ташаккул ва рушди андешаи миллӣ». – Душанбе, 28 марти соли 2025.

- Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ҳамгироии илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар рушди устувори ҷомеа дар асри рақамӣ» – маъруза дар мавзуи «Таъсири афкори мантиқии Арасту дар рушд ва инкишофи назарияҳои илмии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ». – Душанбе, 21-26 апрели соли 2025.

Ҳамин тавр, диссертатсия пурра тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвиб ва амалӣ гардида, натиҷаҳои он дар нашрияҳои илмӣ ва баромадҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаи муҳтавои диссертатсия дар 2 монография, 2 китоби дарсӣ, 4 воситаи таълимӣ, 27 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 17 мақолаи дигар дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (ҷамъ, 52 номгӯй) ба нашр расидааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат дошта, аз муқаддима, панҷ боб, сездаҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 476 номгӯйро дар бар мегирад. Илова бар ин, феҳристи интишороти илмии муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия, ки аз 52 номгӯй иборат аст, замима шудааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 472 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ АФКОРИ МАНТИҚИЮ МАЪРИФАТИИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Боби аввал аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангие таҳлил мегарданд, ки дар давраи зиндагӣ ва фаъолияти ду мутафаккири барҷастаи Машриқзамин – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ба ташаккули афкори мантиқӣ ва маърифатии онҳо таъсири амиқ гузоштаанд. Дар ин бахш муҳити рушди илмӣ ва эҳёи мероси фалсафаи юнонӣ дар замони хилофати Аббосӣ, ки барои фаъолияти Форобӣ заминаи мусоид фароҳам овард, бо вазъияти мураккаби сиёсӣ ва фарҳангии асри XIII дар давраи ҳукмронии муғулҳо муқоиса мешавад. Дар чунин шароит Насируддини Тусӣ бо талошҳои шахсӣ тавонист илму фарҳангро ҳифз намуда, бо осори худ ба рушди фалсафа ва илмҳои дақиқу табиӣ саҳми назаррас гузорад.

Дар баробари таҳлили вазъи иҷтимоиву сиёсӣ, робита ва таъсири мутақобилаи ду муҳити таърихӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Давраи хилофати Аббосӣ муҳити асосии ташаккули илму фарҳанги шарқӣ маҳсуб ёфта, таъсири анъанаҳои эронӣ ва низоми девонсолории он дар ташаккули фазои илмӣ таъкид мегардад. Дар замони Насируддини Тусӣ, ҳарчанд илм ба авҷи рушд расида буд, вале ҳуҷуми муғулон ва ноамнии сиёсӣ монеаи густариши озодандешӣ гардид.

Зербоби дуюм ба таҳлили таъсири фалсафаи Юнони қадим ба ташаккули мантиқ ва маърифати шарқӣ бахшида шудааст. Дар он нишон дода мешавад, ки чӣ гуна таълифот ва шарҳҳои интиқодии Форобӣ ва Тусӣ ба рушди мантиқ ва фалсафаи шарқӣ саҳм гузоштаанд. Ҳамчунин, дар ин бахш хусусиятҳои ташаккули мафҳумҳо, равандҳои таснифи илмҳо ва пояҳои назариявии андешаи мантиқӣ дар осори онҳо таҳлил мегарданд.

Муҳимтарин нуқтаи тамаркуз дар ин қисмат он аст, ки ин ду мутафаккир на танҳо мероси фалсафии файласуфони Юнон, бахусус

Арастуро пазируфтанд, балки онро бо таҳлили интиқодӣ ва эҷодкорона бозсозӣ намуда, ба талаботи замони худ мутобиқ карданд ва аз худ осори мондагори илмӣ ба мерос гузоштанд.

Дар натиҷа, боби якум заминаҳои таърихӣ-фалсафӣ ва маърифатии ташаккули афкори мантиқию маърифатии Форобӣ ва Тусиро равшан намуда, барои дарки амиқи решаҳои мантиқи шарқӣ ва рушди минбаъдаи он асос мегузорад.

1.1. Заминаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии пайдоиш ва ташаккули афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Таҳқиқи муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асрҳои миёна, ки ду мутафаккири барҷастаи тоҷик – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар он умр ба сар бурдаанд, яке аз вазифаҳои мубрами таҳқиқи таърихи фалсафаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Зеро таваҷҷуҳи хос ба фарқияти муҳити зист ва таълимии ин ду мутафаккир, аз як сӯ, эҳёи илм ва фарҳанг дар замони Аббосиён ва аз сӯйи дигар, мушкилоти сиёсиву иҷтимоии давраи ҳаёти мутафаккиронро ба унвони заминаҳои таъсиргузор бар рушди афкори фалсафӣ ва мантиқии ин шахсиятҳо имкони равшан кардани паҳлуҳои камтаҳқиқи таърихи фалсафаро медиҳад. Муҳокимаи мазкур, инчунин, ҷараёни омезиши мафкураҳои ифротии динӣ ва хирадмеҳварии исломиро дар бар мегирад, ки боиси ташаккули мактабҳои илмӣ ва ривоҷи ақлгароӣ гардидаанд.

Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи ибтидоии асрҳои миёна, ки дар он Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳаёт ба сар мебурданд ва барои рушди тафаккури фалсафӣ-мантиқии онҳо заминаи мусоид фароҳам омада буд, ба ду гуна аст:

Аввал, вазъи умумии пайдоиш ва рушди ислом, фарогирии он муҳитҳои фарохи ҷуғрофиро, ки ба марҳилаҳои гуногуни таърихӣ тақсим мешаванд ва бе баррасии ин ҷанбаҳои умумӣ, шарҳу тавзеҳи марҳилаҳои он аз контекст (ғариза) ҷудо кардани онро ифода менамояд.

Дуюм, он ки дар айни вақт худи ҳамин марҳилаҳои алоҳида мушаххасан ба ҳаёт ва фаъолияти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бевосита дахл дошта, аз ҳам тафовут низ доранд.

Дар асри VI бо пайдоиши дини ислом, дар марҳилаи ибтидоӣ, ҳам дар замони Муҳаммад паёмбар ва ҳам даврони хулафои аввалин, раванди муттаҳидшавии арабҳо аз нигоҳи сиёсӣ-иҷтимоӣ дар зери парчами ин дин оғоз меёбад. Онҳо мусулмононро ба маъракаҳои низомӣ барои паҳн кардани ислом даъват мекарданд ва дар натиҷаи ҷангҳо бо Византия ва Форс, кишваркушоиҳои арабҳо зиёд гардида, ҳудуди ислом аз нимҷазираи Арабистон то ба Қафқоз, Ҳинд ва Африқои Шимолӣ вусъат ёфт. Заминҳои забтшуда байни ҳокимон тақсим гардида, аз онҳо андози махсус (хироҷ) ситонида мешуд. Илова бар ин, ғайримусулмонон маҷбур буданд, ки ҷизя супоранд.

Сулолаи аввал пас аз хулафои рошидин Умавиён (661-750) буданд, ки дар замони ҳукмронии онҳо низоми сиёсӣ тағйир ёфта, хилофат ба монархияи меросӣ табдил ёфт. Пойтахт ба Димишқ кӯчонида шуда, дарбори халифа ва пайравонаш мақоми баландтаринро соҳиб шуданд. Хилофат густариши марзҳои худро идома дод. Дар охири асри VII арабҳо Африқои Шимолӣ, дар Аврупо Византия (Мағриб), Испания ва як қисми Қафқозро тобеъ карданд. Дар ин давра, дар баробари фаъолиятҳои шаклӣ, ҷунбишҳои мазмунӣ низ ба назар мерасанд. Маҳз, дар давраи Умавиҳо аввалин ҷараёнҳои динӣ – суннӣ ва шиа ба вуҷуд омаданд. Ҳокимияти сулолавии Умавиён сиёсаташро ба забти давлатҳои дигар равона карда, аҳволи мардуми заҳматкаш, хусусан, кишоварзону пешаварон, бад шуд, ки дар натиҷа, боиси шӯришҳои пайдарпай мегардид. Ошӯби калонтарин, ки яке аз сабабҳои асосии барҳам хӯрдани сулолаи Умавиён гардид, шӯриши Абумуслими Хуросонӣ буд, ки дар солҳои 747-750 ба амал омад.

Шарқшиноси рус Е.А. Беляев дар бораи Абумуслим ва шӯриши ӯ чунин навиштааст: «Вай (Абумуслим – С.Б.) на танҳо майлу хоҳиши таъмини истиқлоли сиёсии ватани худро дошт, балки барои озодии иҷтимоии оммаи меҳнаткашон низ талош менамуд... Шӯриш соли 747 дар Марв оғоз шуд, ки дар ин ҷо бо даъвати Абумуслим гурӯҳҳои ҷангии сершумори деҳқонон ҷамъ омада буданд, ки ҳам аз деҳаҳои атроф ва ҳам аз ноҳияҳои дурдаст меомаданд. Баъд шӯриш ба Эрони ғарбӣ зуд паҳн шуда, ба Ироқ интиқол ёфт. Лашкари исёнгарон дар наздикии Завби калон, шохоби чапи дарёи Даҷла бо лашкари Марвони II рӯ ба рӯ омад. Артиши халифа, ки шитобкорона ҷамъ оварда шуда буд, дорои асбоби зарурии ҷангӣ набуда, ба шикасти сахт дучор омад ва зуд пароканда гардид» [55, с. 204]. Дар натиҷа, вобаста ба фаъолияти номунтазами Умавиён, (махсусан, арабҳое, ки аз сиёсат дур буданд), раванди давлатдориашон аз ҷониби сулолаи Аббосиён сарнагун мегардад.

Зуҳури дини ислом дар нимҷазираи Араб ва густариши минбаъдаи он дар кишварҳои Ховари Наздик ва Миёна ҳамчун бузургтарин ва муассиртарин рӯйдоди сиёсию фарҳангии асрҳои миёна маҳсуб ёфта, ҳамзамон, бо ташаккули муносибатҳои заминдорӣ ва муташанниҷу тезутунд шудани зиддиятҳои хоси ҷомеаи заминдорӣ ҷараён гирифтааст. Дар ин давра, аз як тараф, рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва истеҳсолоти косибӣ, тараққиёти шаҳрҳо ва афзоиши тавсифи нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа ба амал омада, масоҳати заминҳои киштшаванда тавассути рушди технологияи обёрии сунъӣ васеъ мешавад ва робитаҳои тиҷоратии байни кишварҳои гуногун тавассути роҳҳои хушкию баҳрӣ вусъат меёбанд. Аз тарафи дигар, ихтилофҳои иҷтимоӣ, зулму истибдод, нобаробариҳои иҷтимоӣ, зиддияти байни сарватмандон ва камбағалон, зимнан, нақш ва нуфузи нухбагони динӣ афзоиш меёбанд.

Дар соҳаи ҳаёти маънавӣ байни ду навъи мафкураи исломӣ, ки яке хусусияти ифротӣ ва ақлситезӣ дошта, манфиатҳои синфҳои ҳукмрону

сарватмандро ҳимоя мекард ва дигаре хусусияти ақлгароёнаву хирадмеҳварона дошта, ҳуқуққо ва озодиҳои инсонро таблиғ ва ҳимоя мекард, муборизаи шадид ҷараён гирифт. Мафкураи иҷтимоии ифротии исломӣ сирфан ба сарчашмаҳои муқаддаси исломӣ такя намуда, инсонро ҳамчун як махлуқи комилан мутеи сарнавишту қазову қадар ва беирода тавсиф мекард ва ҳаёти ӯро барои инсон муваққату беарзиш медонист. Ин мафкура ҳар гуна вазъеро, ки инсон ва ҷомеа дошт, ба хости Худо алоқаманд намуда, ҳар гуна кӯшиши дигаргунсозии чунин вазъро маҳкум мекард. Дар робита бо ин матлаб, С.Н. Григорян, ки ҳарчанд аз нуқтаи назари идеологияи коммунистӣ муҳокимаронӣ кунад ҳам, аммо он нишонгари ҳақиқати объективӣ мебошад: «Мураттибони Қуръон дар асоси ривоятҳои динии давраи ҷамъиятҳои ибтидоӣ ва ғуломдорӣ таълим медоданд, ки оламро Худои соҳибақли шабеҳи инсон офаридааст. Чунин тасвири Худо ба манфиатҳои синфҳои ҳукмрон мувофиқат мекард, зеро он ба қудрати халифаҳо, ки «худро сояи худо дар замин» меномиданд, хусусияти илоҳӣ мебахшид. Таълимоти Қуръон на танҳо дар бораи ҳодисаҳои табиат дар қалби одамон ақидаҳои нодуруст ба вуҷуд меовард, балки шуури инсонро инчунин, бо афсонабофӣ низ торик мекарданд» [75, с. 35].

Аммо мафкураи иҷтимоии навъи дуюм, баръакс, дар баробари эҳтирому эътиқод ба сарчашмаҳои муқаддаси исломӣ, инчунин, ба ақлу хиради инсонӣ низ арзиши баландеро қоил буд. Инсонро ҳамчун як махлуқи оқилу соҳибирода тавсиф намуда, вазъу ҳолат ва қадру манзалати инсонро на ба сарнавишт, балки бо ақлу дониш, одобу ахлоқ ва қобилиятҳои зеҳнию ҷисмонии ӯ вобаста мекард. «Муборизаи ин ду навъи мафкура аз нимаи дуюми асри VIII, бо ихтилофи байни мутакаллимон (тарафдорони фалсафаи калом) ва муътазилиён (ҷонибдорони донишҳои дунявӣ ва ҳикмати юнонӣ), шуруъ шуда, дар

асри IX ва асрҳои минбаъда боз ҳам шиддат ва густариши бештар пайдо намуд» [201, с. 8].

Мусаллам аст, ки ҳамин гуна рақобатҳо бо бартарияти ратсионализм боис гардид, ки мантиқ дар асрҳои миёна дар сарзамини Шарқ ҳамчун андешаи илмӣ рушд ёбад. Агарчи асоси онро сарчашмаҳои тамаддуни бостонӣ ташкил медиҳад, вале он ҳеҷ гоҳ шарҳу тафсири афкори атиқа маҳсуб намешавад. Донишмандони шарқӣ ба илми мантиқ таваҷҷуҳи хоса доштанд ва метавон гуфт, ки «қоидаҳои асосии ин илм тавассути Форобӣ ва дигар мантиқшиносон ба танзим дароварда шуда, онҳоро ба сифати силоҳи асосии расидан ба ҳақиқат истифода мебурдаанд. Баъдтар, Ибни Сино ҳамроҳ бо дигар мутафаккирон исбот намудаанд, ки мантиқ метавонад дар улуми риёзӣ истифода гардад. Ҳол он ки дар Ғарб мантиқи арастуӣ мағлуби схоластика гардида буд» [183, с. 55].

Ин ҷараён бо шиддат ба тафаккури мутафаккирони даврони Аббосӣ таъсири бузург гузошт. Дар ин давра, илмҳои ақлонӣ, мисли риёзиёт, нуҷум, тиб, кимиё, арзшиносӣ (геодезия), ҷуғрофиё, механика, мусиқишиносӣ, мантиқ ва ғайра бо вуҷуди мухолифати қишри мутаассибу ифротии элитаи динӣ ташаккул ёфтанд. Ҳанӯз дар замони шуравӣ муҳаққиқон ба чунин хулоса омадаанд, ки рушди бесобиқаи илму фарҳанг дар Ховари асримиёнагии исломӣ дар заминаи истифодаи васеъ аз дастовардҳои фарҳангии марказҳои бостонии тамаддуни башарӣ, аз ҷумла, илму фалсафаи Юнони қадим ва Эрони бостон ба вуқуъ омадааст. Воқеан ҳам, барои давраи мазкур эҳёи арзишҳои фарҳангии Шарқи қадим ва Юнон, густариши васеи наҳзати тарҷумаи осори илмиву адабӣ аз забонҳои юнонӣ, ҳиндӣ (санскрит), сурёнӣ, паҳлавӣ ба забони арабӣ ва ҳамзамон, тафсири осору афкори донишмандони бостонӣ хос мебошад.

Рушду таҳаввули илмҳои дақиқ ва гуманитарӣ аз ибтидо бо ҷараёни тарҷумаи осори илмии халқҳои дигар ба забони арабӣ пайванди ногусастанӣ доштааст. Яке аз ин гуна илмҳо мантиқ мебошад. Раванди мазкур ниёзмандии қавиеро нисбат ба роҳкори ақлонӣ, ки танзимгари афкори илмӣ ба ҳисоб мерафт, дар соҳаҳои гуногуни фарҳанги шарқӣ коромад месохт. Барои аксари мутафаккирони ин давра, ки дар ҳама гуна соҳаҳои илм ва фарҳанг фаъолият менамуданд, мантиқ усули тафаккур қарор мегирифт: «Он (мантиқ) аз тарафи забоншиносон, файласуфон, ходимони дин ва ҳатто, фақеҳон истифода мешуд. Баъзе аз онҳо ин илмро ба таври махфӣ, бо ному рамзиёти пӯшида ба кор мебурданд, зеро аз баҳсу мунозирот бо намояндагони ислом ва мухолифоти мантиқи юнонӣ ҳарос доштаанд» [386, с. 19].

Боиси зикр аст, ки вазъи фарҳангии манотиқи фатҳшудаи исломӣ ҳамгун набудааст. Масалан, ҳазорон сол то фатҳи ислом сокинони Осиёи Марказӣ бо чаҳор ё панҷ дин, ба ғайр аз боварҳои кӯчиён, ошно буданд. Онҳо дар муқоисаи дину боварҳо моҳир шуда, монандиву фарқи онҳоро хеле хуб муайян менамуданд. Чунин вазъият олимонро ба омӯзиши сарчашмаи донишҳои башар ва ё он чизе, ки имрӯз эпистемология ном мегиранд, мувоҷеҳ гардонид. «Ҳамин тавр, баъдтар, мутафаккирону донишмандони Осиёи Марказӣ дар шахсияти Форобӣ аввалин шуда, донишҳои мантиқиро силоҳи асосии муайян кардани ҳақиқат меҳисобиданд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар ба ин раванд аз роҳи дин мухолиф буданд» [183, с. 156].

Дар замони Аббосиён, ки дар як фосилаи он мутафаккири барҷаста Абунаср Муҳаммад Форобӣ (870-950), ҳаёту фаъолияташро гузаронидааст, зимоми ҷараёнҳои илмӣ-фарҳангӣ на ба дасти арабҳо, балки ба дасти эронитаборон супорида мешавад ва бевосита корҳои идоракунии давлатӣ бо шеваи пиндори ин мардуми куҳанбунёд ба роҳ монда мешавад. Дар соли 762 халифа Мансур пойтахти нав – Бағдодро

таъсис медиҳад. Ин даврa дар таърих ҳамчун «асри тиллоии Аббосиён» маълум буда, дар он, воқеан, гул-гулшукуфоии фарҳанг ва илми Машриқзамин ба амал омад: «Дар зеҳни мардуми мусулмон Аббосиён – рамзи умумияти ҷомеаи мусулмонӣ мебошанд. Дар аҳди онҳо таъсиси хилофати араб, бузургтарин қудрати шарқӣ пас аз империяи Искандари Мақдунӣ дониста мешавад. Давраи Аббосиён – давраи шукуфоии давлатдорӣ ва фарҳанги мусулмонӣ мебошад» [461, с. 6].

Дар ин давра, мактабҳои олие таъсис дода шуданд, ки дар онҳо дар баробари илмҳои динӣ илмҳои дунявӣ омӯхта мешуданд. Дар заминаи ин муваффақиятҳо, расадхонаҳо ва китобхонаҳо кушода шуданд, ки дар таъсису рушди онҳо саҳми ҳокимони ин хонадон, махсусан, Мансур (754-775), Маҳдӣ (775-785), Ҳорунаррашид (786-809) ва Маъмун (809-833) хеле зиёд аст. Дар ин аҳди инсонмеҳварӣ замин бойгарии асосӣ буда, онро акнун ба одамони шоиста инъом мекаранд. Аз аввали асри IX раванди сустшавии давлати Аббосиён пурзӯр гардида, бисёр мамлакатҳо ва сарзаминҳои алоҳидаи тобеи он аз ҳайат баромада, худро мустақил эълон карданд. Дар Мовароуннаҳру Хуросон давлатҳои нави маҳаллӣ, аз ҷумла, давлатҳои Тоҳириён (822-873), Саффориён (873-903) ва Сомониён (875-999) таъсис ёфтанд. Дар натиҷа, як навъ дуҳокимиятӣ ба вуҷуд омад: ҳокимияти халифа, ки танҳо бо идораи умури динӣ маҳдуд шуда, ҳокимияти шоҳаншоҳӣ дар шахси Бувайҳиён зимоми тамоми умури сиёсиву давлатиро дар дасти худ доштанд. Дар замони Аббосиён (750-1258), ки муаррихони аврупоӣ онро «Сосониёни нав» номидаанд, суннатҳои давлатдории эронӣ-тоҷикии кӯҳан мақоми асосиро қисман нигоҳ дошта, аз ҷониби силсилаҳои маҳаллие, ки зери нуфузи Аббосиён ба ҳукумати хеш идома доданд, ҷони дубора гирифт. Дар аҳди Аббосиён илмҳои забоншиносӣ ё адабӣ, ки ба онҳо луғат, наҳв, аруз ва балоғатро шомил кардаанд, чун фиқҳу тафсиру ҳадис аз ҷумлаи нахустин донишҳое

маҳсуб мегарданд, ки дар тамаддуни исломӣ таҳаввул ва ташаккул ёфтаанд.

Илми луғат (забон), ки бо илми мантиқ алоқамандии ҷавҳарӣ дорад, дар оғози аҳди Аббосиён бар асари кишваркушоиҳои араб ва омезиши онҳо бо забону фарҳанги халқҳои тобеи хилофат ташаккул ёфт ва ҳадафи аслии он ҳимояи забони арабӣ аз таъсири забонҳои дигар буд. Аз ин ҷост, ки қоидаҳои навиштани калимаҳо, ҳарфу ҳаракат ва эъробро муқаррар кардаанд. Дар ин илм «Китоб-ул-‘айн»-и Халил ибни Аҳмад ал-Фароҳидӣ (718-791) нахустин асарест, ки ба шарҳи калимаҳо ва махраҷи овозҳои забон пардохтааст. Агар қаблан арабҳо дар аҳди Уммавиён ба халқу миллатҳои тасарруфшуда бо чашми ғолиб менигаристанд, дар замони хилофати Аббосиён, хусусан, баъди хилофати Маъмун, онҳо назари худро нисбат ба халқу миллатҳои Осиёи Миёнаву Эрон тағйир дода, зимни таҷрибаи давлатдорӣ дарк намуданд, ки усули давлатдории Сосониён беҳтару муфидтар будааст. Аз ин рӯ, ба умури давлатдорӣ бештар эронитаборон роҳ ёфтанд, ки дар соҳаҳои гуногуни илм, махсусан, дар илми фалсафа ва афкори ҷаҳоншиносӣ ба дастовардҳои бузург ноил шуда буданд. Халифа Маъмун маркази илмии «Байт-ул-ҳикмат»-ро ба ёриву мадади олимони эронии Гундишопур барпо намуда, дар ташаккулу инкишофи илмҳои дақиқ низ дар хилофат донишмандони эронӣ саҳми арзанда доштанд. «Дар ин давра (яъне хилофати Аббосӣ), нуфузи эрониён дар дарбори хилофат афзун гардид ва дар аҳди Ҳорунуррашид ва Маъмун ба баландтарин пояи худ расид. Дар Бағдод одобу русуми эронитаборон рӯзафзун гардид ва идҳои бостонии эронӣ, монанди Сада, Наврӯз ва Меҳргонро ҷашн гирифа, ҳамзамон, либоси расмии дарбориро либоси эронӣ қарор доданд» [276, с. 95].

Арабҳо, ки дар умури кишвардорӣ таҷрибаи кофӣ надоштанд, нахустин девон – сохтори идории масъул бар танзими молиёту хироҷро

дар давраи хилофати Умар бо роҳнамоии Ҳурмузон ном марзбони асирафтодаи эронӣ ва дар пайравӣ аз девонҳои сосонӣ таъсис додаанд. Таъсиси нахустин девони исломӣ зарурат ва аҳаммияти пайравӣ ба низоми тоисломии Эронро ба ҳукмронони навкори араб ошкор кард ва роҳро барои вуруди суннатҳои кишвардории тоисломии Ачам ба сохтори идории Хилофати исломӣ ҳамвор намуд. Дар ҳамин замина, дар аҳди Умавиён (661-750) ва хосатан, баъди ба сари ҳокимият омадани Аббосиён (соли 750), дар хилофат девонҳои зиёде ба тақлид аз девонҳои эронӣ таъсис ёфтаанд.

Маркази асосии илму адаби аҳди Аббосиён пойтахти хилофат, шаҳри Бағдод буд ва ин шаҳр, ҳамзамон, маркази иртибот ва омезиши тамаддунҳои халқҳои мухталифи тобеи хилофат низ ҳисоб меёфт. Дувумин маркази бузурги адабии ин давра шаҳри Басраи Ироқ буд, ки донишмандону адибон аз гӯшаҳои мухталифи хилофат дар он ҷо ҷамъ омада буданд. Ғайр аз ин, бозори Мирбад дар Басра, шаҳрҳои Куфа, Мадина, низ аз ҷумлаи марказҳои илму адаби ин давра ҳисоб меёфтанд. Дар баробари ин, дар аҳди Аббосиён шаҳрҳое чун пойтахти Сомониён – Бухоро дар Хуросону Мовароуннаҳр, пойтахти ҳукумати Оли Зиёр дар Табаристон – Гургон, пойтахти давлати Ғазнавиён дар Афғонистану Ҳиндустон – Ғазнин, пойтахти Фотимиёни Миср – Қоҳира, пойтахти Ҳамдониёни Шом – Ҳалаб ба марказҳои илму адаби давр табдил ёфта буданд.

Таърихи рушди мантиқи Шарқро метавон ба чанд марҳила тақсим кард. «Нахуст, марҳалаи тарҷума ва интиқоли мероси бостонӣ ба забони арабӣ буд. Таҳқиқоти мантиқии ин давра ба рушди дигар илмҳо таъсири мусбат расонида, дар асоси он илмҳои забоншиносӣ, калом ва фиқҳ густариш ёфтанд. Марҳилаи дуюм, аз давраи Форобӣ оғоз шуда, бо давраи Ибни Сино анҷом меёбад» [386, с. 18]. Осори барҷаста таълиф гардида, назариёти гуногуни мантиқиро ба ҳам оварданд, ки аз давраи

атиқа ва ё сарчашмаҳои дигар баргирифта ва таҳлил шуданд. Мусаллам аст, ки тамоюли наздик кардани мантиқ ба воқеияти ҳаёти мусулмонон, мутафаккиронро барои кашфу бозрасии афкори ақлгароёна илҳом бахшид. Давраи сеюм, давраи мутобиқат ва мувофиқат аст. Дар ин давра, диққати асосӣ ба истифодаи илми мантиқ бо мақсади рушди илмҳои дигар, махсусан фалсафа, илоҳиёти муҳокимавӣ, фиқҳ ва забоншиносӣ, равона гирифтааст. Давраи чаҳорум, ки барҳақ «давраи тиллоӣ» маҳсуб мешавад, мустақилияти илми мантиқ ба назар расида, ба соҳаи ҷудогона ҳамчун илми дорои қонуну қоида ва таҳлилу натиҷагириҳо табдил меёбад. Дар он замон осори мантиқии зиёд таълиф гардидаанд, ки шарҳи муфассали муаллифони юнониро анҷом дода, ба илми мантиқ навгониву кашфиёти зиёде ворид карданд.

Татбиқи илми мантиқ ба афкори ҷомеаи исломӣ баҳсу мунозираи зиёдеро дар муҳити фикрии он замон ба вуҷуд овард. Муносибат нисбат ба ин илм якнавохт набуда, мухолифатҳои мутаассибон пайваста ба назар мерасиданд. Як гурӯҳ онро илми хилофи афкори исломӣ ҳисобида, истифодаи онро зараровар ба эътиқоди динӣ мепиндоштанд, гурӯҳи дигар, осори мантиқиро тарҷума карда, онро омӯхта таҳқиқ мекарданд ва ба дигарон омӯзиши онро ташвиқ мекарданд. Метавон гуфт, ки баҳс атрофи илми мантиқ ва ниёзмандӣ ба он дар муҳити илмии исломӣ то ба ҳол аз байн нарафтааст. Дар ин маврид, то ҳол афкори мухолифи ҳамдигар иброз гардида, ҷонибҳо зидди ҳам қарор мегиранд.

Дар баробари ин мухолифатҳои ошкоро мантиқшиносони асримиёнагӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуданд: машшоиён ва раввоқиён. Намояндагони машшоӣ дар мантиқ ҳеҷ гуна зиддият ва ё номувофиқиро намедиданд. Бар хилофи ин, раввоқиён дар ин самт камбудиҳои зиёдеро мушоҳида мекарданд, ки дар натиҷа, байни ин ду гурӯҳ мубоҳиса ба вуҷуд омада, сабаби ба мантиқ ворид кардани як идда унсурҳои нав гардид. Дар ин қисмати таҳқиқ, ки самти методологиро фарогир аст,

бояд аз баррасии табиати илми мантиқ ёдовар шуд, ки он қисме аз фалсафа аст ё мадхали он аст ва ё илми мустақил аст. Масъалаи мазкур мавзуи мубоҳисаи макотибу равияҳои гуногуни илмӣ буда, ба ин масъалаи илмӣ аз ҳама бештар Форобӣ дар китоби «Алфоз» таваҷҷуҳ намудааст.

Дар навбати аввал ба назари мутафаккир мантиқ қисмате аз фалсафа дониста мешавад, зеро «он тавассути қонуниятҳояш зеҳнро, ки бо мафҳумҳои зиёди пароканда рӯ ба рӯ аст, аз хато боз медорад ва ҳамзамон, фикрро тақвият бахшида, сабаби дониши боманфиат мегардад» [7, с. 132]. Ҳамин тавр, мантиқ унсури асосии фалсафаи Форобӣ эътироф гардида, ҳамчун метод ва методологияи дониши илмӣ баҳри ба даст овардани «чизи ғайримаъқула (номуайян – С.Б.) дар асоси маъқула ё воситаи ба даст овардани дониши боэътимод дониста мешавад» [7, с. 133]. Аммо, дар умум, дар баробари такмили қисматҳои ин илм, Форобӣ мантиқро ҳамчун илми мукаммал эътироф намуда, «вазифаҳои асосии онро аз омӯзиши қонунҳое меҳисобад, ки ба такмили донишҳо ва ба роҳи ҳақиқат равона кардани онҳо медонад. Аз ин лиҳоз, мантиқ ҳамчун илми дақиқ барои ошкории масоили фалсафӣ бо хулосаҳо мавқеи муайянро ишғол кардааст» [30, с. 129].

Барои он ки муҳтавои муносибати мутафаккирони асримиёнагиро ба мантиқ ошкор намоем, пеш аз ҳама, бояд фарқияти бунёдии онро ба назар гирем. Мантиқи юнонӣ дар асоси қиёс сохта мешавад, ки «асоси» тамаддуни бостонӣ мебошад. «Ин мантиқ аз роҳкори таҷрибавӣ-ҳиссӣ, ки дар асоси методологияи исломӣ қарор додад, дур мебошад. Фарқияти мазкурро ба осонӣ ҳангоми таҳқиқи он иловаҳое ба мантиқи арастуӣ дидан мумкин аст, ки аз тарафи мутафаккирони исломӣ барои онро бо руҳияи ислом мутобиқ намудан ворид гардидаанд» [386, с. 20].

Мубоҳисот атрофи мақбул будани мантиқ ва ниёзмандӣ дар он пеши роҳи рушди мантиқро дар таҳқиқоти баъдии исломӣ гирифта

натавонист. Таҳқиқу истифодаи мантиқ дар таҳаввулу инкишофи методологияи таҳқиқоти илмӣ чи дар муҳити пайравони мантиқ ва чи дар қатори онҳое, ки онро рад мекард, нақши боризе доштааст. Мунаққидони мантиқ барои асоснок кардани мавқеи худ бо методологияи ақлгароёнаи илмӣ мусаллаҳ гардиданд. Бо ин ҳама, мантиқ таҳқиқоти илмиро тақвияту такон бахшид ва пешравии методологияи илмӣ дар тамаддуни исломӣ ба вуҷуд омад. Таъсири боризи он дар расолаҳои мантиқӣ-фалсафии Форобӣ баръало мушоҳида мешавад, ки ба масъалаҳои нахустҷавҳар ва нахустасоси ҳастӣ бахшида шудаанд. Ҳамчунин, дар таълимоти Форобӣ нақши мантиқ дар ташаккул ва такомули илмҳои ақлии асримиёнагӣ назаррас буда, ба ғайр аз ин, он барои инкишофи сарфу наҳв, коркарди қоидаҳои забонӣ, инчунин, ҷомеашиносӣ ва дигар илмҳо таъсири бориз доштааст.

Давраи ҳаёт ва фаъолияти Насируддини Тусӣ (1201-1274) бошад, ба замони салтанати туркони салҷуқӣ ва муғулҳо рост меояд. Дар ин давра, аниқтараш дар асри XI, ба сари ҳокимият омадани туркҳои Салҷуқӣ шумораи унсурҳои қабилавии онҳоро дар кишвар хеле зиёд карда бошад ҳам, дар сохти иҷтимоию сиёсии кишвари форсҳо дигаргунии куллӣ ба амал наовард. Салҷуқиён, ки ба хотири ҳокимиятдорӣ ва соҳибшавӣ ба боварии мардуми таҳҷоӣ дини исломро қабул карда буданд, ба зудӣ ба фарҳанг ва анъанаҳои сиёсии форсӣ мутобиқ шуданд. Маскуншавии қабилаҳои муғул дар Эрони исломӣ бошад, баръакс, марҳилаи бесобиқа дар таърихи ин кишвар буд, ки он дар давоми чанд даҳсола зери тасарруфи қудрати ғайримусулмонӣ қарор гирифта буд. Ҳукмронии муғулҳо дар Эрон аз ҳамлаи махсусан мутаассир оғоз ёфт, ки он натиҷаи бевоситаи сиёсати харобиовари ҳокими хоразмшоҳии онвақтаи Эрон Алоуддин Муҳаммад буд, ки дар он давра, дар қисми шарқии Эрон ҳукмфармо буданд. «Соли 1215, пас аз суқути Пекин дар Чин Чингизхон хостори созиш бо шоҳи Эрон шуд. Ҳадафи ин созиш иҷозат додани

рафтуомади тоҷирони калон ва харидуфурӯши амволи онҳо дар ҳудуди ду ҳокимиятдорӣ буд. Аммо соли 1218 волии хоразмшоҳӣ фармон дод, ки корвони савдогароне, ки Хони Кабир ба Утрор фиристода буд, нобуд карда шавад. Чингизхон инро таҳқир ба «Осмони абадӣ», ки ӯ дар рӯйи замин ҳимоятгари он буд, шуморида, қасос гирифтанро аз форсҳо қарор дод. Ин ҳодиса боиси ҳамлаи муғулҳо ба Эрони шарқӣ шуд, ки бо қатли омми сокинони шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр ва Хуросон анҷомида, ин вилоятҳо ба ихтиёри бевоситаи Хони Кабир гузаштанд» [239, с. 166-167].

Истилои ниҳоии Эрон дар давраи ҳукмронии Мункэ (солҳои ҳукмрониаш 1251–1259), вориси сеюми тахти империяи Чингизхон – сурат гирифт. Ӯ сарзаминҳои форсҳоро ба бародараш Ҳулоку (Хулагу) интиқол дод ва ба ӯ супориш дода шуд, ки сарвати кишварро ба зери назорати муғулҳо супорида, урфу одатҳои Чингизхонро дар қаламрави аз соҳилҳои Ому то ба Миср ҷорӣ намояд. Ҳулоку соли 1256 Бағдодро муҳосира ва соли 1258 халифаи Аббосӣ ал-Мустаъсим Биллоҳро ба қатл расонд. Ҳамин тавр, «таъин шудани Ҳулоку ба унвони роҳбари маъракаи ҳарбӣ дар Эрон муҳим, аммо на тасмими ниҳоии Мункэ дар ислоҳоти идоравӣ-маъмурии империя маҳсуб меёбад. Нақшаи ӯ барои мустаҳкам намудани давлат аз он иборат буд, ки мувофиқи имконият, мақоми заминҳо баробар карда шавад. Барои ин, ӯ аз як тараф, ният дошт, ки заминҳои тамаро зери назорати маъмурони бонуфуз вогузорад, ки онҳо дар шароити империяи муғулҳо метавонистанд танҳо намояндагони «Урдуи тиллоӣ» бошанд. Мункэ ба садоқати онҳо шубҳа намекард ва аз тарафи дигар, ҳокимиятдории мустақили ҳокимони боқимондаро бо роҳи фаъолона ба амал баровардани ниҳоди ҳукмронии ноиб-ус-салтанат (рус. – «регенство») заиф созад» [420, с. 225].

Муваффақияти муғулҳо дар бунёди империяи калонтарин дар таърихи инсоният аз он иборат буд, ки онҳо тавонистанд аз захираҳои

инсонӣ ва моддии қаламравҳои таҳти назораташон дар ҳолати зарурӣ истифода баранд. Ба муғулҳо муяссар гардид, ки низоми омехтае таъсис дода, одатҳои нави маъмуриро ба вуҷуд оварда, баъзе расму ойинҳои халққҳои кӯчии саҳроро нигоҳ дошта, дар баробари ин, ба он унсурҳои идоракунии маъмурии чиниҳою форсҳоро низ илова намоянд. Дар идораҳои вилоятии онҳо манфиатҳои қабилаҳои императорӣ, инчунин, манфиатҳои оилаҳои ҳокимҳо ва ашрофони тобеи маҳаллӣ, ки дар онҳо намояндагӣ мекарданд, ҳифз карда мешуд [285, с. 94].

Баъдан, Арғун Оғо, ки ҳокими Хуросон таъин шуда буд, муаррих Атомалик ал-Ҷувайнӣ ва бародараш Шамсуддин Муҳаммад, вазири оянда (соҳибдевон)-ро ба ҳайси ходими сулолаи дигар – илхониён ба кор гирифт. Ҳамаи ҳокимони муғулҳо дар итоати хеш сарбозонро доштанд, ки қудрати онҳоро нигоҳ медоштанд. Муғулҳо бо мақсади беҳтар назорат кардани давлатҳои ниммухтори худ низоми дугонаи маъмуриро таъсис доданд, ки аз ҳисоби мутахассисони маҳаллӣ ва муғул ва ё ақаллан, ғайримаҳаллӣ интихоб мешуданд.

Аз ҷониби дигар, зӯроварӣ ва харобкорие, ки дар натиҷаи истилои муғулҳо ба ин сарзаминҳо давом меёфт, ончунон ҳавлнок буд, ки баъдтар муаррихони мусулмон онро фоҷиаи мудҳиш номида буданд. Баъди суқути хоразмшоҳиён дар Эрон муғулҳо дар ин кишвар бо сарварии Ҳулоку, ки бештар бо номи ҳокимияти илхониён маъруф аст, таъсис доданд. Қоидаю қонунҳои ин ҳокимият дар ниҳояти кор бо тағйироти аҷиби иҷтимоӣ дар таърихи Эрон ва тамаддуни исломӣ анҷом гирифт. Дар байни ду насл муғулҳои илхонӣ исломро пазируфтанд ва боз ҳам дар таърихи он маҳлулшавии одамони ғолиб дар фарҳанги одамони мағлуб сурат гирифт. Одамоне, ки дар ибтидо ба заминҳои эронзамин ва кишварҳои дигари исломӣ бо нақшаи муттаҳидшавӣ бо салибдорон бар зидди мусулмонон бо ҷангу зӯроварӣ омада, сабабгори суқути хилофати Аббосиён гардида буданд, дар ниҳояти кор, ҳамчун

мусулмонон ба ҳимояи ин сарзамин бархостанд. Пас аз ин рӯйдодҳо, стратегияи ибтидоии муғулҳо бо салибдорон барои мағлуб кардани мусулмонон ба стратегияи савдо ва тиҷорат барои ҳамкорӣ бо Шарқ ва Ғарб иваз карда шуд. «Муғулҳои мусулмон, бо мақсади ҷуброни хисорот, хунрезӣ ва тахрибҳое, ки ба фарҳанги ин мардум расонида буданд» [239, с. 536], дар ҳамин давра, бори аввал ба рушди илмҳои гуногун, аз қабили тиб, астрономия ва риёзиёт дар баробари таърихнигорӣ ва ҳунарҳои зебо мусоидат намуданд.

Ҳамин тавр, дар давраи халифаҳои Аббосиён ва султонҳои муғулҳо дар Ховари Наздик ва Миёна, аз ҷумла, дар Осиёи Марказӣ, як силсила олимону мутафаккирони бузург дар арсаи таърих падид омаданд, ки ҳар кадом дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузургу фаромӯшнопазир гузоштаанд. Дар натиҷаи синтези фарҳангҳои бостонӣ бо ислом, ки дар он давра ба амал омада буд, як фарҳанги басо ғании арабизабон аз ҷониби халқиятҳои гуногун, махсусан эронитаборон, ташаккул ёфт, ки яке аз муҳимтарин қисмати он афкори фалсафӣ-иҷтимоӣ мебошад. Дар ин раванд, намояндагони халқиятҳои гуногун – Ибни Муқаффаъ (724-759), Муҳаммад Мусои Хоразмӣ (783-850), ал-Киндӣ (801-873), Ибни Ровандӣ (827-911), Абубакри Розӣ (865-925), Абунасри Форобӣ (870-950), Мискавайҳ (932-1030), Абурайҳони Берунӣ (973-1048), Ибни Сино (980-1037), Ибни Туфайл (1110-1185), Ибни Рушд (1126-1198), Насируддини Тусӣ (1201-1274) ва даҳҳо олимони бузурги дигар саҳми бузург доштанд. Фарҳанги пешқадами асримиёнагии Шарқ, ки дар асрҳои VIII-XII дар осори ҳамин мутафаккирону олимон ташаккул ёфта буд, чунин хусусиятҳои барҷастаро доро мебошад: «Майлу рағбат ба илму маориф; истифодаи васеи арзишҳои фарҳангии давраи қадим (махсусан, илму фарҳанги юнонӣ); эҳёи арзишҳо ва дастоварҳои фарҳангии Ҳинди қадим, Юнони Қадим, Эрони бостон ва бо арзишҳои исломӣ ҳамоҳангсозии онҳо; истифодаи усулҳои маърифати ақлгароӣ (ратсионализм) дар

омӯзиши табиат; пазируфтани ақл ба ҳайси маҳак ё меъёри ҳақиқати айнӣ; гуманизм; таваҷҷуҳ ба сарфу наҳв ва илмҳои забоншиносӣ, мантиқ, илми балоғат ва аруз; таснифи илмҳо ва танзиму ташаккули донишҳои куллӣ ва доиратулмаорифӣ; тасвири хаёлии давлати ормонии адолатбунёд; ғояи саодати умумибашарӣ ва ғайра» [201, с. 10].

Дар байни ин олимону мутафаккирони барҷаста нақши Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар рушду густариши ин фарҳанг хеле назаррас аст. Шарҳи мухтасари авзои сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии даврaҳои пайдоиш ва рушди ислом то ба асрҳои IX-XII, яъне замони фаъолияти ин ду мутафаккир ва ғайри онҳо, хусусияти умумӣ дошт, ки дар баробари он, заминаҳои ташаккули ақоиди фалсафӣ ва илмии онҳо вижагиҳои хосаро доро буда, метавон қайд намуд, ки муҳити фарҳангӣ-иҷтимоии Форобӣ аз муҳити Насируддини Тусӣ тафовутҳои зиёд дошт.

Дар маълумотномаҳо ва таҳқиқоти илмӣ доир ба давраи кӯдакию наврасӣ, таълиму тарбияи Абунасри Форобӣ маълумоти зиёд вуҷуд надорад ва барои ҳамин, дар ҳолатҳои зиёд ба далелҳои носанҷида ва ғайрисаҳҳеҳ аз рӯйи зарурат қаноат кардан мумкин аст. Аммо аксарияти муҳаққиқон тасдиқ кардаанд, ки бо сабабҳои номаълум (баъзеҳо онро саёҳат номидаанд) Форобӣ ба Бағдод, ки дар ин вақт маркази бузурги фарҳангӣ буд, мекӯчад. Аз ҷумла, мураттибони китоби «Философские трактаты» («Рисолаҳои фалсафӣ») дар сарсухани он навиштаанд, ки Форобӣ «солҳои зиёди умри худро дар Бағдод, ки маркази сиёсӣ ва фарҳангии хилофати араб буд, сипарӣ кардааст. Вай дар ин ҷо дониши худро ҳаматарафа пурра карда, бо олимони намоён робита пайдо мекунад ва ба шарофати дониш, қувваи тафаккур ва бузургии хосиятҳои ботиниаш дар байни онҳо ба зудӣ мақоми пешбарро ишғол мекунад. Аммо дар байни илоҳиётшиносон нисбат ба ӯ душмании шахсӣ, ҳасад ва умуман, мухолифат ба тамоми низоми афкораш тақвият меёбад, зеро ҷаҳонбинии ӯ ба шинохти ашёи воқеӣ ва ҷустуҷӯйи бахту саодати

одамон дар ҳаёти заминӣ ва на дар олами дигар нигаронида шуда буд» [9, с. XLIX].

Ин дар замони ҳокимиятдории халифа Муқтадир (908-932) буд ва Форобӣ ба омӯзиши бахшҳои гуногуни илм ва забонҳо шуруъ мекунад. Маълум аст, ки ӯ тиб, мантиқ ва забони юнониро низ омӯхтааст ва ба ин комёбиҳои ӯ бевосита худи муҳити Бағдод мусоидат мекард. Дар ин ҷо мактаби машҳури тарҷумонҳо фаъолият дошт, ки онҳо асарҳои Афлотун, Арасту, Гален, Евклид ва дигаронро тарҷума ва шарҳ додаанд. Дере нагузашта Форобӣ олими машҳури на танҳо соҳаи фалсафа, балки донандаи тамоми илмҳои замонаш ба ҳисоб рафта, дар тарҷума ва таҳқиқи осори донишмандони юнонӣ, махсусан Арасту, саҳми бесобиқа гузоштааст.

Форобӣ дар замони Аббосиён зиндагӣ мекард, ки салтанати онҳо ба далели мушкилоти зиёде, ки ҳам дар дохил ва ҳам дар беруни ҳудуди хилофат бо онҳо авҷ мегирифт, ба фурӯпошӣ майл дошт. Аз ин рӯ, қудрати марказии Бағдод заиф гардида, наметавонист ин қудрати худро ба ҷомеа таҳмил созад. Аз ин сабаб, вай барои сардорони қабилаҳо ва ҷанговарони мамлукҳо, туркҳо, салҷуқҳо ва дайламҳо имконият фароҳам овард, ки назорат ва роҳбарии хилофати Аббосиёнро батадриҷ ба дасташон бигиранд. Масалан, Аббосиён барои форсҳо, ба ақидаи С.А. Нефедов чунин имтиёзҳоро дар давлатдориашон иҷозат дода буданд: «Бо вуҷуди ин, Аббосиён гузашт карданро зарур дониста, намояндагони ашрофи пешинаи форсҳоро ба ҳокимиятдорӣ иҷозат доданд... Холид ибни Бармак, ки ҳамрадифи Абумуслим маҳсуб меёфт, аввалин мушовири халифа Мансур буд. Писари ӯ, Яҳё ибни Холид, баъдтар, вазири Ҳорунаррашид гардида, намояндагони дигари хонадони Бармакиён низ мансабҳои муҳимро соҳиб шуданд. Ҳукмронии Бармакиҳо боиси барқарор гаштани суннатҳои сосонӣ дар ҷараёни синтези иҷтимоӣ гардид. Девонҳо ташкил шуда, вазифаи вазир барқарор

гардид, почта аз нав ба кор оғоз кард, ки ба ғайр аз иҷрои вазифаҳои асосии он, ҳамчун «чашму гӯш»-и халифаҳо маҳсуб меёфт» [133, с. 312].

Давлати муқтадир ба давлатҳои кӯчак тақсим шуда, танзими сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо аз хилофат сарчашма мегирифт. Дар мавриди ҳаёти иҷтимоӣ бошад, қобили тазаккур аст, ки фасоду касоде, ки ҳаёти сиёсиро фаро гирифта буд, ба ҳаёти иҷтимоӣ низ таъсир намуда, ба таври васеъ бозори ғуломфурӯшӣ густарда гардид. Заъфи эътиқоди динӣ барои дар байни мазҳабҳои гуногун ба вуҷуд омадани низоъҳо мусоидат мекард. Одамон аз рӯйи аломати сарватмандӣ ба табақаҳо ҷудо мешуданд. Меъёрҳои ахлоқӣ аз байн рафта, дар байни ҳокимиятдорон барои тақсими мансабҳо ришвагирӣ авҷ гирифта буд. Бо ин ҳама, Форобӣ дар Бағдод ба доираи илмии он ворид гардида, дар он ҷо ба омӯзиши забони арабӣ машғул шуд. Мутафаккир ба зудӣ бо тарҷумонҳо ва мантиқшиносони барҷастаи замони худ Абубишр ибни Матто ва Юҳанно ибни Ҳайлон, ки китобҳои Гален, Арасту, Афлотун, раввоқиён ва софистҳо тарҷума мекарданд, шиносоӣ пайдо карда, аз онҳо илми мантиқро омӯхтааст. Дар байни онҳо асарҳои мантиқии файласуфони Юнони бостон низ буданд, ки ба қавли Е.А. Фролова «... тарҷумаҳои осори мантиқӣ нисбат ба тарҷумаи асарҳои ахлоқӣ ва метафизикӣ бо нусхаи аслӣ бештар мувофиқат мекарданд. Осори ахлоқӣ ва метафизикӣ, дар маҷмуъ, дар шакли мувофиқ тарҷума нашудаанд. Ин, масалан, ба «Метафизика» ва рисола «Дар бораи нафс»-и Арасту дахл дорад. Муколамаҳои Афлотун ҳеҷ гоҳ пурра ба забони суриёнӣ пайдо нашудаанд. Истисно танҳо як муколамае аст, ки бо дархости Хусрав ба паҳлавӣ тарҷума шудааст» [196, с. 20].

Форобӣ, тибқи маълумоти аксари муҳаққиқон, инчунин, ба шаҳри Ҳаррон, ки дар он ҷо олимони мисрии масеҳиасл иқомат мекарданд, сафар намуда, солҳои охири ҳаёташро дар назди ҳоким Сайфуддавла, ки

нисбат ба Форобӣ эҳтироми бузург дошт, гузаронида, моҳи раҷаби соли 950 м. дар шаҳри Ҳалаб – шимоли Димишқ вафот мекунад.

Бояд гуфт, ки аз ӯ сарвати ғанӣ ва муҳимми илмӣ ба мерос мондааст, ки ба ҷуз аз тафсираш бар мутафаккирони баъдӣ, нуфузашон барои пажуҳишҳои зиёде дар арсаҳои мухталиф ба ҳадди хеле бузург аст. Саҳми Форобӣ дар таҳқиқи мантиқ махсус аст. Дар ин бора, яке аз муҳаққиқони маъруфи осор ва афкори ин мутафаккир, профессори амрикоӣ М. Фахрӣ, қайд кардааст, ки нахустин зиндагиноманависи Форобӣ, Саид ибни Андалусӣ (ваф. 1070), дар бораи саҳми Форобӣ дар мантиқ ба таври фасеҳ ва равшан сухан меронад. Тибқи маълумоти ӯ, Форобӣ ҳангоми омӯзиши мантиқ дар назди Юҳанно ибни Ҳайлон ба зудӣ «дар ин соҳа аз тамоми мутафаккирони мусулмон пеш гузашт...» ва қисматҳои норавшани ин илмро шарҳ дода, асрори онро «дар китобҳое ошкор кард, ки дар баён ва ташбеҳ солим буданд ва таваҷҷуҳро ба он чизе, ки ал-Киндӣ ва дигарон дар бахши таҳлил ва услуби таълим нодида гирифта буданд, ҷалб намуд» [341, с. 6].

Маҳз, ҳамин гуна заҳматҳои Форобӣ буданд, ки барои таълифи асарҳои маъруфи ӯ дар соҳаи фалсафа ва мантиқ «Китоб-ул-қиёс», «Китоб-ул-ҳуруф», «Ҷамъ байна раъй ал-ҳакимайн Афлотун ва Арастутолис», «Ар-рисола фӣ моҳият ал-ақл», «Аҷуба ан масоил фалсафийа», «Аъроз Арастутолис фӣ китоби «Мо баъд ат-табиъа»», «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила», «Фусус-ул-ҳикам», «Ас-сиёсат-ул-мадина», «Эҳсо-ул-улум», «Ал-алфоз ал-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» ва ғайра замина гузоштаанд. Ҳамин тариқ, Форобӣ яке аз аввалин мутафаккирони исломӣ буд, ки ба таҳқиқи илми мантиқ дар мактабҳои масеҳиёну яҳудиён (якобитҳо)-и Сурия ва Ироқ машғул гардида, бо чаҳор рисолаи аввали мантиқӣ, яъне «Исоғуҷӣ»-и Порфирий, «Мақулот», «Тафсир» ва «Аналитикаи аввал»-и Арасту ошноӣ пайдо

мекунад, ки онҳо дар маъхазҳои арабӣ бо номи «Китоб-ул-қиёс» маълуманд.

Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии даврае, ки дар он ҳаёт ва фаъолияти Насируддини Тусӣ сипарӣ гаштааст, қариб чаҳор аср пас аз ҳаёту фаъолияти Форобӣ сурат гирифта буд ва аз ин ҷост, ки комилан, аз вазъи зиндагии ӯ тафовут дорад. Қабл аз ҳама, Насируддини Тусӣ дар муқоиса бо Форобӣ барои таҳсили илм ба кишварҳои дигар ҳиҷрат накарда буд, зеро Тус – зодгоҳи ӯ яке аз доираҳои фарҳангии Эрони онрӯза маҳсуб мешуд. Ба ғайр аз ин, ӯ дар ибтидои асре ба дунё омада буд, ки андешаҳои шарқиёна аллакай дар ҳудуди ниҳоят васеъ, аз Андалусияи Испания дар Ғарб ва дар Шарқ то ба Чин паҳн гашта буд. Он замоне буд, ки қудрати бузурги низомии муғулҳо дар манотиқи васеи ҷаҳони Шарқ, бо нишон додани адовати ашаддӣ нисбат ба мардуми таҳҷоӣ ва бераҳмона сарнагун кардани онҳо, равона шуда буд. Ҳарчанд дар даврaҳои баъдтар дар он ҷо, барои донишмандон, нисбатан ҳаёти оромтар фароҳам шуд. Аммо то ин дам, Насируддин дар Тус, дар назди падараш, ки фақеҳ буд, донишҳои фиқҳӣ гирифта, дар назди амакаш илмҳои мантиқ, физика ва метафизикаро таълим мегирад, ки дар рушди зеҳнии ӯ таъсири муҳим гузоштанд. Баъдтар, аз донишмандони дигар риёзиёт, бахусус, алгебра ва геометрияро меомӯзад. Соли 1214 ҳангоме ки Насируддини Тусӣ 13-сола буд, Чингизхон ҳамчун сарвари муғулҳо истилогариҳояшро аз ҷониби Чин ба итмом расонида, самти ҳуҷумҳои босуръати ғоратгаронаашро дигар кард: «Чингизхон дар Чин муваффақияти ҳалкунанда ба даст оварда, қуввaҳои асосии ҳарбии худро ба Туркистони Шарқӣ ва Ҳафтрӯд равона карда, соли 1218 он ҷойҳоро забт намуд. Соли 1219 ба давлати Хоразмшоҳиён, ки Осиёи Миёна ва қариб тамоми Эронро дар бар мегирифт, ҳуҷум кард. Фатҳи ноҳияҳои фарҳангӣ, ба ихтиёри муғулҳо захираҳои калони моддӣ ва техникаи мукаммалтарини ҳарбиро вогузошт» [137, с. 178].

Дере нагузашта, Насируддини Тусӣ таъсири ин истилогариҳоро дар ватанаш эҳсос карда, аз Тус ба Нишопур рафт. Нишопур ба Тусӣ барои идомаи таҳсилаш интихоби хуб буд, зеро он ҳамчун маркази муҳимми фарҳангӣ маъруфият дошт. Дар он ҷо ӯ фалсафа, тиб ва риёзиётро пурра омӯхта, муҳаққиқи оламшумул гардид.

Ҳуҷуми муғулҳо тақрибан соли 1220 то ба минтақаи Тус расид ва харобиҳои зиёд ба бор овард. Чингизхони лашкаркаш писарони худро дар Ғарб гузошта, таваҷҷуҳи худро дубора ба тарафи Шарқ равона кард, то забткориҳояшро идома диҳад. Дар ҷангҳои доимии муғулҳо ҳоло ҳам баъзе минтақаҳо ҳамчун паноҳгоҳҳои осоишта вуҷуд доштанд, ки таваҷҷуҳи Насируддини Тусиро ба худ ҷалб карданд. Аз миёни онҳо ӯ қалъаи Аламутро интихоб намуд. Ҳокими қалъаи Аламут Носириддин Муҳташам ӯро хуш пазируфта, ба хидмати дарбораш даъват кард. Ӯ таклифи шоҳро қабул кард ва дар он ҷо беҳтарин осори хешро, ки ба мантиқ, фалсафа, риёзиёт ва ситорашиносӣ бахшида шуда буданд, таълиф намуд. Дар соли 1256 ҳангоме ки Насируддини Тусӣ дар қалъаи Аламут ҳаёт ва фаъолият дошт, роҳбари муғулҳо Ҳулоку – набераи Чингизхон, ки дар он замон ба густариши қудрати муғул дар манотиқи исломӣ машғул буд, ба ин қалъа ҳамла кард. Бархе иддао мекунанд, ки Насируддини Тусӣ, дар дифои Аламут, ба нафъи муғулҳои истилогар хиёнат кардааст. Натиҷа ин шуд, ки неруҳои Ҳулоку Аламутро хароб карданд ва азбаски худи Ҳулоку гӯё ба илм шавқ доштааст, ба Тусӣ бо эҳтироми зиёд муносибат мекард. Шояд, дар ҳақиқат, ӯ эҳсос мекард, ки дар пайвастан ба муғулҳои ғолиб иштибоҳ накарда буд ва баъдтар, муғулҳо ӯро ба унвони мушовири илмии худ таъин карданд. Ӯ ҳангоми ҳамла ба Бағдод дар соли 1258 бо неруҳои муғул, таҳти фармони Ҳулоку ҳамроҳӣ мекард. «Ал-Мустаъсим, охирин халифаи Аббосиён дар Бағдод, пешвои заиф буд ва ҳангоми ҳамла ба неруҳои муғули Ҳулоку тақрибан муқовимате накард. Пас аз муҳосира кардани шаҳр, моҳи феврали соли

1258 муғулҳо вориди он гашта, ал-Мустаъсимро бо амалдоронаш ба қатл расонида, шаҳрро ғорат намуда, оташ заданд ва бисёре аз сокинони онро низ ба қатл расониданд» [137, с. 86]. Аҳволи мардуми таҳҷоӣ рӯз ба рӯз вазнинтар мегашт: «Вазнинии истисмори аҳолӣ аз ҳисоби васеъ истифода бурдани судхӯрӣ, ки дар маркази он меъёрҳои муқаррарнамудаи хону шоҳзодаҳои муғулҳо қарор дошт, меафзуд. Онҳо бо майли тамом бо тоҷирон ва судхӯрон шарик шуда, ба онҳо пул қарз медоданд ва дар амалиёти тиҷоратӣ ва рибохӯрӣ ҳамроҳ гардиданд. Тоҷирон – уртоққҳои соҳиби имтиёзҳо, ки аз ҷониби ашрофони муғул парастории мешуданд, барои иҷрои корҳои тиҷоратиашон сафар карда, дар баробари сафирон ва фиристодагони давлатӣ аз аҳолӣ ғизо, ему хошок ва воситаҳои нақлиётро талаб мекарданд. Аҳолӣ тамоми андозҳо, хироҷҳо, қарзҳои ба онҳо таҳмилшударо супорида натавониста, маҷбур мешуд, ки ба судхӯрҳо мурочиат кунад ва ба осонӣ ба банди қарзҳо гирифтор шавад» [137, с. 199].

Бо ин ҳама, раванди мутобиқшавии муғулҳо ба муҳити нави фарҳангӣ шуруъ гардид, ки дар он Насируддини Тусӣ ҳамчун мушовири эронии муғулҳо аз тариқи ба кор бурдани стратегияи «сиёсати ахлоқӣ» дар ин раванд нақши асосӣ бозидааст. Дар ин давра, Насируддини Тусӣ бо ҳар роҳу восита кӯшиш ба харҷ медод, то ки он афроди ваҳшии муғултаборро на дар роҳи харобкорию истилогарӣ, балки барои ислоҳи ҷомеа ва фарҳанг тарбия кунад. Ҳангоме ки ба доираи муғулҳо наздикӣ пайдо кард, ӯ ҳамчун нуҷумшинос тавонист расадхонаи Мароғаро таъсис дода, ниёзҳои муғулҳоро ба илму дониш, бахусус, ситорашиносӣ бештар таъмин намояд. Инчунин, Насируддини Тусӣ, боварии муғулҳоро ба даст оварда, тавонист шумораи зиёди одамон ва олимонро аз куштор наҷот диҳад ва барои ҷамъоварӣ, ҳифз ва ҳимояи асарҳои илмӣ талош намояд. Инқилоби фикрӣ ва фарҳангие, ки ин мутафаккир ба вуҷуд овард, на танҳо қодир буд, ки афкори одамони зиёдро тағйир

диҳад, балки бо мусулмон шудани ҳокими муғул, пас аз Ҳулоку, имконият фароҳам овард, ки дигарон ба заковати ӯ боварӣ намуда, ба ӯ пайравӣ кунанд.

Насируддини Тусӣ хуб медонист, ки бо ба даст овардани боварии муғулҳо тавассути неруи афкор ва илм мушкилиҳои зиёдеро паси сар кардан мумкин аст. Муҳаққиқи озарии осори Насируддини Тусӣ дар ин бора чунин навиштааст: «Тусӣ, ки ақлу заковати фавқулода дошт, бо тамоми умури муҳимтарини давлатӣ сарукор дошт, маслиҳатҳои ҳакимонаи ӯ ҳамеша ба таври самарабахш аз афкори намояндагони дигари ашроф, ки дар муҳити тахти шоҳӣ қарор доштанд, фарқ мекард. Дар ҳолатҳои мураккабтарин, ҳокимон боҷуръатона ба маслиҳатҳои ӯ истинод меварзиданд ва пуштибонии маънавии ин олимро эҳсос менамуданд» [81, с. 122]. Аммо хизмати бузургтарини Насируддини Тусӣ дар он ифода меёбад, ки ӯ «дар замони ҳукмронии муғулҳо ба онҳо таъсири калон расонда, тавонист, ки ҷидду ҷаҳди зиёиёнро барои ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои илмию фалсафӣ ва иҷтимоӣ равона созад. Ӯ худро ҳамчун мураббии боистеъдод дар доираи бузурги олимони машҳур нишон дод. Вай тавассути фаъолияти фардии илмӣ-амалӣ нишон дода тавонист, ки илм ва фалсафа дар дигаргунсозии ҳаёти одамон, агар онҳо ба ҷараёни асосии ҳаёти иҷтимоӣ равона карда шаванд, чӣ гуна нақши бориз доранд» [104, с. 657].

Бо паймудани заҳматҳои пайваста дар байни омму хос ва ҳарбиёни худхоҳ Насируддини Тусӣ ба ранҷ омада, дар замони подшоҳии Абакахон, вориси Ҳулоку дар Бағдод соли 1274 дар синни 73 аз олам даргузашт. Ӯ яке аз сермаҳсултарин муаллифони асримиёнагӣ ба ҳисоб рафта, беш аз 150 асар (ба истиснои ашъори ӯ) ба форсӣ ва арабӣ навиштааст. Ӯ ҳам дар мавзуъҳои динӣ ва ҳам дунявӣ асарҳо таълиф кардааст, ки ба илмҳои нуҷум, физика, риёзӣ, тафсири фалсафа ва

мантиқи мутафаккирони атиқа, улуми динӣ (фиқҳ), ахлоқ ва ғайра бахшида шудаанд.

Дар соҳаи омӯзиши масоили мантиқ, ӯ асосан, ба таълимоти Арасту Форобӣ ва Ибни Сино пайравӣ мекард. Насируддини Тусӣ аз лиҳози робитаҳои таърихӣ бо таҳияи китоби «Асос-ул-иқтибос» як мантиқшиноси бузург ба ҳисоб меравад. Ӯ китоби «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Синоро таҳлилу таҳқиқ намуда, дар заминаи он «Шарҳ-ул-ишорот»-ро таҳия намудааст. Аз ҷумлаи осори дигари Насируддини Тусӣ «Таҷрид-ул-мантиқ», «Талхис-ул-муҳассал», «Ахлоқи Носирӣ», «Равзаи таслим», «Таъдил-ул-меъёр фӣ нақд танзил ал-афкор», «Мақулоти ашара», «Меъёр-ул-ашъор» ва ғайра мебошанд.

Аз ин таҳлилҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асрҳои миёнаи Шарқи исломӣ, ки дар он давра Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ барои рушди тафаккури фалсафӣ-мантиқии онҳо заминаҳои гуногуну мухталиф ва мусоидро ба вуҷуд оварданд, ҳамчунин, барои ба вуҷуд овардани чунин шахсиятҳо, чуноне ки К. Беков ҷойгоҳи ин сарзамини тамаддунофарро арзишманд медонад, хеле бориз аст: «Осиёи Миёнаву Эрони бостон дар эҷоди ҷаҳонбинӣ ва маънавияти ботинӣ саҳми босазое дошта, ки ҳомилони онро ба тавҳиди ишроқӣ расонида, пайваста бо ахлоқи ҳамидаи худ нақши ғайри қобили инкоре дар тамаддуни башарӣ доштааст» [381, с. 28].

Ҳамин тавр, қобили таъкид ва ҷамъбаст кардан аст, ки қабл аз ҳама, шароитҳои нисбатан ҳамгуни таърихӣ-иҷтимоӣ ва илмӣ-фарҳангӣ дар ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии мутафаккирони мавриди муқоиса таъсир расонидаанд. Давраи ҳаёту фаъолияти Форобӣ ба асрҳои аввали пайдоиш ва рушди дини ислом, аниқтараш ба давраи ҳукмронии Аббосиён рост меомад, дар ҳоле ки Насируддини Тусӣ дар давраи истилои кишвараш аз ҷониби муғулҳои кӯчӣ умр ба сар бурда, фаъолият

менамуд. Аббосиён барои интишори ислом ва муғулҳо барои ба даст овардани молу сарвати зиёд ба тороҷу ғоратгарии мардуми кишварҳо даст зада буданд. Умумияти ин ду давра, аз нигоҳи вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ, дар он буд, ки ҳокимони давр ҳадафи тахрибкории кишварҳои мавриди ғасби худ ва аз байн бурдани фарҳанги моддию маънавии халқҳои муқими онро доштанд. Баъдтар, барои нигоҳ доштани ҳокимияташон дар рушди илмҳои гуногун гузашт намуда, шароити нисбатан заруриро муҳайё сохтанд. Яке аз омилҳои муҳимми ташаккули афкори фалсафии ин ду мутафаккир – нуфуз ва эътибори мантиқи арастуӣ дар илм ва тафаккури донишмандони исломӣ мебошад. Агар дар давраи Форобӣ рушди илму маърифат авҷ мегирифт, дар замони Насируддини Тусӣ ба тадриҷ нуфузи илму маърифат дар ҷомеа ба нузул ва пастӣ мефаромад, гарчи илмҳои алоҳида, монанди риёзиёт, нуҷумшиносӣ, фалсафаю мантиқ ва ғайра ҳанӯз ҳам дар ҳоли рушд қарор доштанд.

1.2. Нақши фалсафаи Юнони қадим дар рушди андешаи мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Масъалаи таҳлили таъсири афкори фалсафии Юнони бостон ба рӯшанфикрии асрҳои миёнаи шарқӣ аз масоили муҳимме ба ҳисоб меравад, ки нисбати он донишмандони зиёде мубодилаи афкор ва таҳияи назарияву консепсияҳои ҷолибро ба сомон расонидаанд. Таҳқиқи афкори фалсафӣ-мантиқии файласуфони барҷаста чун Афлотун ва Арасту, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ аз осори эшон на ҳамчун пайравони тақлидгаро, балки ҳамчун мунаққидону муҷаддидони афкори юнонӣ амал кардаанд, имкон медиҳад, ки ба паҳлуҳои зиёди то ҳол ба таври кофӣ омӯхтанашудаи масъалаи таъсирварзии фалсафаи шарқӣ аз Юнони бостон ва баръакс равшанӣ ва муайянӣ ворид карда шавад. Муносибати интиқодӣ ва таҳлилии мутафаккирони шарқӣ ба осори юнонӣ ва нақши онҳо дар эҳёи мантиқу фалсафа сабаб шудааст, ки

тавассути он илми Юнон аз нестшавӣ наҷот ёфта, ба фалсафаи Машриқзамин рангу мазмуни тоза бахшад ва бо либоси маънавии нав ба рушди афкори фалсафаи ҷаҳонӣ таъсиргузор гардад.

Боиси таъкид аст, ки назари муҳаққиқон нисбат ба ин масъала ҳамгун нест. Баъзе муҳаққиқон ва муаррихони фалсафа бар он назаранд, ки фалсафа дар Шарқ вуҷуд надорад ва тахмин мезананд, ки файласуфони шарқӣ танҳо ақидаҳо ва андешаҳои Афлотун ва Арастуро, аксаран, дар шакли таҳрифшуда, аз тариқи тарҷумаҳои нодурусти арабӣ омӯхтаанд. Албатта, ҳеҷ кас инкор намекунад, ки осори мантиқӣ ва фалсафии мутафаккирони Юнони бостон бунёди афкори фалсафиро дар сарзамини Шарқ ташаккул додаанд ва ин файласуфон аз тарҷумаҳои осори фалсафии юнонӣ маншаъ гирифтаанд. Аммо, дар баробари ин, файласуфони Машриқзамин, ки дар гаҳвораи афкори пешазисломӣ ва исломӣ тарбия ёфтаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ пайравони мустақими афкори файласуфони Юнон, хусусан, Арасту набудаанд ва ғояҳои мантиқию фалсафии онҳоро бидуни санҷиш дар мизони интиқод ба таври яклухт таблиғ накардаанд.

Дар робита ба ин масъала, файласуфи шинохта – Иқболи Лоҳурӣ, чунин менависад: «Мутарҷимони фалсафаи юнонӣ бар асари бедиққатӣ тӯдаи азиме аз аботил (жожҳоӣ) гирд оварда, бо ин аботил роҳи шинохти фалсафаи Юнонро бар ҳакимони исломӣ сад(д) карда буданд. Аз ин рӯ, ҳакимон ба ҳукми зарурат фалсафаи Афлотун ва Арастуро бозандешӣ ва бозсозӣ карданд. Аз ин ҷост, ки ҳеҷ як шуруҳи онон ба афкори юнонӣ шарҳи тавзеҳӣ нест, балки шарҳи интиқодӣ ва ибтикорӣ аст» [270, с. 40].

Ба эътирофи бисёр муҳаққиқони таърихи фалсафа, аз замоне ки афкори фалсафии юнонӣ ба дасти файласуфони назарсанҷу суханшинос ва жарфнигари Шарқ қарор гирифт, нуфузи ин раванд ба маротиб афзоиш ёфт ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Яке аз хизматҳои бузурги ҳамин мутафаккирон ин аст, ки онҳо фалсафаи юнониро тавассути

шарҳу тафсир ва таҳлили интиқодии он дар асарҳои худ эҳё ва инъикос намуда, бо ин восита, онро аз вартаи фаромӯшӣ ва нобудшавӣ наҷот доданд. Мутафаккирони баъдии асримиёнагии масеҳӣ, тавассути осори Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон, тавонистанд дар бораи фалсафаи Юнон, махсусан, Афлотун ва Арасту, маълумоти бештар касб кунанд. Е. Фролова дар ин бора менависад: «Бо ин ҳама, фарҳанги атиқа як ҷузъи фарҳанги ислом буд, аммо он аллакай ҳамчун як чизи пурракунандаи он, ҳамчун зерфарҳанге маънӣ мегирад, ки фарҳанги асосӣ ва бунёдиро муайян накунад ҳам, ба он таъсир расонида, ба намояндагони алоҳида поясутун, заминаи назарӣ барои хориҷ шудан ва ё инҳироф аз он ва ишғоли мавқеи махсус ато менамуд... Вай онҳоро бо таълимоти арастуӣ дар бораи ақл ва мантиқ мусаллаҳ кард. Вай ба файласуфон, ки танҳо номаш аз онҳо ҳамчун пазирандагони ҳикмати атиқа дарак медиҳад, таъсир расонидааст» [196, с. 22].

Дар асрҳои миёна пас аз Арасту, ки ҳамчун Муаллими аввал эътироф шудааст, Абунасри Форобиро бинобар тарҷума, шарҳу таълифоташ Муаллими сонӣ меномиданд. Далели ин гуфтаҳо дар он аст, ки маҳз Форобӣ тавонист тамоми зовияҳои афкори фалсафии Муаллими аввалро дарк карда, бо шарҳу тафсири афкори ӯ қаноат накарда, дар таркиботи афкори фалсафӣ навовариҳоро ворид кунад. Дар партави андешаҳои худ, мутафаккирони шарқӣ, бо нигоҳ доштани усулҳо ва асосҳои ақлонӣ ва амалӣ, ба омӯзиши тафаккури гуногун пардохта, онро дар мизони ақл санҷиданд ва тавонистанд ба хубӣ аз дарк ва шинохти андешаҳои мухталифу мубҳам бароянд. Ҳамин омил сабаб шудааст, ки онҳо дар бисёр мавридҳо ақидаҳои олимони юнонро аз нуқтаи назари интиқодӣ баррасӣ кунанд, онҳоро ислоҳ созанд ё инкор намоянд. Ин равишест, ки бо таҳқиқи осори фалсафии ҳар кадоме аз бузургони фалсафаи исломӣ, хусусан, намояндагони мактаби машшоия ба таври возеҳ собит мешавад. Ҳамчунин, тавре зикр шуд, фалсафаи юнонӣ,

асосан, пас аз вуруд ба ҷаҳони ислом дар осори файласуфони мусулмон инъикос ёфта, маҳз, ба воситаи асарҳои онҳо, дар асрҳои миёна, ба файласуфони ғарбӣ расидааст. Шарҳу тафсирҳое, ки Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ ба осори Афлотуну Арасту навиштаанд, ба файласуфони масеҳӣ барои фаҳмидани фалсафаи юнонӣ ёрии зиёд расонидааст. Ба таври умум бошад, чуноне ки шарқшиносони маъруф И.М. Филштинский ва Б.Я. Шидфар қайд намудаанд, «...фалсафаи арабӣ (онҳо фалсафаи асримиёнагии мутафаккирони мусулмонро чунин ном монда буданд – С.Б.), дар байни тарҷумонҳо ва муфассирони осори файласуфони юнонӣ, ки истилоҳоти илмӣ ва фалсафии арабиро таҳия карда буданд, пайдо шудааст, ки баъдан, олимон ва файласуфон онҳоро дар навиштаҳои худ фаровон истифода кардаанд» [194, с. 165].

Ба ин масъала мутафаккирони Машриқзамин Ҳ. Фохурӣ ва Ҷ. Халил мунсифона тавуҷҷуҳ намуда, дар барои тафаккури фалсафии эрониёни бостон андешаи худро чунин иброз доштаанд: «Аз миёни миллатҳои қадим, эрониён пеш аз миллатҳои дигар дар тамаддуни ғарбӣ таъсиргузор будаанд. Онҳо доманаи ҳокимияти худро то Миср низ густариш додаанд. Муҳимтар аз ҳама, империяи Мақдунӣ, ки дар муқобили Эрон ҳамла кард, пас аз ғалаба пешвои онҳо – Искандар натавонист тамаддун ва фарҳанги юнониро аз рӯйи табъи худ бар эронитаборон таҳмил созад» [320, с. 71].

Аз ҷониби дигар, рушди тафаккур ва илм дар байни мутафаккирон ва олимони мусулмон ба ҷойе расид, ки забони арабӣ ҳамчун забони таълим ва илм шинохта шуд ва ҳамон мақомеро соҳиб шуд, ки забони лотинӣ дар Аврупо касб карда буд. Гарчанде ки асарҳои мутафаккирони атиқаи юнонӣ ба форсӣ-тоҷикӣ тарҷума нашуда буданд, аммо ин маънои онро надорад, ки забони арабӣ забонҳои дигар, хусусан, забони форсӣ-тоҷикиро аз доираи илмӣ берун карда тавонист. Ин талош дар ҳамаи илмҳо, бавижа, дар фалсафа, ба авҷи худ расид, ки онро баъдан, ҳатто,

шарқшиносон бо истилоҳҳои муносиб эътироф карданд. Дарахти қадимӣ ва мустаҳками фалсафа, ҳарчанд реша дар сарзамини Юнон дошт, аммо обёрӣ ва омӯзишу парвариши онро файласуфони мусулмон анҷом додаанд ва дар пояи он фарҳанги нави хоси эронитаборон ба вуҷуд омад. Хусусияти синкретӣ (якҷоя кардани назария ва фикрҳои бо ҳам зид)-и ин фарҳанг дар он ифода меёбад, ки дар минтақаи фарҳангии форсу тоҷик «осори зиёде оид ба фалсафа ба арабӣ ва форсӣ ва бархе танҳо ба форсӣ офарида шудаанд, ки онро дар осори Носири Хусрав, Афзалиддини Кошонӣ (шогирди Насируддини Тусӣ) ва суннатҳои фалсафӣ дар Эрон аз Ибни Сино ва Суҳравардӣ то Мирдомод ва дигарон дидан мумкин аст... Илова бар ин, забони арабӣ ба унвони забони илм дар таърих аксар вақт ҷойи худро ба забони форсӣ додааст» [104, с. 27].

Ин мутафаккирон ва инчунин, мутафаккирони дигар, дар кушоиш ва ворид сохтани мавзуоти нав дар фалсафа, таҳқиқоти зеҳниро бо таваҷҷуҳ ба истилоҳоти соҳавӣ сомон бахшиданд. Дар айни замон, ҳарчанде ки фалсафаи классикии мусулмонӣ, дар ибтидо ҳамчун идомаи афкори фалсафии юнонӣ ба назар мерасид, аммо он ба руҳияи таълимоти исломӣ аз нав коркард шуда, бо ақидаи асосии он мувофиқ мегардид. Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ ал-Киндӣ (801-873) аввалин файласуфи мусулмон буд, ки ба далели иҳота бар ҳавзаҳои фалсафии замони худ «файласуфи араб» номида шудаст. «Вай тарҷумаҳои баъзе китобҳои файласуфони юнониро дар даст дошт ва баъзеҳо боварӣ доранд, ки ӯ китобҳои зиёди фалсафиро тарҷума кардааст ва мушкилоти дар он китобҳо ҷойдоштаро осон кардааст. Бо вуҷуди ин, баъзеҳо шубҳа доранд, ки ал-Киндӣ бо забони юнонӣ ошно буд, балки танҳо бо тарҷумаҳои арабии осори юнонӣ ва суриёнӣ бевосита сарукор доштааст» [76, с. 39]. Аз ин рӯ, Ал-Киндӣ дар таърихи фалсафаи классикии исломӣ аввалин шуда, аз таълимоти Арасту пайравӣ намуда, баъдан, ҳамчунин,

як қатор ғояҳои Афлотун, Плотин ва Пифагорро низ пазируфтааст. Ӯ навиштааст, ки бе омӯзиши осори Арасту «... шахсе, ки мехоҳад фалсафа омӯзад, онро азхуд ва асоснок кунад ва инчунин, бароят дар бораи ҳадафҳои ин илм қисса кунад, он муяссар нахоҳад шуд» [76, с. 41]. Аммо осори Арасту, ба андешаи ал-Киндӣ, набояд ба таври тасодуфӣ, балки бо пайдарҳамии қатъӣ омӯхта шаванд. Ин пайдарҳамии омӯзишро, ӯ дар асоси тақсим намудани илмҳо ба чаҳор қисм асоснок мекунад ва менависад: «Аввали ин чаҳор анвоъ – китобҳои мантиқанд. Навъи дуюм – китобҳо оид ба физика. Навъи сеюм китобҳо дар бораи он чизе, ки ба зоти хеш вуҷуд дорад, он чи ба ҷисм ниёз надорад, балки он чи дар якҷоягӣ бо ҷисмҳо вуҷуд дорад ва бо яке аз роҳҳои пайвастшавӣ ба онҳо пайваст мешавад. Навъи чаҳорум – китобҳо дар бораи чизе мебошанд, ки ба ҷисм ниёз надорад ва бо онҳо тамоман иртибот надорад» [76, с. 42]. Ба ақидаи ӯ, осори мантиқии Арасту ҳашт китобро дар бар мегирад: «Мақулот», «Дар бораи тафсир», «Қиёс», «Бурҳон», «Ҷадал», «Муғолата», «Хитоба» ва «Шеър». Боиси тазаккур аст, ки ал-Киндӣ тақлидкунандаи усулҳои баён ва таҳқиқи Афлотун ва Арасту набуд. Ба ғайр аз онҳо, ӯ унсурҳои пифагориро низ дар таҳқиқи масоили гуногуни фалсафа ба кор бурдааст.

Зарурати дар ин ҷо овардани маълумоти мухтасари болозикр дар бораи ал-Киндӣ дар он ифода меёбад, ки минбаъд, бар пояи таҳқиқоти ӯ омӯзишу тафсир ва таҳқиқи осору афкори Афлотун, Арасту ва файласуфони дигари юнониро Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ давом дода, аз фаъолияти илмӣ-фалсафии ал-Киндӣ истифода бурдаанд.

Форобӣ таълимоти фалсафии парокандаи ал-Киндиро ба як низоми муайян табдил дод. Аз ин лиҳоз, Форобӣ нахустин шуда, ҳамаи осори асосии фалсафии Арастуро ба таври муфассал таҳлил ва шарҳ дода, онҳоро барои аз худ кардани афкори илмии замони худ дастрас сохт. Системаи фалсафӣ, ки ӯ бунёд гузошт, бо мурури замон танҳо рушд

намуда, мавриди таҳлил қарор гирифт, аммо тағйир наёфт. Ӯ бо тавзеҳи мафҳумҳои мушкилфаҳми Арасту ва тафсири устодонаи тамоми фаслҳои китоби «Органон»-и Муаллими аввал бо навовариҳои худ дар илми мантиқ, махсусан, дар тақсими тасаввур ва тасдиқ машҳур гардид. Бо рушди ин ҷараёни илмӣ, сабабгори эҳё ва густариши мероси мантиқии Юнони бостон гардида, ҳамзамон, дар таҳаввули илми Шарқи асримиёнагии исломӣ таъсири бузург гузоштааст. Дар воқеъ, осори мантиқии Форобӣ як навъ дарвозаест, ки тавассути он мутафаккирони асримиёнагии шарқӣ ба асрору афкори фалсафӣ ва мантиқии Муаллими аввал роҳ ёфта, аз он баҳравар шуданд. А.Х. Қосимҷонов дар муқаддимаи китоби «Логические трактаты» («Рисолаҳои мантиқӣ») дар бораи таъсири афкори мантиқии Арасту ба Форобӣ чунин навиштааст: «Тамоми мероси мантиқии Форобӣ зери таъсири эҷодии назарияи қиёси Арасту қарор гирифтааст. Арасту дар соҳаи мантиқ «мураббии маънавӣ»-и Форобӣ буд. Аммо Форобӣ низ шогирди «боандеша ва нозуксанҷ» буд, ки ақоиди устодашро такрор накарда, «маводи ба ӯ таълим додашуда»-ро аз нуқтаи назари интиқодӣ азхуд мекард. Дар меросе, ки аз Форобӣ боқӣ мондааст, агар андешаҳои Арасту такрор шавад, пас дар шакли васеъ ва амиқ ва аксаран, он чизеро, ки Арасту сатҳӣ ба кор бурдааст, Форобӣ муфассалтар баррасӣ ва инкишоф додаасту намунаи он назарияи қиёси шартӣ мебошад, ки онро Форобӣ бодиққат таҳия намудааст. Дар сархати асарҳои Форобӣ дар боби «Органон» «Фаслҳои муқаддимавӣ» дар бораи мантиқ ҷой гирифтаанд, ки дар замонашон хеле машҳур буданд» [11, с. 60].

Бояд зикр кард, ки таърихи пайдоиши мантиқ ва талош барои эҷоди васоити маърифати ақлонӣ, тасҳеҳи андеша ва касби дониши дуруст дар бораи моҳият ва хосиятҳои ашёву падидаҳои олами объективӣ ҳанӯз аз оғози ташаккули ҷомеаи инсонӣ ва ҳаёти мутамаддин шуруъ шудааст. Аммо Арасту нахустин касест, ки мантиқи назариро ба шакл ва низоми

мураттаб дароварда, бобҳо ва фаслҳои онро ба таври органикӣ дар як низом бо ҳам муттаҳид ва пайванд сохтааст. Ба ҳамин тариқ, Арасту мантиқи шаклиро бунёд ниҳод ва худ нахустин шуда, онро ҳамчун асосу василаи касби дониши илмӣ дар фаъолияти гуногунҷанбаи маърифатии худ ба кор бурд. Мабоҳиси мантиқии Арасту дар ибтидо дар шаш китоб таҳти унвони «Органон» ҷамъоварӣ шудааст. Сипас, Порфирий ба он мабҳаси дигареро бо номи «Исоғуҷӣ» (Мадхали мантиқ) илова намудааст. Баъдан, мутафаккирони мусулмон ду китоби дигари Арасту – «Риторика» («Хитоба») ва «Поэтика» («Шеър»)-ро низ ба низоми мантиқии ӯ ворид намудаанд. Ҳамин тариқ, тибқи тақсимбандии мазкур, мантиқи арастуӣ бо мақулот, иборот, аналитикаи якум ва аналитикаи дуюм оғоз ёфта, бо шеър, хитоба ва мадхал ба поён мерасад. Бахши мантиқи «Китоб-уш-Шифо»-и Ибни Сино ва «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ низ чунин тартибро доранд. Дар мавриди Форобӣ бошад, қайд кардан ҷоиз аст, ки яке аз навовариҳои мантиқии ӯ дар он ифода меёбад, ки «дар мабҳаси бурҳон (истидлол) маърифати дар нафси инсон ҳосилшударо ба ду навъ: тасаввур (сувари муҷаррад аз ҳукм) ва тасдиқ (сувари тавъам бо ҳукм) тақсим карда, бо таваҷҷуҳ ба ин, ки боби таъриф нозир ба тасаввурот ва истидлолҳо нозир ба тасдиқанд, ба дубахшӣ будани мантиқ таваҷҷуҳ намуда, бо ҳамин заминаи мусоидро барои пайдоиши мантиқи дубахшӣ фароҳам овардааст» [3, с. 266].

Бунёдгузори мантиқ – Арасту, мантиқро аз дигар илмҳо ҷудо карда, онро илме меҳисобид, ки дар таҳқиқи ҳама гуна масъала метавонад олимро фотеҳ гардонад, зеро, маҳз, мантиқ имконият медиҳад, то муайян карда шавад, ки хулосабарорӣ чист ва навъу сатҳи он то куҷо муайян карда шавад.

Роҳкори ӯ ба ҳама ҳамчун дедуктивӣ маъруф аст, гарчанде худи Арасту онро «методи қиёсӣ» номида аст. Маҳз, ба таҳқиқи қиёс Арасту осори мантиқии худро бахшидааст. Таълимоти арастуӣ оид ба қиёс

бунёди яке аз равияҳои мантиқи риёзиро ва ё мантиқи предикатҳоро ташкил кардааст. Дар баробари Арасту, масоили мантиқ, инчунин, мавриди таваҷҷуҳи дигар мантиқиён, аз ҷумла, раввоқиён ва суфастоиён будааст. Дар байни раввоқиён Христипро бояд ёдовар шуд, ки ӯ муаллифи мантиқи раввоқӣ аст. Ӯ ба таҳқиқи чунин нақшаҳо будааст, ки тавассути онҳо муҳокимаҳо бо ҳамдигар пайванд мешаванд. Масалан, чунин калимаҳои забони рамзӣ, монанди, «ва», «ё», «ё ва ё», «агар, он гоҳ» ва монанди инҳо. Дар таҳқиқоти муосири мантиқӣ онҳо бо номи «пайвандакҳои мантиқӣ» ёд мешаванд. Дар байн олимоне, ки дар коркарди афкори Арасту пештоз буданд, бояд аз нақши чунин олим, монанди Порфирий ёдоварӣ намоем. Ӯ ба чунин дастоварде ноил гардид, ки таносуби байни тобеият ва мафҳумро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Аммо он, инчунин, бо «Муқаддимаи худ ба таълимоти Арасту оид ба мафҳум», ки то ҳол чун мадхали «Мақулот»-и Арасту шинохта шудааст, маъруф мебошад.

Ба назари Форобӣ, куллиёт ва маърифати ақлӣ ба муҷарродоти том марбут буда, аз ақли даҳум, ки «Ақли фаъол» аст, барои инсон аз роҳи ҳавос ва идроки куллиёт аз роҳи эҳсоси ҷузъиёт муяссар мешавад. «Нафси одамӣ сувари маҳсусро аз тариқи қувваҳои ҳиссӣ дарк мекунад ва ба воситаи сувари маҳсус сувари маъқулро дармеёбад» [228, с. 107]. Ин чунин маъно дорад, ки идроки ҳиссӣ ақли одамиро барои дарёфти куллӣ аз тариқи ифодаи Ақли фаъол муҳайё месозад. Форобӣ дар «Фусус-ул-ҳикам» қайд мекунад: «Руҳи инсон монанди оина аст ва ақли назарӣ ҳам нақши рушдкунандаи онро медиҳад. Маълумот аз тариқи файзи илоҳӣ дар нафси одамӣ ҳамон тавре, ки шабаҳ дар оинаи софу шафоф мунаққаш мегардад, муртасим мешавад. Пас, агар шафофияти руҳ ба воситаи шаҳват ва ғазаб ва ҳис ва тахайюл фосид нагардад, малакутро мушоҳида хоҳад намуд ва ба лаззати олӣ ноил хоҳад шуд» [229, с. 81-82].

Мафҳумҳои кул ё куллӣ аз назари Форобӣ ба теъдоде аз ашё шабоҳат доранд, ки дар онҳо имкон надорад, ки ду чизе комилан муташобеҳ (монанд) бошанд. Хусусияти куллӣ дар он аст, ки ду ё чанд чизе метавонанд дар он монанд бошанд, дар ҳоле ки дар амри фардӣ ва ҷузъӣ чунин монандӣ миёни ду чиз, аслан, имконнопазир аст. Ҳамчунин, мафҳуми куллӣ бар зиёда аз як фард татбиқшаванда аст, вале татбиқ бар беш аз як шахс барои амри фардӣ ғайриимкон мебошад. Дар ҷойи дигар, Форобӣ менависад: «Маънои куллӣ он аст, ки чанд чизе дар он монанд бошанд ва фардӣ ё ҷузъӣ он аст, ки ҳеҷ ду чизе ё амре дар он монанд набошанд» [229, с. 118]. Дар айни ҳол, куллӣ дар ҳадди зоти худ нисбат ба вуҷуди ҷузъиёт аз вуҷуди муқаддам бархурдор мебошад.

Тамоми мантиқшиносон пас аз Форобӣ, аз ҷумла, Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ, мантиқи Арастуро аз дидгоҳ ва манзари Форобӣ муаррифӣ мекардаанд. Дар навбати худ, Насируддини Тусӣ, дар баррасии масоили мантиқӣ ҳам аз ақоиди Форобӣ ва ҳам аз Ибни Сино баҳра бурдааст. Аз ин рӯ, зарурат ба миён меояд, ки дар ин ҷо баррасии ин масъаларо, аз дидгоҳи Ибни Сино баррасӣ намоем. Бояд қайд, ки Ибни Сино, бо илҳом аз ибтикори Форобӣ, оид ба дугонагии амали зеҳн ва тақсимбандии маърифат ба тасаввур ва тасдиқ, дар бархе китобҳои худ мантиқро ба ду бахш – мантиқи тасаввурот ва мантиқи тасдиқот, тақсим карда, фаслҳои мантиқи арастуиро аз нуҳ боб ба даҳ боб расонидааст. Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот», «Донишнома» ва «Ҳикмати машриқия» ҳадду расмро аз боби бурҳони мантиқи Арасту ҷудо намуда, пеш аз ҳукм дар бахши мустақим қарор додааст.

Дар илми мантиқ саҳми асосии Насируддини Тусӣ дар китоби ба форсӣ навиштаи ӯ – «Асос-ул-иқтибос», ба назар мерасад. Он ҳамчунин гувоҳи он аст, ки мутафаккир дар навиштани китоби мантиқ ба забони форсӣ-тоҷикӣ бо ворид кардани истилоҳоти арабӣ ба як сабки хоса ибтидо гузоштааст. Китоби дигари ба забони арабӣ навиштаи ӯ –

«Таҳрид-ул-мантиқ»-ро шогирдаш – ал-Ҳиллӣ шарҳ додааст. Аммо матни умдае, ки Насируддини Тусӣ ҳамчун муфассири фалсафаи Ибни Сино бар он шуҳрат дорад, тафсирҳои ӯ ба «Шарҳ-ул-ишорот»-и Ибни Сино аст. Ин асари Насируддини Тусӣ, қисман, ҳамчун посух ба тафсири Фахриддини Розӣ дар мавриди ҳамон матни ҳамноми он шинохта мешавад. Ин асар яке аз иддаоҳои доимии Тусиро дар бораи он нишон медиҳад, ки афроде, ки ба Ибни Сино ҳамла меоваранд, ба таври умум ҳамчун файласуф омода нестанд ва таҳлилашон метавонад заъфи зеҳнии онҳоро ошкор кунад. Вай худаш барои корбурди мубоҳиса эътирозе надошт, аммо исрор мекард, ки ба файласуф на аз рӯйи андешаҳои муғризона, балки аз рӯйи далелу ҳуҷҷат баҳо додан лозим аст. Ин амал аз содиқ будани ӯ ба усули худи Ибни Сино шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, гарчанде ки ӯ дар маҷмуъ, назарияҳои Ибни Синоро ҳимоят карда бошад ҳам, аммо дар баъзе мавридҳо ихтилофи назар дар таълимоти онҳо мушоҳида мешавад. Масалан, Насируддини Тусӣ дар тафсири масъалаи фаязони нур ё назарияи судур ва нузул, ки аз навафлотуниёни юнонӣ нусхабардорӣ шудааст, ба Ибни Сино мухолифат дорад (ин масъаларо дар бахшҳои минбаъда муфассалтар баррасӣ хоҳем кард).

Ҳамин тавр, дар муқоиса бо Форобӣ, ки бевосита ба осори файласуфони Юнони Қадим сарукор дошт, Насируддини Тусӣ ҳам бевосита ба омӯзиши осори атиқаи юнонӣ машғул буд ва ҳам дар зери таъсири афкори Форобӣ ва Ибни Сино дар пазируфтани ақоиди фалсафии юнониён ва аз ҷумла, мантиқи онҳо қарор дошт. Аммо дар ин бахш, муҳимтар аз ҳама, таҳлили таъсири ақоиди файласуфони атиқа, бахусус, Арасту ба мантиқи Насируддини Тусӣ, дар мисоли китоби ӯ «Асос-ул-иқтибос» аст. Дар ин китоб мабоҳиси мантиқ ба нуҳ равиш ё бахш (на ду бахш, яъне тасаввур ва тасдиқ) пешкаш гардидааст, ки бо унвонҳои зерин муаррифӣ мешаванд: Мадхал, ки шакли юнонии он –

Исоғуҷӣ, мақулоти ашар – категорияҳо, ибора ё қазияҳо ва ё тафсирҳо, қиёс – аналитикаи аввал, бурҳон – аналитикаи дуюм, ҷадал – топика, муғолата – софистика, хитоба – риторика, шеър – поэтика мебошанд. Дар «Мадхал» ва ё муқаддимаи ин китоб дар зимни чор бахш масъалаҳое, ки дар «Исоғуҷӣ» матраҳ шудаанд, мавриди баррасӣ ва таҳлили мутафаккири форсу тоҷик қарор мегирад. Ӯ дар фасли аввали фанни дуюм дар бораи мафҳумҳои куллӣ ва ҷузъӣ баҳс намуда, дар таърифи онҳо навиштааст: «Лафз чун дар маънии худ далолат кунад ё мафҳумаш иқтизои он кунад, ки дар он маънӣ ширкат натавонад бувад ва онро ҷузвӣ хонанд монанди «Зайд», ки илми шахсӣ бувад. Ё монанди ин – «мардум», чи ба сабаби муқоранат ишораи ғайри ӯро дар он маънӣ ширкат натавонад бувад, ё мафҳуми ӯ иқтизои манъи ширкат накунад ва онро «куллӣ» хонанд... Ва ҷузвӣ ба ду маънӣ эътибор кунанд: яке он, ки гуфта омад ва дигар – ҳар лафзе, ки маънии ӯ хостар бувад аз маънии лафзии дигари ом ва агарчи куллӣ бошад, онро бо изофа бо ӯ «ҷузвӣ» хонанд, чунонки «инсон» бо изофа бо «ҳайвон» ва «ҳайвон» бо изофа ба ӯ куллӣ бошад» [25, с. 17].

Дар ҳар ду ҳолат ҳам, лафз ба исбот ниёз дорад ва он нукотест, ки бевосита дар зери таъсири Арасту падид омадааст. Масалан, дар фасли бисту чаҳоруми китоби «Аналитикаи дуюм»-и ин файласуф, махсусан, ба масъалаи исботи ҷузъӣ ва куллӣ таваҷҷуҳ намуда, савол мегузорад, ки кадоме аз онҳо афзалият дорад. Арасту фарз мекунад, ки исботи ҷузъӣ метавонад беҳтар бошад, зеро он ба таври зерин таҳлил мешавад: исботи беҳтар он аст, ки дар асоси он метавонем чизи беҳтарро ба даст орем ва ин, маҳз, фазилати далел аст, аммо Арасту илова мекунад, – «...мо ҳар чизро танҳо дар он вақте медонем, ки онро дар муқоиса бо чизе дигар дарк намудем, фаҳмидем, ки он дар зоти худ чӣ гуна аст... Исботи куллӣ бошад, нишон медиҳад, ки чизе дорои хосият мебошад, на аз он сабаб, ки ашёи мушаххас аст, балки ба гурӯҳи муайян тааллуқ доштанаш ин

хосиятро соҳиб мегардад. Масалан, секунҷаи баробарпаҳлу на аз он сабаб, ки баробарпаҳлу аст, балки ба он хотир, ки он секунҷа аст, чунин хосият дорад. Дар навбати худ исботи ҷузъӣ нишон медиҳад, ки худи ашёи мушаххас дорои ин хосият мебошад» [18, с. 300].

Ақидаҳои файласуфони Юнони Қадим таъсири амиқе ба назарияҳои мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ гузоштаанд ва он дар пояи маърифати олам ва инсон ташаккул ёфтааст. Ба маънои дигар, дар ташаккули мантиқи ин ду мутафаккир, қабл аз ҳама, гносеология ва эпистемологияи онҳо мавқеи хоса доранд. Агар назарияи мантиқии кул ва ҷузъро дар доираи маърифати ҳиссӣ ва ақлии онҳо баррасӣ намоем, маълум мегардад, ки он ба мушаххасот ва муҷаррадот марбут буда, аз узвҳои ҳис ва ақл сарчашма мегирад. Ин назария дар таълимоти Форобӣ ба воситаи файзони ақл дар шакли ақли даҳгона ва дар андешаҳои Насируддини Тусӣ тавассути нафси кул то ба нафси ақлонӣ (ё нафси нотиқа) таҳаввул меёбад.

Ба назари Форобӣ, куллиёт ва маърифати ақлӣ ба муҷаррадоти том марбут буда, барои инсон аз роҳи ҳис ва идроки куллиёт тавассути эҳсоси ҷузъиёт ба даст меояд. Ин раванд тавассути ақли даҳум, ки онро «ақли фаъол» низ мегӯянд, сурат мегирад. Форобӣ ба таври қатъӣ таъкид мекунад, ки эҳсос ҳамчун манбаи дониш, ки ба воситаи он ҷузъиёт дарк карда мешаванд, нақши аввалиндараҷа дорад ва инкори нақши маърифати ҳиссӣ ҳамчун марҳилаи ибтидоии касби дониш, бо мураккабии раванди шинохт, миёнаравии ҳар як амали идрок бо донишҳои қаблӣ иртибот дорад. Ӯ қайд мекунад, ки азбаски донишҳо аввалан, дар нафси инсон ғайриихтиёрӣ ҳосил мешаванд, ӯ онҳоро дар ёд дошта наметавонад ва ба шакли порчагӣ қабул мекунад. Аз ин рӯ, аксари одамон, баъзан, тасаввур мекунанд, ки дониш ҳамеша дар нафс пайдо шуда, тавассути идроки ғайриҳиссӣ ҳосил мегардад. Аммо агар ин донишҳо дар нафс бар асари таҷриба амалӣ гарданд, «нафс, нафси оқила

мегардад, ақлонӣ мешавад, зеро ақл ҷуз таҷриба чизе беш нест. Ва ҳар қадар ин таҷриба бештар гардад, нафс ҳамон қадар комилтар мегардад» [228, с. 109].

Чунин нафсро ӯ ақли фаъол меномад, ки он миёнҷии тафаккури инсон ба ашёи воқеӣ буда, тафаккурро бо дониш дар бораи асосҳои фаҳмиши мантиқӣ, муқаддамоти он, дастгоҳи мақулаҳо ва пешниҳодҳои аз ҷиҳати аксиоматикӣ (ҳақиқати баҳснопазир) қабулшуда таъмин мекунад. Дар айни замон, мутафаккир фаҳмиши ин масъаларо дар иртибот бо тафаккур, баъзан, ба нуқтаи назари мутакаллимон ва баъзан, бо ақоиди Арасту муқобил мегузорад. Ҳамин тавр, идроки ҳиссӣ ба ақли инсон дарёфти куллиро аз тариқи фаъолияти Ақли фаъол таъмин месозад. Форобӣ руҳи инсонро монанди оина пиндошта, ақли назариро воситаи рушди он медонад. Ба андешаи ӯ маълумот аз тариқи файзи илоҳӣ дар нафси одамӣ сурат мегирад, ҳамон тавре, ки акс дар оинаи софу шафоф мунъакис мегардад. Ҳамин тавр, ба андешаи Форобӣ, ҷузъиёт ҳосили идроки ҳиссӣ буда, ақли одамӣ куллиётро аз тариқи таҷрид аз ҷузъиёт истихроҷ мекунад. Кул ё мафҳуми куллӣ аз назари Форобӣ ба маҷмуи ашёе шабоҳат дорад, ки дар он имкон надорад ду чиз комилан ҳаммонанд бошанд. «Моҳияти куллӣ дар он аст, ки ду ё зиёда ашё метавонанд муштарак бошанд. Дар ҳоле ки дар амри шахсӣ ва ҷузъӣ чунин монандӣ имкон надорад. Ҳамзамон, куллӣ ба зиёда аз як фард татбиқшавандааст, ҳол он ки хусусият барои мафҳуми ҷузъӣ хос нест» [1, с. 28].

Айнан, ба ҳамин маънӣ, Арасту дар асараш – «Аналитикаи дуюм», шарҳ медиҳад, ки касе аз дарки ҳиссӣ маҳрум аст, аз дониш низ маҳрум аст. Дониш дар нафс танҳо тавассути маърифати ҳиссӣ ба даст меояд ва дар таълимоти ӯ низ ба шакли ҷузъӣ қабул кардани дониш аз ҷониби инсон матраҳ шуда, таҷрибаи ақлонӣ ва такмили нафс дар асоси таҷрибаи ҳаётии инсон таъкид мегардад. Гузашта аз ин, Арасту таъкид

мекунад, агар шахс барои маърифати чизе саъй кунад, қабл аз ҳама, талош меварзад, ки ягон ҳолати ин ашёро дарк намояд ва дониши аз ин чиз андӯхтаашро ба дониши дар тафаккураш қаблан ҳосилшуда, илова намояд. Ин чизе ба ҷуз аз ҷустуҷӯйи дониш дар бораи ин чизе нест, ки сурати он дар нафси ӯ ҷой гирифтааст. Форобӣ ин нуқтаи назари Арастуро дар муқоиса бо ақидаи Афлотун шарҳ дода, навиштааст: «Масалан, агар инсон бихоҳад муайян созад, ки чизе зиндааст ё на ва мафҳумҳои «зинда» ва «беҷон» қаблан, дар шуури ӯ ҳузур дошта бошанд, пас бо ёрии ақл, дарки ҳиссӣ ё ҳамзамон, бо ҳардуи онҳо, мекӯшад мазмуни яке аз ин мафҳумҳоро дар воқеият биёбад. Агар ба дарки дуруст бирасад, ба оромиш мерасад ва аз раҳоӣ аз шубҳаю ҷаҳл лаззат мебарад». Ин аст, ки Афлотун дар ин бора гуфтааст: «Дониш ҳолати ба ёд овардан аст, дар ҳоле ки тафаккур ҷустуҷӯ ва талош барои расидан ба дониш мебошад» [9, с. 80].

Ҳамин тавр, ҳам аз нигоҳи Арасту ва ҳам Форобӣ аввалин маъқуле, ки дар зеҳн ҳосил мешавад, тавассути маҳсусот ҳосил мешаванд. Ҳамчунин, маъқулоте, ки дар нафс аз маҳсусот шакл мегиранд, дар нафс ҳузур доранд. Ба онҳо аворизе зам мегардад, чун ҷинс, навъ ва ғайраҳо. Ин умуре, ки баъд аз шаклгирии маъқулот дар нафс ба онҳо падидор мегарданд, худ низ маъқуланд ва ҳамчун «маъқулоти сония» шинохта шудаанд.

Насируддини Тусӣ ҳам, монанди Форобӣ, маъқулотро ба аввалӣ ё аниқтараш – бадеҳӣ ва сонӣ ҷудо карда, барои мафҳумҳои мантиқӣ, монанди ҷинс, навъ, куллӣ ва ғайра ба таври мураттаб бар мафҳумҳои дигари маърифат истифода намудааст. Аммо, пеш аз тафсири он, таваҷҷуҳамонро ба масъалаи қаблӣ, яъне маърифати ҳиссӣ ва ҳадди тафовут ва умумияти он бо афкори Арасту ва Форобӣ ба таври мухтасар (ин масъала муфассалтар дар яке аз бахшҳои таҳқиқотамон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор хоҳад гирифт) мутамарказ мекунем. Дар

консепсияи маърифати ҳиссии хеш Насируддини Тусӣ аз чаҳор анвои он ёдрас мешавад: «Ҳиссӣ, ки дар он шайъ бо хусусиятҳои маҳсус, ки иборатанд аз посух ба саволҳои айна (дар куҷо?), мата (кай?), кайфа (чӣ тавр?) ва кам (чӣ қадар?) таҳлил меёбанд; тахайюлӣ, ки дар он бо идроки сувари ашё бо ҳамон хусусиятҳояш дар ҳоли ҳузур ва ғайбат ҳосил мешавад; таваҳҳумӣ, ки дар он маъниҳои ғайримаҳсус, аммо ҷузъӣ идрок мешаванд; тааққулӣ, ки дар он моҳият ва зоти шайъ идрок мешавад. Воқеан, нафс дар марҳилаи тааққули хеш дарккунанда аст ва дар тааққули ашё ягон воситае дахолат надорад, дар ҳоле ки кори қувваҳои ваҳм, хаёл ва эҳсос тавассути миёнараве сурат мегирад» [310, с. 522].

Маънии ин гуфтаҳо чунин аст, ки нафси нотиқа (сухангӯй) ба василаи қувваи тахайюл ба мафҳуми идроки хаёлӣ даст меёбад ва аз тариқи қувваҳои ҳиссӣ ба идроки ҳиссӣ мепардозад ва ҳеҷ яке аз ин қувваҳо ҳангоми мафҳум будан зоти худро дарк намекунанд ва дорои вуҷуди ғайр аз идрокашон ҳастанд. Дар ҳоле ки дар мафҳуми ақлӣ маъқулот маълум ба зоти нафс буда, бевосита таҳаққуқ мепазиранд.

Дар таълимоти Насируддини Тусӣ маъқулоти аввалие, ки дар ақоиди Форобӣ мушоҳида мешаванд, бо номи «бадеҳиёти аввалия» зикр мешаванд, ки онҳоро мутафаккир хатонопазир медонад ва бар ин назар аст, ки дар ҷараёни касби маърифатҳои ғайрибадеҳӣ ҳам бояд тамоми талошҳои худро ба кор барем, то бо истифода аз илми мантиқ аз иштибоҳ ҷилавгирӣ кунем. Ба андешаи ӯ, дар иктисоби донишҳои тасаввурӣ ба тасаввуроти ғайрииктисобӣ ва дар иктисоби донишҳои тасдиқӣ ба тасдиқоти ғайрииктисобӣ ниёз дорад (тасдиқоти ғайрииктисобиро мабодии қиёсҳо меноманд). Тасдиқоти бадеҳӣ, монанди донишҳо, ки ҳар ду қобили ҳам инкор ва ҳам исботанд, ҳамдигарро истисно намекунанд.

Ҳамин тавр, ба ақидаи Насируддини Тусӣ, бадеҳии аввалия илмест, ки онро метавон бо ваҳм, ҳис ва хаёл идрок кард ва инсон дар он на ба

истеъмоли фикри худ муҳтоҷ бошад, на ба таълими ғайр. Ӯ тасдиқоти бадеҳиро ба шаш навъ тақсим кардааст: мушоҳидот, ҳадсиёт, аввалиёт, мутавотирот, муҷарработ, фитриёт ва ин тақсимбандиро чунин шарҳ додааст: «Ҳар қазияе, ки мабдаи аввал барои як қиёс аст, ё муқтазои тасдиқ аст ё муқтазои тахайюл. Қазия муқтазои тасдиқ ё муфиди тасдиқ ҷазмест, ки ё муфиди тасдиқи ғолибӣ. Қазияи муфид тасдиқи ҷазмӣ ё зарурӣ [бадеҳӣ] аст ё ғайри зарурӣ. Қазияи зарурӣ [бадеҳӣ] ё зоҳирӣ аст ё ғайризоҳирӣ. Қазияи бадеҳии зоҳирӣ ё фақат ҳиссӣ аст, дар ин сурат, ба он «маҳсусот» гуфта мешавад, ё илова бар ҳис ниёз ба амри дигар низ ҳаст. Агар он амри дигар берун аз маҳсус бошад, ба он «мутаваттирот» мегӯянд...» [25, с. 350].

Насируддини Тусӣ монанди Арасту ва Форобӣ дар боби унсурҳои қиёсҳои ҷадалӣ баҳс намуда, дар асараш – «Таҷрид-ул-мантиқ», дар баробари мафҳумҳои муфрад ва мураккаб, ҷузъӣ ва куллӣ, ҳамл ва маҳмул, инчунин, ҷинс ва навъ, ҷавҳар ва араз, хос ва омро низ зикр намудааст. Агар ин мавзуъро дар муқоиса бо афкори Арасту баррасӣ намоем, қабл аз ҳама, маълум мегардад, ки Арасту дар баҳс аз мавзуи ҷадал ва унсурҳои ташкилдиҳандаи қиёсҳои ҷадалӣ чаҳор маҳмули ҳад (ё таъриф аз рӯйи ҷинси наздик ва нишонаи навъӣ) ҷинс, хоса ва аразро муаррифӣ мекунад, ки дар қазияҳои ҷадалӣ бар навъ таҳмил шудаанд. Масалан, Арасту дар шарҳи мазмуни ҳад мегӯяд: «Таҳқиқи ҳадҳо аз панҷ қисм иборат аст: [ҳад солеҳ нест] ё [1] барои он ки нутқ нисбат ба чизе, ки ба он ном дода шудааст, умуман нодуруст аст...; ё [2] гарчанде ки ҷинс вуҷуд дорад, ашё ба ин ҷинс тааллуқ надошт ё ба ҷинси худаш мансуб набудааст...; ё [3] барои он ки сухан на танҳо дар бораи чизи муайяншаванда меравад...; ё [4] барои он ки ҳама [шартҳо]-и нишондодашуда риоя шудаанд, вале онҳо моҳияти ҳастии чизи муайяншавандаро муқаррар намекунанд ва нишон намедиҳанд ва ниҳоят [5] илова бар ҳолатҳои зикршуда, барои он ки ҳарчанд ҳад дода мешавад,

аммо он тибқи талабот нест» [18, с. 462]. Аммо, ба ақидаи Арасту, барои муайян намудани ҳад бояд ҷинсро муқаррар кард ва он дар ҳамроҳӣ бо навъҳо гирифта мешаванд. Навъҳо муайян мебошанд, зеро ба ғайр аз онҳо, ягон аломати фарқкунанда вуҷуд надорад. Дар баробари ин, бояд бо таваҷҷуҳ ба амсоли он, яъне ба чизи аз рӯйи намуди зоҳирӣ фарқнашаванда ва пеш аз ҳама, ба аломатҳои якхела дар ҳар кадоми ин ашё, ки ҳарчанд бо ҳам дорои як ҷинс мебошанд, фарқ мекунад. Дар ин ҷо, сухан дар бораи шинохти зот ва ҷавҳари ашё меравад, ки дар мақоми ҳад бо дигар мақулот, аз қабили сифату миқдор ва макону замон муқаддам аст, зеро дар таърифи ҳар чизе таърифи зот ва ҷавҳари он мавҷуд аст. Аз ин рӯ, таърифи моҳиятии чиз баёнгари зоти он мебошад. Зеро, на танҳо чиз ва моҳияти он бо ҳам тавъаманд, балки гуфтори шореҳи он ҳам яке аст.

Назарияи моҳият (зот)-гаройии Арасту назди машшоиёни шарқӣ мақбул афтодаст, гарчи бархе аз онҳо, ҳамчун Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ, дар айни эътиқод ба мумкин будани таърифи мақулаи ҳад, онро ба усули худашон таъриф додаанд. Масалан, Форобӣ куллиёти хамса (куллиёти панҷгона)-ро унсури аслии ҳамаи ҳадҳо ва истидлолҳо дар тамоми илмҳо дониста, онҳоро бо ҳамлпазириҳои қиёси Арасту омехта менамояд ва дар заминаи онҳо бар навъ ва фасл, намудҳои мухталифи таърифҳои ҳад ва расмро низ дар рӯйхати ҳамлпазирҳо қарор дода, чунин мегӯяд: «Маҳмулоти куллии басит ба панҷ навъ аст: ҷинс. навъ, фасл, арази ом ва арази хос. Маҳмулоти мураккаб бошад, аз таркиби ҳамин куллиёти хамса ҳосил мешаванд» [1, с. 16].

Баҳси Форобӣ дар бораи назарияи таърифи арастуӣ, баёнгари тақвияти тафаккури мантиқӣ шудааст. Аз назари Форобӣ, фақат ҳадди комил метавонад муаррифкунандаи ҳақиқӣ ва баёнгари моҳияти чиз бошад. Он ҳадди комиле, ки мураккаб аз ду чиз аст. Яке аз онҳо

баёнгари зот ва ҷавҳари худи чиз аст ва дигаре чизро зотан аз мосивояш (ғайри худ) озод месозад.

Форобӣ дар ҳамоҳангӣ бо Арасту маърифати комили ашёро бо шинохти зоти онҳо айният медиҳад. Аз назари ӯ, зотиёт қоим ба зоти хеш вуҷуд дошта, аразҳо ҳеҷ дахолате дар ҷавҳари зоти чиз надоранд, чунонки мегӯяд: «Ҳар таърифе, ҳадди ақал, аз ду ҷузъ таркиб меёбад. Аҷзои таъриф ё муқаддам бар муарраф аст, ё мутааххир аз он. Қисми аввал ҳам аз ду ҳол хориҷ нест ё дохил дар ҳақиқати муарраф аст, ё хориҷ аз он. Таърифе, ки аҷзои муқаддам бар муарраф ва дохил дар ҳақиқати он бошад, шоистаи номи ҳад аст ва агар чунин набошад, онро бояд расм ё ҳадди мутааххир номид. Комилтарин ҳудуд ҳадди том аст, ки як ҷузъаш зотии аъам (васеътар) аз маҳдуд ва ҷузъи дигараш мусовӣ бо маҳдуд аст. Ва он ду амри зотӣ баёнгари зотиёти тафсилии шайъи маҳдуд аст» [5, с. 54].

Мувофиқи андешаи Форобӣ, ҳар яке аз ҷузъҳои томми ҳад (ҷинс ва фасл) бар маҳдуд қобили ҳамл аст, вале ҷузъи аҷзои ҳад бар маҳдуд қобили ҳамл нест, чуноне ки дар таърифи доира гуфтаанд: «Доира шакле аст, ки хатти воҳиде онро иҳота карда, ба гунае, ки фосилаи хати муҳит аз ҳар тараф бо маркази он яксон аст. Шакл бар доира қобили ҳамл аст, вале хатти воҳид, ки ҷузъи томми таърифи доира нест, бар доира қобили ҳамл намебошад. Форобӣ натиҷа мегирад, ки ҳадди том бар маҳдуд қобили ҳамл аст ва ҳар як аз аҷзои том ҳам бар якдигар ба сурати куллӣ ё ҷузъӣ қобили ҳамланд. Аммо агар ҷузъи ҳад мураккаб аз ҷузъҳо бошад, дар чунин ҳолат, аҷзои ҷузъи ҳад бар маҳдуд қобили ҳамл нест» [342, с. 57]. Ӯ дар поёни гуфтори худ кайфияти касби ҷинсҳо, фаслҳо ва ҳудуди ҳақиқии ашёро бо ду роҳ – тақсим ва таркиб шарҳ медиҳад. Аммо, аз нигоҳи мо, ин назари Форобӣ дар мавриди он, ки ҷузъи аҷзои ҳад бар маҳдуд татбиқ намешавад, комилан саҳеҳ нест. Мантиқшиносон фасли қариби «ҳайвон»-ро «мураккаб», «ҳассос» ва ҳам «мутаҳаррик» бо

«ирода» медонанд, дар ҳоле ки ҳам «ҳассос» ва ҳам «мутаҳаррик» бо «ирода» ҳар яке ба таври мустаҳил бар ҳайвон татбиқшаванда аст. Форобӣ эътироф мекунад, ки таърифи ҳақиқии ашё ғайримумкин аст. Ӯ дар аксарияти осори мантиқии худ таърифи ҳадро мумкин, аммо душвор донистааст, вале дар китоби «Ат-таълиқот» эътироф мекунад, ки таърифи ҳақиқии ашё имкон надорад. Аз назари ӯ, инсон қодири дастрасӣ ба зот ва ҳақиқати ашё ва иттилоъ аз фаслҳои муқими онҳо нест ва танҳо ҳаввос ва лавозими ашёро шинохта метавонад: «Ҳад бояд мураккаб аз аҷзоъ (ҷинс ва фасл) бошад. Гоҳе маҳдуд (мисли ақли муҷарради том) амре басит аст, дар ин сурат, инсон бо таҳлили ақлии он, мафҳуми оммиро ба ҷойи ҷинс ва мафҳуми мусовиро ба ҷойи фасли он мешиносад.... Мо ҳақиқати умури маҳсусе ҳамчун об, ҳаво, оташ ва ҳатто, ҷисмро намешиносем ва ба ҳамин далел аст, ки дар боби моҳияти ашё ҳамеша ихтилофи назар вуҷуд дорад. Мо ҷисмро ба тул ва арз ва умқ доштан мешиносем, ки аз хосиятҳои ҷисманд, на ҳақиқати он» [228, с. 109].

Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» чун Форобӣ ба шарҳу эзоҳи мафҳуми «ҳад» дар муносибати он бо «бурҳон» пардохта, аввалан, бар тафсири қавме истинод меварзад, ки тибқи ақидаи онҳо ҳад, гӯё қавле бошад муштамил бар тафсили он маъниҳо, ки исми ба зот бар он ба ҷумлагӣ «бар ҳасби вазъи возеон ва фаҳми мустамион» далолат кунад ва пас, фарқи байни исм ва ҳадро муайян мекунад, ки далолати яке аз онҳо иҷмолӣ ва дигари он тафсилӣ аст. Бар асоси чунин тақсимот, ҳадди том он аст, ки маҷмуи зотиётро дар бар мегирад (мувофиқ ба назари Арасту). Ҳадди ноқис бошад, танҳо баъзе зотиётро дар бар гирифта, расме бошад, ки аз аразиёт холӣ аст. Ҳад метавонад ҳам зотӣ ва ҳам аразӣ бошад, аммо он танҳо бо маънои ақлӣ, на бо вожаҳои шунидашаванда. Насируддини Тусӣ қайд мекунад, ки чун ҳакимон ин маъниҳои ҳадро баррасӣ намуда, вуҷуди хориҷии маҳдудотро дар ҳудуди

ҳақиқӣ мавриди санҷиш қарор доданд, маълум мегардад, ки на ҳамаи ҳадҳо тафсили он чизе мебошанд, ки ном ба таври умумӣ ба он далолат мекунад ва меафзояд: «Ва низ агар ҳар чи исм бар он далолат кунад, ҳад бошад, ҳар қавли муаллаф, бал ҳар қасида ва китоб, ки онро исме бувад, он мусаммои ҳадди он исм бошад. Ва маълум аст, ки ҳад бар ин минвол ҳам эътибор накардаанд, пас, мафҳуми «ҳад» ба ҳасби истилоҳи аҳли илм аз ин тафсир омтар аст ба ваҷҳе ва хостар – ба ваҷҳе. Ва он чи таҳқиқ иқтизо мекунад, он аст, ки ҳадде ҳаст ба ҳасби исм, ки мавҷуд ва ғайримавҷуд дар мутановул бувад, чӣ ҳар исм, ки касе бар маънии маъқул ё ғайримаъқул итлоқ кунад, онро тафсире бошад ба ҳасби иноятӣ возеъ ва мусаммо» [25, с. 417]. Умуман, қайд мекунад мутафаккир, ки ягон таърифи ҳадду расме ва мисоле барои ягон лафзи муфрад буда наметавонад, балки интиқол аз маънии муфрад ба маънии дигар ба сабаби зарурат ва ё ваҷҳи дигар синоӣ (сохташуда) набошад. Ҳадаф аз ин гуна таърифҳо дар ин мавридҳо таърифҳои синоӣ дар назар дошта мешавад.

Ин қазовати мантиқии Насируддини Тусӣ бо муҳокимаҳои зерини Арасту дар боби таносуби ҳад ва ном, шабоҳат ва қаробати наздик доранд: «Ҳамин тариқ, агар муайянкунандаи ҳад ба он ишора кунад, ки ё [чизи додашуда] чист, ё ном чӣ маъно дорад, пас, агар ҳад, ба моҳияти [чиз] дахл накунад, он танҳо суханест, ки монанди ном ҳамон чизро ифода мекунад. Аммо ин бемаънист, зеро, аввалан, дар ин ҳолат, ҳадҳо метавонанд ҳам ғайримоҳият ва ҳам ғайримавҷуд бошанд, зеро муайян кардани ҳадди ғайримавҷуд низ мумкин аст. Сониян, дар ин ҳолат, ҳамаи суханҳо ҳад мешуданд, зеро ба ҳар сухан ном додан мумкин аст, ки дар натиҷа, ҳамаи чизҳо ҳамчун ҳад ифода меёфтанд ва ҳатто, «Илиада» ҳад мешуд. Ниҳоят, ҳеҷ бурҳоне исбот намекунад, ки ин ё он ном, маҳз, ҳамин маъноро дорад, бинобар ин, онро ҳад низ шарҳ дода наметавонад» [17, с. 324].

Масъалаи дигаре, ки ба арзёбии таъсири мутафаккирони юнонӣ, хусусан, Арасту ба ақоиди мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мусоидат мекунад (таъсири файласуфони дигари юнонӣ ба мантиқи ин ду мутафаккир хусусияти фосилавӣ ва сатҳӣ дорад), ба мавзуи салб ва эҷоби қазияҳо дахл дорад. Дар тафсири Арасту зикр шудааст, ки яке аз шартҳои таҳқиқи таноқузи миёни ду қазия ихтилоф дар кайфият (сифат) мебошад. Масалан, ду қазияи «инсон одил аст» ва «инсон одил нест» бо ҳам мутаноқизанд, зеро одоти салб дар қазияи солиба ҳукмро бар салби иртибот қарор медиҳад. Вале қазияи «мумкин аст мавҷуд бошад» бо қазияи «мумкин аст мавҷуд набошад» мутаноқиз нест ва ҳарду метавонанд содиқ бошанд. Нақизи он қазия бошад: «мумкин нест, мавҷуд бошад». Ҳамчунин, нақизи қазияи «воҷиб аст, ки ёфт шавад» на «воҷиб аст, ки ёфт нашавад», балки «воҷиб нест, ки ёфт шавад» мебошад.

Арасту бар ин назар аст, ки агар дар қиёс ду муқаддамоти солиба вуҷуд дошта бошад, натиҷа ҳосил намешавад. Барои дурустии қиёс, танҳо яке аз муқаддамот бояд солиб бошад. Ҳамчунин, бо тавсеа ёфтани бурҳон, теъдоди муқаддамоти эҷобӣ бояд зиёд гардад ва дар ҳар як қиёс, шумораи муқаддамоти салбӣ набояд аз як воҳид бештар бошад.

Форобӣ дар зимни шарҳу тавзеҳ додани таълимоти Арасту дар бораи қазияи салб ва эҷоби қазия дар баъзе ҳолат бо ӯ мувофиқ ва дар ҳолатҳои дигар мухолиф будааст, ки онро дар порчаи зерин мушоҳида кардан мумкин аст: «Муҷибаи мумкина бо солибаи мумкина мутаноқиз нест, чаро ки танҳо салби иртибот барои таҳқиқи таноқуз кифоят намекунад, зеро салби ҷиҳат бо солибаи муваҷҷаҳа мутафовит аст. Нақзи имкон салби имкон аст ва салби имкон дар муваҷҷаҳаи мумкина ғайр аз солибаи мумкина аст. Пас, одоти салб бар солибаи қазияҳои муваҷҷаҳа бояд бар сари ҷиҳати қазия даромада ва ҷиҳати қазияро салб намоянд, вагарна мутаноқиз нахоҳанд буд» [1, с. 110; 195].

Ҳарчанд дар тафсири ин масъала бо Арасту мухолифат дорад, аммо мазмунан Форобӣ ин масъаларо дар руҳияи ақоиди Арасту таъбир дода, қайд мекунад, ки маҳз, қиёс дар боби ҳосил кардани ҳақиқат нишон медиҳад, ки ҳақиқат дар яке аз муқаддамот ҷой дорад ва дар ниҳояти кор мантиқан чунин бармеяод, ки он фақат дар муқаддамаи солиб ва ё фақат дар муқаддамаи эҷобӣ вуҷуд дошта метавонад. Пас аз ин, Форобӣ бар хилофи Арасту, ин масъаларо ба таври дигар таъбир намуда, таъкид мекунад, ки ҳангоми тартиб додани ҳукмҳо дар ҳолатҳои гуногун, тасдиқи умумии эҷобӣ ва баъзан, мухолифи он ба даст меояд. Вале агар ин ҳолатҳоро ба ҳам пайваст кунем, муайян карда наметавонем, ки истинтоҷ (натиҷа) аз кадом қисми он ҳосил мешавад, зеро муқаддамоти эҷобӣ аз муқаддамоти салбӣ бартарӣ намеёбанд.

Қобили зикр аст, ки дар таърихи мантиқ аксари мутафаккирон ва файласуфон бар ин назаранд, ки муносибати байни салб ва эҷоб ҳамчун таноқуз ё тазод арзёбӣ мешавад. Онҳо ин ҳолатро бо имконпазир ё номумкин будани вуҷуди чизе дар замону макони ягона ва аз як ҷиҳат таъриф кардаанд. Масалан, ба назари Арасту, таноқуз дар қазияҳо дар он зоҳир мешавад, ки ду қазия дорои як мавзуъ ва як маҳмул бошанд, аммо дар тасдиқ ё рад (эҷоб ё салб) бо ҳам ихтилоф дошта бошанд. Дар чунин ҳолат, дурустии яке аз онҳо ногузир ботил будани дигареро талаб мекунад. Насируддини Тусӣ мафҳуми таноқузро дар мавриди қазияҳои мураккаб истифода кардааст. Ин гуна қазияҳо он вақт ба миён меоянд, ки як қазия бо ҷиҳатҳои гуногун ба қазияи дигар пайваст шавад ва аз ҳар ҷиҳат ба он ё ба тарафи муқобили он иртибот ёбад. Масалан, дар қазияи мумкинаи хосаи «ҳар як А – Б аст, на ба зарурат» ду «на ба зарурат» мавҷуд аст: аввалӣ ба ҷониби мусбат ва дуюмӣ ба ҷониби манфӣ рабт дорад. Аз ин рӯ, натиҷаи имкони хос иборат аз салби зарурат дар ҳар ду ҷониб мебошад, ки дар маҷмуъ, имкони умумии ҳарду ҷонибро ташкил медиҳад. Ба назари Насируддини Тусӣ, барои исботи нақзи қазияҳои

мураккаб, пеш аз ҳама, бояд ду ҷузъи онро ҷудо намуда, сипас, миёни ду нақз монеае қарор дод, то ки якҷоя будани онҳо номумкин гардад.

Бинобар ин, нақзи ибораи мумкини хоси «мазкур иборат аст аз: баъзе А ба зарурат – Б аст, ё баъзе А ба зарурат – Б нест», дақиқан қонуни маъруфи О. Де Морганро ба хотир меовард, ки шакли рамзии мухтасари он чунин аст: ٦(А Λ Б) ≡ ٦(А V ٦Б); ٦(А V Б) ≡ ٦(А Λ ٦Б). Яъне нақзи иттисол (конъюктивӣ) – дизъюнксияи нақзҳо аст ва нақзи дизъюнктивӣ (инфисол) – конъюксияи нақзҳо аст. Он ҷо, ки таноқуз дутарафа аст, равшан аст, ки дар назари Насируддини Тусӣ нақзи васлӣ – фаслӣ аст ва баръакс ва муҳол будани ҷамъ омадан ва боло рафтани ду нақз – асли бадеҳӣ ва аввалӣ аст, ки Арасту онро асли усул хондааст. Аз ин ҷо, Насируддини Тусӣ хулоса мекунад, ки «...ҳар гоҳ ки исботи матлуб ба ибтоли нақизаш кунанд, онро қиёси хулф хонанд. Ва он чунон бувад, ки қиёсе таълиф кунанд аз нақизи матлуб ва муқаддимаи ғайримутанозеъ, ки интоҷи ҳукме зоҳир-ул-фасод кунад, то маълум шавад, ки иллати интоҷаш нақизи матлуб будааст. Ва ба он фасоди нақизи матлуб зоҳир шавад, пас, сиҳати матлуб маълум гардад» [25, с. 319].

Яке аз масъалаҳои муҳии мантиқӣ, ки дар он таъсири Арасту ба ақидаҳои Форобӣ ва Насируддини Тусӣ равшан эҳсос мешавад, масъалаи тамсили мантиқӣ (аналогия) мебошад. Бо вуҷуди ин, бояд зикр кард, ки дар мантиқи Арасту тамсили мантиқӣ ба маънои муосири он, яъне «аналогия» дар фаҳмиши аврупоӣ истифода намешавад.

Арасту дар тавсифи маъноҳои гуногуни «мавҷуд» аз тамсили мантиқӣ кор намегирад. «Бо вуҷуди ин, пайравони схоластика бар он назаранд, ки маҳз, аз замони Арасту муносибати байни «мавҷуд» ва маъноҳои гуногуни он ҳамчун муносибати тамсилӣ дарк карда мешуд» [418, с. 17].

Дар илми муосир, тамсили мантиқӣ ба гуногунии ҳукмҳое дахл дорад, ки айнияти ашё ё падидаҳоро аз рӯйи як хосият, аломат ё муносибат муайян мекунанд. Дар асоси чунин тамсил хулосаҳои мантиқӣ бароварда мешаванд. Он ҳамчун усули истидлол баррасӣ шуда, аз гузариши як амри ҷузъӣ ба ҷузъи дигар иборат аст, ки ҳарду тобеи як ҳадди воҳид мебошанд ва ҳукми яке аз муқаддамаҳо аллакай маълум аст.

Ба назари Арасту, тамсили мантиқиро бояд аз нигоҳи «айният» дар иртибот бо тағйири маъноҳои калимаҳо, ашёи якҷинса ё муқобил баррасӣ кард. Масалан, ӯ менависад: «Агар адолат ҳамон маънои ҷасоратро дошта бошад, пас, одил низ бо шуҷоъ ҳамсон аст ва одил чизест, ки шуҷоат аст. Ҳамин гуна муносибат дар мавриди мухолифҳо низ ҷой дорад. Ба таври дақиқ, агар ин ашё бо ҳам айният дошта бошанд, пас, ашёи мухолифи онҳо низ дар ҳама гуна муқобилгузории зикршуда бо ҳам айният доранд. Фарқе надорад, ки ба ҳайси муқобил барои айният яке аз онҳоро мегиранд ё дигареро, зеро ҳар ду ҳамсонанд» [18, с. 495]. Аз ин бармеояд, ки сухан дар бораи таҳмил ё интиқол ёфтани аломат ва ё сифати як чиз ба чизи дигар меравад.

Форобӣ пайравӣ аз Арасту карда, тамсилро ҳамчун интиқоли ҳукм аз як чиз ба чизи дигаре, ки ба он шабоҳат дорад, таъриф мекунад. Ӯ таъкид мекунад: «Тамсил агарчи яқини комил намедиҳад, аммо чун тавассути таҳлили ақлонӣ ба ду қиёс баргардонида мешавад, қобили қабул ва қонеъкунанда аст. Он метавонад, мисли истиқроъ дар қиёси мантиқии хитоба, ки ҳадафи он қонеъ сохтани мардум аст, истифода шавад. Масалан: «Осмон ҳодис аст, зеро он дар ташаккул ва таҷассум ба хона шабоҳат дорад»» [1, с. 143].

Ба андешаи ӯ, натиҷагирӣ аз рӯйи тамсили мантиқӣ чунин аст, ки агар чизеро мисол гирифта, мефаҳмад, ки он дар вазъи хосаи муайян вуҷуд дорад ва пас, онро аз ин вазъ ба вазъи мушаххаси дигар, ки ба вазъи аввал монанд аст, интиқол медиҳад. Аз ин ҷо, ӯ ба хулосае меояд,

ки дар ин ҷо ду муқаррароти хоса вуҷуд дорад, ки бо як маънои умумӣ муттаҳид шудаанд ва қазия дар бораи қисми аввали он равшантар, ошкортар буда, дар бораи дуюми он – қазия бештар хусусияти махфӣ дорад, аммо аввалӣ шабеҳи дуюмӣ ва дуюмӣ ба аввали онҳо айният дорад. Ба ақидаи Форобӣ, қазияе, ки дар асоси он ҳақиқат дар бораи қисми аввал аз тариқи қисми дуюми он ба сабаби айнияти онҳо тасдиқ мешавад, қазия аз рӯйи тамсил ном дорад. Ӯ монанди Арсату қайд мекунад, ки натиҷагирӣ аз рӯйи тамсил – ин интиқоли як қазия аз як ҳолати ҷудогонаи мушаххас ба дигари шабеҳи он мебошад ва дар айни ҳол, яке аз онҳо нисбат бар дуюми он машҳуртар аст. Мисоли дар боло овардашуда, яъне айнияти хона ва осмонро шарҳ дода, Форобӣ таъкид мекунад: «Аз мушоҳидаҳо маълум аст, ки, масалан, девор сохта шудааст ё сабаби фоил дорад. Сипас, мо дармеёбем, ки осмон ба девор монанд аст, зеро он низ ҷисм мебошад. Бигзор ин як маънои умумӣ бошад, ки бар асоси он дар бораи осмон ҳукм содир мешавад, ки он низ офарида шуда ва сабаби фоил дорад. Бо такя ба ин айният, чунин хулоса ҳосил мешавад: «девор офарида шудааст», «девор ҷисм аст», «осмон низ ҷисм аст». Пас, метавон натиҷа гирифт, ки осмон низ офарида шудааст» [11, с. 299].

Тақрибан ба ҳамин тарз, Насируддини Тусӣ низ тамсили мантиқиро шарҳ дода, қайд кардааст, ки тамсил – ҳукм аст, бар чизе монанди он ки бар шабеҳаш ба сабаби шабоҳаташ карда бошад. Ӯ дар истинод бар мутакаллимони маҷҳул айнан мисоли дар боло зикршудаи Форобиро оварда, аз номи онҳо мегӯяд, ки «масалан, осмон – муҳдас аст, монанди хона, зеро ки ҳамчун хона мушаккал (шаклгирифта – С.Б.) аст ва мушаккали муҳдас ва тамсил ба таҳлил бо қувват дар қиёс ояд. Якӣ (яъне ҳадди аввал – С.Б.) бар ин сурат, ки осмон мушаккали муҳдас. Ва суғро (яъне ҳадди асғар – С.Б.)-и ин қиёс ҳамеша байн бувад ва кубро (ҳадди акбар – С.Б.) – ғайри байн. Ва асли тамсили ин қиёс бувад. Ва қиёси

дуюм муштамил бошад бар баёни кубро бар ин сурат, ки «мушаккал» чун хона бувад ва хона муҳдас аст, пас, мушаккал муҳдас бувад. Ва ин қиёс шабеҳ бувад бо истиқроъ, чӣ авсати ҷузвии асғар аст» [25, с. 334].

Дар мисоли ин порча тахмин кардан мумкин аст, ки Насируддини Тусӣ масъалаи тамсили мантиқиро дар зери таъсири ақоиди Форобӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст, зеро чуноне ки дар боло зикр кардем, Арасту тамсили мантиқиро асосан, дар маънои «айният» пешкаш мекунад, дар ҳоле ки мафҳуми «тамсили мантиқӣ»-ро бо баъзе мисолҳои он Насируддини Тусӣ аз Форобӣ (новобаста аз он ки дар асараш ба он ишорае накардааст) иқтибос намудааст.

Ниҳоят, масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи Форобӣ ва Насируддини Тусиро дар зери таъсири Арасту ҷалб намудааст, масъалаи муғолата (софистика) мебошад. Арасту дар табақабандӣ ва таснифи муғолатаҳо ин санъати мантиқиро ба понздаҳ навъи умумӣ тақсим кардааст. Ҳашт навъи онро ба худи қавл ва ҳафттои дигарро ба зоҳири қавл вобаста донистааст. Бояд зикр кард, ки худи Арасту ба муғолата (софистика) аҳаммияти ҷиддӣ намедод. Ӯ навиштааст: «Муғолата санъати ба даст овардани фоида тавассути ҳикмати тахайюлӣ аст. Аз ин рӯ, суфастоиён барои исботҳои тахайюлӣ талош мекунанд. Ҳам онҳое, ки баҳс карданро дӯст медоранд, ҳам суфастоиён ва ҳам эвристҳо аз далелҳои яксон истифода мебаранд, аммо бо ҳадафҳои гуногун. Эвристҳо барои пирӯзии тахайюлӣ, суфастоиён барои ҳикмати тахайюлӣ. Дар асл, муғолата на ҳикмати воқеӣ, балки тахайюлӣ мебошад» [18, с. 555].

Аммо дар ақидаҳои Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба масъалаи муғолата таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Форобӣ, дар идомаи анъанаи Муаллими аввал ба тавзеҳи муғолатаҳои лафзӣ, маънавӣ ва равонӣ пардохта, доираи таҳлили онҳоро васеътар кардааст. Аҷзои аслии фанни муғолата аз омилҳои лафзӣ ва маънавӣ иборатанд, ки сабаби муғолатаи зотӣ дониста мешаванд. Омилҳои руҳӣ ва равонии муғолата бошанд, ба

унвони аҷзои хориҷӣ ва аразии он баррасӣ мегарданд. Форобӣ, ба мисли Арасту, муғолатаро ҳамчун «василае барои дур сохтани ақл аз роҳи рост дар ҳамаи чизҳое, ки бояд шинохта шаванд ва дурӯғро ҳамчун ҳақиқат нишон додан» шарҳ дода, онро сабаби гумроҳ шудани толибилме медонад, ки «ба он гирифтор шуда, аммо худ онро дарк намекунад». Ӯ қайд мекунад, ки маҳз, тавассути ҳамин усулҳо сухангӯ метавонад шунавандаро ба иштибоҳ андозад. Агар шунаванда чизеро талаб кунад ё эҳсоси ниёзе ба чизе дошта бошад, суфастоӣ метавонад бо исрор иддао кунад, ки ӯ аллакай он чизро дарёфт кардааст, дар ҳоле ки дар асл, шунаванда на чизеро талаб кардааст ва на онро ба даст овардааст. Ҳамчунин, бо истифода аз ин усулҳо, сухангӯйи суфастоӣ метавонад ба шунаванда таҳмил кунад, ки гӯё ӯ нисбат ба чизе исрор варзидааст ё бо чизе мухолиф аст, дар ҳоле ки дар асл, шунаванда на мухолифат нишон додааст ва на исроре кардааст.

Дар иртибот бо ин қазияҳо, Форобӣ чунин хулоса кардааст: «Мегӯям, ки софизмҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: онҳое, ки метавонанд қиёс ё ҷузъи қиёс бошанд ва онҳое, ки аз онҳо наметавон на қиёс ва на ҷузъи қиёс сохт. Аммо [таъсири] софизмҳо вобаста ба ҳолати шахс аст – аз андешаҳои қаблан, шаклгирифта дар зеҳни ӯ, аз симо ва одатҳои ӯ, ки ӯро аз ҳақиқат ба иштибоҳ мебаранд. Масалан, пойбандӣ ба ягон андеша ё нафрат аз он ва амсоли инҳо метавонанд чунин таъсир расонанд» [11, с. 365].

Форобӣ низ монанди Арасту чунин муқаррарот ва монанди онҳоро барои ташаккул додани қиёс ва ё ҷузъҳои қиёс қодир намедонад.

Насируддини Тусӣ дар шарҳи муғолата мафҳуми «табкият»-ро дар маънии ҷадалии «бо бурҳон ғолиб омадан» ба кор мебарад, ки дар дастгоҳи мафоҳими Форобӣ ҷой надорад. Ба ақидаи Насируддини Тусӣ ҳар қиёсе, ки натиҷаи он нақзи вазъӣ пайдо шавад, онро бо баррасии соҳиби он «вазъи табкият» меноманд ва маводи онро қиёсе чун ҳақ

(дуруст) ё машҳур ва бо сурати ба зот табкияти бурҳонӣ ё ҷадалӣ меномад. Дар идомаи ин гуфтор ӯ менависад, ки ин усулест, ки «ба кор доштани шабеҳи ҳақ ба ҷойи ҳаққи ташаббуҳ бувад ба ҷадале. Ва сабаби ҳарду ҷуз ғалат ё муғолата натавонад буд. Пас, муташаббеҳи бурҳониро суфастоӣ хонанд ва саноати ӯро суфисто. Ва мушаббаҳи ҷадалиро машоғибе (фитна – С.Б.) ва саноати ӯро – машоғибат ва ҳарду бо ин эътибор, ки муноқизати вазъи ғайр кунанд, муғолата бошанд... Пас, табкияти эшонро ба ин сабаб табкияти муғолатӣ хонанд» [25, с. 515].

Аз ин иқтибос маълум мешавад, ки Насируддини Тусӣ, ҳарчанд дар таъбирҳояш истилоҳот ва усули шарҳи комилан дигарро ба кор мебарад, низ монанди Форобӣ муғолатаро роҳи дурусти ба даст овардани дониши ҳақиқӣ ҳисоб намекунад.

Хулоса, таъсири афкори фалсафии Юнони бостон, махсусан, Арасту ба назарияи маърифат ва таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба таври мушаххас дарк ва мушоҳида мешавад.

Дар баробари ин, машшоиёни шарқӣ – Форобӣ ва Тусӣ ҳангоми шарҳу тавзеҳи афкори мантиқӣ-маърифатии Арасту бо онҳо аз дидгоҳи интиқодӣ муносибат карда, бисёр андешаҳои ӯро такмил ва ислоҳ намуда, назарияи маърифат ва низоми мантиқи арастуиро бо як қатор навгониҳои илмӣ тақвият ва ғановат бахшидаанд.

Аз ҷумла, онҳо назарияи ҳамлпазирии Арастуро бо куллиёти хамса (куллиёти панҷгона), таъин ва тавзеҳи дидгоҳи зотгароёнаи ӯ дар масъалаи таъриф, ибтикори ӯ дар истиқроъ ва тамсил, навовариҳояш дар боби муғолита ва таъини объектҳои муғолитаро равшан гардондаанд. Пас аз ӯ, таҳқиқ ва таҳсили асрори илми мантиқ барои мантиқшиносон чун як роҳкушо ва дастури муҳим хизмат кардааст.

Аммо муҳимтарин ибтикори Форобӣ тақсими мантиқ ба ду бахш – тасаввур ва тасдиқ аст, ки сабаби пайдоиши мантиқнигории дубахшии

Ибни Сино гардид ва низоми мукаммал ва ниҳоии он дар китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ ба шакли комил идома ёфтааст.

Аз таҳлили муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии замони ҳаёти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бармеояд, ки ҳар ду мутафаккир дар шароити мухталифи таърихӣ, вале дорои шабоҳатҳои муҳим, ташаккул ёфтаанд. Давраи Аббосиён барои Форобӣ фазои нисбатан озоди илмӣ ва эҳёи фарҳанги антиқа фароҳам овард, дар ҳоле ки Тусӣ дар замони ҳуҷуми муғулҳо ба фарҳанги форсӣ ва исломӣ, бо кору талоши илмии худ, ҷараёни бозсозии маърифатиро ба роҳ монд.

Ҳарду мутафаккир аз муҳити худ таъсири амиқ гирифта, ба воситаи мутолиаи осори атиқа ва мутобиқсозии онҳо бо дидгоҳи нав, дар ташаккули афкори мантиқӣ ва маърифатии исломӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Форобӣ бо шарҳу таҳлили фалсафаи юнонӣ, махсусан Арасту, мактаби фалсафии мантиқмеҳварро бунёд гузошт, дар ҳоле ки Тусӣ дар шароити душвор тавонист идомадиҳандаи ин анъана гардад ва бо созмони марказҳои илмӣ, монанди расадхонаи Мароға, заминаи рушди минбаъдаи маърифатро таъмин кунад.

БОБИ 2 . ШАКЛҲОИ АСОСИИ ТАФАККУРИ МАНТИҚӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ ҳамчун пояи маърифати илмӣ ва воситаи дарки воқеият дар таърихи афкори фалсафии ҷаҳон мавқеи марказӣ доранд. Дар ин замина, таҳаввули мақулаҳои асосии мантиқӣ дар фарҳанги шарқӣ, бахусус дар тамаддуни форсизабонон, бо номи ду мутафаккири бузург – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, тавъам мебошад. Ин ду андешаманд бо осори пуразриш ва таҳқиқоти амиқи худ дар соҳаи мантиқ на танҳо идомадиҳандагони анъанаи мантиқии Юнони қадим буданд, балки онро дар заминаи ниёзҳои фикрии ҷаҳони ислом ва илмии асримиёнагии Машриқзамин такмил ва густариш доданд.

Форобӣ бо ҷорӣ намудани мафҳумҳо, истилоҳот ва мақулаҳои нави мантиқӣ пояи илми мантиқро дар Шарқ устувор сохт. Насируддини Тусӣ бошад, ин анъанаро бо забони илмии форсӣ идома дода, дар асоси осори гузаштагон низоми мукаммали истилоҳофаринии илмиро ташаккул дод. Баррасии ин боб, ки ба навъҳо ва шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ ихтисос ёфтааст, дар заминаи афкори ақлгароёнаи Арасту сурат гирифта, ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими дастгоҳи фикрии мантиқ дар Шарқ тавассути ин ду мутафаккири соҳибмақом бо таҳлилҳои эҷодию интиқодӣ вусъат ёфтааст.

Дар зербобҳои минбаъда таҳлили муқоисавии таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, доир ба мафҳум ва қазия, анҷом дода мешавад. Дар онҳо мафҳумҳои асосии мантиқӣ, сохтор, низом ва шеваҳои таснифу таҳлили онҳо дар осори ҳар ду мутафаккир мавриди баррасии амиқ қарор мегиранд. Аз ҷумла, мафҳумҳои умумӣ ва ҷузъӣ, муфрадӣ ва муаллафӣ, инчунин мафҳумҳои зотӣ ва аразӣ, донишҳои панҷгона ва мақулот бо шарҳи муфассал таҳлил мегарданд. Дар бахши қазия низ навъҳои он – ҳамлӣ ва шартӣ, бо равшаннамоии умумият ва фарқияти онҳо дар низоми мантиқии ҳар ду мутафаккир мавриди пажуҳиши илмӣ қарор мегиранд.

2.1. Хусусиятҳои хоси ташаккули мафҳумҳо ва мақулаҳои илмӣ-мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Таърихи илми мантиқ дар сарзамини Шарқ ба воситаи шиносоӣ ва мутобиқсозии осори мутафаккирони Юнони Қадим, хусусан, Арасту бо заминаҳои фарҳангӣ ва фикрии исломӣ оғоз мегардад. Дар ин раванд, шахсиятҳое чун Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нақши барҷаста ва сарнавиштсоз доштаанд. Таълимоти онҳо бо интиқол ва таҳлили мантиқ ва фалсафаи Арасту маҳдуд намешавад, балки дар ташаккули дастгоҳи мафҳумҳо, истилоҳот ва усулҳои таҳлили мантиқӣ заминаи устуворе мегузорад. Онҳо мантиқро на танҳо ҳамчун абзори фалсафӣ, балки ҳамчун воситаи таҳкими андешаи илмӣ ва ҳифзи ҳақиқат аз шубҳа ва муғолатаҳои софистикӣ арзёбӣ намуданд. Ин матлаб ба таҳлили ҷанбаҳои муҳимтарини фаъолияти мантиқии ин ду мутафаккир, аз ҷумла, ташаккули истилоҳот, истифодаи муфҳуму қазия, қиёс, бурҳон, равиши диалектикӣ ва муносибат ба софистика бахшида шудааст.

Нақши олимону мутафаккирони тоҷику форс дар инкишофи фалсафа ва мантиқ баргузидаву бузург аст, ки баррасии онро ҳанӯз дар даврони асрҳои миёна муҳаққиқон таъкид намудаанд. Андешаи Ибни Халдун – олими машҳур ва энсиклопедисти араб, асосгузори илми ҷомеашиносӣ, хело ҷолиби диққат аст: «Яке аз чизҳои аҷиби воқеӣ ин аст, ки аксар соҳибилмони миллати мусулмон эрониёнанд. Дар миёни арабҳо, ба истиснои якчанд нафар, дигар донишмандони илмҳои динию дунявӣ ба мушоҳида намерасанд» [262, с. 249].

Метавон гуфт, ки арабҳо на ба сабаби фарҳанги ақибмонда ва зиндагии бодиянишинии пеш аз ислом ва ба далели доираи танги тафаккурашон ба фалсафа ва илме, ки барои онҳо бегонаю ғайриодӣ ба назар мерасид, хеле кам таваҷҷуҳ доштанд, зеро муъминони солим онро бо нафрат қабул намекунанд. Фалсафа барои онҳо дуруст гуфта шудааст, ки танҳо як лаҳзае дар ҳаёти мусулмонон аст. Аз ин рӯ, дар миёни

файласуфони он давра кам андар кам метавон араберо пайдо кард. Маҳз, ғайриарабҳо ин фарҳанг, аз ҷумла, забон, мантиқ ва фалсафаи онро, бо саҳми худ дар донишҳои фалсафӣ ва кашфиёти илмӣ, инчунин, интиқоли мероси Юнони қадим рушд ва такмил доданд.

Махсусан, оид ба давраи ақлгароӣ, ки дар давраи ҳукмронии давлати Сомониён, аввалин давлати тоҷикон равияи ақлгароӣ сабаб ва шароити мусоиди рушди илму фарҳанг, махсусан, фалсафа улуми табиӣ ва тиб буда, ба арсаи илми ҷаҳонӣ баромадани як идда доиратулмаорифон гардид. Роҳкори асосии онҳо ақлгароӣ буда, силоҳи муҳимми рушду нумуи он таҳия ва коркарди дастгоҳи фикрии мантиқ будааст. Саҳми аслии онҳо дар ин раванд ниҳоят бузург буд, зеро бо ҷорӣ кардани равияҳои ақлонӣ, шаккокона, мантиқӣ, таҳлилӣ ва тафсирӣ, инчунин, корбурди усулҳои илмӣ ва таҷрибавӣ, ки то он замон, ҳатто, дар Аврупои асримиёнагӣ маъруф набуданд, ҷаҳонбинии инсон ва ҷомеаро тағйир доданд.

Ба ибораи дигар, шаклгирӣ ва таҳаввули тафаккури мусулмонон тавассути ворид шудани мафҳумҳо, истилоҳот ва назарияҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла, мантиқӣ оғоз ёфт. Ибни Сино дар «Фанни самои табиӣ» ин равандро дар назар дошта, чунин шарҳ медиҳад: «Ҳар гоҳ ақл чизеро қисмат кунад ва вуҷуд ҳам онро нишон бидиҳад, аз ин зоҳиртар чизе нест» [168, с. 582].

Дар заминаи мусоиди ақлгароии даврони Сомонӣ, ниёзи эҷоди истилоҳоти нав ба миён омад, ки пеш аз ҳама, ба мафҳуми «фалсафа» рабт дошт. Маҳз, дар ин давра, ва бо фаъолияти доиратулмаорифони тоҷику форс мафҳуми «фалсафа» ва «файласуф», ки тарҷумаи арабии вожаҳои юнонӣ буда, бештар ба машшоён ва пайравони мусулмони неоплатонизм дар садаҳои аввали ислом дахл доранд, боз ба арсаи илму фарҳанг дохил шуда, аз он ҷо бо тарҷумаи минбаъдаи осори нобиғагони илми шарқӣ ба Ғарб интиқол ёфт.

Падидаи инкишофи инқилобии илм дар давраи Сомониён мавриди таҳқиқоти амиқ ва баҳсу мунозираҳои муҳаққиқон мебошад. А. Корбен дар ин маврид, чунин меҳисобад, ки фалсафа ва илоҳиёти Шарқу Ғарби замони схоластикаи асримиёнагӣ набояд ҳеҷ гоҳ бо ҳам баробар дониста шавад ва меафзояд: «Фалсафа дар Ғарб хусусияти дунявӣ дорад, дар ҳоле ки чунин тафаккур дар ислом пайдо шуда наметавонист. Ҳол он ки осори бузурги мутафаккирони шарқи давраи мазкур, маҳз, бо таҳқиқи амиқи соҳаҳои дунявии илм марбут буда, дар он кашфиётҳои бунёдӣ кардаанд, ки барои вусъат додани дониши инсон оид ба ҳастии заминиаш нақши беҳудуд дорад. Гарчанде ба андешаи ин муҳаққиқ, истилоҳи «ҳикмат» муодили вожаи юнонии «софия» ва «ҳикмати илоҳӣ» муодили аслии вожаи юнонии «теодитсея» буда, метафизика ҳамчун чизе, ки бо илоҳиёт (Divinalia) вобаста аст, маъно мегирад. Аммо истилоҳи «илми илоҳӣ» (scientia divina) наметавонад ва набояд ҳамчун «теодитсея» тарҷума шавад» [113, с. 13].

Худи роҳкори таҳқиқ ва баррасии масоили мазкур ва ҷанбаҳои онтологии он аз осору афкори мутафаккирони даврони Сомониён ба муҳити илму фалсафаи ҷаҳон ворид гардид. Агар ин афкор ҷанбаи дунявӣ надошта, танҳо динӣ мебуданд, чӣ гуна ба рушду нумуи фарҳанги исломӣ дар тули асрҳо хизмат карда метавонистанд? Дар бораи давраи мазкур Старр С.Ф. таҳлили тоза анҷом дода, бо ҷалби анбӯҳи мавод ва омӯзиши муосири он ба хулосае меояд, ки минтақаи мазкур ба даврони тиллоии худ бо неъматҳои бузурги фарҳангиву ақлонӣ ҳам дар соҳаи дунявӣ ва ҳам динӣ ворид гардидааст. «Минтақа, ки аз фарҳангу донишҳои пешрафтаву оламгири бумӣ бой буд, дар давоми беш аз ҳазор соли ҳамзистии зич аз ҳамдигар ғанӣ гардид ва паҳлуи ҳам бо тамаддуни исломӣ ривоҷ ёфт» [183, с. 9].

Аз ин рӯ, дар он давра, таносуби дину дунявият дар сарзаминҳои фарҳанги тоҷик хеле мураттаб буда, муҳити маънавӣ барои равнақи

таҳқиқоти бунёдии илмӣ, аз ҷумла, риёзӣ, нуҷум, ҳандаса, тиб, кимиё, давошиносӣ, хеле мусоид буда, мақоми донишмандон, ки метавонистанд барои истифодаи дониши худ роҳкорҳои наву тоза, ки имрӯз бо номи технология ёд мешавад, пешниҳоду татбиқ намоянд, хеле арҷманд буд. «Донишмандони озодманиши сомонӣ динро бештар ҳамчун таҷассуми рамзии ҳақиқатҳои тафаккур, ки ба манфиати башар таҳия гардидааст, медонистанд» [183, с. 355].

Дар ин замина, яке аз роҳкорҳои муҳимми коркард, истифода ва татбиқи дониши илмӣ ақлгароӣ ба ҳисоб меравад, ки равияву силоҳи озмудаи донишмандони давр ба ҳисоб меравад.

«Тафаккур объекти ғайриклассикии таҳқиқот ба шумор меравад» [387, с. 4]. Он зотан инерсионӣ аст, ба сурати такомулӣ ҳидоят мешавад ва ба дигаргунӣ тан намедиҳад, ҳол он ки худ як раванди печида ва хосе мебошад. Тафаккур ба чизи одие мансуб дониста намешавад. Зеро он бо маъноҳое мувофиқ ва мутобиқ намебошад, ки тибқи принсипҳои мантиқи расмӣ, ки қодир бошанд танҳо алоқамандиҳои муайянеро дар низоми аломатҳо ошкор сохта, табиати эҷодии шуури инсонро фаро гиранд. Он ба назари муҳаққиқон бо шаклҳои гуногун зоҳир мегардад: баъзан, ҳамчун тимсол ё шакл, нақша, фаъолияти мантиқие, ки дар объектҳои меҳнат ва маданият таҷассум ёфтааст; баъзан, ҳамчун моликияти худи олами объективӣ, нишона ва фаъолияти низомҳои ҷамъиятӣ; баъзан, ҳамчун муносибат, зеро шуур ба ҳайси роҳкори мавҷудияти на танҳо робитаҳои маънавӣ, балки моддии афроди иҷтимоӣ хизмат менамояд.

Оид ба нақши ақл дар тафаккури мантиқӣ Ибни Сино дар «Фанни самои табиӣ» таҳқиқҳои амиқ дошта, нақши мағзи сари инсонро дар раванди маърифат барҷаста меҳисобад. Ӯ дар ин бора шарҳ дода, нақши хирадро дар кори мафҳумсозӣ ва аз ашё баровардани мафҳум дар раванди интизоъ (абстрактикунонӣ) шарҳ дода, гуфта аст, ки «шахсиёт

дар қувваи ҳисси ботин нигориш меёбад ва ақл аз он нигориш мушорикоту мубоянотро иқтибос менамояд ва табоеи оммаи навъияро интизоъ мекунад ва агар он шахсиёту оммиётро нисбат ба табиат бисанҷем, меёбем, ки навъ шинохтатар аст, агарчи оғози феъли ӯ аз ашхоси муайян аст» [168, с. 9].

Дар байни ин мутафаккирон Абунасри Форобӣ нақши муҳим дошт, ки ӯ ба асарҳои мантиқии Арасту «Мақулот», «Дар бораи тафсир», «Қиёс», «Бурҳон», «Исоғуҷи»-и Порфирий ва дигарон тафсирҳо навиштааст. Ҳарчанд таъсири арастуӣ бештар баъди асри IX дар тарҷумаҳо ва тафсирҳои ал-Киндӣ ба назар мерасад, аммо густариши тарҷумонӣ пас аз таъсиси хилофати Аббосиён имкон дод, ки барои таҳқиқи афкори Арасту имконияти бештар ва беҳтар фароҳам ояд. Форобӣ ҳамчун файласуфи пешгом дар ин самт бо таҳияи мафҳумҳо ва истилоҳоти фалсафӣ, инчунин, шарҳу тафсир ва тадвини китобҳои мондагор унвони «Муаллими сонӣ»-ро сазовор гардидааст. Ба ибораи дигар, таъсири мантиқи Форобӣ дар ҷаҳони ислом пас аз Арасту дар мақоми дуюм эътироф гардидааст. Форобӣ на танҳо ба тамоми бахшҳои «Органон»-и Арасту, ки дар он давра, дар олами ислом маъруф буд, дастрасӣ дошт, балки қисматҳои он асареро низ тарҷума ва шарҳ додааст, ки оид ба нисбаташ ба Арасту шубҳа вуҷуд дошт, аммо таъсири он дар мутолиаи осори ӯ аз ҷониби мутафаккирони ҳамон давра мушоҳида мешуд. Ин асар «Исоғуҷи»-и Порфирий мебошад. Он чи ки дар осори Форобӣ вомехӯрем, дар маҷмуъ, тафсири мантиқи Арасту аст. Ҷолиб он аст, ки мантиқ дар назари ӯ ҳамчун як шарти асосии тафаккури ақлонӣ нақши абзори муҳимро иҷро мекунад, зеро ба андешаи Форобӣ, бидуни абзорҳои мантиқӣ фарқ кардани ҳақ аз ботил ва дуруст аз нодуруст ғайриимкон аст. Дар ҳарду маврид, сухан дар бораи тавоноии ҷудо кардан (тамйиз)-и ин мафҳумҳо меравад ва чунин ҷудосозӣ, гарчанде ки фалсафа, дар маҷмуъ, онро ба вуҷуд оварда бошад ҳам, ба

санъати хосе такя мекунад, ки худи фалсафа ба он вобаста аст, яъне мантиқ.

Форобӣ асари «Китоб-ул-ҷадал»-ро ба баррасии ҷадал – диалектика бахшидааст. Ба андешаи ӯ, баҳсҳои ҷадалӣ ё диалектикӣ бо раддияи мавқеи муқобил сарукор доранд ва дар ин самт, ӯ бештар ба Арасту пайравӣ кардааст. Масалан, Арасту дар «Топика»-и худ дар бораи диалектика чунин навиштааст: «Тафаккури диалектикӣ онест, ки бар пояи мавзеъҳои шабеҳи ҳақиқат бунёд мешавад. Ҳақиқат ва мавзеъҳои аввалия онҳоянд, ки на ба воситаи далелҳои дигар, балки ба худии хеш асос ёфтаанд, зеро дар мавриди мабодии дониш саволи «чаро?» гузоштан шарт нест – ҳар яке аз ин мабодӣ бояд зотан муайян бошанд. Шабеҳи ҳақиқат он чизест, ки барои ҳама ё бештари мардум, ё барои ҳама ё бештари ҳакимон, ё барои маъруфтарину машҳуртарини онҳо дуруст ба назар мерасад» [18, с. 349].

Форобӣ низ дар мавриди баҳс дар бораи маърифати мантиқӣ ва ҳосил намудани ҳақиқат ба парҳез аз фиребу найранг ва дурӯғбофии пайравони суфастоӣ даъват намуда, қайд мекунад, ки суфастоиён бар ин назаранд, ки «шахсе, ки ҳақиқатро таҳриф карданӣ мешавад, ба далели талошҳояш сазовори эътироф аст, зеро нуқтаи назари ҳосилкардаи ӯ барояш дуруст менамояд. Аз ин рӯ, бисёре аз онҳо ба хулосае меоянд, ки ҳама одамон хато мекунанд, вақте гумон мекунанд, ки [ҳақиқатро] дарк кардаанд. Баъзе одамон аз ин хулоса мебароранд, ки ҳамаи масъалаҳо ҳалнашавандаанд. Дигарон аз ин ба хулосае меоянд, ки дар он чизе, ки дарк мешавад, ҳақиқат комилан вуҷуд надорад ва агар касе иддао кунад, ки чизеро дарк кардааст, дар ин маврид, иштибоҳ кардааст» [10, с. 168].

Форобӣ мантиқро чун илме тафсир медиҳад, ки дурӯғро аз рост фарқ мекунонад. Вазифаи асосии мантиқ дар омӯзиши инсон ба тарзи дурусти ибрози фикр аз тариқи забон мебошад. Аз рӯйи таснифоти ӯ

мантиқ ба ду қисм ҷудо мешавад: илм оид ба ғояҳову таснифот, инчунин, илм оид ба қиёс, хулоса ва исбот.

Ҳамин гуна гузориши масъала дар бораи он ки диалектика (ҷадал) як усули баҳс ва саволу ҷавоби байни ду тараф дар бораи як «вазъ» аст, дар таълимоти Насируддини Тусӣ низ матраҳ шудааст. Вазъ, ба ақидаи ӯ, раъй ё тақрибан, ҳамон иддаоест, ки як тараф ба он бовар дорад ва кӯшиш мекунад, ки онро исбот ва дифоъ кунад ва тарафи дигар бошад, барои ботил сохтан ё рад кардани он саъй меварзад. Шахсе, ки аз як мавзеъ дифоъ мекунад ва барои пуштибонӣ аз он қиёс эҷод мекунад, муҳофизи вазъ ё муҷиб аст, аммо касе, ки мехоҳад бо сохтани қиёси иборат аз машҳурот ва мусалламоти худи муҷиби он мавзеъро нақз кунад, ноқизи вазъ ё соил (саволдиҳанда) ном дорад. Дар мубоҳиса саволдиҳанда тадриҷан саволҳоро ба миён мегузорад, то он даме, ки ниҳоят ба ҳадафаш наздик шавад, яъне рақибашро ба иқрор ва итоат кардан ба шартҳои зарурӣ, ки вайрон кардани мавзеъро талаб мекунанд, водор мекунад. Ин ва дигар масоиле, ки вобаста ба диалектика ё топика мебошанд, дар «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ тавзеҳ ёфтаанд. Бояд зикр кард, ки Насируддини Тусӣ мафҳуми «ҷадал»-ро дар муқоиса бо Форобӣ, ки онро ҳамчун «диалектика» арзёбӣ намудааст, ба маънои «топика» фаҳмида, сарлавҳаи мақолаи шашуми ин китобро чунин номгузорӣ кардааст: «Дар ҷадал ва онро топика хонанд, се фан аст: аввал, дар муқаддамот, дуюм – дар мавозеъ (мавзеъҳо) ва сеюм – дар васоё» [25, с. 444].

Ӯ ҷадалро санъати илмие мешуморад, ки ба воситаи он «иқомати ҳуҷҷат (яъне бурҳон ё истидлол – С.Б.) аз муқаддамоти мусаллам бар ҳар матлубе, ки хоҳанд ва муҳофизати вазъе, ки иттифоқ афтад бар ваҷҳе, ки муноқизате лозим наёяд, мумкин бошад. Ва ба иборати дигар, – саноате, ки тақозои иқтидор кунад бар тамшиати ҳуҷҷатҳои муаллаф аз

мусалламот ё радди он бар ҳасби иродат ва бароҳаттар аз лузуми таноқуз дар муҳофизати вазъ» [25, с. 444].

Мусаллам аст, ки Насируддини Тусӣ, монанди Форобӣ, масъалаи диалектика ва топикаро дар руҳияи мантиқи Арасту баррасӣ кардааст. Ҳарчанд муносибати ӯ ба ин масоил бавосита ва дуюмдараҷа буд, ӯ бар хилофи Форобӣ, бевосита ба тарҷумаи осори мутафаккирони юнонӣ машғул нашуда, балки таҳти таъсири афкори Форобӣ ва Ибни Сино таълимоти худро ташаккул додааст.

Дар маҷмуъ, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ фарқи асосии диалектика ва софистикаро дар он мебинанд, ки диалектика ба муқаддамоти машҳур такя мекунад, гарчанде дуруст ба назар мерасанд, дар асл метавонанд ботил бошанд. Бо вуҷуди ин, ҳарду мутафаккир аз миёни се санъати фалсафии зикршуда – мантиқ, диалектика ва софистика – диалектика ва софистикаро ҳамчун усули таҳқиқоти фалсафӣ мешиносанд, аммо таъкид мекунанд, ки ҳарчанд ин се шеваи тафаккур мазмуни умумӣ доранд, ҳадаф ва усулҳои онҳо гуногунанд. Зеро ҳадафи ниҳоии мантиқ расидан ба саодат, вазифаи диалектика омода сохтани ақл барои фаъолияти фалсафӣ ва мақсади софистика тасаввури ҳикмат ва ҷустуҷӯйи ҳадафҳои фалсафист.

Диалектика, ба андешаи Форобӣ, панҷ ҳадафи фалсафӣ дорад: «1) барои омода кардани ақлу зеҳн, ки бе тарбияи онҳо ва ё табъи табиии қувваи он ба ҳақиқат расидан ғайриимкон аст; 2) барои шинохту муаррифӣ кардани ҳар он чизе, ки ба илмҳо тааллуқ дорад; 3) барои маърифат ва ҳидоят ба роҳи дурусти илмҳо, новобаста аз тасодуфҳое, ки дар ин роҳ ба миён меоянд ва инчунин, бе ҷой надоштани шакку шубҳа дар маърифати диалектикӣ дар илмҳои табиатшиносӣ, теологӣ ва сиёсӣ ба ҳақиқат расидан мумкин нест; 4) барои фаҳмидани принсипҳои умумии илмҳои алоҳида, ки онҳо танҳо барои санъати додашуда махсус шудаанд; 5) барои имкони радди софистика ва ҳифзи фалсафа аз он. Ин,

махсусан, ба илми сиёсатшиносӣ дахл дорад, зеро ба қавли Форобӣ, инсон – мавҷуди сиёсӣ аст. Дар маҷмуъ: «Форобӣ, дар пайрави аз Арасту, диалектикаро ҳамчун усули таҳқиқоти фалсафӣ, мантиқӣ ва илмӣ арзёбӣ мекард. Аз ин рӯ, ӯ ба омӯзиш, таҳлил ва рушди ақидаҳои диалектикии «Топика»-и Арасту таваҷҷуҳи махсус додааст. Ба гуфтаи худи Форобӣ, ин асар маводеро дар бар мегирад, ки бо истифода аз онҳо метавон қазияҳои диалектикӣ, тарзи саволу ҷавоби диалектикӣ ва қонунҳои марбут ба санъати диалектикаро санҷид. Инчунин, он қонунҳоро низ фаро мегирад, ки бо ёрии онҳо амалҳои диалектикӣ комил, муассир ва беҳтарин мегарданд» [12, с. 70].

Насируддини Тусӣ низ муътақид аст, ки ба шарофати ҷадал ҳақиқати илмҳои дигар ва одобу ҳирфаҳо тасдиқ мегарданд ва соҳиби ин илмҳо касе буда метавонад, ки дар риояи қонунҳои он масъул бошад, монанди табибе, ки бо хосияти фитрӣ ва таҷрибаҳояш табиб набошад, балки бояд қонунҳои ҳифзи сиҳатро низ риоя намояд. Ба ғайр аз ин, ҳар гуна санъат низ барои ба камоли ниҳоӣ расидан дар ҳадафе кафолат дода наметавонад ва дар идомаи ин ақида ва тасдиқи он Насируддини Тусӣ илова мекунад: «Масалан, на тиб мутакаффили изолати ҳамаи амроз тавонад буд ва на мусориат – мутакаффили афкандани ҳамаи мусореон, бал синоот дар расонидан ба ағроз мутафовит бошанд ба ҳасби зиёдат ва нуқсони мавод дар истиқсо аз инфиол ё мусоадат дар он ва қурбу буъди имкони вуҷуди ғараз» [25, с. 445].

Аз ин иқтибос ва дигар мисолҳои шабеҳ, мутафаккир натиҷа мегирад, ки маводи ҷадалӣ, асосан, аз мусалламоти мутлақ ё маҳдуд иборат буда, сохтори далелу бурҳонҳо танҳо ба қиёс маҳдуд намешавад, балки қиёс ва унсурҳои шабеҳи қиёсро дар истиқро (индуксия) низ дар бар мегирад. Чунон ки бармеояд, Насируддини Тусӣ низ, пайрави Арасту ва Форобӣ, ҳамон талабот ва ҳадафҳои фалсафии ҷадал (диалектика)-ро, ки дар боло зикр шуданд, барои исботи ҳақиқат ё радди

донишҳо, имконпазирии шакку шубҳа дар ҳукмҳо ва қиёсот ва инчунин, барои радди муғолатаҳои мантиқӣ пайгирӣ менамояд.

Бояд таъкид кард, ки ҳам дар диалектика (ҷадал) ва ҳам дар софистика (суфастоия), Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мафҳуми бурҳон ё ҳуҷҷатро яке аз воситаҳои асосии тасдиқ ё инкори ҳукму қазия мешуморанд. Бурҳон ҳамчун навъи қиёс маънидод шуда, барои ба даст овардани дониши яқин аз муқаддамоти аввалия истифода мегардад. Ҳамин тавр, мантиқ ҳамчун равиши таҳқиқи тафаккури илмӣ, асосан, аз ду ҷузъ иборат аст: таҳқиқи ҳад (ҳудуд) ва таҳқиқи бурҳон (ҳуҷҷат). Ин ҷудосозӣ бо тақсимоти пазируфташудаи дониш дар миёни файласуфони исломӣ иртибот дорад, ки донишро ба ду навъ – тасаввур (мафҳум) ва тасдиқ (қазия) тақсим мекунанд. Ҳар кадоми онҳо, дар навбати худ, ба ду бахш ҷудо мешаванд: аввалия ва муктасаб.

Мафҳумҳо ва тасдиқҳои аввалия донишҳои бадеҳӣ ва зотӣ буда, ба таври фитрӣ дарк карда мешаванд, дар ҳоле ки донишҳои муктасаб тавассути ҳадҳо ва тасдиқҳои иктисобӣ бо ёрии бурҳон – яъне татбиқи қиёсҳо бо муқаддамоти ҳақиқӣ – ба даст оварда мешаванд

Чунин ба назар мерасад, ки манбаи ин ду истилоҳ – тасаввур ва тасдиқ, мантиқи Форобӣ буда, шуруъ аз он дар фалсафаи классики исломӣ маъмул мегарданд. Аммо ҳарчанд Форобӣ ва мантиқшиноси дигаре чун Насируддини Тусӣ шояд ин истилоҳотро аз мантиқи раввоқиён (стоикҳо) гирифта бошанд, аммо ба усули таҳқиқ ва баррасии ин ду истилоҳ ба раввоқиён пурра пайравӣ накардаанд, балки бурҳон ва назарияи Арастуро дар бораи ҳад (ҳудуд) низ қабул карда, ба он баъзе унсурҳои раввоқиёнро низ илова кардаанд, ки моҳиятан, шакли назарияи Арастуро тағйир намедиҳад. Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, албатта, мафҳумҳо ва истилоҳоти дигари мантиқро ба ҷуз «ҳад» ва «бурҳон» инкор намекунанд, балки онҳоро субъектҳои мавриди ниёзи ин ду истилоҳ мешуморанд ва аз ин рӯ, ҳад ва бурҳонро ҳамчун яке аз

истилоҳоти асосии мантиқ арзёбӣ мекунанд ва ин мавқеест, ки на хусусияти арастуӣ ва на раввоқӣ (стоикӣ) дорад.

Форобӣ дар китоби «Ал-қиёс» маърифатро, пеш аз ҳама, ба тасаввур ва тасдиқ ҷудо мекунад, ки ҳар кадомашон ё том ва ё ноқис буда метавонанд. Ба андешаи ӯ, тасдиқи том яқин ва тасаввури том – тасаввури чизест, ки он ба зоте, ки ба он тааллуқ дорад, ҷамъбаст мешавад ва он тасаввур кардани шайъ бо чизест, ки ба ҳадди он далолат мекунад. Тасдиқ дар ҷумла он аст, ки шахс ба ҳукме бовар кунад, ки он бо ҳукме, ки дар вуҷуди ӯ берун аз зеҳн, мувофиқи он ки зеҳн бовар дорад, доварӣ мешавад. Аз ин ҷо, тасдиқ ё содиқ ва ё козиб буда метавонад. Дар навбати хеш, муқаддамоти куллиро, ки бо онҳо яқини зарурӣ ҳосил мешавад, Форобӣ дар қиёси мантиқӣ ба ду навъ тақсим мекунад: яқине, ки ба табъ ва яқине, ки ба таҷриба ҳосил мешавад. Бар пояи ин ҳукмҳо, мутафаккир бурҳонро ба се навъ тасниф мекунад: «Аввали он, бурҳони вуҷуд аст, ки онро «бурҳон дар бораи он ки шайъ ҳаст», дуюми онро – бурҳони «барои чӣ шайъ ҳаст» ва сеюмашро – бурҳоне, ки ду чизро ба ҳам ҷамъ мекунад, меноманд. Ва он ҳамонест, ки бурҳони мутлақ ном гирифтааст. Яқини би-л-вуҷуд ва сабаб дар якҷоягӣ, умуман, илми бурҳонӣ ном дорад. Ва бурҳони мутлақ қиёси яқиниест, ки ба зоти худаш ва на бо арази вуҷуди шайъ ва сабаби вуҷуд дар якҷоягӣ ба миён меояд» [319, с. 26].

Дар ҳосил намудани тасаввурот, ба ақидаи Форобӣ, мафҳуми ҳудуд ва маҳдуди ашёро бояд муайян кард, ки ба онҳо ё алфозе монанди «инсон», «шамс» ва «қамар» ва ё қавле далолат мекунанд, ки «сиғаи таркиби он таркиби қавли ҷозим нест». Ҳудуд аз ашёи бештар аз як унсур ба манзалати он, ки бурҳонҳоро таълиф медиҳад, таркиб меёбанд ва ғайр аз он бояд аз ҷузъҳои қиёс бошанд. Дар мавриди таркиби қисматҳои ҳудуд бошад, Форобӣ онро ба сарфу наҳви забонӣ мутааллиқ дониста, сиғаи онро шакли сиғае намешуморад, ки дар он баъзе ҷузъҳояш ҳукм ва

қисмати дигарашон – маҳкум бошанд. Дар байни аҷзои маҳдуд ҷузъҳое ҳастанд, ки метавонанд бар маҳдуд таҳмил карда шаванд ва ҷузъҳое, ки бар он таҳмил нашаванд, монанди ҳадди доира, ки он бо қитъае иҳота шудааст, ки маҳдудшудаест, ки дар дохили он як нуқта дорад ва ҳама хатҳои росте, ки аз он то хатти маҳдудшуда гузаронида мешаванд, баробаранд. Ҳамчунин, мутафаккир қайд мекунад, ки «аҷзои ҳад ё аз маҳдуд муқаддамтаранд ва ё мутаахиртар. Аҷзои он ки аз маҳдуд муқаддаманд, чунинанд, ки зоти шайъро бо он ки он вуҷуди на ба араз, балки ба зот аст, муфассал мефаҳмонад. Вуқуъ ёфтани исми ҳад бар он бештар аз вуқуъ ёфтани ин исм бар он аст, ки аҷзои он аз маҳдуд мутааххиртар аст» [319, с. 46].

Насируддини Тусӣ масъалаи бурҳон ва таснифоти онро дар робита бо ҳудудаш бар пояи усули арастуӣ шарҳ дода, дар тафсиру таъбир ба андешаҳои Форобӣ наздик аст. Ӯ низ бурҳонро аз яқиниёт мешуморад ва ба хусусиятҳои зотӣ ва ғайризотии он таъкид мекунад. Яқинро ҳамчун эътиқоди «ҷозими мутобиқ» тавсиф намуда, эътиқоди ҷозимро ба «тасдиқи ҳамроҳ бо тасдиқи дигар ва имтинои нақизи тасдиқи аввал» маънидод мекунад.

Насируддини Тусӣ, инчунин, зикр мекунад, ки ҳар илм бояд се унсур дошта бошад: мавзуъ, мабодӣ ва масоил. Ба назари ӯ, мавзуи илм он аст, ки баҳс дар бораи авсофи зотии он сурат мегирад, мабодӣ қазияҳое мебошанд, ки асоси бурҳонро ташкил медиҳанд, вале худи онҳо дар он илм бурҳон намешаванд, зеро қазияҳо ба масоили илмҳои дигар тааллуқ доранд.

Насируддини Тусӣ таъкид мекунад, ки пас аз муайян шудани мавзуъ, мабодӣ ва масоили улум ва қоидаҳои ҳар яке, метавон хулоса кард, ки: «Мавзуи илми мантиқ, ки мабоҳиси ҷузвист, аз он маъқулоти сония аст ба эътибори он ки муқтазои вуқуф бар кайфияти иктисоби улум бошад. Ва ба маъқулоти аввалӣ суваре ақлӣ мехоҳем, ки мустафод

аз аъёни мавҷудот бувад, монанди ҷавҳару араз ва воҳиду касир ва ғайри он. Ва ба маъқулоти сония – сувари ақлие, ки мустафод бувад аз маъқулоти аввалӣ, монанди куллию ҷузъӣ ва зотию аразӣ ва амсоли он... Ва мантиқро илм ба илм аз он ҷиҳат гӯянд, ки мавзуяш маъқулоти сония аст» [25, с. 339].

Дар касб намудани донишҳо Насируддини Тусӣ дар мадди аввал иктисоби тасаввуротро дар муносибати он бо тасдиқ мегузорад. Ӯ дар яке аз фаслҳои «Асос-ул-иқтибос»-и хеш дар бораи имкони иктисоби тасаввурот аз «қавме» зикр мекунад, ки онҳо иктисоби тасаввуротро ба ҳудуд ва «он чи ҷории маҷрои ҳудуд» бошад, мумкин надониста, муътақиданд, ки агар ин иктисоб ҳосил нашавад, «сурат набандад» ва он чизе, ки тасвир нашавад, матлуб буда наметавонад. Насируддини Тусӣ сабаби ин иштибоҳи он қавмро ғафлат аз дарки кайфияти тасаввурот медонад ва мегӯяд, ки тасаввурот «он аст, ки маърифати чизҳо амре нест, ки ҳусули он дафъаи воҳида бошад, бал онро маротиб аст дар вақту заъф, вузуҳу хафо, хусусу умум ва камолу нуқсон ва бошад, ки шайъан, баъди шайъ ҳосил шавад, то ба ҳадди камол расад. Ва баёнаш он аст, ки маърифате ҳаст чизеро ба зоти он чиз ва маърифате ҳаст ҳамон чизро ба зотиёти он чиз ва маърифате ҳаст ҳамон чизро ба аразиёташ ва маърифате ҳаст ӯро бо шибоҳ ва назоираш» [25, с. 41]. Дар идомаи таҳлили масъалаи муносибати бурҳон ва ҳад, Насируддини Тусӣ ба назари гурӯҳи дигаре низ истинод карда, зикр менамояд, ки онҳо ҳадро сухане мешуморанд, ки маънои онро исм бар зот мутобиқи яке аз ду вазъ ва дар асоси фаҳмиши ду шунавандаи ворид ба баҳс далолат мекунад. Фарқи байни исм ва ҳад дар он аст, ки далолати исм иҷмолӣ буда, дар ҳоле ки далолати ҳад тафсилӣ мебошад. Бо такя ба ҳамин асос, ҳадди том маҷмуи ҳамаи зотиётро дар бар мегирад, дар ҳоле ки ҳадди ноқис танҳо қисме аз онҳоро ифода мекунад.

Тавре ки Насируддини Тусӣ таъкид мекунад, азбаски ҳакимон ин маъниро дар нисбати ҳад қабул намудаанд, мавҷудияти хориҷии маҳдудот дар ҳудуди ҳақиқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, маълум мегардад, ки: «ҳамаи ҳадҳо тафсили мо далла алайҳи ал-исм иҷмолан (ҳар чизе, ки ба он исм ба ҷумлагӣ далолат мекунад – С.Б.) набошад. Ва низ агар ҳар чи исм бар он далолат кунад, ҳад бошад, ҳар қавл, бал қасида ва китоб, ки онро исме бувад, он мусаммои ҳадди он исм бошад. Ва маълум аст, ки ҳад бар ин минвол ҳам эътибор накардаанд; пас, мафҳуми «ҳад» ба ҳасби истилоҳи аҳли илм аз ин тафсир омтар аст ба ваҷҳе ва хостар – ба ваҷҳе» [25, с. 417].

Таҳти калимаи «қавме» Насируддини Тусӣ, маъмулан, мутакаллимон ва хусусан, намояндаи онҳо Фахриддини Розиро дар назар дорад ва дар асоси ин гуна раддияҳои ақоиди онҳо дар мавриди масъалаҳои баррасишуда, ба хулосае меояд, ки даъвои онҳо ҳеҷ асосе надоранд. Вокуниши Насируддини Тусиро ба ин масъалаҳо дар ду ҷанба тафсир додан мумкин аст:

Аввалан, ҳар гуна фарзияи шаккокона наметавонад ба эътиқодҳои муқаррарии шахс дар бораи таҷрибаи ҳаррӯзаи ӯ (масалан, эътиқод ба мавҷудияти доимӣ ва мушаххаси ҷисмҳо) шубҳа гузорад, гарчанде ки ӯ эътироф мекунад, ки байни эътиқодҳои муқаррари инсон ва эътиқодҳо ба мабодии бадеҳӣ (ё аввалия) фарқият вуҷуд дорад.

Сониян, ин фарқият нисбат ба тафовути сифатӣ, бештар хусусияти дараҷавӣ дорад. Ба ибораи дигар, дараҷаҳо, сатҳҳо ё маротиби гуногуни тасдиқ ва итминон бар дониш вуҷуд доранд, ки дараҷаи пасттарини онро, Насируддини Тусӣ, ба монанди Форобӣ ба мақулаи занн (гумон) нисбат медиҳад.

Дар сохтори мантиқи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, чунонки дар боло қайд кардем, зери таъсири Арасту дар баробари диалектика ва топика, инчунин, қисмати дигари он – муғолата (софистика) низ мавриди

баррасӣ ва таҳлил қарор мегирад. Ин навъи санъати мантиқиро Арасту ҳамчун як шохаи махсуси диалектика мешуморад, ки он дар асоси номутобиқатии мавзуъҳои баҳси диалектикӣ эҳтикор (спекулятсия)-ро ба кор бурда, кӯшиш мекунад, ки маъқулоти аз асосҳои тасодуфӣ ҳосилшударо ҳамчун моҳияти мавзуи баҳс пешкаш намояд. Арасту муғолатаро ба таври равшан ҳамчун «муборизаи беинсофона», ки ҳадафҳои беруниро дунбол мекунад, арзёбӣ намудааст. Аз ҷумла, ӯ навиштааст: «Ва азбаски баъзеи онҳо бештар ба он аҳаммият медиҳанд, ки на воқеан, ҳаким бошанд, балки ба ҳаким шабоҳат пайдо кунанд ва ба сатҳи ӯ нарасанд (чунки суфастоӣ ҳикмати сохтаи хаёлӣ аст, на воқеӣ ва суфастоӣ касест, ки манфиати худро аз хаёл ҷустуҷӯ мекунад, на аз ҳикмати воқеӣ), пас, маълум мешавад, ки барои онҳо муҳимтар он нест, ки ҳикматро амалан татбиқ намоянд, балки он ки кори ҳакимро тақлид кунанд» [18, с. 536]. Агар диалектика ҳам қиёсҳои воқеӣ ва ҳам зоҳириро омӯзад, ки аввалӣ воқеан, эътимодбахш ва дувумӣ танҳо чунин менамояд, муғолата ин тафовутҳоро нодида гирифта, донишро ба нияти пешакии шахс тобеъ мегардонад.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ монанди Арасту, нисбат ба бурҳонҳои суфастоӣ, ки ҳадафашон гумроҳ сохтани инсон бо макру найранг аст, муносибати оштинопазир доранд. Форобӣ дар ин бахши мантиқ усулҳоеро меомӯзад, ки тафаккури инсонро аз роҳи рост дур месозанд ва монеаи расидан ба ҳақиқат мегарданд. Ҳамзамон, ӯ дар онҳо хусусиятҳои ҳам мантиқӣ ва ҳам ғайримантиқиро эътироф мекунад.

Ӯ ба ҷанбаи ғайримантиқии суфастоӣ хислатҳои сирф субъективӣ мансуб медонад, ба монанди табиати ботинии инсон, одатҳо, риояи ақидаҳои муайян, инчунин, истифодаи ифодаҳо ва маъноҳои лафзӣ, ки бар номҳои умумӣ, амфиболҳо, маҷозу истиораҳо, ифодаҳои духӯра, иваз кардани кул бо ҷузъ, тағйири овозҳо ва пайваст кардани маъно бо имову ишораҳо асос ёфта, замина барои иштибоҳот фароҳам меоранд.

Форобӣ мегӯяд: «Маҳз, бо ҳамин усулҳо сухангӯ шунавандаро чунон ба гумроҳӣ мебарад, ки агар [шунаванда] чизеро талаб кунад ё эҳсоси ниёз ба чизе дошта бошад, [гӯянда] ба ӯ талқин мекунад, ки гӯё он чизеро, ки талаб кардааст, аллакай гирифтааст, дар ҳоле ки ӯ на онро талаб кардааст ва на гирифтааст. Ҳамчунин, тавассути ин усулҳо [гӯянда] метавонад ба шунаванда талқин намояд, ки гӯё [шунаванда] ба чизе исрор мекунад ё ба чизе мухолиф аст, дар ҳоле ки дар асл [шунаванда] мухолифат надошта, ба чизе исрор наварзидааст» [11, с. 364-365].

Форобӣ сарчашмаҳои иштибоҳот ё дақиқтараш, муғолатаро тасниф намуда, онҳоро ба навъҳои зерин ҷудо мекунад:

1. Омонимҳо – номҳое, ки барои ишора ба мафҳумҳои гуногун истифода мешаванд (номҳои умумӣ).

2. Амфиболияҳо – духӯрагии маънӣ дар ифодаҳо, ки боиси нофаҳмӣ мешаванд.

3. Номҳои интиқолёбанда – номҳое, ки ибтидо ба як маънӣ ишора мекунанд, сипас, ба маънии дигар гузариш меёбанд ва барои ҳарду ҳолат як хел қабул мешаванд. Форобӣ ба ин гурӯҳ мафҳумҳое чун ҷинс, навъ, ҷавҳар, араз, рукуъ, суҷуд ва ғайраро шомил мекунад.

Форобӣ байни се навъи охир фарқ мегузорад:

- Амфиболияҳо номҳое мебошанд, ки умумияти маъноии онҳо байни ду ё зиёда чизҳо чунон аст, ки далолати аввалия ва дуюминашон дар замон якхела аст.

- Дар номҳои интиқолёбанда бошад, имкон дорад, ки маънои аввал ба дуюмаш муқаддам бошад.

4. Номҳои маҷозӣ – лафзҳое, ки чизеро ба таври бадеӣ тасвир мекунанд. Ба ақидаи Форобӣ, омонимҳо ва номҳои маҷозӣ ҳамчун номҳои умумӣ истифода мешаванд, зеро онҳо ба чизҳое ишора мекунанд, ки дар онҳо умумият вуҷуд дорад. Номҳои маҷозӣ бошанд, ҳамчун як навъи омонимӣ қабул мешаванд, зеро онҳо маънои нав гирифтаанд, дар

ҳоле ки дар асл ба чизи дигар ишора мекунанд. Ин боис мегардад, ки инсон байни мафҳуми аслӣ ва ивазкунандаи он фарқ намегузорад ва гумон мекунад, ки ҳар ду як чизанд. Дар натиҷа, шахс чунин мешуморад, ки истифодаи як мафҳум ба ҷойи дигар аҳаммият надорад ва барои ӯ фарқе намекунад. Ақли ӯ на танҳо кӯшиш намекунад, ки маънои аслиро дақиқ муайян созад, балки, баръакс, ҳар чизеро, ки бо хосташ мутобиқ ояд, қабул мекунад. Барои мисол: «Алаф аз замин баланд аст. Ҳар чизе, ки нисбат ба дигаре баландтар аст, калонтар мебошад. Пас, алаф аз замин калонтар аст». (Иштибоҳ дар он аст, ки «баландӣ» ва «калонӣ» баробар гирифта шудаанд.) Намунаи амфибола: «Ба воситаи бадӣ, кас метавонад некӣ биёрад. Ҳар чизе, ки фоидаовар аст, нек аст. Пас, бадӣ нек аст». (Дар ин ҷо калимаҳои «бад», «фоидаовар» ва «нек» ба таври духӯра истифода шудаанд)

5. Ифодаҳои лафзие, ки танҳо аз рӯйи сохтор ва андоза якхелаанд, масалан, «дар забони арабӣ» ва «Худо офарид». Ин гуна ифодаҳо дар зоҳир шакли ба ҳам монанд доранд, вале маънои аслиашон метавонад фарқ кунад.

6. Лафзҳои аз ҷиҳати сохтор умумӣ, ки аз рӯйи ҷузъҳо баробар ҳастанд – масалан, «Зайд – чизе, ки ӯ гуфт. Зайд гуфт, ки ин санг аст. Пас, Зайд – санг аст». Умумияти ин ифодаҳо танҳо дар тартиб ва низоми баёни онҳост, на дар маъно.

Форобӣ ба ин монанд, боз якчанд сарчашмаҳои муғолатаро шарҳ медиҳад, ки бо иваз кардани «номҳои умумӣ бо муфрад, умумӣ бо умумӣ, тағйири шаклҳои лафзҳо дар эъроб ва тасриф, тағйири тартиби ҷойгиршавии ҷузъҳои ифодаҳо, тағйири овозҳо ва ғайра алоқаманданд» [11, с. 377].

Насируддини Тусӣ низ дар баррасӣ ва таҳлили мавзуъҳои муғолата, зери таъсири бевоситаи Арасту қарор гирифтааст, ҳадди ақал барои он ки мақолаи ҳафтуми «Асос-ул-иқтибос»-и худро ба унвони софистикӣ –

«Дар муғолата ва онро суфастиқо хонанд» пешкаш намудааст. Дар ин китоб, чуноне ки дар боло ишора шуд, мутафаккир дар шарҳи муғолата мафҳуми хосаи «табкият»-ро дар маънии ҷадалии «бо бурҳон ғолиб омадан» ба кор мебарад, ки дар дастгоҳи мафоҳими Форобӣ ҷой надорад. Ҳамчунин, оварда будем, ки ба андешаи мутафаккир ҳар қиёсе, ки натиҷаи он нақзи вазъӣ пайдо кунад, онро бо баррасии соҳиби он «вазъи табкият» меноманд ва маводи онро қиёсе чун ҳақ (дуруст) ё машҳур ва бо сурати ба зот табкияти бурҳонӣ ё ҷадалӣ меномад. Сипас, аз ин асари ӯ иқтибоси зеринро овардем, ки батакрор овардани онро дар ин ҷо зарур мешуморем ва тибқи ақидаи Насируддини Тусӣ он усулест, ки «ба кор доштани шабеҳи ҳақ ба ҷойи ҳақи ташаббуҳ бувад ба ҷадале. Ва сабаби ҳарду ҷуз ғалат ё муғолата натавонад буд. Пас, муташаббеҳи бурҳониро суфастоӣ хонанд ва саноати ӯро суфиста. Ва мушаббаҳи ҷадалиро машоғибе (фитна – С.Б.) ва саноати ӯро – машоғибат ва ҳарду бо ин эътибор, ки муноқизати вазъи ғайр кунанд, муғолат бошанд... Пас, табкияти эшонро ба ин сабаб, табкияти муғолатӣ хонанд» [25, с. 515]. Бо ҳамин сабаб, таъкид мекунад мутафаккир, суфастоиён ҷаҳд дар касб намудани қонунҳои муғолата карда, чунон кунанд, ки ғайрро дар ҳар мавзеи дилхоҳашон ба ҳасби имкон дар иштибоҳ андозанд, соҳиби санъати муғолата гарданд. Мутафаккир бо ишора ба он ки дар муғолата «ҳамон қавонини ҳаким ва ҷадалиро нофеъ бувад, то худ ғалат накунанд», монанди Форобӣ онро аз диалектика ва санъатҳои дигари мантиқӣ хориҷ накардааст. Дар муғолата Насируддини Тусӣ ду ҷанбаи онро ҷудо кардааст: аввал, он чизе, ки тақозои муғолата ба зот ва дигари он – ба араз кунад: аввалӣ – худи табкият ва дуюмӣ – умури берун аз он, ки дар навбати худ ба чаҳор қисм ҷудо мешавад, ки онҳоро чунин шарҳ додааст: «1) ташнеъ (некро бад гуфтан – С.Б.) бар мухотиб бо он чи мусаллам дошта бошад ё бо он эътироф карда; 2) суқ (идора кардан – С.Б.)-и сухани ӯ ба дурӯғ ё хилофи машҳур ба зиёдати лоҳиқӣ (пасоянд,

баъдӣ – С.Б.) ё таъвиле; 3) эроди он чи ӯро мутаҳаййир ва буздил гардонад, монанди хиҷлат додан ва ба ҳақорат мансуб кардани нафси ӯ ё сухани ӯ ва истеҳзо бо ӯ ва қатъи сухани ӯ ва сафоҳат (камақл шудан ва фурӯмоягӣ – С.Б.) ва истеъмоли алфози ғариб ва мусталаҳот то мутадовил; 4) эроди ҳашв ва завоид аз ҳазён ва такрор ва бар ҷумла, он чӣ ба мақсуд мутааллиқ аст» [25, с. 517].

Маҳз, дар ҳамин ҷо, Насируддини Тусӣ аломатҳои монанди бурҳон ва ҷадалро зикр намуда, мавзуъҳои онро бо онҳо яксон дониста, маҳдуд намешуморад.

Албатта, таҳқиқи муқоисавии масъалаи софистика дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ доманаи васеъ дорад ва таҳқиқи хосаро тақозо мекунад, аммо чуноне ки қаблан ишора шуд, умумияти афкори онҳо, дар ин масъала, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки қолаби умумии ин мавзуъ комилан дар доираи софистикаи Арасту тарҳрезӣ шудааст. Аммо дар шарҳи ҷузъиёти он фарқиятҳо на фақат дар байни ақоиди Арасту ва ин ду мутафаккир, балки дар ақоиди худи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба назар мерасад. Муҳимтарини ин фарқиятҳо таснифот ва сохтори таркибии софистика ва усули шарҳу баёни онҳо мебошанд.

Маърифати мантиқиро Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба яке аз мақулаҳои асосии мантиқ – қиёс низ, вобаста медонанд. Дар таҳқиқоти ҳардуи онҳо қиёс, умуман, ҳамчун мақулаи мантиқие шарҳ дода мешавад, ки барои бунёд намудани робитаи яқини байни якчанд ифодаҳое, ки муқаддамот ва байни ифодаҳое, ки хулоса номида мешаванд, ба кор меравад. Ба ибораи дигар, қиёс як равандест, ки ба воситаи он ақл аз ин ифодаҳо хулосаи зарурӣ мебарорад. Арасту дар «Аналитикаи аввал» қиёсро ба таври зайл таъриф мекунад: «Қиёс лафзест, ки агар дар он чизҳои муайян пешбинӣ шуда бошанд, ба сабаби гунаи хос он мафрузоти чизи дигарӣ ба ҷуз он ки гузашта шудааст, ба

зарурат ба даст меояд» ва дар идомаи он таъкид кардааст, ки «ҳар гуна бурҳон ва қиёс бояд нишон диҳад, ки чизе бар чизи дигар ҳамл мешавад ё ҳамл намешавад» [18, с. 120].

Дар пайравӣ аз Арасту, Форобӣ низ таърифи шабеҳи қиёсро дода, чунин навиштааст: «... лафзҳое, ки бояд ҳақиқати чизҳои матлубро дар тамоми санъатҳои қобили тафаккур ва умуман, қобили тасдиқ ё рад дар ҳар лаҳза тасдиқ кунанд. Инҳо лафзҳое мебошанд, ки қиёсҳо ва дар забони омма бурҳонҳо низ номида мешаванд» [11, с. 247]. Ҳамчунин, дар ҷойи дигар ӯ чунин навиштааст: «Қиёс – ҳукмест, ки аз чизҳои шумораашон бештар аз як иборат буда, аз онҳо ҳангоми ба ҳам пайвастанашон на аз рӯйи араз, балки аз рӯйи моҳият бо зарурат чизи дигар бармеояд» [11, с. 264].

Аз рӯйи таснифоти Форобӣ, қиёс дорои ду муқаддима аст, ки бо ҳам алоқаманданд ва аз онҳо хулосаи зарурӣ бармеояд. Муқаддимаҳо аз се ҳад иборатанд: яке барои ҳар ду муқаддима умумӣ буда, дуи дигар аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳадди умумиро «ҳадди васат» меноманд, дар ҳоле ки ду ҳадди дигарро, ки аз ҳам фарқ мекунанд, «ҳадди акбар» ва «ҳадди асғар» меноманд. Яке аз ду ҳадди қиёс, ки ҳамли матлубро ташкил медиҳад, «ҳадди акбар» номида мешавад, дар ҳоле ки қисми дигари он, ки ба мавриди матлуб дахл дорад, «ҳадди асғар» ном дорад. Ин масъаларо дар фасли алоҳида ба таври муфассал баррасӣ хоҳем кард. Чуноне ки дида мешавад, барои шакл гирифтани қиёс ҳадди ақал ду муқаддима бояд мавҷуд бошад. Форобӣ онро чунин таъбир мекунад: қиёс аз муқаддимаҳои муайяни матлубе шакл мегирад, ки дар оғоз пешбинӣ шуда, ягон ҳадафро пайгирӣ мекунад ва сипас, дар қиёс тасдиқи ҳақиқатро меҷӯяд. Матлуб – ин қисми А буда, бо ҳукми мутазод ва ҳиссачаҳои ҷудокунанда ё саволӣ иртибот дорад, ки ба ҳастии чизе марбутанд. Ҳиссачаи ҷудокунанда бо «ё», «ё ки» ё ивазкунандаи онҳо ифода мешавад, дар ҳоле ки ҳиссачаи саволӣ бо «оё» ё шаклҳои дигари

он нишон дода мешавад, масалан: «Оё ҳамаи ҷисмҳо ҳаракат мекунанд ё не?».

Форобӣ қайд мекунад, ки муқаддимаи матлубро баъзан, савол ҳам мениманд, зеро яке аз қисмҳои он ба ин шакл ифода меёбад. Ҳарчанд дар оғоз маълум нест, ки он ба муқаддимаи тасдиқӣ ё инкорӣ тааллуқ дорад, қиёс нишон медиҳад, ки ҳақиқат дар яке аз онҳо ҷой гирифтааст. Ӯ менависад: «Маҳз, қиёс дар ин муқаддимаи матлуб ба мо иттилоъ медиҳад, ки ҳақиқат танҳо дар муқаддимаи тасдиқӣ ё дар муқаддимаи инкорӣ ҷой дорад» [11, с. 265].

Дар ин ҷо, инчунин, масъалаи қиёсҳои дуруст ва нодуруст матраҳ мешавад. Умуман, Форобӣ қиёсро ба ду навъ ҷудо мекунад: иқтиронӣ ва истисноӣ. Қиёси иқтиронӣ аз ҳукмҳои қатъӣ (иқтиронӣ) иборат буда, қиёси истисноӣ бошад, ба ҳукмҳои шартӣ такя мекунад. Ҳар як ҳукм ҷузъи қиёс маҳсуб мешавад ва онро муқаддима мениманд, дар ҳоле ки ҷузъҳои муқаддима, хоҳ мавзуъ бошад, хоҳ маҳмул, ҳад номида мешаванд.

Ҷузъҳои хурдтарини қиёси иқтиронӣ аз се ҳад иборатанд. Ин маънои онро дорад, ки ду муқаддимаи ба ҳам пайвастшуда дар як қисми қиёс умумият доранд, аммо дар ду қисми дигари он фарқ мекунанд. Масалан, дар ҳукмҳои зерин: ««Одам ҳайвон аст» ва «Ҳамаи ҳайвонҳо ҳассосанд». Дар ин ду муқаддима як унсур умумӣ аст – «ҳайвон», ки онҳоро ба ҳам мепайвандад, дар ҳоле ки ду унсури дигар – «одам» ва «ҳассос» – аз ҳам фарқ мекунанд. Ин ду муқаддима, ки дар як қисмат умумият доранд ва дар ду қисмати дигар тафовут, аз се ҳад иборатанд. Қисми умумии ҳар ду муқаддима, ки онҳоро мепайвандад, ҳадди васат номида мешавад, дар ҳоле ки ду қисме, ки аз ҳам фарқ мекунанд, ҳадди асғар ва ҳадди акбар ном доранд» [11, с. 267].

Насируддини Тусӣ ҳам бар он бовар аст, ки дар як қиёси одӣ як ҳадди васат дар ду муқаддима буда метавонанд, дар ин ҳолат, ӯ дар

муқоиса бо Форобӣ, ки танҳо дар бораи қиёси иқтиронӣ ва истисноӣ ҳарф мезанад, қиёсҳои лузумӣ, истиқроӣ ва тамсилиро низ илова мекунад. Дар шарҳи ин масъала, Насируддини Тусӣ мегӯяд, ки исботи ҳукм дар қиёс ё ба нафйи муқобилаш кунанд ва ё ба чизи дигар ва ин аввалӣ монанди қиёси хулфу истисноии мунфасила буда, муҳоли истидлол аз нафйи чизе барои исботи муқобили он истидлол «аз малзум бар лозим» бошад. Пас, қиёсҳое, ки аз ин навъ ҳосил мешаванд, лузумӣ мебошанд ва агар исботи ҳукм ба чизе дигар ба ҷо ованд ва он чиз тақозои ҳукми он ба ваҷҳе кунад, ки онро барои яке аз маҳкум биҳи ва маҳкум алайҳи тааллуқе дошта бошад – эҷобӣ ё салбӣ ё миёни ҳардуи онҳо чунин тааллуқе пайдо шавад, вуҷуд ва вазъи он тақозои вуҷуди вазъи ҳукм мекунад. Аввали ин қиёсро ба ақидаи мутафаккир, иқтиронӣ ва дуюми онро қиёси лузумӣ меноманд. Ин нукотро шарҳ дода, ӯ қайд мекунад, ки «он чиз, ки исботи ҳукм бо ӯ кунанд, ҳадди авсат бувад ё ба масобати ҳадди авсат аст ва бояд ки дар ҳар қиёси басит ҳадди авсат як чиз бошад, ё агар чизҳо бисёр бувад, ҳукмаш ҳукми як чиз бувад, чӣ агар зиёдат (аз як чиз) бувад, аммо дар лузуме ё вазъи ҳама ба ҳам мусталзами ҳукм бувад ё вазъи баъзе дуни баъзе, ё вазъи ҳар баъзе бо инфирод» [25, с. 292].

Насируддини Тусӣ низ бо тасдиқи мавқеи қиёси иқтиронӣ қайд мекунад, ки дар ин навъи қиёс ҳамаи ҳукмҳо бояд дар доираи маҳкум алайҳи ва маҳкум биҳи баррасӣ шаванд. Ҳамзамон, ӯ таъкид мекунад, ки дар қиёси басит (одӣ) бояд ду муқаддима мавҷуд бошад, дар қиёси лузумӣ исботи лузум ва истиснои малзум зарур аст ва дар қиёси иқтиронӣ бояд тааллуқи авсат ба яке аз маҳкум алайҳи ва маҳкум биҳи бо эҷоб ва салб нишон дода шавад. Аммо, ба гуфтаи мутафаккир, агар дар илмҳо барои исботи як ҳукм муқаддимаҳои зиёде мавҷуд бошанд, онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ё ҳама муқаддимаҳо зарурӣ ҳастанд, ё ғайризарурӣ. Дар ин сурат, агар чизе изофа гардад, он ё муқаддимаи

дигар, ё муқаддимаи истиқроӣ, ё муқаддимаи тамсилӣ хоҳад буд. Бо таҳлил ва баррасии ин муқаддимаҳо Насируддини Тусӣ навъҳои гуногуни қиёсро аз ҷумла, қиёси давр, акс, хулф, истиқроӣ ва тамсилӣ, инчунин, таълифи қиёс аз муқаддимаҳои муқобил, қиёси муқовимат, қиёси замир, далел, қиёси аломат, қиёси фаросӣ (фаросатӣ), қиёси басит ва мураккаб ва ғайраро баррасӣ кардааст. Вале на ҳамаи онҳо аз лиҳози сохтори мантиқӣ-қиёсии Арасту ва Форобӣ пурра мувофиқанд, ҳадди ақал аз нигоҳи тартиби ҷойгирсозӣ ва тавзеҳи моҳият ва мазмуни онҳо.

Бо вуҷуди ин, ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ барои расидан ба дониши ҳақиқӣ ва яқинӣ, дар шарҳ ва тавзеҳи муқаддимаҳо, қиёсҳо ва бурҳонҳо, усул ва воситаҳои гуногуни таҳқиқи мантиқиро истифода кардаанд. Аз ҷумла, онҳо ба таҳлилу баррасии истиқроъ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд.

Барои муайян кардани он, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ то чӣ андоза таҳти таъсири Арасту қарор гирифтаанд, нахуст бояд ба шарҳи истиқроъ дар назариёти ин файласуф руҷуъ кард. В.Б. Петров, ки нақши истиқроъро дар мантиқи Арасту баррасӣ кардааст, чунин мегӯяд: «Муаррихони фалсафа кайҳо боз эпагогия («роҳнамоӣ»)-ро дар «Аналитикаи аввал» ва «Аналитикаи дуюм» бо истиқроъ ҳамчун усули ҳукмронӣ аз ҷузъ ба кул муодил дониста, аз ин рӯ, Арастуро сардафтари назарияи хулосабарории истиқроӣ (индуктивӣ) номидаанд» [436, с. 72].

Агарчи нахустмуҳаққиқ дар ин масъала Арасту дониста мешавад, вале бояд иброз намуд, ки то Арасту ин масъала аз ҷониби асосгузори таълимоти атомистӣ – Демокрит (460-370), ба таври назарӣ баррасӣ шуда буд. Ӯ дар раванди таҳқиқоти хеш ба масоили индуксия, қиёс ва фарзия аҳаммият дода, дар шинохт ва муайянкунии мафҳумҳо нақши бориз гузоштааст. Ба ин васила, Демокрит дар таърихи илми мантиқ нахустин муҳаққиқи соҳа дониста мешавад. Бо дарназардошти методҳои таҷрибавӣ, қонуни сабаби кофиро тартиб дода, таърифи онро чунин

шарҳ медиҳад: «Ҳеҷ чиз бе сабаб ба вуҷуд намеояд, вале ҳама чиз дар ягон асос ва аз рӯйи зарурат ба вуҷуд меояд» [186, с. 26]. Аз мафҳуми таърифкардаи Демокрит чунин бармеояд, ки ӯ ҳанӯз дар он замонҳо дар бораи сабаб, мусаббаб, тасодуф, воқеият ва зарурату имкон андешаи дуруст пешниҳод намуда, дар рушди тафаккури на танҳо юнониён, балки тамоми мардуми он замон ва баъд таъсири мусбат расонидааст.

Арастуи бузург ҳанӯз дар асрҳои пеш аз мелодӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, донишҳои назарии парокандаро ҷамъоварӣ карда, баррасӣ ва натиҷагирӣ намуда, дар заминаи онҳо андешаҳои худро густариш дода, ҷузъиёти мантиқро муназзам сохта, онро ҳамчун илми мустақили дорои қонунҳои хос муаррифӣ кардааст. Хулосаи мантиқӣ, дар ин маврид, бевосита аз муқаддами аввалӣ шуруъ мегардад, зеро дар ҷойе, ки ҳадди авсат ҷой дорад, хулоса ба василаи он бардошта мешавад. Дар ҷойе, ки он ҷой надорад – аз эпагогия («роҳнамоӣ»), ки он дар ҳолатҳои ҷудогона ба қиёс мухолифат дорад, истифода мешавад. Муаллифи мазкур бо истинод ба Арасту, қиёсро «тавассути ҳадди авсат исбот мекунад, ки ҳадди акбар ба сеюми он дахл дорад. Роҳнамоиро бошад, ба воситаи ҳадди сеюм исбот мекунад, ки ҳадди акбар ба ҳадди авсат хос аст» [436, с. 72].

Форобӣ, бо таваҷҷуҳ ба гуногунрангии ҳукмҳо, онҳоро ҳам дар қиёс ва ҳам дар истиқроъ мавриди истифода қарор медиҳад. Бо дарназардошти ҳамбастагии ин ду усули мантиқӣ, ӯ дар фасли «Ал-қиёс»-и осори мантиқиаш бахши шонздаҳумро ба хулосаҳои индуктивӣ ва тарзи пайвастани онҳо бо қиёси истиқронӣ ихтисос додааст.

Дар ҳамин бахш Форобӣ таърифи истиқроъро низ пешниҳод мекунад: «Истиқроъ – таҳқиқи ашёи муфрад аст, ки ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ ба як чизи куллӣ дохил мешаванд. Ин таҳқиқ барои тасдиқи ҳақиқати ҳукме сурат мегирад, ки бо он дар иртибот аст ва тавассути тасдиқ ё инкор муайян карда мешавад. Агар мо ин ашёи муфрадро

пайдарпай таҳқиқ кунем ва муайян созем, ки ақаллан, яке аз онҳо ин ҳукмро тасдиқ мекунад, пас, метавонем онро барои кул низ татбиқ намоем. Баръакс, агар ҳамаи онҳо ё қисми зиёди онҳо ин ҳукмро рад кунанд, пас, метавон гуфт, ки кул низ бо ин ҳукм инкор мегардад. Вақте ки мо ашёи муфрадро барои ҳосил кардани ҳукм дар бораи яке аз онҳо таҳқиқ мекунем, он истиқроъ номида мешавад» [11, с. 296].

Форобӣ истиқроъро бештар на ҳамчун усули таҳқиқ, монанди таҳлил, таркиб, тафсир ё таъвил, балки ҳамчун як навъи қавл мешуморад, ки «дорои қувваи шакли аввали қиёс» мебошад. Дар ин навъи истидлол, ҳадди авсат – ашёи муфрад ҳастанд, ки мавриди таҳқиқ қарор мегиранд (масалан, роҳгардӣ, парвоз кардан, шино кардан ва ғайра). Ҳадди акбар – ифодаи «дар замон» ва ҳадди асғар – «ҳаракат» мебошанд.

Агар мутафаккирони дигари машшоӣ, аз ҷумла, Насируддини Тусӣ, ки дар поён дар бораи истиқроъ аз назари ӯ суҳбат хоҳем кард, ду навъи истиқроъ – пурра ва нопурраро возеҳ шарҳ дода бошанд, Форобӣ ин анвои истиқроъро на бевосита, балки тавассути тафсири мафҳуми «пайгирӣ» (ки ба эпагогия – «роҳнамоӣ» дар таълимоти Арасту шабоҳат дорад) тавзеҳ додааст. Ӯ менависад: «Пайиҳам омадани як чиз аз паси дигари он ду навъ аст: пурра ва нопурра. Пайгирии пурра маънои онро дорад, ки агар яке аз ду ашё – фарқ надорад, ки кадоме аз онҳост – вуҷуд дошта бошад, пас, ба шарофати он чизи дигар низ вуҷуд дорад. Ин маънои онро дорад, ки агар чизи аввал вуҷуд дошта бошад, ба зарурат дуюми он низ вуҷуд хоҳад дошт ва баръакс. Пайгирии нопурра маънои онро дорад, ки агар чизи аввал аз миёни ду чиз вуҷуд дошта бошад, пас, бояд чизи дуюм низ вуҷуд дошта бошад, аммо агар чизи дуюм вуҷуд дошта бошад, ин маънои онро надорад, ки ҳатман, чизи аввал низ вуҷуд дошта бошад» [11, с. 236].

Ин маънои онро дорад, ки бо пайгирии пурра вазъҳои аввалия ё ҷузъӣ таҳти мафҳуми умумӣ баррасӣ мегарданд, ба шарте ки ҳамон як ҳукмро дар ҳамаи вазъҳои ҷузъӣ дарёбем. Ҳукми умумӣ дар ин ҳолат маҳдуд (таҳти ҳад қароргирифта) мебошад, зеро ки он нисбат ба ҳамаи ҳукмҳои ҷузъӣ татбиқ мешавад. Баръакс, ҳангоми пайгирии нопурра ҳукми умумиро баъд аз таҳқиқи шумораи зиёди ҷузъиёти мушаххас, вале на ҳамаи онҳо, ҳосил мекунем. Дар ин сурат, чунин ҳукм маҳдуд набуда, балки занн (гумон) мебошад. Бо назардошти маҳдуд будани ҳаҷми таҳқиқоти мо, масъалаи тамсил (аналогия) дар таълимоти Форобӣ, ки бо истиқроъ пайвастагӣ дорад ва шабеҳи таълимоти Насируддини Тусӣ мебошад, дар ин ҷо баррасӣ намекунем. Барои аёният мо онро танҳо дар ақоиди Насируддини Тусӣ нишон медиҳем.

Дар таълимоти мантиқии Насируддини Тусӣ низ истиқроъ яке аз масъалаҳои таркибии вобаста ба қиёс ва унсурҳои он, бахусус, муқаддамот мебошад. Қабл аз ҳама, ӯ истиқроъро дар сохтори мантиқ монанди тамсил (аналогия) мушобеҳи қиёс медонад ва онро ҳукми эҷобӣ барои амри куллие барои ҳосил намудани он ҳукм дар ҷузъиёт онро амри куллӣ мешуморад. Ӯ мисоле меовараd: монанди ҳукм дар бораи «ҳайвони хурдзаҳра (талхадони хурд, ки ба арабӣ онро «марор» низ гӯянд – С.Б.) бо тули умранд», ки дар он ҳосил кардани ин ҳукм дар яке аз аснофи ҳайвоноти хурдзаҳра, монанди одам, асп, гов ва фил тартиби акси тартиби қиёс аст. Дар қиёс одам, асп ва фил ҳадди асғар, ҳайвони хурдзаҳра – ҳадди авсат ва «тули умр» – ҳадди акбар. Пас, мутафаккир қайд мекунад, гӯянд: «Одам ва аспу фил ҳайвони хурдзаҳраанд ва ҳар ҳайвоне, ки чунин бувад, тавил-ул-умр (умрдароз) аст» ва ин вазъӣ табиӣ аст, аммо агар ҳадди асғар ва авсат ҷояшонро иваз кунанд, онҳо аз вазъи табиӣ берун шаванд. Аз ин ҷо ҳукм кунанд, ки «ҳайвони хурдзаҳра – одам, асп ва фил бошанд ва онҳо – тавил-ул-умранд» ва инро Насируддини Тусӣ истиқроъ номидааст. Дар идомаи ин афкор ӯ қайд

кардааст: «Пас, агар асғару авсат мутасовӣ бошанд дар далолат ва он чунон бувад, ки ҷузъиёт маҳсур бувад ва ҳукм дар ҳама – собит. Ҳукм бар он куллӣ содиқ бувад ва он истиқрои бурҳонӣ бувад ва онро истиқрои том хонанд... Ва агар ҷузвиёт мунташир бошад ва ҳасри маълум – на, тасовии ин ду ҳад зоҳир набошад, пас, ҳукм бар куллӣ яқине натавонад буд, чӣ мумкин бувад, ки ҷузве дигар бошад ғайри он чӣ мазкур аст ба хилофи ҷумла» [25, с. 331]. Он, ба қавли мутафаккир, ҳукми куллиро нақз кунад ва барои он мисоле меорад: «ҳайвон дар вақти хоидан таҳрики фуки поён кунад» ва қайд мекунад, ки ин ҳукм ба инсон, асп ва гов ҳам нисбат дорад, аммо дар нисбати тимсоҳ нақз гардад ва онро истиқрои ноқис ва ё нопурра меномад ва он яқинӣ буда наметавонад. Ҳамин тариқ, вақте ки дар байни баъзе мушаххасот мутазод вуҷуд дорад, он гоҳ ҳукми умумӣ, ба монанди мисоли болозикр муайян нест, зеро он ба ҳамаи мушаххасот на ҳамеша дахл дошта метавонад. Дар ин ҳукмҳои ноаён (мазнун)-и умумӣ дараҷаҳои эҳтимолият мавҷуданд, ки ба шумораи мушаххасоти баррасишаванда мутаносиб мебошанд. Аммо, дар айни ҳол, Насируддини Тусӣ фоидаҳои ин истиқроъро низ таъкид намудааст: бисёр ҳукмҳои яқинии ҳиссӣ ё таҷрибӣ бо ин истиқроъ касб мегардад ва ба нисбат бо ҳис истиқроъ бар қиёс муқаддамтар аст. Ин нуқтаи назарест, ки ба ақидаи Арасту мувофиқ аст. Истиқрои ноқисро, ба ақидаи ӯ, бештар дар ҷадал вохӯрдан мумкин аст ва дар он ҷо муғолата ба ҳисоб намеравад, аммо дар бурҳон – муғолата аст.

Дар бораи тамсил ҳарф зада, Насируддини Тусӣ онро низ як навъи қавле меномад, ки бар чизест, монанди он ки бар шабеҳаш ба сабаби мушобеҳати он карда бошанд. Ин навъи қавлеро ӯ, инчунин, қиёси фиққӣ (ҳарчанд ба фиқҳ аз нуқтаи назари динӣ ягон муносибат надорад!) номида, барои он мисоле овардааст: «Сар, ки музил (дуркунанда)-и ҳудус (ҳодисаҳо) аст, ҳамчун об, зеро ки монанди об сайёл (равон) аст». Ӯ ҳудуди ин қазияро чаҳорто ҳисоб мекунад: 1) сар, ки бар он ҳукм

мешавад (маҳкум) барои чизи матлуб ва он дар қиёс ба ҷойи ҳадди асғар аст; 2) об, ки шабеҳи он аст; 3) сайёл, ки сар ва об дар он мушорикат доранд ва ба ҷойи ҳадди авсат аст; 4) музили ҳудус, ки маҳкум биҳи аст дар чизи матлуб ва ба ҷойи ҳадди акбар аст. Шабеҳи асғарро асл хонанд ва асғарро – фаръ, акбарро – ҳукмкунанда ва авсатро, ки ваҷҳи мушобиҳат, маънӣ, ваҷҳи ҷомеъ, иллати ҳукм ва амри муштарак аст ва ин таълифро дар маҷмуъ, қиёс хонанд. Мисоли дигар – «осмон муҳдас аст, монанди хона, зеро ки ҳамчун хона мушаккал (шаклгирифта) аст ва мушаккал – муҳдас (сохташуда)»-ро таҳлил намуда, Насируддини Тусӣ тамсилро ба таҳлил бо қувваи ду қиёс маънидод мекунад:

Қиёси аввал: «Осмон – мушаккал аст, мушаккал – муҳдас аст, ҳадди асғар дар ин қиёс ҳамеша байни ҳукм қарор дошта, ҳадди акбар бошад, ғайри байн дониста мешавад». Ин сохторро ӯ асли тамсили қиёс шуморида, дар қиёси дуюм мегӯяд: «Мушаккал монанди хона аст, хона муҳдас аст, пас, мушаккал – муҳдас аст» [25, с. 232-233].

Ҳамин тавр, Насируддини Тусӣ ба натиҷае мерасад, ки агар дар тамсил ду ҳукми мухталиф ҷой дошта бошад, ки бо роҳи истиқроъ ба даст омадааст, пас, барои муайян кардани эҳтимолияти бештаре яке аз онҳо бояд ба ҳолатҳои мушаххасе руҷуъ кунад, ки ҳар як ҳукм дар асоси онҳо ҳосил шудааст. Дар натиҷа, он ҳукме, ки мавозеи бештари тасдиққунанда дорад, қавитар ва эҳтимоли бештар дорад.

Аз таҳлилу баррасии ташаккулёбии дастгоҳи мафоҳим ва мақулаҳои илмӣ-мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ба хулосаҳои зерин расидан мумкин аст:

Нахуст, ҳарду мутафаккир дар тамоми ҳаёташон нисбат ба мантиқ муносибати устувор дошта, онро на як фанни дуюмдараҷа, балки василаи асосии фарқ кардани донишҳои ҳақиқӣ аз дурӯғ медонистанд. Мантиқ, ба назари онҳо, ба ҳеҷ як таълимоти мушаххаси фалсафӣ пойбанд набуда, як меъёр барои арзёбии дониш буд.

Дуюм, мутафаккирон дар ғояҳо ва назарияҳои илмии худ, асосан, ба мантиқи Арасту истинод варзида, онро бо донишҳои асримиёнагии шарқӣ мутобиқ ва омехта карда, дар ин замина, афкори бикри худро ироа намуданд.

Сеюм, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар мутобиқсозии мантиқи атиқа (классикӣ) бо анъанаҳои илмии худ, дастгоҳи хоси мафоҳим ва истилоҳотро ба кор бурдаанд. Онҳо ҳам аз истилоҳоти файласуфони юнонӣ баҳра бурдаанд ва ҳам мафҳумҳо ва истилоҳоти нави мантиқии худро тартиб додаанд.

Чаҳорум, агарчи Форобӣ бунёди дастгоҳи мафҳумҳоро вобаста ба сиёсати замон бо забони арабӣ дартиб дода бошад, вале Насируддини Тусӣ ин масъаларо бо диди нави илмӣ бо забони форсӣ дар баррасиҳои мантиқӣ тарҳрезӣ кардааст, ки ин на танҳо дар илми мантиқ, балки дар тамоми илмҳои асримиёнагӣ нахустиқдом ба ҳисоб меравад.

Дар охир (панҷум) тафовути асосии онҳо дар тартибу низоми истилоҳот, шарҳу тафсири мафҳумҳо ва услуби баён ба назар мерасад. Баёни Насируддини Тусӣ мураккабтар ва муғлақтар аст, дар ҳоле ки Форобӣ сабки равшантар ва бонизомеро пайваста истифода мебарад.

2.2. Мафҳум ҳамчун шакли тафаккури мантиқӣ дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Мафҳум ҳамчун шакли асосии тафаккур дар таълимоти мантиқии форсӣ-тоҷикӣ ҷойгоҳи хосро ишғол мекунад. Тафаккури инсонӣ, маҳз, тавассути шаклҳои муайяни мантиқӣ, аз ҷумла, мафҳум, қазия ва хулосабарорӣ, шакл мегирад ва ташаккул меёбад. Дар ин раванд, нақши мафҳум бениҳоят муҳим аст, зеро он ҳамчун воситаи умумисозии зоҳироти гуногуни олами моддӣ ва муайянкунандаи хусусиятҳои зотии ашё хизмат мекунад. Дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ – ду мутафаккири бузурги ҷаҳони ислом ва фарҳанги тоҷик, мафҳум аз

лиҳози мантиқӣ ва маърифатӣ ба таври амиқ таҳлил шудааст. Форобӣ ва Тусӣ бо такя ба анъанаҳои мантиқии Арасту омӯзиши мафҳумро ба як низоми мураттаби мантиқӣ табдил додаанд, ки дар он робитаи тафаккур ва забон, нақши мафҳум дар ташкил ва рушди дониш, инчунин, фарқгузории байни мафҳумҳои куллӣ, ҷузъӣ, зотӣ ва аразӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор доранд. Таҳқиқоти мавриди назар ошкор месозад, ки чӣ гуна Форобӣ ва Тусӣ мафҳумро дар заминаи мантиқи классикӣ ва бо назардошти масъалаҳои забоншиносӣ ва фалсафӣ баррасӣ кардаанд.

Мафҳум ҳамчун мақула дар зинаи аввали таълимоти мантиқӣ қарор дошта, унсури муайянкунанда ва муаррификунандаи дигар шаклҳои асосии тафаккур ба шумор меравад. Бо назардошти ин андеша, нақши мафҳум дар равшан сохтани раванди маърифат самтҳои афзалиятнокро муайян месозад.

Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур ва раванди ташаккули фикрронӣ барои умумисозии предметҳои як синфи муайян хизмат карда, дар айни ҳол, имкони ҷудокунии фикрҳоро бо такя ба маҷмуи аломатҳо ва нишонаҳои умумӣ фароҳам месозад, ки ин худ боиси шаклгирии фарқият мегардад.

Масъалаи таъбир ва таърифи мафҳум аз давраи Арасту то ба имрӯз ҳамчун масъалаи ташаккулёбанда мавриди таваҷҷуҳ қарор дошта, дар асоси пажуҳишҳои донишмандони асрҳои миёна, муҳаққиқон ва мантиқшиносони муосир низ идома ёфтааст. Агарчи мутафаккирони классикӣ мафҳумро асосан, тавассути мисолҳо тавзеҳ дода, ба таври ишоравӣ ҳадафро ошкор мекарданд, дар мантиқ ва фалсафаи муосир ба таърифи дақиқ ва муаррифии консептуалӣ такя карда мешавад. Масалан, И.В. Демидов мафҳумро чунин таъриф мекунад: «Мафҳум – шакли фикри мантиқист, ки ашёро дар асоси яке ё якчанд аломатҳои муҳимми он инъикос менамояд» [80, с. 54].

Мантиқшиноси барҷастаи муосир, ки беш аз нисфи умри худро дар таҳқиқи мавзуи мафҳум сарф кардааст, Е.К. Войшвилло мебошад, ки маҳз дар ҳамин мавзуъ китоби хосе зери унвони «Понятие как форма мышления: логика-гносеологический анализ (М., 1989)» («Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур: таҳлили мантиқӣ-маърифатӣ») – навишта, дар он мафҳумро чунин таъриф кардааст: «Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур ё шакли донишҳои фикрӣ, натиҷаи умумисозии гурӯҳи муайяни ашё мебошад, ки дар андеша бо ҷудо намудани ҳамин гурӯҳ аз рӯйи маҷмуи хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи он ашё ташаккул меёбад» [66, с. 91].

Перомуни мавзуи мафҳум мантиқшиноси муосири тоҷик Сайфуллоев Н.М. дар китоби мантиқии бо забони тоҷикӣ навиштаи худ мафҳумро дар қатори дигар мақулаҳои мантиқӣ таҳқиқ намуда, тамоми ҷузъиёти онро барои хонандаи тоҷик пешкаш намудааст. Ӯ мафҳумро яке аз навъҳои фикр дониста, вазифаи онро инъикоси ашё ва зуҳуроту падидаҳои олами моддӣ ҳисобида, ба ҳамин равиш чунин таъриф кардааст: «Мафҳум фикрест, ки дар вай ашё аз рӯйи маҷмуи нишонаҳо ҷудо шуда, ба ҳамин васила, таъмим мегардад. Нишонаҳои мазкур барои гурӯҳи ашё умумӣ буда, онҳоро аз ашёи дигар, маҳз, аз рӯйи ҳамин нишонаҳо фарқ кардан мумкин аст» [158, с. 49].

Барои ба осонӣ муайян намудани алоқа ва муносибати мафҳумҳо зарурат пеш меояд, ки шакли мантиқии онҳоро бо далелҳои илмӣ ошкор созем ва робитаи онҳоро аз рӯйи шакл ва вазифаи мантиқиашон муайян намоем. Аз ин рӯ, мафҳум ҳамчун натиҷаи дарки ашё фикри одӣ нест, он фикри мураккабест, ки қазияҳо ва натиҷаҳоро бо таҳлилҳои тадриҷӣ ҷамъбаст намуда, падидаю зуҳуроти олами моддиро бо аломатҳо тавсиф карда, натиҷаи маҷмуи донишҳои муҳим дониста мешавад.

Гузариш аз зинаи ҳиссиётии маърифат ба тафаккури таҷридӣ, дарк ва тассавурот тавассути инъикоси мафҳумҳо назарияҳоро ба бор меорад,

ки василаи ҳукм, қазиясозӣ ва хулосабарорӣ мегарданд. Дар баробари ин, чунонки Е.К. Войшвилло менависад: «... дар ҳамаи таърифҳо мафҳум аз дигар шаклҳои тафаккур ба таври комил ҷудо намешавад ва бо қазия аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунад. Дар ҳукмҳо бошад, хосиятҳои зарурӣ ва робитаҳои қонунии байни ашё ва падидаҳо инъикос ёфта, равандҳои умумисозӣ (таъмим) амалӣ мешаванд. Ба ибораи дигар, он хусусиятҳое, ки мафҳумҳоро тавсиф мекунанд, нисбат ба ҳукмҳо низ татбиқпазир ҳастанд ва истисно намебошанд» [66, с. 88].

Мақулаи мафҳум дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар анъанаи арастуии мантиқшиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, бар он устувор аст, ки ин илм барои муътамад монданаш доимо ба муқаррароте такя мекунад, ки онҳо ба муқаррароти дигар ниёз надоранд. Абунасри Форобӣ ба сохтори илми мантиқ диққати махсус дода, қайд мекунад, ки «ба санъати мантиқ нигоҳ карда, онро илме хондем, ки гуфтор дар он ҳамеша рост буваду ғалат имконнопазир. Аз ин рӯ, ҳар чизе ки аз рӯйи қонунҳои ин илм гуфта мешавад, хулосаи тафаккур ва истеҳсоли ақл аст» [1, с. 16].

Андешаи мутафаккир бар он гувоҳӣ медиҳад, ки илми мантиқ заминаи асосии қонунҳои тафаккури дуруст ба ҳисоб меравад. Дар омӯзиш ва пажуҳиши ин илм, ба мафҳум таваҷҷуҳи махсус равона мешавад, зеро таълимот дар бораи мафҳум на танҳо яке аз самтҳои марказии мантиқи классикӣ, балки ҷузъи муҳимми мантиқи муосир низ маҳсуб меёбад. Агар ба муҳтавои мафҳум нигарем, он ҳамчун шакли фикронӣ ва таҷассуми гуногунии шаклҳои фаъолияти равонӣ, ҷилваи ҷавҳари инсонӣ арзёбӣ мегардад. Ба ин маънӣ, мафҳум аз доираи маънои худ берун рафта, ҳамчун ҷузъи таркибии қазия зоҳир шуда, мақоми худро ҳамчун як мақулаи мантиқӣ дар равандҳои маърифатӣ пайдо мекунад. Чунонки зикр гардид, Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар баррасии мафҳумҳои мантиқӣ зери таъсири

таълимоти Арасту қарор доштанд. Арасту мафҳумро бо истилоҳи ягона ва дақиқ истифода набурда, дар матнҳои гуногуни худ маъноҳои мухталифро ба он нисбат додааст. Бисёрмаъноии истилоҳот ва набуди таърифи ягонаи равшан дар осори ӯ боис гардид, ки миёни муҳаққиқон саволе ба миён ояд: оё дар мантиқи Арасту мафҳум ҳамчун мақулаи мустақил вуҷуд дорад ё на? Аз нигоҳи Арасту, мафҳум гоҳе ҳамчун моҳияти воқеии ашё, гоҳе ҳамчун унсурҳои қазия ва бурҳон фаҳмида мешавад.

Таҳлили сохтори мафҳум ба василаи дигар шаклҳои мантиқӣ, аз ҷумла, қазия ва хулосабарорӣ низ имконпазир аст. Арасту барои ифодаи се шакли асосии тафаккур бештар истилоҳи «логос» (λόγος)-ро истифода мебурд ва гоҳе мафҳумро бо калимаи «ғоя» ҳамсон мешуморид. Бо таваҷҷуҳ ба ин, барои дарки дурусти сохтори мафҳум бояд таснифи ашёи тасаввуршаванда дар доираи синфи муайян сурат гирад. Танҳо дар ин сурат, мафҳум метавонад дар бораи ашёи як навъи мушаххас маълумот диҳад ва мазмуни умумӣ фароҳам оварад. Масалан, хондан ҳамчун воситаи дарку фаҳмиш, хашм ҳамчун таҷассум ё воқеияти эҳсоси ғазаб, ҳаракат ҳамчун шакле аз тағйирот.

Дар ин росто, аломатҳое, ки муҳтавои мафҳумро ташкил медиҳанд ва тафовути онро муайян месозанд, айнан, он хусусиятҳоеро инъикос мекунанд, ки ба ашёи мавриди назар тааллуқ доранд ва дар дохили мафҳум таҷассум меёбанд.

Дар маҷмуъ, чуноне ки Р.К. Луканин қайд намудааст, мафҳум дар фаҳмиши Арасту ҷанбаи зиёд дорад. Вай аз як тараф, ба воситаи он моҳияти ҳақиқии худи ашёро, ки «мо дар таърифҳои воқеӣ инъикос менамоем», мефаҳмад ва аз тарафи дигар, он чизест, ки «ҳукмҳо ва муқаддамоти қиёсҳо ба он тақсим мешаванд. Дар идомаи ин таъбир, муҳаққиқи мазкур менависад: «Мафҳум, ба ақидаи Арасту, на танҳо ин ё он маънои калимаи муайян, балки «фикрест, ки ифодакунандаи моҳият»

(λόγο; της ουσίας) мебошад... Ба шарофати ин, дар он хусусияти хоси предмет ошкор мегардад... ва ҳар як мафҳум «мафҳуми хос» (ὁ οικείος λόγος) аст... Арасту мафҳумро бо шакли худи ашё муайян мекунад. «Шакл ва намуна, – менависад ӯ, мафҳуми моҳияти мавҷудият аст» [20, с. 47].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки Арасту то дараҷае мафҳум ва сохтори онро таҳқиқ кардааст. Дар заминаи пажуҳишҳои ӯ машшоиёни шарқӣ – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба шинохти мафҳум ҳамчун ҷузъи таркибии илми мантиқ таваҷҷуҳи хоса намуда, онро бо истилоҳоти хос ном мебурданд. Масалан, Форобӣ вобаста ба сиёсати замон, ки шакли зоҳирии фикраш арабӣ буд, мақулаи мафҳумро бо калимаи «лафз (вожа, ибора)», ки шакли ҷамъаш «алфоз (вожаҳо)» мебошад, истифода кардааст. Ӯ, ҳамчун асосгузори илми мантиқ дар Шарқ, ба ин масъала диққати махсус дода, бо ҳамин ном китобе низ таълиф кардааст, ки он «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» («Лафзҳои истифодашаванда дар мантиқ») мебошад. Мутафаккири дигари ин мактаби асримиёнагии тоҷик – Насируддини Тусӣ мебошад. Ӯ ҳангоми таълифи китоби «Асос-ул-иқтибос» тамоми рукнҳои фарҳанги аҳдодии хешро ба назар гирифта, ин асари мондагорро бо забони тоҷикӣ (форсӣ) таълиф карда, дар қатори нуҳ қисмат ё нуҳ мақола мафҳумро дар мадди аввал қарор додааст. Агар мақулаи мафҳум аз ҷониби Ибни Сино дар китоби «Донишнома» тасаввур хонда шуда бошад, ҳамоно Насируддини Тусӣ ба ин масъала ба Форобӣ пайравӣ намуда, онро «лафз ё алфоз» ном бурда, дар мақолаи аввал ба чаҳор фан ва шонздаҳ фасл ҷудо намуда, баррасӣ кардааст. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки Абунасри Форобӣ ба таври махсус мавзуи мафҳумро дар китоби «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» таъриф карда бошад ҳам, оид ба ин мавзуъ ӯ дар дигар осори мантиқии худ «Фаслҳои муқаддамотӣ оид ба мантиқ», «Ал-қиёс», «Ал-ибора», «Эҳсо-ул-улум», «Китоб-ул-ҳуруф» ва

«Мақулот», ки баъдтар, дар се ҷилд гирдоварӣ шудаанд, андешаҳояшро ба таври муфассал баррасӣ кардааст.

Қабл аз он ки ба таҳлили муфассалтари ин масъала дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ шуруъ намоем, дар доираи методологияи таҳқиқи он бояд тазаккур дод, ки вобаста ба пажуҳиши мутафаккирони классик ва муосир мақулаи мафҳум ҳамчун шакли тафаккур аз дигар мақулаҳои мантиқӣ бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунад. Он фарқиятҳое, ки мафҳумро аз қазия ва хулосабарорӣ (қиёс) фарқ мекунонад, ин аст, ки ҳангоми масъалагузории равандҳо матолиби мавриди назар гоҳо норавшан боқӣ мемонанд. Бинобар ин, пеш аз ҳама, мо на ҳангоми пажуҳиш, балки дар аснои хониши ин мавзуъ дарк намоем, ки мафҳум ва мавзуоти таркибии он чиро меомӯзанд ва чиро ифода карда метавонанд? Албатта, дарку фаҳми ин раванд дар таълимоти мантиқии ин мутафаккирон на он қадар осон аст, зеро ки низоми ба даст овардани ин матлаб тавассути инъикоси фикр муяссар мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки нахуст таърифи мафҳумро то таълифоти онҳо дарк карда, ҳамзамон, мафҳум ва ҷойгоҳи онро ҳамчун раванди инъикоси фикр дар зершуури ҷомеа ҳамчун шакли тафаккур аз диди ин мутафаккирон дониста бошем.

Бо назардошти равандҳои мантиқӣ мазмуни мафҳумро шарҳ додан мехоҳем, набояд фаромуш кард, ки қонун ва қоидаҳои дурусти тафаккур дар назар аст ва ин қонунмандиҳои дурусти илмӣ аз сарзамини Юнон сарчашма мегиранд. Мусаллам аст, ки Арастуи бузург ин қонуну қоидаро ба танзим даровардааст, аммо набояд фаромӯш кард, ки то замони ӯ ва Афлотун назарияи мафҳум бо пешниҳоди дуруст дар корҳои файласуфони пешин ва мактабҳои фалсафӣ истифода шудааст. Вале агар аз рӯйи воқеияти илмӣ ба ин масъала назар кунем, «қонунҳои асосии мантиқро Арасту ташаккул додааст» [140, с. 10].

Маҳз, бо густариши анъанаи арастуӣ дар Шарқ бо ибтикороти баъзе халифаҳи Аббосӣ – Ҳорунарашид (786-809) ва ал-Маъмун (813-833), ки аз лиҳози нажодӣ ва пайравӣ ба хонадони эронитаборон алоқа доштанд, барои тавсеа ва шинохти мақулаи мафҳум нахустин шуда, баъд аз тарҷумаю такмили осори баъзе мутафаккирони юнонӣ аз ҷониби мутарҷимони осори онҳо, Абунасри Форобӣ яке аз аввалинҳо шуда, ба таҳиқи масоили гуногуни илмӣ ва фалсафӣ, аз ҷумла, мантиқ шуруъ менамояд. Дар мавриди мафҳум ҳамчун мақулаи хоси мантиқ, аз ҷумла чунин гуфтааст: «Чун илми мантиқ миқдоре аз қавонини алфоз (мафҳумҳо – С.Б.)-ро ба даст медиҳад, аз ҷиҳоте бо илми наҳв мушорикат дорад, вале аз он ҷиҳат бо илми наҳв мутафовит ва мутабоин аст, ки илми наҳв танҳо қавонинеро ба даст медиҳад, ки махсуси алфоз ва калимоти як қавм аст, вале илми мантиқ қавонини муштаракеро ба даст медиҳад, ки алфоз ва калимоти тамоми ақвомро дар бар мегирад. Чӣ дар алфоз ҳолоте аст, ки ҳамаи ақвом дар он ҳолот бо якдигар иштирок доранд, монанди ин ки баъзе аз алфоз муфрад ва бархе мураккаб ҳастанд...» [30, с. 107].

Дар таҳқиқоти ин мутафаккир шинохти мафҳум аз рӯйи зарурат ва эҳтиёҷот ба миён омада, ӯ мавҷудот ва ҳастии олами атрофро мушоҳида мекунад ва онҳоро тавассути мафҳумҳо ифода мекунад. Барои ба мақсад ноил гардиданаш ӯ калимаҳоро истифода карда, образҳо ва донишҳои мавҷударо ба василаи забон баён кардааст. Аз рӯйи ин амали мантиқӣ агар ба вазифаи забон диққат диҳем, он танҳо инъикоскунандаи шакли зоҳири мазмуни мафҳум дониста мешавад. Агар ба ин масъала фурӯтар равем, маълум мешавад, ки забон он чизеро ифода карда метавонад, ки он дар зершуури мо вуҷуд дошта бошад. Ашё, зуҳурот ва падидаҳои барои мо бегона ҳеҷ гоҳ ба воситаи забони мо ифода намеёбанд. Аз ин бармеояд, ки муносибати нутқ ва тафаккур бо ҳам хеле иртиботи зич доранд ва ин алоқаи муштарак такмилдиҳанда ва муаррификунандаи

байни онҳо дониста мешавад. Муаллифони китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» ин масъаларо пайгирӣ намуда, иброз доштаанд, ки ба андешаи Форобӣ «мафҳум навъи махсуси қавл оид ба мавзуъ ё мубтадо мебошад. Мазмуни асосии мафҳумро нишонаҳои зотии ашё ташкил медиҳад. Ҳангоми таъбири раванди ташаккули мафҳумҳо ва тавассути воҳидҳои забон ифода ёфтани онҳо мутафаккир таъкид кардааст, ки мафҳумҳо ба олами беруна иртибот доранд.... Онҳо умуреанд, ки аз рӯйи нишонаи онҳо ду ва ё зиёда ашё бо ҳам мушобеҳанд» [191, с. 281].

Дар муқоиса бо Форобӣ, шинохти мавзуии мафҳум дар таълимоти мантиқии Хоҷаи Насируддини Тусӣ ҷойгоҳи махсусро соҳиб аст. Ӯ ин масъалаҳоро пайваста дар иртибот ва муқоиса бо мақулаҳои мантиқӣ – аз ҷумла, мафҳум ва қазия мавриди таҳлил қарор медиҳад. Ба назари Тусӣ, мафҳум ҳамчун шакли тафаккур ва усули фикрронӣ шинохта мешавад, ки барои ҷудо ва умумисозии синфи ашё истифода мегардад. Дар равандҳои маърифат, Тусӣ арзишҳои олиро ба он мафҳумҳое марбут медонад, ки ашёро аз рӯйи аломатҳои муҳимми умумӣ ва назаррас ифода мекунанд. Ба андешаи ӯ, новобаста аз он ки ин аломатҳо то кадом андоза умумисоз ва назаррас ҳастанд, мафҳум, маҳз, ба воситаи он хусусиятҳо қудрати шиносоӣ ва маърифатро ба даст меорад. Яъне, сатҳи маълумотнокӣ ва муайянкунандаи мафҳум, вобаста ба дараҷаи умумият ва аҳаммияти аломатҳоест, ки ашёро тавсиф менамоянд.

Аз рӯйи низоми мантиқии ӯ ҳар як фан ва ё илм дар он ҳолате ба таври дуруст қобили қабул мегардад, ки дар он ҳолатҳои бунёдӣ ва равандҳои он мушоҳида шаванд, чун: ««Ҳайвони нотиқ» ва мисоли тасдиқ: «Ин ҳайвон нотиқ аст», ё «Ин ҳайвон нотиқ нест». Ва ҳар яке аз ин ду қисм ё бе воситаи иктисобе ҳосил шавад, ё ба воситаи иктисоб ҳосил ояд. Мисоли тасаввури номуктасаб – шинохтани мардум. Ва мисоли тасдиқи номуктасаб – донистани он ки мардум ҳаст. Ва мисоли тасаввури муктасаб – шинохтани ҳақиқати фаришта. Ва мисоли тасдиқи

муктасаб – донистан ба яқин, ки фаришта ҳаст. Ва ҳам чунон ки дар иктисоб чизе, ки ҳосил набвад, моддаи махсус бибояд, ки дар он модда тасарруф кунанд ба ваҷҳи махсус, то матлубе, ки муктасаб хоҳад буд, ҳосил ояд» [25, с. 29].

Агар ба раванди муқоисавии мафҳум бо қазия аз нуқтаи назари Насируддини Тусӣ диққат дода, натиҷагирӣ намоем, гуфтан мумкин аст, ки самти илми мантиқ ҳамеша ба шинохти мазмун ва маъно равона мешавад. Мазмуни бадастомада ҳамчун маърифати воқеӣ дар шинохт ва аз худ кардани дигар илмҳо, бо вуҷуди гуногунии имкониятҳо, нақши ёрисасон мебозад. Зеро воқеият низ бар он далолат мекунад, ки санъати мантиқ ба шинохти маънӣ ва дарки тарзи аз худ намудани ин маънӣ ва кайфияти он равона шудааст. Дар аксари ҳолатҳое ки мафҳум тавзеҳ дода мешавад, алоқа ва муносибати он бо дигар унсурҳои тафаккур низ ба назар гирифта мешавад, чунки мафҳум ҳамчун пояи бунёдӣ ва зерсохтори асосии дигар шаклҳои тафаккур, махсусан, қазия баррасӣ мегардад. Дар қазияҳо низ ҳамин воқеият мушоҳида мешавад: хосиятҳои зарурӣ ва робитаҳои табиие, ки миёни ашё ва падидаҳо вуҷуд доранд, метавонанд дар шакли маърифатӣ таҷассум ёбанд. Аз ин рӯ, хусусият ва нишонаҳое, ки мафҳумҳоро тавсиф мекунанд, дар шинохт ва маърифат, инчунин, дар ташаккул ва тавзеҳи қазияҳо низ нақши муассир доранд.

Абунасри Форобӣ баъд аз он ки мазмуни мафҳумро шарҳ медиҳад, бо масъалагузориҳо ба таҳлилҳои сохтории мафҳум пардохта, онро ба ду қисмат – сода ва мураккаб (муфрад ва мураккаб; куллӣ ва ҷузъӣ), ҷудо мекунад. Аз нигоҳи ӯ, ба мафҳуми сода исм, калима ва адот дохил мешаванд. Дар зери мафҳуми «калим» наҳвшиносони араб «феъл»-ро мефаҳманд, аммо адот гуфта, ҳиссачаро дар назар доранд, ки дар алоқаҳидагӣ, чун: «аз», «дар», «бар» ва ғайра ягон маъноро ифода намекунанд. Исм калимаи содае мебошад, ки маънои хосро ифода мекунад. Он метавонад мустақилона худ ба худ, моҳият, сохтор ва

шакли худро дар вақти ифодаи маънӣ нишон надода, фаҳмо бошад, масалан: «ҳайвон», «одам», «Зайд», «Амр», «сафедӣ», «сиёҳӣ» [11, с. 109].

Аз таърифи мутафаккир бармеояд, ки мафҳуми сода ин аз се қисмати таркибии аъзои ҷумла – исм, феъл ва ҳиссача иборат аст. Он чизе, ки феъл дониста мешавад, дар бисёр ҷойҳо дар шакли калим ё калима истифода мешавад, ки Форобӣ онро бо ин тарз баён кардааст: «Калимаҳои содае, ки маънои муайян ва хосро ифода мекунанд, феъл номида мешаванд. Ин гуна калимаҳо бояд дар зоти худ маъноро ба таври мустақилона ифода кунанд, зеро аз ҷиҳати сохтор ва моҳият ба замон ишора мекунанд ва ҳамин далолат ба вақт яке аз хосиятҳои бунёдии онҳо ба шумор меравад» [11, с. 110].

Ҳиссача ё ҳарф гуфта, Форобӣ маҷмуи ҳарфҳо ва калимаҳоеро дар назар дорад, ки онҳо дар алоҳидагӣ ҳеҷ ашёро ифода карда наметавонанд. Вале вақте ки сухан дар ин қисмат дар бораи исм меравад, он исмҳоеро дар назар мегирад, ки на таркибӣ, балки аз як ё якчанд ҳиҷо иборат бошанд ва мазмуни муайяни содаро ифода карда тавонанд. Гоҳо мо баъзе калимаҳои як ҳиҷоиро ҳамчун мафҳум истифода мекунем, ки дар алоҳидагӣ ҳеҷ маъноеро ифода карда наметавонанд, масалан: «Абд» ва «шамс». Ин калимаҳо дар алоҳидагӣ «ғулом» ва «Офтоб» тарҷума мешаванд ва наметавонанд ба сифати мафҳум қабул гарданд, зеро агар онҳо дар шакли «Абдушшамс» истифода шаванд, пас, мафҳуми одамро бо номи «Абдушшамс» ифода мекунанд. Вақте ки дар алоҳидагӣ, дар шакли «абд» (ғулом) ва «шамс» (Офтоб) истифода шаванд, онҳо умуман мафҳум ҳисоб намешаванд, вале чун калимаҳои алоҳида боқӣ мемонанд. Мутафаккир дар қисмати мантиқии китоби «Эҳсо-ул-улум» ба таҳқиқи ин масъала низ пардохта, чунин мегӯяд: «Лафзи муфрад ё унвони умури айнӣ ва хориҷӣ аст, монанди: Зайд ва Амр ё он ки бар ҷинс ва навъи ашё далолат мекунад, монанди: инсон, асп, ҳайвон... Ҳар лафзи муфраде, ки

бар ҷинс ва навъ далолат кунад, ё исм аст, ё калима ва ё адот (ҳиссача)» [30, с. 76].

Мафҳумҳои мураккаб, аз нигоҳи Форобӣ ҷумлаҳое дар назар дошта мешаванд, ки на бунёдӣ, балки таркибианд. Чуноне аз мундариҷаи онҳо бармеояд, дар яке аз қисматҳои онҳо ҳамеша ягон маъное мавҷуд аст, ки онро дар қисмати мафҳумҳои сода мушоҳида кардан мумкин нест. Ҳамчунин, мафҳумҳои мураккаб метавонанд ҳама гуна вазъу ҳолатро инъикос намоянд: «Лафзи мураккаб он лафзеро гӯянд, ки ҳар як ҷузъи он вобаста ба маъно ба ҳам далолат мекунад... масалан, дӯсти Зайд» [1, с. 26]. Дар ин ҷо дӯст ва Зайд лафзҳои муфрад буда, алоқамандии маънои онҳо ба хотири иҷрои дурусти ҳадаф ба ҳам оварда шудааст.

Насируддини Тусӣ, чун пайрави ин мактаби фалсафӣ, баъд аз баёни пурраи мазмуни мафҳум онро ба мафҳумҳои муфрад ва муаллаф (таркибӣ) ҷудо карда, дар китоби «Асос-ул-иқтибос» баёни андеша намуда, мегӯяд: «Лафзи муфрад он бувад, ки ҷузве аз ӯ бар ҷузве аз маънии ӯ далолат накунад, монанди «инсон», ки бар мардум дол аст. Чӣ ҷузве аз ин лафз бар ҷузве аз маънӣ дол нест, балки ҷузви ин лафз дар ин ҳолат, ки ҷузви ин лафз аст, бар ҳеҷ чиз дол нест» [25, с. 14].

Ин масъаларо мутафаккир дар пайравии Ибни Сино такмил намудааст, ки ба андешаи ӯ «лафз се маъноро нишон медиҳад: далолати мутобиқ, далолати тазаммун ва далолати илтизом, ки вай аз ҷиҳати маъно баён кардани лафз аст. Далолати мутобиқ мисли лафзи «инсон» аст, ки «ҳайвони нотиқ»-ро ифода мекунад. Аммо далолати тазаммун мисли лафзи «инсон» аст, ки «ҳайвон» ва «нотиқ»-ро ифода мекунад, зеро ҳар яки ин ду ҷузъи чизеанд, ки «инсон» аз рӯйи мутобиқат онҳоро далолат мекунад. Далолати илтизом мисли далолати махлуқ ба халқ, падар ба писар, сақф ба девор ва инсон ба хонанда аст» [165, с. 71].

Дар пайравӣ ба Ибни Сино, мутафаккир андешаи худро идома дода, таъкид мекунад, ки ҳар лафзе, ки чизеро ифода мекунад, тавассути

ҷузъҳои худ далолат бар маъно дорад. Масалан, дар ҷумлаи «Инсон фикркунанда аст», мафҳуми «фикркунанда» дорои хусусияти далолаткунанда мебошад ва чунин лафз лафзи мураккаб ба шумор меравад. Баръакс, агар ҳадафи мо ифодаи маъно набошад, мисли истифодаи калимаи «ҳайвон», ки ҷузъҳои «ҳай» ва «вон» дар алоҳидагӣ маъное надоранд, он гоҳ чунин лафзҳо муфрад (ё сода) ҳисобида мешаванд. Албатта, дуруст нест, ки чунин мафҳумҳоро аз ҷиҳати маърифатӣ комилан бемаънӣ донем. Мафҳуми муфрад ё сода, пеш аз ҳама, муайянкунандаи зоти худ аст ва танҳо дар таркиби ҷумлаҳо ва ибораҳо мазмуни пурраи худро ифшо месозад. Дар заминаи мафҳумҳои муфрад мафҳумҳои мураккаб ва ё муаллаф сохта мешаванд. «Азбаски мухотаботи назарӣ аз лафзҳои муаллаф ва афкори ақлӣ аз қавлҳои ақлии муаллаф ба вуҷуд меоянд, муфрад қабл аз муаллаф аст» [166, с. 23].

Ин навъи мафҳумҳо доманаи хеле васеъ дошта, ҳама навъҳои натиҷагириҳои мақулаҳои мантиқӣ, ба ҳамин васила, роҳандозӣ мешаванд. Бо назардошти ин гуна тавсеаи соҳавӣ Хоҷаи Тусӣ мафҳумҳои мураккабро чунин таъриф мекунад: «Лафзи муаллаф он бувад, ки ҷузве аз ӯ бар ҷузве аз маънии ӯ далолат кунад, монанди «ҳозо-л-инсон», ки дол аст бар ин мардум, чӣ лафзи «ҳозо» дол бар ин бошад, ки исми ишорат аст ва «инсон» бар мардум» [25, с. 14].

Форобӣ ҳангоми таҳқиқи мафҳумҳо онҳоро ба ду қисмат ҷудо карда, ҳар яке аз онҳоро дар ҷойи худашон шарҳ додааст, вале Насируддини Тусӣ дар баробари пажуҳиши қисматҳои мафҳум алоқамандӣ ва мушоракати онҳоро ба назар гирифта, баррасӣ намудааст, чунончи, мегӯяд: «Ва бошад, ки лафзе ба як эътибор муфрад бошад ва ба дигар эътибор муаллаф, монанди Абдуллоҳ, ки чун исми алами шахсе бувад, муфрад бувад, чи асмои эълмро дар мусаммият (садонокӣ – Б.С.) ҷуз таъину ишорат ҳеҷ далели дигар набвад ва чун

бандаи Худой хоҳанд, муаллаф бувад...» [25, с. 14].

Мантиқшиносон ҳанӯз дар асрҳои миёна ба таҳлили ҷузъҳои таркибии мақулаи мафҳум таваҷҷуҳи хос зоҳир намудаанд. Мафҳумҳои фардӣ (муфрад), ки аз замони Форобӣ то имрӯз тадриҷан мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, аксар вақт, бинобар маҳдудияти онҳо дар ифодаи маъно ва далолат бар ашё, камтар истифода мешаванд. Ҳам дар таълимоти Форобӣ ва ҳам дар назари Насируддини Тусӣ, мақсад ва мароми пажуҳишгарон, асосан, тавассути мафҳумҳои куллӣ ифода меёбад, зеро мувофиқи анъанаи мантиқӣ, маҳз, мафҳум шакли мураккаби фаъолияти фикрронӣ маҳсуб меёбад. Вазъ ва мавқеи мафҳумҳо, пеш аз ҳама, аз мазмуни онҳо вобастагӣ дорад, зеро дар баъзе ҳолатҳо мафҳумҳо берун аз контексти маъноии худ истифода шуда, ба таҳриф ва нофаҳмиҳо роҳ медиҳанд. Агар баъзе калимаҳо пурра ва дуруст дарк нашаванд, истифодаи номатлуби онҳо метавонад мафҳуми аслиашонро тағйир диҳад. Масалан, мафҳуми «омӯзиш» ҳамчун калимаи умумӣ метавонад раванди хондан, навиштан, расм кашидан ва дигар фаъолиятҳои таълимиро дар бар гирад. Ё мисоли дигар, калимаи «маърака», ки аслан, аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои задухӯрди ҷангиро дорад, дар забони гуфтугӯии имрӯз ба маънои ҷашн ва зиёфат истифода мешавад. Ин гуна таҳриф ва тағйири маъно метавонад ба нофаҳмии мантиқӣ ва мафҳумӣ оварда расонад.

Дар чунин ҳолатҳо, хоҳ мафҳум муфрад бошад ё мураккаб, бархе маъниҳо то ҳол норӯшан боқӣ мондаанд. Аз нигоҳи сохтор ва моҳияти мантиқӣ, ҷамъбаст намудани ҳамаи ин ҳолатҳои пароканда дар як мафҳум имконнопазир мебошад.

Бинобар ин, зарурат пеш меояд, ки соҳибони ҳар забон морфология ва синтаксиси забониро дар пояи қонун ва қоидаҳои мантиқӣ, ки бар бунёди мазмун рост истодааст, бунёд кунанд ва ба ҳамин восита, ҷомеаро аз хатоҳои лафзию маънавӣ эмин доранд. Ба ин маънӣ, Форобӣ,

чуноне ки Ф. Марнонӣ навиштааст, «табйини маонӣ ва мафоҳими фалсафиро бо таҳлили асомии далолаткунанда бар онҳо гирех мезанад ва аз даргоҳи таҳлили забонии алфоз маъно ва ҷойгоҳи ҳақоиқи фалсафиро табйин мекунад» [428, с. 109].

Ҳангоми пажуҳиши мазмуни мафҳум Форобӣ ин мавзуъро ба таври комил тарҳрезӣ карда, дар ин қисмат ибораҳои таркибиро ҳамчун шакли таркибии мафҳуми мантиқӣ ҷой намудааст. Ба андешаи ӯ, ибораҳое, ки мазмуни хабарӣ ва шартӣ доранд, чун: «Зайд – инсон», «инсон – ҳайвон» ва «инсони сафед» [11, с. 119] мафҳумҳои таркибӣ дониста мешаванд. Аз рӯйи таълимоти мантиқӣ ин гуна ибораҳои мураккабе, ки як қисмати онҳо ҷузъе аз ҷузъҳои ғояро ташкил медиҳад, қисмати комили онҳо маҷмуи ғояро ифода мекунанд. Қисматҳои алоҳидаи мафҳумҳои таркибӣ дар алоҳидагӣ ҳамчун мафҳум дониста шуда, ҳадафи мавриди назарро пурра ифода мекунанд. Бинобар ин, он вақт мафҳумҳои таркибиро ба таври том дарк карда метавонем, ки дар онҳо нигоҳи хабарӣ вуҷуд дошта бошад.

Насируддини Тусӣ таркибӣ ва баёнкунандаи том будани мафҳумҳоро дар фасли нисбати алфоз ва маонӣ баррасӣ карда, маънои том, алоқамандии маъноӣ ва далолаташонро ба таври пурра баррасӣ намуда, гуфтааст: «Ва гоҳ бувад, ки алфози бисёр бар як маънӣ ё зиёда аз як маънии мутақориб ё ғайри мутақориб далолат кунад. Ва чун ин вуҷуҳро ҳаср кунанд, аз чаҳор вачҳ холӣ набувад: ё эътибори лафзи бисёр кунад ба нисбат бо як маънӣ, ё бо маонии бисёр ва ё эътибори як лафз кунад ба нисбат бо як маънӣ ё маонии бисёр» [25, с. 8].

Аз ин гуфтор бармеояд, ки агар лафзи зиёд бар як маъно далолат кунад ва бо калимаҳои наздикмаъно ифода шавад, чун аспу ҳайвон бар махлуқот, онҳоро исмҳои «муродиф» ном мебаранд. Аммо ифодаи мафҳумҳои том дар шакли куллӣ маънидод мешаванд, ки ин равандро исмҳои баёнкунандаи том меноманд, чун инсону гӯсфанд. Оид ба ин

масъала М. Аҳмадхонӣ чунин андеша дорад, ки далолат ба маонӣ чаҳор гуна аст: «а) алфози бисёр бар як маъние далолат мекунад, ки ба он «тародуф» мегӯянд, монанди вожаҳои «инсон» ва «башар», ки нисбат ба мардум тародуф ҳастанд; б) алфози бисёр бар маонии бисёр далолат мекунанд, монанди «хирс» ва «инсон», ки ҳеч иштироке надоранд...; в) як лафз бар маонии бисёр далолат мекунад, ки онро муттафиқа мегӯянд, ки худ ба ду гуна аст: асмои муташобеҳ ва асмои муштарак... Дар ин гуна аз асмо лафзе чун «мардум» бар «ҳайвони нотиқ» ва ҳам барои «мардуми мусаввир» ба кор меравад. Дар асмои муштарак ҳеч авлавияте дар маъонии алфоз вуҷуд надорад, монанди итлоқи «чашм» бар «чашмаи об», «чашмаи тарозу» ва «чашмаи Офтоб»...; г) гоҳе як лафз бар як маъние далолат мекунад, ки худ ду навъ аст: дар навъи аввал маънӣ ё хоси як шахс аст, монанди итлоқи «Зайд» бар фарде хос, ё итлоқ бар ҳасби иродаи гӯянда, монанди замоири ишоравӣ, монанди «ин»» [448, с. 20].

Агар ба раванди таҳқиқи ин масъала назар кунем, маълум мешавад, ки дар таркиббандии мафҳумҳои Форобӣ ва Насируддини Тусӣ фарқият хеле зиёд аст. Муаллими сонӣ дар таҳқиқи ин масъала на ба Муаллими аввал, балки ба раввоқиён пайравӣ намуда, матлабро ба таври ниҳоят сода ва омафаҳм баррасӣ кардааст. Аммо таҳқиқи Хоҷаи Тусӣ ба Арасту шабоҳат дошта, баёнгари он аст, ки ӯ мавқеи илмии хосаи худро дошта, шореҳ ва пайравӣ касе нест.

Лафзҳои сода ва мураккаб, ки қаблан, дида баромадем дар заминаи мафҳуми куллӣ ба вуҷуд омада, бо тақсимбандӣ баррасӣ мешаванд. Маълум мешавад, ки ин қисмати таснифот нисбати дигар қисматҳо мураккабтар буда, он чизеро, ки Форобӣ бо хеле заҳматҳои зиёд ба даст оварда, ба ин васила, ҷойгоҳи мафҳумро устувор намудааст, аз ҷониби ӯ тақсими мафҳумҳо ба куллӣ ва ҷузъӣ тақсимбандӣ шудааст. Ин тақсимбандии Форобӣ нахустин иқдомест дар муайянсозии мафҳумҳо ва

ошкор намудани мазмуни мушаххас дар раванди натиҷагириҳои мантиқӣ. Ба андешаи Форобӣ лафзҳо ё куллӣ ва ё ҷузъӣ мешаванд. «Ҳама гуна ғоя, ки бо ягон лафз ифода ёфтааст ё куллӣ, ё ҷузъӣ мешавад. Лафзи куллӣ чунин хусусият дорад, ки ба он ду ё зиёда ашё шабоҳат дода мешавад, аммо лафзи хос чизест, ки ба он зиёда аз як ашё шабоҳат дода намешавад» [11, с. 123].

Ҳамин нуқтаи назар, то Насируддини Тусӣ, аз тарафи Ибни Сино мавриди омӯзишу пажуҳиши қатъӣ қарор гирифтааст. Ӯ, дар баробари ироаи мазмуни мафҳум ва мафҳумҳои муфраду мураккаб, мафҳумҳои куллӣ, ҷузъӣ, зотӣ ва аразиро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки лафзи куллӣ низ мисли лафзи муфрад аст, вале зеҳн метавонад маънои танҳои онро нисбат ба чизҳои бисёр истифода намояд, чун инсон ва ҳайвон. Лафзи ҷузъӣ бошад ин хосияти лафзи куллиро надорад ва ба як мазмун далолат мекунад, монанди Зайд. Лафзи зотӣ ин аст, ки маънои он чизи тавсифшавандаро қоим месозад, монанди ҳайвон нисбат ба инсон. Аммо, лафзи аразӣ он аст, ки маънояш баъди мавҷудшавии чиз пайдо мегардад. Лафзи аразӣ лозим аст, монанди табиатан ханданда будан нисбат ба инсон ё муфориқ, монанди сафед будан нисбат ба инсон. Лафзи куллӣ низ мисли лафзи муфрад аст, аммо зеҳн метавонад маънои онро нисбат ба ашёи гуногун татбиқ диҳад, масалан, калимаи «инсон» ё «ҳайвон», ки ҳарду бар гурӯҳе аз чизҳо ишора мекунанд. Лафзи ҷузъӣ бошад, чунин қобилият надорад ва танҳо ба як мавҷуди мушаххас ишора мекунад, мисли «Зайд».

Лафзи зотӣ он аст, ки маънояш асос ва қоимкунандаи вуҷуди ашё мебошад, масалан, «ҳайвон» барои таъриф ва тавсифи «инсон» ҳамчун навъи муайян. Аммо лафзи аразӣ он аст, ки маънояш танҳо баъд аз муайян шудани вуҷуди чизе пеш меояд ва барои муайян сохтани зот зарур нест. Лафзи аразӣ метавонад лозим бошад, мисли «ханданда будан» дар нисбати инсон, ки хоси табиии ӯст, ё муфориқ, мисли «сафед

будан» дар нисбати инсон, ки хосияти тасодуфист ва аз зоти инсон ҷудо аст» [297, с. 64].

Дар ҳамин радиф, Хоҷаи Тусӣ мафҳумро муаррификунандаи зоти худ дониста, онро ба мафҳумҳои куллӣ, ҷузъӣ, зотӣ ва аразӣ ҷудо намудааст ва ҳар кадоми онҳоро ҳамчун такмилдиҳандаи анъанаи пешиниён ба қисматҳо тақсим кардааст. Аз рӯйи ин тақсимоти мутафаккир, ҳар яке аз ин истилоҳотро метавон чунин шарҳ дод: агар мафҳум ба мазмуни худ нигаронида шуда, ба ҳеҷ маънои дигаре алоқаманд набошад, онро мафҳуми ҷузъӣ шумурдан мумкин аст. Ба чунин мафҳумҳо, асосан, исмҳои хос, чун Аҳмад ва Маҳмуд, инчунин, баъзе исмҳои дигар дохил мешаванд, ки ифодаи онҳо мазмуни ягонаро фаро мегиранд. Аммо, бар хилофи мафҳуми ҷузъӣ, матолиби мафҳуми куллӣ ба таври фарзӣ фарогири ашхос ва мазмунҳои зиёде мегарданд. Масалан: «Ва агарчи куллӣ бошад, онро ба изофа бо ӯ ҷузвӣ хонанд, чунонки инсон ба изофае бо ҳайвон. Ва ҳайвон ба изофа бо ӯ куллӣ бошад. Ва вуқуи лафзи ҷузвӣ бар ин ду маънӣ ба иштирок аст, чи яке ба ҳасби изофат бо ғайр аст. Ва дигаре бе эътибори изофат. Пас куллӣ низ дар ин ду мавзуъ бар иштирок бар ин ду маънӣ уфтад, чи муқобили ҳар ду мухталиф аст дар маънӣ, ҳарчанд ин ду маънӣ муталозиманд» [25, с. 17].

Агар фарқияти мафҳумҳои куллӣ ва ҷузъиро ба назар гирем, бояд лавозимоти шарҳдиҳандаи мафҳуми асосиро ҷузъӣ ва худи аслро куллӣ донем, зеро ҳастии ҷузъиёт дар пояи куллӣ қарор мегирад ва ҳамзамон, куллӣ низ ба воситаи ҷузъӣ бо осонбаёнӣ фаҳмонда мешавад. Аз ин рӯ, фаъолияти муштараки ин ду мафҳум якдигарро пурра мегардонанд. Албатта, аз мавқеи мафҳумҳо маълум аст, ки куллӣ нисбат ба ҷузъӣ бо бартарият асос дониста мешавад ва ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки маҳз дар заминаи мафҳуми куллӣ мафҳумҳои зотию аразӣ ба вуҷуд меоянд, ки ҳар кадоме дар алоҳидагӣ бо ҷойгоҳи хоси худ қисмате аз

мафҳумро пурра мегардонанд. Ба андешаи мутафаккир «зотӣ дар ин истилоҳ мансуб нест ба зот, чи ба як ваҷҳ, ки худ айни зот аст ва айни зот мансуб натвонад буд бо худ» [25, с. 22].

Аразӣ низ ҳамин гуна мебошад. Он аз моҳияти мавзуъ берун аст ва зоҳири мафҳумро инъикос карда, наздикӣ ва мушоракат ба зот пайдо мекунад ва дар натиҷа, ҷузъе аз куллӣ дониста мешавад, чун «ин аразӣ низ мансуб нест ба араз, чун ин аразӣ муқобили зотист ва муқобили он аразе, ки мансуб бувад бо араз, ҷавҳаре тавонад буд» [25, с. 22].

Дар ин ҳолат, хулоса кардан мумкин аст, ки мафҳум метавонад куллӣ, зотӣ ё аразӣ бошад. Ин мавқеъгирӣ на аз рӯйи асл, балки бар асоси зарурат ба миён меояд. Эҳтимол дорад, ки мафҳуми куллӣ бо таваҷҷуҳ ба зарурат ҳам зотӣ ва ҳам аразӣ бошад, мисли «хонанда» ва «ин хонанда», ки аввалӣ ба таври табиӣ ҳолати аразиро ифода мекунад ва дуюмин ҳамчун шуғл зотӣ буданро мефаҳмонад. Аммо бояд таъкид кард, ки зотӣ ва аразӣ ҳамчун асл дар мафҳуми куллӣ ба як иттифоқ наметавонанд бирасанд.

Хоҷаи Тусӣ дар шинохти қисматҳои зотӣ ва аразӣ усули дурустро ба роҳ монда, зотиро асоси моҳият ё ҷузъе аз он дониста, дарки моҳиятро тавассути саволи «чист?» муайян кардан мехоҳад. Ба андешаи ӯ, ки дар ин масъала пайрави Ибни Сино аст, аразӣ ба ду қисмат – лозим ва мувофиқ, ҷудо мешавад, ки яке ҳолати ҳамешагӣ ва дигаре ҳолати муфориқ ва ҷудоиро ифода мекунад.

Мусаллам аст, ки маъно (мазмун) як қисмати семантика ба ҳисоб рафта, ифодакунандаи хусусияти аломатҳо маҳсуб мешавад. Мавқеи фарогири мафҳум дар доираи назарияи аломатҳо маҳдуд намегардад ва ҳамчун шакли муайяни инъикоси воқеият дар марҳилаи тафаккури тадриҷӣ тавассути забон баён меёбад. Ҳар он чизе, ки дар илми забон семантика номида мешавад ва маънои аломатҳоро ошкор месозад, ҳамзамон, шаклҳои тафаккур ва натиҷаи таҷассумёфтаи воқеияти

истеҳсолии онҳоро низ ифода мекунад. Албатта, ин ташаккулёбиҳо аз лиҳози сохт аз ҳамдигар фарқ доранд ва дар онҳо гуногунии шаклҳои фаъолияти мантиқӣ-маърифатии инсон таҷассум ёфтааст. А.В. Смирнов дар робита ба ин масъала хулоса мекунад, ки «намунаҳои сохтории мантиқӣ-маъноие, ки дар натиҷа ба вуҷуд меоянд, фарқиятҳоро дар маъноҳое, ки як сохтори забонӣ дар ду ҳолат хоҳад дошт, пешакӣ муайян мекунанд. Дар ин ҳолат, ин тафовутҳо танҳо бо тафовути расмиёти маъно муайян карда мешаванд, на чизи дигар. Назарияи репрезентативӣ воситаҳои инъикоси ин фарқиятро дар бар намегирад (ва аз ин лиҳоз, аз дигар назарияҳои семантикӣ фарқ намекунад) ва бинобар ин, тавони шарҳи онҳоро надорад» [174, с. 96].

Абунасри Форобӣ гӯё ин нуктаро ба инобат гирифта, вобаста ба усул ва равишҳои мантиқӣ кӯшиш намудааст, ки мафҳумро ҳамчун мақулаи мантиқӣ аз калима ва ё ибора бо фарқиятҳо ҷудо намуда, нишонаҳои баҳамоваранда ва фарққунандаи онҳоро нишон диҳад. Ҳамин тариқ, мафҳум маҷмуъ ва хосияте нест, ки бо калимаи муайяну алоқаманд ифода карда шавад. Он ҳамчун мақулаи мантиқӣ тарзи ташаккули фикрронии мустақилро ифода мекунад. Аз ин рӯ, аввалин чизеро ки ӯ дар шинохти мафҳумҳо пеши назар меорад, ин маънои мушаххас ва дақиқият дар мазмуни мафҳум аст. Аммо калимаҳо бошанд ин хусусиятро надоранд ва барои шинохти онҳо сарҳади муайяни маъноие муайян нашудаст. Масалан, «калимаҳои «душман» ва «рақиб» муродиф мебошанд, ҳоло онҳоро дар мавзуъҳои ҳарбӣ истифода мебаранд, вале ҳарифонро, фарз кардем, дар шоҳмотбозӣ, метавонанд, баъзан, рақибон гӯянд, вале ҳаргиз душман наменоманд» [178, с. 63-64].

Чунонки аз мазмуни гуфтор бармеояд, калимаҳои «душман», «рақиб» ва «ҳариф» дар як вақт ба ҳам мувофиқат намекунанд. Аммо аз рӯйи таълимоти илми мантиқ ҳар як мафҳум бояд як маънои томро дар

бар гирад ва ба як ашё, ё як синфи ашё мувофиқ бошад. Баръакси чунин амал ҳеҷ гоҳ мафҳум хонда намешавад.

Донишманди тусӣ дар муносибат, алоқа ва фарқияти калима ва мафҳум дар китоби «Асос-ул-иқтибос» бо номи дар «Кайфияти далолати алфоз бар маонӣ» фасли хосаеро оварда, вазифаи калимаро ҳамчун унсури забонию мантиқӣ дар ироаи мазмуни мафҳум дониста, қайд мекунад, ки он хусусиятҳои умумӣ дошта, ба мардуми ом хос аст. Аммо мафҳум ифодакунандаи ашё ва мазмуни муайян буда, матолиби мавриди назарро ба таври мушаххас меомӯзад: «Ва чун, маонӣ баъзе дохил уфтад дар баъзе ва баъзе лозими баъзе, аммо дохил монанди маънии девор, ки дохил бувад дар мафҳуми маънии хона, чи девор ҷузве аз хона бувад. Ва аммо лозим – чунон ки маънии девор лозими маънии сақф бувад, чи сақф бе девор натавонад буд. Пас тасаввури баъзе маонӣ муқтазои тасаввури маъниҳои дигар бошад, ки дохил бошанд дар он маонӣ ё лозими он маонӣ бошад...» [25, с. 7].

Ҳамчунин, мутафаккир алоқамандии мафҳум бо калимаро аз лиҳози таърихӣ хеле печида дониста, иброз медорад, ки онҳо аз замони пайдоиш ва то мавқеи илмӣ гирифтани худ аз ҳам ҷудо набудаанд. Дар заминаи андешаи Насируддини Тусӣ метавон зикр кард, ки калима ё калимаҳо шакли зоҳирии мафҳумро ташкил медиҳанд ва бидуни вуҷуди калимаҳо ташаккул ва ҳастии мафҳум имконнопазир аст. Дар баъзе ҳолатҳо калима ва мафҳум як дониста мешаванд, ки ин фикр, албатта, ба ҳақиқат рост намеояд. Онҳо аз якдигар фарқ доранд ва фарқи онҳо дар он аст, ки мафҳумҳо ба воситаи калимаҳо ифода меёбанд, аммо на ҳама калимаҳо қобили ифодаи мафҳуми том мебошанд. Аз ин рӯ, як мафҳум метавонад тавассути як калима ё гурӯҳи калимаҳо фаҳмонида шавад. Масалан, мафҳуми «инсон» бо як калима фаҳмида мешавад, аммо дар аксари ҳолатҳо мафҳум тавассути маҷмуаи калимаҳо баён мегардад, чун «инсони соҳибмаърифат», «инсони бадандеш» ва ғайра. Форобӣ ҳангоми

таҳлили мақулаи мафҳум ҳамчун шакли тафаккур дар осори мантиқии худ мафҳумҳои ҷомеъ ва умумиро мавриди баррасӣ қарор дода, иброз медорад, ки онҳо – куллиёти хамса (куллиёти панҷгона) – аз «ҷинс», «навъ», «фасл», «арази ом» ва «арази хос» иборатанд ва вазифаи онҳоро дар раванди дарки мақсад ба таври муфассал тавсиф намуда, зикр мекунад, ки онҳо аз панҷ хабар таркиб ёфтаанд. Таснифоте, ки донишмандони пешин дар самти куллиёти панҷгона ба роҳ мондаанд, метавон гуфт, ки асоси хабарии мафҳумҳо эътироф мешаванд.

Хабарҳои мураккаб аз ҳисоби ҳамин панҷ хабари сода таркиб меёбанд, чунончи, «Қавли мо «ҳайвони зоҳик» ё «ҳайвоне, ки хариду фурӯшро анҷом медиҳад», аз ҷинс ва арази хос иборат аст...» [13, с. 446].

Агар ба ҳамин равиш ба таҳқиқоти мутафаккир идома бидиҳем, маълум мегардад, ки шинохти мафҳумҳо бо дигар хабарҳои мураккаб дар чунин шакл сурат мегирад. Пас, ҳар гуфторе, ки нисбат ба чизҳои бештар гуфта мешавад, ки онҳо табиату ҳақиқати гуногун доранд, ҷинс номида мешавад. Чунонки мушоҳида намудем, дигар қисматҳои куллиёти панҷгона низ дар заминаи ҷинс корбарӣ карда мешаванд. Дигар мафҳуми куллӣ ҳамчун гуфтор ба саволи «мо ҳува?» «чист он?» ҷавоб мешавад, навъ аст. Фасл бошад, дар ҷавоби «кадом аст?» гуфта шуда, дар муқоиса ба навъ хусусияти тақсимшавандагӣ дорад, чун зоҳик (хандон) ва нотиқ (сухангӯ). Арази ом ҳамчун раванди ин ҷараёни мантиқӣ навъҳоро ошкор мекунад, ба монанди сиёҳӣ нисбат ба шаб ва кабутӣ нисбат ба осмон ва ғайра. Аммо арази хоса барои ҳамаи навъ мувофиқаткунандааст. Масалан, шунаванда, бинанда ва монанди инҳо, ки дар таълимоти Форобӣ барои муайян ва ошкор кардани мазмуни мафҳум ба кор бурда мешаванд.

Аз рӯйи таълимоти мантиқӣ куллиёти панҷгона мавзуоти умумиро дар бар гирифта, барои ин қисмати муайян ва дар навбати худ мураккаби мантиқиро фаҳмидан бояд қисмати аввали илми мантиқ –

мафҳум бо тамоми вижагиҳояш дуруст омӯхта ва дарк карда шавад, дар сурати баръакси ҳолат, музмуни куллиёти панҷгона муаллақ боқӣ мемонад.

Насируддини Тусӣ ин мафҳумҳои куллиро дар шакли хеле васеъ таҳқиқ намуда, онҳоро аз панҷ қисмат – ҷинс, навъ, фасл, хоса ва арази ом иборат медонад. Ӯ, ки ин мавзуъро нисбат ба пешиниён ба таври хеле густарда пажуҳиш кардааст, куллиёти панҷгонаро ҳамчунин, «хамсаи муфрада» низ ном бурдааст. Ба андешаи ӯ асоси ин панҷ мафҳум ҷинс аст ва гоҳо навъ низ дар мавқеъгирӣ асос дониста мешавад. Масалан, «Ва мумкин бувад, ки як чиз ба изофат бо панҷ чизи ин панҷ куллӣ бувад, монанди мулавван, ки ҷинси абязу асвад (сафеду сиёҳ) бошад ва навъи мутакаййифу фасли кайф ва хосаи ҷисму арази оми ҳайвон» [25, с. 28].

Аз ин шарҳи тамсилӣ, ки хулосаи мухтасари куллиёти панҷгона аст, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки мутафаккир дар баёни андеша бемисл аст. Ӯ ба таври муқоисавӣ нахуст ҷинсу навъро таҳқиқ карда, ҷойҳои онҳоро муайян кардан мехоҳад. Дар хусуси ҷинс, ки сараъзои куллиёт дониста мешавад, қайд мекунад, ки ҷинс ҳама вақт асос нест ва шояд ҷинси дигаре болотар аз он қарор гирифта, асоси пешин бар ҷинси баъдӣ навъ гардад. Дар ҳамин шаклу мазмун ҷойи навъро ифода карда, чунин мегӯяд: «Инсон наздиктарин куллиёт ба ашхос аст ва ҷинси ӯ ҳайвон аст ва ҷинси ӯ номӣ ва ҷинси ӯ ҷисм ва ҷинси ӯ ҷавҳар ва болои ҷавҳар ҷинсе дигар нест. Пас ҷавҳар ҷинс-ул-аҷнос бувад ва ҷинси олӣ ва инсон навъ-ул-анвоъ ва навъи софил ва ҷисму номиву ҳайвон, ки ҳар яке ба изофат бо шеби худ ҷинсе ва ба изофат бо болои худ навъе» [25, с. 29].

Фасл бо хусусияти зотии хос аз навъ фарқ мекунад ва тавассути он моҳияти муайянкунандаи мафҳум, ки хосиятро инъикос мекунад, ошкор мегардад, чун «сухангӯй», ки ба инсон тааллуқ дорад. «Ва ҳароина ҳар

ҷинсеро фасле муқассим бувад, то дар таҳти ӯ навъе ҳосил шавад, монанди қобили абъоди салоса ҷавҳарро ва зунафс ғозияву номия ва муваллидаву ҷисмро. Ва ҳассосу мутаҳаррик ба иродат номиро ва нотиқ ҳайвонро» [25, с. 30].

Агар ба ин равиш дурустар диққат диҳем, маълум мешавад, ки фасл ва ё фаслҳое, ки дар зери мафҳуми ҷинс тақсим мешаванд, метавонанд на бар як ҷинс, балки бар ҷинсҳо тақсимбандӣ шаванд, чуноне ки дар таърифи боло зикр кардааст.

Ба ҳамин шакл, мутафаккир арази хосаро умумифарогир хонда, қайд мекунад, ки «хоса ҳамаи ашхоси навъро шомил бувад» ва арази ом ин хусусиятро ба таври пурра надошта, «гоҳ бувад, ки ҳама ашхосро бувад дар ҳама авқот, масалан, ашхоси ҳайвонро монанди вуҷуд...» [25, с. 31].

Вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда, метавон гуфт, ки пажуҳиши ин бахши куллиёти панҷгона ба анҷом расид ва дар маҷмуъ, он масъалаҳои муҳимми умумиеро дар заминаи таърифи мафҳумҳо фаро мегирад. Куллиёт бо таваҷҷуҳ ба таснифоти мантиқӣ дорои ҳолат ва вазъиятҳои мухталиф буда, ҳар яке нақши мушаххасе дар шаклгирии маърифати ақлӣ доранд. Насируддини Тусӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, куллиётро ҳамчун унсурҳои асосии сохтҳои маърифати мантиқӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ ин бахшро на танҳо ҳамчун қолаби таснифӣ, балки ҳамчун абзори фаҳм ва тавзеҳи ҳақоиқ дар муҳокимаҳои фалсафӣ арзёбӣ мекунад.

Форобӣ дар пайравӣ ба Арасту рисолаи хурди «Мақулот»-ро таълиф намуда, дар он даҳ мақулаи мантиқиро ба таври васеъ баррасӣ намудааст. Аз рӯйи таълифот ва таъкидҳое, ки Форобӣ оид ба даҳ ҷинси олии мавҷудаи объективӣ намудааст, онҳоро ҳамчун мафҳум чунин номгузорӣ кардааст: «ҷавҳар» (ал-ҷавҳар), «миқдор» (ал-каммийа), «сифат» (ал-кайфийа), «муносибат» (ал-изофа), «замон» (мато), «макон»

(айна), «вазъ» (ал-вазъ), «соҳибият» (лаҳу), «амал» (ан-йафъала), «таҒйирёбӣ» (ан-йанфаъил)» [11, с. 158].

Форобӣ ҷавҳарро, ки дар саргаҳи мақулот қарор дорад, ҷинси олӣ ва асос ҳисобида, дигар мақулаҳоро ба он тобеъ мешуморад. Дар раванди пажуҳиш таъкид мекунад, ки дар баробари ҷавҳар дигар мақулот низ дар ҷойи худ ҷинси олӣ дониста мешаванд ва мазмуни ин мафҳумҳо муаррификунандаи зот ва муайянкунандаи муайяншавандаҳои худ қарор мегиранд. Форобӣ «ҷавҳарро аз ҷумлаи ҷинсҳои олии вуҷуд меҳисобад, ки ҷинсҳои миёна ба он тобеанд» [11, с. 157].

Ҳар яке аз мақулоти мавриди назари Форобӣ пеш аз оне ки вазифаи олатии худро дар баррасӣ ва инъикоси матолиб ба сомон расонанд, онҳо ҳамчун мафҳум мавқеъ гирифта, аз рӯйи сохтори таркибии илми мантиқ ҳолати мавҷударо бо муайянсозиҳо ба танзим дароварда, ҳадафро ошкор месозанд.

Насируддини Тусӣ ба масъалаи мақулот, ки ҳамчун мафҳумҳои мантиқӣ баррасӣ мешаванд, андеша рондааст, ки он аз «мақолаи дуюми мақулоти ашара ё «Катиғуриёс» аз нуҳ фасл – ибтидои сухан дар мақулот; маърифати мавзуъ, ки расми ҷавҳару араз бе он мутасаввир намешавад; таърифи ҷавҳар ва баёни анвои он; инчунин фарқи байни ҷавҳару араз; таърифи каммият (миқдор); навъ ва ақсоми он; маърифати кайфият (сифат) ва навъҳои он; маърифати мақулаи музоф ва навъҳои он; баёни шаш мақулаи дигар; маърифати ақсоми тақобул ва ақсоми тақаддум иборат аст» [191, с. 513].

Донишманди тусӣ ҳар як мақуларо дар фасли махсус баррасӣ карда, вазифа ва сохтори ҳар як кадоми онҳоро бо далелҳои қотеона муайян намудааст. Мутафаккир мақулотро «ҷинси олӣ» номида, вазифаи онҳоро шуруъ аз ҷавҳар то охирин мақула ба санъати мантиқ хос дониста, иброз доштааст, ки истифодаи дурусти онҳо барои ошкор намудани мафҳумҳо манфиатбор аст: «Ҷумҳури ҳукамо бар он

муттафиқанд, ки муъзами моҳиёте, ки уқулу азҳонро ба он иҳотате тавонад буд, дар таҳти ин даҳ мақула маҳсур аст ва беруни умуре маъқул, ки омтар аз ин мақулот бошаду лозими аксари моҳиёт бувад, монанди вуҷуду вуҷубу имкон ва ё чизҳое, ки мабодию ниҳоёти баъзе анвоъ бувад, монанди ваҳдату нуқта» [25, с. 34].

Аз рӯйи таҳлили Хоҷаи Тусӣ ҳар яке аз ин мақулот ҳақиқиянд, бинобар ин, дарки моҳият бе тасаввури тамоми зотиёт имконнопазир аст. Аз ин рӯ, агар ҳастӣ ва вуҷуди ҷинси ин маонӣ дар назар дошта шавад, набояд ба мафҳум бо шак нигарист. Чунин ҳолат мушоҳида шавад, бенизомӣ дар шинохти нодурусти матлаб ва фаъолияти ақл ба назар расида, моҳияти пажуҳиш норавшан боқӣ мемонад.

Чунонки қаблан зикр гардид, мутафаккир ҳар як мақуларо дар фасли алоҳида, таҳқиқ намуда, моҳияти онро дар раванди амалишавӣ бо баёнияҳои муфассал шарҳ медиҳад. Масалан, «Каммияту миқдор дар луғат ду лафзи мутародифанд, дол бар он чи лизотиҳи қобили мусоворту ломусовот бошанд ба татбиқи ваҳмӣ ё вуҷудӣ. Ва ломусовот тафовут бувад»... ба ҳамин шакл ба шинохти чигунагии мафҳум гузашта, қайд мекунад: «Кайфият ҳар ҳайатеро хонанд, ки мавзуъро ба сабаби ӯ тақдире лозим наёяд. Ва дар тасаввури он ҳайат эҳтиёҷ наяфтад ба тасаввури нисбате ғайри он ҳайат»... ҳамчунин аст раванди пажуҳиши мутафаккир нисбат ба дигар мақулаҳо: «Ин шаш мақула бо мақулаи музоф ё бе мақулаи музоф анвои як ҷинси олӣ аст ва он нисбат аст...» [25, с. 49].

Дар ин замина, дар замони муосир ба мақулаи мафҳум ва қисматҳои таркибии он таваҷҷуҳи махсус дода, вобаста ба сохтори иҷтимоии ҷомеа бархе равандҳо ба тафаккури замон мувофиқ гардонида шуда, бо таҳқиқҳои илмӣ баррасӣ шудаанд. Масалан, Г.И. Рузавин оид ба масъалаи мубрамии мафҳум чунин андеша дорад: «Таҳлили мантиқии ҳама гуна мулоҳизаҳо аз дуруст муайян кардани

мафҳумҳо ва аниқ намудани мазмуни доираи онҳо оғоз меёбад. Аз ин рӯ, баррасии ин масъалаҳо на танҳо дар илм, балки дар тафаккури амалии ҳаррӯза аҳаммиятнок аст» [151, с. 32].

Хулоса, мафҳум ҳамчун ҷузъи таркибии илми мантиқ дар баробари иҷрои вазифаҳои худ як қисмат ва қисматҳои қазияро такмил намуда, ҳамчун шакли тафаккур раванди истеҳсолии фикрро тақвият мебахшад. Фикр бошад дар он ҳолате мафҳум ҳисобида мешавад, ки ашёи мавриди назарро аз ҳамдигар фарқ кунонем ва онҳоро ҳамчун нишона қабул дорем. Дар низоми илми мантиқ он чизеро нишона меноманд, ки монандӣ ва фарқияти ашё ба ин васила ошкор карда мешавад.

Мутафаккирони мактаби машшоияи Машриқзамин – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ масъалаи мафҳумро ҳамчун шакли тафаккур таҳлил намуда, ҷойгоҳ ва нақши онро дар китобу рисолаҳои мантиқии худ ба таври муфассал нишон додаанд. Аз нигоҳи онҳо мафҳум, ки моҳияти субъективиро дар худ касб кардааст, бевосита ашёи мавриди назарро вобаста ба ҷойгиршавии зермавзуъҳояш инъикос мекунад. Алатта, ин инъикосшавиҳо, ки равандҳои тафаккурро ифода мекунанд, барои ашёи алоҳида ё маҷмуи ашё хос буда, дар баробари айният, фарқият ва ошкорсозии мавзуъҳо, ҳамчунин, тавассути қазия ва қиёс, таҳлил ва ташхис бо натиҷаҳо сурат мегирад.

Ҳар ду донишманди машшоӣ – Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мафҳумро мавриди пажуҳиши амиқ қарор дода, онро ба муфрад ва муаллаф, куллӣ, ҷузъӣ, зотӣ ва аразӣ ҷудо намуда, ҳамзамон, куллиёти панҷгона ва мақулоти ашара (мақулоти даҳгона)-ро низ ҳамчун мафҳуми мантиқӣ барои дурустар инъикос намудани фикр истифода кардаанд.

Таҳлили осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду мутафаккир мафҳумро ҳамчун шакли аслии тафаккур ва пояи асосии маърифати мантиқӣ мешинохтанд. Онҳо мафҳумро воситаи тавсиф ва умумисозии ашё ва падидаҳои воқеӣ дониста, ба

фарқияти мафҳум аз қазия ва хулосабарорӣ аҳаммияти вижа медоданд. Форобӣ бо такя ба таҳлили сохтори алфоз ва таснифи мафҳумҳо ба муфрад ва мураккаб, куллӣ ва ҷузъӣ, таъсири забон ба тафаккурро равшан намудааст. Насируддини Тусӣ бошад, тавассути таҳлили куллиёти панҷгона ва даҳ мақулаи мантиқӣ нақши мафҳумро дар шинохти воқеият ва таҳкими дониш тавсеа додааст. Ҳарду мутафаккир мафҳумро на танҳо як воҳиди забонӣ, балки як унсури асосии шинохти мантиқӣ медонистанд, ки тавассути он тафаккури инсон ба сатҳи назариявӣ мерасад. Мероси илмии онҳо то имрӯз дар таҳқиқоти мантиқӣ-маърифатӣ аҳаммияти калон дошта, заминаи густариши таҳлили мафҳум ва рушди тафаккури мантиқиро фароҳам меорад.

Дар охир метавон гуфт, ки мафҳумҳо на ҳамчун сохторҳои содаи маърифати ақлӣ ба ҳисоб мераванд, балки онҳо инъикосгари донишҳои мавҷудаи зеҳнӣ ба ҳисоб рафта, бевосита ба тасаввур ва тафаккури инсоният таъсиргузоранд.

2.3. Моҳият ва ҷойгоҳи қазия дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Қазия ҳамчун шакли асосии баёни воқеиӣ тафаккур дар илми мантиқ ҷойгоҳи меҳварӣ дорад. Мақоми ин мақулаи мантиқӣ на танҳо дар таълимоти классикии Юнони қадим, балки дар мантиқшиносии асрҳои миёна, хусусан, дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, таҳким ва тақвият ёфтааст. Қазия робитаи мантиқии байни мафҳумҳоро тавассути тасдиқ ё инкор баён намуда, дурустӣ ё нодурустии андешаҳо ва ҳолатҳоро муайян месозад. Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бо такя ба анъанаҳои Арасту ва бо таҳлили амиқ ва ҷиддии масъалаҳои мантиқӣ, дар фаҳмиши моҳият ва сохтори қазия, аз ҷумла, дар робита бо қиёс, инфисол ва муносиботи мантиқӣ, саҳми бузург гузоштаанд. Омӯзиши қазияҳо дар осори ин ду мутафаккир имкон медиҳад, ки

равандҳои ташаккул ва рушди тафаккури мантиқӣ ва маърифати илмӣ бо дақиқӣ дарк карда шаванд.

Яке аз қисматҳои муҳимтарини илми мантиқ қазия ба ҳисоб меравад, ки дар таълимоти мантиқӣ шакли баёнёфтаи тафаккур аст ва муносибат ё алоқамандии байни мафҳумҳоро тасдиқ ё инкор менамояд. Қазия шакли тафаккурест, ки раванди тасдиқ ё инкорро инъикос намуда, дурустӣ ё нодурустии андешаро муайян мекунад. Агар ба масъалаҳои мантиқӣ, бахусус қазияшиносӣ, аз замони қадим то имрӯз назар афканем, маълум мегардад, ки ин мавзуот дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомада, балки аз ҷониби мутафаккирони алоҳида ва мактабҳои фалсафӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтаанд. Дар замонҳои гузашта илми мантиқ ва санъати сухан ҳамчун як илм омӯхта мешуданд ва мантиқ, дар ин замина, ҳамчун ҷузъи хитоба ба шумор мерафт.

Аввалин маротиба ба шинохти ин қисмати илм Суқрот (469-399) таваҷҷуҳи хоса карда, маҳорати суханварии судҷӯёнаи софистҳоро бо далелҳои илмӣ ботил сохт. Софистҳо вобаста ба равишҳо ва усулҳои санъати суханварӣ кӯшиш мекарданд, ки дурустро нодуруст ва ё нодурустро дуруст қаламдод карда, шунавандаро қонеъ гардонанд ва ҳокимияти маънавии худро тақвият бахшанд, вале ин кирдори хатарзо дер давом накарда, бо кӯшишҳои Суқрот тавассути нахустин гомҳои мантиқӣ бекор карда шуд. Дар ин замина, Афлотун баъзе назарияҳо пешниҳод намуда бошад ҳам, вале Арасту нахустин мутафаккирест, ки қонун, қоида, ҳадафу вазифаҳо ва дурнамои ин илмро тавассути хулосабарориҳои дурусти мантиқӣ барои омӯзанда ошкор сохтааст.

Ин масъала ҳамчун анъана то асрҳои миёна идома ёфта, аз ҷониби машшоиёни шарқӣ, аз ҷумла, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибн Сино, Баҳманёри Марзбон ва Насируддини Тусӣ бо такя ба фановариҳои илмӣ таҳким бахшида шуд. Бо рушди техника ва технология шуруъ аз асрҳои XVII ба ин раванди ақлгароии мутафаккирони ғарбӣ ва рус – У.С.

Ҷевонс, А.М. Морган, Ч. С. Пирс, П.С. Поретский, Г. Фреге, А. Уайтхед, Б. Рассел, Е.Л. Бунитский бевосита рӯ оварда, бо ин восита бузургтарин кашфиёти оламро ба вуҷуд оварданд.

Аз замони шуравӣ то кунун мантиқшиносон – Е.К. Войшвилло, В.И. Кириллов, А.А Старченко, Ю.П. Попов, И.В. Демидов, А.В. Смирнов, Г.И. Рузавин, М. Болтаев, Н.М. Сайфуллоев, С.Н. Саид, С. Аҳмадов, Ф.Б. Худойдодзода ва дигарон ба таҳқиқу таълими илми мантиқ машғуланд. Ҳар яке аз онҳо дар шинохти мақулаи қазия назарпардозӣ намуда, ин қисмати бунёдии илми мантиқро аз дидгоҳи хос баррасӣ намудаанд. Маврид ба ёдоварист, ки қазия дар замони муосир вобаста ба талаботи низоми таълим каме шаклан, тағйир ёфта, вале мазмуни он ҳамоно дар қолабҳои пешин бо густаришёбиҳо боқӣ мондааст. Дар ин хусус, ки зермавзуоти илми мантиқ то кунун чи гуна боқӣ мондаанд, мантиқшиноси муосир Маҳмуд Яъқубӣ чунин андеша дорад, ки «И. Кант бақо ва рушди илми мантиқро дар занҷираи қатъношуда мебинад, аммо ин гуфтор комилан ғалат аст, зеро замони муосир хусусиятҳои хоси худро дорост ва ин хусусиятҳо ба тафаккури имрӯз марбутанд ва ҳеҷ гуна тақлидӣ буда наметавонанд...» [329, с. 7].

Бо такя ба натиҷаҳои пажуҳишҳои анҷомшуда, бо андешаи муаллифи ин иқтибос розӣ шудан имконнопазир аст, зеро ҳеҷ як раванд дар заминаи холиву беасос ба вуҷуд намеояд. Маҳз, таълимоти мутафаккирони пешин шароити таърихӣ ва фикрие фароҳам овард, ки илми мантиқ ҳамчун яке аз сутунҳои асосии низоми илмӣ ташаккул ёбад. Зермавзуъҳои марбут ба қазия, дар китоби «Мантиқ», ки соли 2023 ба нашр расид, чунин тасниф ёфтаанд: «Хусусиятҳои умумии қазия; қазия ва ҷумла; моҳияти таърихии қазия ва таърифоти он; қазияҳои сода ва навъҳои он; тақсими қазияҳо аз рӯйи миқдор ва сифат; тақсими истилоҳот аз рӯйи ҳаҷм; қазияҳои мураккаб ва навъҳои он; муносибати

байни қазияҳо; тақсимоти модалии қазияҳо» [186, с. 111; 112; 114;116; 118; 121; 124; 128; 131].

Агар муҳтавои зерфаслҳои қазияи мантиқи муосирро бо андешаҳои мутафаккирони асримиёнагӣ муқоиса намоем, маълум мешавад, ки дар байни онҳо ҳеҷ фарқияти мазмунӣ ба назар намерасад, аммо он чизе ки ба таври шаклӣ ба вуқуъ омадааст, ин вобаста ба сохтори иҷтимоии ҷомеа буда, дар маҷмуъ, ҳеҷ дигаргуниеро ба бор намеорад.

Чунонки дар фасли пешин зикр гардид, қазияҳо дар заминаи мафҳумҳо ба вуҷуд омада, аввалӣ ҳамчун қавли таркибӣ аз як ва ё якчанд мафҳум иборат аст. Масалан, намунаи мафҳумҳо чунинанд: «Инсон», «ҳайвон», «Аҳмад», «омӯзгор» ва ғайра. Дар якҷоягии ин мафҳумҳо бо илова намудани бандаки мантиқии «аст», «мебошад», дар чунин шакл қазия сохтан мумкин аст: «Инсон ҳайвон аст», «Аҳмад омӯзгор аст» ва ғайра. Агар дар раванди ин гуна пажуҳишҳо нишонаҳои объект ба воқеият мувофиқат карда, тасдиқ шаванд, он гоҳ қазия ҳақ мебарояд. Масалан: «Ҳамаи омӯзгорон дарсдиҳандаанд», «баъзе муҳаққиқон олим нестанд». Дар ин ҷо дурустии қазия бинобар сабаби вуҷуд доштани ҳақиқат, ба таври кофӣ ҳақ хонда мешавад. Дар шинохти қазияҳо акси ин ҳолатро дурӯғ меноманд. Чунончи, «Ҳамаи одамон донишманд мебошанд», «Ҳамаи донишмандон камбизоат мебошанд». Инҳо ва дигар қазияҳое, ки дар онҳо вазъу ҳолат бо ҳамин шакл нодуруст нишон дада шудааст, қазияҳои дурӯғ ҳисобида мешаванд. Ин масъала дар таҳқиқи Г.И. Рузавин дурустар ифода ёфтааст: «Қазия шакли махсуси тафаккур аст, ки ҳамеша бо воқеият дар робита қарор дорад ва масъалаи мувофиқ ё номувофиқ будани он ба воқеият баррасӣ мешавад. Аз ҳамин ҷиҳат, хусусияти асосии мантиқии қазия муносибати он ба воқеият мебошад, ки тавассути мафҳумҳои «ҳақ» ва «дурӯғ» ифода меёбад. Бинобар ин, қазияҳо аз ҷумлаҳое, ки танҳо шакли забонии андешаанд, фарқ доранд» [151, с. 64].

Бо таваҷҷуҳ ба сохтори мантиқи анъанавӣ, маънои ҳақиқии қазия дар асоси санҷиши ҳақ ё дурӯғ будани он муайян мешавад. Воқеият дар доираи низоми мантиқӣ ва тибқи усулу қоидаҳои муайян ошкор мегардад. Барои амалӣ гардидани ин раванд, ҷумла бояд қобилияти ифодаи тасдиқ ё инкорро дошта бошад. Аз ин рӯ, танҳо ҷумлаҳои хабарӣ метавонанд ба сифати қазия баромад кунанд, зеро танҳо онҳо қобилияти пешниҳоди иттилооти тасдиқшаванда ё инкоршавандаро доранд. Ҷумлаҳое, ки савол, хоҳиш, хоҳишмандӣ, эҳсос ё тааҷҷубро ифода мекунанд, вале маълумоти хабариро ироа намекунанд, наметавонанд қазия бошанд. Дар таълимоти мантиқӣ қазияҳо ҳамчун инъикоси равандҳои тафаккур амал мекунанд ва мавҷудияти мафҳумҳоро нишон медиҳанд. Қазияҳо, ки бар асоси мафҳумҳо ташаккул меёбанд, аз се унсур иборатанд: мавзуъ (субъект), хабар (предикат) ва воситаҳои пайвасткунанда ё бандакҳои мантиқӣ, ба монанди «аст» ва «мебошад». Вобаста ба низоми таркибии қазия Н.М. Сайфуллоев онро чунин таъриф кардааст: «Фикре, ки дар он ба ашё хос будан ё набудани ягон нишона тасдиқ ё рад мегардад, «қазия» номида мешавад» [158, с. 13].

Агар ба таърифоти қазия такя намуда, натиҷагирӣ намоем, маълум мегардад, ки яке аз қисматҳои онро мафҳум ташкил медиҳад. Бояд иброз намоем, ки мафҳум агарчи воқеиятро инъикос кунад ҳам, вале он худ ба худ дорои маълумоти комилу фарогир набуда, матлабро ба пуррагӣ ифода карда наметавонад. Чунки дар он тасдиқ ё инкор вуҷуд надорад. Бо доштани ҳамин хусусиятҳои муайянкунандагӣ, ки онҳо тасдиқу инкор ва ҳақ ё дурӯғ мебошанд, қазия аз дигар навъҳои тафаккур комилан фарқ мекунад.

Агар ба масъалаи пажуҳиши қазия жарфтар пардохта, ба сарчашмаҳои таърихӣ рӯ оварем, гуфтан мумкин аст, ки нахустин маротиба ин мавзуъро ҳамчун мақулаи мантиқӣ Арасту мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор додааст. Ӯ, ҳангоми таҳқиқи ин масъалаи илмӣ,

нахустин шуда, қазияро «қавли баёншуда» ном бурда, устуворӣ ва воқеӣ будани онро ҳамчун қавли ҷозим, ба воситаи тасдиқу инкор муайян намуд.

Аз рӯйи вазифа ва сохтори худ қазия ҳамчун шакли тафаккур дар таълимоти мантиқии Арасту ва дигар мутафаккирони Юнони Қадим ҷойгоҳи махсусро ишғол кардааст. Аммо саҳми Арасту дар ин замина муҳимтар буд. Илме, ки ӯ офарида, онро «Аналитика» номид, принсипҳои асосие ошкор сохт, ки бар пояи онҳо на танҳо мубоҳисаҳо, балки тамоми далелҳо бунёд меёбанд. Ин се принсип дар мантиқ бо номҳои қонунҳои айният, зиддият надоштан ва истиснои сеюм маъруфанд, ки амали онҳо дар шакли мураббаъ (квадрат)-и мантиқӣ равшан ифода ёфтааст. Шаклгирии ин принсипҳо дар нутқи инсон муайян кардани як навъи гуногунрангиро дар назар дорад, ки онро Арасту ифодашаванда номидааст: «Аммо ҳар сухан сухани ифодашаванда нест, балки фақат он суханест, ки ҳақ ё дурӯғии чизеро дар бар мегирад; муноҷот, масалан, сухан аст, аммо он на ҳақ асту на ботил» [18, с. 95].

Маъмулан, мантиқи классикии арастуиро думаъноӣ мешуморанд. Дар воқеъ, шахсе, ки қазия мебарорад, маҷбур аст, ки масъалаи асосии онтологиро ҳаллу фасл намояд: будан ё набудан, яъне оё фикри ӯ дуруст аст ё дурӯғ. Духӯрагии мантиқи Арасту қоидаҳои рафтори ақлро дар муколама ва баҳс муайян сохтааст. Бесабаб нест, ки дар асрҳои миёна майдони мантиқӣ бештар ба номи мураббаи мухолифатҳо маъруф буд. Ин навъи мураббаъро Л.Г. Тоноян чунин тавсиф кардааст: «Тарафҳои чап ва рости мураббаъ тасдиқ ва инкор, боло ва поён – қазияҳои умумӣ (лафзҳо)-ро бо қазияҳои алоҳида муқоиса мекунанд. Чаҳор намуди ҳукмҳо ба робитаҳои қатъии мантиқӣ дохил мешаванд, ки рафтори мухолифонро дар суҳбат ё баҳс муайян мекунанд, ба тазоди шадиди робитаҳои мантиқӣ ворид мегарданд. Вале чизи асосӣ на дар рафтори

рақибон, балки дар он ифода меёбад, ки дар паси ҳар як гузариш, дар паси ҳар як ҷавоб муносибатҳои асосии мантиқӣ – муносибати пайгирии мантиқӣ ҷой доранд (ё баръакс, ҷой надоранд)» [442, с. 159]. Ин раванд ба афкори мантиқии мутафаккирони асримиёнагии Машриқзамин – пайравони мактаби машшоияи шарқӣ, хусусан, Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ таъсири амиқ расонида, онҳо, маҳз, мероси мондагори мантиқӣ-фалсафии худро дар ҳамин замина китобат кардаанд.

Абунасри Форобӣ монанди Муаллими аввал қазияро қавле меҳисобид, ки мафҳумҳои мавриди назарро тасдиқ ё инкор мекунад. Ҳамин нишонаи тасдиқию инкории қазия дар раванди омӯзиш хусусиятҳои ифодакунандаи ҳақ ва дурӯғро муайян мекунад. Оид ба ин масъала дар рисолаи ҳаҷман хурди «Китоб-ул-қиёс ас-сағир» («Китоби хурд андар қиёс») чунин менависад: «Ҳар фикри ироашударо чизе тасдиқ ё инкор мекунад, чун: «Амр раҳсипор мешавад» ё «Зайд раҳсипоршаванда нест» [1, с. 154].

Ҳамин тариқ, дар китоби «Эҳсо-ул-улум» мутафаккир ин масъаларо мавриди назар қарор дода, қайд мекунад, ки «ҳар қазияе, ки дар саноате қонун шуда, метавонад барои яке аз матолибе, ки мо зикр кардем ё барои дастае аз онҳо қоида ва қонун қарор гирад. Ва ба ҳамин ҷиҳат будааст, ки пешиниён ҳар абзореро, ки барои баррасии он чи мумкин аст ҳисси одамӣ бидуни он дар шинохти каммийят ва ё кайфияти ҷисме, ё ҷуз он, хато кунад, ба кор мерафта, қонун номидаанд... Акнун ба асли матлаб бозмегардем ва мегӯем: алфози маънидор дар забони ҳар миллате, ду қисм аст: муфрад ва мураккаб. Муфрад, монанди сафедӣ ва сиёҳӣ ва инсон ва ҳайвон. Мураккаб монанди: инсон ҳайвон аст ва Амр сафед аст» [30, с. 75-76].

Агар ба асли матолиби болозикр таваҷҷуҳ намоем, Муаллими сонӣ қазияро на ҳамчун мувофиқати мафҳумҳои гуногун дар шуур, балки чун

инъикоси ҷараёнҳои воқеии олам баррасӣ мекунад. Ӯ мафҳум ва қазияро шаклҳои ба ҳам алоқаманди тафаккур дониста, ҳамзамон, қазияро фикри асосноккардашуда медонад.

Насируддини Тусӣ дар омӯзиш, пажуҳиш ва шинохти қазия ҳамчун шакли тафаккур бевосита ба Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино пайравӣ намуда, бунёди ин мақулаи мантиқиро дар заминаи мафҳум дониста, воқеияти бунёдии онро марбути равандҳои таҳқиқ медонад. Мутафаккир дар осори мантиқиаш, пеш аз ҳама, ба мазмун ва муҳтавои ин мақулаи мантиқӣ таваҷҷуҳ намуда, менависад: «Мо дар ин фасл чанд лафз, ки маънои он бо якдигар наздик аст, истифода кардем, чун «қавли ҷозим», «ахбор», «хабар», «ҳукм» ва қазия. Ва мурод дар ҳама якест, илло он ки алфозро бо эътибороти мухталиф бар ин мурод итлоқ кунанд» [25, с. 93]. Ба ақидаи мутафаккир, аз сабаби он ки қавл муштамил барои тасдиқ бошад, мутааллиқ ба ҳадди тарафи нақиз онро «қавли ҷозим», аз сабаби он ки мусталзими сидқу кизб бувад лизотиҳӣ «хабар» ва аз он сабаб, ки муштамил бар рабти ду маънӣ бувад, дар якдигар бо изолати таваҳҳуми рабт «ҳукм» ва аз он сабаб, ки иқтизои ҷазм кунад ба исботе ё нафие пардохта ва гузора «қазия» хонанд» [191, с. 514].

Пас ин мақулаи мантиқӣ – қазияро ҳамчун ҷузъи таркибии илми мантиқ дар мақолаи сеюм мабоҳиси ақволи ҷозима, ки онро «Бориарминиос» хонанд, ҷой намуда, ба ду фан (фанни якум, дар маърифати қазия ва қисматҳои он, ки аз шонздаҳ фасл иборат аст ва фанни дуюм, андар эътибори қазия, танақузу акс ва он чи бар он мутааллиқ аст дар ёздаҳ фасл) ва бисту нуҳ фасл тақсим кардааст. Дар шинохти мавзуии қазия Насирууддини Тусӣ чунин мепиндорад, ки «ҳар илме ва идроке, ки бошад, чун онро эътибор кунанд, аз ду ҳол холӣ набошад ё муҷаррад ёбанд аз ҳукм чи ба исботу чи ба нафӣ ва онро тасаввур хонанд, ё муқорини ҳукм ёбанд ба исбот ё нафӣ ва онро тасдиқ

хонанд. Мисоли тасаввур: «Ҳайвони нотиқ» ва мисоли тасдиқ: «Ин ҳайвон нотиқ аст» ё «Ин ҳайвон нотиқ нест» [25, с. 3].

Амали ҳар яке аз ин қисматҳо – мафҳум ва қазия ба ду роҳ аз бар карда мешавад, якум, бевосита ва дуюм, бавосита. Масалан, агар моҳияти чизеро фаҳмидан хоҳем, асли онро ҳамчун мафҳуми бунёдӣ тавассути ҷусторҳои худ дарк мекунем ва мешиносем, аммо дар бораи оне ки вақеияти аслии он чӣ гуна хусусият дорад, фаҳмида наметавонем. Ин раванд мафҳуми бунёди набуда, он хосияти хабарӣ касб кардааст ва тавассути тасдиқу инкор муайян карда мешавад, ки ин ҳолат, ба қазия хос аст. Метавон гуфт, ки ин ҳолати ифодаёбӣ дар алоқамандӣ ва робитаи муштараки илми мантиқ бо забон амалӣ карда мешавад. Яъне баррасии ҳар қазия тавассути ҷумлаҳо ифода меёбад. Дар ҳолати дарёфтани воқеият пажуҳишгар дарк мекунад, ки раванди тасдиқу инкори матолиб то кадом андоза дар амал татбиқ шудааст. Тавассути қазия метавон объектҳои воқеиятро, ки инъикоскунандаи тасдиқу инкоранд, дуруст дарёфтан мумкин аст. Дар ин замина, дуруст ва ғалат низ асоси қазия дониста мешавад, чунончи: «Ва бибояд донист, ки дар ҳар қазия мавзеи тааллуқи сидқу кизб, яке беш натвонад буд, ки як хабар ё рост бувад ё дурӯғ. Ва нашояд, ки ҳам росту ҳам дурӯғ бувад, ки ҷамъи мутақобилайн бошад. Ва нашояд, ки на росту на дурӯғ бувад, ки хабар набуда бошад. Ва нашояд, ки баъзе рост буваду баъзе дурӯғ, ки як хабар набуда бошад. Ва он мавзеъ мавзеи рабт аст. Ва рабт чунонки гуфтем, миёни маҳкумун-алайҳӣ ва маҳкумун-биҳӣ бошад» [25, с. 66-67].

Агар қисматҳои қазия аз ин ҳам бештар бошанд ва бо ҳам алоқаманд набошанд, дар ҳар сурат, воситаи иртиботи онҳоро бояд дарёфт. Агар воситаҳои ёфта робитаро ба вуҷуд оранд, он гоҳ, ҳақиқати қазияҳо ошкор карда мешавад ва агар ин ҳақиқат ошкор гардад маърифати мантиқӣ дарк карда мешавад. Ба хотири дарки пурраи маърифати мантиқӣ зарурат пеш меояд, ки дониши бевосита аз дониши

бавосита фарқ карда шавад. Чунки донишҳои муътамад ва бунёдӣ дар илми мантиқ бавосита хонда мешаванд ва онҳо аз мафҳум, қазия ба тафаккури илмӣ асос ёфта, муҳтавои илми мантиқро ташкил медиҳанд.

Форобӣ масоили мантиқиро таҳлил намуда, дар ин замина, қазияро ба ду қисмат – қазияҳои сода ва қазияҳои мураккаб тақсим мекунад. Аз рӯйи андешаҳои мантиқии ӯ, қазияҳои сода он ҷумлаҳои содаи хабарие буда метавонанд, ки танҳо аз мубтадо, хабар ва бандаки мантиқӣ иборатанд: «Зайд рафта истодааст» ва «Инсон ҳайвон аст» [11, с. 118].

Ҳар дуи ин ҷумлаҳои хабарӣ дар шакли хеле сода ифода ёфта, шунаванда аз фаҳмиши инҳо мақсади мухотабро ба осонӣ дарк мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки ҳама гуна қазияҳои сода ҳамчун фикре, ки ҳақиқатро инъикос мекунад, шарҳ дода мешаванд. Форобӣ боварӣ дошт, ки моҳияти қазия дар ифодаи муносиби таркибҳо ва муносибатҳои ашёи олами воқеӣ ифода меёбад. Вобаста ба сохтори фикрронии ӯ, қазия аз рӯйи тарзи ифодааш дар забон қавл ё ҷумла, аммо тибқи нақши худ дар хулосабарорӣ «қазия» номида мешавад.

Форобӣ баъд аз қазияҳои сода таҳқиқи қазияҳои муракабро шуруъ намуда, қазияҳоро ба ҳамлӣ ва шартӣ ҷудо мекунад. Ӯ чунин мепиндошт, ки «ҳама гуна қазияи ҳамлӣ аз субъект ва хабар иборат мебошад, аммо ҳама гуна субъект ва хабар қавле мебошанд, ки ягон ғояеро ифода мекунанд ва ё ғояе маҳсуб мешаванд, ки дар қавл ифода ёфтаанд» [11, с. 123].

Форобӣ дар пажуҳишҳои худ ҳамеша кӯшиш мекард, ки қазияро аз рӯйи зарурат дар шакли ҷумлаи хабарӣ пешбинӣ намояд ва онро бо мавҷудияти сохтори дахлдор тавсиф намуда, дар раванди таҳқиқи он алоқаи мубтадои мантиқиро бо хабар ошкор созад. Оид ба ин масъала агар ба таърихи мақулаи қазия ҳамчун назарияи илмӣ рӯ оварем, ба осонӣ муайян кардан мумкин аст, ки ин нуқтаи назари мутафаккир аз таълимоти мантиқии Арасту сарчашма мегирад, ки ӯ асоси қазияро

«тасдиқ ё инкори чизе дар нисбати чизи дигаре» [18, с. 119], тавассути субъект, хабар ва бандаки мантиқӣ медонист.

Маҳз, дар заминаи ҳамин гуфтори мутафаккири юнонӣ, Форобӣ, андешаи худро тақвият бахшида, қазияро чунин шакли фикр мепиндорад, ки он аз рӯйи асосҳои овардашуда ҳақиқати воқеиро инъикос мекунад: «Қазия гуфторест, ки дар он чизе тасдиқ шуда, дар бораи чизе хабар дода мешавад… ҳар як қазия ё чизеро тасдиқ мекунад, ба монанди тасдиқи «инсон сафед аст», ё чизеро инкор мекунад, ба монанди «инсон сафед нест» [11, с. 251].

Арасту дар байни қавл, исм ва феъл тафовут гузошта бошад ҳам, вале бандаки мантиқиро ҳамчун қисмати алоҳидаи қазия напиндошта, вазифаи онро бо вазифаи хабар баробар донистааст. Вале Форобӣ ба ин масъала диққати ҷидди дода, нахустин шуда, дар таърихи мантиқшиносӣ бандаки мантиқиро таркиби алоҳидаи қазия дониста, гуфтааст: «бандаки мантиқӣ на хабар ва на мубтадо аст» [1, с. 92], балки он василаест, ки мубтадо ва хабари мантиқиро бо ҳам пайваст сохта, ҳамзамон, таркиби мазмунии онро тақвият мебахшад.

Чун пешиниён Насируддини Тусӣ нахуст қазияро ҳамчун гуфтори таркибӣ ба ду қисмат – ҳамлӣ ва шартӣ ҷудо мекунад. Ба андешаи мутафаккир қазияи ҳамлӣ вазъ ва ҳолати муайяни воқеиятро ифода мекунад ва танҳо аз ду истилоҳи ҷудогона таркиб меёбад, аммо ин маънои онро надорад, ки дар ҳамин шакли маҳдуд ин қазия боқӣ мемонад. Баръакс, вобаста ба талабот ва тақозои пажуҳиш доманаи ин истилоҳ низ васеъ мегардад. Мавзуи омӯхташавандагии қазияи шартӣ низ чунин аст, вале хусусияти фарқкунандаи он аз қазияи ҳамлӣ дар он аст, ки он аз ибтидо дар ҳолати мураккабӣ шуруъ мешавад ва вобаста ба матолиби мавриди назар густариш меёбад. Чунонки мутафаккир қайд мекунад: «Ва қазия, ки аз ҷумлаи муаллаф бувад, баъд аз таълиф шоистаи он қабул гардад. Ва қисми аввалро қазияи «ҳамлӣ» хонанд. Ва

қисми дувумро қазияи «шартӣ» ё «вазъӣ». Ва дар ҳамлӣ чун ҳар як аз маҳкумун-алайҳӣ ва маҳкумун-биҳӣ муфрадианд ё дар қуввати муфрадӣ. Робита миёни онон ба ҳамли маҳкумун-биҳӣ бар маҳкумун-алайҳӣ бувад, чунонки гӯянд: «Зайд басир аст» ва ин қазияро «ҳамлии муҷиба» хонанд. Ва агар рафъи рабт кунанду гӯянд: «Зайд басир нест», онро «ҳамлии солиба» хонанд. Ва маҳкумун-алайҳӣ ва маҳкумун-биҳиро дар ин қазия «мавзуъ» ва «маҳмул» хонанд» [25, с. 68].

Аз ин иқтибос натиҷа гирифтан мумкин аст, ки қазия ба ду қисм – ҳамлӣ ва шартӣ ҷудо мешавад. Агарчи алоқа ва муносибати муштараки мавзуъ ва маҳмул дар ҳама ҳолатҳо устувор нигоҳ дошта мешавад, вале дар баъзе ҳолатҳо мантиқшиносон дар мавқеъгирии ҷойҳои онҳо ихтилофи назар доранд. Мантиқ, ки илм ба мазмуни мафҳум аст, бояд муҳаққиқони ин соҳа чунин масъалаҳои шаклиро мавриди назар қарор надиҳанд ва ҳамеша мазмуни матолибро мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Дурустии ин масъаларо муҳаққиқони фалсафаи муосири тоҷик ба таври амиқ дарк карда, гуфтори Насируддини Тусиро тақвият бахшидаанд, ки: «ҳайвон барои ҳама одамон ё барои баъзе ҷисмҳо сухангӯ аст» ва «барои ягон маъдан ё барои баъзе ҷисмҳо сухангӯ нест» [191, с. 69].

Ин гуфтаҳо шаҳодат медиҳанд, ки пеш аз он ки ба таври шаклӣ ва ё мазмунӣ ба иштибоҳ роҳ дода мешавад, аз ин пештар бояд ба қазия ва равандҳои он диққат дода шавад, то ки натиҷагирии дуруст ҳосил шуда, ҳадаф ошкор гардад.

Фарқияти таълимоти мантиқии Насируддини Тусӣ нисбат ба пешиниён дар он аст, ки ӯ ҳамеша масъалаҳоро такмил дода, тақвият мебахшад. Қазияҳои ҳамлиро баъд аз шарҳ додан мутафаккир ба шарҳи зинаи дуюм – қазияҳои мунҳарифа мегузад. Ба андешаи ӯ ҳама гуна қазияҳои ҳамлиро, ки суре иҳота кунад, «мунҳарифа» номида мешаванд. Дар сохтори «мунҳарифот чун ҳаққи сур он аст, ки таъини маҳалли ҳукм

кунад, муқоринати ӯ ба маҳмул, ки маҳкумун-биҳӣ аст, мунофии асли маънии сур бошад» [25, с. 126].

Дар ин ҳолат, сур танҳо дар лафз ҳамчун сур эътироф мешавад. Агар чунин аст муҳмулро бо тақозои вазъ бояд интихоб кард ва бар ҷумла маҳмул сохт. Риояи чунин раванд ҳолатро муътадил нигоҳ медорад. Вобаста ба ҳамин талабот, қазия дар се шакл – маҳсура, муҳмала ва шахсия ифода меёбад.

Қазияи маҳсура гуфта, истилоҳе дар назар дошта мешавад, ки ба миқдор далолат кунад. Ин навъи қазия серистифода буда, ба куллӣ ва ҷузъӣ ҷудо мешавад. Маҳсураи куллӣ он қазиест, ки ҳолатҳои умумиро фарогир буда, ҳатто, ба он чизе марбут аст, ки ҳолати куллӣ дорад, на ҷузъӣ ва дар маҷмуъ, умумияти онро дар бар мегирад. Масалан, «Ҳар омӯзгоре донишманд аст», «ҳар шаҳре дорои марказ аст», «ҳеҷ бесаводе манфиатовар нест» ва ғайра. Агар каме ба ин мисолҳо диққат диҳем шубҳа ва гумонҳо пайдо мешавад, зеро ҳамаи омӯзгорон донишманд нестанд ва бесавод метавонад ягон манфиате оварда тавонад. Дар ин ҷо мо бояд донем, ки сухан дар бораи умумият меравад, на дақиқият. Маҳсураи ҷузъӣ низ ҳамин шакли алоқа ва далолатро дорад, вале на ба ҳама, балки бар баъзе, чун: «Баъзе омӯзгорон донишманд мебошанд», «бархе шаҳрҳо дорои марказ мебошанд», баъзе бесаводон манфиатовар мебошанд» ва ғайра. Дар ин навъи қазия сухан дар бораи мазмуни қазия намеравад, балки бартарияти квантарҳо ҳамчун истилоҳ мушоҳида мешавад.

Қазияи муҳмала дар фарқият ба ду навъи дигар – маҳсура ва шахсӣ ҳам табитаи куллӣ дораду ҳам ҷузъӣ ва ба андешаи мутафаккир «ҳам бар ваҷҳи табиати куллӣ, ки лафз ба ичрои он аст ва ҳам бар ваҷҳи умуму хусус, ки якеро муҳтамал аст ва якеро мусталзам» [25, с. 127].

Агар мавзуи қазия ҷузъӣ бошад ва ифодакунандаи як самт ва ё як шахс бошад, онро метавон «қазияи шахсӣ» номид, ба монанди «Аҳмад

омӯзгори хуб аст», «Душанбе пойтахти Тоҷикистон аст», «ман омӯзгорам», вале «ӯ шоир нест» ва ғайра. Ин ва дигар қисматҳои қазияи ҳамлӣ гувоҳ аз онанд, ки мутафаккирон ҳангоми таҳқиқи ин самтҳо ҳаёти иҷтимоии мардуми замони худро ба инобат гирифта, таркиби таҳқиқотро густариш додаанд. Бо назардошти ҳаёти осоишта, ин истилоҳот то кунун дар шакли густариш ба мо расидаанд.

Аз ин қисматҳои қазияи ҳамлӣ ва дигар навъҳои қазия (шартӣ) ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки умуман «қазия ба эътиборҳои мухталифе тақсим мешавад, ки аз ҷумлаи онҳо тақсими қазия ба эътибори мавзуи он аст. Мо ибтидо ақсомеро, ки қазияи ҳамлӣ ба эътибори мавзуъ пайдо мекунад, зикр мекунем ва ба дунболи он, ақсоми қазияи шартиро баён мекунем» [274, с. 211].

Дар шинохти ин масъала Гегел пешниҳоди ҷолибтаре мекунад. Ӯ пеш аз ҳама қазияро ҳамчун санад барои барпо кардани робита ба кор мебарад. Ин робитае, ки мутафаккир дар назар дорад, бо вуҷуди баробарӣ тасдиқу инкорро талаб мекунад. Агар чунин шавад «ба истиқлоли ҳар як ду ҳад, мавзуъ ва маҳмул ошкор мегарданд. Чунки онҳо аз ҳам ҷудоянд ва он чизе ки онҳоро муттаҳид мекунад «аст» ва «мебошад» аст, ки маҳмулро бар мавзуъ иснод медиҳад» [280, с. 274].

Бо назардошти ин, агар ба таърихи қазиясозӣ рӯ оварем, Муаллими аввал оид ба навъҳои қазия дар шакли хеле сода баррасиҳо ба мерос гузошта, қазияҳои ҳамлӣ ва шартиро дар алоқамандӣ бо ҳам таҳқиқ карда буд. Аммо таълимоти Муаллими сонӣ дар ин самт на танҳо дар бораи қазияҳои ҳамлӣ, чуноне ки зикр гардид, балки дар бораи қазияҳои шартӣ дар шакли хеле муфассал баррасӣ шудаанд. Ӯ дар пажуҳишҳои мантиқии худ аз ҳама бештар ба баррасии қазияҳои шартӣ пардохта, дар баробари такмили ин мавзуъ қисматҳои он – шартӣ-муттасила ва шартӣ-мунфасиларо ҳам бо фарқгузорӣ тақвият бахшидааст.

Дар шинохти қазияи шартӣ мутафаккир ба донишҳои бунёдии худ такя намуда, асоси ин навъи қазияро марбути квантор ва тасдиқи шартии импликативӣ ҳисобида, мегӯяд: «Агар Офтоб барояд, он гоҳ рӯз мешавад» [1, с. 78].

Форобӣ аз қазияҳои ҳамлии «Офтоб барояд» ва «рӯз мешавад» ба воситаи истилоҳоти мантиқии шартӣ «агар – он гоҳ» қазияи мураккаби шартӣ сохта, дар як вақт қазияҳои ҳамлиро аз қазияҳои шартӣ ҷудо намуда, дар навбати дигар, вазъ, ҳолат ва вазифаҳои қазияи шартиро нишон додааст. Дар таълимоти мантиқии ӯ на танҳо қазияҳои ҳамлӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд, балки қазияҳои шартӣ низ дар ҳамин радиф дар шакли олӣ таҳқиқ шудаанд. Муаллими сонӣ, чуноне ки мантиқро сутуни илмҳо ва ҷойи дигар дарвозаи илмҳо меномад, бо риояи ҳамин шиор зина ба зина мавзуоти мантиқӣ, хусусан, қазияҳои шартиро мавриди таҳқиқ қорар додааст.

Абунасри Форобӣ қазияи шартиро бевосита ҷадвали ҳақиқат дониста, қайд мекунад, ки дар эҷоди ин навъи қазия аз қазияҳои содаи бо ҳам алоқаманд дигар навъҳои қазияи муттасиларо метавон сохт, маслан: «Агар офтоб баромад, он гоҳ рӯз мешавад» [11, с. 151].

Аз рӯйи талаботи қазиясозӣ, ки қазияҳои муттасила ба ҳамин шакл сохта мешаванд, агар гуфторе ба гуфтори дигар зид бошад ё дар маҷмуъ, онҳо аз ҳам фарқ дошта бошанд, ин ихтилоф метавонад боиси ба вуҷуд омадани ин навъи қазияҳо гардад. Агар ин гуфтаҳоро ба инобат гирем, пас, ҳангоми таҳияи қазияҳои муттасила бояд мувофиқати қазияҳои ҳамлӣ ба инобат гирифта шавад. Чунонки дар ин масъала мантиқшиноси муосири тоҷик Н.М. Сайфуллоев мегӯяд: «Қазияе, ки аз ду ва ё якчанд қазияҳои сода тавассути пайвандаки мантиқии «ва» ташкил меёбад, «қазияи муттасила» ном доранд. Масалан: Одамони холис даъват шуданд ва протокол тартиб дода шуд» [158, с. 119].

Форобӣ яке аз нахустин файласуфонест, ки ба масъалаҳои илми мантиқ, махсусан, қазия ва қисматҳои он таваҷҷуҳ намуда, дар баробари таҳия ин самтро тақвият бахшидааст. Дар ин радиф, ӯ ба дигар масъалаҳои назарияи қазия низ машғул шуда, вазифаи асосии қазияро дар шинохти матолиби дуруст медонист ва барои арзёбиҳои муваффақона қазияро ҳамчун такмили қисматҳои қиёс меҳисобид.

Насируддини Тусӣ дар масъалаи қазияҳои шартӣ ва қисматҳои таркибии он дар китоби «Асос-ул-иқтибос» фаслҳои махсусро таҳия намуда, фарқияти онро аз дигар навъҳои қазия дар он мебинад, ки қазияи шартӣ дар заминаи қазияҳои дигар, хусусан, қазияҳои ҳамлӣ ба вуҷуд меояд. Ҳукми қазияи шартӣ ҳамчун истилоҳи мантиқӣ дар он аст, ки он ба будан ва набудани ашё нисбати як қазия ба қазияи дигар нигаронида шудааст. Албатта, мутафаккир ин қонунҳоро дарк намуда, асоси ба вуҷуд омадани онро аз ҳиссачаҳо дониста, таъкид мекунад, ки дар забони арабӣ (тозӣ) адоти шарт «ан (вақте ки)» ва «изо (агар)» ва «мато (кай)» маҳсуб мешаванд. Дар забони форсӣ бошад, мафҳумҳое ба монанди «агар» ва «чун» дар созиши қазияҳои шартӣ асос мегарданд. Фарқияти қазиясозии Хоҷаи Тусӣ аз Арасту ва Форобӣ дар он аст, ки ӯ ҳангоми таҳлили матолиби мавриди назар масъаларо дар шакли қиёсии забонҳо баррасӣ карда, ҳамзамон, ба хонанда баҳри дуруст фаҳмидани мавзуи таҳқиқшаванда роҳ мекушояд.

Донишманди тусӣ баъд аз тавзеҳи муфассали қазияи шартӣ ба баррасии қазияи шартии муттасила мегузарад ва бо таъкид ибрози андеша мекунад, ки асоси барпокунандаи робита дар ин навъи қазия ҳиссачаҳо, яъне ҳиссачаи пайвасткунандаи «ва» маҳсуб мешавад.

Аз рӯйи усул ва методҳое, ки мутафаккир дар шинохти дурусти қазияҳои шартии муттасила ба роҳ мондааст, ин қисматро бо таснифи нуҳ банд муаррифӣ намудааст: «а) мураккаб аз ду ҳамлӣ, чунонки гуфта омад – («Офтоб барояд» ва «рӯз мешавад»; б) мураккаб аз ду муттасила,

мисолаш: «Агар чунин аст, ки чун Офтоб толеъ бувад, рӯз мавҷуд бувад», пас, «чун Офтоб толеъ набвад, шаб мавҷуд бувад»; в) мураккаб аз ду мунфасила: мисолаш: «Агар ҷисм ё мутаҳаррик бувад, ё сокин», пас, «инсон ё мутаҳаррик бувад, ё сокин»; г) мураккаб бувад аз ҳамлии муқаддам ва муттасилаи толӣ, мисолаш: «Агар инсон ҳайвон аст», пас, «ҳар гоҳ, ки инсон мавҷуд бувад, ҳайвон мавҷуд бувад»; д) баръакс, мисолаш: «Агар чунин аст, ки то Офтоб толеъ набвад, рӯз мавҷуд набвад», пас, «вуҷуди Офтоб мусталзами вуҷуди рӯз аст»; е) мураккаб аз ҳамлии муқаддаму муттасилаи толӣ, мисолаш: «Агар ин ҳарорат таб аст», пас, «ҳомилаш руҳ аст ё хилт ё узв»; ё) баръакс, мисолаш: «Агар иллати ин ҳарорат илтиҳоби руҳ аст ё уфунати хилт бо ташаббуси ҳарорате ғариб ба аъзои аслӣ», пас, «ин ҳарорати таб аст». ж) мураккаб аз муттасилаи муқаддам бошаду мунфасилааш толӣ, мисолаш: «Агар чунин аст, ки чун ватари зовия ба қувват бузургтар аз ду зилъаш бошад, зовия мунфариҷа бувад», пас, «ин зовия ё қоима аст, ё ҳодда»; з) баръакс, мисолаш: «Агар ин зовия ё ҳодда (кунҷи тез, кунҷе, ки аз 90 дараҷа пастар аст – Б.С.) аст ё мунфариҷа», пас «чунин аст, ки чун ватар (хате, ки ягон нуқтаи дохилиро бо доира пайваст мекунад – Б.С.) ба қувват мусовии ду зилъ (хатти паҳлуии секунҷа – Б.С.) бувад, зовия қоима бувад» [25, с. 71].

Мутафаккир баъд аз он ки қазияи шартиро ҳамчун заминаи бунёдӣ ва мафҳуми даркшаванда бо таҳқиқҳо муайян намуд, ӯ дар ин замина, ҷузъҳои қазияи шартиро низ чун қазияи ҳамлӣ муайн намудааст. Ба андешаи ӯ дар ҳар як қазияи шартӣ ду тараф ва як нисбияти муайянкунанда вуҷуд дорад, ки онҳоро дар маҷмуъ, се ҷузъи қазия меноманд. Агар дар қазияҳои ҳамлӣ ҷузъҳои таркибӣ – «мавзуъ» ва «маҳмул» – робита, яъне «аст», мебошад» – бошанд, дар қазияҳои шартӣ ин қисматҳо – «муқаддам», «толӣ» – робита, яъне «аст», «мебошад» – мебошанд. Ин гуна масъалаи истилоҳсозии ҷузъҳои қазия,

умуман, дар Арасту риоя намегардад, аммо дар таълимоти мантиқии Форобӣ дар шакли сода мушоҳида мешавад. Масалан, Форобӣ мавзуъ ва маҳмулро аз Арасту омӯхта, барои устувории онҳо бандаки мантиқиро дар қолаби назарияҳои илмӣ муайян мекунад. Муқаддам ва толиро бошад дар қисматҳои таркибии қиёс истифода мебарад. Бузургӣ ва шаҳомати мантиқи Хоҷаи Тусӣ дар ҳамин аст, ки ӯ истилоҳофар ва муайянкунандаи ҷойгоҳи ҳар як мафҳум, истилоҳ ва мақула аст.

Гарчанде мутафаккир дар таҳияи қазияҳо, бахусус қазияҳои шартӣ, аз анъанаи пешиниён пайравӣ кардааст, равшан аст, ки ӯ талош намудааст ин навъи қазияро ба қисматҳои ҷудогона ҳамчун ҷузъҳои таркибӣ тақсим намояд. Вале ин амрро ба тавре анҷом додааст, ки бо равиши мутафаккирони пешин тафовут дорад. Агарчи пешиниён қазияи шартиро ба муттасила ва мунфасила ҷудо мекарданд, мутафаккир дар баробари такмилу тавсеаи ин ду шакл, ҳамлро низ ба онҳо ҳамроҳ намуда, дар маҷмуъ, онҳоро бо шарҳ ва тавзеҳоти муфассалу дақиқ тасниф намудааст.

Аз дидгоҳи мутафаккир қазияи мунфасила ва қазияи муттасила агарчи аз рӯйи як низом фаъолияташон ба роҳ монда шавад ҳам, вале иҷро ва натиҷаи онҳо аз ҳам фарқ мекунад. Илова бар ин, чуноне ки муҳаққиқи эронӣ – Ф. Аҳмад менависад, «аз манзари Тусӣ, агар миёни ду қазия субутан ё нафйан мусоҳабат ва муонадате эътибор нашавад, таълиф бидуни фоида аст» [406, с. 95]. Чунонки аз номи истилоҳот маълум аст вазифаи аввалин пайвастан асту вазифаи дуюмин ҷудо кардан. Қаблан, ҳангоми баррасӣ маълум гардид, ки қазияҳои муттасиларо мутафаккир ба нуҳ қисмат бо мисолҳо таҳқиқ карда буд, аммо дар ин ҷо қазияҳои мунфасиларо дар шаш қисмат ҷудо кардааст. Бояд таъкид намоем, ки муқаддаму толӣ чуноне ки дар муттасила гардиш меёфтанд, дар мунфасила ин хусусиятро дошта наметавонанд. Масалан, «а) аз ду ҳамлӣ, чунонки гуфта омад (Офтоб барояд ва рӯз

мешавад); б) аз ду муттасила, мисолаш: «Ё чунин аст, ки ҳар гоҳ, ки Офтоб бувад, рӯз бошад» ё чунин аст, ки гоҳ бувад, ки Офтоб бувад, рӯз набошад»; в) аз ду мунфасила, мисолаш: «Ё ин таб дамавист (марбут ба хун, хунӣ) ё сафровӣ» ва «ё он таб балғамӣ аст ё савдовӣ». Ва ин мунфасила наздик бувад ба мунфасилаи касир-ул-аҷзоъ (ҷузъҳои бисёр), илло он ки мунфасилаи зу ҷузъайн (дорои ду ҷузъ) бад-ин шакл ба тадриҷ касир-ул-аҷзоъ шавад; г) аз ҳамливу муттасила, мисолаш: «Ё Офтоб иллати вуҷуди рӯз аст», «ё гоҳ бувад, ки чун Офтоб барояд, рӯз мавҷуд набвад»; д) аз ҳамливу мунфасила, мисолаш: «Ё ин шахсро мизоҷ, муътадил аст», «ё чунин аст, ки су-ул-мизоҷ (бад мизоҷ)-и сода дорад, ё моддӣ»; е) аз муттасила ва мунфасила, мисолаш: «Ё чунин аст, ки агар Офтоб толеъ бувад, рӯз мавҷуд бувад», «ё чунин аст ки ё Офтоб толеъ бувад ё рӯз мавҷуд бувад» [25, с. 72].

Ба ҳамин шакл Насируддини Тусӣ қазияҳои шартии мунфасиларо таҳлил намуда, иброз медорад, ки агар таҳқиқи ин масъала жарфтар давом ёбад чун ин қисматҳо метавонанд қисматҳои дигар ба вуҷуд оянд. Мутафаккир пажуҳишро давом дода, андеша дорад, ки дар шинохти қазияи мунфасила пайвандаки мантиқии «ё» воситаи инфисол аст ва мувофиқи таҳқиқоти пешниҳоднамудаи ӯ гоҳо амали ин навъи қазия дар ду шакл: ҳақиқӣ (том) ва ғайриҳақиқӣ (ноқис) истифода карда мешавад. Ӯ мегӯяд: «Қазияи мунфасила қазияест, ки дар он инфисол (ҷудокунӣ) тавассути пайвандаки мантиқии «ё» дида шавад ва ба восита он (пайвандак) қазияҳо аз ҳам ҷудо карда шаванд» [311, с. 34].

Ин навъи қазияҳои мунфасиларо мутафаккир дар китобҳои мантиқиаш бо ду ном – «мунфасилаи ҳақиқӣ» ва ё «мунфасилаи истисноӣ (ғайриҳақиқӣ)» истифода кардааст. Ба ҳамин шакл, Насируддини Тусӣ қазияи мунфасиларо ба ҳақиқӣ ва ғайриҳақиқӣ ҷудо намуда, менависад: «Қазияи мунфасилаи ҳақиқӣ ин қазияест, ки ба воситаи пайвандаки васлкунандаи «ё» тартиб дода шудааст. Дар ин

қазияҳо, ки аз ду қисмат ба ҳам меоянд, яке аз онҳо ҳақ мебарояд, мисол: «Адад ё тоқ ва ё ҷуфт аст» [25, с. 77], вале дуюмин дурӯғ хонда мешавад.

Қазияи мунфасилаи ғайриҳақиқӣ низ ба воситаи пайвандаки мантиқии «ё» сохта мешавад. Дар натиҷагирии ин навъи қазияи мунфасила яке аз муқаддимаҳои он ҳақ баромада ва ё ҳар дуи онҳо дурӯғ мебароянд: «Адад ё мунқасим бувад ба ду мутасовӣ ё набувад» [25, с. 77].

Қазияҳои шартӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» ба таври хеле фарох баррасӣ гардидаанд, ки то замони Насируддини Тусӣ ва баъди ӯ дар ин шакл таҳқиқ нашудаанд. Масалан, мутафаккир қоидаҳои мантиқи пешинро риоя намуда, талозуми шартиётро аз рӯйи мавқеъгирии истилоҳоти мантиқӣ чунин шарҳ медиҳад: «Аз қавоиди гузашта муқаррар шуда аст, ки эҷобу салби шартиёт тобеъи эҷобу салби қазоё, ки аҷзои он шартиёт бошад, набошад, бал дар шарте муҷиба бошад, ки мусоҳабат, ё муонадат миёни ду муҷиба бошад ва ё миёни ду солиба, ё миёни солиба ва муҷиба ва ҳамчунин, дар шартии солиба» [25, с. 114].

Агарчи ин масъала дар ибтидо дар сатҳи сифатӣ баррасӣ мегардад – бо ҳадафи муайян намудани он ки оё тасдиқ ва инкор ба сохтори қазияҳо таъсир доранд ё не ва ё ба сифати шартиёт роҳандозӣ мешаванд – дар ин маврид, бештар ҷанбаи миқдорӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Тавре ки бо риояи қонунҳои маҳсурот мушоҳида мегардад, новобаста аз шакли муқаддаму толӣ, шумораи имконоти шартиёт ба шонздаҳ навъ мерасад. Дар ин навъҳо ба таври айнӣ тасдиқ ва инкори муқаддаму толӣ мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин, бархе шаклҳои муқаддам ва толии қазияҳои шартӣ дар шакли инкорӣ боқӣ мемонанд, мисли: «Ҳар вақте ки ҳамаи А В бошад, пас ҳамаи Ҷ Д аст» [25, с. 114].

Аз рӯйи талаботи қонунҳои мантиқӣ, ки барои муайян намудани талозуми қазияҳои шартӣ тарҳрезӣ шудаанд, иваз шудани истилоҳот метавонад боиси тағйири маъно гардад. Ин раванд, асосан, тавассути тасдиқ ва инкор амалӣ мешавад. Тавре ки дар иқтибоси зикршуда

мушоҳида мешавад, шакли пешниҳодшуда танҳо хусусияти инкории қавӣ дорад, ки чунин навъи қазияи шартиро Насируддини Тусӣ бо истилоҳи «маъдулия» ном мебарад.

Гарчи мавзуи таҳқиқи ин бахш доманаи фарохро фаро мегирад, вале бо назардошти зарурати риояи ихтисори баҳс, таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои дигар равона мегардад. Аз таҳқиқоти фаровон ва амиқи Насируддини Тусӣ дар бахши қазияҳои шартӣ, бахусус, шартии муттасила ва мунфасила, метавон ба хулоса омад, ки ӯ дар ин соҳаи мантиқ, бо таваҷҷуҳ ба шароити иҷтимоиву фикрии замони худ, кӯшиш ба харҷ додааст, то тафаккури илмиро рушди бештар бахшида, онро аз таъсири хурофот барҳазар нигоҳ дорад. Дуруст аст, ки дар замони ӯ мурофиаҳои ҳуқуқӣ, асосан, бар пояи усули фиққӣ сурат мегирифтанд ва баъзан, қонунҳои мантиқиро бо аҳкоми эътиқодӣ омехта мекарданд. Дар натиҷа, бархе аз ҳокимон ҳукмҳоро ба шакли догматикӣ содир менамуданд ва барои таъйиди онҳо ба номи мантиқ истинод меовардand. Худи ҳамин ҳолат боис гардид, ки Хоҷаи Тусӣ масъалаи тасниф ва таҳлили қазияҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳад ва доираи омӯзиши онҳоро ба таври густарда шарҳ диҳад.

Форобӣ низ дар мавриди қазияҳои хилофӣ ва муқобил андешаронӣ намуда, таъкид мекунад, ки ин ду навъи қазия моҳиятан муқобили якдигаранд, зеро дар баёни ҳақиқат нисбат ба як мубтадо натавонистаанд мувофиқат нишон диҳанд. Ба гуфтаи ӯ, ҳақиқати қазияи тасдиқӣ аз ҳақиқати қазияи инкорӣ барнамеояд. Дар рисолаи «Мақулот» чунин зикр мешавад: «Ин ду қазия муттазод мебошанд, зеро ҳеҷ яке аз онҳо ҳақиқатро дар нисбати як чиз дуруст нишон намедиҳанд… Дар ҳар ҷуфти қазияҳои муқобил, яке тасдиқӣ ва дигаре инкорист, ҳарчанд ки шартҳои мантиқӣ дар ҳар ду ба ҷо оварда шудаанд, вале онҳо дар муқобили ҳам қарор доранд» [11, с. 221].

Ба сифати намуна, ба ақидаи мутафаккир, метавон суханони «олам халқ гардидааст» ва «олам азалист»-ро овард, ки дар сурати вуҷуд надоштани олам ҳар ду дурӯғ хоҳанд буд, аммо аз суханони «тамоми оламҳо халқ гардидаанд» ва «на ҳамаи оламҳо халқ шудаанд» яке ҳақиқӣ ва дигарӣ дурӯғ аст, новобаста аз он, ки олам вуҷуд дорад ё не. Дар масъалаи шинохти қазияи муқобил Форобӣ таваҷҷуҳи хоса намуда, ин мавзуъро дар рисолаи «Ал-қиёс» пайгирӣ карда, менависад: «Муқобил чунин қазияҳое мебошад, ки дар онҳо ҳар як субъект бо нишондодҳои умумии миқдорӣ алоқаманданд, ба монанди суханони «тамоми одамон ҳайвонанд» ва «ҳеҷ як одам ҳайвон нест». Ба ҳамин шакл, қазияи мухолифро баррасӣ намуда, мегӯяд: «Мухолиф чунин қазияе мебошад, ки дар он субъекти яке аз онҳо бо нишондоди умумии миқдорӣ алоқаманд мебошад ва ин ҳар ду навъ тасдиқӣ ва инкорӣ мешаванд, чун дар баёни «инсон ҳайвон аст» ва «инсон ҳайвон нест» [1, с. 121].

Дар пайравии Форобӣ, Хоҷаи Тусӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, қазияҳои муқобил ва зидҳо (хилофи)-ро аз рӯйи сохтори мантиқиашон бо мисолҳо барасӣ намудааст. Маҳз, оид ба ҳамин масъала, ӯ фасли ёздаҳуми мақолаи сеюми китоби «Асос-ул-иқтибос»-ро «Дар баёни тақобул ва тазод ва тадохул ва таноқузи қазоё» бахшидааст.

Чунонки аз номи фасл маълум аст, дар ин масъала низ, мутафаккир гомҳои пештар гузоштааст. Ӯ ҳангоми таҳияи ин қисмати қазияҳо бештар ба сохтори онҳо аҳаммият додааст. Масалан, ҳангоми таҳқиқи истилоҳи муқобил (тақобул) ҳамчун раванди мантиқӣ ба ҳам омадани ду қазияро дар назар дорад, ки ин албатта, дар назари аввал таноқузи афкорро ба вуҷуд меорад ва дар асл, фикри ӯ оид ба ин масъала чунин аст: «Тақобули қазоё иттифоқи ду қазия бувад дар мавзуъ ва маҳмул ва маҳмул ҳамон маҳмул ва лавоҳиқ ҳамон лавоҳиқ ва баъд аз он яке солиба буваду дигар муҷиба (ҳаққонияти онҳо дар як вақт имконнопазир ва дурӯғашон имконпазир аст: «Ҳеҷ коргар заҳмат

кашида, муваффақ намешавад ва ҳамаи коргарон заҳмат кашида, муваффақ мешаванд – С.Б.)» [25, с. 97].

Қазияҳои зид ё тазод дар тамоми намудҳои қазияҳои мантиқӣ, новобаста аз шароиту вазъият, мушоҳида мешаванд. Хусусияти фарқкунандаи онҳо дар он аст, ки чунин қазияҳо наметавонанд дар як вақт ҳам ҳақ ва ҳам дурӯғ бошанд: агар яке аз онҳо дуруст бошад, дигаре ҳатман, нодуруст хоҳад буд. Гарчанде имрӯз ин масъала дар муҳокимаҳои мантиқӣ ҷойгоҳи густарда дошта бошад, бозгашт ба таърих нишон медиҳад, ки ҳанӯз мутафаккирони асрҳои миёна, бахусус, Насируддини Тусӣ ба таври ҷиддӣ ба он расидагӣ кардаанд: «Тазод он бувад, ки бо вуҷуди тақобули иҷтимоии эшон бар сидқ муҳол бувад. Аммо бар кизб мумкин бувад» [25, с. 97].

Ба ҳамин тариқ, донишманди тусӣ қазияҳои тадохул ва танoқузро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар бораи тадохул чунин иброз доштааст, ки он аз ҳамзистии ду қазия ба вуҷуд меояд. Қисматҳои дигар, ба монанди мавзуъ, маҳмул ва пайвандакҳои шаклӣ вобаста ба шароит ба назар гирифта мешаванд. Дар ин навъи қазияҳо як навъ тобеият мушоҳида мешавад, ки дар мантиқи муосир низ бо ҳамин истилоҳ – тобеият – маъруф аст ва бо мафҳумҳои мувофиқ, ба мисли айният, тобеият ва чилликӣ алоқаманд аст. Амалиёти мантиқии чунин қазияҳо пурра ба принсипи тобеият мувофиқат мекунад: яъне, куллӣ асос боқӣ мемонад ва ҷузъӣ ҳамчун қисми он шинохта мешавад. Аммо ҳеҷ гоҳ куллӣ наметавонад ба ҷузъӣ тобеъ гардад. Танoқуз дар таълимоти мантиқии Тусӣ ҳамчун ихтилофи ду қазия дар кайфият (яъне чигунагӣ) тавсиф мешавад. Аз рӯйи сохтори таркибии чунин қазияҳо, яке бояд дуруст ва дигаре нодуруст бошад, зеро ҳолати сеюм дар чунин вазъият мавҷуд нест: «Инсон котиб аст, инсон котиб нест»... «Зайд нотиқ аст, Зайд нотиқ нест» [25, с. 98].

Форобӣ дар таҳқиқоти мантиқии худ ба ҳамаи навъҳои қазия таваҷҷуҳ зоҳир мекард, хусусан ба он қазияҳое, ки дар онҳо на сифат, балки миқдор ба амалишавии масъала марбут аст. Ӯ ин гуна қазияҳоро ба ду гурӯҳ – аксшаванда ва акснашаванда – ҷудо менамуд, ҳарчанд онҳоро бо истилоҳи мушаххас, ки дар поён зикр мегардад, ишора намекард. Аз рӯйи қонунҳои мантиқ, «акси қазия ба тағйири ҷойи қисматҳои он асос меёбад, мавзуъ ба маҳмул ва маҳмул ба мавзуъ табдил меёбанд, дар ҳоле ки сифат ва ҳақиқати қазия дар тамоми навъҳо бо таври мунтазам ҳифз мегарданд» [11, с. 260].

Форобӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, қазияро, ки яке аз унсурҳои асосии қиёс мебошад ҳам дар ҳолати ҷудогона ва ҳам дар таркиби қиёс, чунонки аз иқтибос бармеояд, бо дақиққорӣ ва амиқ баррасӣ намудааст.

Аммо дар пайравӣ ба Муаллими сонӣ Хоҷаи Тусӣ нахуст ҷойи ин мавзуъро, ки марбути кадом мақула аст – қазия ва ё қиёс муайян намуда, баррасии ин мавзуъро ба қисмати қиёс хос медонад ва мегӯяд: «Ва як муқаддимаро, ки муштамал бар табдили макон (табдили мавзуъу маҳмул ва квантор – С.Б.) бувад, ҷиҳат набвад, бал вазъ ва ҳамлаш маънавӣ набвад. Пас, зоҳир шуд, ки дар ифтироз як қиёси ҳақиқӣ беш наяфтад. Ва он қиёс муштамал бувад бар интоҷи ихтилоти матлуб» [25, с. 236].

Агар ба таърихи ташаккули тафаккури инсоният назар афканем, равшан мегардад, ки ҳар давра хусусиятҳои хоси худро дорад ва ҳар мафҳум, истилоҳ ё мақулаи илмӣ вобаста ба сатҳи иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа мавриди истифода қарор мегирад. Истилоҳи «табдил» низ аз ҳамин зумра мебошад. Дар замони Форобӣ он бештар ба маънои «акс» истифода мешуд, дар ҳоле ки дар андешаи Насируддини Тусӣ ин мафҳум шакли мукаммали маънои мантиқӣ пайдо кардааст. Форобӣ ин мафҳумро асосан, дар таркиби қазияҳо таҳлил намудааст, дар сурате ки Хоҷаи Тусӣ онро дар заминаи қиёс мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муҳимтар аз ҳама, мафҳуми «табдил» дар таҳлили иҷтимоиву таърихӣ низ мақоми муҳим касб мекунад. Ин мафҳум аз сӯйи инқилобгарони иҷтимоӣ барои аён сохтани воқеият истифода шудааст. Дар ин замина, Фридрих Энгелс зикр мекунад: «Агар усули материалистиро дар таҳлили таърих на ҳамчун қолаб, балки ҳамчун дастури методологӣ барои тарҳбандию таҳлили далелҳои таърихӣ истифода намоем, қонуни табдил риоя гардида, ҳадафҳо равшантар мегарданд» [124, с. 351].

Ба ҳамин равиш, мантиқшиноси муосири тоҷик Н.М. Сайфуллоев масъалаи мазкурро дар қисмати хулосабарориҳои бевосита ба таври мушаххас чунин маънидод мекунад: «Табдил чунин навъи натиҷагирии бевоситаест, ки дар натиҷаи он ба ҷойи субъект – субъекти муқаддима ва ба ҷойи предикат – мафҳуме, ки ба предикати муқаддима зид гузошта мешавад, иваз мегардад. Бинобар ин, сифати ҳукм тағйир ёфта, вале аз ҷиҳати миқдор бетағйир мемонад» [59, с. 168].

Аз ин иқтибос метавон ба хулоса омад, ки имкон дорад аз муқаддимаи тасдиқӣ натиҷаи инкорӣ ва баръакс, аз муқаддимаи инкорӣ натиҷаи тасдиқӣ ба даст оварда шавад. Агар ин равандро бо рамзҳои мантиқӣ ифода кунем, метавон ба ҷои S ва P, ки муқаддима маҳсуб мешаванд, муносибати S ва ғайри P-ро мавриди асос қарор дод.

Дар таҳқиқи қазия, мутафаккирони Шарқ тавонистаанд қисматҳои муҳимми мақулаҳои мантиқиро бо далелҳои раднопазир тавсиф ва тасниф намоянд. Агарчи Форобӣ қазияҳоро ба ду навъ – сода ва мураккаб – ҷудо намуда, таҳлили амиқе анҷом додааст, Насируддини Тусӣ дар таҳқиқоти худ равобит, алоқаҳо ва зиддиятҳои дохили қазияҳоро низ ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Чунонки дар оғози фасл зикр шуд, Хоҷаи Тусӣ дар мақолаи сеюм, ки онро ба омӯзиши қазия бахшидааст, муҳтавои онро ба ду фан ва бисту нуҳ фасл ҷудо намудааст. Дар фанни аввал ӯ маъно ва сохтори

асосии қазияҳоро таҳқиқ намудааст, дар ҳоле ки дар фанни дуюм муносибат ва робитаи онҳоро дар равиши баҳспардозиҳо ба таври мушаххас нишон медиҳад. Фанни дуюми мақолаи сеюми Насируддини Тусӣ, ки ба таҳлили қазияҳо ва эътибори онҳо ихтисос ёфтааст, дар қисматҳои марбут ба таноқуз, акс ва он чи ки ба ин мафҳумҳо иртибот дорад, аз ёздаҳ фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо мавзуъҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор мегиранд: «Дар маънии ҷиҳату фарқ миёни моддаву ҷиҳат ва таъини мавзеи ҷиҳати қазоё; Дар маънии зарурату имкон ва эътибори он дар зеҳну хориҷ ва фарқ миёни зарурату давом; Дар аснофи заруриву доим; Дар аснофи мумкинот; Дар аснофи мутлақот; Дар эътибори ақсоми урфиву машрут ба ҳасби эътибори ҷиҳати зотӣ; Дар баёни хусусу умуми қазоёи мутлақа ва муваҷҷаҳа; Дар таноқузи муваҷаҳот; Дар таърифи акс ва баёни акси муставо дар муваҷҷаҳот; Дар акси нақиз; Дар эътибори ҷиҳату нақиз ва акс дар қазоёи шартӣ» [25, с. 129; 130; 132; 136; 138; 143; 148; 154; 158; 169; 176].

Албатта, фанни аввалро бо дарназардошти мавзуи таҳқиқ дар шакли муқоисавӣ бо таълимоти мантиқии пешиниён баррасӣ намудем. Аз фанни дуюм бошад, танҳо бархе ҳолатҳоро тавассути мисолҳо нишон додем. Дар ояндаи наздик, ҳангоми таҳияи монография, ин қисмат низ мавриди таҳқиқи муфассал қарор хоҳад гирифт.

Хулоса, масъалаи таҳқиқи қазияҳо дар таълимоти мантиқии ду тан аз бузургтарин ворисони мантиқ – Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба таври васеъ ва амиқ инъикос ёфтааст. Ҳатто, дар шароити муосир баъзе паҳлуҳои ин таълимот аз назари муҳаққиқон пинҳон мондаанд. Агар Арасту ба ҳайси поягузори ин соҳа шинохта шавад, пас, бидуни шубҳа метавон гуфт, ки дар таълимоти мантиқии Форобӣ мақоми махсусро таснифи қазияҳо ишғол мекунад. Таснифоти пешниҳоднамудаи Форобӣ дар моҳият ва сохтор, бо таснифоти замони муосир хеле наздикӣ доранд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти Насируддини Тусӣ ба таҳлили муфассал ва муназзами қазия ва қисматҳои он равона шудааст. Мутафаккирон бо истифода аз истилоҳоти нав ва мувофиқ ба замони худ, қазияҳоро бо мисолҳо шарҳ дода, заминаи равшане барои дарки онҳо фароҳам овардаанд. Гарчанде ки ин раванд бо осори Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино алоқаманд аст, бисёре аз мантиқшиносони муосир бунёди дастгоҳи истилоҳоти мантиқии забонҳои форсӣ ва арабиро ба муаллифи «Асос-ул-иқтибос» нисбат медиҳанд. Аз муҳтавои фасли таҳқиқшуда бармеояд, ки мутафаккирон дар заминаи ҷумлаҳои хабарӣ қазиясозӣ намуда, қазияҳои шартиро бо таҳлилу баррасии амиқ аз ҳам фарқ кардаанд ва тавонистаанд ҳар яке аз онҳоро дар ҷойи мувофиқаш ба кор баранд. Онҳо ба дурустӣ муайян намудаанд, ки ҷумлаҳои хабарӣ аз «мавзуъ» ва «маҳмул» ва қазияҳои шартӣ аз «муқаддам» ва «толӣ» иборатанд. Инчунин, назари Форобӣ дар хусуси бандаки мантиқӣ ҳамчун қисмати тиркибӣ ва алоҳидаи қазия аввалин ба ҳисоб рафта, дар ҳамин шакл, иқдоми Тусӣ оид ба тавсеаи қисматҳои қазияи шартӣ аввал маҳсуб мешавад.

Таълимоти мантиқии мутафаккирони машшоӣ дар мавриди сохт ва низоми қазияҳои шартии муттасила ва мунфасила дар асоси андешаҳои Муаллими Аввал ба таври мушаххас ташаккул ёфтааст. Дар асоси таҳлили назарияи қазия, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо анъанаҳои мантиқиро идома додаанд, балки бо тавсеа ва таснифоти илмӣ онҳоро рушди бештар бахшида, ба ташаккули тафаккури мантиқии мутафаккирони баъдӣ таъсири амиқ расонидаанд.

Таҳлили осори мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳамзамон нишон медиҳад, ки онҳо қазияро ҳамчун шакли муҳимми ифода ва арзёбии тафаккур дар маркази пажуҳишҳои худ қарор додаанд. Форобӣ таваҷҷуҳи хоса ба сохтор ва навъҳои қазияҳо – ҳамлӣ ва шартӣ зоҳир намуда, аҳаммияти бандакҳои мантиқӣ ва робитаи мубтадо ва

хабарро барои дарки ҳақиқати тафаккур таъкид намудааст. Насируддини Тусӣ бошад, бо таҳлили амиқ ва тавсеаи сохтори қазияҳо, масъалаи шартият ва муфассилии қазияҳоро бо тасниф ва мисолҳои мушаххас тақвият додааст. Мавқеи онҳо дар таҳқиқи ҳақиқати қазия, танокуз, мубоҳисаҳои мантиқӣ ва қиёс баёнгари рушди назарияи мантиқии асримиёнагии исломӣ мебошад. Мероси Форобӣ ва Тусӣ дар илми мантиқ на танҳо аҳаммияти таърихӣ дошта, балки барои таҳкими мантиқшиносии муосир низ заминаи муҳим фароҳам овардааст.

БОБИ 3. ВОСИТАҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ДОНИШ ДАР МЕРОСИ МАНТИҚИИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Агар таҳқиқоти Арастуро истисно намоем, воситаҳои асосии инкишофи дониш тибқи таснифи таълимоти мантиқии мутафаккирони баъдӣ, аз ҷумла Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, пас аз баррасии таърих, истилоҳот, мафҳум ва қазияҳо дар зинаи сеюм қарор доранд. Аз ҷиҳати ҷойгоҳи назариявӣ, ин мақулаҳои мантиқӣ вобаста ба қонунҳои умумии мантиқ дар марҳалаи ниҳоии низоми тафаккур ҷой гирифта, маҳз тавассути онҳо донишҳои назариявӣ ва амалиёти зеҳнӣ дар раванди маърифат татбиқ меёбанд.

Дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ нахустин маротиба Арасту дар асарҳои худ – «Аналитикаи аввал» ва «Аналитикаи дуюм», ба ин масъала рӯ оварда, пояҳои назарияи қиёс ва воситаҳои истиҳроҷи донишро таҳқиқ намудааст. Ин равиши таҳлилӣ дар асрҳои миёна ба андешаи Форобӣ таъсири амиқ гузошт, ӯ ҳамин масъалаҳоро, дар асари худ «Китоб-ул-қиёс» бо низоми муназзам баррасӣ намуд. Насируддини Тусӣ бошад, ин мавзуъро дар «Асос-ул-иқтибос» бо сохтори мукаммал ва таҳлили амиқ идома дода, ҳар ду навъи воситаҳои мантиқиро бо шарҳ ва тавзеҳоти муфассал таҳқиқ кардааст.

Дар зербоби аввал, ки ба масъалаи ҳамбастагии тафаккур ва забон бахшида шудааст, пеш аз таҳлили қиёс моҳият ва низоми робитаи фикр бо забон аз дидгоҳи ҳар ду мутафаккир мавриди пажуҳиш қарор мегирад. Гарчанде равишҳои таҳлилии онҳо аз ҷиҳати шакл фарқ доранд, дар асл пажуҳишҳои Насируддини Тусӣ идомаи такмилёфтаи андешаҳои Форобӣ дар ин самт маҳсуб мешаванд.

Дар зербобҳои минбаъда, ки ба баррасии қиёс ва бурҳон ихтисос доранд, кӯшиш ба он равона шудааст, ки ин мафҳумҳо дар заминаи осори мантиқии Форобӣ ва Тусӣ ба таври муқоисавӣ таҳлил шаванд. Ҳар яке аз ин воситаҳои мантиқӣ аз нигоҳи сохтор, вазифа ва нақши

онҳо дар раванди маърифат мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, умумият ва фарқияти онҳо бо далелҳои мантиқӣ равшан гардонида шудаанд.

Аз натиҷаҳои таҳқиқ бармеояд, ки ҳар ду мутафаккир тавассути ин воситаҳои мантиқӣ робитаи мантиқ ва маърифатро дар низоми донишҳои фалсафӣ ба таври амиқ ифшо кардаанд. Онҳо мантиқро на танҳо ҳамчун абзори шинохти ҳақиқат, балки ҳамчун василаи тарбияи зеҳни инсон ва такмили ахлоқӣ муаррифӣ намуда, ҳамбастагии онро бо маърифатшиносӣ ва дигар илмҳо асоснок кардаанд. Бо ин васила, Форобӣ ва Тусӣ мантиқи назариявиро ба хидмати ҷомеа, фарҳанг ва суботи иҷтимоӣ дароварда, ба таҳкими пояҳои фикрии тамаддуни шарқӣ мусоидат намуданд.

3.1. Ҳамбастагии тафаккур ва забон дар таълимоти мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Тафаккур ва забон ҳамчун ду падидаи асосии фаъолияти маърифатии инсон, дар тамоми марҳилаҳои таърихи тамаддун нақши меҳварӣ бозидаанд. Аз замони Юнони қадим, то асрҳои миёнаи Шарқ, робитаи ин ду раванд мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст. Дар ҳамин замина, Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ду чеҳраи барҷастаи фарҳанг ва илми Машриқзамин, бо таҳқиқоти мантиқӣ ва забоншиносии худ ба тавсеа ва такомули фаҳмиши илмии тафаккур ва забон саҳми беназир гузоштаанд. Таҳлили мероси илмии ин ду мутафаккир имкон медиҳад, ки ҷойгоҳи забон ва мантиқ дар системаи донишҳои асримиёнагии Шарқ амиқтар дарк гардад ва таъсири ин таҳқиқот дар рушди афкори фалсафии ҷаҳонӣ возеҳтар ошкор шавад. Мақсади ин таҳқиқ баррасии ҳамбастагии тафаккур ва забон дар таълимоти мантиқӣ-маърифатии Форобӣ ва Тусӣ мебошад, ки дар он таваҷҷуҳи хос ба нақши забон дар ташаккули мафҳумҳо ва таҳкими тафаккур дода шудааст.

Агар ба таърихи забоншиносии умумӣ ва назарияҳои мантиқшиносони давраҳои атиқа ва асримиёнагӣ жарфтар аҳаммият диҳем, бароямон муяссар мегардад, ки ҳамбастагӣ ва алоқамандии тафаккурро бо забон ҳамчун падидаи таърихӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем. Раванди ин падида, яъне алоқаи тафаккур бо забон, дар фаъолияти зеҳнии қишрҳои гуногуни ҷомеа аз муҳимтарин масоили асосии таҳқиқоти мантиқӣ-маърифатии ҳам муҳаққиқони классикӣ ва ҳам муосир ба шумор меравад.

Чунонки аз сарчашмаҳо бармеояд, робитаи забон ва тафаккур ҳанӯз дар Юнони Қадим мавриди муҳокима қарор гирифта буд, аммо ин масъала таваҷҷуҳи донишмандони асримиёнагии форсу тоҷикро низ ба худ ҷалб намудааст. Дар ин самт, муҳимтарин нукта он аст, ки ин анъанаи тадриҷии илмӣ дар илми муосир низ равшан мушоҳида мешавад.

Чунонки дар ин бобат К.Б. Исмонов қайд мекунад: «Донишмандони форсу тоҷик дар баробари таълифи осор дар робита ба масоили наҳвию гирдоварии вожаву таъбирҳои арабӣ, боз ба матраҳнамоии масоили сарфӣ низ таваҷҷуҳ намуда, дар ин росто, асарҳои арзишманде таълиф кардаанд, ки масъалагузорӣ ва шарҳу тавзеҳоти мавзуоти сарфӣ дар онҳо аз огоҳии ин донишмандон аз хусусиятҳои ҳамаҷонибаи забонӣ шаҳодат медиҳад» [388, с. 207].

Мантиқшиносони асримиёнагии Машриқзамин, Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, аз зумраи муҳаққиқоне ба шумор мераванд, ки андешаҳои фалсафии онҳо на танҳо таҳкимбахши донишҳои муҳаққиқони Шарқ, балки таъсиргузор ба рушди афкори ғарбӣ низ арзёбӣ мегарданд.

Абунасри Форобӣ (870–950) дар замони худ омӯзиш ва баррасии дурусти илмро пеша карда, муҳимтарин масъалаҳои илмии он давра, хусусан, илми мантиқро бо таҳлили амиқ такмил додааст. Ӯ, ҳамзамон,

ба илми забон низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, маҳз, дар ҳамин замина, усулҳои истилоҳофаринӣ дар соҳаҳои мантиқ, забон ва дигар илмҳоро ба вуҷуд овардааст, ки дар Шарқ то ба имрӯз монанди он дида намешавад. Бешубҳа, ин раванд имкон фароҳам меорад, ки муқаррароти илм дар якҷоягӣ бо истилоҳоти соҳавӣ мафҳумҳоро ташаккул дода, дар таҳкими онҳо мусоидат намояд. Мафҳумҳо ва матолиби илмӣ заминаи мутолиоти забоншиносии таърихӣ буда, нуктаҳое мебошанд, ки дар тули асрҳо пажуҳишгарони забоншинос ва мантиқшинос дар кишварҳои гуногуни соҳибтамаддун, аз ҷумла, дар сарзаминҳои исломӣ, кӯшиш намудаанд, ки дар баёни маонии забон таърифоти хоса пешниҳод кунанд. Зеро забон ягона низомест, ки ба воситаи он аъзои як ҷомеаи соҳибзабон иртибот барқарор намуда, барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ замина фароҳам меоранд.

Агар бо назардошти ҳамин матлаб ба мероси фалсафӣ-илмии Форобӣ рӯ оварем, мушоҳида кардан мумкин аст, ки ӯ нисбат ба дигар донишмандони пеш аз худ ва ҳатто, баъд аз худ, ба забон ва алоқамандии он бо мантиқ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Шаҳодати ин гуфта он аст, ки Форобӣ қариб дар ҳамаи асарҳои худ ба таҳлили масъалаи забон ва нақши он дар маърифати олами атроф рӯ оварда, ҳар мавзуеро, ки ба забон марбут аст, новобаста аз мазмуни аслӣ бо усули дурусти забонӣ таҳқиқ намудааст.

Форобӣ, бар хилофи донишмандони пешин дар тамоми таҳқиқоти илмӣ-фалсафии худ муносибати хосашро ба ифодаҳои забонӣ, забон ва истилоҳот баён намуда, ин масъаларо бо сароҳат дар осори мондагори худ ба расмият даровардааст. Аз ҷумла, ин асарҳо иборатанд аз «Китоб фӣ ал-луғат», «Эҳсо-ул-улум» (қисмати аввал), «Мадхал-ул-мантиқ», «Китоб-ул-ҳуруф» ва «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ».

Форобӣ дар муқоиса бо дигар мутафаккирон илми забоншиносиро дар алоқамандии он бо мантиқ, бо фарогирии тамоми қоидаҳояш дар як

низоми ягона ҷамъбаст намуда, ин алоқамандиро равшан нишон додааст. Аз нигоҳи ӯ, ҷойгоҳи мантиқ дар иртибот бо ақл, мисли ҷойгоҳи забон дар иртибот бо наҳв аст. Ин робитаи зеҳниро, ки мазмуну шаклро ба ҳам мепайвандад, маҳз, Форобӣ аввалин шуда, дар сарзамини Шарқ заминагузорӣ намудааст. Дар робита ба ҳамин матлаб, Б.Д. Нуриев зикр намудааст: «Бо вуҷуди он ки ал-Форобӣ ба маънои имрӯзаи ин калима забоншинос набуд, ӯ бахши муҳимми осори худро ба масъалаҳои фалсафаи забон бахшидааст. Бархе аз осори ӯ комилан ба масъалаҳои забонӣ-фалсафӣ ихтисос ёфта, дар рисолаҳои дигар ал-Форобӣ ба баъзе масъалаҳои забонӣ-фалсафӣ танҳо ба таври сатҳӣ дахл намудааст» [432, с. 136].

Баъд аз ӯ ба ин равиши илмӣ донишмандоне, ки ба омӯзишу пажуҳиши ин самт, махсусан, забоншиносӣ пардохтаанд, чун: Абуалии Форсӣ, Ибн Ҷиннӣ, Абуаҳмади Асғарӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абдулқодири Ҷурҷонӣ, Замахшарӣ ва Насируддини Тусӣ тавонистаанд ба адабиёти ҷаҳонӣ таъсири зеҳнӣ гузоранд. Ин матлабро Фаҳмии Ҳиҷозӣ пайгирӣ намуда, чунин мегӯяд: «Нахустин талоши муфид дар тартиби улуми забонӣ дар як низоми воҳид ба Форобӣ бар мегардад, ки бар ҳамаи улуми марбут ба забон номе фарогир яъне «илм-ул-алсон» (илми забоншиносӣ – Б.С.) ном гузошт. Ин илм ба назари ӯ муташаккил аз чанд ҳавза дар баробари улуми вожаҳои муфрад аст» [327, с. 70].

Ҷойгоҳи илмии Насируддини Тусӣ дар таърихи фалсафаи асримиёнагии Шарқ, на камтар аз Форобӣ ва Ибни Сино дониста мешавад, хусусан, дар соҳаи мантиқ ва забон. Ӯ бо таълифоти мондагори худ тавонист илми замонро равнақ бахшад ва ҳамзамон, бо мурувватӣ инсонгароӣ ҷомеаро муттаҳид намуда, ба рушди иҷтимоиёти мардум таровати дигар зам намояд. Маҳз, ба хотири ҳамин заҳматҳо, «таърихи рушд ва густариши мантиқи асримиёнагии машриқзамин, махсусан, форсизабонро берун аз таълимоти мантиқии Хоҷа Насируддини Тусӣ

тасаввур кардан душвор аст. Омӯзиши осори мантиқии Тусӣ собит менамояд, ки агар дар ибтидои қарни XI ҳомӣ ва давомдиҳандаи афкори мантиқии Арасту Ибни Сино бошад, дар асри XIII чунин вазифаро Насируддини Тусӣ ба уҳда дошт» [191, с. 511].

Таҳқиқоте, ки Хоҷаи Тусӣ дар самти забоншиносӣ ва мантиқ анҷом додааст, хеле зиёд буда, қисмати муҳимми онҳо дар бузургтарин асарҳои ӯ – «Асос-ул-иқтибос» ва «Меъёр-ул-ашъор», гирдоварӣ шудаанд. Дар китоби аввал, дар фасли сеюми фанни сеюм, бахше ба мавзуи лафзҳо ихтисос ёфта, дар ин замина, қисматҳои таркибии забон ба як низоми муайян дароварда шуда, бо таҳлилҳои илмӣ баррасӣ шудаанд.

Ин таҳқиқоти мутафаккир, ҳарчанд дар асоси пажуҳишҳои Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино сурат гирифтаанд, бо ин вуҷуд бо сабк ва забони хоси худ таълиф шудаанд. Агар ба услуб ва нигориши Насируддини Тусӣ дар таҳияи китоби «Асос-ул-иқтибос» таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки ӯ дар фасли сеюми фанни сеюм бахше аз матлабро ба чигунагии алфоз ва санъатҳои шеърӣ ба таври иҷмолӣ ихтисос додааст. Алфоз, ки ҳамчун мафҳуми забонӣ дониста мешаванд, ба риштаи таҳқиқ кашида, мегӯяд: «Аҷзои лафз чунонки гуфтем, ҳуруф бошаду ҳуруф сомит (бесадо, беовоз, сокин – Б.С.) бувад ё мусаввит (садодор, овоздор – Б.С.) ва сомити маҷҳур (ошкор, пайдо – Б.С.) бувад монанди то (ta) ва t̄a (to), ки маддаш мумкин набувад ё маҳмус (паст, оҳиста, хафӣ – Б.С.) бувад бар хилофи он монанди син (sin)-у шин (shin) ва масут ё мамдуд бувад ва он ҳуруфи мад бувад ё мақсур ва он ҳаракот бувад» [25, с. 595].

Ин навъи тақсимбандии алфозро Насируддини Тусӣ мустақиман дар пайравӣ ба Ибни Сино ба роҳ монда, вале ин навъи таркиббандии дугонаро нахуст Форобӣ дар китоби «Ал-мусиқа ал-кабир» («Мусиқии калон») истифода кардааст.

Дар ҳамин шакл, донишманди тусӣ дар таълифоти мантиқии хеш қонун ва қоидаҳое, ки Форобӣ аз Арасту ба мерос гирифтаву риоя

мекард, дар шакли рушдёфта ва густаришёфта пайравӣ кардааст. Дар баробари файласуфони зикршуда, ӯ ба Ибни Сино алоқаи зич дошта, ҳатто, бо назардошти нигоштаҳои муҳаққиқони тусишинос китоби «Асос-ул-иқтибос»-ро дар пайравии китоби «Шифо» дар соли 642 ҳ., дар синни 63-солагӣ, пас аз «Ахлоқи Носирӣ» ва пеш аз «Шарҳи Ишорот» таълиф карда, онро чун анъанаи арастуӣ ва синоӣ ба нуҳ бахш тақсим ва тасниф намудааст, ки онҳо чунинанд: муқаддима (Исоғуҷӣ), мақулоти даҳгона, ақволи ҷозима, қиёс, бурҳон, ҷадал, муғолата, хитоба ва шеър.

«Асос ул-иқтибос» ҳамчун асари арзишманд ва нодир ба забони тоҷикӣ (форсӣ) таҳия шуда, муҳаққиқони соҳаи мантиқ ин асари фарогирандаи фаслҳои мукаммалро беназир дониста, иброз доштаанд, ки «пас аз китоби мантиқи «Шифо»-и Шайхурраис Абуалӣ Сино беҳтарин ва ҷомеътарин китобе ҳаст, ки дар фанни мантиқ таълиф шудааст» [25, с. 12].

Китоби дигари Насируддини Тусӣ, ки дар самти забону мантиқ таълиф шудааст, «Меъёр-ул-ашъор» аст. Муаллиф дар ин асари мухтасар ба баррасии арузу қофияи тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ пардохтааст. Ин китоб баъд аз китоби «Асос-ул-иқтибос» таълиф шуда, басёре аз масъалагузориҳояш аз китоби аввал талхис шудаву баҳри рафъи дилхоҳ масъала корбурд шудаанд. Мутахассисони соҳаи забоншиносӣ ин навъи таҳқиқро ситоиш намуда, масъалагузориҳои ин китобро ба замони муосир мувофиқ медонанд.

Хоҷаи Тусӣ дар фасли дуюми китоби «Меъёр-ул-ашъор» сабабҳои гуногунии вазнҳо ва қофияҳоро дар забон дар бораи бархе овозҳои забони форсӣ ва арабӣ таҳқиқ намудааст. Ӯ, ҳатто, бо камтарин қисмати забонӣ – «ҳарф» кор гирифта, дар заминаи он ҳама ҳастии забониро асос дониста, гуногунии низоми махориҷ ва муттаҳидии онро ба он алоқаманд медонад. «Дар баъзе луғот махориҷ душвортар бошад, монанди зод (zod)-у сод (sod) ва зо (zo) дар тозӣ ва дар баъзе ба зидди он

ва ё ҳайати ҳуруф бошад, ончунон бувад, ки ҳаракоти ҳуруф дар баъзе луғот ё ба каммият бештар бувад, монанди луғати тозӣ, ки аксар мақотеи калимот дар он мутаҳаррик бошад ва дар бештари луғот бар хилофи он ва ё ба кайфият тамомтар бувад...» [25, с. 7].

Агар ба шинохти матолиби илми мантиқи ин мутафаккир таваҷҷуҳ намоем, он таҳқиқи ин риштаи илмро дар низоми эҷодии Арасту ва Форобӣ ба роҳ монда, кӯшиш намудааст, ки дар тавсеаи ин равиш то андозае саҳми худро гузошта бошад. Насируддини Тусӣ чун Форобӣ ва Ибни Сино андешаҳои мантиқиашро дар мақолаю китобҳои гуногун баён накардааст, балки чун Арасту дар шакли ихчам, хеле хонову фаҳмо дар китоби мукаммали мантиқии «Асос ул-иқтибос» бо далелу асноди илмию воқеӣ баррасӣ намудааст. Дар таърихи тамаддуни эронитаборон ва хусусан тоҷикон агар «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тусӣ вазифаи наҷотбахши таъриху забони миллатро иҷро карда бошад, китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ ҳамчун сипар авлавияти зеҳниро инъикос намуд ва ба ташаккули тафаккури ин мардуми олитабор таъсири мусбат расонида, онҳоро дар руҳияи ояндабинӣ талқин намуд.

Метавон бо таъкид иброз намуд, ки фарқияти умумии таҳқиқоти забоншиносӣ-мантиқии Форобӣ аз Насируддини Тусӣ дар он аст, ки якумин ҳама масъалагузориҳояшро бо забони арабӣ матраҳ намуда, гоҳо дар ҳолати муқоиса забонҳои юнонӣ ва форсиро истифода мебарад, то мақсадро равшан кунад. Масалан, ҳангоми ба шарҳи истилоҳи арабии «ал-мавҷуд» таъкид мекунад, ки ин истилоҳ дар забони арабӣ маънои «моҳият»-ро ифода мекунад ва мардуми арабзабони маҳалҳои гуногун низ онро бо ҳамин маъно истифода мебаранд. Аммо дигар халқҳо калимаҳои ҳаммаънои муодили онро ба кор мебаранд, ки дар форсӣ «ҳаст» ва дар суғдӣ «фирд» маънои «мавҷудият»-ро доранд. Дар дигар забонҳо низ чунин калимаҳо дар ҳамин шакл ба назар мерасанд.

Агар ҳар як асар аз лиҳози мавзуъ баррасӣ карда шавад, он дорои сохтори хос ва таснифи фаннии муайяне мебошад, ки танҳо ба он марбут аст. Ҳамин матлабро Абунасри Форобӣ дар таҳияи китоби «Эҳсо-ул-улум» баён намуда, аз анъанаи классикӣ берун баромада, дар ҷойи аввал илми забон, сипас, илми мантиқ ва баъдан дигар илмҳо – илми таолим, илми илоҳӣ, илми маданӣ, илми фиқҳ ва илми каломро тасниф кардааст. Дар ин асар, Форобӣ доираи масъалагузориҳои забониро дар мадди аввал гузошта, равандҳои омӯзиши илми забонро муҳаққиқона ба инобат гирифта, матолиби мавриди назарро таҳқиқ намудааст. Он масъалаҳое, ки дар самти илми забон Форобӣ бо тасниф ба баррасии онҳо мекӯшад, иборатанд аз: ҳифзи калимаҳо, донистани қонунҳо, калимаҳои идоракунанда, анвои калимаҳо, илм дар бораи калимаҳои содаю мураккаб, илм дар бораи ибораҳо, илм дар бораи қонунияти калимаҳои сода ва қонунияти ибораҳо, навишт ва талаффузи дурусти калимаҳо (орфография ва орфоэпия) ва қоидаҳои шеърнависӣ.

Аз тақсимоти Форобӣ метавон чунин натиҷа гирифт, ки назари ӯ дар хусуси куллӣ будани қонунҳои илми забон ва тақсими ҷузъҳои он бештар ба самти назарияи забоншиносии умумӣ равона шудааст. Барои дарки амиқи ҳар яке аз ин мавзуъҳо, баррасии мухтасари онҳо яке аз афзалиятҳои таҳқиқ ба ҳисоб меравад.

Форобӣ дар таснифи забонӣ, нахуст илми алфози муфради маънидорро ҷой дода, таркиби онро бо ҳастӣ марбут дониста, ҷойгоҳ ва нақши меҳварии онро дар ибтидоӣ будани он медонад. Ӯ дар ин қисмати вожашиносӣ, ки баррасии сурати вожаҳо аз назари коркард ва сохтор ба роҳ монда мешавад, ба таҷзия ва таҳлили вожаҳои забонӣ диққати ҷиддӣ дода, онҳоро на танҳо аз лиҳози шакл, балки аз лиҳози мазмун низ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Албатта, ин раванд дар пажуҳишҳои мантиқии ӯ низ хеле равшан ба назар мерасад ва ҳатто, хосиятҳои муайянкунӣ дар он мушоҳида мешаванд.

Лафз ҳамчун унсури савтии мураккаб, аз як ё чанд ҳиҷои мустақил таркиб ёфта, дар алоҳидагӣ дорои мазмуни муайян буда, таркиби бевоситаи забон шумурда мешавад. Забон, ки ҳалқаи иртиботӣ миёни шакл ва мазмун аст, метавонад ҳамчун воситаи интиқоли мафҳумҳо эътироф гардад. Ҳар вожа, ки мафҳуми муайянро ифода мекунад, лафзи муфрад ҳисобида мешавад, мисли Аҳмад ва Маҳмуд, ё он ки ба ҷинс ва навъи ашё далолат мекунад, мисли инсон, ҳайвон, сафедӣ, сиёҳӣ ва ғайра. Дар пайравии ҳамин мавзуъ, ҳар лафзи муфраде, ки бар ҷинсу навъ ишора мекунад, ё исм аст, ё феъл (калима) ва ё ҳиссача (ҳарф). Дар таълимоти забоншиносӣ-мантиқии Форобӣ ин тақсимбандӣ роиҷ буда, метавон онро решагирифта аз тақсимоти Арасту донист.

Дар қисмати дуюм лафзҳои мураккаб ҷой дода шудаанд. Лафзҳои мураккаб дар таълимоти Форобӣ бар пояи лафзҳои муфрад ташаккул меёбанд, мисол: «инсон ҳайвон аст» ва «Амр сафед аст» ва ғайра. Дар алоҳидагӣ ҳар яке аз ин калимаҳо – инсон, ҳайвон, Амр ва сафед – лафзи муфрад буда, ҳамчун пояи лафзҳои мураккаб эътироф мегарданд.

Муаллими Сонӣ дар қисмати сеюм қавонини марбут ба лафзҳои муфрад ва мураккабро ҷой дода, кӯшиш мекунад, ки ҳамбастагии миёни онҳоро ошкор созад.

Дар баррасии қисмати аввал ба раванди вожашиносӣ пардохта чунин мегӯяд: «Ин илм нахуст ба баҳс дар бораи ҳуруф мепардозад. Аз теъдоди ҳуруф ва махорич ҳар ҳарф олоти савт ва ҳуруфи мусаввит (овоздор, садонок – С.Б.)-у ғайри мусавват аст. Он ҳуруфе, ки дар он забон таркиб мешавад ва ҳуруфе, ки қобили таркиб нестанд, камтарин ҳуруфеанд, ки аз таркиби онҳо як лафзи маънодор ба даст меояд» [327, с. 76].

Дар тақсим лафзҳои мураккаб ду навъанд, якумин, таркибӣ шудани исму феълро меомӯзад ва дуюмин, ҳолати таркибшавандагиро дар илми забон бо равандҳои таҳлилӣ ифода мекунад. Бо назардошти ин қонунҳо,

Форобӣ чунин қайд мекунад: «Илми қавонини атроф (алифу лом, ки дар аввали калима муайянӣ ва соҳибиятро ифода мекунанд ва ҷонишинҳои дар охир омада, ки ба мафҳумҳои пешин нигаронида шудаанд – С.Б.) нишон медиҳад ки атроф дар дараҷаи аввал барои асмо (исмҳо) меоянд, сипас, барои афъол ва маълум мекунад, ки бархе аз атрофи асмо дар аввали исми меоянд, монанди «алифу лом». Бархе дигар аз атроф дар авохири исм ҷой доранд, ки атрофи таъхир ё поёнӣ номида мешаванд» [287, с. 21].

Агар ба таҳқиқоти забонии Форобӣ жарфтар таваҷҷуҳ намоем, ӯ нуқтаҳои дагареро аз наҳви забони арабӣ баррасӣ намуда, дар бораи феълҳои тасрифшаванда ва тасрифнашаванда, тарзи ҷудо кардани исму феъл ва ҳиссачаҳо баҳспардозӣ мекунад. Аммо, нисбати бахши дувум бошад, чигунагии таркибшавандагии лафзҳо, тартиби онҳо дар он забон ва ба тарзи дуруст дар ҷумла истифода шудани онҳоро нишон додааст. Ба ин васила, ӯ иброз медорад, ки кадом таркибу тартиб дар забон фасеҳтару дурустар аст.

Дар навбати чаҳорум Форобӣ қонунҳои дуруст навиштан ва дуруст хонданро ҷой намудааст. Қисмати дурустнависиро мухтасар баён намуда, асоси навишти дурустро ибтидо аз ҳарфҳо ва баъдан аз калимаю ҷумлаҳо асос дониста, мегӯяд: «Ин илм ибтидо мушаххас мекунад, ки чӣ ҳуруфе бояд навишта шавад ва чӣ ҳуруфе набояд навишта шавад. Он гоҳ тавзеҳ медиҳад, ки шеваи нигориши ҳуруфе, ки бояд навишта шавад, чи гуна аст» [30, с. 95].

Мутафаккир дар самти дуруст хондани аломатҳо, фосилаҳо, нуқтаҳо ва мақтаъҳо асос қоил шуда, таваҷҷуҳ ва самти матлабро муҳим мешуморад. Новобаста аз ташаккул ва густариши амалияи илм дар замони муосир, агар истифодаи усули Форобиро ба инобат гирем, маълум мегардад, ки ин усул берун аз доираи воқеияти илмӣ нест ва танҳо бо баъзе иловаҳо то имрӯз боқӣ мондааст.

Дар қисмати охир, ки ба шеърнависӣ марбут аст, ӯ ин самтро ҷузъи илми забон дониста, алоқаи онҳоро ногусастанӣ медонад ва ин равандро дар се бахш – вазни шеър, охири байтҳо ва таносуб дар шеър – баррасӣ мекунад.

Дар қисмати мантиқии ҳамин асар – «Эҳсо-ул-улум» – Форобӣ санъати мантиқро бо таҳлил мавриди баррасӣ қарор дода, иброз медорад, ки инсон ҳангоми омӯзиши ин илм дар гуфтор иштибоҳ намекунад, балки бо истифодаи қонунҳои он аз донишҳои мутамарказонидаи худ хулосаи дуруст ба даст меорад. Инсон ҳангоми дуруст баён кардани мақсад, ки аз шакл ва мазмун иборат аст, метавонад ҳамсуҳбати худро қонеъ созад ва ё баръакс, ноком гардад.

Аз ин рӯ, алоқаи зичи мантиқ бо забон дар муносибатҳои иҷтимоии одамон хеле муҳим аст. Агар ба афкори Форобӣ таваҷҷуҳ намоем, дармеёбем, ки ӯ ин илмҳоро дар як самт қарор дода, мегӯяд: «Ин санъат бо саноати наҳв мутаносиб аст, зеро нисбати саноати мантиқ ба ақл ва маъқулот монанди нисбати саноати наҳв аст ба забон ва алфоз. Пас, тамоми қавоидеро, ки илми наҳв дар мавриди алфоз ба даст медиҳад, илми мантиқ назоири онҳоро дар маъқулот ба даст медиҳад» [30, с. 99].

Агар Абунасри Форобӣ лафз (мафҳум)-ҳоро ба муфрад ва мураккаб (фардӣ ва куллӣ) тақсим карда бошад, Ибни Сино онҳоро ба куллӣ ва ҷузъӣ ва зотию аразӣ тақсим намуда, ташаккул додааст. Насируддини Тусӣ ба мисли Форобӣ ва Ибни Сино ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус дода, дар китоби «Асос-ул-иқтибос» тақсиму таснифи ҳамин қонуни анъанавиро сайқал дода, ин матлабро бо номгузории лафзи муфрад ва муаллаф такмил додааст. Ба андешаи ӯ лафз ду гуна аст, ки аввалиро лафзи муфрад ва дуюминро лафзи муаллаф номанд. «Лафзи муфрад он бувад, ки ҷузве аз ӯ бар ҷузве аз маънии ӯ далолат накунад, монанди «инсон», ки бар мардум дол (далолаткунанда) аст. Чи ҷузве аз ин лафз бар ҷузве аз маънӣ дол нест, балки ҷузви ин лафз дар

ин ҳолат, ки ҷузви ин лафз аст, бар ҳеҷ чиз далолаткунанда нест» [25, с. 14].

Аз рӯйи мавзуъҳои мантиқӣ лафзҳои муфрад ба мафҳумҳо аз рӯйи ҳаҷм ва мазмун мутаносиб дониста мешаванд. Тафовути мафҳумҳо дар ин самт дар он аст, ки самти таҳқиқи онҳо бе мавҷудияти якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. «Аз сохтори мафҳумҳо маълум мешавад, ки асоси ҳастии онҳоро алоқаи ногусастании байнашон ташкил медиҳад ва маҳз ба ҳамин восита ҳамчун раванди мантиқӣ-забоншиносӣ шинохта мешаванд» [136, с. 5].

Агар аз рӯйи талаботи ин сохтор ба лафзҳои муфрад назар афканем, низоми ҳастии онҳо дар пояи бунёдии худи онҳо қарор мегирад. Ба ибораи дигар, чуноне ки Абуалӣ ибни Сино қайд менамояд, агар мафҳуми куллӣ «мафҳумест, ки ҳаҷми он бештар аз як унсурро дар бар мегирад», пас, мафҳуми муфрад – «мафҳумест, ки танҳо як унсурро фаро мегирад». Пас, лафзҳои муфрад бо дигар лафзҳо муносибате надоранд, вале дар худ ҳамчун мафҳумҳои бунёдии мустақил маъноро ифода мекунанд, масалан: «компютер», «интернет», «китоб», «телефон» ва ғайра. Ҳамзамон, лафзҳои муфрад метавонанд дар ҳолати алоқамандӣ бо ҳам низ вуҷуд дошта бошанд, чун: «модар – фарзанд», «пастӣ – баландӣ», «гармӣ – сардӣ», «устод – шогирд» ва ғайра. Аз дидгоҳи Насируддини Тусӣ лафзи муаллаф дар заминаи лафзи муфрад таркиббандӣ шуда, аз он на мафҳуми бунёдӣ, балки то дараҷае фаҳмише аз раванди масъалагузорӣ фаҳмида мешавад, чун: «Лафзи муаллаф он бувад, ки ҷузве аз ӯ бар ҷузве аз маънии ӯ далолат кунад, монанди «ҳозо ал-инсон» («ин инсон»), ки далолаткунанда аст бар ин мардум, чи лафзи «ҳозо» («ин») дол бар ин бошад, ки исми ишорат аст ва «инсон» бар мардум. Ва инро «қавл» низ хонанд. Ва бошад, ки лафзе ба як эътибор муфрад бошад ва ба дигар эътибор муаллаф, монанди Абдуллоҳ, ки чун исми алами (номи шахс) шахсе

бувад, муфрад бувад, чи асмои аълomро дар мусаммият ҷуз таъину ишорат ҳеҷ далели дигар набувад ва чун бандаи Худой хоҳанд, муаллаф бувад» [25, с. 14].

Ҳамин матлаб дар таълифоти Форобӣ ба таври мушаххас баён гардида, ӯ бо мисоловариҳои илмӣ қонунияти калимаҳои содаро ба он мақсад дар мадди аввал мегузорад, ки дар низоми донишҳо забон воқеияти бевоситаи фикр аст ва маҳз, ба ин васила, инкишофи зеҳнии инсон имконпазир аст.

Бо пайгирӣ аз мероси илмии Форобӣ маълум мегардад, ки ӯ дар ин самт китоби махсусе бо номи «Китоб-ул-ҳуруф» таҳия намудааст, ки баёнгари афкори мантиқӣ – забоншиносии ӯ мебошад. Ин китоб, то кунун ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ тарҷума нашуда, ҳамон тафсири «Метафизика»-и Арасту мебошад, ки бо баъзе тағйиру иловаҳо ва такмилдиҳиҳои фаннӣ таълиф шудааст.

«Китоб-ул-ҳуруф» аз се боб: ҳарфҳо ва номгӯйи мақулот; пайдоиши мафҳумҳои «фалсафа» ва «дин» ва ҳиссачаҳои саволӣ иборат буда, бо таснифҳои пайдарпайи фаннӣ сию се фаслро фарогир аст. Боби аввали он чунин масъалаҳоро дар бар мегирад: ҳиссачаи «инна» («дар ҳақиқат»); ҷонишини саволии «мато?» («кай?»); «мақулот» («категорияҳо»); «тааққулшавандаҳои дуюм»; «саволҳои асосии санъат ва илмҳо»; «номгӯйи мақулот»; «анвои калимаҳо ва тасрифи онҳо»; «муносибат», «таносуб»; «таносуб ва муносибат»; «муносибат ва миқдори мақулот»; «араз»; «ҷавҳар»; «моҳият»; «мавҷудият», «шайъ», «ҳадаф» ва ғайра.

Боби дуюм масъалаҳои зеринро фаро мегирад: «дин ва фалсафа аз нуқтаи назари гузашта ва оянда»; «пайдоиши ҳуруф ва калимоти миллатҳо»; «асос ва забони миллӣ ва такомули он»; «пайдоиши санъатҳои халқӣ»; «зуҳури санъатҳои қиёсии халққо»; «алоқаи дин ва фалсафа»; «пайдоиш ва гузариши номҳо».

Боби сеюм чунин масъалаҳои рӯзмарраро дар бар мегирад: «навъҳои муколама», «ҳиссачаи «мо?» («чӣ?, чист?»); «ҳиссачаи «ҳал?» («оё?»); «саволҳои фалсафӣ ва ҳиссачаҳои онҳо»; «ҳиссачаҳои саволие, ки дар илм ба кор бурда мешаванд», «ҳиссачаҳои саволӣ дар дигар санъатҳои муқоисавӣ».

Чунонки аз мундариҷаи боб ва фаслҳои китоб бармеояд, он, асосан, масъалаҳои гуногуни фалсафӣ, инчунин, шарҳи як қатор истилоҳоти умумифалсафиро, ки дар корҳои мантиқӣ-фалсафии мутафаккир истифода шудаанд, дар бар мегирад, чунончи, худи ӯ қайд кардааст: «Дар ин китоб мо қисматҳои додашударо тасниф карда, аз рӯйи саноати мантиқ маънои онҳоро ошкор мекунем. Ҳар як мавзуъро аз бобҳо ва зербобҳо мавриди масъалагузорӣ қарор дода, алоқамандии шаклӣ ва мазмунии (аз лиҳози забон ва мантиқ – Б.С.) онҳоро баён хоҳем кард» [5, с. 29].

Вобаста ба ин, мутафаккир ба робитаи байниҳамдигарии наҳв ва мантиқ, алоқамандӣ ва тафовути онҳо дар тамоми масъалагузориҳои фалсафии худ диққати ҷиддӣ медиҳад. Ҳатто, дар муносибати одӣ ба этимологияи истилоҳи арабии «мантиқ» (нутқ, мантиқ) гуфтани ӯ, нуктаҳои зерин вориди баррасии мантиқӣ мешаванд: «1) хусусиятҳои равонии одам, ки байни ӯ ва ҳайвоноти дигар фарқ мегузоранд; 2) нутқи ботинӣ; 3) нутқи зоҳирӣ» [392, с. 74].

Чунонки қайд гардид, Форобӣ дар раддабандӣ илми мантиқро дар китоби «Эҳсо-ул-улум» дар зинаи дуюм ҷой дода, онро илм дар бораи қонунҳои тафаккур ё санъате медонад, ки тавассути он дониш бо санъатҳои назарию амалӣ ба даст оварда мешавад. Бо назардошти саноати назарию амалӣ ӯ алоқаи муштараки илми мантиқро бо забон ба инобат гирифта, менависад: «Ин санъат (мантиқ) ба санъати наҳв қаробат дорад, зеро муносибати мантиқ бо ақл ва ашёи ақлонии мафкураҳоямон чунон аст, ки муносибати наҳв бо забон ва калима. Наҳв

дар қонунҳояш дар бораи калима ба мо он намунаҳоеро пешниҳод мекунад, ки мантиқ доир ба объектҳои даркшавандаи ақл пешниҳод мекунад» [9, с. 119].

Масъалаи мазкурро Форобӣ дар асари худ «Эҳсо-ул-улум» боз ҳам дақиқтар ба шакл дароварда, тасдиқ мекунад, ки мантиқ бо наҳв як умумият дорад ва он ҳам пешниҳоди қонун барои дуруст истифода кардани калимаю ибораҳо аст, аммо аз рӯйи мавқеи илмиашон ин ду илм аз ҳам фарқ доранд. Форобӣ дар бораи монандӣ ва хусусиятҳои ба худ хоси наҳв ва мантиқ фикрҳои арзишманд пешниҳод намуда, дар бештари масъалагузориҳои ин самт ба баёнияҳои Арасту такя мекунад. Масалан, таълимот дар бораи ҳиссаҳои нутқ дар таълимоти Арасту дар умқи мантиқ ва хитоба шакл гирифтааст. Дар он ҳанӯз мафҳум ва калима вуҷуд надорад ва ҳиссаҳои нутқ ҳамчун унсурҳои ҷумла (нутқ) ҷудо карда мешаванд. Ҷумла мувофиқати исм бо дигар ҳиссаҳои нутқ ҳамаъзо мебошад, ки маънои мустақил доранд. Феъл аз исм бо он фарқ мекунад, ки он дорои замон буда, ҳамзамон, хусусияти иттилоотӣ низ дорад. Ба ҳамин тартиб, Арасту баъд аз исму феъл ҳиссачаҳоро барои ҳамоҳангсозии ин ду ба танзим дароварда, аз лиҳози морфологӣ «баён»-ро аз «овоз, ҳиҷо, пайвандак, аъзо, исм, феъл, эъроб (падеж) ва ҷумла» [16, с. 45], асос медонад.

Форобӣ бо пайгирӣ аз ҳамин матлаб дар рисолаҳои мантиқӣ ва забоншиносии худ алоқаи ногусастании санъати мантиқ ва илмҳоеро аз қабили санъати аруз ва луғатшиносӣ, ки мавзуи таҳқиқашон калима аст, баррасӣ намуда, ҳангоми тақсими калимаҳо ба исм, феъл ва ҳиссача, як лаҳзаи баҳснокро вобаста ба аслияти санъати наҳвӣ баён менамояд. Ӯ, вобаста ба ҳамин масъала иброз медорад, ки «наҳви ҳар як забон дар заминаи он маводе ташаккул меёбад, ки забони алоҳидаро инъикос мекунад ва дар он барои ҳамин забон ва дигар забонҳо ягон чизи умумӣ вуҷуд дорад» [9, с. 129].

Чунонки қаблан гуфта шуд, Насируддини Тусӣ дар бештар баррасиҳои забонӣ ва мантиқиаш ба анъанаҳои Форобӣ ва Ибни Сино такя карда, дар муқоисаи забони навишти хеш ва забони такяшаванда мувофиқат ва мутобиқати мафҳумҳои таҳлилшавандаро ошкор мекунад. Ӯ дар бораи ҷудокунии анъанавии калима ба исм, феъл ва ҳиссача дар китоби «Асос-ул-иқтибос» қоидаҳои наҳвии забонро хело хуб қайд намуда, менависад: «Ва мантиқиён феълро калима хонанд ва ҳарфро адот. Пас лафзи муфрад ё исм бувад, ё феъл, ё ҳарф» [25, с. 37].

Ин масъала, яъне тақсими лафз ба исм, феъл ва ҳарф дар забонҳои пеш аз Насируддини Тусӣ (юнонӣ ва арабӣ) ҳам бо ҳамин шакл вуҷуд дошт. Аммо, хусусияти фарқкунандаи ин се дар он аст, ки низоми таснифи онҳоро ҳар забоншинос аз забони худ мегирад.

Муҳимтарин самти пажуҳиши Насируддини Тусӣ дар ин фасл аз он иборат аст, ки ӯ дақиқан фарқияти наҳв ва мантиқро бо назарсанҷиҳои илмӣ нишон медиҳад. Аз рӯйи таъкиди дурусти ӯ санъати наҳв мувофиқи вазифаҳои хеш аллакай назар ба илми мантиқ, ки хусусияти универсалӣ дорад, барои ҳар як халқ умумӣ аст, дар ҳоле ки илми наҳви ҳар як халқ танҳо бо ҳамон забони муайян маҳдуд мешавад, вале дар шинохти илми мантиқ, ки дар он мазмун ба инобат гирифта мешавад, ҳеҷ маҳдудияте ба назар намерасад.

Агар ба тақсими наҳви забонҳои юнонӣ, арабӣ ва форсӣ пардохта, ба исм, феъл ва ҳиссача назар кунем, пас хоҳем дид, ки донишмандони пажуҳишшаванда дар зери таъсири забони юнонӣ «калима»-ро ба маънии «феъл» ва «адот» – «ҳиссачаҳо»-ро дар ибораҳо истифода мекунанд, вале на ҳар як калима ва ибора метавонад мафҳум ва афкорро ифода намояд. Аз ин рӯ, Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ он калима ва ҷумлаҳоро ба кор бурдаанд, ки мафҳумро дар татбиқи амалии баён ифода мекунанд. Умуман, ба ин самт таваҷҷуҳи дигар донишмандон низ равона гардида, иброз доштаанд, ки дар мактаби машшоияи шарқӣ

бештар аз ҳама ба ин масъала Форобӣ таваҷҷуҳ намуда, истилоҳоти наҳвии «исм», «феъл» ва «ҳиссача»-ро асосан, аз дидгоҳи мантиқӣ баррасӣ кардааст. Ӯ дар рисолаи «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» таъкид мекунад: «Бояд зикр намуд, ки Форобӣ дар оғози ҳамин рисола ба навъи таснифи ҳиссача рӯ меорад, ки дар забони юнонӣ мавҷуд аст» ва ӯ дар ин замина санъати наҳвии Дионис Дитросро дастгирӣ менамояд» [269, с. 374].

Насируддини Тусӣ низ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, барои ошкор кардани мафҳумҳо дар шакли ҷузъӣ ва куллӣ истилоҳоти исм ва феълро дар алоқаманди хеле зиёд истифода карда, ҳассача, ки дар забони гуфтори ӯ ҳарф ифода мешавад кам истифода кардааст. «Ва исм ё бар зоти чизҳо далолат кунад, дуни инсон, ё бар сифоти муҷаррад, чун нутқ, ё бар маҷмуи ҳар ду, чун нотиқ ва ҳамчунин ё бар нафси замон, чун явму (рӯз) сана (сол), ё бар маҷмуи замону маънии дигар, чун тақаддуму иштибоҳ. Ё бар маъние, ки ломуҳола воқеъ бошад дар замоне ғайримуҳассал, чун мозӣ ва зориб. Ва фарқи миёни ин исму феъл ба он бувад, ки замон исми ғайри муҳассал бувад, чунонки гуфтем. Ва замони феъл муҳассал бувад, чун мозӣ (гузашта) ва зараба (зад). Ва ҳамчунин, исм ё ҷомид бувад, ё сойил. Ҷомид он бувад, ки аз ӯ иштиқоқе натавон кард, монанди ҳайзабун ва ҳайҳота. Ва сойил он бувад, ки қобили иштиқоқ бувад, чун зарб. Ва ҳамчунин, исм ё мавзуъ бошад, чун зараба ё муштақ бувад, чун зорибу мазруб. Ва феъл дар бештари луғот муштақ бувад, чунонки дар луғати араб аз исме муштақ аст, ки онро масдар мехонанд» [25, с. 37].

Форобӣ донандаи хуби сарфу наҳви забони арабӣ буд ва бар хилофи матлаб дар муқобили ӯ мушкилии маҳдуди мафҳумҳо ва истилоҳот қарор дошт, ки наметавонист дар барои ифодаи афкори мантиқӣ-фалсафии худ ҳиссачаҳои ба ном мувофиқро пайдо намояд, аз ин рӯ, ба забони юнонӣ рӯ овард, ки дар он чунин ҳиссачаҳо мавҷуд

буданд. Дар муқоиса ба забони юнонӣ ва форсӣ ӯ гурӯҳи ҳиссачаҳоеро чун: «ҳавошӣ», «хаволиф», «равобит», «василот» ва «восита» таъсис дода, дар заминаи онҳо нахуст китоби илмӣ-мантиқии «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ»-ро навишт, ки мафҳуму истилоҳот бо таърифоту таҳқиқашон дар он ба шакли пурра иншо шудаанд.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки забон ҳамчун воситаи муҳимтарини робитаи одамон вазифаҳои ҷамъиятии худро, пеш аз ҳама, вазифаи алоқаро бо ёрии аломатҳои гуногун иҷро мекунад. Зеро амалан забон маҷмуи аломатҳое мебошад, ки ашёи мушаххаси олами атрофро ифода менамояд. Илова бар ин, новобаста аз замон ҳарду мутафаккир тафаккур ва сохтори мантиқии онро ҳамчун зуҳуроти умумиинсонӣ баррасӣ намуда, ба хулосае омадаанд, ки ба он хусусиятҳои динӣ, нажодӣ, миллӣ таъсир расонда наметавонанд. Ин файласуфон, ки пояи асосии фалсафаи худ илми мантиқро медонанд, дар ҳамбастагии ду санъат, афзалиятро ба мантиқ, ҳамчун илми «тааққулӣ» дода, таъкид намудаанд, ки қоидаҳо ва қонунҳои илми мантиқ барои тамоми қишрҳои ҷомеа, новобаста аз миллату нажод ягона ва манфиатбор маҳсуб мешаванд.

Аз нигоҳи Муаллими сонӣ ва Устодулбашар забони ҳар як халқу миллат вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ ва талаффузу баёни андеша гуногун буда, дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки забонҳо бо ҳам алоқаю монандӣ надоранд, баръакс, дар сохтори забони халқҳои олам метавон қонуният ва мақулоти монанду якхеларо пайдо намуд. Мафҳуму истилоҳот ва мақулоти илмӣ-забоншиносӣ ва илмӣ-мантиқӣ ғояҳои мантиқӣ ва забоншиносиро дар раванди таърихӣ-фалсафӣ рушд мебахшанд, чунки дар ин ғояҳо мутафаккирони номбурда, на танҳо масъалаҳои мантиқӣ-забоншиносиро тахқиқ менамояд, балки амиқан масъалаҳои метафизикиро таҳлил мекунанд. Агар ба мероси илмии Форобӣ жарфтар фурӯ равем, маълум мегардад, ки ӯ илми мантиқро нахуст ҳамчун олоти

маърифатӣ-фалсафӣ ва алоқаи иттилоотӣ, ба хотири дарки ҳақиқат нисбати ашёи зеҳнӣ мепиндорад ва ҳаллу фасли мавзуоти баррасишавандаро маҳз ба ҳамин васила медонад (дар бобҳои охир ин масъала ба таври васеъ баррасӣ мешавад). Насирудини Тусӣ, ки пас аз Форобӣ ба дунё омадаву таҳқиқи илм кардааст, хеле мавзуъ ва масъалаҳоро дар ҳолати рушду ташаккул дарёфтааст. Аз ин рӯ, ин масъаларо ба таври ошкоро матраҳ намуда, илми мантиқро аз зумраи илмҳое медонад, ки ҳамчун илми хос дорои қонуну қоидаҳо ва методи хос буда, бо дигар илмҳо аз зовияи илми мустақил бархурд дошта, тамоми масъалаҳои таҳлилшавандаро бо анвои хулосабарорӣ ошкор месозад. Ин навъи фаҳмиш дар таълимоти Форобӣ низ ҳаст, аммо баъд аз қисмати болозикр мавқеъ гирифтааст.

Хулоса, дар таҳқиқи масоили фалсафӣ барои ҳарду мутафаккир забон ва мантиқ хеле арзиши олӣ доранд. Онҳо ба василаҳои амалкунандаи муштарак ҳадафҳои мутақобилро муайян намуда, тавассути низоми тадриҷии ҳиссию ақлӣ дарку фаҳмиши иҷтимоиро муайян кардан мехоҳанд. Аз ин рӯ, барои онҳо яке аз масъалаҳои нисбатан муҳимтарини мантиқ, ин муайян кардани роҳҳои оқилона ва воситаҳои методологӣ, шаклҳо ва қонунҳои тафаккури дуруст ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин, равандҳои ҳампаймон, онҳо байни воқеияти мазмунӣ ва дурустии афкор, байни ҳақиқати мантиқӣ ва ҳақиқати маърифатӣ фарқ гузоштаанд. Албатта, ин фарқиятгузорӣ дар заминаи қисматҳои таркибии забоншиносӣ, чун, исм, феъл, ҳиссача ва лафзҳои муфраду мураккаб ва истифодаи самараноки он дар раванди ҳаёти иҷтимоӣ дониста мешавад.

Бо назардошти гомҳои устувор дар ин соҳа, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар баррасӣ ва пажуҳиши илмҳои забон ва мантиқ мавқеи хосаро ишғол намудаанд. Онҳо дар таълифоти хеш масоили забонӣ ва мантиқиро дар мадди аввал гузошта, онҳоро дар алоҳидагӣ ва

дар шакли муқоисавӣ ба таврӣ амиқ таҳлил намудаанд. Аз ин рӯ, метавон забоншиносӣ ва мантиқшиносии асримиёнагии машриқзаминро заминаи мусоид барои рушд ва густариши маданияти халқиятҳои эронитабор ва ғайриэронитабор донист. Вале мутаассифона, вобаста ба бетаваҷҷуҳии донишмандони мо ва дар ду се асри гузашта ба ғарбиён бештар тақлид карданашон, андешаҳои донишмандони асримиёнагӣ то дараҷае дар ҳолати карахтӣ монда, аз маркази таваҷҷуҳ дур монданд. Имрӯз вобаста ба истиқлолияти миллӣ вазифаи ҳар як донишманди ватанӣ аст, ки дар заминаи ин донишҳо ба рушди анадешаи миллӣ таъсир расонад.

Таҳлили осори мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду мутафаккир забонро на танҳо ҳамчун василаи иртиботӣ, балки ҳамчун замина ва омили асосии ташаккули тафаккур ва маърифат эътироф намудаанд. Форобӣ дар таҳқиқоти худ робитаи зичи мантиқ ва забонро дар заминаи таҳлили мафҳумҳо, истилоҳот ва сохторҳои забонӣ равшан намудааст. Насируддини Тусӣ бошад, бо такя бар анъанаҳои Форобӣ ва Ибни Сино, ин равандро густариш дода, дар осори мондагори худ, аз ҷумла, «Асос-ул-иқтибос» ва «Меъёр-ул-ашъор», системаи мукаммали мантиқӣ ва забонӣ офаридааст. Ҳарду мутафаккир бо таъкид бар умумияти қонунҳои мантиқ ва мансубияти хусусияти забонҳо ба шароити маҳаллӣ як ҷаҳонбинии илмии умумибашариро ба вуҷуд овардаанд. Мероси онҳо имрӯз низ ҳамчун пояи устувори таҳқиқоти мантиқӣ ва забоншиносӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, ба таҳкими худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури фалсафӣ мусоидат мекунад.

3.2. Нақши қиёс ва айнияту тафовути он дар низоми мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Дар таърихи илми мантиқ ва фалсафа, мақулаи қиёс ҳамчун василаи муҳимми хулосабарорӣ ва шинохти ақлӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад. Аз замони Арасту то андешаҳои мутафаккирони Машриқзамин, бахусус, Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, назарияи қиёс пайваста такмил ёфта, ба яке аз усулҳои муҳимми маърифати илмӣ табдил ёфтааст. Форобӣ, бо таълифи асарҳое, монанди «Китоб-ул-қиёс» ва «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ», аввалин шахсе дар Шарқ ба ҳисоб меравад, ки назарияи қиёсро на танҳо бо такя ба мероси Арасту, балки бо таҳлили истилоҳоти мантиқӣ ва равиши таҷрибавии худ тавсеа бахшид. Насируддини Тусӣ бошад, бо систематизатсияи шаклҳо ва зарбҳои қиёс дар китоби «Асос-ул-иқтибос» ин равандро ба авҷи такмил расонд. Дар ин пажуҳиш, ки хусусиятҳои назарияи қиёс дар андешаҳои ин ду мутафаккири бузург таҳлил мегарданд, ҳамзамон, саҳми онҳо дар рушди мантиқ ва шеваҳои хулосабарорӣ ошкор мегардад.

Мафҳуми қиёс ҳамчун мақулаи мантиқӣ ифодаи талхисшудаи фикри баёншуда мебошад, ки дар адабиёти илмӣ мафҳуми хулосабарориро ифода мекунад. Қиёс, ба унвони истилоҳ, «қавлест, ки аз чанд гуфтор таркиб ёфтааст ва аз онҳо гуфтори дигаре – яъне хулосаи нав ба даст меояд». Гарчанде дар фаҳмиши ин мафҳум ва тарҷумаи он ба забонҳои дигар аз ҷониби муҳаққиқон назару ақидаҳои гуногун пешниҳод шудаанд, аммо мафҳуми аслӣ ва бунёдии он дар реша бетағйир боқӣ мондааст. Дар миёни муҳаққиқони асрҳои пешин ва муосир, қиёсро бо таъбирҳо ва маъноҳои мухталиф шарҳ додаанд. Дар робита ба ин, яке аз мантиқшиносони маъруфи рус ва муҳаққиқи фалсафаи мутафаккирони Шарқ, А.В. Смирнов, зикр мекунад: «Қиёс ба маънои дуюми истилоҳ, яъне ҳамчун манбаи қазияи меъёрӣ оид ба аъмоли инсон, дар заминаи фиқҳ ҳамчун асоси ҳуқуқӣ ҷойгоҳ дорад. Ҳамзамон, дар манобеи

методологияи фиқҳ ба маънои аввалини он – яъне ҳамчун усули хулосабарорӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин ҷо мо бештар ба маънои эпистемологии расмиёти қиёс таваҷҷуҳ мекунем: он чиро ифода мекунад, чӣ гуна амал мекунад ва чӣ гуна навъи донишро ба вуҷуд меорад. Дар илми муосири аврупоӣ ва ҳамчунин, дар пажуҳишҳои ватанӣ, қиёсро маъмулан, ба сифати тамсил (аналогия) тавсиф мекунанд» [438, с. 74]. Ин изҳороти муҳаққиқ нишон медиҳад, ки қиёс дар таърихи мантиқ ва фалсафа на танҳо ҳамчун василаи мантиқии истихроҷи хулоса, балки ҳамчун усули маърифати ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва илмӣ дар анъанаҳои мухталиф ҷойгоҳи бисёр муҳим доштааст.

Ба андешаи муҳаққиқи зикршуда, фаҳмиши дақиқи мафҳуми қиёс наметавонад фавран ва якбора муқаррар гардад. Ҳанӯз дар миёнаи асри XIX, махсусан, дар соли 1850, муҳаққиқи рус – Николай Торнау, истилоҳи «қиёс»-ро ба таври мустақим истифода накарда, онро бо ибораи «қарорҳо ва муқаррарот дар асоси Қуръон ва ҳадис тавсиф кардааст. Гарчанде таърифҳои ӯро дақиқу мукаммал номидан душвор аст, метавон гуфт, ки дар онҳо заминаи фаҳмишҳои истилоҳии минбаъдаи «қиёс» ва ҳатто, тамсил (аналогия), ҳанӯз комилан мушаххас нашудааст. Дар ин маъно, таҳлили ӯ бештар таърифе аст, ки дар заминаи ҳуқуқи исломӣ ташаккул ёфтааст, на ҳамчун истилоҳи мантиқӣ дар маънои академикӣ.

Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки нахустин шахсе, ки ба таври муназзам ва илмӣ назарияи қиёсро ташаккул дод, Арасту мебошад. Ӯ дар асари худ, ки онро «Аналитика» ном ниҳодааст, зикр мекунад, ки то замони ӯ донишмандон дар бораи қиёс таълимоти муназзам ва мукаммал пешниҳод накардаанд. Ӯ мегӯяд: «Дар бораи қиёс бояд пештар аз бурҳон сухан ронд, зеро қиёс чизи умумитар аст ва бурҳон бошад, навъе аз он ба ҳисоб меравад. Аммо на ҳар қиёс бурҳон шуда метавонад» [18, с. 123].

Ин масъала – шинохти назарияи қиёс аз Муаллими аввал оғоз гардида, ба таври анъанавӣ ташаккул меёбад. Абунасри Форобӣ, аввалин мантиқшиноси сарзамини Шарқ, оид ба ин масъала ба Арасту пайравӣ намуда, дар ин самт ду китоб – «Китоб-ул-қиёс» («Китоб андар қиёс») ва «Китоб-ул-қиёс ас-сағир» («Китоб андар қиёси хурд») таълиф карда, дар шинохти қиёс таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намудааст. Гуфтан мумкин аст, ки назароти ӯ дар ин самт тамоми паҳлуҳои назарияи хулосабарории мантиқи муосирро фаро мегирад.

Мутафаккир ҳангоми пажуҳиши ин мақула нахуст ба маънои луғавии он пардохта, қиёсро, ки аз калимаи арабии «қоса» (масдараш «қавс», «қиёс») гирифта шудааст, ба маънои «чен кардан, андоза гирифтан, андоза карда дидан ва муқоиса намудан» дониста, дар маҷмуъ хулосабарорӣ мешуморад. Ӯ, чун дигар мутафаккирони асрҳои миёна, гоҳо шакли пешини ин истилоҳ – «силлогизм»-ро истифода кардааст, вале аз аввалин файласуфоне ба шумор меравад, ки ба фалсафа ва илм мафҳуми қиёсро дар шакли хулосабарорӣ ворид намудааст. Ин дурандешӣ ва ҷаҳонбинии илмии ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки мутафаккир на танҳо ба доираи мавзуи қиёс, балки ба раванди иҷрои амалии он таваҷҷуҳ намуда, нисбат ба Арасту доманаи ин қисмати илми мантиқро васеътар сохта, онро то дараҷаи хулосабарорӣ расонида, чунин шарҳ медиҳад: «Қазияҳои зиёд метавонанд мантиқан қиёсҳоро созанд; онҳо ё қисмҳо, ё омодаанд қисми дигари қиёсҳо бошанд. Дар он ҳадде, ки онҳо аз ягон қиёс бароянд, «хулосаҳо» номида мешаванд» [11, с. 266].

Дар рисолаи дигари ба мафҳумҳо бахшидаи худ – «Ал-алфоз-ул-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» («Мафҳумҳои истифодашаванда дар мантиқ»), Форобӣ қиёсро муфассалтар шарҳ дода, чунин тавсиф мекунад: «Хулласи калом, қиёсҳо (ал-мақоис) чизе мебошанд, ки бо роҳҳои гуногун дар ақл ҷо мегиранд ва вақте ки онҳо пайдарҳам воқеъ

мешаванд, ақл ба қабули дигар ашё сар мекунад, ки то ҳоло намедонист» [7, с. 100].

Насируддини Тусӣ дар заминаи баррасиҳои Муаллими сонӣ ба қиёс ҳамчун мақулаи мантиқӣ рӯ оварда, онро дар китоби «Асос-ул-иқтибос», мақолаи чаҳорум – «Дар илми қиёс ва онро Анулутиқои аввал хонанд», ки аз ду фан ва бисту ду фасл иборат аст, ҷой додааст.

Фанни аввали мақолаи қиёс ба ду қисм тақсим шуда, аввал дар бораи таъриф ва таркибҳои қиёс сухан меравад ва сипас, қиёсҳои ҳамлӣ дар даҳ фасл мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Агар ба силсилаи таҳқиқоти мафҳум ва қазия, ки аз ҷониби Насируддини Тусӣ анҷом дода шудаанд, таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки ҳар яке аз ин мақулаҳо аз нигоҳи луғавӣ, фаннӣ ва дар ҷараёни татбиқӣ тавзеҳ ёфтаанд. Аммо қиёсро мутафаккир, бар хилофи анъанаи классикӣ ва таҳқиқоти пешинаи худ, бо шеваи дигар шарҳ медиҳад. Ӯ шинохти қиёсро аз қавлҳои таркибӣ оғоз намуда, таъкид мекунад, ки мо ба воситаи гуфтори маълум метавонем гуфтори номаълумро ошкор созем ва ҳамин маънои қиёс аст. Таърифи ӯ аз қиёс чунин аст: «Қиёс қавле бошад муштамал бар зиёдат аз як қавли ҷозим, чунонки аз вазъи он қавлҳо ба зот қавле дигар ҷозими муайян бар сабили изтирор лозим ояд, чунонки гӯем: «Ҳар инсоне ҳайвон аст» ва «ҳар ҳайвоне ҷисм», чӣ ин қавл муштамал бар ду қавли ҷозим аст. Ва аз вазъи ин қавл ба зот бар сабили изтирор лозим ояд, ки «ҳар инсоне ҷисм аст», пас қавли аввалро, ки муштамал бар ин ду қавл аст, ба ин эътибор «қиёс» хонанд. Ва ҳар якеро аз ин ду қавл, ки қиёс бар он муштамал аст, «муқаддима» хонанд. Ва қавли лозимиро «натиҷа» хонанд» [25, с. 189].

Мутафаккир бо баён намудани дидгоҳҳои иловагӣ, дар ин замина, кӯшиш мекунад, ки мафҳуми назарияи қиёсро фаҳмотар гардонад: «Якум, чунон ки медонем, мавзуоти илми мантиқ бо ақл роҳи ҳал меёбанд ва дар ин ҷода қиёс ба ҳақиқат тавассути тасдиқоти фикрӣ

расад, на лафзӣ, дуюм, қиёс гуфтори таркибӣ аз ду қавл аст, сеюм, ҳеҷ гоҳ як гуфтор қиёс буда наметавонад, чаҳорум, аз ҳар қавле, ки қавли дигар барояд, қиёс аст, панҷум, ҳар гуфторе, ки натиҷа диҳад, новобаста аз оне, ки натиҷаҳо ҳаққанд ё дурӯғ, он қиёс аст, шашум, ҳар қазияи шартии муттасила, ки дар он муқаддам ва толӣ ояд қиёс аст, ҳафтум, қавле ба ҷойи қавли дигар ҳамчун ҷинси наздик қиёс аст: «Ҳеҷ ҳайвон сокин нест ва ҳар чи мутаҳаррик аст, мутағайир аст» [25, с. 189] ва монанд ба ин, метавонанд муаррификунандаи қиёс бошанд.

Гуфтаҳо ба он далолат мекунанд, ки мутафаккирон тавонистаанд, мафҳум, моҳият ва таърифу вазифаҳои мақулаи қиёсро ҳамчун назарияи илмӣ дар осори мантиқии худ ба таври муфассал баррасӣ намоянд. Чунонки аён аст, то кунун таълимоти мантиқӣ дар замони муосир ба ҳамин низом роҳандозӣ мешавад. Масалан: «Яке аз навъҳои маъмултарини натиҷагирии бавоситаи дедуктивӣ – қиёс мебошад. Азбаски муқаддимаҳои қиёс ҳукмҳои гуногун шуда метавонанд, бинобар ин, қиёс чанд хел мешавад: қиёси содаи қатъӣ, қиёси муттасила, қиёси мунфасила, қиёси шартӣ ва шартии мунфасила» [158, с. 195]. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи ин қисматҳои таркибӣ ҳанӯз аз ҷониби мутафаккирони машшоӣ гуфта шудаанд.

Форобӣ баъд аз таърифоти қиёс ин мақулаи мантиқиро ба қиёси «иқтиронӣ» ва «истисноӣ» ҷудо мекунад. Аз диди ӯ, қиёси иқтиронӣ он падидаи мантиқиеро гӯянд, ки ҳангоми пайвастани қазияҳо бо ҳам умумият доранд ва дар қисми дигар байни онҳо фарқият ба назар мерасад. Бо зарурат аз онҳо натиҷа бармеояд, ки он аз ду қисми умумиятнадошта пайдо мегардад. Масалан: «Ҳама гуна ҷисм ташаккул ёфтааст ва ҳама гуна ташаккулёфта сохта шудааст». Қазияи аввал аз ду қисм иборат аст: «ҷисм» ва «ташаккул ёфтааст». Қазияи дуюм низ ду қисм дорад: «ташаккулёфта» ва қисми дигар «сохта шудааст». Ҳамин тариқ, «ташаккулёбӣ» қисми ҳар ду қазия мебошад, аммо дар яке аз онҳо

танҳо «ҷисм» ва дар дигаре «сохта шудааст», ба мушоҳида мерасанд. Дар мисоли мазкур «ҷисм», «ташаккулёфта» ва «сохта шудааст» истилоҳот (ҳад) ҳисоб мешаванд. «Ташаккулёфта» ва ҳамаи он чизе, ки ба он монанд аст, истилоҳи миёна (ал-ҳад-ул-авсат), «ҷисм», ки мубтадои хулоса мебошад, «истилоҳи хурд» (ат-тараф-ул-асғар) номида мешавад, «сохта шудааст», хабари хулоса буда, «истилоҳи бузург» (ат-тараф-ул-акбар) номида мешавад. Бояд таъкид дошт, ки Форобӣ барои ифодакунии мафҳуми се истилоҳи қиёс, ду истилоҳро истифода мебарад: а) ҳад (ҳудуд) ва тараф (ҷониб), вале ӯ истилоҳҳои «бузург» ва «хурд»-ро «тараф» ва миёнаро «ҳад» меномад. «Қисми умумии ҳар яке аз ду қазияи мувофиқашуда (ал-муқаддам) истилоҳи миёна (ал-ҳад-ул-авсат) номида мешавад. Ду қисми фарқкунанда (истилоҳи) ду канор (ат-тарафайн) номида мешаванд. Он қисме, ки дар талабшаванда хабар мебошад, (истилоҳи) аввал ё бузурги канорӣ (ат-тараф-ул-аввал ва ал-аъзам) аммо оне, ки дар талабшаванда субъект мебошад, (истилоҳи) охирин ё хурди канорӣ (ат-тараф-ул-охир ва ал-асғар) номида мешавад» [11, с. 267].

Ҳар ду қазия дар қиёс муқаддима номида мешаванд. Қазияе, ки аз ду қазияи аввал бармеояд, натиҷа (хулоса) ном дорад. Қазияе, ки дар он мубтадои хулоса ворид мешавад, истилоҳи хурд ва хабари хулоса – мувофиқат (ал-иқтирон) номида мешаванд. Қолаби ин мувофиқатро шакл (аш-шакл) меноманд ва он се намуд дорад: Агар истилоҳи миёна дар яке аз муқаддимаҳо хабар, вале дар дигараш мубтадо бошад, пас, ин шакли аввал (аш-шакл-ул-аввал) аст. Агар дар ҳар ду муқаддима хабар бошад, ин шакли дуюм (аш-шакл ас-сонӣ) ва агар дар ҳар ду мубтадо бошад, ин шакли сеюм (аш-шакл ас-солис) шумурда мешавад.

Таҳлили истилоҳоте, ки қиёсро ташкил медиҳанд, имкон медиҳад, ки моҳияти он равшантар дарк гардад. Дар иртибот ба қиёс, Форобӣ бо таъкид чунин менависад: «Он муқаддимае, ки як қисми он хабари талабшаванда аст, муқаддимаи бузург ва он муқаддимае, ки як қисми он

субъекти талабшаванда мебошад, муқаддимаи хурд номида мешавад. Истилоҳи миёна дар ду муқаддимаи пайвастшуда ба таври сеҷониба қарор мегирад: ё хабари ҳар ду, ё субъекти ҳар ду, ё хабари яке ва субъекти дуюм шумурда мешавад» [25, с. 267].

Дар ин заминаи фароҳамкардаи таҳлилӣ, Форобӣ баъд аз баррасии қиёсҳо ба таҳлили чор модуси (зуруби) шакли аввал рӯ меорад. Ӯ дар таҳқиқи ин бахши зарбҳо ба таҳлилҳои Арасту такя карда, мавзуи мавриди назарро баррасӣ менамояд. Форобӣ қиёсро муайян карда, намудҳо (модусҳои) онро ҷудо мекунад ва бо фарқгузорӣ миёни модусҳои амалкунанда ва амалнакунанда, се навъи қиёсро пешниҳод менамояд. Дар «Аналитикаи аввал», ки дар он назарияи қиёси Арасту мавриди таҳлил қарор гирифтааст, гуфта мешавад, ки «қиёс... нутқест, ки агар дар он чизе фарз шуда бошад, ба зарурат чизи фарқшаванда аз чизи мустаҳақҚ ба фазли он ки вай вуҷуд дорад, бармеояд» [17, с. 120]. Қиёси арастуӣ аз се ҳукм иборат аст, ки дутоаш муқаддима ва сеюмӣ хулоса (қиёси ҳиндӣ панҷ ҳукм дорад). Муқаддамотро Арасту дар шакли барои мо ғайриоддӣ ифода кардааст («В – А аст»): «А ба В хос аст», яъне Арасту предикати ҳукм (хабар)-ро дар ҷойи аввал мегузорад. Муқаддамот бо истилоҳи умумӣ (миёна) пайваст карда мешаванд.

Дар партави ғояҳои мантиқи арастуӣ, таълимоти Форобӣ оид ба қиёсро метавон дар мисоли қиёси муттасила чунин шарҳ дод:

Шакли аввал. Истилоҳи миёна дар ин шакли қиёси муттасилаи ҳамлӣ хабари муқаддимаи хурд ва субъекти муқаддимаи калон мебошад. Тавассути ин қоидаҳо Форобӣ чор модуси шакли аввалро чунин баён ҷудо кардааст:

I. Агар А дар ҳамаи В бошад,

<u>В дар ҳамаи С мавҷуд аст.</u>

А дар ҳамаи С мавҷуд аст.

II. А дар ҳамаи В бошад,

В дар баъзе С мавҷуд аст.

А дар баъзе С мавҷуд аст.

III. А дар ягон В мавҷуд нест,

В дар ҳамаи С мавҷуд аст.

А дар ягон С мавҷуд нест.

IV. А дар ягон В мавҷуд нест,

В дар баъе С мавҷуд аст.

А дар баъзе С мавҷуд нест.

Форобӣ дар ҷараёни таҳқиқ ба хулосае мерасад, ки мукаммалтарин навъи қиёс – қиёсҳои шакли якум мебошанд, зеро барои ба даст овардани натиҷа ба унсури иловагӣ ниёз надоранд. Дар чунин қиёсҳо қазияҳо равшананд ва натиҷа бидуни ниёз ба далели иловагӣ, мустақим аз худи қазияҳо бармеояд. Барои равшан шудани ашёе, ки бояд хулоса шаванд, лозим аст, ки онҳо худ дар қазияҳо ба таври возеҳ мавҷуд бошанд. Аз таҳлили мундариҷаи қиёсҳои Форобӣ метавон ба чунин хулоса омад, ки шакли аввали қиёсҳои ӯ ба гурӯҳи қиёсҳои комил дохил мешавад. Дар баробари ин, қиёсҳое низ вуҷуд доранд, ки нокомил маҳсуб меёбанд. Аз ин ҷост, ки агар қиёсҳои комил ҳангоми хулосабарорӣ ба унсури иловагӣ эҳтиёҷ надошта бошанд, пас, қиёсҳои нокомил, баръакс, дар раванди хулосабарорӣ ба унсури ёридиҳанда ниёз доранд. Ин ҳолат, хусусан, дар шакли дуюми қиёсҳо мушоҳида мешавад.

Шакли дуюм. Дар шаклҳои дигар қиёсҳо мавқеи истилоҳи миёна ба мавқеи сабаби воқеӣ мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, чунин қиёсҳо нокомиланд. Истилоҳи миёна дар шакли дуюми қиёсҳои муттасилаи ҳамлӣ хабари ҳар як муқаддима мебошад. Шарти ҳақиқӣ будани қиёсҳои шакли дуюм он аст, ки яке аз муқаддимаҳо тасдиқӣ, аммо дигаре инкорӣ ва муқаддимаи бузург бояд умумӣ бошад. Он низ чаҳор модус дорад:

I. В дар ягон А мавҷуд нест

В дар ҳамаи С мавҷуд аст

А дар ягон С мавҷуд нест

II. В дар ҳамаи А мавҷуд аст

<u>В дар ягон С мавҷуд нест</u>

А дар ягон С мавҷуд нест.

III. В дар ягон А мавҷуд нест

<u>В дар баъзе С мавҷуд аст</u>

А дар баъзе С мавҷуд нест

IV. В дар ҳамаи А мавҷуд аст

<u>В дар баъзе С мавҷуд нест</u>

А дар баъзе С мавҷуд нест.

Ҳамин раванд, ки дар сарзамини Шарқ нахустин шуда, Форобӣ онро роҳандозӣ кард, дар таълимоти мантиқии Ибни Сино дар шакли мукаммалтар ба роҳ монда шудааст. Ба андешаи ӯ, ки ҳар як қазия дар таркиби қиёс вазифаи муқаддимаро иҷро мекунад, зарурати тақсими онҳо ба миён меояд ва дар ин замина, қиёсҳоро ба ҳамлӣ ва шартӣ (иқтиронӣ ва истисноӣ) ҷудо карда, ба онҳо қиёси модалиро меафзояд. Ба ҳамин хотир, низоми мантиқии Ибни Сино нисбат ба Арасту ва Форобӣ мукаммалтар аст. Ибни Сино ба қиёс таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда, таъкид мекунад, ки «ба қиёс такя бояд кард, зеро ҳақиқати яқинӣ ҳеҷ гоҳ бароят суд набахшад, ё агар суд бахшад ҳам, ба шарте мебахшад, ки он чизи дар вай мусалламгашта худаш ҳақ бошад, зеро он чи мусаллам нест, пазируфта нашавад» [297, с. 87].

Чунонки дар боло зикр кардем, Форобӣ қиёсҳоро ба «иқтиронӣ» ва «истисноӣ» ҷудо карда, ҳатто Ибни Сино ба ҳамин шакл бо иловаи «қиёсҳои модалӣ» ин равандро такмил додааст. Насируддини Тусӣ бошад, шаклан, ба онҳо пайравӣ карда, дар шинохти қиёс навгоние ворид кардааст, ки аз дигарон комилан фарқ мекунад. Яъне, ӯ мақулаи қиёсро ҳамчун назарияи мантиқӣ ба қиёси «басит (сода)» ва «мураккаб» ҷудо намуда, баъд аз таъриф ва нақши қиёс ба таҳлили қиёсҳои сода

мегузарад. Ҳангоми таҳқиқ, мутафаккир қиёси содаро дар навбати худ ба ду қисм – «иқтиронӣ» ва «истисноӣ» ҷудо мекунад. Маврид ба ёдоварӣ аст, ки қиёсҳои иқтиронӣ дар таълимоти Форобӣ раванди мантиқие дар назар дошта мешаванд, ки дар он ду муқаддима ба тарзи махсус пайваст мегарданд ва он ба воситаи зоташ чизи матлубро далолат мекунад. Аммо қисмати дигар – қиёси истисноӣ барои он номида шудааст, ки дар он қазия шартӣ гардида, сипас, яке аз тарафҳои аз ҷиҳати вазъ ба воситаи қазияи дигар истисно мешавад. Ҳарду ин ҳолатҳоро донишманди тусӣ дар қиёсҳои сода ва мураккаб ҳамчун мавзуи алоҳида баррасӣ кардааст. Қиёси иқтирониро мутафаккир шарҳ дода, қайд мекунад, ки натиҷаи он ба феъл набошад ва бар хилофи ин, қиёси истисноиро натиҷааш бояд ба феъл бошад. Масалан: «ҳар ҳайвоне миранда» ва «ҳар мирандае ҷондор аст». Агар дар чунин шакл муқаддимаҳо пазируфта шаванд, аз онҳо гуфтори дигаре бармеояд, ба монанди «ҳар ҳайвоне ҷондор аст». Дар ин гуфтор ҳолат ба феъл равшан баён нашуда, ин гуна қавлро «иқтиронӣ» меноманд.

Дар сурате, ки аз ду гуфтор яке аз онҳо равшан баён шуда бошад, онро қиёси «истисноӣ» меноманд, чун: «Агар инсон зинда бошад, нафас мекашад», «инсон зинда аст» пас, «инсон нафас мекашад». Дар ин масъала Насируддини Тусӣ диққати ҷиддӣ дода, таъкид кардааст, ки «фарқ аст миёни мазкур ва мавзуъ ба маънии мусаллам, чи «мазкур» бошад, ки дар маърази таслим ва манъ набошад. Ва он чунон бувад, ки ҷузви қавле бувад, пас мавзуъ набувад. Аммо ҳар чи дар қиёс мавзуъ бувад, ломуҳола мазкур бувад» [25, с. 189].

Мутафаккир дар ҳамин фасл ба Форобӣ пайравӣ карда, қиёсро ба комил ва ғайрикомил ҷудо намуда, бо ҷумлаи содае ин дуро мефаҳмонад: «Комил он бувад, ки ба нафси худ байин бувад ва «ғайрикомил» он бувад, ки муҳтоҷ ба баёне бувад, чун: «Ҳар инсоне ҳайвон аст ва ҳар ҳайвоне ҷисм, пас, ҳар инсоне ҷисм аст». Ва ин сухан

ва нақизаш ба феъл дар қиёс мазкур нест. Ва мисоли қиёси истисноӣ: «Агар Зайд менависад, дасташ меҷунбад», «валекин менависад», «пас, дасташ меҷунбад»» [25, с. 189].

Қиёсҳои комил ва ғайрикомил ҳангоми амалишавии маҳсурот, ки чаҳор аст ва дар зарби чаҳор ба шонздаҳ мерасад, истифода мешаванд.

Шакли аввал. Агар хоҳем, ки раванди таҳқиқи ин шакл натиҷаи дуруст диҳад, бояд ду чиз риоя шавад: якум, суғро бояд ҳамеша тасдиқӣ бошад; дуюм, кубро куллӣ бошад; сеюм, натиҷаи ин шакли маҳсурот умумӣ бошад. Ҳар чизе ки аз ин қолаб берун ояд, тавозуни шакли аввалро вайрон мекунад ва деворaҳои шакл мешиканад, қиёс ботил мегардад. Агар ба таври мухтасар гӯем, дар шакли аввал истилоҳи миёна вазифаи асосиро иҷро мекунад, яъне он дар раванди таҳқиқ барои суғро маҳмул ва барои кубро мавзуъ дониста мешавад. Ҳангоми хулосабарорӣ бошад, суғро ҳамеша муҷиба ва кубро куллӣ дониста мешавад. Масалан: «Душанбе шаҳр аст» ва «ҳар шаҳре рушдкунанда аст».

Насируддини Тусӣ шакли аввали қиёсҳоро дар шакли хеле васеи доманадор бо мисолҳо таҳқиқ карда мегӯяд:

«Зарби аввал: Ҳамаи Ҷ Б аст ва ҳамаи Б А = ҳамаи Ҷ А аст.

Зарби дуюм: Ҳамаи Ҷ Б аст ва набошад ҳеҷ Б А = набошад ҳеҷ Ҷ А.

Зарби сеюм: Баъзе Ҷ Б аст ва ҳамаи Б А = Баъзе Ҷ А аст.

Зарби чаҳорум: Ҳамаи Ҷ А аст ва набошад ҳеҷ Б А = баъзе Ҷ А нест» [25, с. 197].

Яке аз хусусиятҳо ва бартариятҳои зарбҳои шакли аввал ин аст, ки аз маҳсурот ҳамеша натиҷаҳо ҳосил мешаванд ва гуфтан мумкин аст, ки ин навъи қиёсҳо мукаммалтарин навъи қиёс маҳсуб мешаванд.

Шакли дуюм. Дар шакли дуюми қиёс мутафаккир ҳамаи диққаташро ба натиҷа равона карда, ду шартро барои созиши муқаддимаҳо асос медонад. Якум, ихтилоф дар чигунагии муқаддимаҳо ва дуюм, нигаронӣ ба куллияти кубро, ки дар раванди шакли аввал

ҳолати онро дидаем. Фарқияти ин шакл аз шакли аввал дар он аст, ки дар ин шакл натиҷа ҳеҷ гоҳ муҷиба нахоҳад буд. Сарфи назар аз он ки дар шакли дуюм муқаддимаҳо вобаста ба чигунагиашон бо ҳам иртибот надоранд, ҳадди акбар (ҳадди калонтарин), ки бар натиҷа муҳмул ҳисобида мешавад, ҷузъӣ бошад, аз он чизе фаҳмида намешавад, ки он кадом истилоҳ аст. Масалан: «Агар асғар «инсон» буваду авсат «ҳайвон» ва акбар «ҷисм», ҳукм ба салби ҷисм аз баъзе инсони козиб (дурӯғ) бувад ва агар ба ҷойи ҷисм «лоинсон (ғайри инсон)» бувад, ҳукм ба эҷоби «лоинсон» бар баъзе «инсон» «козиб» бувад ва ҳам бар ин қиёс, агар суғро солиба бувад ва кубро муҷиба» [25, с. 198].

Аз иқтибоси овардашуда метавон маълум кард, ки дар шакли дуюми қиёсҳои мутафаккир истилоҳи миёна барои он ду қазияи додашуда маҳмул ҳисобида мешавад. Хулосабарории ин навъи қиёс, каме мушкил ҳам бошад, вале дақиқиятро талаб мекунад, чунки муқаддимаҳои ин ду қазия дар шумориш якнавохт набуда, ихтилофе дар тасдиқу инкори онҳо дида мешавад. Масалан: «Душанбе пойтахт аст» ва «ҳеҷ ноҳияе пойтахт нест», пас, «Душанбе ноҳия нест».

Агар ба ин масъала диққати ҷиддитар диҳем, баёни шартҳои аввал аз шарти дуюм хеле фарқ мекунад. Масалан, агар нахуст суғро муҷиба ояд, ҳатман куброи он солибаи ҷузъӣ мешавад ва натиҷаи суғро тасдиқӣ ва аз дуюмин (кубро) инкорӣ мегардад. Ба ҳамин тарз, раванди дигар қисматҳо идома ёфта, мебинем, ки дар қисмати дуюм низ суғро солиба ва кубро муҷибаи ҷузъӣ буда, натиҷаи онҳо аввал тасдиқӣ ва баъдан, инкорӣ ба назар мерасад. Ҳамаи ин силсилаи таҳқиқот гувоҳи онанд, ки агар зарбҳо натиҷа диҳанд, чаҳор зарб дар шумориши чаҳорзарба ададашон ба шонздаҳ мерасад.

Насируддини Тусӣ зарбҳои навъи дуюмро дар чунин шакл пешниҳод кардааст:

«Зарби аввал: Ҳамаи Ҷ Б аст ва ҳеҷ А Б набошад = ҳеҷ аз Ҷ А набошад.
Зарби дуюм: Ҳеҷ аз Ҷ Б набошад ва ҳеҷ А Ҷ набошад = ҳеҷ Ҷ А набошад.
Зарби сеюм: Баъзе Ҷ Б аст ва ҳеҷ А Б набошад = набошад, ки баъзе Ҷ А бошад.
Зарби чаҳорум: Баъзе Ҷ Б нест ва ҳамаи А Б аст = ҳеҷ Д А набошад» [25, с. 200].

Чунонки аён аст, аз тақсимот ва ҷобаҷогузории зарбҳо маълум мешавад, ки қисмати зиёди онҳо натиҷадиҳанда нест ва ин услуби нигориши зарбҳои мутафаккир ба ҳама даст намедиҳад, ки ба осонӣ манзури муҳаққиқро дарк кунанд. Бинобар ин, зарурат пеш меояд, ки алоқамандии илми риёзӣ ва мантиқро дуруст истифода бурда, аз шакл ва мазмун натиҷаи дуруст ҳосил намоем. Чунончи Ҳ. Фувар дар ин масъала ибрози назар карда, муҳим будани натиҷаи зарбҳоро маънидод мекунад: «Албатта, дуруст аст, ки фаҳмидану истифодаи зарбҳо мушкил аст, аммо чизи муҳимтар аз он ин аст, ки ҳангоми дарки дурусти онҳо мо метавонем ба дилхоҳ натиҷаи лозима – сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ё фарҳангӣ ва дар маҷмуъ илмӣ расида, ҳамзамон, оид ба масъалаҳои мавриди назар фикри дурусту тақвиятдиҳанда пешниҳод намоем» [322, с. 45].

Шакли сеюм. Дар шакли сеюм низ натиҷаҳо ба таври шартӣ ҳосил мешаванд ва дар ин шакл натиҷа ба тарзи куллӣ ҳеҷ гоҳ ҳосил нахоҳад шуд. Масалан: «Агар авсат «инсон» буваду асғар «фарас (асп)» ва акбар «ҳайвон» ё «нотиқ» ҳукм бар фарас, бо ҳайвон ба эҷоб бувад ва ба нотиқ ба салб» [25, с. 202].

Чунонки қайд кардем, дар ин шакл натиҷаи куллӣ ҳосил намешавад. Дар ин шакл низ, мисли дигар шаклҳо, истилоҳи миёна иҷро шуданро амалӣ мекунад. Он барои ҳар ду қазия мавзуъ қарор мегирад ва ҳангоми натиҷагирӣ суғро ҳамеша тасдиқӣ ва қисмати дигар куллӣ хонда мешавад. Масалан: «ҳар шаҳре саноатӣ аст» ва «баъзе аз кишварҳо тараққикунандаанд», пас «баъзе саноатиҳо тараққикунандаанд». Ин

гуна натиҷагириҳо аз рӯйи сохтори шаклҳои қиёс хеле мушкиланд ва ҳамеша мухолифат ба вуҷуд меоранд. Бо назардошти ин, дар равиши таҳқиқ, мо бояд хусусияти натиҷаро на аз рӯйи зарурат, балки вобаста ба табиати доштааш ба роҳ монем. Бо ҳамин тартиб, мутафаккир бо истифодаи истилоҳот ва функторҳои мантиқӣ шакли сеюмро чунин шарҳ додааст:

«Зарби аввал: Ҳамаи Б Ҷ аст ва ҳамаи Б А аст = баъзе Ҷ А аст.

Зарби дуюм: Ҳамаи Б Ҷ аст ва ҳеҷ Б А набошад = ҳеҷ Ҷ А набошад.

Зарби сеюм: Баъзе Б Ҷ аст ва ҳамаи Б А аст = баъзе Ҷ А аст.

Зарби чаҳорум: Ҳамаи Б Ҷ аст ва ҳамаи Б А аст = баъзе Ҷ А аст» [25, с. 204].

Агарчи дар шакли зоҳирӣ сохтори шаклҳо бо ҳам монанд ва натиҷаашон яксон ба назар расад, вале дар асл, онҳо аз рӯйи муҳтаво ва вазифа аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳамзамон, ин фарқият дар навбати худ метавонад ҷойгоҳ ва вазифаи онҳоро муайян намояд ва дар айни замон дурустии хулосабарорӣ аз муқаддимаҳоро ошкор созад.

Шакли чаҳорум. Таҳқиқоте, ки Насируддини Тусӣ дар ин самт анҷом додааст, муҳаққиқро водор мекунад, ки ба талаботи ӯ мувофиқ амал намояд. Яъне, маҳорат ва заковатро бештар ба кор барад, то шароити хулосабарории ин шаклро дуруст дарк кунад. Ба андешаи ӯ, натиҷагирӣ дар ин шакл, гарчи дар зоҳир монанди шаклҳои дигар аст, вале моҳияташ фарқ дорад. Зеро қоидаи шаклҳои қаблӣ дар ин ҷо низ риоя мегардад: аз ду солиба, ду ҷузъӣ ва суғрои солиба қиёси дуруст ҳосил намешавад. Раванди ин шакл нишон медиҳад, ки натиҷаҳои он танҳо дар ду ҳолат самаранок буда метавонанд ва дар ҳолатҳои дигар танҳо ба таври ҳисобӣ вуҷуд доранд. Умуман, шакли чаҳорум аз рӯйи ҷойгоҳ ва хосият «шакли ҷолинусӣ» номида мешавад. Дар ин шакл, то андозае, эътидоли иҷтимоӣ ба назар гирифта мешавад: истилоҳи миёна барои суғро мавзуъ ва барои кубро маҳмул ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ,

шакли чаҳорумро метавон «акси шакли аввал» номид. Масалан: «Ҳар инсоне нотиқ аст ва баъзе аз нависандагон низ инсонанд, пас баъзе аз одамиён нависандаанд» [278, с. 49].

Чунонки худи мутафаккир қайд мекунад, дар шакли рамзӣ бояд шакл ба чунин тарз дода шавад, ки ҳаст:

«Зарби аввал: Ҳамаи Б Ҷ аст ва ҳамаи А Б аст = баъзе Ҷ А аст.

Зарби дуюм: Ҳеамаи Б Ҷ аст ва баъзе А Б аст = баъзе Ҷ А аст.

Зарби сеюм: Ҳеҷ Б Ҷ нест ва ҳамаи А Б аст = ҳамаи Ҷ А нест.

Зарби чаҳорум: Ҳамаи Б Ҷ аст ва ҳеҷ А Б нест = ҳамаи Ҷ А нест» [25, с. 211].

Аз таҳқиқоти Хоҷаи Тусӣ дар шинохти шаклҳои қиёс ба хулосае омадан мумкин аст, ки ӯ чун дигар қисматҳои мантиқ, дар ин росто, вобаста ба заковати баланд, тағйиру кашфиётҳо пешниҳод намуда, натиҷаи зарбҳои дурустро то ба нуздаҳ расонид, ки аксарияти онҳо, ҳатто, имрӯз дар таълимоти мантиқии муосир мавриди назарсанҷӣ қарор нагирифтаанд. Мутафаккир натиҷаҳоро якояк баршуморида, «якеро мунтаҷи муҷибаи куллӣ ва чаҳор мунтаҷи солибаи куллӣ ва шаш мунтаҷи муҷибаи ҷузвӣ ва ҳашт мунтаҷи солибаи ҷузвӣ меҳисобад. Иброз медорад, ки дар ин нуздаҳ зарб сиву ҳашт муқаддама уфтад ба адади заъфи натиҷаҳо. Аз ин ҷумла, ҳаждаҳ муҷибаи куллӣ бошад ва даҳ солибаи куллӣ ва ҳашт муҷибаи ҷузвӣ ва ду солибаи ҷузвӣ» [25, с. 215].

Бо таъкиди мутафаккирон дар шинохти қиёс аз ҳама муҳим донистани зарбҳо ва шаклҳои қиёс дар назар дошта мешавад. Бинобар ин, онҳо ба ин қисмат бештар таваҷҷуҳ намуда, дар таълифоти худ зарбҳо ва шаклҳоро бо низоми муайяни мантиқӣ дуруст баррасӣ кардаанд. Ҳамин таҳлилҳои боэътимод ва саривақтии онҳо буд, ки дар сарзамини Шарқ на танҳо файласуфон, балки тамоми самтҳои афзалиятноки ҷомеа дар фаъолиятҳои худ ин равандро истифода намуда, зиндагии худро беҳбуд бахшиданд. Ҳамчунин мантиқшиносони муосири

тоҷик низ ҳамин услубро ба кор бурда дар ин самт фикри худро тақвият башидаанд: «Чи хеле ки дидем, муқаддимаҳои силлогизм қазияҳои А, Е, І ва О мебошанд. Ҳар як қиёс аз се қазия сохта мешавад. Вобаста ба ин, ҳолатҳои имконпазири модусҳои силлогизмро аз рӯйи формулаи 4^3 муайян мекунанд. Аз ин рӯ, шумораи умумии модусҳои имконпазир аз чаҳор шакли қиёс ба шасту чаҳор мерасад. Аз ин миқдор нуздаҳтояш модуси дуруст буда, боқимонда (чилу панҷтои дигар) модусҳои нодуруст мебошанд. Аз ҳамин нуздаҳ модуси дуруст чаҳортояш барои шакли якум, чаҳортояш барои шакли дуюм, шаштояш барои шакли сеюм ва панҷтои боқимонда барои шакли чаҳорум мебошад» [204, с. 76].

Арасту дар таҳқиқоти худ заминаҳои назарияи қиёсро гузошт ва баъдтар, масъулияти рушди минбаъдаи он бар дӯши Муаллими сонӣ, Ибни Сино ва хусусан, Насируддини Тусӣ вогузор гардид. Мутафаккир қиёсҳои ҳамлиро аз рӯйи як низоми ягона – низоми сода таҳлил намуда, ба таҳқиқи қиёсҳои шартӣ, ки дорои сохтори мураккаб ва доманаи васеъанд, рӯ овард.

Ба андешаи ӯ, қиёси шартӣ чунин гуфторест, ки дар ҷараёни таҳлил байни қазияҳо робитаи тасдиқ ва инкор барқарор мегардад. Дар ҳамин замина, ӯ таърифи худро пешниҳод намуда, мегӯяд: «Қиёси шартӣ низ аз ду қазия иборат аст: калон – қазияи шартӣ ва хурд – қазияи қатъӣ, ки бо ҳиссачаҳои истисноӣ, монанди «аммо», «на танҳо», «лекин» ва ғ. пайваст шуда, қиёси шартиро ба вуҷуд меоранд» [11, с. 164].

Дар ин гуна қиёсҳои шартӣ, муқаддимаҳо ҳамеша аз лиҳози мувофиқат муштараканд. Ҳамаи унсурҳои таркибии ин навъи қиёс ба қиёси ҳамлӣ шабоҳат доранд, вале ҳангоми таҳияи шаклҳои чаҳоргона, қиёси шартӣ, ки дар он чигунагӣ ва миқдор нақши асосӣ доранд, афзалият пайдо мекунад. Мутафаккир, баъд аз танзими сохтори умумии қиёси шартӣ, ба хулосае мерасад, ки ин қисмати мантиқӣ низ бо қисмати

қаблӣ – яъне қазияи шартӣ иртиботи зич дошта, вобаста ба талаботи таҳлили зеҳнӣ, онро бояд ба ду навъи асосӣ ҷудо кард:

Қиёси шартии муттасила;

Қиёси шартии мунфасила.

Насируддини Тусӣ, бо таҳқиқоти фаровон, заминаҳои назариявӣ ва қоидаҳои ҳар ду навъро танзим дода, таърифи онҳоро чунин меорад: «Муттасила чунин қиёсе мебошад, ки дар он истилоҳи калон қазияи шартии муттасила ба ҳисоб меравад. Аммо мунфасила чунин қиёсе мебошад, ки дар он истилоҳи калон қазияи шартии мунфасила маҳсуб меёбад» [11, с. 288].

Аз рӯйи таълимоти Форобӣ дар қиёсҳои шартӣ шарт асос бошад, ба осонӣ гуфтан мумкин аст, ки натиҷа ба таври дуруст ҳосил карда мешавад. Бинобар ин, мутафаккир натиҷаҳои ин равандро баршумурда панҷ дар шартиёт, ду дар муттасила ва се модусро ба мунфасила мутааллиқ дониста, ба модусҳои қиёсҳои шартӣ-муттасила меорад:

Шакли аввал: «Агар (ашёи) дидашаванда инсон бошад, пас, он ҳайвон аст. Ашёи дидашванда инсон аст. Пас, инсон ҳайвон аст». Ин намуди хулосабарорӣ ба modus ponens рост меояд. Дар он истилоҳи хурд тасдиқи асосро фаро мегирад, ки сабаби натиҷа мебошад.

Шакли дуюм: «Агар ашёи дидашаванда инсон бошад, пас, он ҳайвон аст. Вале ашёи дидашаванда ҳайвон нест. Зимнан, ашёи дидашаванда одам нест». Ин навъ хулосабарории нисбӣ ба modus tollens рост меояд, чунки дар он истилоҳи хурд инкори натиҷаро доро мебошад.

Баъд аз таҳқиқи қиёси шартии муттасила, Форобӣ ба таҳқиқи қиёси шартии мунфасила рӯ оварда, нахуст, онро чунин таъриф мекунад: «Мунфасила чунин қиёсе мебошад, ки дар шароити муайяни тақсимкунӣ ва ҷудокунӣ аз байни ду қазия танҳо якеро тасдиқ мекунад ва дигареро инкор, ба монанди «ин адад ё ҷуфт ё тоқ мебошад», «ин вақт шаб ё рӯз аст» [11, с. 252].

Чунонки мушоҳида мегардад, мафҳуми иқтибосшуда, агарчи дар як вақт ҳолати инфисоли қиёсҳоро инъикос кунад, дар айни ҳол, вазифаи муҳимтари муайянсозӣ ва ошкоркуниро низ иҷро менамояд. Дар доираи чунин сохтори қиёс, мо бевосита шоҳиди тасдиқ ё радди як мақсад мегардем. Ба ибораи дигар, гуфтан мумкин аст: агар адад ҷуфт бошад, пас, он тоқ нест ё баръакс, ки ҳаққоният ба таври возеҳ баён мегардад. Чунонки равшан гардид, қиёси мунфасила дар муқоиса бо қиёси муттасила мафҳуми созгорро ба таври комил ба вуҷуд намеорад, зеро ҳадафи он бештар ба самти таъини ҳақ ва ботил равона шудааст. Маҳз, бо ҳамин далел, қиёси мунфасила тавассути шакли воқеӣ ва мантиқии худ ҳақиқатро ошкор месозад. Бо вуҷуди ин, гоҳе дар таркиби он носозгорӣ ба миён меояд, ки асосан, ба сабаби вуҷуди ду қазия ва як натиҷа дар як замон аст. Дар чунин ҳолат, агар ду мунфасила дар як вақт истифода шаванд, онҳо наметавонанд ба як натиҷаи мантиқӣ расанд ва қиёси дуруст аз онҳо ҳосил намешавад.

Бо такя ба таълимоти мантиқӣ, агар муқаддимаҳои мунфасила дар шакли воқеӣ ва мувофиқ ба меъёрҳои мантиқӣ ба қиёс ворид шаванд, дар он сурат метавонанд ба хулосаи дуруст расонанд. Аммо бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ дошт, ки қиёси мунфасила бо қиёси муттасила алоқаи наздик дорад ва дар шароити муайян метавонад ба таркиби он дарояд. Мутафаккир ин равандро ба таври амиқ таҳлил намудааст ва мантиқшиносони муосир, бо такя ба таҳқиқоти ӯ, фикрҳои ӯро дар партави ниёзҳои замон тақвият дода, ба тавсеаи минбаъдаи ин навъи қиёс мусоидат кардаанд: «Мунфасилаи ҳақиқӣ мусталзами чаҳор муттасила аст, ки дар кам (миқдор) ва кайф (чигунагӣ) бо он яке ҳастанд. Ва метавонанд як мунфасилаи ҳақиқиро ба ҳар як аз ин чаҳор муттасила табдил кард....» [275, с. 111].

Ба монанди қиёси шартии муттасила, Форобӣ ба модусҳои қиёси шартии мунфасила низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, менависад: «Дар

қиёси шартии мунфасила, истилоҳи калон мунфасилаи шартӣ ва истилоҳи хурд – истиснои қатъӣ маҳсуб меёбад; истилоҳи шартӣ бошад, аз ду ё зиёда қисматҳои ба ҳам номувофиқ таркиб меёбад» [11, с. 290]. Бо ин таҳлил, Форобӣ ба мо нишон медиҳад, ки қиёсҳои шартии мунфасила дорои сохтори нисбатан мураккаб буда, барои дарки дурустӣ ё нодурустии хулоса, муносибати байни қисмҳои муқаддима нақши ҳалкунанда мебозад. Дар муқоиса, дар таълимоти мантиқии Насируддини Тусӣ қиёсҳои иқтиронӣ ва истисноӣ ҷойгоҳи барҷастаи хос надоранд, мисли он чи ки дар андешаҳои Форобӣ мушоҳида мешавад. Тусӣ низ, чун дар қисмати ҳамлиёт, дар мавриди қиёсҳои шартӣ онҳоро ба ду навъ ҷудо мекунад: иқтиронии шартӣ ва истисноии шартӣ. Мутафаккир қиёси иқтиронии шартиро ҳамчун асоси қиёсҳои муфид муаррифӣ мекунад ва онро ба навъҳои зер тақсим менамояд: қиёси шартии муттасила, қиёси шартии мунфасила ва дигар истилоҳоте, ки байни ин навъҳо робита барқарор менамоянд. Дар ҳамин росто, Ибни Сино низ ба таҳқиқи амиқи қиёсҳо пардохтааст, вале махсусияти кори Тусӣ дар он аст, ки ӯ ҳар яке аз ин навъҳоро ба ду қисмат ҷудо мекунад. Ӯ муҳиммияти ҳар як шакли қиёсро аз рӯйи навъи иштирок ва тарзи сохтани муқаддимаҳо – ҷузъии том ва ҷузъии ғайри том арзёбӣ мекунад.

Бо такя ба ҳамин таҳлил, Тусӣ ба омӯзиши қиёси шартии муттасила мегузарад ва шаклҳои онро чаҳоргона мешуморад. Ӯ таъкид менамояд, ки ин шаклҳо ба қиёсҳои ҳамлӣ наздиканд. Фарқи асосӣ, ба назари ӯ, дар ҷойгузинии унсурҳои қазия аст: мавзуъ дар шакли ҳамлӣ дар қиёси шартӣ ба муқаддам табдил меёбад ва маҳмул ба толӣ. Муҳимтарин унсуре, ки қиёсҳои шартиро аз дигар навъҳои қиёс ҷудо месозад, мавҷудияти ҳадди сегона (истилоҳи миёна, хурд ва калон) дар сохтори қазияҳо ва натиҷаҳои ҳосилшуда мебошад. Ин ҳолат, махсусан, дар натиҷаи зарбҳои мантиқӣ – ки асоси хулосабарории дуруст аст ба таври возеҳ мушоҳида мешавад.

Аз рӯйи гуфтаҳои боло, метавонем ҳолати зарбҳоеро, ки аз ҷониби Тусӣ пешниҳод шудаанд ва чаҳор шакли асосии қиёси шартиро дар бар мегиранд, мавриди баррасӣ қарор диҳем. Зарби аввали шакли аввал: «Ҳар гоҳ ки А В бувад Ҷ Д бувад» ва «ҳар гоҳ, ки Ҷ Д бувад Ҳ З бувад», пас, «ҳар гоҳ ки А В бувад, Ҳ З бувад». Шакли дуюм: «Ҳар гоҳ, ки А В бувад, Ҷ Д бувад» ва «ҳаргиз набвад, ки чун Ҳ З бувад Ҷ Д бувад», пас, «ҳаргиз набвад, ки чун А В бувад, Ҳ З бувад». Шакли сеюм: «Ҳар гоҳ, ки А В бувад, Ҷ Д бувад» ва «ҳар гоҳ, ки А В бувад, Ҳ З бувад», пас, «гоҳ бувад, ки чун Ҷ Д бувад, Ҳ З бувад». Шакли чаҳорум: «Ҳар гоҳ, ки А В бувад, Ҷ Д бувад» ва «Ҳар гоҳ, ки Ҳ З бувад, А В бувад», пас, «гоҳ бувад, ки чун Ҷ Д бувад, Ҳ З бувад» [25, с. 258-259].

Аз иқтибоси овардашуда ба натиҷа расидан мумкин аст, ки қиёсҳои шартии муттасила пайваста дар шакли лузумӣ (қазияи шартии муттасилаест, ки толӣ баъди муқаддам омада, натиҷаи он тағйирёбанда аст) меоянд. Ҳар он чизе ки ба ин монанд агар ба назар расаду лузумӣ набошад, он қиёси шартии муттасила буда наметавонад, балки ё муҷодала ва ё муғолата мебошад, ки мавзуи баҳси онҳо дигар аст. Хоҷаи Тусӣ қиёси шартии мунфасиларо низ чун қиёси шартии муттасила таҳқиқ намудааст. Агар аҳаммият диҳем, ӯ қиёси муттасиларо ба монанди қазияи шартии муттасила бо каме фарқияти ҷой таҳқиқ намудааст, вале дар таҳқиқи қиёси мунфасила фарқиятҳои зиёдеро ҷой додааст, ки дар қазияҳои шартии мунфасила вуҷуд надоранд. Масалан, ҳангоми баҳспардозии истилоҳоти мунфасила қайд мекунад, ки иштироки ҳарду қисмат ҳатмӣ аст ва гоҳо мумкин аст як қисмате аз он набошаду ифодаи худро ёбад. Мунфасила низ дар зарбҳо ҳолати тағйирёбанда дошта, ҷузъҳои он ҳамеша муҷибаанд ва хулосааш ҳамлӣ аст. Мисоли зарби аввал: «Ҳамаи А ё В аст ва ё Ҷ ва ё Д» ва «ҳамаи В ва Ҷ ва Д Ҳ, пас ҳамаи А Ҳ аст». Зарби дувум суғро ҳамон: «Ҳаргиз набошад аз В Ҷ ва Д Ҳ, пас, ҳеҷ набошад аз А Ҳ». Зарби сеюм:

«Баъзе А ё В ва ё Ҷ аст ва кубро муҷиботи куллия аст». Зарби чаҳорум: «Суғро ҳамон ва кубро солибаи куллия бувад» [25, с. 284].

Чунонки Насируддини Тусӣ силсилаи зарбҳоро ба хотири ба даст овардани натиҷаҳои дуруст идома додааст, агар амиқтар равем, шумори онҳо афзун мегардад. Аммо ин ҳама дар фасли таҳқиқии мо ба анҷом намерасад ва мо низ ба пажуҳиши алоқаи муттасила ва мунфасила мегузарем. Дар қиёси шартии иқтиронӣ алоқаи муттасила ва мунфасила ногусастанӣ буда, навъҳои ҳар яке аз онҳо чаҳортоянд. Ба сабаби он ки онҳо лузумӣ, иттифоқӣ ва истисҳобиянд, натиҷаи ҳар як аз онҳо ба дувоздаҳ адад мерасад. Дар маҷмуъ, ин раванд натиҷагирӣ шавад, зарбҳои ҳар яке аз ин навъҳо ба 144 мерасад. Маврид ба ёдоварист, ки аз миёни ин зарбҳо 48-тоаш дурустанд ва боқимонда натиҷа намедиҳанд. Чунонки истисноиро дар қиёси ҳамлӣ зикр намудем, Хоҷа Тусӣ дар ин маврид вазифаи қиёси истисноиро низ ҳамчун раванди мантиқӣ мебинад, ки натиҷаи он дар муқаддамаҳояш аён буда, он ҳамеша ба феъл аст. Агар ин ба инобат гирифта шавад, қиёсе, ки аз ду муқаддима иборат аст, ҳатман якеаш шартӣ ва дигараш истисноӣ (ҳамлӣ) мебошад. Он қисмате, ки истисно дониста мешавад, қазияи ҳамлӣ аст ва боке нест гӯем, ки ин қиёс ба зумраи муттасилот ё мунфасилот дохил мешавад. Бинобар он ки қиёси истисноии ҳамлӣ ба таври возеҳ фаҳмонда шуд, ин қисмати шартиро, ки таркиботаш ба он алоқаманд аст, бо ҳамин шакли мухтасар анҷом медиҳем ва ба қисмати дигар мегузарем.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар таҳқиқи масоили мантиқии худ дар ҳама самтҳо ба Муаллими аввал пайравӣ намуда, дар заминаи андешаҳои бунёдии ӯ матолиби қиёсиро, махсусан шаклҳо ва зарбҳоро дар раванди фаҳмондани қиёсҳои иқтиронӣ ва истисноӣ баррасӣ кардаанд. Мутафаккирон дар шинохти назарияи қиёс вобаста ба замони худ пажуҳишҳои фаровон анҷом дода, пеш аз ҳама, вазифаи ин мақулаи

мантиқиро дар муайян кардани воқеият ва ба даст овардани хулосаҳои дуруст медиданд. Ба андешаи онҳо, ки ин анъана ба расмияти мантиқӣ даромадааст, санъати қиёс бояд мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирад, то ки навъҳои он шинохта шаванд. Ин навъҳо, ки инъикоскунандаи воқеиятанд, аз ҷониби Форобӣ чунин муайян шудаанд: «Ҳамагӣ онҳо панҷтоянд: муътамад, тахминӣ, хато, боварибахш ва тасаввуршаванда. Ҳар яке аз ин панҷ санъат чизҳои ба худ хос ва чизҳои барои ҳамаи онҳо умумӣ доранд» [9, с. 137].

Гуфтан мумкин аст, ки агар ин панҷ ҳолат дар шинохти мафҳуми қиёс риоя гардад, ҳама навъи зарбҳо дар истифодаи шаклҳо дуруст ба роҳ монда шуда, натиҷа муайян мегардад: мусбат аст ё манфӣ, таъсирбахш аст ё бетаъсир ва ғайра. Албатта, шарт нест, ки ҳамеша натиҷа мусбат бошад. Муҳим он аст, ки дурустии қонунҳои мантиқӣ риоя шаванд ва муқаддаму толӣ дар акси истилоҳот (функтор ва квантор) ҷойи худро ёбанд. Аз рӯйи таснифи қисматҳои қиёс, дар ин навбат қиёсҳое ҷой гирифтаанд, ки агарчи дар китобат камтар мавриди назар қарор мегиранд, дар гуфтор хеле зиёд истифода мешаванд. Ин навъи қиёсро Форобӣ қиёси ихтисоршуда ва мураккаб меномад. Бинобар он ки қисмате аз онҳо ҳангоми таҳқиқ ихтисор мегардад, онҳоро қиёси ихтисоршуда ва ё замир (энтимема) меноманд.

Форобӣ бо таъкид иброз медорад, ки қиёси ихтисоршуда дар санъати суханварӣ, шеърӣ, балоғат ва фалсафа ба кор меравад ва моҳияташ дар он аст, ки қисмате аз қиёс гуфта мешавад ва қисми дигар ҳамчун замир ба назар гирифта мешавад. Агар ин сохтор ба инобат гирифта шавад, ҳангоми натиҷагирӣ ё яке аз қазияҳо ва ё худ натиҷа ҳолати воқеиро касб мекунад, яъне бардошта мешавад. Дар асараш «Ал-хитоба» («Суханварӣ») Форобӣ қиёси ихтисоршударо ба таври амиқ таҳқиқ намуда, менависад: «Қиёси ихтисоршуда чизеро фаро мегирад, ки дар воқеият қиёс аст, ё зоҳиран қиёс ба ҳисоб меравад… Қисмҳои

ибтидоии қиёси ихтисоршуда ин қисмате аз қиёсҳо мебошанд, чунки онҳо аз қазияҳои қатъӣ ва шартӣ таркиб ёфтаанд» [11, с. 491-492].

Монанди Форобӣ, Хоҷаи Тусӣ низ ба таҳқиқи ин навъи қиёс рӯ овардааст, аммо бар хилофи дигар фаслҳои китоби «Асос-ул-иқтибос», онро хеле мухтасар мавриди пажуҳиш қарор додааст. Вале метавон гуфт, ки маҳз кори ӯ то кунун арзишманд боқӣ мондааст. Мутафаккир дар ин навъи қиёс истифодаи истилоҳотро асос медонад ва таъкид мекунад, ки агар истилоҳи калон ба хотири дурустии инъикоси воқеият дар назар гирифта шавад, он гоҳ ифодаи замир низ дуруст фаҳмида мешавад. Масалан: «Хатти АВ ва хатти АС аз як марказ ба як муҳит шудаанд, пас мутасовӣ бошанд» [25, с. 338]. Ё он ки хоҳанд, дурӯғ махфӣ бошад, чунон ки гӯянд: «Фулон шахс шабона тавоф мекунад, пас хоин аст». Аз гуфтаҳои мутафаккирон бармеояд, ки онҳо ин навъи қиёсро барои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ташвиқ намуда, иброз доштаанд, ки ихтисоршавӣ дар ҳамаи қиёсҳо ба назар мерасад. Фарқияти ин навъи қиёс аз дигар навъҳо дар он аст, ки «онҳо метавонанд аз шаклҳои гуногуни қиёси дуруст тартиб дода шаванд» [2, с. 146].

Аз таҳлили пайдарпайи қиёс маълум аст, нахуст Арасту ба ин қисмати мантиқӣ ҳамчун асоси илм ва методологияи таҳқиқ таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошад, Форобӣ, дар таълимоти мантиқии худ, мавқеи қиёсро ошкоро натиҷагирӣ дониста, он донишҳоеро, ки ҳамчун қавл дар қиёс қисмати таркибӣ маҳсуб мешаванд, чаҳор навъ медонад. Аммо баъдтар ин чаҳор навъ дар таълимоти мантиқии Ибни Сино то сенздаҳ расонида шудаанд.

Форобӣ дар китоби «Ал-қиёс» бунёд ва ҳастии ин навъи қиёсро бар асоси донишҳои ибтидоӣ қарор дода, маърифати онҳоро воситаи ошкор сохтани воқеият медонад: «Он донишҳое, ки раванди маърифати онҳо ба воситаи қиёс ба даст оварда мешаванд, чор навъ мебошанд: мақбулот,

машҳурот, маҳсусот ва ал-маъқулот-ул-куллийа ал-увла (маъқулоти кулии умумифарогир – С.Б.)» [2, с. 126].

Форобӣ дар китоби «Ал-қиёс» таъкид мекунад, ки бунёди маърифати қиёс бар донишҳои ибтидоӣ устувор аст. Ба назари ӯ, фаҳми ин донишҳо барои дарки воқеият нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, донишҳои ибтидоиро метавон ҳамчун асоси методологӣ дар таҳқиқи назарияи қиёс пазируфт. Мо онҳоро ба таври мухтасар чунин шарҳ медиҳем:

Мақбулот – донишҳое мебошанд, ки дар миёни ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ шинохта ва пазируфта шудаанд. Ин донишҳо бо мурури вақт ба одати ҷамъиятӣ табдил ёфта, муқовимате дар баробари онҳо вуҷуд надорад. Масалан, ба монанди «сидқ некӣ аст», ё «дуздӣ бад аст».

Машҳурот – ба мақбулот наздиканд, аммо хусусияти фарқкунандаи онҳо дар эътибори иҷтимоӣ ва маънавии бартаридоштаашон аст. Яъне пазируфташавии онҳо бо баҳогузории арзишманд ифода меёбад. Масалан: «Ҳамаи донишҷӯён боодобанд (мақбулот), вале Аҳмад босавод аст» – дар ин ҷо Аҳмад бо сифати иловагӣ аз дигарон фарқ мекунад.

Маҳсусот – донишҳое мебошанд, ки тавассути ҳисҳои зоҳирӣ дарк карда мешаванд. Масалан: «Кӯҳҳо баланданд» ё «намаки ош шӯр аст».

Маъқулоти куллии умумифарогир – донишҳои умумие мебошанд, ки ба шакли куллӣ ва умумӣ пазируфта мешаванд, монанди: «Ҳар шаб бо торикиаш аз рӯз фарқ мекунад».

Хоҷаи Тусӣ дар пайравӣ аз анъанаи мантиқии пешиниён, ин сарчашмаҳоро таҳти таҳқиқ қарор дода, дар мақолаи панҷум аз китоби «Асос-ул-иқтибос», ки ба бурҳон бахшида шудааст, бар онҳо такя кардааст. Ба назари ӯ, бурҳон дар баробари қиёс ҷойгоҳи вижа дорад, зеро бо донишҳои қатъӣ ва зарурӣ алоқаманд аст. Хусусан, ӯ таъкид мекунад, ки на ҳамаи донишҳо тавассути омӯзиши хос ба даст меоянд – баръакс, бархе аз онҳо мустақим ва бидуни талоши омӯзишӣ дар зеҳн

ҷой мегиранд. Чунин донишҳо мисли фаҳми мафҳумҳои «рӯз ва шаб», «сафед ва сиёҳ» ва дигар муқобилҳо мебошанд, ки дар шинохти табиати олам нақши муҳимме мебозанд.

Хусусан, Насируддини Тусӣ дар такмили ин назар, манобеи донишро ба шонздаҳ навъ ҷудо мекунад, ки онҳо чунинанд:

1. Маҳсусот (ҳиссиёти зоҳирӣ)

2. Муҷарработ (донишҳое, ки аз таҷриба ба даст омадаанд)

3. Мутавотирот (маълумоте, ки аз лиҳози зиёд будан ба таври қатъӣ интиқол ёфтаанд)

4. Аввалиёт (мафҳумҳои ибтидоии қатъӣ)

5. Ҳадсиёт (идроки ногаҳонӣ ва зудҳис)

6. Алвоҷибу қабулуҳо (донишҳое, ки қабул карданашон ҳатмист)

7. Ваҳмиёт (маълумоти номустақим ва эҳсосшудаи зеҳн)

8. Машҳурот (пазируфташавандаҳи арзишманд)

9. Мушаббаҳот (донишҳое, ки бо шабоҳат бар дигар маълумот асос меёбанд)

10. Машҳуроти маҳмуд (пазириши ахлоқии маъмули ҷамъият)

11. Вазъиёт (мафҳумҳое, ки бар шартҳои қабулшудаи забонӣ ё иҷтимоӣ асос ёфтаанд)

12. Усули мавзуа (мафрузаҳои асосӣ дар илмҳо)

13. Мақбулот

14. Машҳуроти зоҳирӣ

15. Мазнунот (гумонҳое, ки эҳтимолан дурустанд)

16. Мухаййалот (донишҳое, ки тавассути тасаввурот ва хаёл офарида мешаванд)

Ба ҳамин тартиб, ҳам Форобӣ ва ҳам Тусӣ бо таваҷҷуҳ ба заминаҳои маърифати ибтидоӣ, назарияи қиёсро ба як низоми мукаммали шинохти мантиқӣ ва маърифатӣ табдил додаанд, ки то имрӯз арзишманд ва омӯзанда аст.

Пажуҳиши масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки таҳқиқи Хоҷа Насируддини Тусӣ, дар мавриди сарчашмаҳои дониш, дар муқоиса бо Форобӣ, чаҳор маротиба муфассалтар аст. Ӯ дар доираи таълимоти мантиқӣ ва қиёс, шонздаҳ навъи сарчашмаи донишро баршуморидааст. Дар зер ба таври мухтасар ҳар яке аз онҳо шарҳ дода мешавад:

Маҳсусот – донишҳоеанд, ки тавассути ҳисҳои зоҳирӣ ба даст меоянд ва равандҳои табииро дар бар мегиранд. Масалан: «Офтоб рушан аст».

Муҷарработи – донишҳоеанд, ки дар натиҷаи таҷриба ҳосил шудаанд. Масалан: «Зарби хашаб муаллам аст» (яъне: куфти чӯб дард меорад).

Мутавотирот – маъруф ба «яқиниёт» мебошанд, ки тавассути шунидан ва дидани такроршавандаи сершумор эътимоди комил ба вуҷуд меоранд. Масалан: «Бағдод мавҷуд аст» – ҳатто агар инсон он ҷо нарасида бошад.

Аввалиёт – донишҳои ибтидоӣ ва аксиомавианд, ки бе исбот пазируфта мешаванд. Масалан: «Кул аз ҷузъ бузургтар аст».

Ҳадсиёт – донишҳоеанд, ки тавассути интуитсия ва эҳсоси ногаҳонии зеҳнӣ ҳосил мешаванд. Масалан: «Нури Моҳ аз Офтоб аст».

Ал-воҷибу қабулуҳо – донишҳое, ки табиатан ва бидуни муқовимат пазируфта мешаванд. Масалан: «Ду нимаи чаҳор аст».

Ваҳмиёт – донишҳоеанд, ки бар эҳсоси ваҳмӣ такя доранд ва гоҳе бар хилофи мантиқи ақл амал мекунанд. Масалан: «Бо ёрии ваҳм ақлро аз иштибоҳ эмин бояд дошт».

Мушаббаҳот – донишҳоеанд, ки бо шабоҳати зоҳирӣ ҳақиқатро таҳриф мекунанд ва боиси хато мешаванд. Масалан: «Ҳар айне мубассар аст» (айне ба маънии чашма, на чашм). Ин гуна қиёсҳо ба муғолата мансуб мешаванд.

Машҳуроти ҳақиқии мутлақ – донишҳое, ки ба хотири арзиши ахлоқии қатъии худ пазируфта мешаванд. Масалан: «Адл хуб аст, зулм қабеҳ».

Машҳуроти маҳмуд – донишҳоеанд, ки дар доираи як қавм ё мактаби фикрӣ пазируфта мешаванд. Масалан: «Тасалсул муҳол аст».

Вазъиёт – донишҳое, ки бар асоси шароити шартӣ ва гузоришҳои қаблан пазируфташуда бунёд ёфтаанд ва дар мантиқ асоси қиёсҳои ҷадалӣ маҳсуб мешаванд.

Усули мавзуа – мафрузаҳо асосҳоеанд, ки таҳқиқро дар як соҳаи муайяни дониш роҳнамоӣ мекунанд.

Мақбулот – донишҳоеанд, ки бар тасдиқи умумӣ асос ёфта, дар муҳити иҷтимоӣ ба таври одӣ пазируфта шудаанд.

Машҳуроти зоҳирӣ – донишҳоеанд, ки ҳақиқати онҳо ба таври зоҳирӣ қабул мешаванд, аммо барои тасдиқи воқеии онҳо таҳқиқи бештар зарур аст.

Мазнунот – донишҳое, ки бар гумон ва эҳтимол такя доранд. Масалан: «Касе, ки шабона ба болои боми касе барояд, эҳтимоли хоин буданаш вуҷуд дорад».

Мухайалот – донишҳоеанд, ки асоси воқеӣ надоранд ва аз тахайюлот бармеоянд. Масалан: «Матбухи талх (монанди шароб) бо тасаввури лаззатовар буданаш осон тановул мешавад» [25, с. 346-347].

Мутафаккирон ба он назаранд, ки донишҳое, ки ҳамчун сарчашмаи қиёс дониста мешаванд ҳамаи онҳо барои кашфи ҳақиқат истифода шуда, донишҳои боэътимодро ба вуҷуд меоранд. Чунки илми мантиқ дар заминаи донишҳои боэътимод бунёд ёфта, маҳз ба ин васита, методи далеловарӣ дар шакли дуруст истифода мешавад. Доир ба ин масъала файласуфи узбек М.М. Хайруллаев чунин менависад: «Дар бисёр ҳолатҳо донишҳои боэътимод қиёсҳои боэътимоди тасдиқиро ба вуҷуд меоранд» [197, с. 155].

Мутафаккирон баъд аз таҳқиқи сарчашмаҳое, ки дониши боэътимодро ба вуҷуд меоранд, ба пажуҳиши қиёсҳои истиқроӣ (индуктивӣ) рӯ оварда, бо тақсиму тасниф ин қисмати қиёсро баррасӣ намудаанд. Пеш аз он ки андешаи мутафаккиронро дар ин самт таҳлил намоем, зикри ин нукта муҳим аст, ки ин навъи қиёсро нахустин бор Демокрит таҳқиқ кардааст. Ин файласуфи Юнони бостон аввалин шуда, дар таҳқиқоти фалсафии худ ба истиқроъ рӯ оварда, онро дар шинохт ва корбурди мафҳумҳои фалсафӣ истифода бурдааст. Бо назардошти он ки ӯ методҳои таҷрибавӣ ва қонуни сабаби кофиро тартиб додааст, маҳз, ба ҳамин хотир, аввалин муҳаққиқ дар шинохти қиёсҳо дониста мешавад. Арасту дар баробари дигар қисматҳои илми мантиқ ба истиқроъ таваҷҷуҳи махсус намуда, бешубҳа, онро воситаи асосноккунии муқаддимаи бузурги қиёсҳои шакли аввал медонад. Форобӣ ба ин пайравӣ намуда, андешаи худро илова намуда, ҳастии истиқроъро ба истидлол марбут медонад ва дар ин замина онро воситаи дарёфти маърифат дониста, дар таърифи он менависад: «Истиқроъ ин таҳқиқоти ашёи инфиродӣ, ҳар яке дар алоҳидагӣ, ба як чизи умумӣ дохилшаванда барои тасдиқи ҳақиқати қазия мебошад, ки дар ин робита, тавассути тасдиққунӣ ё инкоркунӣ бароварда мешавад» [2, с. 131].

Чунонки медонем, аз рӯйи сохтори қазияҳои қиёс хулосаи он муайян карда мешавад. Бо назардошти ин, Форобӣ нахустин шуда, хулосабарории индуктивӣ ва дедуктивиро пешниҳод карда, барои дуюмин мисол меорад: «Ҳамаи ҳайвонҳо мирандаанд, инсон ҳайвон аст, пас, инсон мирандааст» [5, с. 209]. Мутафаккир низоми иҷрои амали истиқроъро бар хилофи ин навъ дониста, агар дар иқтибос фикр аз «кул ба ҷузъ равад, дар ин навъи қиёс баръакс фикр аз ҷузъ ба кул» меравад ва тавассути низоми янона қиёс амалӣ карда мешаванд. Масалан: «Ҳар як ҳаракат иборат аст аз роҳгардӣ, шиноварӣ, парвоз ва дигар намудҳои он» ва «Ҳар як роҳгардӣ, шиноварӣ, парвоз ва дигар намудҳо дар замон

мавҷуданд». Аз ин рӯ, натиҷа чунин таркиберо ба вуҷуд меорад, ки тибқи модуси якуми фигураи якум тартиб ёфтааст: «Ҳар як ҳаракат дар замон мавҷуд аст» [11, с. 298].

Баъд аз ин, Форобӣ дар асараш «Китоб андар қиёси хурд», истиқроъро ба ду қисмат – пурра (том) ва нопурра (ғайритом), ҷудо намуда, менависад: «Истиқрои пурра пажуҳиши тамоми навъҳои ашёе мебошад, ки ба мавзуъҳои эҳтимолӣ дохил мешаванд, аммо истиқрои нопурра (ан-ноқис) ин таҳқиқоти бештари навъҳои ашё мебошад» [2, с. 174].

Аз иқтибоси додашуда хулоса кардан мумкин аст, ки истифодаи қиёси истиқроӣ дар раванди ҳаёти иҷтимоӣ манфиатовар буда, бештар баҳри исботи ҳақиқат ба кор бурда мешавад.

Қиёси истиқроӣ дар таълимоти мантиқии Насируддини Тусӣ мавриди таҳқиқи махсус қарор гирифта, аз рӯйи ҳукм ба он қиёсҳои тасдиқию инкорӣ дохил шуда, аз рӯйи сохтор аз ҷузъ ба кул гузаранда дониста мешаванд. Чунончи: «Инсон ва фарас (асп) ва фил ва ҳар ҳайвон, ки чунин бувад, тавил-ул-умр бувад». Маҳз, ҳамин гуна тартиби мисоловарӣ дар истиқроъ дар шакли умумӣ дар назар дошта мешавад ва дигар навъҳо бо тағйир ёфтани истилоҳоти хурду миёна, қисман, мазмунашон дигар мешавад, чун: «Агар ҳадди асғар ва авсат мутабаддил шаванд, аз вазъи табиӣ бигардад ва бар ин сиёқат шавад, ки ҳайвони қалил-ул-мирорат инсон ва фарас ва фил бошад ва эшон тавил-ул-умранд» [25, с. 331].

Мутафаккир дар ин қисмат ба Форобӣ пайравии бевосита намуда, истиқроъро ба том ва ноқис ҷудо кардааст. Ӯ ҳастии истиқрои томро дар ҳастии таркибии қиёс дониста, истиқрои ноқисро вобаста ба ҷузъиёт серистифода медонад. «Дар истиқроъ чунонки ададӣ ҷузвиёте, ки дар таҳти куллӣ бошад, фӣ нафсиламр (дар ҳамон вақт) камтар бувад ва

ададӣ он чи ҳусули ҳукм дар ӯ маълум бошад, бештар бувад, ҳукм мақбултар бувад, чи ба ҳаср наздиктар бувад» [25, с. 333].

Аз гуфтаҳои мутафаккирон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истиқроъ ҳамчун қисмати таркибии илми мантиқ дар муносибатҳои иҷтимоӣ ба кор бурда мешавад ва хулосаи он дар рушди истеҳсолот ба таври мусбат ба кор меравад. Ҳамин аст, ки пешиниён «қавлеро, ки кори он тасҳеҳи раъйе аст, қудамо «қиёс» номидаанд, хоҳ ин қавл дар нафс ҷойгузин бошад, ё бо савт хориҷ шавад» [30, с. 90].

Дуруст аст, ки чун хулосабарории дедуктивӣ дар илм бештар ба кор бурда намешавад, вале доманаи истиқроъ хеле фарох буда, истиқрои том ва ноқис дар тамоми навъҳои қиёс истифода мешаванд. Дар ҳамин радиф, аз рӯйи сохтори мавзуии фасл тамсил (аналогия) низ бояд мавриди таҳлил қарор гирад, вале вобаста ба маҳдудияти фасл онро сарфи назар мекунем. Чунки он дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ зери унвони «Нақши Абурайҳони Берунӣ дар илм ва фалсафаи Шарқ» ин масъала аз ҷониби мо таҳти унвони «Тамсил ва аҳкоми қиёсии он аз нигоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ» [Душанбе (11.10.), 2023. – С.151-158] ба таври муфассал баррасӣ ёфта буд.

Чуноне ки қайд кардем, мутафаккирон дар осори мантиқии худ ба масъалаи қиёс диққати ҷиддӣ додаанд. Агар Форобӣ мафҳум ва таърифи қиёс, инчунин, тақсими онро ба иқтиронӣ ва истисноӣ баррасӣ карда бошад, Хоҷаи Тусӣ дар ин замина, иқтиронӣ ва истисноиро ба сода ва мураккаб ҷудо намуда, бо тавзеҳоти муфассал таҳлил мекунад. Таҳқиқоти онҳо дар шакли ибтидоии худ то замони муосир расидаанд ва ҳатто, мантиқшиносони муосир андешаҳои онҳоро ҳамчун ғояҳои нав пешниҳод менамоянд. Масалан: «Қиёсҳо ба сода ва мураккаб ҷудо мешаванд ва аз ҳамдигар аз лиҳози шакл фарқ доранд. Баъзеҳо бар онанд, ки дар тафаккур истифодаи қиёс вуҷуд надорад. Аммо ин андеша нодуруст аст, зеро дар ҳаёти ҳаррӯза мо зуд-зуд аз қиёсҳо истифода

мебарем, гарчанде ки онҳо на ҳамеша дар шакли пурра ифода меёбанд, чун баъзе қисматҳои онҳо аз назар пинҳон мемонанд» [207, с. 88]. Агар сухан дар бораи зарбҳо равад, Форобӣ вобаста ба шаклҳои қиёс шумораи онҳоро ба шасту чор мерасонад. Хоҷаи Тусӣ бошад, бо такя ба мавзуъоти иқтиронӣ ва истисноии сода ва мураккаб, шумораро то яксаду чиҳилу чаҳор мерасонад. Чунонки маълум аст, аз зарбҳои Форобӣ нуздаҳто натиҷаи дуруст ва чиҳилу панҷто нодуруст мебошанд. Дар кори Насируддини Тусӣ низ, ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад: аз шумораи умумӣ чиҳилу ҳашт дуруст ва наваду шаш нодуруст мебошанд.

Ҳамин тавр, ба хулоса расидан мумкина аст, ки Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар таҳлили масъалаи қиёс ба баррасии ягонагии диалектикии шабоҳат ва тафовут, субъект ва предикат, тасдиқ ва инкор, ҳақиқат ва ботил пардохтаанд. Онҳо на танҳо ба тавзеҳи мақулаҳои асосии мантиқи Арасту, аз ҷумла, қиёс, таваҷҷуҳи махсус додаанд, балки дар асоси он низоми донишҳои мантиқиро густариш бахшидаанд. Аз ҷумла, ба рушди назарияи қиёс таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онро шакли боэътимод ва асосноки хулосабарорӣ донистаанд, ки дар илмҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Форобӣ бар ин назар аст, ки илова бар хулосаҳои мустақим, ки аз як ҳукм ба даст меоянд, дониши дигаре низ вуҷуд дорад. Муҳимтарин натиҷае, ки аз таҳқиқоти мутафаккирон бармеояд, ин аст, ки онҳо бештар ба моҳияти қиёс таваҷҷуҳ карда, изҳор доштаанд, ки дарки дурусти назарияи қиёс ва таҳлили ҳамаҷонибаи он имконияти расидан ба донишҳои наву боэътимодро фароҳам меорад.

Ҳамзамон, таҳлили таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи назарияи қиёс нишон медиҳад, ки ҳар ду мутафаккир тавонистаанд ин мафҳуми бунёдиро на танҳо ҳамчун воситаи мантиқии истихроҷи хулоса, балки ҳамчун василаи маърифат, арзёбӣ ва ташхиси ҳақиқат дар зеҳни инсон матраҳ созанд. Форобӣ бо ҷорӣ намудани

истилоҳоти дақиқ ва таркиби дурусту усулманди қиёс заминаи аслии мантиқшиносии Шарқро гузошт. Тусӣ бошад, бо таҳлили шаклҳо, зарбҳо ва намунаҳои васеи хулосабарорӣ ин низомро ба як дастури амалӣ табдил дод. Ҳар ду бо такя ба манобеи маърифат – аз мақбулоту маҳсусот то машҳуроту мазнунот ва ғайра нишон доданд, ки илми мантиқ на танҳо илми абстрактӣ, балки воситаи таълимӣ, иҷтимоӣ ва фалсафист. Арзиш ва аҳаммияти корҳои онҳо то ба имрӯз боқӣ монда, барои омӯзиши методологияи илм ва рушди тафаккури мантиқӣ дар ҷомеа хеле муҳим аст.

3.3. Вижагиҳои хоси назарияи бурҳон дар таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Илми мантиқ аз замони Арасту то даврони мутафаккирони Шарқ, ба вижа Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ҳамчун воситаи муҳимми тафаккур ва шинохти илмӣ рушд ёфтааст. Дар миёни мақулаҳои асосии илми мантиқ, бурҳон ҳамчун воситаи исботи яқин ва дарки ҳақиқат ҷойгоҳи марказӣ дорад. Арасту таълимоти мантиқии худро бо бурҳон анҷом дод ва ҳамин анъана дар осори мантиқии Форобӣ ва Тусӣ идома ёфт. Гарчанде ки Форобӣ бурҳонро дар рисолаи алоҳида тавзеҳ надодааст, вале дар рисолаи «Ал-қиёс» ва дигар осораш ҷанбаҳои муҳимми онро баррасӣ намудааст. Насируддини Тусӣ бошад, бо тафсили бештар ва тавассути таҳлили методологии амиқ, бурҳонро ҳамчун мафҳуми алоҳида дар китоби «Асос-ул-иқтибос» таҳқиқ намудааст. Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур баррасии ҷойгоҳ, сохтор ва нақши он дар таълимоти ин ду мутафаккир дар назар дошта шуда, таҳлили муқоисавии андешаҳои онҳо ва нишон додани аҳаммиятнокии бурҳон дар ташаккули тафаккури илмӣ мебошад.

Назарияи бурҳон қисми ҷамъбастӣ ва ниҳоии таълимоти мантиқии ҳар як донишманди мантиқшинос маҳсуб меёбад, ки ин анъана аз

асосгузори илми мантиқ – Арасту оғоз ёфтааст. Арасту таълимоти мантиқии худро дар китоби «Аналитикаи дуюм» бо назарияи бурҳон ҷамъбаст намуда, ба он асарҳои «Поэтика» ва «Оид ба раддияи суфастоӣ»-ро низ илова кардааст. Мантиқшиносони баъдӣ ин тартибро ба таври комил риоя намудаанд.

Абунасри Форобӣ оид ба мақулаи мантиқӣ – бурҳон рисолаи махсус таълиф накардааст, вале ин маънои онро надорад, ки ӯ дар таҳқиқоти худ бурҳонро сарфи назар карда бошад. Форобӣ ҷанбаҳои асосии масоили бурҳонро дар рисолаи «Ал-қиёс» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, бурҳонро як навъи қиёс дониста чунин мегӯяд: «Ва анвои саноеъ, ки пас аз такмили он се қисм (мафҳум, қазия ва қиёс – С.Б.) дар равиши ба кор бурдани қиёс мавриди истифода қарор мегиранд, панҷ қисманд: бурҳонӣ, ҷадалӣ, суфистоӣ, хитобӣ ва шеърӣ» [30, с. 93].

Форобӣ ба дурустӣ таъкид мекунад, ки инсон тавассути ҷустуҷӯҳои муқоисавӣ ба илми яқинӣ мерасад. Барои анҷоми бомуваффақияти ин раванд, ӯ бурҳонро ё худ истифода мебарад, ё нисбат ба дигарон ба кор мебарад ва ё худ ба сифати мухотаби шахси дигар баромад мекунад. «Бурҳон дар ҳамаи ин ҳолатҳо ба натиҷаи илми яқинӣ мерасад. Ва он илмест, ки ҳаргиз имкон надорад хилофи он вуҷуд дошта бошад ва инсон наметавонад онро рад кунад, ҳатто, тасаввури имконпазир набудани он низ барои ӯ номумкин аст» [30, с. 94].

Насируддини Тусӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» ба масоили бурҳон мақолае (бахше)-ро таълиф намудааст, ки аз ҳаждаҳ фасл иборат мебошад. Илова бар ин, ӯ чанд мақолаи дигареро чун ҳад, ҷадал ва муғолата вобаста ба робита ва муносибати онҳо бо бурҳон иншо намудааст.

Пеш аз он ки ба таҳлили муқоисавии таълимоти мантиқии ин ду мутафаккири бузург оид ба бурҳон ворид шавем, мебояд аҳаммияти илмии ин мафҳумро тавзеҳ намоем. «Аҳаммияти бунёдии бурҳон барои

рушди тафаккур, хусусан барои ташаккули тафаккури илмӣ, мантиқи шаклиро ба мавзуи муҳимми омӯзиш табдил медиҳад. Илми мантиқ бошад, бо такя ба сохтори категориявии бурҳон, равандҳои фикрронӣ, субот ва рушди қобилиятҳои зеҳниро фаро гирифта, бо дарназардошти чунин хусусият, ба асоснокии фикр мусоидат мекунад ва зеҳнро аз хато муҳофизат менамояд» [44, с. 12]. Инчунин, лозим аст, ки ба нуктае, ки дар боло ишора гардид, равшанӣ андозем. Модоме ки бурҳон, дар маҷмуъ, ба тавсеаи илм ва ташаккули зеҳният мусоидат карда, ҷаҳонбинии моро тақвият мебахшад, омӯзиши он набояд сарфи назар гардад. Донишмандон ва муҳаққиқони Машриқзамин ба омӯзиши ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро афзалиятнок донистаанд ва таъкид намудаанд, ки бурҳон ҳамчун қисмати ҷамъбастӣ ва ниҳоии илми мантиқ шинохта мешавад. Аз ин рӯ, ҳар гуна бурҳон дар шакли қиёс сурат мегирад. Бо вуҷуди ин, на ҳар қиёсро бурҳон номидан мумкин аст. Масалан, қиёсҳои ҷадалӣ, хитобӣ, муғолатӣ, шеърӣ ва умуман қиёсҳое, ки натиҷаи дуруст намедиҳанд, бурҳонӣ нестанд. Танҳо он қиёсҳое бурҳонӣ маҳсуб меёбанд, ки натиҷаи онҳо аз муқаддимаҳои ҳақиқӣ ба даст омада бошад.

Дар таълимоти мантиқӣ ҳамаи қиёсҳо бар пояи қазияҳо сохта мешаванд, зеро ҳам муқаддимаву ҳам натиҷаи қиёс аз қазияҳо иборатанд. Аз ин рӯ, барои дуруст сурат гирифтани қиёси бурҳонӣ, донистани навъҳои қиёсҳо, аз ҷумла, қиёсҳои тасдиқӣ ва инкорӣ, акспазирӣ ва акснапазирӣ, аҳаммияти муҳим доранд. Яке аз усулҳои маъмули санҷиши дурустии қиёс, санҷиши акси қазияҳост. Ҷузъҳои таркибии қазияҳо, ки аз мавзуъ (субъект) ва маҳмул (предикат) иборатанд, дар навбати худ, ба донистани мафҳумҳо вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ, фаҳмиши навъ ва муносибати байни мафҳумҳо, инчунин амалҳои мантиқӣ дар бораи онҳо – таъриф ва тақсим барои таҳқиқи бурҳон ниҳоят зарур мебошад. Ҳамин тариқ, барои дарки дурусти

моҳияти амали мантиқии бурҳон, мо бояд мафҳум, қазия ва қиёсро на танҳо ҳамчун такягоҳ, балки ҳамчун равандҳои ба вуҷудоварандаи бурҳон дар назар дошта бошем. Бо назардошти ин матлаб, зикри андешаи муаллифи китоби «Ал-бурҳон фӣ ал-мантиқ» («Бурҳон андар мантиқ») ба маврид аст, ки дар шарҳи бурҳон чунин мегӯяд: «Бурҳон мақулаи мантиқиест, ки маҳмули он ҳамеша бар мавзуяш зотӣ бошад. Дар ин ҳолат, таҳмилшаванда бар чизе ҳамл гардад, ки он ҳақиқӣ дониста мешавад, на маҷозӣ» [303, с. 111].

Метавон ёдовар шуд, ки мафҳуми бурҳон ҳамчун мақулаи мантиқӣ дар таълимоти мутафаккирони Шарқ – Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҷойгоҳи хосаро ишғол намуда, ҳамчун мавзуи ин соҳа мусоиди равандҳои тафаккурӣ маҳсуб мешавад. Маҳз, ба ҳамин хотир, мавзуи таҳқиқ қарор гирифтааст.

Абунасри Форобӣ ба омӯзиш ва пажуҳиши масъалаи бурҳон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, дар оғози рисолаи худ «Ал-қиёс» таъкид менамояд, ки мақсад дорад навъҳои гуногуни гуфторро номбар намояд. Ӯ сабаби ин амалро чунин шарҳ медиҳад: тавассути ин навъҳои гуфтор дар тамоми санъати фикрӣ ҳақиқати ашёи матлуб собит мегардад ва барои тасдиқ ё радди баъзе мавридҳо истифода мешавад. Ҳамчунин, Форобӣ мекӯшад нишон диҳад, ки ин гуфтор аз куҷо сарчашма мегиранд ва чаро дар як ҷо гирдоварӣ мешаванд. «Ӯ онҳоро «қиёс» меномад, ки дар гуфтугӯйи роиҷ ба сифати «далел» шинохта мешаванд» [415, с. 56]. Бо ин мақсад, Форобӣ навъҳои гуногуни қазияҳо ва амалҳои мантиқӣ оид ба онҳоро мавриди таҳқиқ қарор дода, сипас қиёсҳо ва навъҳои онҳоро, аз ҷумла натиҷагириҳои эҳтимолӣ, ба монанди истиқроъ (индуксия) ва тамсил (аналогия), таҳлил намудааст. Азбаски бурҳон тавассути қиёси дуруст ташаккул меёбад, дуруст ё нодуруст будани он тавассути муқоиса бо шакли якуми қиёс муайян мегардад. Вале ин раванд, амали акси муқаддимаҳоро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, Форобӣ

ба масъалаи акси қазияҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Ҳангоми таҳқиқи ин масъала ӯ таъкид мекунад, ки «қазияҳо аз рӯйи тавсифи миқдориашон ба қазияҳои аксшаванда ва акснашаванда тақсим мешаванд» [294, с. 54].

Форобӣ, дар пайравӣ аз Арасту, гурӯҳе аз қазияҳоро ҳамчун қазияҳои аксшаванда муайян намудааст, ки дар онҳо шакл ва мазмун ҳангоми амалияи акс (инверссия) аз рӯйи миқдор (куллӣ ё ҷузъӣ), сифат (тасдиқӣ ё инкорӣ) ва ҳаққоният (ҳақ ё дурӯғ) тағйир намепазиранд. Ба ин гурӯҳ қазияҳои куллии инкорӣ ва ҷузъии тасдиқӣ дохил мешаванд. Масалан, қазияи куллии инкории «ҳеҷ як инсон санг нест» ба қазияи «ҳеҷ як санг инсон нест» акс меёбад ва қазияи ҷузъии тасдиқии «баъзе аз ҳайвонҳо сафед мешаванд» ба қазияи «баъзе сафедҳо ҳайвонанд» акс мешавад. Дар ҳарду ҳолат, акс дуруст ва тартибии мантиқӣ риоя гардидааст. Дар мавриди қазияҳое, ки ҳангоми акс миқдори онҳо тағйир меёбад, Форобӣ мисоли қазияи куллии тасдиқиро меорад. Масалан, қазияи «ҳамаи одамон ҳайвонанд» ба қазияи «баъзе аз ҳайвонҳо одамонанд» [11, с. 162], акс мешавад. Чунонки дида мешавад, қазияи куллии тасдиқӣ ба қазияи ҷузъии тасдиқӣ табдил ёфтааст. Аммо мутафаккир дар бораи акси қазияи ҷузъии инкорӣ изҳори назар накардааст. Ҳол он ки чунин қазияҳо дар амалия акснашавандаанд. Масалан, қазияи «баъзе одамон нависанда намебошанд» ба қазияи «баъзе нависандагон одам намебошанд» акс меёбад, ки дар он натиҷа хато ва маъноях нофаҳмо мешавад. Тавре қаблан, ишора шуд, Насируддини Тусӣ низ дар таҳлили мантиқии худ ба масъалаи акс таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Ӯ дар асари худ «Асос-ул-иқтибос», тамоми масъалаҳои мантиқиро бо таҳлили амиқ баррасӣ намуда, амали мантиқии аксро низ муфассал шарҳ додааст. Тусӣ бахши сеюми китобро, ки «Дар иборот ва ғараз аз ин мабоҳис ақвоми ҷозима аст ва онро Бориарминиёс хонанд» ном дорад, ба таҳқиқи ҳама навъҳои қазияҳо, аз

ҷумла, қазияҳои ҳамлӣ, шартии муттасила, шартии мунфасила ва дигар навъҳо ихтисос додааст. Ба вижа, дар фасли нуҳуми фанни дуюми ҳамин мақола, ки ба таърифи акс ва баёни акси муставо дар қазияҳои модалӣ навиштааст: «Дар урфи ин саноат (мантиқ – Б.С.) «акс» он бувад, ки маҳмули қазия мавзуъ кунанд ва мавзуяш маҳмул ё маҳмули мавзуъ, ё муқобили мавзуи маҳмул, ба шарти он, ки кайфияту сидқ бар ҳоли худ бимонад ва каммияту ҷиҳат бар ҳоли худ шарт набошад. Ва агар хоҳем, ки таърифи қазоёи шартиро низ шомил бувад, ба ҷойи мавзуъ маҳкум-ун-алайҳ гӯем, ба ҷойи маҳмул маҳкум-ун-биҳӣ» [25, с. 158].

Аз таҳлилҳои боло маълум мегардад, ки ҳангоми амали акс сифати қазия тағйир намеёбад: қазияи тасдиқӣ ба тасдиқӣ ва қазияи инкорӣ ба инкорӣ акс меёбад. Ҳамчунин, ҳаққонияти қазия низ ҳифз мешавад: қазияи ҳақ боқӣ мемонад ва қазияи дурӯғ низ. Аммо каммият (миқдор) ва модалияти қазия (ҷиҳати зарурият, имконият ва ғайра) метавонанд дар ҷараёни акс тағйир ёбанд. Агар Форобӣ танҳо ба акси қазияҳои содаи ҳамлӣ иктифо намуда бошад, Насируддини Тусӣ тамоми навъҳои қазияҳоро – аз ҷумла, ҳамлӣ, шартии муттасила ва шартии мунфасиларо мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Бо вуҷуди ин, ин нукта набояд чунин тафсир шавад, ки гӯё Тусӣ дар илми мантиқ аз Форобӣ пеш гузашта бошад. Аввалан, Тусӣ чандин сада пас аз Форобӣ зиндагӣ кардааст ва дар давраи ӯ таълифоти бузургони дигар, аз ҷумла, Ибни Сино ва Фахриддини Розӣ дастрас буданд, ки таҷрибаи илмиро густариш дода буданд. Аз ҳама муҳимтар, Форобӣ аввалин мантиқшиноси кишварҳои Машриқзамин маҳсуб меёбад ва саҳми ӯ дар таъсис ва ташаккули илми мантиқ дар ҷаҳони исломӣ хеле барҷаста ва таърихист.

Дар заминаи таълифоти Арасту ва ба таври махсус таълимоти Форобӣ, Насируддини Тусӣ ду навъи аксро ҷудо карда, аввалиро «акси муставо» ва дуюмашро «акси нақиз» номгузорӣ намудааст. Хоҷаи Тусӣ

таъкид кардааст, ки «акси муставо» ҳамчун муқаддима барои сохти баъзе қиёсҳо истифода мешавад. Баъзе мантиқшиносони баъдӣ, бо дарназардошти он ки ин баҳс бештар ба қазияҳои муфрад (ҳамлӣ) марбут аст, онро дар боби алоҳида тавзеҳ додаанд. Аз андешаҳои ҷолиби Тусӣ он аст, ки ба ақидаи ӯ қазияи солибаи куллӣ (қазияи куллии манфӣ) дар баъзе ҳолатҳо мунъакис мешавад ва акси он низ қазияи солибаи куллӣ боқӣ мемонад. Агар бархе ҳолатҳо қазия мунъакис нашавад, инро ба холигии ҳаҷми мафҳуми мавзуъ нисбат додан мумкин аст. Аммо Тусӣ таъкид мекунад, ки қазияи солибаи ҷузъӣ, яъне қазияи ҷузъии манфӣ, акснашаванда мебошад.

Тавре қаблан ишора шуд, Форобӣ мавзуи «бурҳон»-ро дар рисолаҳои махсус ё фаслҳои ҷудогонаи таълимоти мантиқии худ мавриди таҳқиқ қарор надодааст. Дар рисолаи «Ал-қиёс»-и худ, ӯ назарияи бурҳонро бар асоси суннати арастуӣ тавзеҳ медиҳад. Ҳангоми таҳлили модусҳои шакли аввали қиёси содаи қатъӣ, Форобӣ таъкид мекунад, ки чаҳор модус (зуруб) ба сифати модусҳои натиҷабахш шинохта мешаванд, зеро онҳо яқинии муқаддамот ва натиҷаро таъмин мекунанд ва ниёз ба далелҳои иловагӣ надоранд. Ин гуна қиёсҳоро ӯ қиёсҳои мукаммал меномад. Баръакс, «қиёсҳое, ки барои исботи яқинии худ ба далелҳои иловагӣ ниёз доранд, қиёсҳои номукаммаланд. Аз ин рӯ, барои гирифтани натиҷаи дуруст аз қиёсҳои номукаммал, онҳоро бояд ба қиёсҳои мукаммал табдил дод» [11, с. 273-272].

Маълум мешавад, ки фақат чаҳор модуси шакли аввал (Barbara, Darii, Celarent, Ferio) мукаммал ва худ ба худ аён мебошанд. Чунки тавассути шакли аввал ҳар яке аз чаҳор навъҳои қазияро исбот кардан мумкин мебошад. Ҳамаи шаклҳои боқимондаи қиёс тақозо менамояд, ки онҳо ба ин ё он модуси шакли аввал табдил дода шаванд. Чунин фикр ба андешаи Арасту пурра мувофиқ аст, зеро ӯ шакли аввалро эътимодноктарин шакли бурҳон ҳисоб мекард. Барои тасдиқи фикри дар

боло баёншуда, яъне исботи дурустии модусҳои шакли дуюм тавассути шакли аввали қиёс ва чӣ тавр истифода бурдани амали акси қазияҳо андешаи Форобиро аз назар мегузаронем. Шояд аз мо бипурсанд, ки Форобӣ чӣ хел модусҳои шакли дуюмро тавассути акс ба шакли якум гардонидааст? Барои ба саволи мазкур ҷавоб гардонидан ба рисолаи «Ал-қиёс»-и мутафаккир муроҷиат менамоем. Ӯ оид ба модуси сеюми шакли дуюм навиштааст: «В ба ҳеҷ як А дохил нест» ва «В дохил аст ба баъзе С», пас, «А ба баъзеи С дохил нест» ё ки «А на ба ҳамаи С дохил аст», чунки (муқаддимаи) куллии инкорӣ ҳангоми акс намуди зеринро мегирад: «А ба ягон В дохил нест», лекин «В ба баъзеи С дохил аст» [11, с. 275].

Ҳамин тариқ, маълум шуд, ки чӣ хел модуси сеюми шакли дуюми қиёс ба модуси чаҳоруми шакли якум (Ferio) табдил ёфт. Форобӣ ба модуси сеюми шакли дуюми қиёс чунин мисол овардааст: «Ҳеҷ як санг – ҳайвон нест ва баъзе ҷисмҳо ҳайвонанд, пас, баъзе ҷисмҳо санг нестанд» [11, с. 275].

Форобӣ ҳангоми исботи модусҳои шакли дуюм ва сеюм бештар аз усули акси муқаддимаҳо истифода бурдааст. Бо таваҷҷуҳ ба мантиқ ва методологияи таълимоти ӯ, акси муқаддимаҳо яке аз роҳҳои асосии табдили қиёс ба шакли аввал ва таъмини дурустии натиҷа мебошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки Форобӣ танҳо ба ин усул маҳдуд шудааст. Дар баробари амали акс, барои исботи баъзе аз модусҳои шакли дуюм ва сеюм ӯ аз усулҳои дигар, ба монанди:

- исботи хулф (ё худ исботи баръакс);
- ба абсурд расонидан (бо нишон додани бемаънигии фарзҳои мухолиф);
- муҳокимаронӣ (тартиби мантиқии андешаҳо барои ҳосил кардани хулосаи дуруст);
- ҷудокунӣ (тақсими мафҳумҳо ва таҳлили онҳо) ва ғайраҳо низ истифода бурдааст.

Масалан, исботи модуси шашуми шакли сеюми қиёс чунин сурат гирифтааст: «А ба баъзеи В дохил нест», лекин «С ба ҳамаи В дохил аст», пас, «А баъзе С дохил нест». Қиёси мазкур тавассути акси муқаддимаҳо ба шакли якум оварда намешавад, лекин тавассути муҳокимаронии зерин онро ба модуси дуюми ҳамин шакл овардан мумкин аст. Азбаски баъзе В дар А инкор шудаанд, пас, А ҳамаи он баъзеҳоро инкор мекунад. Бигзор ин баъзеҳо Д бошанд. Пас, «С ба ҳама гуна В дохил мешавад» ва дар айни ҳол «С ба ҳамаи Д дохил аст». Аз ин ҷо бармеояд, ки «А ба ҳеҷ як Д дохил нест», лекин «С ба ҳамаи Д дохил аст», яъне қиёс ба худ намуди модуси дуюми шакли якумро гирифт.

Агар гуфтаҳои болоро ба он тартиб, ки одатан, дар аксарияти ҳолатҳо истифода мешавад, гузорем, он гоҳ дар модуси якум қиёс шакли зеринро мегирад: ««Ҳамаи В-ҳо – А мебошанд» ва «ҳамаи В-ҳо – С ҳастанд», пас, «баъзеи С-ҳо – А мешаванд», чунки ҳангоми суғро (модуси мукаммали хурд) қиёс маънои зеринро мегирад: «баъзе С-ҳо – В аст» ва «ҳамаи В-ҳо – А мебошанд», пас, «баъзе С-ҳо – А ҳастанд». Қиёси мазкурро чунин навиштан мумкин:

Баъзе С-ҳо – В аст

Ҳамаи В-ҳо – А аст

Баъзе С-ҳо А аст.

Ҳамин тариқ, қиёс ба худ намуди модуси дуюми шакли аввалро гирифт» [11, с. 282].

Дар ин ҷо Форобӣ барои исботи модуси шашуми шакли сеюм (Baroko) усули «ҷудокунӣ»-ро истифода бурда, он баъзеҳоро ба Д ишора кардааст. Арасту бошад, барои исботи модуси мазкур усули ба абсурд (бемаъногӣ, сафсата) бурда расониданро истифода бурдааст.

Насируддини Тусӣ бошад, дар китоби «Асос-ул-иқтибос»-и хеш бурҳонро дар раддабандӣ бахшҳои мантиқӣ дар қисмати панҷум – мақолаи панҷум ҷой додааст. Дар таъбири ӯ «бурҳон», ки онро

«Аналитикаи дуюм» мехонанд, бар ду қисмат ё фан тақсим шуда, якуминашро «бурҳон» ва дуюминашро «ҳад» меномад. Фанни аввал бурҳон, ки ба тасдиқоти яқинӣ равона шудааст, ҳаждаҳ фаслро дар бар мегирад. Қисмати дуюми мақолаи панҷум ба тасаввуроти том бахшида шуда, аз дувоздаҳ фасл иборат аст, ки онро ҳад номгузорӣ кардааст. Мантиқшиноси тоҷик мавзуи «бурҳон»-ро ба тасаввурӣ ва тасдиқӣ ҷудо карда, тасаввуриро ба ҳад ва тасдиқиро ба бурҳон марбут донистааст, ки дар ин ҷо мавзуи бурҳони тасдиқӣ мавзуи баррасии таҳлили мо хоҳад шуд. Мувофиқи пайгириҳои машшоиёни Шарқ, ки аз Муаллими аввал доштанд, бо маротиб, чун дуру наздик аз яқин, ҳамчунин, бузургию заифӣ дар шуҳрат, Насируддини Тусӣ дар ин пайравӣ бурҳонро чунин таъриф кардааст: «Агар иктисоби тасдиқ ба воситаи қавли ҷозима бошад, пас, ҳар қавли ҷозима, ки муфиду яқин бувад ба зот, онро «бурҳон» хонанд» [25, с. 342].

Мутафаккир дар идомаи сухан таъкид кардааст, ки ҳар чизе, ки аз диди умумӣ муфид бошад, «ҷадал», ҳар чизе, ки муфиди эътиқоди қавли ҷозимаи ғайри мутобиқ бошад, «муғолата», ҳар чизе, ки муфиди эътиқоди ғайри ҷозима бошад, «хитоба» ва ниҳоят ҳар чизе, ки муфиди тахайюл бошад, «шеър» номида мешавад. Пай бурдан душвор нест, ки Тусӣ қавлҳои ҷозимаеро, ки дар донишҳои илмӣ ва баҳсу мунозираҳо истифода мешаванд, ба панҷ қисмат тақсим кардааст. Дар илми мантиқ онҳоро саноати панҷгона меноманд, ки ба панҷ асари Арасту: «Ал-қиёс», «Ҷадал», «Хитоба», «Муғолата» ё «Суфистиқо» ва «Шеър» ё худ «Поэтика» мувофиқат мекунанд. Ин қисматҳо дар мероси мантиқии Форобӣ низ ба шаклҳои гуногун баён ёфтаанд. Барои дарк ва шинохти ҳар як илм равиш ва принсипҳои муайян бо қолабҳои мушаххас лозим шумурда шудааст. Ба андешаи мутафаккир, илми андӯхташуда, хоҳ иктисобӣ бошад ва хоҳ ғайрииктисобӣ, бар ду қисм тақсим мешавад – «тасаввур» ва «тасдиқ». Тасаввур ба воситаи фикр аз бар карда мешавад

ва он ё яқинӣ аст ё ғайрияқинӣ. Тасдиқи яқинӣ бошад, ба воситаи қиёс ҳосил мегардад ва агар чунин бошад, натиҷаи он низ бояд яқинӣ бошад. Ба андешаи Хоҷаи Тусӣ ду навъи дигари истидлол – «истиқроъ» ва «тамсил» дар алоҳидагӣ муфиди яқин нестанд. «Албатта, истиқрои том муттако бар қиёси муқассим аст ва ифодаи яқин мекунад, аммо истиқрои ноқис фақад муттако бар мушоҳида аст ва бинобар ин, муфиди зан (гумон) аст, на яқин» [25, с. 332].

Хоҷаи Тусӣ дар фасли понздаҳуми мақолаи ба мавзуи бурҳон бахшидашудаи худ се ҷузъи таркибии дониши бурҳониро чунин баён кардааст: «Ҳар илмеро се чиз бувад, «мавзуъ», «мабодеъ» ва «масоил». Мавзуи илм чунин бувад, ки илм муштамил бар баҳс аз аърози зотии ӯ бувад. Мабодии илм қазоёе бувад, ки бароҳини он илм муаллаф аз он қазоё бошад. Масоил он қазоё бувад, ки дар он илм бурҳон бар он гӯянд ва илм муштамил бар он бароҳин бошад» [25, с. 393].

Насируддини Тусӣ ҳамеша бурҳонро аз вуҷуди қиёс дониста, борҳо таъкид кардааст, ки: «Ҳар қисми муштамил бар аснофи бисёру тааллуми саноати муфрад бошад. Аммо, ба ҳасби суратҳо агар бурҳонӣ бошад, қиёс бувад ва агар наздик ба он ё шабеҳ бувад истиқроъ ё тамсил бувад» [25, с. 342].

Аз гуфтаҳои боло чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мутафаккир, ҳарчанд дар масоили қиёс ва бурҳон пайр3ави Арасту бошад ҳам, ба назар мерасад, ки ӯ нуқтаҳои асосии таълимоти Форобиро оид ба қиёс ва бурҳон дар зинаи баландтар васеъ карда, инкишоф додааст. Албатта, нуқтаҳое, ки ӯ нисбат ба қиёс ва бурҳон баррасӣ намудааст, фақат дар шакли мухтасар дар рисолаи «Ал-қиёс»-и Форобӣ мавҷуданд. Қобили зикр аст, ки пас аз Форобӣ, Ибни Сино буд, ки бо осори бузургҳаҷм ва ба тамоми ҷанбаҳои илми мантиқ бахшидааш, аз назари Насируддини Тусӣ дур намонд.

Хоҷаи Тусӣ борҳо таъкид намудааст, ки фақат тавассути қиёси бурҳонӣ ва ба тариқи иктисобӣ дар илмҳо мақоми махсус пайдо кардан мумкин аст, зеро танҳо тавассути чунин қиёсҳо донишҳои ҳақиқӣ ҳосил мегарданд. Ӯ таносуби байни қиёс ва бурҳонро мисли таносуби кул ва ҷузъ баён намуда, гуфтааст, ки қиёс омтар аз бурҳон аст. Бинобар ин, ҳар бурҳон ба ҳайати қиёс дохил мешавад, аммо на ҳар қиёс бурҳон шуда метавонад. Мисли он ки дар воқеият инсон кӯшиш менамояд, ки кулро дарк намояд, зеро моҳияти ашё тавассути донистани кул ошкор мегардад ва кулро бо ақл дарк мекунанд, дар ҳоле ки ҷузъро бо ҳиссиёт мешиносанд. Аз ҳамин сабаб, қиёс назар ба бурҳон омтар аст, зеро фақат қиёси бурҳонӣ бурҳон шуда метавонад, дар ҳоле ки қиёсҳои боқимонда – ҷадалӣ, хитобӣ, муғолатавӣ (суфастоӣ) ва шеърӣ – на ҳамеша дониши ҳақиқӣ медиҳанд ва аз ин рӯ, бурҳон шуда наметавонанд.

Дар муқоиса бо саноати чаҳоргона (ҷадал, хитоба, муғолата ва шеър), ки бо эътибори мавод аз бурҳон омтаранд, Насируддини Тусӣ мегӯяд: «Бурҳон бар онҳо бо чанд ваҷҳе муқаддамтар аст. Он чӣ бурҳон бар зот матлуб аст, дигарон ба араз. Он чӣ бурҳон бар ҳасби шахс нофеъ аст, ҳам ба ҳасби навъ ва дигар саноатҳо танҳо ба ҳасби мушоракатҳои навъанд. Хитоба ва шеър мутааллиқ ба матолиби ҷузъиянд бар хилофи бурҳон. Муғолата ва ҷадал ҳарчанд мутааллиқанд бар матолиби куллӣ, аммо муғолата ба зот нофеъ нест, балки манфиати ӯ аз он ваҷҳ аст, ки аз ӯ эътироз кунанд ва ин ба араз бошад» [25, с. 343]. Барои ҳамин мутафаккир мақсад гузоштааст, ки мавзуи бурҳонро ҳаматарафа пурраю васеъ мавриди баррасию таҳқиқ қарор диҳад.

Яке аз масоиле, ки Насируддини Тусӣ дар фанни «Бурҳон» ба он диққати махсус додааст, масъалаи асос ё муқаддимаҳои қиёс мебошад. Чӣ тавре ки таъкид шуд, ҳар гуна бурҳон дар шакли қиёси бурҳонӣ, яъне қиёси дуруст сурат мегирад. Ба ақидаи ӯ, дар бурҳон шонздаҳ муқаддама вуҷуд дорад, ки онҳоро асоси қиёсҳо меноманд. Аз ҷумла, маҳсусот,

муҷарраб от, мутаваттирот, аввалиёт, ҳадсиёт ва қазияҳое, ки қиёсоти он қазияҳои бунёдӣ мебошанд (масалан, тасдиқи он ки «ду нима чаҳор аст»). Ин шаш мабдаъ ҳамчун мабодии қиёси бурҳонӣ шинохта мешаванд ва онҳоро «ал-воҷиб қабулуҳо» (ҳатмиёт) меноманд. Даҳтои боқимонда инҳоянд: ваҳмиёт, мушаббаҳот, машҳуроти ҳақиқии мутлақ, машҳуроти маҳдуд, вазъиёт – қазияҳое, ки шахси муайян тасмим кардааст (се мабодии охирро мабоди қиёси ҷадалӣ меноманд), мусалламот – қазияҳое, ки таълимгиранда дар раванди таълим онҳоро қабул мекунад, мақбулот, машҳуроти зоҳирӣ, мазнунот ва мухайялот.

Абунасри Форобӣ дар рисолаи «Фаслҳои муқаддимавии мантиқ» таъкид намудааст, ки ашёи даркшаванда ду навъанд: баъзеи онҳоро бидуни далел, фикру андеша, мулоҳиза ва муҳокима аз бар кардан мумкин нест, дар ҳоле ки барои донистани баъзе ашёи дигар андеша, фикрронӣ ва далелҳо хеле заруранд. Ӯ, ҳамчунин, таъкид намудааст, ки нуктаҳо ё умуре, ки бо фикр ва далел дониста мешаванд, ба чор навъ тақсим мешаванд: «Мақбулот, машҳурот, маҳсусот ва ал-мақулот ал-куллийа ал-уло (ақлпазирандаҳои куллии аввал – Б.С.)» [11, с. 103]. Ин шумори муқаддимотиро Ибни Сино густариш дода, ба сездаҳ расонида, аснофи бунёдии онҳоро мавриди баррасӣ қарор дода бошад, чунончи қаблан зикр намудем, дар таълимоти мантиқии Насируддини Тусӣ миқдори онҳо ба шонздаҳ расида шудааст.

Дар ин ҷо Форобӣ таснифи чортарафаи мақулаи маърифатии «Қазияҳои маълум»-ро додааст, ки онҳоро тавассути қиёс пайдо кардан мумкин нест. Қобили тазаккур аст, ки Форобӣ дар масъалаи аввалиёт ё қазияҳои бунёдии қиёсҳо пурра андешаи Арастуро, ки дар китоби «Аналитикаи аввал» сабт шудааст, пайравӣ кардааст.

Дар китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насиррудцини Тусӣ, маводи панҷ навъи қиёс – бурҳонӣ, ҷадалӣ, хитобӣ, муғолата ва шеърӣ табақабандӣ шудаанд. Нахуст тахайюл зикр шудааст, зеро он такягоҳ ва дурнамои

шеър аст ва шеър аз ҳама қисматҳо оммавитар мебошад. Дуюм тарҷеҳ аст, ки маводи хитоба ҳисобида мешавад. Сеюм тарвиҷ аст, ки маводи муғолата дониста мешавад. Чаҳорум тақсим аст, ки ба маводи ҷадалиёт мансуб аст ва ниҳоят бурҳон, ки амали он дар асоси маводи бурҳонӣ анҷом мегирад. Ба андешаи мутафаккир, маводи бурҳонӣ нисбат ба аснофи чаҳоргонаи дигар (хитоба, ҷадал, муғолата ва шеър) хос мебошад, зеро дар қиёси бурҳонӣ, тибқи таъбири Арасту – «қиёси илмӣ», истифодаи маводи ҳеҷ кадоме аз қиёсҳои чаҳоргона ҷоиз нест. Бо дарназардошти ин фикру мулоҳизаҳои Муаллими аввал ва машшоиёни шарқӣ нисбат ба маводи санъати панҷгона (бурҳон, шеър, ҷадал, муғолата, хитоба), Тусӣ, розӣ нашуда, онҳоро зери танқиди илмӣ қарор додааст: «Маводи бурҳон содиқ бувад ва маводи шеър ҷумла козиб ва маводи ҷадал ва муғолата ва хитобат омехта, аммо сидқ дар ҷадал аксаре ва дар муғолата ақалле ва дар хитобат мутасовӣ аз таҳқиқ дур аст. Ин ҳукм ҷуз дар бурҳон содиқ нест. Ва ҳамчунин, он чӣ гуфтаанд, маводи бурҳон аз воҷибот ва маводи муғолата аз мумтанеот ва маводи се синфи дигар аз мумкиноти аксарӣ ва ақаллӣ ва мутасовӣ... ҳам аз таҳқиқ дур аст ва аслан содиқ нест» [25, с. 350].

Ба ин масъала Насируддини Тусӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои тақвияти фикри худ ва радди фикри пешиниён пажуҳиши худро давом дода, чунин мегӯяд: «Агар онҳо хоҳанд, ки нисбат ба мабодии қиёсоти панҷгона сухан гӯянд, бояд дар хотир дошта бошанд, ки ҳар қазияе, ки мабдаи аввали қиёсе бошад ё тасдиқро, ё тахайюлро тақозо намояд ва ё ин ки ҳеҷ кадоми онҳоро тақозо накунад» [25, с. 352].

Агар ба таълифоти Насируддини Тусӣ жарфтар таваҷҷуҳ намоем, ӯро яке аз маҳбубтарин шогирдони Форобӣ ва Ибни Сино мешуморем. Чунонки дар боло мушоҳида шуд, ӯ танҳо барои устуворӣ ва пойдории ҳақиқат фикри онҳоро рад намуда, дилхоҳ масъалагузориро бо андешаи худ тақвият мебахшад. Ҳамин тавр, хулоса аз назари ӯ чунин аст, ки қиёс

бидуни истифодаи ягон саноати панҷгона вазифаи худро дуруст иҷро карда наметавонад. Агар муқаддимаҳои қиёс тасдиқӣ бошанд, пас метавонанд қазияи ҷозим бошанд; ҷозим бошад, ё «зарурӣ» ё «ғайризарурӣ» мешавад. Зарурӣ бошад ё зоҳирӣ ё ғайризоҳирӣ мегардад. Агар зоҳирӣ ба ҷинс шинохта шавад, он гоҳ, маҳсусот дониста мешавад. Ҳангоми иштироки амри хориҷӣ, дар он тағйирот ба вуҷуд омада, мутавотирот хонда мешавад. Ба ҳамин тартиб, агар иштироки асари ғайрихориҷӣ дида шавад, он ба муҷарработ табдил меёбад ва ғайра. Ҳамин тавр, ҳар кадоме аз онҳо яке аз шонздаҳ аснофи мабодии қиёсиро дар худ ҷазм мекунанд.

Насируддини Тусӣ низоми коромади муқаддамоти бурҳониро низ ба ҳамин тартиб дониста, асоси онҳоро ба шаш шарт вобаста медонад ва таъкид менамояд, ки дар сурати риоя нашудани ин шартҳо ғалатҳои мантиқӣ ба вуҷуд меоянд. Дар таълифоти мантиқии ӯ ин шартҳо чунин баён шудаанд: яқин ва сидқ дошта бошанд; бар натиҷаҳо муқаддам бошанд; дар ақл низ нисбат ба замон муқаддам бошанд; ба ақл маълум, яъне назар ба натиҷаҳо возеҳтар ва яқинтар бошанд; бар натиҷаҳо муносиб бошанд; ва авоили бароҳин бар он муқаддамот ҳам пешсаф ва ҳам маълум бошанд. Насируддини Тусӣ, натиҷаи шартии ин матлабро тақвият бахшида, фикрашро чунин баён кардааст: «Бибояд донист, ки ақдам фӣ нафс-ул-амр (муқаддамтар дар худи ҳамон амр – С.Б.) дигар бувад ва нисбат ба мо дигар. Ва аввал ақдам ба табъ бувад ва аз ақдам ба нисбат ба мо ақдам бо ҳасби ақли мо дигар бувад ва ба ҳасби ҳисси мо дигар ... Ақдаму аъраф ба наздики мо он чи собиқ бувад дар идроки ақлӣ ё ҳиссӣ ба зот аст, пас, чун эътибори аҷносу анвоъ кунанд, ба ҳасби табъи аҷнос ақдам бувад, то рафъаш муқтазои рафъи анвоъ бувад» [25, с. 378].

Вобаста ба замон ва ташаккули зеҳнияти инсонӣ, ҳар як самти иҷтимоиёт ва соҳаи илмӣ аз рӯйи алоқамандиҳо ва заминаҳои

фароҳамсоз рушд мекунад. Заминасозӣ ва ташаккули илми мантиқ низ дар Шарқ аз ин падидаҳо орӣ набудааст. Яъне, дар асрҳои IX-X ин илм то дараҷае рушд ёфт, Форобӣ онро фаро гирифта буд ва дониши ӯ, маҳз, дар ҳамин сатҳ (сатҳи олии замона) оид ба қиёс ва бурҳон ташаккул ёфт. Дар таълифоти мантиқии ӯ, ки қаблан зикр гардид, мақулаи бурҳон ҳамчун ҷузъи таркибии қиёс тартиб ёфта, ҳамчун категорияи алоҳидаи мантиқӣ баррасӣ нашудааст. Бинобар ин, дар ин фасл, ҳар ҷойе, ки аз диди Форобӣ қиёс гуфта ва матлаберо бо мисоловарӣ матраҳ кардан хоҳем, бурҳон дар назар дошта мешавад. Барои тақвияти гуфтор метавон таъбири Форобиро овард, ки қиёсро чунин мефаҳмонад: «Қиёс – қавлест, ки зиёда аз як муқаддима мураттаб шуда, аз иқтирони моҳияти онҳо танҳо ба зарурат натиҷа ба даст меояд» [11, с. 264].

Ба ин масъала Насируддини Тусӣ бо нигоҳи нав рӯ оварда, бурҳонро на дар таркиби қиёс, балки алоҳида дар фасли панҷуми китобаш, ки онро ба зикри бурҳон ва ақсоми он ихтисос додааст, баён менамояд: «Бурҳон қиёсест, ки аз муқаддимаҳои ҳақ муаллаф буда, аз он моҳиятан ва бо зарурат ҳамеша натиҷаи ҳақ бармеояд. Яъне ҳар гуна бурҳон дар шакли қиёси дуруст сурат мегирад» [25, с. 342].

Агар ба мазмуни таърифоти додашудаи мутафаккирон диққат диҳем, маълум мешавад, ки таърифот, шаклан, аз ҳам фарқ дошта бошанд ҳам, вале моҳият ва муҳтавои онҳо якхела буда, танҳо таъсири вобастагиҳои замонӣ дар онҳо мушоҳида мешавад.

Чун сухан то моҳият ва муҳтаво расид, бояд қайд намоем, ки таркиби қиёси бурҳонӣ ҳамеша аз яқиниёт, яъне ҳақ натиҷагирӣ мешавад ва он дар навбати аввал бо «зарурӣ» ва «ғайризарурӣ», «доимӣ» ва «ғайридоимӣ» тақсим мешавад. Муаллифи китоби «Асос-ул-иқтибос» ин тақсимбандиро чунин шарҳ додааст: «Агар на ба зарурат бошад, тасдиқи аввали ин матлуб, ҳарчанд ки он муқорини ҳукм аст, ба имтинои нақизаш ҷозим бошад. Аммо яқинӣ набувад, чи ин муқоринат ва воҷиб

нест фӣ нафс-ул-амр. Пас, яқин тасдиқӣ аст зарурӣ ё ғайризарурӣ муқорини тасдиқи дигар. Ба он ки вуқуи тасдиқи аввал бар он ваҷҳ, ки ҳаст зарурист. Ҳар чи зарурӣ бувад доимӣ бувад, пас, тасдиқи дуюм дар он чи яқинӣ бошад, доим бувад. Аммо тасдиқи аввал, ки доим ва ғайридоим метавонад бувад, агар мутааллиқ бошад ба вақти муайян, монанди ҳукми «Имрӯз Шамс мункасиф (гирифтани Офтоб) аст», чи ин ҳукм дар ғайри ин вақт содиқ набувад, онро яқини муваққат ва мутағайир хонанд. Агар мутааллиқ набошад ба таъини вақт, монанди ҳукм ба он ки «Шамс дар баъзе авқоти муайян мункасиф бошад», чи ин ҳукм ҳамеша содиқ бувад, онро яқини мутлақи доим хонанд» [25, с. 361].

Бар асоси қисматҳои зикршуда, барои дарки комили матлаб, мутафаккир ҳадди миёнаро сабаби дарки вуҷуди ҳукм мешуморад. Ба андешаи ӯ, ҳадди миёна на танҳо сабаби пайдоиши ҳукм аст, балки дар зеҳн низ заминаи баррасии ҳукмҳо мебошад.

Мантиқшиноси тоҷик барои амиқтар фаҳмидани мақулаи бурҳон ва такмили он қисматҳои тақвиятдиҳандаро, аз ҷумла, «бурҳони лимӣ» (бурҳони сабабӣ) ва «бурҳони иннӣ» (бурҳони вуҷудӣ) таҳия ва шарҳ додааст. Ӯ мегӯяд, бурҳони лимӣ барои он чунин ном гирифтааст, ки дар ду ҳолат сабабияти ҳукмро муайян мекунад ва бурҳони иннӣ барои он чунин ном дорад, ки суботи ҳукм ба худи воқеият такя мекунад. Дар ин қисмат танҳо ҳадди миёна, ки сабаби мустақими ҳукм нест, дар хориҷ ҳамчун асоси ҳукм пазируфта мешавад ё сабаб дар зеҳн вуҷуд дорад ё баръакс. Ҳамчунин, қисми аввал аз бурҳони иннӣ «далел» номида мешавад. Бурҳони лимӣ бошад, асосан, дар шакли мисолҳои тасдиққунанда (муҷиба) ва инкоркунанда (солиба) баён меёбад. «Ин маҳмумро маводи мутаваҷҷеҳ аст ба тамоми бадан, пас, дар маърази сарсом аст». Дар солиба: «Ин ҳайвон дар хилқати адамурраъй аст, пас, мутанаффис нест» ва мисли бурҳони иннӣ дар муҷиба: «Ин маҳмумро бавли абяз хосир аст, пас, дар маърази сарсом аст» ва дар солиба «Ин

ҳайвон адамуссавт аст, пас, мутанаффис нест». Чи авсат ва акбар дар ин сурат ду маълуланд як иллатро» [25, с. 362]. Ҳамин тариқ, мутафаккир дуруст таъкид кардааст, ки ҳадди миёна дар қиёси бурҳонӣ бояд ҳамеша сабаби вуҷуди ҳукм бошад дар ақл, яъне сабаби вуҷуд ва тасдиқи мафҳум.

Агар ин андешаи Насируддини Тусиро бо фикрҳои чанд аср қабл баёнкардаи Форобӣ муқоиса намоем, метавонем гуфт, ки Тусӣ андешаҳои Форобиро дар ин масъала таҳлил ва инкишоф додааст. Форобӣ таъкид мекунад, ки «Ҳадди миёна (авсат) восита ва сабаб (иллат) мебошад, зеро он сабаби ба ҳам пайвастани истилоҳоти канорӣ ва сабаби дарки матлаб (натиҷа) мебошад. Ҳадди миёна истилоҳи бузургтарро муттаҳид мекунад, зеро он посух ба саволи «Чаро ин чиз ҳамин аст?» медиҳад». Гарчанде ки ин масъала дар таълимоти Форобӣ ба чунин шакли муфассал зикр нашудааст, ин маънои онро надорад, ки ӯ аз ин мавзуи мантиқӣ бехабар буд. Баръакс, ҳатто, Ибни Сино низ ба ин масъала рӯ оварда, қайд мекунад, ки қиёси бурҳонӣ ду навъ дорад: «Яке бурҳони ҳақиқӣ аст ва онро «бурҳони чарои» хонанд ва ба тозӣ «бурҳони лима» хонанд. Ва дигар ҳам бурҳон аст, валекин бурҳони чарои нест, ки бурҳони ҳастӣ аст ва ба тозӣ «бурҳони инна хонанд» ва ба ҷумла ҳама бурҳонҳо бурҳони чарои буванд, агар ба чаро чароии эътиқод хонанд ва чароии даъво, ҳадди авсат ба ҳар қиёсе иллати эътиқод натиҷа бувад» [164, с. 211].

Дар ин ҷо зарурати ба инобат гирифтани тавсеаи илм вобаста ба тағйири замон муҳим аст. Чунонки мебинем, Ибни Сино низ чун Форобӣ ба ин масъала аз зовияи қиёс нигариста, кӯшидааст масъалаи «чаро»-ро ҳал намояд. Ин матлабе, ки аз ҷониби Форобӣ ва Ибни Сино қаблан ба таври мухтасар иброз гардида буд, баъдан, аз ҷониби Насируддини Тусӣ бо таҳлили муфассал ва амиқ матраҳ шудааст. Дар баробари таркиботи асосии бурҳон – бурҳони лимӣ ва бурҳони иннии Насируддини Тусӣ дар

ҳамаи самтҳо ба мазмуни мафҳумҳо аҳаммияти аввалиндараҷа дода, мафҳумҳои «зотӣ», «уло» (аввалӣ) ва «куллиро» дар бурҳон ба таври муфассал дар фаслҳои даҳум, ёздаҳум ва дувоздаҳуми мақолаи панҷуми асараш таҳқиқ ва баррасӣ намудааст. Ӯ чунин мепиндорад, ки «муносибати муқаддамот ва натоиҷи бурҳонӣ он бувад, ки маҳмулоти муқаддамот мавзуоти худро зотӣ бошанд, то ғариб набувад. Чунки ғариб иллати ҳукм натавонад бувад. Зотӣ дар ин мавзеъ омтар аст аз он чи дар «Исоғуҷӣ» гуфтаем. Зотӣ он ҷо анвои ҳад бошад, ки муқаввимати маҳдуд бувад ва он ҷинсу фасл бувад» [25, с. 370].

Аз нигоҳи Тусӣ, маънои «уло» дар бурҳон ба пайвастшавии маҳмулот марбут аст ва маҳмул ҳамеша аз ом оғоз шуда, сипас, ба хос мерасад. Агар ин раванд бехато сурат гирад, маънои «уло» дуруст тасдиқ ва возеҳ мегардад. Мутафаккир ин равандро бо мулоҳизаи дақиқи илмӣ ба таври андешамандона чунин баён медорад: «Пеш аз ин гуфтаем, ки ҳарчи маҳмул бувад бар оммӣ ва хосӣ, аввал маҳмул бар ом бувад, он ҳамаро аввалӣ хонанд ва агарчи ҳамли аввалӣ ба ҳақиқат хостар аз он бошад», пас, метавон гуфт: «Маҳмули аввалӣ ё муқаввим бувад ё набувад. Муқаввим бошад, ки он бувад, монанди ҷинс навъро ва бошад, ки мусовӣ бувад, монанди фаслу ҳад навъро, аммо хос натавонад буд. Ғайри муқаввим бошад, ки ом бувад, монанди тасовии ду завоёи дохил аз як ҷиҳат бо ду қоима вуқуи хаттиро бар ду хат, ки иқтизои тасовии мутабадилон кунанд ва вуқуи хаттеро бар ду хат, ки иқтизои тасовии хориҷаву дохила кунанд, чи ин ду маъруз агарчи ба зот якеанд, аммо ба эътибор дуанд. Бошад, ки мусовӣ бувад монанди навъ ададро. Ва хостар бошад ки муқаввими анвоъ бувад, монанди фусули муқассима ҷинсро…» [25, с. 384].

Иқтибоси мазкур шаҳодат медиҳад, ки донишманди тусӣ мафҳуми «уло»-ро дар масъалагузориҳои бурҳонӣ бо тамоми нозукиҳояш мавриди таҳқиқ қарор додааст. Чунонки дар боло таъкид намудем, ҳар бурҳон

дар шакли қиёс сурат мегирад ва асоси қиёсро қазияҳо ё худ ҳукмҳо ташкил медиҳанд. Ҳукмҳо бошанд, аз мавзуъ ва маҳмул иборатанд ва ҳар ҷузъи таркибии онҳо мафҳумҳо мебошанд. Аз ин рӯ, мутафаккир ҳангоми таҳқиқи унсурҳои бурҳон моҳирона аз куллиёти панҷгонаи Порфирий, ки дар китоби «Исоғуҷӣ»-и ӯ баён шудаанд, истифода кардааст. Куллиёти панҷгона – ҷинс, навъ, фасл (нишонаи фаслсоз), арази ом (нишонаи муҳимми умумӣ) ва арази хос (нишонаи муҳимми хусусӣ) – дар таълимоти мантиқии мутафаккирони асримиёнагии Шарқ мақоми махсус доштанд. Порфирий ин мафҳумҳоро ҳамчун маҳмулоти қазияҳо баррасӣ карда, барои осон шудани фаҳмиши муносибати байни мафҳумҳои ҷинсӣ ва навъӣ нақшаеро бо номи «Шаҷараи Порфирий» пешниҳод намуда буд, ки тибқи он ҳар мафҳум ҳангоми тақсим бояд ба мафҳуми болотар тобеъ бошад. Ҳамин тавр, донистани мавқеи куллиёти панҷгона, ки дар қазияҳо вазифаи маҳмулро иҷро мекунанд, барои таҳлили дурусти қиёс ва бурҳон аҳаммияти хеле зиёд дорад.

Абунасри Форобӣ низ, дар пайравии Арасту, ба мазмуни куллӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда, таъкид менамояд: «Ҳангоми тасаввури дурусти мавзуъ, он метавонад ба бисёре аз таркибот (хусусиятҳо) нисбат дода шавад ва бояд дар назар дошт, ки мавзуъ куллияти ҳукмро манъ намекунад, зеро онҳо бо ҳам алоқаи зич дошта, ҳамзамон, рушд мекунанд, мисли инсон ва Амр» [356, с. 68].

Ибни Сино дар пайравии пешиниён ба ин масъала диққати махсус дода, дар ҳама китобҳои мантиқиаш ба ин мавзуъ рӯ оварда, мӯшикофона андеша баён кардааст. «Маънии гуфтор бар кул он аст, ки ба ҳар яке ҷудо-ҷудо дар ҳама замон гуфта шавад, модоме, ки мавсуф бар чизест, ки ба он вазъ шудааст. Зеро куллиёти бурҳон зарурии номутағаййир аст. Куллӣ ин ҷо шарти зиёд дорад, чун ки он ниёзманд аст, ки гуфтор ба ҳар як чиз дар ҳама замон бошад...» [167, с. 81].

Ҳам Форобӣ ва ҳам Ибни Сино асоси ин матлабро дар ҳамбастагии мавзуъ ва маҳмул медонанд. Агар онҳо дар рафти баррасии қазия дар низоми мутаносиб ва пайвандшуда ва такмилдиҳандаи ҳам қарор дошта бошанд, мафҳуми куллӣ ба таври дуруст фаҳмида мешавад. Чизи дигаре, ки куллиро аз зотӣ ва уло фарқ мекунад, ин аст, ки ҳангоми баррасии он, ҳолат ва шартҳои таҳлилӣ ба инобат гирифта мешаванд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, андешаи Ибни Синоро меорем, ки дар чунин ҳолатҳо таъкид мекунад: «Ҳар сафедӣ ба зарурат дар чашм дорои ранги фарқнок аст, на он гоҳ ки зоти ӯ мавҷуд аст, балки он гоҳ ки сафед аст» [167, с. 82].

Дар шинохти маънои куллӣ Насируддини Тусӣ андеша баён намуда, қайд мекунад, ки «куллӣ он бувад, ки маҳмулаш як-як шахсро аз ашхоси мавзуъ мутановил (фарогиранда) бувад» [25, с. 386].

Оид ба ин масъала мутафаккир аз пешиниёнаш пешсаф буда, инчунин ёдрас мекунад, ки қаблан, миёни «муқаввил (гуфташуда) бар кул» ва «куллӣ» фарқ нагузоштаем, аммо дар ин ҷо шарт бояд ба эътибор гирифта шавад, то ки бартарияти куллӣ ошкор гардад. Ба қавли ӯ «ҳама замонҳо бар вуҷуди мавзуъ мутановил бувад ва дигар он ки аввалин бувад. Куллӣ мустаъмали (ба кор баранда – С.Б.) ин шурут бошад, яъне маҳмулаш муқаввил (гуфташуда) бувад бар як-як шахс ва дар ҳама замонҳо ҳамли аввалӣ бошад» [167, с. 386].

Мантиқшиноси тоҷик ин ҷо таъкид мекунад, ки дар бурҳони яқинӣ, ки дар шакли қиёсҳои бурҳонӣ сурат мегирад, байни мафҳумҳои «муқаввил ба кул» ва «куллӣ» фарқ гузошта шавад. Агар ин ду яксон шаванд ва фарқият гузошта нашавад, хатоӣ рӯй медиҳад. Масалан, ӯ иброз медорад, ки дар қазияи куллӣ, хоҳ муҷиба бошад, хоҳ солиба, хабаре, ки тавассути маҳмул нисбат ба мавзуъ гуфта мешавад, бояд ба ҳар як унсури ҳаҷми мафҳуми мавзуъ далолат намояд. Дар бисёре аз ҳолатҳо, мо ҳукми куллиро дар аввал мегузорем, вале баъзеҳо онро ҷузъӣ мешуморанд, ё баръакс, ҳукми ҷузъиро онҳо ҳамчун куллӣ ҳисоб

мекунанд. Иқтибоси болозикри «бар як-як шахс» маънои «ба ҳар як унсури ҳаҷми мафҳуми мавзуъ»-ро ифода мекунад.

Чизи дигаре, ки дар шинохти мазмуни (қиёс)-у бурҳон бояд дониста ва истифода шавад, ин аст, ки бурҳон тавассути тазод фаҳмида мешавад. Чунин навъи бурҳонро Арасту дар «Аналитикаи аввал», китоби дуюм, бобҳои 11, 12 ва 13 баён кардааст. Форобӣ бошад, усули бурҳон ё исботи тазодро дар китоби «Ал-қиёс» моҳирона истифода бурдааст. Ба андешаи ӯ, ҳар гуна бурҳон тавассути қиёс сурат мегирад ва он воситаи асосии амали бурҳон дониста мешавад. Форобӣ дар фасли понздаҳуми рисолаи «Ал-қиёс» таъкид кардааст, ки агар дар қиёси ҳамлӣ ҳардуи муқаддимаҳо бешубҳа ҳақ бошанд, пас онро қиёси дуруст меноманд ва он бо зарурат натиҷаи ҳақ медиҳад. Масалан, агар гуфта шавад: «Кулли инсон ҳайвон аст» ва «Кулли ҳайвон ҳассос аст», пас, натиҷа мегирем: «Кулли инсон ҳассос аст» [11, с. 294]. Ҳангоми ҳақ будани яке аз муқаддимаҳо ва шубҳанок будани муқаддимаи дигар, натиҷа дурӯғ мешавад. Ин гуна қиёсро – қиёс тавассути тазод меноманд. Дар қиёси мазкур, яке аз муқаддимаҳо ҳақ, дигараш шубҳанок ва натиҷа дурӯғ мебошад. Сабаби дурӯғ будани натиҷаро тавассути муқаддимаҳо муайян мекунанд, зеро, агар яке аз онҳо дурӯғ бошад, пас, натиҷа низ дурӯғ мешавад. Агар яке аз муқаддимаҳо ҳақ бошад, пас, лозим меояд, ки ҳақ ё дурӯғ будани муқаддимаи дигарро муайян кунем. Барои ин фарз карда мешавад, ки акси тазодди муқаддимаи дуюм дуруст аст ва онро бо муқаддимаи якум, яъне, муқаддимаи ҳақ, пайваст мекунем, то натиҷа ба даст ояд. Агар натиҷа дуруст бошад, пас, маълум мешавад, ки муқаддимаи шубҳанок дурӯғ будааст.

Ба ибораи дигар, моҳияти усули бурҳон тавассути «тазод»-и Форобиро метавон чунин ташреҳ кард: «Дар қиёсе, ки аз ду муқаддима ва як натиҷа иборат аст, муваққатан фарз карда мешавад, ки тазоди натиҷа ҳукми ҳақ мебошад ва онро ҳамчун муқаддима қабул карда, бо

муқаддимаи дигар илова менамоянд. Пас, дар давоми муҳокимарониҳо ба зиддият дучор мешаванд. Чунин ҳолат дар бораи он гувоҳӣ медиҳад, ки қиёси мазкур дуруст аст. Дар ин ҷо муҳокимаронӣ аз рӯйи нақшаи зерин сурат мегирад: Барои исботи қазияи (А) фарз карда мешавад, ки тазодди (А), яъне ғайри – (Ā) дуруст, пас, мо дар давоми муҳокимарониҳо ба зиддият (ВΛ$\bar{B}$) – яъне дар як вақт ҳам В ва ҳам ғайри – $\bar{B}$ ҳукмҳои дурустанд. Пас, дар асоси қонуни истиснои солис (AVĀ) натиҷаи бароварда мешавад, ки (А) ҳақ мебошад» [11, с. 296].

Қобили тазаккур аст, ки усули мантиқии бурҳон тавассути тазод навъи исботи ғайримустақим мебошад ва онро дар илмҳои мантиқ, риёзӣ ва амалияи тафтишот васеъ истифода мебаранд. Муассиси илми мантиқ ду навъи бурҳонро фарқ карда, онҳоро ба «мустақим» ва «ғайримустақим» ҷудо мекунад ва барои муайянии онҳо чунин мегӯяд: «Агар далелҳо кофӣ бошанд, онҳоро ҳамчун муқаддимаҳо қабул карда, аз онҳо бевосита натиҷа мебароранд, ки ин бурҳони мустақим аст» [331, с. 99]. Агар далелҳо кифоя набошанд, пас, бурҳони ғайримустақимро истифода менамоянд. Вобаста ба равиши илми мантиқ теоремаҳои геометрӣ дар замони муосир ба воситаи бурҳони ғайримустақим амалӣ карда мешаванд.

Умуман, доираи истифодаи бурҳони ғайримустақим назар ба бурҳони мустақим хеле васеътар аст. Шояд ба ҳамин сабаб, мантиқшиносони асримиёнагии тоҷик, чун Форобӣ, дар пайравӣ ба Арасту, ба бурҳони ғайримустақим таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, чунин гуфтааст: «Агар мо хоҳем, ки ҳақ будани ягон қазияро аниқ намоем, пас, мо тазодди онро гирифта, муқаддимаи бе ягон шубҳа ҳақро ҳамроҳ мекунем. Агар аз онҳо бурҳон тартиб диҳем, он гоҳ, натиҷа бе шубҳа дурӯғ мешавад. Ҳамин тариқ, мо ҳақ будани қазияи авваларо собит менамоем» [11, с. 295]. Аз гуфтори Форобӣ натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки барои исботи ҳақ будани қазияи «кулли инсон ҳассос аст» мо

фарз мекунем, ки тазоди он, яъне «на ҳамаи инсон ҳассос аст», ҳақ мебошад. Агар муқаддимаҳоро якҷоя карда қиёс тартиб диҳем, чунин хулоса ҳосил мешавад, ки натиҷа дурӯғ аст ва бо ин тавр, мо ҳақ будани қазияи авваларо собит мекунем:

На ҳамаи инсон ҳассос аст

Кулли инсон ҳайвон аст

На ҳамаи ҳайвон ҳассос аст

Дар қиёси мазкур, ки он мувофиқи модуси шашуми шакли сеюм сурат гирифтааст, натиҷа қазияи дурӯғ мебошад. Тазодди байни қазияҳои «на ҳамаи ҳайвон ҳассос аст» ва «кулли инсон ҳайвон аст» собит менамояд, ки фарзи мо нодуруст аст. Пас, маълум мешавад, ки қазияи «кулли инсон ҳассос мебошад» ҳақ аст.

Дар баробари бурҳонҳои зикршуда, Форобӣ дигар навъҳои бурҳонро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки онҳо: бурҳон тавассути истиқроъ, бурҳон тавассути тамсил, кӯчондани қазия аз ошкор ба ғайриошкор, бурҳон тавассути қиёси эътиқоднок ё худ қиёси ҳуқуқӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Форобӣ дар хусуси бурҳони «истиқроъ» хеле маълумоти мухтасар пешниҳод карда, ин навъи бурҳонро танҳо истиқрои мукаммал меномад ва таъкид мекунад, ки ба воситаи он дониши боэътимод ҳосил мешавад. Оид ба бурҳон тавассути кӯчонидани қазия аз ошкор ба ғайриошкор ду роҳро муайян мекунад: 1) бо роҳи таҳлил (анализ); 2) бо роҳи синтез.

Кӯчондан ё худ гузаштан аз ошкор ба ғайриошкор тавассути усули таҳлил чунин сурат мегирад: Фарз кардем, ки А-и «нуктаи (ё умури) ғайриошкор «Кулли А – ҳаст» қазияи матлуб нисбат ба А; Р – «нуктаи ошкор», маълумоти ҳиссӣ, ки дар бораи он ҳукм кардан мумкин аст; S – «лаҳзаи монандӣ» байни А ва Р, бинобар ин, «Кулли А – S аст» ва «Кулли Р – S аст».

Агар ин равандро муҳокимаронӣ кунем, маълум мешавад, ки A – S аст, инчунин, X ҳам мебошад, пас, метавон гуфт, ки «Кулли S – X аст».

Дар натиҷа қиёси зерин ҳосил шуд:

Кулли S – X аст

Кулли A – S аст

Кулли A – X аст

Чӣ хеле ки Форобӣ таъкид кардааст, «натиҷагирӣ аз ошкор ба ғайриошкор бо роҳи таҳлил тавассути шакли якуми қиёс сурат мегирад, ки дар он «лаҳзаи монандӣ» S, истилоҳи авсат (миёна) мебошад» [11, с. 336].

Насируддини Тусӣ вобаста ба муҳит ва замон ба қисматҳои бурҳон аҳаммияти бештар додааст. Барои намуна ба бурҳони истиқроӣ, ки Форобӣ хеле кам таваҷҷуҳ кардааст, назар карда мебинем, ки ин маҳдудтарин қисмат аз диди ин мутафаккир то куҷо вусъат ёфтааст. Ба андешаи ӯ ҳар ҳукм, ки он бесабаб ба вуқуъ меояд, яқинӣ буда наметавонад, чунки мавзуи қазия қазовати ҳукмро карда наметавонад ва авсате, ки аз ҷиҳати ифодати ҳукм ба вуҷудоварандаи ҳолат бошанд, ғайрисабаб дониста шаванд ва ба қавли ӯ: «Ва ҳамчунон, ки қиёс дар ин мавзеъ ифодати яқин накунад, истиқроъ ҳам накунад. Чи дар истиқроъ ҷузвиёти мавзуъ, ки мусовии ӯ бошанд, дар далолат мутавассит шаванд миёни маҳмулу мавзуъ. Пас, ба субут ҳукм дар ҳар яке аз ҷузвиёт ба ҳам бе сабабе тавонад буд, ё бо сабабе. Ва аввал байин бувад ё набувад, агар бе сабабе бувад ва байин бувад. Ва дар аксар мавозеъ, ки истиқроъ ба кор доранд, бар ин ваҷҳ бувад, холӣ набошад аз он, ки ҳукм дар ҳар яке аз ҷузвиёт ба ҳис маълум шавад ё ба ақл» [25, с. 371].

Агарчи Форобӣ тавассути бурҳони истиқроӣ ба даст овардани эътимоди матлабро мехост, Насируддини Тусӣ дар ҳамин замина, алоқамандӣ, субот, дурустии натиҷа ва омилҳои монандро ба назар гирифтааст.

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар асарҳои мантиқии худ навъҳои зиёди бурҳонро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки қисми зиёди онҳо дар илмҳои риёзӣ ва мантиқи муосир васеъ истифода мешаванд. Вале дар ин ҷо, бинобар маҳдудияти фасл, аз пажуҳиши қисматҳои бурҳонӣ худдорӣ карда, дигар паҳлуҳои ин самтро дар таҳқиқоти оянда равшан хоҳем кард. Мусаллам аст, ки ҳар як мавзуи мантиқӣ бо мавзуи пешин ё баъдӣ алоқаи зич дорад. Чунонки пештар гуфтем, тибқи таснифи мавзуоти мантиқӣ, қиёс қабл аз бурҳон ҷойгир аст ва таълимоти бурҳонии Форобӣ низ дар доираи ҳамин мақула матраҳ шудааст, ҳарчанд Насируддини Тусӣ бурҳонро ҳамчун мақулаи алоҳида таҳқиқ намудааст. Вале мавзуе, ки аз дидгоҳи ин мутафаккирон баъд аз бурҳон дар раддабандии илмӣ қарор мегирад, ҳад мебошад. Албатта, алоқамандии қиёс бо бурҳон барои мо равшан аст, аммо мехоҳем дар параграфи оянда сухан дар бораи алоқамандии бурҳон ва ҳад (таъриф) бигӯем.

Маълум аст, ки мавзуи асосии таълимоти тааққулӣ-ахлоқии Форобӣ тарбияи инсони некукорро ташкил медиҳад. Хазиев В.С., ки дар таҳқиқоти худ, маҳз, ҳамин матлабро пайгирӣ кардааст, фикрашро чунин баён намудааст: «Андешаи Форобӣ оид ба тафсилоти таълимоти илмӣ шоёни таҳсин аст. Инсон, гӯё дар раванди шинохт мавқеи асосиро ишғол мекунад: аз як тараф, ҳиссиёти ӯ ба ҷаҳони беруна таъсир мерасонад, аз тарафи дигар, дар ӯ қувваи ақлонӣ ба вуҷуд меояд. Ин ду ҷанба, бо тафаккури тадриҷӣ дар як самт ба ҳам омада, дониш ва амалияи назариявии инсонро тавсеа мебахшанд...» [401, с. 100].

Хулоса, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки муҳимтарин ҷузъи накукорӣ дониш аст, яъне шахси накукор бояд дорои дониши мукаммал бошад. Донишро бо ду роҳ ба даст овардан мумкин аст: тавассути бурҳон (исбот) ва ҳад (таъриф). Дар таълимоти ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ амалҳои мантиқии таъриф ва бурҳон дар робитаи ногусаста

мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Амали таъриф ё ҳад ба саволи «Чист он?» посух дода, барои ошкор сохтани моҳияти ашё нигаронида шудааст, дар ҳоле ки амали бурҳон ё собит ба саволи «Барои чӣ?» ҷавоб медиҳад. Вале на ҳар бурҳон барои ошкор намудани моҳияти ашё мусоидат мекунад.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар таълимоти мантиқии худ мавзуи бурҳон ва қисматҳои таркибии онро бо таҳлилҳои амиқ баррасӣ кардаанд. Чунонки маълум гардид, Форобӣ ин мавзуъро дар доираи қиёс дар рисолаи «Ал-қиёс»-и худ бо таркиббандиҳо таҳқиқ намудааст, бар хилофи он, Насируддини Тусӣ бурҳонро ҳамчун мақулаи панҷуми китоби «Асос-ул-иқтибос», ки бо равиши китоби мантиқи «Шифо»-и Ибни Сино таълиф шуда буд, ба нуҳ бахш (мақола) тақсим намудааст. (Арасту ҳар қисматро «қисм», Форобӣ «боб», Ибни Сино «бахш» ва Тусӣ «мақола» номидаанд.) Бурҳон ҳамчун мақулаи мантиқӣ ба ду фан ҷудо карда шудааст: фанни аввал дар бораи бурҳон ва фанни дуюм дар бораи ҳад. Фанни аввал, ки ба тасдиқоти яқинии бурҳон марбут аст, ба ҳаждаҳ фасл ҷудо гардида, қисматҳои он таҳқиқ шудаанд. Фанни дуюм – ҳад, ки ба кайфияти иктисоби тасаввуроти том марбут аст, аз дувоздаҳ фасл иборат буда, мавриди пажуҳиши минбаъда қарор хоҳад гирифт.

Аз таҳлили таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бармеояд, ки бурҳон дар фикрронӣ ва шинохти илмӣ на танҳо воситаи асосии исбот, балки рукни бунёдии мантиқ ва маърифатшиносӣ ба шумор меравад. Форобӣ бурҳонро ҳамчун навъи қиёс медонад, ки тавассути муқаддимаҳои ҳақиқӣ ба натиҷаи яқин мерасад. Вай бештар ба сохтори қиёс ва усули акси қазияҳо таваҷҷуҳ намудааст. Насируддини Тусӣ бошад, бурҳонро бо ҳама ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он – аз бурҳони лимӣ то бурҳони иннӣ ва истиқроӣ ба таври васеъ таҳлил намудааст. Ӯ низоми муқаддимавии бурҳонро шарҳ дода, навъҳои мухталифи муқаддимот ва шартҳои бурҳони ҳақиқиро баррасӣ кардааст.

Ҳарду мутафаккир бар онанд, ки бурҳон танҳо дар сурати асос ёфтан бар муқаддимаҳои дуруст ва дар заминаи маърифатҳои яқинӣ метавонад натиҷаи саҳеҳ диҳад. Ин таҳқиқ нишон медиҳад, ки бурҳон воситаи асосии таҳкими тафаккури илмӣ, таълим ва таҳқиқот мебошад ва омӯзиши он барои рушди фарҳанги мантиқӣ ва илмӣ аҳаммиятнок аст.

Умуман, таҳқиқи таълимоти мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, дар боби мазкур, нишон медиҳад, ки ҳарду мутафаккир мантиқро ҳамчун низоми универсалии тафаккур ва воситаи маърифат шинохта, забонро чун василаи ташаккули мафҳум ва интиқоли дониш таҳлил намудаанд. Форобӣ бо раддабандии илмҳо ва таълими мафҳум тавассути лафз ва калима, асоси забонӣ ва мантиқии фаҳмиши тафаккурро гузошт. Насируддини Тусӣ ин равишро дар сатҳи методологии амиқтар тавсеа дода, қонунҳои мантиқиро ба забони тоҷикӣ шакл дод ва тавассути осори худ мукаммал гардонд. Ҳарду мутафаккир бо пайвастани мантиқ ба забон ва маърифати воқеият тавассути мафҳум, қазия, қиёс ва бурҳон, на танҳо дар рушди илми мантиқ, балки дар таҳкими худшиносии илмӣ ва фалсафаи асримиёнагии Шарқ саҳми арзанда гузоштанд. Мероси илмии онҳо имрӯз ба ҳайси манбаи боэътимоди таҳқиқоти фалсафӣ ва мантиқӣ аҳаммияти илмӣ ва амалии худро нигоҳ дошта, заминаи хубест, дар рушди афкори мантиқии замони муосир.

БОБИ 4. ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ МАНТИҚӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Боби чаҳоруми диссертатсия ба таҳқиқи нақш ва мавқеи мантиқ ҳамчун унсури меҳварии низоми маърифатӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бахшида шудааст. Дар ин боб ҷанбаҳои назариявии истифодаи мантиқ дар тафаккури фалсафии асримиёнагии шарқӣ ва робитаи он бо дигар равандҳои фалсафӣ – аз қабили таснифи илмҳо, сабабҳои ҷойгиршавии онҳо ва мақоми мантиқ дар миёни онҳо, мавриди таҳлил қарор мегиранд. Ҳамзамон, масъалаҳои маърифатӣ – маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ (мантиқӣ) низ баррасӣ шуда, нақши мантиқ дар ташаккул, таҳрик ва тавсеаи шинохти илмӣ шарҳ дода мешавад.

Дар зербоби аввал, ки ба таснифи илмҳо ва ҷойгоҳи мантиқ дар он ихтисос ёфтааст, бо далелҳои мантиқӣ ва таърихӣ мавқеи Абунасри Форобӣ ҳамчун нахустин муассиси ин соҳа нишон дода мешавад. Ҳамзамон, саҳми Насируддини Тусӣ ҳамчун такмилдиҳандаи ниҳоии ин низом таъкид мегардад. Қисматҳои минбаъда, ки бо ҳам иртиботи дохилӣ доранд ва мазмунан якдигарро такмил медиҳанд, дар заминаи осори ҳар ду мутафаккир бо диди муқоисавӣ ва таҳлили нав мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фаслҳои баъдӣ ба таҳлили ҷойгоҳ ва аҳаммияти маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлӣ ҳамчун зинаҳои асосии шинохт бахшида шудаанд. Дар ин раванд нишон дода мешавад, ки чӣ гуна Форобӣ ва Тусӣ ин ду сатҳи маърифатро бо мантиқ ва тафаккури ақлонӣ пайванд дода, нақши онҳоро дар ташаккули дониш ва дарки ҳақиқат асоснок кардаанд. Ҳар ду мутафаккир шеваҳои таҷаллӣ ва такмили шаклҳои шинохтро баён намудаанд, ки минбаъд ба низоми муназзами мантиқӣ-маърифатӣ табдил ёфтааст.

Дар натиҷаи таҳқиқ собит мегардад, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мантиқро на танҳо ҳамчун воситаи истидлол, балки ҳамчун пояи

усулии тамоми низоми маърифатии инсон арзёбӣ намудаанд. Онҳо бо таҳияи низоми мукаммали таснифи илмҳо, таҳкими усули таҳлилӣ ва барпо намудани асосҳои мантиқӣ-маърифатӣ, на танҳо дар фалсафаи Шарқ, балки дар таърихи умумии афкори фалсафии ҷаҳон саҳми арзанда гузоштаанд.

Ба таври махсус, таваҷҷуҳ ба асарҳои монанди «Китоб-ул-ҳуруф», «Эҳсо-ул-улум», «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила»-и Форобӣ ва «Асос-ул-иқтибос», «Ахлоқи Носирӣ», «Равзаи таслим»-и Насируддини Тусӣ имкон медиҳад, ки мантиқ ҳамчун пояи тафаккури фалсафӣ ва воситаи танзими дониши инсонӣ дар ҷараёни ташаккули маърифат, аз дидгоҳи назариявӣ ва амалии он, мавриди фаҳми амиқ қарор гирад.

4.1. Таснифи илмҳо дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ва ҷойгоҳи мантиқ дар он

Таснифи илмҳо ҳамчун масъалаи методологӣ ва назариявӣ яке аз заминаҳои бунёдии ташаккули низоми дониш дар тамаддуни Шарқи асримиёнагӣ маҳсуб мешавад. Ин масъала ба яке аз меҳварҳои муҳимми андешаи фалсафӣ табдил ёфта, дар осори мутафаккирони барҷастае чун Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мавқеи марказӣ пайдо кардааст. Тавассути таснифи илмҳо, ин мутафаккирон кӯшидаанд на танҳо робитаи дохилии донишҳоро тавзеҳ диҳанд, балки низоми мукаммали маърифатро дар заминаи равобити мавзуӣ, мантиқӣ ва методологӣ муайян созанд.

Таҳлили таҳаввули таснифоти илмӣ дар осори онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо мантиқи дохилии системаи донишҳои асримиёнагӣ фаҳмида шавад, балки рушди мустақили илму фалсафа дар Шарқ бо шиносоии фарҳангии Юнон, муносибати байни илм ва дин, инчунин, ҷойгоҳи мантиқ ҳамчун абзори таҳлили ақлонӣ ва василаи барқарории низоми донишҳо дарк гардад. Аз ин рӯ, омӯзиши муфассали таснифи илмҳо дар

осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо аҳаммияти таърихӣ, балки арзиши методологӣ ва фалсафии муосир низ дорад.

Дар давраи қадим ва асрҳои миёна илмҳо, ё аксари онҳо, ҳамчун шохаҳои фалсафа шомил мешуданд, зеро фалсафа илми фарогир ҳисобида мешуд. Бо инкишофи илмҳо ва ба вуҷуд омадани асарҳои махсус дар соҳаҳои гуногуни дониш, инчунин, бо пайдоиши соҳаҳои нави илмӣ, зарурати муайян кардани мавқеи ҳар як соҳаи илм, муносибати илмҳо ва таснифи онҳо ба миён омад. Ҷудо шудани фалсафа аз табиатшиносӣ ҳамчун низоми мустақили илмӣ ба туфайли истифодаи равиши таҳлилӣ дар таҳқиқ ва омӯзиши табиат аз ҷониби файласуфони табиатшинос имконпазир гардид. Ин раванд дар дохили худи табиатшиносӣ идома ёфта, боиси мустақил гардидани соҳаҳое чун математика, ситорашиносӣ, физика, кимиё, тиб, физиология, геология ва дигар илмҳои табиатшиносӣ шуд.

Раванди мазкур талаботи инсониятро ба кашф ва донистани асрори табиат барои истифодаи амалии онҳо инъикос мекард. Худи амалияи инсонӣ зарурати ҷудокунии дониш ва илмҳои соҳавиро ба миён овард. Усули дуруст ва муносибтарини таснифи илмҳо дар бунёди объективии таҳқиқ ва таснифи илмҳо ифода меёбад. Академик Б.М. Кедров дар ин бора чунин қайд кардааст: «Илмҳо бояд дар як қатор пайиҳам ҷойгир карда шаванд ва бо ҳам робитаи муайяни (соҳавӣ) дошта бошанд, на аз он сабаб, ки ба мо муносиб аст, балки аз он ҷиҳат, ки худи объектҳо бо ҳам чунин рабт доранд. Ҳамчунин, шаклҳои ҳаракати материя, ки аз ҷониби олимон омӯхта ва таҳқиқ карда мешаванд, низ бо ҳамин тартиб – пайиҳам, аз решаи ягона, аз пасттарин ба олитарин, аз сода ба мураккаб – ба вуҷуд омада, инкишоф меёбанд» [108, с. 23].

Пажуҳиш дар соҳаи таснифи илмҳо дар Шарқи асримиёнагии исломӣ аввал дар партави комёбиҳои афкори илмии юнониён дар фарҳанги Машриқзамин оғоз ёфта, рушду такомули баъдинаи ин анъана

аз ҷониби мутафаккирони шарқӣ дар асоси ташаббусу ибтикор, донишу заковат ва таҷрибаи шахсии худи онҳо, аз тариқи таҳлилу омӯзиши мустақими падидаҳои марбут ба соҳаҳои гуногуни ҳастии объективӣ, сурат гирифтааст. Ҳангоми таҳқиқи раванди таърихии инкишофи илмҳо ва таснифоти онҳо дар давраи муайян, аз ҷумла, дар давраи асримиёнагӣ, ба ҳаёти маънавии он давра равшанӣ андохтан зарур аст. Табиист, ки ҳеҷ як мутафаккир сарфи назар аз хусусиятҳо ва талаботи замон, таснифоти илмҳоро ба вуҷуд оварда наметавонист. Аз ин рӯ, дар таснифоти аз ҷониби мутафаккирони асримиёнагии мусулмон мураттабшудаи илмҳо, муносибати бевоситаи илм ва амалия, илм ва дин инъикос ёфтааст.

Донишмандони Шарқ зимни таснифи илмҳо ба ҷанбаи ахлоқии масъала, ки бо рафтори шахс, оила, ҷомеа ва истифодаи дониш ба манфиати ҷомеа алоқаманд буд, диққати асосӣ медоданд. Дар он замон, вобаста ба сиёсати давр, дониши динӣ бартарӣ дошт. Бо вуҷуди ин, донишмандони Шарқи исломӣ, такя ба методологияи фалсафӣ, талош мекарданд, ки ҳадди ақал улуми динӣ ва илмҳои дунявиро ба ҳам созиш диҳанд, то рушди илмҳои дунявӣ мутаваққиф нагардад ва ҷаҳонбинии фалсафӣ инкишоф ёбад. Дар робита ба ин, чуноне ки А. Сагадеев қайд мекунад, дар таснифоти илмии он давра «тафовути илмҳои хоси асрҳои миёнаи мусулмонӣ ва таҳкими робитаи онҳо бо истеҳсолоти ҳунармандӣ, тиҷорат ва зиндагии рӯзмарра равшан инъикос ёфтааст. Ин раванд, рушди донишҳои таҷрибавиро тақозо мекард ва ба дараҷае фарқ аз илмҳои атиқа буд, ки муҳаққиқонро водор месохт, на танҳо ҷанбаҳои сифатии равандҳои таҳқиқшавандаро, балки миқдории онҳоро низ ба назар гиранд. Ҳамчунин, иртиботи илм бо ҳаёти воқеӣ ва масъалаҳои амалӣ тавассути дохил кардани ситорашиносӣ, кимиё ва ҳатто, сеҳру ҷоду ба илмҳои амалӣ таъкид мешуд» [152, с. 74-75].

Ҳамин тавр, хусусияти таснифоти илмҳои он замон дар он ифода меёбад, ки мутафаккирони исломӣ илмҳоро бештар бо усули хоси худ фарқ мекарданд. Ин усул на ба мавзуи хоси баҳс (предмет), балки ба мазмуни умумии он (объект) такя мекард. Азбаски на табиати олами ҷисмонӣ ва на соҳаи равонии баҳсҳо пурра маълум набуданд, объектҳои таҳқиқот дар муқоиса бо замони муосир дақиқ муайян карда нашуда буданд.

Илмҳои файласуфони атиқа бештар ҳамчун тафаккури мантиқӣ ва қиёсӣ тавсиф мегардиданд ва робитаи амиқ бо фалсафа доштанд, зеро онҳо маълумоти асоснокро дар бораи олам ва табиати он пешниҳод мекарданд. Аммо ин илмҳо ба объектҳои дигари таҳқиқот низ дахл доштанд. Ҳадафи онҳо дарки ҳақиқати олам буд ва фаъолияти муҳаққиқон бештар хусусияти мушоҳидавӣ дошт, ки бо моҳияти ақлгароии илм мутобиқ буд. Назарияи илмӣ тавассути ҳукмҳои пайдарпайи мантиқӣ ба таври индуктивӣ ё дедуктивӣ барои муқаррар кардани тасдиқоти умумӣ ва зарурӣ дар бораи воқеият равона мешуд.

Таҳлили осори муаллифони асримиёнагӣ, ки ба масъалаи таснифи илмҳо бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки муносибати онҳо ба ин масъала дар замонҳои гуногун буда, ҳар як муаллиф вобаста ба талаботи давру замони худ таснифоти хосро пешниҳод кардааст. Масалан, агар Абунасри Форобӣ ҳангоми таснифи илмҳо асосан ба анъанаҳои олимони Юнони қадим такя карда бошад, Насируддини Тусӣ ҳар як илмро бар асоси бунёди объективият, яъне вобаста ба соҳаи мушаххаси ҳастии табиӣ ва иҷтимоӣ, ки объекти омӯзиши он илмро ташкил медод, тасниф намудааст.

Дар осори ин мутафаккирон, таснифи илмҳо бар асоси меъёрҳои гуногун сурат гирифтааст:

- бархе тибқи тартиби офариниш;

- бархе бар асоси сатҳҳои дарки инсон (хотира, тахайюлот, ақл);

- бархе бар пояи марҳалаҳои камолоти рафтори инсон.

Аммо таснифоти онҳо бо ҳамин маҳдуд намешуданд, балки донишҳои фалсафӣ ва мантиқии онҳо вобаста ба ниёзҳои инсон (ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ) ва мутобиқ ба муҳити замони худ тасниф мегардиданд.

Аз ин нуқтаи назар, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ илмро бо ду ҳадафи асосӣ тасниф кардаанд:

1. тасниф бо ҳадафи кашфи ҳақиқат, ки бештар хусусияти мантиқӣ дорад;

2. таснифот дар доираи таҳқиқи масоили назарӣ ва амалӣ бо мақсади таъмини талаботи инсон.

Таваҷҷуҳи Форобӣ ва Насируддини Тусиро ҳамчун ду мутафаккири бузурги форсу тоҷик ба илм метавон аз ду дидгоҳ баррасӣ кард. Аввалан, ҳардуи онҳо ба илмҳои дақиқ, аз қабили ал-ҳиял (механика), ситорашиносӣ, мусиқӣ, риёзиёт, кимиё, заминшиносӣ, илми манозир (оптика), физикаи механикӣ ва ғайра таваҷҷуҳ доштанд ва дар бораи ҳар кадоми онҳо китоб ё рисолаҳои мустақил навиштаанд. Дар ин рисолаю китобҳо саҳеҳияти илмӣ ва ҷанбаҳои тахассусии ин илмҳо ба мушоҳида мерасад. Аз ин рӯ, дар садаҳои пас аз таълифи онҳо ҳамеша ба унвони осори вижа дар арсаи тамаддун ва фарҳанги форсу тоҷик ва ҳатто баъдтар дар арсаи тамаддун ва фарҳанги Ғарб мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, дар ҳолатҳои ҷудогона ҳамчун китобҳои дарсӣ дар донишгоҳҳо истифода мешуданд. Тибқи таҳқиқоте, ки дар китоби бунёдии «A History of Muslim Philosophy» («Таърихи фалсафаи мусулмонӣ») оварда шудааст, яке аз марҳилаҳои интишор ёфтани таълимоти мутафаккирони исломӣ дар Аврупо, ба бунёд ёфтани донишгоҳҳои нахустин дар кишварҳои он иртибот дорад ва дар онҳо сарфу наҳв (грамматика), хитоба, арифметика (илми ҳисоб), мусиқӣ, ҳандаса (геометрия) ва ситорашиносӣ таълим дода мешуданд. Ҳамаи ин фанҳоро дар асоси тарҷумаи осори мутафаккирони

шарқӣ ба забонҳои аврупоӣ тарҷума менамуданд, ки дар миёни онҳо таъсири Форобӣ ва Насируддини Тусӣ низ ба фарҳанги аврупоиён бузург буд. Масалан, ба қавли мураттибон, «...яке аз муҳимтарин шахсиятҳои соҳаи тарҷумонӣ дар асрҳои миёнаи Аврупои ғарбӣ Гундисолинус мебошад. Вай пешвои рӯҳонӣ, усқуф дар Сеговия буд. Ба ғайр аз тарҷумаҳои сершумор, китоби «De Division Philosophiae» («Рисола дар бораи ба бахшҳо тақсим шудани фалсафа»)-ро навишт, ки дар он қадам ба қадам ба Форобӣ тақлид кардааст. Ӯ дар ин китоб таснифоти энсиклопедии Форобиро бо низоми ҳафтгонаи анвои дониш (тривиум ва квадриум), ки дар Шарқи давраи асрҳои миёна машҳур буд ва бо таснифоти улуми ӯ, ки барои ҷаҳони Ғарб хеле нав ва асил ба назар мерасид, иваз кардааст ва онҳо дар донишгоҳҳои навтаъсис муддати тулонӣ мавриди тавақҷуҳ қарор доштанд» [373, с. 1370].

Ба ҳамин минвол, асарҳои табиатшиносии Насируддини Тусӣ, ки бархе онҳо чунинанд: «Тарбиъ-уд-доира», «Ҷавомеъ-ул-ҳисоб би-т-тахт ва ва ат-туроб», «Рисола андар мусалласот», «Рисола андар ҳисоб, ҷабр ва муқобала», «Зубдат-ул-ҳайат», «Таҳрид фӣ ал-ҳандаса» дар кишварҳои аврупоӣ маъруф буданд ва ба забонҳои гуногун тарҷума мешуданд. Дар ин бора, аз ҷумла, А. Пападополус навиштааст: «Рисолаи Насириддин ат-Тусӣ дар бораи чоркунҷа як матни бебаҳои асри XIII оид ба геометрияи сферикӣ мебошад. Он ба фаронсавӣ тарҷума ва аз ҷониби Александр Каратеодорий соли 1891 таҳрир карда шудааст. «Чоркунҷа»-е, ки дар сарлавҳа зикр шудааст, чоркунҷаи пурраи даврӣ мебошад» [449, с. 67].

Масъалаи дигар ин аст, ки ҳарду файласуф – Форобӣ ва Насируддини Тусӣ илмҳоро аз дидгоҳи куллӣ баррасӣ намуда, онҳоро бар асоси «мавзуъ», «ҳадаф», «манфиат» ва ё эҳтимолан, омилҳои дигаре, ки метавонанд барои тасниф ва дараҷабандии илмҳо нуқтаи ибтидоӣ бошанд, гурӯҳбандӣ кардаанд. Дар ин равиши мураккаб мо бо як решаи

ягона ё махраҷи умумӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки аз он соҳаҳои дигари илмро метавон ба даст овард. Албатта, дар ин таснифот, ҳар қадар аз мабдаи асосӣ дуртар равем, шумораи илмҳои бадастомада бештар ва муфассалтар мегардад, то ҳадде ки дар назари аввал иртиботи байни зербахшҳо ноаён метобад. Бо вуҷуди ин, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ илмро таҳти мафҳуми «фалсафа» ё «ҳикмат» ҳамчун як чатри ягона мебинанд, ки ҳамаи бахшҳо ва зербахшҳои илмро фаро гирифта, робита ва решаҳои онҳоро нишон медиҳад.

Ҳар ду мутафаккир илмҳоро аз чанд ҷиҳат гурӯҳбандӣ намуда, ягонагии онҳоро аз зовияҳои мухталиф арзёбӣ ва ба тарзҳои гуногун тасаввур кардаанд. Онҳо илмро дар маънои умумӣ баробар бо фалсафа дониста, таснифоти илмҳоро таҳти мафҳумҳои фалсафа ва ҳикмат матраҳ намудаанд. Форобӣ ин масъаларо дар рисолаи «Ат-танбеҳ ало сабил-ас-саодат», Насируддини Тусӣ бошад, дар «Таҷрид-ул-мантиқ», «Равзаи таслим» ва «Асос-ул-иқтибос» баррасӣ кардааст.

Форобӣ дар рисолаи худ илмҳоро бар асоси мафҳумҳои «илм» ва «илм ва амал» ба ду навъ тақсим менамояд. Бо ин мулоҳиза, ӯ фалсафаро ба ду навъ ҷудо мекунад:

1. Фалсафаи назарӣ – ки инсон тавассути он дар бораи мавҷудоте дониш меомӯзад, ки ҳастии онҳо аз қудрат ва амали ӯ фаротар аст.

2. Фалсафаи амалӣ – ки инсон тавассути он чизҳоеро меомӯзад, ки аз феъли ӯ ба вуҷуд меоянд.

«Фалсафаи назарӣ ба се бахш тақсим мешавад:

- илми таълимот (риёзиёт);
- илми табиат (табиёт);
- илми мобаъд-ут-табииёт (метафизика).

Ҳар яке аз ин илмҳо бахшҳо ва зербахшҳои худро доранд.

Фалсафаи амалӣ бошад, ба ду соҳа ҷудо мешавад:

- илми ахлоқ;

- илми сиёсат,

ки ҳар кадоме аз онҳо фаслҳо ва бахшҳои худро дорост» [235, с. 20-21].

Бар асоси ин тақсимбандӣ, баъзе аз умури зебо (*ҷамил*) ҳастии мустақил аз инсон доранд, дар ҳоле ки баъзеи дигар вобаста ба амал ва иродаи инсон буда, дар феъли ӯ таҷаллӣ меёбанд

Ба андешаи Насируддини Тусӣ, иттиҳоди ду навъи дониш – назарӣ ва амалӣ – инсонро низ ба зинаи зебоӣ ва камолот боло мебарад. Ба ин маънӣ, вобаста ба мустақил ё ғайримустақил будани мавзуъҳои шинохт, дар ин тақсимбандӣ навъе аз «ғоят» низ шомил шудааст. Насируддини Тусӣ илм ва фалсафаро донишҳои куллӣ дониста, мавзуъҳои фалсафаро фарогири омӯзиши тамоми мавҷудот медонад. Ҳадафи фалсафа, ба назари ӯ, баҳс ва гуфтугӯ дар бораи ҳақоиқи ин мавҷудот мебошад. Азбаски ҳама чизҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: яке он ки «бар ҳаракоти иродии ашхоси башарӣ» набошад ва дуюми он – ҳар чизе, ки ҳастии он «марбут ба тасарруф ва тадбири ин ҷамоат бувад», пас, фалсафа бояд дар бораи ҳақиқати онҳо баҳс кунад. Дар идомаи ин матлаб, Насируддини Тусӣ навиштааст: «Пас, илм ба мавҷудот низ ду қисм бувад: яке илм ба қисми аввал ва онро «ҳикмати назарӣ» хонанд ва дигар илм ба қисми дувум ва онро «ҳикмати амалӣ» хонанд. Ва ҳикмати назарӣ мунқасим шавад ба ду қисм: яке илм ба он чӣ мухолатати модда шарти вуҷуди ӯ набувад ва дигар илм ба он чи то мухолатати модда набувад, мавҷуд натавонад буд. Ва ин қисми охир боз ба ду қисм шавад: яке он чи эътибори мухолатати модда шарт набувад дар тааққул ва тасаввури он ва дувум он чӣ ба эътибори мухолатати модда маълум бошад. Пас, аз ин рӯ, ҳикмати назарӣ ба се қисм шавад: аввалро илми мо баъд-ат-табиа хонанд ва дувумро илми риёзӣ ва сеюмро илми табиӣ» [25, с. 32], ки ҳар кадоми ин илмҳо, дар навбати худ, ба чанд ҷузъи дигар тақсим мешавад.

Чунин таснифот ва тақсимоти илмҳо дар таълимоти Насируддини Тусӣ ба ақоиди Форобӣ новобаста аз баъзе ихтилофоти ҷузъӣ шабоҳад доранд, аммо дар асарҳои дигараш, масалан «Равзаи таслим», Насируддини Тусӣ тақсимоти дигарро пешкаш мекунад, ки ба Форобӣ хос нест. Тибқи он, мутафаккир илмро ба чор навъ – зарурӣ, назарӣ, таълимӣ ва таъйидӣ тақсим мекунад ва чунин шарҳ додааст:

1. Илми зарурӣ, ки номи дигараш – бадеҳӣ аст, тавассути ваҳм, ҳис ва хаёл дарк мешавад ва дар он шахс на ба кор бурдани фикру андешаи худ ва на ба таълими шахси дигар ниёз надорад ва намунаи он илми кул ва ҷузъ аст ва мисоли он – «дарёҳо хун нашудааст ва кӯҳсор зар нашудааст» ё «як чиз дар як вақт дар ду макон натавонад буд, аммо дар ду вақт – шояд»;

2. Илми назарӣ бошад, ба андешаи Насируддини Тусӣ, чунин аст, ки дар он бадеҳияти ақл ба корбурди андешаҳои худӣ ниёз дорад ва дар шарҳи он навиштааст, ки аввал «назар кунанд, то бидонанд, ки халқ набуд, пас, бибуд ва дигар бор назар кунанд, то бидонанд, ки будани ӯ на ба ихтиёри ӯ буд, ки агар ба ихтиёри ӯ будӣ ҳар камол ва матлуб ва мартаба, ки ӯро боистӣ бо ӯ баробар офарида шудӣ ва ӯ асаркунанда будӣ, на асарпазир ва мутасаррифи аҳволи худ будӣ ба он чи хостӣ ва ҳар асар, ки пазируфтӣ, ба ихтиёри худ пазируфтӣ. Ва дигар бор назар кунанд, то бидонанд, ки на чунин аст ва ӯ асарпазир аст, на асаркунанда ва мутасаррифи аҳволи худ наметавонад буд ва албатта, ӯро дар ҳар асаре, ки мепазирад, ҳеҷ ихтиёре нест. Ва дигар бор назар кунанд, то бидонанд, ки он асар, ки ӯ мепазирад аз ғайри ӯст ва агар он ғайр низ ҳамчун ӯ асарпазир бошад ва дар шакли интиҳонопазири масъала мутасалсил шавад ва ҳаргиз ба файсала нарасад» [28, с. 63];

3. Илми таълимӣ бошад, ба ақидаи мутафаккир, аз осори қудрат ба осори илми Худо тараққӣ мекунад ва дар он масъалаҳое ба миён меоянд,

монанди ваҳдати Худо, ки барои тафсири онҳо муаллими куллие зарур аст;

4. Илми таъйидӣ бошад, чунин аст, ки барои донистани он «руҷуъ бо муаллими куллӣ кунанд, агар таълими ӯ муқаддир бошад, бар завоҳири иборот ва шайъ баъда шайъ (чиз баъди чиз) ба тартиб ва тадриҷ ва изофот қабул кунанд, таълимаш хонанд ва агар муқаддир бошад бар бавотин ва маонӣ [ва] дафъатан воҳидатан қабул кунанд, таъйидаш хонанд» [28, с. 64].

Аз ин масъалагузориҳо бармеояд, ки ду навъи охири тақсимоти илм, яъне, таълимӣ ва таъйидӣ, дар ақидаи Насируддини Тусӣ хусусияти сирф динӣ-мазҳабӣ доранд.

Фалсафа ва ё ҳикмати амалиро Насируддини Тусӣ ба маънои шинохти «масолеҳи ҳаракати иродӣ ва афъоли навъи синоъи»-и инсон ба хотири беҳбуди аҳволи маишӣ ва барои ба камоли маънавӣ расидани ӯ маънидод карда, онро низ ба ду қисм тақсим мекунад: ҳар чизе, ки ба нафси фардӣ ва ҳар чизе, ки ба нафси ҷамоат дар мушоракат иртибот дорад. Дар маҷмуъ, фалсафаи амалиро ба се қисм тақсим мекунад:

1. Таҳзиби ахлоқ, ки тавассути он инсон анвои фазилатҳоеро дарк мекунад, ки барои ба саодат расидани ӯ кумак мерасонанд;

2. Тадбири манзил, донишҳое, ки ба воситаи он эътидоли аҳволи муштараки байни шахс ва зану фарзандон ва ходимонаш маърифат гардида, роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти ба онҳо вобаста баррасӣ мешаванд;

3. Сиёсати мудун, донишҳое, ки тавассути онҳо анвои раёсатҳо, сиёсатҳо ва ҷомеаҳои маданӣ бо аҳволи онҳо шинохта мешавад: «Ва аммо ҳикмати амалӣ... мунқасим шавад ба ду қисм: яке он чи роҷеъ бувад бо ҳар нафсе ба инфирод ва дигар он чӣ роҷеъ бувад бо ҷамоате ба мушоракат. Ва қисми дувум низ ба ду қисм шавад: яке он чи роҷеъ бувад бо ҷамоате, ки миёни эшон мушоракат бувад дар манзилу хона ва дувум,

он чи роҷеъ бо ҷамоате, ки миёни эшон мушоракат бувад дар шаҳру вилоят, бал иқлиму мамлакат. Пас, ҳикмати амалӣ низ се қисм бувад: ва аввалро таҳзиби ахлоқ хонанд ва дувумро тадбири манозил ва сеюмро сиёсати мудун» [26, с. 34].

Бояд тазаккур дод, ки Абунасри Форобӣ яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки дар осораш, дар баробари шарҳу тафсири фалсафаи мутафаккирони Юнони Қадим, бахусус Арасту, масъалаҳои муҳимми афкори фалсафӣ ва мантиқиро таҳқиқ ва баррасӣ намуда, рисолаҳои гуногуни фалсафӣ ва мантиқиеро навиштааст. Дар байни онҳо «Эҳсо-ул-улум» («Таснифи илмҳо») аз ҷойгоҳи хосе бархурдор аст, зеро он бо мавзуи таҳқиқоти мо иртиботи мустақим дорад. Форобӣ дар ин асар на танҳо таснифи аслии донишҳои инсониро ба миён гузоштааст, балки тамоми соҳаҳои илми асримиёнагиро амиқ таҳлил карда, барои ҳар яке таърифи дақиқ додааст. Гузашта аз ин, ӯ дар муқаддимаи «Эҳсо-ул-улум» зикр кардааст, ки «...дар ин китоб донишҳои машҳурро як-як баршумурем ва хулосаҳое аз мабоҳиси ҳар як аз онҳо ба даст диҳем ва кадом, ки дорои чанд бахш ҳастанд, аз бахшҳои он ёд кунем ва намунаҳое аз матолиби ҳар бахшро нишон диҳем» [30, с. 73], то ба хонанда имкон диҳад, ки ин илмҳоро муқоиса кунад ва муайян намояд, ки кадоме аз онҳо фоиданоктар, боварибахштар ва асоснок аст.

Аҳаммияти бузурги «Эҳсо-ул-улум», мисли дигар асарҳои Форобӣ, ки ба таснифи илмҳо бахшида шудаанд, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун як навъ энсиклопедияи илмҳои замони худ маҳсуб ёфта, дар он мутафаккир маълумоти амиқ ва муфассалро дар бораи ҳамаи бахшҳои илмие, ки дар шарқи асримиёнагии исломӣ маъруф буданд, пешниҳод мекунад.

Асари гаронбаҳои Форобӣ «Эҳсо-ул-улум» аз муқаддима ва панҷ қисмати асосии илмӣ иборат буда, ҳар яке дар навбати худ боз ба бахшҳои фаннӣ ҷудо карда мешавад. Қисми аввал ба шинохти илми

забон бахшида шуда, он панҷ зерқисмро дар бар мегирад: умумии илми забон, қонунҳои лафзҳои муфрад, қонунҳои лафзҳои мураккаб, қонунҳои китобат ва қироати дуруст. Қисми дуюм ба илми мантиқ ихтисос ёфта, аз лиҳози фаннӣ ба панҷ бахш тақсим шудааст: ҷойгоҳи мантиқ, фоидаи мантиқ, мавзуи мантиқ, муносибати мантиқ бо дигар илмҳо ва қисматҳои илми мантиқ.

Мувофиқи раддабандии Форобӣ, илми математика дар зинаи сеюм қарор дошта, ба ҳафт бахш ҷудо шудааст: ҳисоб, ҳандаса, манозир (оптика), ситорашиносӣ, мусиқӣ, асқол ва ҳиял. Бо дарназардошти таъсири муҳити илмии замонаш, мутафаккир қисмати чорумро ба шинохти табииёт ва илоҳиёт бахшидааст, ки он ду бахш – илми табиӣ ва илми илоҳиро фаро мегирад. Дар қисми панҷум, ки мутобиқ ба анъанаҳои тафаккури асримиёнагӣ таҳия шудааст, илмҳои маданӣ, фиқҳ ва калом баррасӣ мегарданд. Ин қисмат низ ба се бахш ҷудо мешавад: илми маданӣ, илми фиқҳ ва илми калом.

Бояд зикр кард, ки дар муқоиса бо Насируддини Тусӣ, Форобӣ дар рисолаҳои худ мафҳуми «илм»-ро бештар истифода бурда, гоҳе онро бо мафҳуми «санъат» ҳам ифода мекунад, зеро ба назари ӯ, фарқияти ҷиддие байни онҳо вуҷуд надорад. Мантиқ дар осори Форобӣ ҳам ҳамчун илм ва ҳам ҳамчун санъат таъбир ёфтааст. Ба андешаи ӯ, таснифи илмҳо аз давраи атиқа оғоз ёфта, бо ду ҳадафи асосӣ анҷом дода мешуд: аввалан, муайян намудани робитаи илмҳо дар асоси мавзуъ, усул ва самти рушд; сониян, тартиби таълим ва тадриси онҳо.

Ин ҷанбаи методологиро ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ, чуноне ки қаблан зикр кардем, таҳти таъсири Арасту қабул кардаанд. Аз ин рӯ, мумкин аст тахмин зад, ки таснифи илмҳои онҳо, мисли дигар файласуфони машшоӣ, то андозае аз системаи Арасту иқтибос гардидааст.

Ба ақидаи Форобӣ, фалсафа санъатест, ки барои ноил шудан ба корҳои фоиданок нигаронида шудааст. Аз ҷумла, ду судмандии асосие, ки тавассути илм ба даст меоянд, яке дониш ва дигаре амал, яъне фаъолияти амалӣ, мебошанд. Аз ин рӯ, санъати фалсафа ба ду навъ ҷудо мешавад: фалсафаи назарӣ ва фалсафаи амалӣ. Фалсафаи назарӣ бо таҳқиқ ва омӯзиши мафҳумҳое, аз қабили Худо, кайҳон, ақл, ҷисмҳои осмонӣ, ҷисмҳои табиӣ, наботот, ҳайвонот ва инсон машғул аст. Дар муқоиса бо он, фалсафаи амалӣ оламҳое ва падидаҳоеро меомӯзад, ки ба ирода ва хоҳиши инсон вобаста буда, таҳқиқоти онҳо бо фаъолияти амалии инсон алоқаманд аст.

Форобӣ дар боби ҳикмати назарӣ се шохаи асосии онро муайян мекунад: илмҳои риёзӣ (риёзиёт), илмҳои табиӣ (табииёт) ва илмҳои илоҳӣ (илоҳиёт). Ба гуфтаи Форобӣ, илмҳои риёзӣ на танҳо чор соҳаи анъанавии он (арифметика, ҳандаса, ситорашиносӣ ва мусиқӣ)-ро дар бар мегиранд, балки ба онҳо оптика, асқол (вазнинӣ) ва механика низ шомил мешаванд, ки дар илмҳои муосир бахшҳои физика маҳсуб меёбанд. Ин ҳафт бахш тамоми ададҳо ва рақамҳоро фаро мегиранд, инчунин, хусусиятҳо ва сифатҳои онҳоро, ки ба синфҳои гуногуни мавҷудот хос мебошанд, баррасӣ мекунанд.

Форобӣ се соҳаи муҳимми риёзиёт – арифметика, геометрия ва мусиқиро ба ду бахш ҷудо мекунад: назарӣ ва амалӣ. Дар бахши назарӣ, мавҷудият ва хосиятҳои шаклҳои математикӣ мустақил аз муҳити моддӣ таҳқиқ карда мешаванд. Дар бахши амалӣ, баръакс, онҳо дар робита бо ашёи мушаххас мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Бо вуҷуди ин, Форобӣ бар он назар аст, ки фарқи байни «назария» ва «амалия» нисбӣ мебошад ва танҳо ба ҷузъҳои мушаххаси илм дахл дорад. Масалан, астрономияи математикӣ, ки бо шаклҳои математикӣ дар робита бо ҷисмҳои осмонӣ сарукор дорад, илми амалӣ ҳисобида намешавад.

Ба ҳамин монанд, ӯ астрономия («илм-ун-нуҷум»)-ро ба ду қисм, яъне астрологияи қазоӣ (илм-ут-танҷим-ул-қазоӣ) ва астрономияи риёзӣ ҷудо мекунад. Аммо фарқияти онҳоро ба таври возеҳ ҳамчун илмҳои амалӣ ва назарӣ шарҳ надодааст. Оид ба ду қисмати илми манозир бошад чунин мегӯяд: «Аввал: баррасӣ дар бораи чизҳое аст, ки ба василаи шуоъҳои мустақим дида мешаванд.

Дувум: баррасӣ дар бораи чизҳое аст, ки ба василаи шуоъҳои ғайри мустақим дида мешаванд. Ва ин қисмро илми мароё гӯянд» [30, с. 113].

Форобӣ ин илми манозирро ҳам илм ва ҳам санъат тавсиф мекунад ва ягон тақсимоти назариявию амалии онро мутахассисона амиқу дақиқ баррасӣ накардааст.

Илми асқол ва илми ҳиял ба чунин тақсимот дохил намешаванд, зеро Форобӣ онҳоро комилан бахши математикаи амалӣ мешуморад. Оптика, баръакс, ба гуфтаи ӯ, ба илмҳои риёзӣ мансуб аст, зеро он хосиятҳои ҳандасии рӯшноӣ ва махсусан ҳодисаҳои босиравиро таҳқиқ мекунад.

Оптика, инчунин, масъалаи андозагирии фосилаҳои калон ва дурро дар бар мегирад, аз ҷумла, муайян кардани умқи водиҳо ва дарёҳо, баландии кӯҳҳо ва абрҳо, инчунин, дарозии ҷисмҳои осмонӣ, ки аз замин мушоҳида мешаванд. Дар баробари ин, он намудҳои гуногуни шуоъҳои нурро гурӯҳбандӣ ва таҳлил менамояд. Форобӣ оптикаро ҷузъи геометрияи назариявӣ мешуморад ва онро аз асосҳои назариявии геометрия ҷудо намекунад. Аз ин рӯ, ӯ оптикаро ба қисмҳои назарӣ ва амалӣ тақсим намекунад.

Гарчанде ки дар зинабандии илмҳо математика ҳамчун илме ҷойгир аст, ки фосила байни табиатшиносӣ ва метафизикаро пур мекунад, дар тартиби таълими фанҳо он пеш аз табиатшиносӣ қарор мегирад. Ба ақидаи Форобӣ, омӯзиш бояд аз он илмҳое оғоз ёбад, ки барои ақли инсон фаҳмотар буда, камтар нофаҳмиҳо ва ихтилофро ба миён меоранд.

«Он чи ба ин ном шинохта мешавад, ду илм аст: яке илми адади амалӣ аст, дигаре илми адади назарӣ» [30, с. 105].

Форобӣ табииётро илме мешуморад, ки ҷисмҳои табиӣ ва аразҳои хоси онҳоро таҳқиқ карда, баъзеро басит ва бархе дигарро мураккаб медонад: «Басит он аҷсоме ҳастанд, ки вуҷудашон аз аҷсоми дигаре, ғайр аз худашон, ташкил нашуда бошад. Мураккаб он аҷсоме ҳастанд, ки вуҷудашон аз аҷсоми дигаре, ғайр аз худашон, ташкил шудааст, монанди ҳайвон ва гиёҳ» [30, с. 125].

Барои боз ҳам равшантар таҳқиқ кардани масъала, Форобӣ ба сабабҳои он мурочиат намуда, се навъи консепсияро истифода мебарад: ал-латӣ ‘анҳа (сабабе, ки аз он чизе бармеояд), ал-латӣ биҳа (сабабе, ки бо он чизе бармеояд) ва ал-латӣ лаҳа (сабабе, ки баҳри он чизе бармеояд).

Барои тавзеҳи муассири мавзуи ин илм, Форобӣ ба ашёи олами саноеи амалӣ, яъне ҷисмҳои сунъӣ, мурочиат мекунад. Ба қавли ӯ, мабоди (унсурҳои ибтидои)-и ҷисмҳои сунъӣ ва аразҳои онҳо назар ба мабодии ҷисмҳои табиӣ ва аразҳои онҳо равшантар ва фаҳмотар мебошанд. Аксари мабодии ҷисмҳои сунъиро метавон тавассути ҳиссиёт шинохт, дар ҳоле ки мабодии ҷисмҳои табиӣ аксаран танҳо бо ёрии ҳукмҳо ва бурҳонҳои мушаххас исбот мешаванд. Форобӣ махсус ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, «иллатҳои ҳамаи инҳоро ва он ки чаро чунин аст, бо бароҳине исбот мекунад, ки ин бурҳонҳо барои мо илми яқинӣ эҷод менамоянд, ба тавре ки дар он ҳеҷ шак ва тардиде роҳ ёфта наметавонад» [30, с. 108].

Ҳамин тариқ, Форобӣ табииётро ба ҳашт қисм ҷудо мекунад. Монанди мантиқ, ҳар як бахши илмҳои табиатшиносӣ ба ақоиди Арасту ё баъзе қисматҳои он мувофиқат мекунад. Чунонки қаблан зикр намудем, бахши аввали илмҳои табиатшиносӣ аз нигоҳи Форобӣ ҳам

басит ва ҳам мураккаб буда, бар асоси мабодӣ ва аразҳои муайян ташаккул меёбад.

Гарчанде Форобӣ дар «Эҳсо-ул-улум» моҳияти ин мабодиро шарҳ надодааст, дар рисолаҳои дигараш ӯ ин принсипҳоро ба чаҳор мабодии ҳастии арастуӣ асоснок менамояд. Ин бахш аз таҳлили муқаррароти куллӣ, қоидаҳо ва қонунҳои табиӣ, ки ба ҳамаи ҷисмҳои табиӣ дахл доранд, иборат аст ва барои фаҳмиши он донистани мақулаҳои илми мантиқ зарур мебошад.

Қисми дуюми илмҳои табиатшиносӣ таҳқиқи ҷисмҳои баситро дар нуҳ ҷанба баррасӣ мекунад:

1. Ҳастии навъҳои гуногуни ҷисмҳои басит ва табиати умумии онҳо.

2. Ҷисмҳои басите, ки унсурҳои ҷисмҳои таркибӣ мебошанд.

3. Хосиятҳои умумии ҷисмҳои одӣ, ки қисмҳои ҷисмҳои таркибиро ташкил медиҳанд.

4. Принсипҳои ба ҳам пайвастшавии чор унсур барои ба вуҷуд овардани пайвастагиҳои дигар.

5. Навъҳои гуногуни ҷисмҳо, ки аз чор унсур иборатанд.

6. Хосиятҳои умумии физикии ҷисмҳои таркибӣ, хусусан ҷисмҳои якхела, ки қисмҳои ҷисмҳои таркибиро ташкил медиҳанд.

7. Ҷисмҳои якхелае, ки ҷузъи ҷисмҳои таркибӣ нестанд – бахше, ки бо илми муосири минералогия (маъданшиносӣ) муқоиса мешавад.

8. Навъҳои растаниҳо, хосиятҳои умумӣ ва хосиятҳои хоси ҳар як намуд.

9. Навъҳои гуногуни ҳайвонот, хосиятҳои умумии онҳо ва хосиятҳои хоси ҳар як намуд.

Форобӣ воқеияти маротиби вуҷуди кайҳониро, ки олами табиӣ як ҷузъи он аст, таҳлил намуда, бар он назар аст, ки илмҳои наботот ва ҳайвонот, аз ҷумла, омӯзиши бадани инсон, наметавонанд танҳо дар асоси хосиятҳои табиӣ ё физикӣ комилан асоснок шаванд. Ба ақидаи ӯ,

ин илмҳо бояд бар асоси принсипҳои олӣ, ки онҳоро принсипҳои руҳонӣ ё насутӣ меноманд, низ асоснок карда шаванд.

Ниҳоят, бахши мовароуттабиӣ (метафизика) дар низоми илмии Форобӣ мавқеи муҳим дорад. Ӯ онро ба ду қисм ҷудо мекунад:

1. Ҳастишиносӣ, ки мавҷудот ва сифатҳои онҳоро ба қадри мавҷуд буданашон меомӯзад. Форобӣ дар «Эҳсо-ул-улум» дар бораи ин илм амалан чизе намегӯяд.

2. Таснифи навъҳои гуногуни мавҷудот бо мақсади муайян кардани мавзуъҳои илмҳои назарӣ.

Ин бахш асосҳои бурҳон (мабодеъ-ул-бароҳин)-ро дар илми мантиқ, улуми риёзӣ ва табиатшиносӣ муайян менамояд. Ба ибораи дигар, он барои асолати мавзуи ҳар як илми назарӣ бо кашфи табиати воқеӣ ва вижагиҳои ашё асос фароҳам меорад.

Масалан, нуқта, рақами як, хатҳо ва сатҳҳо, ки дар математика омӯхта мешаванд, ҷавҳарҳои алоҳида нестанд ва бо мавҷудоте, ки на ҷисманд ва на дар ҷисманд робита доранд, ҳамоҳанг мебошанд. Ин бахш нишон медиҳад, ки мавҷудоти ғайриҷисмонӣ вуҷуд доранд, шумораашон маҳдуд аст ва метавонанд бар асоси маротиби вуҷуди худ тасниф карда шаванд, ки дар ин низом Худо дар нуқтаи олӣ қарор дорад. Дар маҷмуъ, ин илм фаришташиносӣ, кайҳоншиносӣ ва космогонияро дар бар мегирад.

Таснифи илмҳо, ба истиснои илоҳиёт, дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ хусусияти объективӣ ва воқеӣ дорад. Ҳардуи онҳо хосиятҳои объективии предметҳои моддии воқеиро, ки новобаста аз инсон мавҷуданд, таҳлил намуда, гурӯҳҳо ва хосиятҳои муайяни ҷисмҳои моддиро муайян мекунанд. Ба ақидаи онҳо, илмҳо, қабл аз ҳама, аз рӯйи мавзуъҳои омӯзиши худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ҳар як илм, тибқи назари онҳо, ҷиҳатҳои алоҳида, гурӯҳи муайян ё хосиятҳои мушаххаси ҷисмҳои моддиро меомӯзад. Таҳқиқоти онҳо

нишон медиҳад, ки илму дониш нисбат ба ҳастӣ мақоми дуввумдараҷа дошта, ҳамвора аз мазмуни ҳастӣ гирифта мешаванд. Онҳо на ба таври ногаҳонӣ ё тасодуфӣ, на бо хости субъект, на дар як вақт ва замон, балки тадриҷан, марҳила ба марҳила, тибқи ниёзҳои воқеии инсонҳо ташаккул меёбанд.

Дар низоми таъсисдодаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ илмҳои гуногун на танҳо якдигарро истисно намекунанд, балки дар иртибот ва вобастагии қавӣ қарор дошта, ҳамдигарро такмил медиҳанд. Ҳар як илм ҷанбаи муайяни ҳастиро меомӯзад ва дар маҷмуъ, ҳамаи илмҳо ҳастии куллиро инъикос менамоянд. Бо ин ҳама, дар таснифоти онҳо ҳам умумият ва ҳам тафовутҳо ҷой доранд. Агар умумияти таснифоташон аз баррасиҳои фавқуззикр маълум гардад, пас тафовутҳои он ба чанд нукта марбутанд. Дар ҳолатҳои ҷудогона байни таснифоти онҳо ихтилофҳо ва тафовутҳои назариявӣ мушоҳида мешаванд, масалан, агар Насируддини Тусӣ дар «Ахлоқи Носирӣ» фалсафа (ҳикмат)-и назариро ба метафизика, риёзиёт ва табииёт тақсим кунад, дар китоби дигараш – «Ақсом-ул-ҳикма», илмҳоро ба тартиби дигар, яъне ба табииёт, риёзиёт ва илоҳиёт ҷудо карда, мантиқро дар мавзеи аввал ҷой медиҳад. Ҳамчунин, дар таснифи мавзуъҳои мантиқи Насируддини Тусӣ на танҳо аз Форобӣ, балки аз Арасту ва Ибни Сино низ тафовутҳо ҷой доранд. Агарчи ӯ дар аксари маврид ба тақсими ҳаштгонаи мавзуъҳои мантиқ пайравӣ мекунад, дар ду китоби асосиаш дар бораи мантиқ – «Таҷрид-ул-мантиқ» ва «Асос-ул-иқтибос» – тақсими нуҳгонаро бо илова кардани ҷадал ё топика истифода кардааст. Бо ин ҳама, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бисёр рисолаҳои хеш ба нақши дониш дар ташаккули сифатҳои маънавии инсон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, масъалаи мавзуъ, мазмун, вазифа ва сохтори илмро таҳлил ва тарҳрезӣ кардаанд. Онҳо кӯшидаанд, ки моҳият, вазифаҳо ва манфиатҳои иҷтимоии ҳар як илми мушаххасро дар низоми умумии донишҳои назарӣ дарк намуда, онҳоро ба гурӯҳҳои

муайян ҷудо созанд. Аз ин рӯ, мантиқ дар таснифи илмҳои онҳо мақоми вижа дошта, ҳамчун абзори асосии тафаккури назарӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Форобӣ дар «Эҳсо-ул-улум»-и худ ба таври хос таснифи мантиқро дар ҳамбастагӣ бо забоншиносӣ баён кардааст. Ӯ, аввалан, илми забон (илм-ул-лисан)-ро баррасӣ намуда, онро ба ҳафт зербахш тақсим мекунад: алфози муфрад, алфози мураккаб, қавонини танзимкунандаи алфози муфрад, қавонини танзимкунандаи алфози мураккаб, навишти саҳеҳ, қоидаҳои қироати дуруст ва қоидаҳои шеър. Дуюм, Форобӣ мантиқро (илм-ул-мантиқ) ба ҳашт қисм ҷудо мекунад, ки ба масъалаҳои зерин дахл доранд:

1. Қоидаҳои танзимкунандаи маъқулоти одӣ ё ғояҳо ва ибораҳои сода, ки ин маъқулотро мутобиқ бо мақулаҳои Арасту ифода мекунанд.

2. Қоидаҳое, ки алфоз ва ҷумлаҳои одиро танзим мекунанд ва ба китоби Арасту «Дар бораи тафсир» мувофиқат доранд.

3. Қоидаҳои қиёсҳое, ки барои панҷ саноеи қиёс – бурҳонӣ, ҷадалӣ, суфастоӣ, хитобӣ ва шеърӣ умумият доранд ва ба «Аналитикаи аввал»-и Арасту мувофиқанд.

4. Қоидаҳои исботи бурҳонӣ ва қоидаҳои махсусе, ки тавассути онҳо санъати фалсафӣ мутобиқ ба «Аналитикаи дуюм»-и Арасту ташаккул меёбад.

5. Воситаҳои кашфи бурҳонҳои ҷадалӣ, саволҳою ҷавобҳо ва қоидаҳое, ки санъати ҷадалро ташкил медиҳанд ва ба «Топика»-и Арасту мувофиқанд.

6. Қоидаҳои танзимкунандаи масъалаҳое, ки шахсро аз кашфи ҳақиқат ба гумроҳӣ мебаранд ва ба асари Арасту «Дар бораи раддияҳо бар суфастоиён» мувофиқанд.

7. Санъати хитоба, ки муқаррароти хитобро мувофиқ бо «Риторика»-и Арасту ба танзим медарорад.

8. Санъати шеър, ки бо «Поэтика»-и Арасту мувофиқат дорад.

Мантиқ дар таснифи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, мисли файласуфони дигари исломӣ, ҷузъи ягон илми фалсафӣ нест. Он абзори илмҳои фалсафӣ ва инчунин, дигар илмҳо мебошад. Вазифаи он, чуноне ки Е.А. Фролова қайд кардааст, асоснок ва таҳлил намудани масоиле будааст, ки «...ба таври қотеъ ташаккул додан ва пешниҳоди онҳоро тақозо мекард. Муҳим он буд, ки дар гуфтор роҳгум назананд, ба хатои мантиқии нутқ роҳ дода нашавад, фиреби мантиқӣ ва таҳрифот ошкор гардида, хулосаҳои мантиқии печида кашф ва равшан карда шаванд. Барои ин зарур буд, ки дар асоси қоидаҳои мантиқӣ сохтани қазияҳо, хулосаҳои мантиқӣ, таснифи хатоҳои имконпазир ва фаҳмондани моҳияти онҳо муфассал таҳия карда шавад» [196, с. 107-108].

Чунонки дар рисолаи «Ақсом-ул-ҳикма» Насируддини Тусӣ мантиқро абзори илмҳо ва хизматгори онҳо меҳисобад. Вай ишора мекунад, ки мантиқ «фаҳмиши маониест, ки ба воситаи онҳо метавон илмҳои гуногунро дуруст дарк кард. Ҳамчунин, Тусӣ мантиқро ба қисматҳои зерин тақсим кардааст: ««Исоғуҷӣ», ки онро бо номи «ал-Мадхал» пешкаш намуда, таҳти таъсири Порфирий навиштааст. Ин бахш аз чор фан иборат аст: дар бораи алфоз, куллӣ ва ҷузъӣ, ҷавҳар ва араз, инчунин, куллиёти панҷгона (ҷинс, навъ, фасл, хос ва арази ом) ва «категория» («ал-мақулот»), ки ба таҳлили муфрадоти зотӣ бахшида шудааст. Дар ин бахш, санъати ба ҳадҳо ҷудо кардан, таърифҳои онҳо ва муқаддимаҳои қиёс баррасӣ мешаванд. Инчунин, муайян намудани ҳар як мақула ва фарқ гузоштан байни онҳо бе дарки мақулаҳои асосӣ ғайримумкин аст. «Ал-ибора» («Дар бораи тафсир»), ки ба муайян кардани маъниҳои дуруст (содиқ) ва нодуруст (козиб) ихтисос ёфтааст. «Аналитикаи аввал» («Таҳлил-ул-қиёс») ва «Аналитикаи дуюм» («ал-Бурҳон»), ки мутаносибан ба тавзеҳи тарзу усулҳои муқаррар сохтани қиёс ва анвои он, инчунин бурҳон ва шаклҳои гуногуни он бахшида

шудаанд. «Ас-суфистиқо» («Ал-муғолата»), ки омӯзиши усулҳои таҳрифи барқасдонаи афкори мантиқиро фаро мегирад. Дар ин бахш, истифодаи ҳилаю найрангҳои гуногун барои манфиатҳои шахсӣ ва ғалаба дар мубоҳисаҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад, на барои исботи ҳақиқат» [302, с. 44].

Бо дарназардошти таҳлилҳои анҷомшуда, дар бораи таснифи илмҳо ва саҳмҳои гаронмояи Форобӣ дар рушди онҳо, метавон ӯро асосгузори аслии ин анъана ва Насируддини Тусиро идомадиҳандаи суннатҳои ӯ дар соҳаи мантиқ ва сиёсатшиносӣ дар фалсафаи классикии исломӣ номид.

Бо мақсади дур нашудан аз мавзуи баҳс ва бо таваҷҷуҳ ба теъдоди зиёди таҳқиқот оид ба сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, мо онҳоро дар ин ҷо мавриди баррасӣ қарор намедиҳем. Ба ҷуз ин, бояд зикр кард, ки дар замони онҳо муқовимат ба мантиқ ҳам аз ҷониби наҳвшиносон ва ҳам уламои дин ба авҷи худ расида буд. Ин муқовимат ба дараҷае ҷиддӣ буд, ки Форобӣ ва Тусӣ маҷбур шуданд рисолаҳои вижаеро дар дифоъ аз мантиқ ва дар посух ба интиқодҳои динӣ бинависанд.

Худи Форобӣ изҳор доштааст, ки ӯ вориси як анъанаи мантиқиест, ки қариб аз байн рафта буд. Аз ҳамин рӯ, ӯ таснифоти худро бо ҳадафи маъруфсозӣ ва пазируфта шудани мантиқ ва улуми фалсафӣ дар миёни мусулмонон таҳия кардааст. Ин тасниф як кӯшиши ҳадафмандона барои ташаккули симои волои улуми фалсафӣ дар муносибат бо улуми динӣ мебошад. Илова бар ин, бо таъкид бар он ки илми забон ва мантиқ ду фанни ба ҳам пайваста, вале мустақиланд, таснифоти Форобӣ ба таҳкими ҷойгоҳи мантиқ дар миёни илмҳои пазируфташуда мусоидат мекунад. Форобӣ таъкид мекунад, ки таснифоти ӯ ба инсон дар фаҳмидани ин масъала кумак мерасонад, ки «кадом илм беҳтар, муфидтар, дурусттар, муътамадтар ва таъсирбахштар аст». Ба андешаи ӯ, чунин илмҳо танҳо як ё якчанд илмҳои фалсафӣ буда метавонанд.

Ба назари Форобӣ, беҳтарин роҳ барои муқоиса ва муқобилгузории улуми фалсафӣ ва динӣ муроҷиат ба заминаи методологӣ мебошад. Ин барои ӯ маънои истинод ба мантиқ ва қиёсро дорад, ки «ангезаи методологии» таснифоти ӯро тавзеҳ медиҳад ва нишон медиҳад, ки чаро он, асосан, ба санъати қиёс ва донишҳои марбут ба он маҳдуд аст.

Форобӣ дар «Эҳсо-ул-улум» далели қавӣ барои зарурати мантиқ меорад ва таъкид мекунад, ки он барои касоне, ки намехоҳанд ақоид ва андешаҳои худро танҳо бар асоси маърифати одӣ ва маъмулӣ асос гузоранд, ниҳоят муҳим аст. Ба гуфтаи ӯ: «Саноати мантиқ ба таври куллӣ қавонинеро ба даст медиҳад, ки пайравӣ аз онҳо боиси истиқомати хирад мегардад ва дар мавориде, ки мумкин аст дар баъзе аз маъқулот барои одамӣ иштибоҳе пеш ояд, ӯро ба роҳи дуруст ва ҳақиқат раҳнамун месозад» [30, с. 83].

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки Форобӣ, истинод ба мунаққидони мантиқ дар миёни наҳвшиносон карда, тасдиқ мекунад: ҳамон тавре ки таҷриба ва хислати фитрии комил наметавонанд ҷойгузини қоидаҳои сарфу наҳв ҳамчун василаи санҷиши саҳеҳияти забон шаванд, ҳамон тавр танҳо таҷриба ё хислати модарзодии комил барои кафолати дурустии далелҳо нокифоя аст. Аз нигоҳи Насируддини Тусӣ, мантиқ василаи андӯхтани дониш аст, ки тавассути таҳқиқи ашё ва касби ҳақиқат аз роҳи дарки маҷҳулот ва ислоҳи иштибоҳот амалӣ мегардад.

Ӯ қайд мекунад: «...ҳайрат аз таъорузи адилла хезад дар масоили мушкила ва аҷзи нафс аз таҳқиқи ҳақ ва ибтоли ботил; ва тариқи изолати ин разилат, ки муҳликтарини разоил бошад, он аст, ки аввал тазаккури ин қазия аз қазоёи увло, ки «ҷамъу рафъи нафй ва исбот дар як ҳол маҳол бувад» малака кунад, то бар иҷмол дар ҳар масъалае, ки дар он мутаҳаййир бошад, ҳукми ҷазм кунад ба фасоди як тараф аз ду тарафи мутаъориз (падидоршаванда), баъд аз он татаббуъи қавонини мантиқӣ ва тасаффуҳи муқаддамот ва тафаҳҳус аз сурати қиёс ба

истиқсои балиғ ва эҳтиёте тамом дар ҳар тарафе истеъмол кунад, то бар мавзеи хато ва маншаи ғалат вуқуф ёбад. Ва ғарази куллӣ аз илми мантиқ... илоҷи ин мараз аст» [25, с. 138].

Ба иборати дигар, Насируддини Тусӣ ва Форобӣ моҳияти мантиқро дар кӯшиш барои дарки ҳақиқат, ҷудо кардани ҳақ аз ботил ва пешгирӣ аз иштибоҳ мебинанд.

Форобӣ дар таснифоти худ ба илми забоншиносӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро вобаста ба қонун ва қоидаҳояш ба ҳафт қисм тақсим кардааст. Ӯ ин илмро илмҳои куллӣ номида, таъкид мекунад: «Қавонин дар ҳар саноат иборат аст аз қазоёи куллӣ, яъне қазоёи ҷомеъ, ки дар таҳти ҳар як аз ин қазоёи куллӣ, бисёре аз умуре, ки ин саноат ба танҳоӣ онҳоро фаро мегирад, мундариҷ аст ва аз ҳамин роҳ дар тамоми он умуре, ки мавзуи ин саноатанд, ё дар бештари онҳо, баҳс мешавад» [30, с. 75].

Ӯ байни ду вазифаи бунёдии ин илм фарқ мегузорад ва ба андешаи ӯ **аввалин вазифа** нигоҳ доштани ибораҳои муҳим (ал-алфāз ал-дāлла) мебошад, ки ё содаанд ё таркибӣ. Ибораҳои сода ба яке аз се гурӯҳ дохил мешаванд: исм, феъл ё ҳарф (ҳиссача).

Исм – лафз ё ифодаи сода буда, маъноеро ифода мекунад, ки ба зоти худ тааллуқ дорад ва бидуни ишора ба моҳият, сохтор ё шакл дар замони ҳастии худ фаҳмо аст.

Феъл – лафз ё ифодаи содае мебошад, ки маънои онро ба зоти худ фаҳмо месозад ва ҳамзамон, замонеро, ки ин маъно дар он вуҷуд дорад, ифода мекунад.

Ҳиссача – лафз ё ифодаи содае аст, ки маънои мустақил надорад, магар он ки ба исм, феъл ё ҳарду пайваст шавад.

Ба ақидаи Форобӣ, ҳар яке аз ин се намуд ифодаи содаи як мафҳумро инъикос менамояд. Лафзҳои таркибӣ бошанд, мафҳумҳои муфрад ё мураккабро ифода мекунанд ва аз ду ё ҳамаи ҷинсҳои дар боло

зикршуда иборатанд. Лафзҳое, ки мафҳумҳои мураккабро ифода мекунанд, ибораҳо номида мешаванд.

Вазифаи дуюми илми забон таҳия ва танзими қоидаҳоест, ки ибораҳои муҳимро ба низом медароранд. Ҳар як санъати назариявӣ ё амалӣ бо маҷмуи қоидаҳо тавсиф мешавад. Форобӣ таҳти мафҳуми «қоида» ҳукмҳои куллиеро дар назар дорад, ки ашёи зиёди муфрадро, ки ба ин санъат тааллуқ доранд, фаро мегиранд.

Қоидаҳои ҳар як санъат ба се ҳадаф нигаронида шудаанд:

1. Таъмини фаҳмиши комил ва дақиқ дар бораи ҳамаи ашёе, ки ба ин санъат марбут аст, то ки унсурҳои он аз унсурҳои санъати дигар равшан фарқ карда шаванд.

2. Муайян кардани василаҳои тафтиши хатоиҳое, ки шояд шахси бехабар аз қоидаҳо содир кунад.

3. Осон кардани омӯзиши унсурҳои дохили ин санъат.

Форобӣ ба ин асос, бахши ҳафтгонаи илми забоншиносиро бар «анатомияи» забони инсон ва ду вазифаи дар боло зикршуда бунёд кардааст.

Шохаи аввал – илм дар бораи лафзҳои сода, ки бо лексикография ва лексикологияи муосир шабоҳат дорад.

Шохаи дуюм – илм дар бораи лафзҳои таркибӣ, ки алфози мураккабро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

Шохаи сеюм – илм дар бораи қоидаҳое, ки лафзҳои содаро ба танзим медароранд ва ба морфология, фонетика ва имло наздиканд.

Шохаи чорум – илм дар бораи қоидаҳои истифодаи лафзҳои мураккаб.

Он бо ду навъи қоидаҳои гуногун сарукор дорад.

1. Аввалан, қоидаҳое, ки ба тағйири таркиби исмҳо (аз ҷумла, ҷонишинҳо), феълҳо ва ҳиссачаҳо ҳангоми ҳамроҳшавӣ ё мутобиқшавӣ ба тарзи муқаррарии истифода дахл доранд.

2. Сониян, қоидаҳое, ки калимаҳоро ба ҷумлаҳои пурмаъно муттаҳид ва ба тартиб медароранд [30, с. 79].

Илми аввалини Форобӣ дар забоншиносии муосир ба грамматика мутобиқ аст. Бахшҳои боқимонда ба қоидаҳои дурустнависӣ, қоидаҳои хониши дуруст ва меъёрҳои шеърӣ марбутанд. Форобӣ илми забоншиносиро, бахусус, грамматикаро ҳамчун фанни зарурӣ тасвир мекунад. Вале, ба ақидаи ӯ, он ба мисли мантиқ аҳаммияти аввалдараҷа надорад, гарчанде ки байни ин ду иртиботи қавӣ вуҷуд дорад. Ҳам грамматика ва ҳам мантиқ барои бунёди системаи фалсафии ақлонӣ ногузиранд ва ҳамчун воситаҳои муҳим барои омӯзиши тамоми илмҳои дигар хизмат мекунанд.

Ба андешаи Форобӣ, мантиқ бо «санъати наҳв» қаробат дорад: «Муносибати мантиқ бо ақл ва мафҳумҳои ақлӣ ҳамон гуна аст, ки муносибати наҳв бо забон ва калимаҳо. Наҳв дар бораи қоидаҳои истифодаи калимаҳо намунаҳо пешкаш мекунад, мисле ки мантиқ барои объектҳои даркшавандаи ақл намунаҳо медиҳад» [13, с. 100].

Мантиқ бо ашё чуноне ки ҳастанд ва ё бо ашёи тааққулшаванда дар ақл ба худии худ сарукор надорад. Дар улуми фалсафӣ мавҷудоти берун аз руҳи инсон ва мафҳумҳои фаҳмо дар зеҳн ҳамчун нишонаҳои табиати чизҳое, ки аз ҷониби ақл дарк мешаванд, баррасӣ мегарданд. Зоти нафси берун аз вуҷуди инсон ва маъқулот дар ақл ҳамчун ифодакунандаи табиати ашё, ки онҳоро зеҳн ва ақли инсон тааққул мекунад, дар илмҳои фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Мантиқ, баръакс, ба ҳолати равонӣ ва хусусиятҳои маъқулоте сарукор дорад, ки дар он ифода мешаванд. Ин маъқулот метавонанд субъект, ҳамл (предикат), кул ё ҷузъи ҳамл, моҳият ё тасодуфи аразҳо бошанд. Мантиқ ба лафзҳо танҳо дар ҳадде, ки барои ҳамаи забонҳо умумият доранд, робита дорад. Аммо, Форобӣ таъкид мекунад, ки мантиқ ба тартиб ва ҷойгиршавии алфоз камтар таваҷҷуҳ дошта, бештар

ба танзим ва таркиби маъқулоти ашё дар зеҳн ва ақли инсон сарукор дорад.

Форобӣ, чуноне ки дар боло зикр гардид, мантиқро ба ҳашт қисм ҷудо мекунад, ки ба ҳашт китоби «Органон»-и Арасту мутобиқ мебошанд. Барои дарки дурусти ин тақсимот ва тартиботи қисмҳои он, зарур аст, ки ба аҳдофи мантиқи таҳиянамудаи Форобӣ муроҷиат намоем. Агар ба ин масъала жарфтар назар андозем, маълум мешавад, ки Форобӣ се ҳадафи асосии мантиқро муайян кардааст:

1. Рост кардан (туқаввим) ва ҳидоят намудани ақл ба сӯйи тафаккури дуруст дар мавриди ҳамаи хулосаҳои мантиқӣ, ки дар онҳо хатоӣ мумкин аст.

2. Таъмин намудани кафолат аз роҳ ёфтани иштибоҳот дар робита бо хулосаҳои мантиқӣ.

3. Фароҳам овардани василаи санҷиши иштибоҳот, ки дар ҷараёни тафаккур ва натиҷагирии мантиқӣ метавонанд ба вуҷуд оянд.

Агар ин се ҳадаф дар раванди натиҷагирии мантиқӣ ба назар гирифта шаванд, нақш ва аҳаммияти мантиқ равшантар ба назар мерасад.

Чунонки худи Форобӣ мегӯяд: «Саноати мантиқ ба таври куллӣ қавонинеро ба даст медиҳад, ки пайравӣ аз онҳо боиси истиқомати хирад мегардад ва дар мавориде, ки мумкин аст дар баъзе аз маъқулот барои одамӣ иштибоҳе пеш ояд, ӯро ба роҳи дуруст ва ҳақиқат раҳнамун мешавад» [30, с. 83]. Воситаҳои расидан ба ин ҳадафҳо «қоидаҳо» (қавоид) мебошанд. Муносибати қоидаҳои мантиқӣ ба ақл ва қиёсҳои мантиқӣ шабеҳи робитаи қоидаҳои грамматикӣ ба забон ва алфоз аст. Тартиби ҳашт қисмати мантиқ аз ҷониби Форобӣ бо дарназардошти он муайян шудааст, ки ӯ онҳоро қасди аввали мантиқ мешуморад.

Форобӣ бахши чоруми мантиқи худро, ки ба таҳлили далеловарии Арасту мувофиқ аст, аз рӯйи асолат ва нуфузи он, инчунин, қасди

аввалияаш, муҳимтарин мешуморад. Тартибе, ки ӯ барои ҳашт қисмати мантиқ пешниҳод кардааст, «тартиб-ут-таълим» (тартиби омӯзиш ва ҳидоят) номида мешавад. Се қисмати аввал ҳамчун сарсухан (тавтиа), муқаддима (мадāхил) ва воситаҳо (туруқ) тавсиф шудаанд, ки ба қиёсҳои бурҳонӣ марбутанд. Ин қисмҳо унсурҳое доранд, ки барои панҷ бахши боқимонда умумият доранд.

Мантиқ ҳамчун илм бояд ҳама шаклҳои тафаккурро дар бар гирад. Ҳарчанд қиёси бурҳонӣ ҳадафи асосии омӯзиши мантиқро ташкил медиҳад, омӯзиши санъатҳои қиёсии ғайрибурҳонӣ низ зарур аст. Зеро:

- қиёсҳои ғайрибурҳонӣ ба шахс кумак мерасонанд, то бидонад, ки санъати бурҳонӣ чист ва чӣ буда наметавонад;

- ин дар навбати худ мусоидат мекунад ба он, ки шахс аз истифодаи усулҳои хато, ки боиси гумроҳӣ, тафаккури сатҳӣ ё тасвири бадеии ҳақиқат мешаванд, парҳез кунад;

- инчунин, шахсро роҳнамоӣ мекунад, ки чи ба сӯйи ростӣ ва итминон мебарад ва чӣ ба гумроҳӣ ва шубҳа.

Аммо инсон наметавонад аз гумроҳӣ оғоз намуда, баъд, тадриҷан ба ҳақиқат бирасад. Пеш аз ҳама, бояд фаҳмад, ки чӣ ба сӯйи ростӣ мебарад ва сипас, роҳҳои имконпазири гумроҳиро низ бишносад. Аз ин рӯ, дарки санъати тасвирӣ омӯзиши санъати нокомилро такмил медиҳад.

Ин раванд боис мегардад, ки омӯзиши санъати тасвирӣ аз омӯзиши санъатҳои дигари қиёсӣ (мувофиқ ба чаҳор қисмати охир) пештар ҷойгузин карда шавад. Форобӣ тартиби анъанавии ҳашт китоби «Органон»-ро, ки мактаби фалсафии Искандария таҳия карда буд, тасдиқ кардааст. Ин тартиб, чуноне ки дар боло зикр гардид, дар баъзе ҳолатҳо, аз тақсимоти нуҳгонаи ақсоми мантиқ фарқ мекунад.

Аммо ҳарду мактаб дар як масъала иттифоқ доранд:

- ҳарчанд ҳунарҳои хитобӣ (қисми ҳафтум) ва шеършиносӣ (қисми ҳаштум) аз санъатҳои қиёс нестанд ва ба мантиқ ҳамчун воситаи ёридиҳандаи санъати бурҳонӣ хизмат намекунанд;

- онҳо метавонанд абзорҳои муқоиса ва муқобилгузорӣ бошанд, ки барои ба ҳам санҷидан ва муқоиса кардани санъати қиёс истифода мешаванд.

Форобӣ, инчунин, бар ин назар аст, ки ҳар як санъати қиёсро метавон бо синф ё мактаби муайяни мутафаккирон пайваст кард. Ӯ «бар асоси қонунҳои арастуӣ ба робитаи абвоби мухталифи мантиқ бо ин қазоё ишора мекунад. Қонунҳои арастуӣ аз мақулот, иборот, қиёс, бурҳон, мавзеи ҷадалӣ, сафсата ё ҳикмати фиребо, хитоба ва шеър иборатанд» [30, с. 25].

Дар таснифоти Насируддини Тусӣ ба робитаи байни мантиқ ва забоншиносӣ ҳамчун илми алоҳида бевосита ишора нашуда, инчунин, дар бораи вазифаҳои забоншиносӣ дар ташаккул ёфтани тафаккури мантиқӣ ҳарфе нарафта, балки забон ва унсурҳои онро ҳамчун абзори асосии мантиқ дар таҳлили масоили умдаи он нишон медиҳад. Масалан, дар фасли дуюми «Асос-ул-иқтибос» дар бораи алфоз сухан ронда, мутафаккир онро ба ду навъ ҷудо мекунад: муфрад ва муаллаф (таълифшуда) ва шарҳ медиҳад: «Лафзи муфрад он бувад, ки ҷузве аз ӯ бар ҷузве аз маънии ӯ далолат накунад, монанди инсон, ки бар мардум дол (далолаткунанда – С.Б.) аст, чи ҷузве аз ин лафз бар ҷузве аз маънӣ дол нест, балки ҷузъи ин лафз дар ин ҳолат, ки ҷузви ин лафз аст, бар ҳеч чиз аслан дол нест. Ва лафзи муаллаф он бувад, ки ҷузве аз ӯ бар ҷузве аз маънӣ далолат кунад, монанди «ҳозо – инсон» (ин-инсон аст – С.Б.), ки дол аст бар ин мардум, чи лафзи «ҳозо» дол бар ин бошад, ки исми ишорат аст ва инсон – бар мардум. Ва инро қавл низ хонанд» [25, с. 14].

Насируддини Тусӣ қайд мекунад, ки дар баъзе мавридҳо алфози муфрад метавонанд ҳамчун алфози мураккаб низ шинохта шаванд. Вай

таъкид менамояд, ки ҳар чизе, ки дар мантиқ мураккаб аст, дар наҳв (забоншиносӣ) метавонад ғайри мураккаб бошад. Барои тасдиқи ин андеша, ӯ якчанд мисол меорад: масалан, истилоҳи «хамса ашар» (понздаҳ) ва шумораҳои монанд ба он дар наҳв мураккабанд, аммо дар мантиқ – муаллаф ҳисобида мешаванд. Ҳамчунин, «Абдуллоҳ» дар наҳв муаллаф ва дар мантиқ мураккаб шумурда мешавад.

Ба ҷуз аз ин, Форобӣ низ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, зикр мекунад, ки «мантиқиён феълро «калима» ва ҳарфро «одот» мехонанд. Дар натиҷа, лафзи муфрад ё исм аст, ё феъл ва ё ҳарф. Дар ин ҷо, исм ба зоти ашё далолат мекунад, масалан, «инсон» ба сифати муҷаррад, монанди «нутқ». Ҳамчунин, исм метавонад ҷомид, соил, мавзуъ ё муштақ бошад» [30, с. 91].

Насируддини Тусӣ қабл аз баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои мантиқӣ, ба тавзеҳ ва шарҳи истилоҳоти забоншиносӣ ва робитаи онҳо бо мафҳумҳои мантиқӣ таваҷҷуҳи хоса медиҳад. Ӯ ин равишро як василаи осонфаҳм барои дарки мантиқ мешуморад. Дар идомаи таҳлили худ, Тусӣ ба масъалаҳои мантиқӣ мегузарад ва тафсири мақулаҳои гуногуни онро шарҳ медиҳад. Масалан, дар баҳси анвои қиёсҳои мантиқӣ ва унсурҳои онҳо, ӯ ҷадал, муғолата, хитоба ва шеърро ҳамчун асоси бурҳон барои маъқулот зикр мекунад. Вай зарурати пазириши мабодии онҳоро таъкид намуда, ҳамзамон, ҷадалро бар хилофи бурҳон медонад, зеро он бо истифода аз қазияҳои маълум ва маҷҳул метавонад ҳам барои муҳаққиқ ва ҳам барои оммаи мардум муфид бошад. Аз ин ҷо, бармеояд, ки барои рафъи нодонӣ ва нофаҳмӣ, ки ба инсон пеш меоянд, ниёз ба муқаддимаҳое вуҷуд дорад. Агар инсон ин муқаддимаҳоро зиёд ба кор барад, онҳо барои ӯ ба малака табдил ёфта, санъати мантиқро ҳосил мекунад.

Инчунин, мутафаккир таъкид мекунад, ки мафҳумҳои ибтидоӣ, ки ягон илм аз маъқулоти аввалӣ бармеоянд, агар мавзуи илми дигар

шаванд, мафҳумҳои онҳо ба масоили илми дигар табдил меёбанд. «Мафҳумҳое, ки дар илми дигар ҳосил мешаванд, аз маъқулоти сонӣ маҳсуб мегарданд. Аз ин рӯ, мавзуи илми мантиқ мабоҳиси ҷузъии маъқулоти сонӣ мебошад, зеро он ба кайфияти иктисоби улум вобастагӣ дорад» [25, с. 6].

Хулоса, таснифи илмҳо дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба муайян намудани тартиби пешиниву баъдии илмҳо мусоидат мекунад, ки дар натиҷа омӯзиши онҳо бо назардошти принсипи муқаддам ва мутааххир равшантару дақиқтар мегардад. Ҳамзамон, ин таснифот ҳамчун як нақшаи раҳнамо ба шинохти унвонҳои куллии илмҳо кумак намуда, барои афроде, ки мехоҳанд соҳаи мутобиқ ба истеъдод ва робитаи хешро пайдо кунанд, шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз ҷиҳати дигар, таснифи илмҳо дар таълимоти ин ду мутафаккир метавонад ба осоншавии таҳқиқоти илмӣ мусоидат намуда, дар дарки рушди дониш ва маърифати умумиинсонӣ нақши муҳим бозад. Таснифоти илмии ҳарду донишманд зери таъсири афкори файласуфони атиқа, бахусус Арасту, шакл гирифтааст, ки аз ин рӯ, дар онҳо умумият бар фарқият ғолиб аст.

Мутафаккирон дар заминаи анъанаи юнонӣ нахуст илмҳоро ба амалӣ ва назарӣ ҷудо намуда, баъдан вобаста ба ин зинанизом онҳоро тавсиф кардаанд. Фарқияти асосии баррасӣ ва таҳлили таснифоти илмҳо дар осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар интихоби масъалаҳо, тарзи баён, низом ва тартиби пешниҳод гардидани онҳо зоҳир мегардад. Ба вижа, Форобӣ дар таснифи улум ба нақши мантиқ ҳамчун асбоби муҳимми маърифатии илмҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад ва онро ҳамчун воситаи муайянкунандаи усул ва равиши таҳқиқоти илмӣ мешуморад. Насируддини Тусӣ бошад, бо дарназардошти дастовардҳои баъдии илмӣ ва афкори донишмандони асрҳои миёна таснифоти худро

бо таҳлилҳои амиқ ва равишҳои муосири замонаш мукаммалтар намудааст.

Агарчи Насируддини Тусӣ дар осори фалсафии хеш ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус намуда, барои муайнсозии авлавияташон илмҳоро тасниф намудаву манфиати онҳоро дар назар дошта бошад, вале Форобӣ бо таҳияи китоби «Эҳсо-ул-улум» нахустин муассиси ин раванд дар Шарқ маҳсуб мешавад, ки баъдтар дар заминаи китоби ӯ ғарбиён ба ин равиши фалсафӣ таваҷҷуҳ намудаанд.

Мусаллам аст, ки ин таснифоти илмӣ на танҳо дар замони мутафаккирон, балки дар рушди минбаъдаи тафаккури илмӣ ва ташаккули низоми таълимӣ дар ҷаҳони ислом ва берун аз он низ таъсири амиқ гузоштаанд. Таҳлили онҳо имкон медиҳад, ки мо равобити дохилии илмҳоро беҳтар дарк намуда, аз таҷрибаи гузаштаи илмӣ дар ташаккули низоми муосири илм ва маориф истифода барем.

4.2. Маърифати ҳиссӣ: шаклҳо, хусусиятҳо ва нақши он дар раванди маърифатӣ аз назари Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Маърифати ҳиссӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таълимоти классикӣ дар бораи нафс ба шумор меравад ва ба қобилиятҳои инсон ишора мекунад, ки тавассути онҳо дарки олами беруна аз роҳи узвҳои ҳис ва шинохти маҳсусот ба воситаи қувваи ақл имконпазир мегардад. Ин навъи маърифат дар ташаккули тасаввуроти инсон оид ба табиати воқеият ва низоми шинохт нақши асосӣ бозида, дар тамоюлоти тафаккури фалсафӣ аз таълимоти Афлотун ва Арасту то анъанаҳои Плотин ва муҳаққиқони эллинистӣ ва машшоиёни шарқӣ, ба мисли Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бозтоб ёфтааст.

Дар ин раванд, таълимоти Арасту таъсири амиқ ба андешаҳои Форобӣ ва Тусӣ дар масъалаи шинохти ҳиссӣ гузоштааст. Арасту эҳсосро шарти аслии зиндагии ҳар гуна мавҷуди зинда меҳисобад. Ба

эътиқоди ӯ, «ҳарчанд воқеият аз зарраҳо ва шаклҳои гуногун таркиб ёфтааст, аммо ин воқеият барои инсон то ҳадди зиёде пинҳон мемонад, зеро он танҳо ба воситаи ҳис ва қобилияти маърифатӣ ошкор мегардад» [17, с. 307]. Чунин тасаввур, ки ашёи олам танҳо зоҳири маҳдуде дошта бошанд, ба назари Арасту нодуруст аст. Ӯ бар ин назар буд, ки рангҳо ва шаклҳо ҳамон қадар воқеӣ мебошанд, ки худи ашё ба монанди дарахт, миз ё инсон. Воқеият на танҳо бо моддияте муайян мегардад, ки қобилияти дидан, шунидан, ламс кардан ва ғайраро дорост, балки инчунин, бо моҳиятҳое, ки танҳо тавассути ақл дарк мешаванд, низ робита дорад.

Дар ин замина, Арасту бар он таъкид мекунад, ки шинохти ҳақиқии олам аз эҳсос оғоз мешавад. Эҳсосот ҳамчун зинаи аввалини маърифат, шарти аслии таҳқиқи воқеият маҳсуб меёбанд. Ӯ таъкид мекунад, ки инсон танҳо тавассути таҷрибаи ҳиссӣ ва пайвастани он ба қобилияти тафаккурӣ метавонад ба фаҳми амиқи воқеият расад. Аз ин ҷост, ки эҳсос дар назари ӯ на танҳо ҳамчун таҷрибаи зоҳирӣ, балки ҳамчун манбаи ибтидоии фаҳмиш ва шинохт арзёбӣ мегардад. Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ҳамчун пайравони анъанаи аристуӣ, бар асоси ҳамин таълимот, назарияҳои мукаммалеро оид ба муносибати ҳис ва ақл дар маърифат пешниҳод намудаанд. Ба андешаи онҳо, эҳсос воситаи муваққатӣ ва маҳдуди шинохт буда, танҳо бо такя ба неруи тафаккур ва қобилияти абстрактии инсон мо метавонем ба маърифатҳои куллӣ ва ақлонӣ бирасем. Аммо ин маънои рад кардани нақши эҳсосро надорад. Баръакс, онҳо бар онанд, ки маърифати ҳиссӣ пояи ҳар гуна шинохти илмӣ ва фалсафӣ буда, он танҳо дар заминаи тафсири мантиқӣ ва назариявӣ арзиш ва мақоми комил пайдо мекунад.

Ин назария ҳамчун бахше аз таълимоти Арасту дар бораи нафс ва вазифаҳои он дар афкори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бо баъзе таҳаввулот ва тафсироти нав маҳфуз монда, ба шакле мукаммалтар

ва инкишофёфта рушд ёфтааст. Онҳо ин назарияро, ки ба сифати як қисмати муҳимми мероси фалсафии классикӣ қабул намуда буданд, бо назардошти равияи фикрии худ бознигарӣ карда, онро бо иловаву таҳлили амиқ шарҳ додаанд ва дар таркиби куллии таълимоти худ ҷой додаанд.

Ба андешаи Форобӣ, эҳсосот ибтидои маърифат буда, маҳз, тавассути он инсон имкони касби дониш ва идроки куллиётро пайдо мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки дарки умумиятҳо низ аз таҷрибаи ҳиссии ҷузъиятҳо маншаъ мегирад. Аммо таваҷҷуҳи Форобӣ ба нақши эҳсос, ӯро аз арзиши манобеи дигари шинохт дур намесозад. Чунонки худи ӯ ишора мекунад: «маҳсус аз он ҷиҳат ки маҳсус аст, қобилияти тааққул надорад, ҳамон гуна ки маъқул, аз назари маъқул буданаш, хосияти ҳис карданро надорад» [229, с. 159].

Форобӣ ҳавосро ба ду гурӯҳи асосӣ – зоҳирӣ ва ботинӣ, ҷудо мекунад. Ҳавоси зоҳирӣ, ки онро қувваи идроки хориҷӣ низ меномад, василаи аввалини шинохти ҷаҳони берунӣ барои ҳар мавҷуди зинда маҳсуб мешавад. Азбаски шинохти ҳиссӣ пояи нахустини маърифат ва муқаддимаи зарурӣ барои расидан ба маърифати ақлӣ аст, пас ҳавоси зоҳирӣ зинаи аввалини ин раванд ба шумор мераванд.

Хусусияти ҳавоси зоҳирӣ дар он аст, ки онҳо маънои муҷаррадро дарк намекунанд. Онҳо танҳо дар доираи вазъияти мушаххаси замонӣ ва маконӣ фаъолият мекунанд ва маъноеро танҳо дар робита бо каммият ва кайфияти муайяни ашё метавонанд қабул намоянд. Ҳамзамон, бо аз байн рафтани ашёи моддӣ, маъно низ аз ҳавоси зоҳирӣ ҳазф мешавад. Баръакс, ҳавоси ботинӣ тавоноии нигоҳдории маъноро, ҳатто баъд аз заволи ашё ва моддаҳо, дар худ доранд. Ба андешаи Форобӣ, ин навъи қувваҳо иборатанд аз:

- ҳисси муштарак, ки миёни ҳавоси зоҳирӣ ва ботинӣ қарор дошта, имкони ҷамъбаст ва муқоисаи маълумоти эҳсосиро медиҳад;

- қувваи мусаввара, ки суратҳои маҳсусро баъд аз нопадидшавии ашё дар зеҳн ҳифз мекунад;

- қувваи ваҳм, ки бар асоси суратҳои ҳифзшудаи қувваи мусаввара фаъолият намуда, муносибат ва маънои онҳоро дарк мекунад;

- қувваи ҳофиза, ки маълумотеро, ки тавассути ваҳм дарёфт шудааст, захира мекунад;

- қувваи мутафаккира ва мутахаййила, ки ба таҳлил ва таркиби маънӣ, сохтани тасаввуроти нав ва коркарди маънӣ машғуланд.

Агар ин фаъолиятҳо бо такя ба неруи ақл анҷом гиранд, Форобӣ онҳоро қувваи муфаккира меномад, аммо агар онҳо тавассути қобилияти тасаввур (тахайюл) сурат гиранд, қувваи мутахаййила номида мешаванд.

Ҳамин тавр, дар дидгоҳи Форобӣ маърифати инсонӣ дар заминаи низоми мураттаби қувваҳои нафсӣ ташаккул меёбад, ки дар он ҳавоси зоҳирӣ ва ботинӣ бо ҳамдигар иртиботи мутақобил дошта, гузариш аз эҳсос ба ақлро таъмин менамоянд. Ин таҳлили муфассал, ки баъдан дар осори Насируддини Тусӣ бо баъзе иловаву тафсироти нав боз ҳам густариш ёфтааст, як зинаи муҳимми такомули назарияи шинохт дар доираи фалсафаи исломӣ маҳсуб мегардад.

Ҳамин тариқ, агар Арасту танҳо чор навъи қувваи ботиниро дар назар гирифта бошад, Форобӣ низоми мукаммалтареро пешниҳод мекунад, ки дар он ҳавоси ботинӣ ба панҷ қувва табақабандӣ шудаанд:

- ҳисси муштарак;

- қувваи мусаввара;

- қувваи ваҳм;

- қувваи ҳофиза;

- қувваи мутафаккира – мутахаййила.

Ин низом на танҳо идроки ҷузъиро шарҳ медиҳад, балки ба равандҳои таҳлилӣ ва тасаввуроти маърифатӣ низ майдон фароҳам меорад.

Насируддини Тусӣ дар назарияи маърифатии худ, гарчи аз анъанаи Форобӣ пайравӣ мекунад, баъзе ислоҳоту тавсифҳои навро пешниҳод менамояд. Ба андешаи ӯ, пайдо шудани суратҳои ашё дар зеҳн ба воситаи фаъолият ва таъсири қуввaҳои идрокӣ сурат мегирад. Вай ин қуввaҳоро ба таври умум ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунад: тааққул, таваҳҳум, тахайюл ва эҳсос. Инҳо ҳар кадом дорои хосиятҳои вижаи худ буда, идрокоти куллиро аз ҷузъӣ ҷудо месозанд.

Насируддин Тусӣ таъкид мекунад, ки фаъолияти маърифатии нафс дар сатҳи эҳсосот сурат мегирад ва махсусияти чунин шинохт дар он аст, ки ашёи маҳсус, яъне ашёе, ки эҳсос мешаванд, як ҳадаф ва тақсимнопазиранд – на дар берун аз нафс ва на дар дохили он қобили тақсим нестанд.

Тахайюл, таваҳҳум ва эҳсос, аз нигоҳи Тусӣ, дорои хусусияти муштараканд: ҳарсе тавассути феъл (амали фаъолонаи) нафс амалӣ мегарданд. Аммо тааққул (ақл), ки бевосита ва мустақим тавассути нафс амалӣ мешавад, аз онҳо фарқ дорад, зеро он ба шароити моддӣ ва ашё вобаста нест ва қобилияти дарки маъноҳои куллиро дорад. Аз ин рӯ, Тусӣ низ монанди Форобӣ миёни идроки ҷузъӣ ва куллӣ фарқ мегузорад. Ин идрокот, ба гуфтаи ӯ, ба воситаи ҳавоси зоҳирӣ ва ботинӣ ҳосил мешаванд. Тусӣ дар рисолаи маъруфи худ «Ан-нуфус-ул-арзиййа» («Нафсҳои заминӣ») таъкид мекунад, ки: «ҳар чизе, ки бо он дар зоҳири бадан дарк мешавад» – ҳавоси зоҳирӣ ва «ҳар чизе, ки бо он дар ботини он дарк мешавад» – ҳавоси ботинӣ мебошанд» [25, с. 417].

Қувваи зоҳириро ӯ монанди Форобӣ ба панҷ қисм ҷудо мекунад: басовишӣ, чашоӣ, бӯёӣ, шунавоӣ ва биноӣ. Хусусияти ин қуввaҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо байни инсон ва ҳайвон муштарак ва ҳар кадом вазифаҳо ва аҳкоми хоси худашонро доранд. Идрокоти ботинӣ бошанд, дар ҳифз ва идроки суратҳои мухталифи ашё (пас аз заволи маҳсусот) дар нафс мукаллафанд ва аз ҳисси муштарак, қувваи тахайюл, қувваи

мутасаррифа (мутахаййила ва мутафаккира), қувваи мутаваҳҳима ва қувваи ҳофиза иборатанд.

Чуноне ки маълум мегардад, ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ маърифати ҳиссиро марҳалаи аввали идрок дар инсон ва ҳайвон дониста, онро қадами нахуст дар дарёфти дониш ва дарки сатҳӣ ва фитрӣ ҳисоб мекунанд. Барои маърифати ботинӣ бар хилофи маърифати зоҳирӣ ҳузури ҷисм ё мавод шарт нест ва тасаввур ва тахайюл чизеро бо сурати муайян дарк мекунад. Аз ин рӯ, дарки ботинӣ ҷудоии комил аз модда ва ҷудо набудан аз суратҳои онҳо мебошад. Вақте ки шайъ (чиз) дида мешавад, на танҳо дарки ҳиссӣ, балки тасаввурӣ ва тахайюлӣ низ ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, дар дарки ҳиссӣ бетаваҷҷуҳӣ ба вақт ва фазо имконпазир аст, аммо дар дарки ботинӣ он имкон надорад. Ҳамин тавр, идроки ҳиссӣ дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба монанди Арасту ва анъанаи арастуӣ як навъ раванди моддӣ мебошад, ки дар он гӯё чизе ашёро тарк карда, ба узви ҳиссӣ ворид мешавад ва ё дар он чизе аз узвҳои ҳиссӣ берун шуда, бо ашё пайваст мегардад. Гузашта аз ин, онҳо инкор намекунанд, ки ин раванди сабабӣ як навъи маъмули тағйирот (ба қавли Арасту – кинезис, яъне тағйири сифатӣ) аст, ки дар он як сифат дар чизи қабулкунанда бо сифати дигар иваз мешавад, масалан, Форобӣ чунин гуфтааст: «...аз гуногунии ин таркиботи гуногун, намудҳои сершумори ҷисмҳо пайдо мешаванд; аз робитаҳои байни онҳо, ки такрор ва бозтавлид мешаванд, ашё ба вуҷуд меоянд, ки ҳастии онҳо дар фосилаи муайян такрор ва бозтавлид мешавад, он барои баъзеҳо кӯтоҳ, барои дигарон тулонитар аст ва ниҳоят, аз муносибатҳо ва ҳолатҳое, ки такрор намешаванд, вале ногаҳон дар лаҳзаи муайяне ба вуҷуд меоянд, ки он қаблан вуҷуд надошт ва инчунин, баъд аз он ба ин ҳолат барнамегарданд, ашёе пайдо мешаванд, ки як бор рух медиҳанд ва дигар такрор намеёбанд» [9, с. 251]. Ин тағйирот на нобудшавӣ, балки гузариши ашё аз як ҳолат ба ҳолати дигар аст. Дар ҷараёни ин гузариш

қуввае, ки қаблан фаъол буд, ба камолоти худ мерасад. Зеро тамоми мақсади ҳиссиёт дар он аст, ки объектро фаъол гардонад, яъне онро дарк намояд.

Ин гуна дигаргунӣ на равандест, ки танҳо ба вақти муайян ниёз дошта бошад, балки ба фаъолият (ё ба гуфти Арасту – enérgeia) вобаста аст. Чунин раванд метавонад дар ҳар лаҳзаи давомаш ба анҷом расад.

Навоварии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар фаҳми шинохт ва фаъолияти ҳиссӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ба усул ва абзорҳои фалсафии вобаста ба мафҳумҳои шакл ва сурат, қувва ва феъл такя мекунанд. Ба назари онҳо, аъзои равобити иллатӣ (сабабӣ) аз як ҷониб ва унсурҳои дорои хусусиятҳои муайяни мавҷудоти зинда аз ҷониби дигар, қобилиятҳои муайяни фаъолият доранд. Ҳангоме ки онҳо бо ҳам вомехӯранд, унсурҳо эҳсоси ҳаётӣ буданашонро аз ҳадди қувва ба ҳадди феъл интиқол медиҳанд. Агар мо донем, ки объект чист ва ҳамзамон дарк кунем, ки эҳсосот на танҳо вокуниш, балки ҷанбаҳои руҳӣ (суратҳои нафс) ҳастанд ва дар қисматҳои муайяни ҷисм (модда) ҷойгир шудаанд, мо метавонем ҳама унсурҳои заруриро барои фаҳмиши раванди шинохт истифода барем.

Ин раванд – яъне ба феъл овардани эҳсосот тавассути таъсири ашёи беруна амалӣ мегардад. Чунин таъсир, асосан, ба воситаи маҷмуи хосиятҳои сифатӣ ва миқдории ашё (яъне эҳсосоти хоса ва умумӣ) амалӣ мешавад. Бо ҳамин роҳ фаъолияти идроки ҳиссӣ ташаккул меёбад ва имкони шинохти олам фароҳам мегардад.

Насируддини Тусӣ навиштааст: «...ҳеҷ ҳис идроки эҳсоси худ накунад ва на идроки олати эҳсоси худ, чунонки босира на биноиро бинад ва на чашмро. Ва ҳеҷ ҳис аз ғалате, ки ӯро афтад, мунтабеҳ нашавад, чунонки чашм, ки Офтобро ки саду шасту анд бор монанди Замин аст, ба қадри ҳастӣ мебинад, аз ин тафовути фоҳиш огоҳӣ наёбад ва дарахтонеро, ки бар канори об нагунсор мебинад, ҳаргиз сабабу

иллати нагунсории он ба босира набинад ва ҳамчунин дар дигар ғалатҳои ӯ ва дар дигар ҳавос. Ва нафс маҳсусоти ҳамаи ҳавосро ба як дафъа идрок намуда ҳукм кунад, ки ин овоз аз фалон мабсар меояд ва ин мабсарро овоз на ин овоз бошад» [25, с. 43]. Ба ақидаи мутафаккир, ин қисми ибтидоӣ ва расмии шарҳи фаъолияти идроки ҳиссӣ мебошад.

Ҳамин ақидаро Форобӣ низ тавзеҳ дода, дар мисоли таъбири хусусияти фоилии рӯшноӣ дар чашм ва тариқи аз ҳадди қувва ва ба ҳадди феъл гузаштани қувваи босираро чунин баён кардааст, ки ҳангоме ки рӯшноӣ дар чашм, ҳаво, ё чизе монанди инҳо, воқеъ мегардад ва ҳамин ки чашм рӯшноиро қабул мекунад, он ба феъл дида мешавад, монанди он ки рангҳо дар ҳадди феъл ба чашм намоён мешаванд. Гузашта аз ин, қайд мекунад Форобӣ «чашм аз он сабаб қобили дидан намешавад, ки дар он танҳо рӯшноӣ ё шаффофият пайдо шудааст. Балки аз он сабаб қобили басират мегардад, ки чашм аллакай дорои шаффофияти фаъол (шаффофияти фоил) мебошад ва ҳамзамон, суратҳои ашёеро, ки ба он намоён мешаванд, низ дарёфтааст. Танҳо баъд аз ин раванд, чашм қодир ба дидан мешавад. Асоси фаҳми ин раванд дар он аст, ки чашм дар ибтидо қобилияти диданро танҳо ба шакли қобилият (ба қувва) доро аст. Вақте ки он ба феъл табдил меёбад, яъне қувваи дидан фаъол мегардад, ин ҳолат ба шарофати ҳузури шаффофият дар чашм амалӣ мешавад, ки ин шаффофият бо кумаки рӯшноии Офтоб ба амал меояд» [9, с. 34].

Қобили зикр аст, ки таълимоти ин ду мутафаккир дар бораи маърифати ҳиссӣ аз он ҷиҳат ҷолибанд, ки феъли идрокро наметавон бидуни дастгоҳи махсуси ба истилоҳи илми муосир – нейроанатомӣ (ташреҳи асаб), ки аз бахшҳои марказӣ ва канории низоми асабӣ ва ноқилҳо, ки онҳоро мепайвандад, тасаввур намуд. Онҳо идрокро чунин шарҳ медиҳанд, ки гӯё сифатҳои даркшаванда хоси худи ашё бошанд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ҳарду мутафаккир ба нақши муштараки

қуввaҳои биноӣ ва басовиш дар шинохти сифатҳои ҷудогона аҳаммият медиҳанд. Ҳамзамон, таҷрибаи гузашта ва фаъолияти олии равонӣ (психикӣ) низ дар ҷараёни идрок аз назари онҳо берун намондааст. Дар ин мавриd, бо вуҷуди фарқ дар услуби баён ва тарзи ифода, мазмуни андешаҳои онҳо ба ҳам наздиканд. Аз ин рӯ, барои кӯтоҳӣ ва аёнӣ, ба гуфтаҳои яке аз онҳо, масалан, Форобӣ муроҷиат мекунем, ки чунин навиштааст: «Асабҳо ду навъ мешаванд. Гурӯҳи аввал ҳамчун восита ё абзори қуввaҳои ҳиссӣ хизмат мекунанд ва вазифаашон дастрас кардани иттилоот ба қувваи марказии ҳиссӣ аст, ки дар дил ҷойгир мебошад. Масалан, ҳар як узви ҳис ҳиссиёти хоси худро дарк мекунад ва онро тавассути ин асабҳо ба маркази ҳиссӣ мерасонад. Гурӯҳи дувум бошад, воситаи узвҳоест, ки ба қувваи иродавӣ ё майлкунанда хизмат мекунанд. Ин қувва низ дар дил ҷойгир аст ва бо ёрии ин гуна асабҳо, ба шахс имкон медиҳад, ки мувофиқи хоҳишу иродааш амал намояд» [9, с. 272].

Нуқтаи назари Насируддини Тусӣ ва Форобӣ ба ақидаи зерин, ки аз ҷониби Арасту баён шудааст, комилан мухолиф аст: «Дар бораи ҳар гуна эҳсос, умуман, эътироф кардан лозим аст, ки эҳсос – қобилияти тасаввур кардани суратҳои маҳсус бидуни модда (таъкиди мо аст – С.Б.) мебошад, монанди он ки мум асари ангуштариро бидуни оҳан ё тилло қабул мекунад» [17, с. 421]. Ба назар мерасад, ки ибораи «бе модда» ба моддаи худи объекти зоҳиршаванда дахл дорад, яъне он моддае, ки хосиятҳои ашё дар он таҷассум меёбанд – мисли моддаи ангуштарӣ, дар мисоли Арасту. Дар ин замина, идроки ҳиссӣ маънои онро дорад, ки узви ҳис сурат ё симои ашёи берунаро бе моддаи он қабул мекунад.

Боиси зикр аст, ки чунин формула дар маркази баҳсҳои тулонии олимони муосир қарор дорад, ки ба хусусияти тағйироти физиологии ҷараёни эҳсос дахл доранд. Бархе бар онанд, ки дар дастгоҳи ҳиссӣ тағйироти физиологӣ ба вуқуъ мепайванданд, масалан, ҳангоми дидани ангуштарӣ чашм ба ранги он мутобиқ мешавад. Бархеи дигар чунин

меҳисобанд, ки ин тағйирот бештар хусусияти равонӣ дорад ва аз як «қувва» ба қувваи дигар мегузарад, на аз «қувва» ба «феъл». Дар натиҷа, унсурҳои эҳсосот дар воқеияте мутамарказ мешаванд, ки пешакӣ ҳамчун амал ё раванди маърифатӣ муайян гардидааст.

Ин гуна маърифати ҳиссӣ, ки тавассути шинохти моддии ашё сурат мегирад, дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бо тафовутҳои ҷузъӣ ва истифодаи мисолҳои гуногун баён шудааст. Масалан, онҳо таҳлил мекунанд, ки садоҳо ва бӯйҳо чӣ гуна тавассути ҳаво ва об ба узвҳои ҳис мерасанд ва дар онҳо тағйироти муайян ба вуҷуд меоранд. Ин тағйирот аз нуқтаҳои канорӣ ба маркази узвҳои ҳис интиқол меёбанд ва дар бадани мавҷуди зинда таҷассум меёбанд. Албатта, таҳлили моддии ин равандҳо дар осори ҳар ду мутафаккир ба таври муназзам ва дар як низоми комил инкишоф наёфтааст. Аммо бо ҷамъоварии андешаҳои пароканда ва таҳлили маҷмуи ақоиди маърифатии онҳо, чунин низомро метавон дар асоси назарияҳояшон бозсозӣ кард.

Албатта, барои Форобӣ ва Насируддини Тусӣ баррасии муфассали масъалаҳои ҷисм ва моддаи эҳсосот дуюмдараҷа маҳсуб мешуд, аммо бисёре аз мутафаккирони пешин, масалан, Демокрит ва Эпикур, ин мавзуъро ҷолиб ва сазовори таваҷҷуҳи хос медонистанд. Вале таҳлили муфассали ин масъала мавзуи таҳқиқоти алоҳида аст. Аз тарафи дигар, набояд фаромӯш кард, ки таълимоти Демокрит ва Эпикур хусусияти равшани моддигароӣ доранд ва дар бисёр ҷиҳатҳо берун аз доираи фаҳмиши классикии исломии андешаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ қарор мегиранд.

Аз ҷиҳати дигар, дар ҷаҳонбинии Форобӣ ва Тусӣ, ҷойгоҳи маърифат пеш аз ҳама ба ҳис ва таҷриба марбут аст. Яъне, инсон ҳеҷ гуна тасаввур ё тасдиқи фитрӣ ва пешакӣ надорад. Ин нуктаро метавон ба се хулосаи иҷмолӣ ҷамъбаст кард:

1. Маншаи ҳамаи тасаввуроти инсон дар ҳис қарор дорад;

2. Бо роҳи таркиб, муқоиса ва татбиқи тасаввуроти мухталиф инсон ба тасдиқ (ё донишҳои куллӣ) мерасад;

3. Ҳақиқати идроки инсон бо меъёрҳои таҷрибавӣ тасдиқ ва санҷида мешавад.

Бо дарки ин асос, ки ибтидои маърифат ва тасаввурот аз идроки ҳиссӣ оғоз мегардад, метавон ба иқтибосҳои мустақим аз осори ин мутафаккирон истинод кард. Форобӣ дар оғози асари худ «Таълиқот» менависад: «Ҳақиқатан, идрок кори нафс аст... Нафс суратҳои ҳиссиро бо ҳавос ва суратҳои ақлиро тавассути суратҳои ҳиссии онҳо дарк мекунад, зеро маъқулияти ин суратҳоро аз маҳсус будани онҳо мегирад ва аз ин рӯ, маъқули он суратҳо мутобиқ бо маҳсуси он суратҳо мебошад, ки дар ғайри ин сурат, сурати ақлии он маҳсусот нахоҳад буд... Ҳосилшавии маърифат барои инсон тавассути ҳавос мумкин аст, чунонки идроки куллиёт бо идроки ҳиссӣ ҷузъиёт ба даст меорад» [228, с. 128-129]. Чунин ба назар мерасад, ки гарчанде Форобӣ дар шарҳи худ бештар ба мавқеи объектҳои мушаххас ва қобили эҳсос ишора мекунад, аммо дар доираи анъанаи машшоӣ, ки Насируддини Тусӣ низ ба он пайрав аст, баҳсҳо шакли мураккабтар ва ҷолибтар мегиранд. Ба иборати дигар, дар таълимоти Тусӣ чунин нукта равшан аст: эҳсосот бояд дар робита бо ашёи мушаххаси маҳсус ё «сифатҳои ҳассос», тавре ки худи ӯ гуфтааст, мавриди таҳлил қарор гиранд ва ин ҳама бояд бо сабабҳои аслии онҳо – яъне нафс ва дақиқтараш нафси нотиқа пайванди дошта бошанд.

Насируддини Тусӣ дар пайравӣ аз Арасту ва Форобӣ ин нуктаро чунин баён кардааст: «Ва тасарруфи нафс, ки тавассути олот аст, зоҳир аст, чӣ эҳсос ба ҳавос кунад ва таҳрик ба аъсоб (асабҳо). Ва тафсили он дар илми табиӣ муқаррар бошад. Ва аммо он, ки маҳсус нест ба ҳавос, аз ҷиҳати он ки ҳавос ҷуз аҷсомро ё ҷисмониётро идрок натавонад кард ва нафс на ҷисм аст ва на ҷисмонӣ, пас маҳсус набувад. Ин аст он чӣ матлуб

бувад аз танбеҳ бар ҳақиқати нафс ба ҳасби ин мавзеъ ва ин қадар кифоят дар маърифати нафси нотиқа» [26, с. 44].

Вазифаи умумие, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба ҳар як қувваи ҳиссии ботинӣ нисбат медиҳанд, таҷарруд (абстраксия)-и маъноҳо аз суратҳои маҳсуси беруна дар ҷараёни дарк ва инъикоси онҳо дар нафс (ё субъекти дарккунанда) мебошад. Форобӣ шарҳи худро аз мафҳуми ҳисси муштарак оғоз мекунад – он қуввае, ки миёни ҳавоси зоҳирӣ ва ботинӣ ҷойгоҳ дорад ва ҳамчун нуқтаи пайванд ё «ҳадди муштарак» шинохта мешавад. Ба ақидаи Форобӣ, зери таъсири ашёи беруна, дар ҳавоси зоҳирӣ суратҳои маҳсус ҳосил мешаванд ва ин суратҳо баъдан дар ҳисси муштарак ҷамъ мегарданд. Ҳавоси зоҳирӣ, ки панҷгонаанд, ҳар кадом хабаре аз як навъи алоҳидаи эҳсос (ранг, садо, бӯй, мазза, ламс) интиқол медиҳанд. Форобӣ онҳоро «ҷосусон»-и қувваи раиса (қувваи марказии дарк) меномад, ки ахборро аз навоҳии гуногуни «кишвари бадан» ба шоҳ (нафс) мерасонанд. Форобӣ дар ин замина менависад: «Пас, қувваи тахайюлот ин тасвирҳоро бар ҷой мегузорад ё якеро аз дигаре ҷудо мекунад ва ё дигареро бо сеюмӣ мепайвандад ва то ба беохирӣ навъҳои омезишҳоро созмон медиҳад, ки баъзеашон ботил ва баъзеи дигарашон ҳақиқианд» [9, с. 282].

Пас аз он ки ҳисси зоҳирӣ аз фаъолият бозмемонад, суратҳои маҳсус дар қувваи тахайюлӣ нигоҳ дошта мешаванд. Ин қувва қобилияти нигоҳдорӣ, мураттабсозӣ ва бозсозии тасвирҳои маҳсусро дорад. Қувваи тахайюлӣ на танҳо ахборро ҳифз мекунад, балки онҳоро таҳрир ва бозсозӣ низ менамояд, яъне он «манбаи ихтироъ ва офариниш» ҳам ҳаст. Дар китоби «Ороъ аҳл-ул-мадина ал-фозила» Форобӣ, пайравӣ ба Арасту намуда, маркази ҳисси муштаракро дар қалб мешуморад ва қалбро манбаи ҳарорати ғаризӣ медонад, ки ба тамоми узвҳои бадан паҳн мешавад. Аммо дар асари дигар, «Фусус-ул-ҳикам», ӯ ин марказро димоғ медонад, ки ҳарорати қалбро танзим ва муътадил месозад ва

ҳамчун маҳалли фаъолиятҳои нафсониву маърифатӣ баромад мекунад. Ин ихтилоф шояд ба рушди назарияҳои физиология дар замони худи ӯ ва низоми фалсафаи мураккаби машшоӣ (перипатетикӣ) иртибот дошта бошад.

Ҳамин тавр, дар андешаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, маърифат натиҷаи равандҳои пайдарпайи ҳис кардан, ҳифз намудан, ташхис додан ва таҷарруд сохтани суратҳо мебошад. Қуввaҳои ботинӣ – аз ҳисси муштарак то қувваи мутахаййила на танҳо василаи дарки олам ҳастанд, балки шароити зарурии гузариш ба маърифат ва ақлу андеша ба шумор мераванд.

Насируддини Тусӣ дар идомаи анъанаи фалсафаи машшоӣ, системаи мукаммали қувваҳои ҳисро пешниҳод мекунад, ки ба ду шоха тақсим мешаванд: ҳавоси зоҳирӣ ва ҳавоси ботинӣ. Ба гуфтаи ӯ, панҷ ҳисси зоҳирӣ иборатанд аз: биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ ва басовиш. Ҳамзамон, ӯ ба таври возеҳ панҷ қувваи ботиниро низ муаррифӣ мекунад: ҳисси муштарак, қувваи мусаввира, муфаккира, воҳима ва ҳофиза. Ӯ қайд намудааст, ки ҳар кадоми ин қувваҳо бо тавлиди инсон дар ин олам «ба вақти худ, ҳар як ба тартиб ва тадриҷ дар ӯ мепайвандад» [28, с. 58]. Дар муқоиса бо Форобӣ, ки дар ин ҷо ба мафҳуми дигар – «ҳисси муштарак» аҳаммияти дуюмдараҷа додааст, дар таъбири Насируддини Тусӣ он мазмуни васеътар дорад. Ба ақидаи ин мутафаккир, ҳисси муштарак дар қисмати пеши майнаи сар (Форобӣ маркази онро дар қалб гуфта буд!), дар «батни аввали димоғ» фаъол аст ва ин ҳисро барои он муштарак номидаанд, ки «ӯро ба ҳар ҳосса роҳе аст ва ҳар ҳоссаро ба ӯ иштироке. Масалан, он чи чашм бубинад ва гӯш бишнавад ва ламс ба ҷой оварад ва завқ бидонад ва бӯй биёбад, аввал ба ӯ расад. Ва ӯро мавриди ҳавос ва хизонаи сувари маҳсусот хонанд... Ҳисси муштарак, ки суратҳо бо ӯ супоранд ва ӯ бо хаёл диҳад, дар муқаддимаи қисмати пешин аст, аз батни савуми димоғ, ки он чи

мусаввира ба ӯ дода бошад, агар ҳозир бошад ва агар на, ӯро нигоҳ дорад... Ва масали ҳисси муштарак мисли соҳиби бариде аст, ки асҳоби ахбор ҳар як нома ба зикри чизе ба наздики ӯ меоваранд ва ӯ онҳоро мегирад» [28, с. 59].

Бо вуҷуди шабоҳатҳои умумӣ дар назари ду мутафаккир – Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, дар бораи ҷойгоҳи маърифати ҳиссӣ дар раванди шинохт, тафовутҳои муҳим дар фаҳми назариявии онҳо низ ба назар мерасанд. Ин тафовутҳоро метавон дар чанд нуктаи аслӣ ҷамъбаст кард:

1. Сарчашмаи суратҳои маърифатӣ:

Форобӣ нафсро худ сарчашмаи суратҳо мешуморад, ки дар раванди дарк фаъолона амал мекунад ва ба суратҳои маъқул хусусияти абадӣ ва ғайримоддӣ медиҳад. Ба андешаи ӯ, нафс аз модда гузашта, бо ақли фоъл иртибот барқарор мекунад ва маърифати ҳақиқиро дар сатҳи куллиёт таъмин менамояд.

Баръакс, Насируддини Тусӣ қобилиятҳои нафсро ҳамчун мақоми қабули суратҳои муҷаррад аз ашёи маҳсус медонад ва ба раванд хусусияти табиӣ ва тадриҷӣ медиҳад. Барои ӯ, маърифат бештар равандест, ки дар он майна ва қувваҳои ҳис ва ботинӣ нақши марказӣ доранд.

2. Нақши майна ва хусусияти суратҳо:

Насируддини Тусӣ имкони қабул ва ҳифзи суратҳои муҷаррадро дар майнаи инсонӣ мумкин медонад. Ӯ эҳсос ва ақлро як силсилаи муттасили маърифат медонад, ки тавассути он тасвирҳои ҳиссӣ табдил ба мафҳум мешаванд. Форобӣ бошад, ин равандро «танҳо бо миёнаравии нафси нотиқа ва иртибот бо ақли фоъол шарҳ медиҳад ва ба суратҳо хусусияти илоҳӣ ва хориҷ аз модда медиҳад. Ба таъбири дигар, дар системаи ӯ суратҳо танҳо дар пайванди бо ақл ва нафс маъно пайдо мекунанд» [9, с. 91].

3. Дарки куллиёт ва ҷузъиёт:

Насируддини Тусӣ бар он аст, ки нафси инсон ҳам қобилияти дарки ҷузъиёт (тавассути ҳис ва тахайюл) ва ҳам куллиёт (тавассути ақл)-ро дорад. Ин як дидгоҳи таҷрибагароёна ва мантиқиест, ки ба марҳилаи шинохт пойбанд аст.

Аммо Форобӣ бештар ба куллиёт таваҷҷуҳ дорад ва дар таълимоти ӯ нафс асосан ба шинохти куллиёт тавассути ақл муваззаф аст. Ҷузъиёт дар зинаи пасттари маърифат қарор гирифта, барои расидан ба маърифати ҳақиқӣ, он бояд аз зинаи ақл гузарад.

Ҳарду мутафаккир бар инанд, ки маърифати ҳиссӣ танҳо то ҳадде бо зоти ашё робита дорад, ки ин зот дар ашёи моддӣ ва воқеаҳои шабеҳ таҷаллӣ мекунад. Яъне, робитаи байни шинохт ва моҳият, дар сатҳи ҳис ва тахайюл, як робитаи маҳдуд ва ғайримустақим аст, зеро он тавассути аразҳо ва моддаи муайян сурат мегирад. Маҳз, ҳамин маҳдудият аст, ки зарурати гузариш ба маърифати ақлонӣ ва маъқулро шарҳ медиҳад.

Насируддини Тусӣ ҳангоми шарҳи равандҳои шинохт нахуст мафҳуми модда ё субстратро тавзеҳ медиҳад. Ба гуфтаи ӯ, модда на худи зот, балки замина ё пояест, ки моҳият дар он таҷаллӣ мекунад. Аз ин рӯ, шинохти модда, заруран, маънии шинохти моҳияти он намедиҳад, аммо тафаккури моҳиятро низ халалдор намекунад. Азбаски хусусияти ҷисмонии ашё метавонад монеъ ё маҳдудкунандаи шинохти асл гардад, Тусӣ бар зарурати таҷрид таъкид мекунад. Таҷрид маънии раҳо кардани мафҳуми шинохташаванда аз ҷанбаҳои моддӣ ва маҳсуси он аст, то ин ки инсон битавонад онро дар сатҳи ақлонӣ дарк кунад. Ба гуфти ӯ, ин раванд тавассути қувваҳои ботинӣ ва ақлонӣ, ки марҳила ба марҳила дар инсон ташаккул меёбанд, амалӣ мешавад.

Ин дидгоҳ ба таълимоти Форобӣ низ наздик аст. Форобӣ бар ин назар аст, ки дар равандҳои маърифат, ашё дар оғоз ҳамчун суратҳои маҳсус тавассути ҳавоси зоҳирӣ қабул мешаванд. Пас аз он, тавассути қувваи тахайюл ва нафси нотиқа, ин суратҳо аз модда ҷудо ва таҷрид

шуда, дар зинаи ақлонӣ ҳамчун сувари маъқул (суратҳои сирф ақлонӣ) дарк карда мешаванд. Форобӣ дар шарҳи қувваи тасаввур чунин мефаҳмонад: «Агар дар табиати он (қувваи тасаввур) чизе бошад, ки ба вай имкон диҳад то ашёро чунон ки ҳангоми сохтани он дарк кунад, мавриди тасаввур қарор диҳад, пас, вай ин объектро ба воситаи ҳиссиёти мувофиқе, ки дар он вуҷуд доранд, ба қолаб мекашад... Агар он тавони дарки маъқулоти ончунон ки ҳастанд, надошта бошад, он гоҳ, вай ин маъқулотро чунон дарк мекунад, ки дар қувваи ҳиссӣ ҳастанд...» [9, с. 294].

Ҳам Форобӣ ва ҳам Тусӣ бар инанд, ки дар шинохти воқеии ашё зарурати гузариш аз марҳалаи ҳис ва ҷисм ба марҳалаи ақл ва маъқул вуҷуд дорад. Онҳо таҷридро шарти расидан ба шинохти ҳақиқӣ медонанд, зеро танҳо дар ҳолати раҳо аз модда ва араз шинохти зоти ашё имконпазир мешавад.

Идроки ҳиссӣ дар фалсафаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки асоси марҳалаи аввалини маърифатро ташкил медиҳад, дар заминаи тафовути ду ҷузъи аслии вуҷуд – сурат ва модда баррасӣ мешавад. Ин ду мафҳум, ки аз Арасту сарчашма мегиранд, дар фалсафаи исломӣ бо мазмун ва татбиқи махсус рушд ёфтаанд.

Сурат дар ин ҷо принсипи шаклдиҳӣ ва ташаккулбахши ашёст, ки ба модда имкони пайдо кардани зоҳир ва функсияро медиҳад. Модда, аз тарафи дигар, заминаи қабули сурат аст – яъне чизест, ки сурат дар он таҳаққуқ меёбад. Агар бо истинод ба мисоли Арасту сухан гӯем, як порчаи мармар (модда) тавассути санъати ҳайкалтарош ба сурати Гермес (сурат) табдил меёбад.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бо истифода аз ин принсип, идроки ашёро шарҳ медиҳанд: барои фаҳмидани ҳар як объекти моддӣ, инсон бояд нахуст сурати онро (яъне шакл ва намуди умумӣ, ё моҳияти он) дарк кунад. Танҳо баъд аз шинохти сурат инсон метавонад ба таҳлили

модда ва хусусиятҳои он, ба монанди таркиби ҷисмонӣ ва тағйироти эҳтимолӣ, гузарад. Аз ин лиҳоз, маърифат аз шакл оғоз мешавад, на аз модда.

Дар таълимоти ин ду мутафаккир, ҳайвоноти зинда, аз ҷумла, инсон, ҳамчун объектҳои табиӣ дар доираи ҳамин фаҳми сурат ва модда қарор мегиранд. Онҳо чунин шарҳ медиҳанд:

- сурат – нафс ё руҳ аст, ки ҳаёт, ҳаракат, ҳис ва шинохтро таъмин мекунад;

- модда – бадан ва узвҳост, ки тавассути онҳо амалҳои ҳиссӣ ва физиологӣ сурат мегиранд.

Ҳамин тариқ, нафс барои фаҳмидани ҳувияти шахсӣ, доимият ва мақоми маърифатии мавҷуди зинда хизмат мекунад. Нафси нотиқа, ки маҳз, дар инсон вуҷуд дорад, ба ӯ қобилияти тафрид ва фаҳми маъқулотро медиҳад. Ба ибораи дигар, тавассути нафс инсон метавонад суратҳоро аз модда ҷудо намуда, дар сатҳи ақлонӣ шиносад.

Насируддини Тусӣ дар ин бора менависад: «Ва ҳоли нафс бар хилофи ин аст, аз баҳри он ки чандон ки сувари маъқулот ва маҳсусот бар ӯ ворид мешавад, яке аз паси дигаре ҷумларо қабул мекунад бе он ки истидъои заволи сувари собиқ кунад, балки ҷумлагӣ сувар дар ӯ томму комил мутамасил аст ва ҳаргиз ба ҷойе намерасад, ки аз бисёрии сувар, ки дар ӯ ҳосил ояд, оҷиз шавад аз қабули сурате дигар, балки худ бисёрии сувар дар ӯ муини ӯст бар осонии қабули сувари дигар. Ва аз ин ҷост, ки мардум чандон ки улуму одобро мустаҷмеътар, фаҳму қиёсат дар ӯ бештар ва таъаллуму истифодатро мустаъидтар. Ва ин хосият зидди хосияти аҷсом аст. Пас, нафс ҷисм набувад» [26, с. 42].

Форобӣ низ, бо таъкид бар он ки донишҳо нахуст дар нафс ба амал меоянд, бар он назар аст, ки инсон онҳоро «дар ёд надорад ва порча-порча қабул мекунад». Аз ин рӯ, ба хулосае мерасад, ки метавон тасаввур кард, донишҳои аввалӣ ҳамеша дар нафс ҷой доранд ва онҳо тавассути

дарки ғайриҳиссӣ маълум мегарданд. Аммо, агар онҳо дар нафс дар натиҷаи таҷриба амалӣ шаванд, нафс оқил мегардад, зеро, ақл ҷуз таҷриба чизе нест. Ҳар қадар ин таҷриба бештар бошад, нафс ҳамон қадар ақли комилтар пайдо мекунад. Ба ибораи дигар, Форобӣ «ақли ба қувваро сарчашмаи донишҳои суварӣ номида» [9, с. 79], онро аз ҷисмониёт ҷудо месозад ва дар ин маврид, бо ақидаи Насируддини Тусӣ ҳамсон аст.

Форобӣ муътақид аст, ки ақли фаъол як навъ нафс, аниқтараш, ҷузъе аз нафс, яке аз қобилиятҳои он ё чизест, ки ҷавҳари он қодир аст моҳият ва суратҳои ашёи мавҷударо аз модда муҷаррад (абстракт) созад. Ба маънои дигар, таъкид мекунад Форобӣ, ин сувари ғайримоддӣ аз ҷавҳаре муҷаррад мешаванд, ки мавҷудияти онҳо бо он робита дорад ва фақат ба хотири он ки ҳамчун сурат дар ақли ба қувва нақш банданд. Ин суратҳоро, ки аз ҷавҳари худ ҷудо шуда, дар ин моҳият ба сурат мубаддал мегарданд, маъқулоти ақл меноманд. Дар идомаи ин суханон, Форобӣ навиштааст: «Номи онҳо аз вожаи ақл баромадааст, зеро ақл суратҳои ашёи мавҷударо ба тарзе муҷаррад сохтааст, ки онҳо дар худи он ба сурат табдил меёбанд. Ҳамин тариқ, ақли ба қувва, инчунин, ҷавҳарест, ки дар он суратҳо таҳаққуқ меёбанд. Агар шумо ягон моддаи ҷисмонӣ, масалан, як пораи мумро тасаввур кунед, ки бар он асаре гузошта мешавад ва ин асар ва сурати он сатҳ ва умқи мумро ишғол кунад ва сурат бошад, моддаро чунон дар бар гирад, ки модда комилан ҳамин сурат ва дар он паҳн гардад, он гоҳ ба маърифати он наздик мешавед, ки суратҳои ашё дар ин моҳият чӣ гуна ба вуҷуд меоянд» [9, с. 23-24].

Мусаллам аст, ки Насируддини Тусӣ – нафс ва Форобӣ – ақли ба қувваро чун мавҷудоти ғайримоддӣ мешиносанд. Аммо моҳияти онҳоро ба тавре тавсиф мекунанд, ки бе ҷисми мувофиқ наметавонанд вуҷуд дошта бошанд ё амал кунанд. Ба иборати дигар, бо таваҷҷуҳ ба нақши

марказии маърифати ҳиссӣ дар табиати инсон, шарҳи ин масъала дар осори ҳар ду мутафаккир дуҷанба аст: ҷанбаи маънавии он дар тавсифи нафс ва ҷанбаи моддиаш дар тасвири ҷисм таҷассум меёбад.

Бо назардошти он ки дар сохтори тафсирии ҳар ду мутафаккир ҷанбаи маънавӣ – руҳонӣ, аҳаммияти бештар дорад, зарур аст ба шарҳҳои онҳо дар бораи нафс ва қувваҳои он рӯ оварем. Ҷанбаи маънавӣ-руҳонии таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, чуноне маълум аст, асосан, аз шарҳи хусусиятҳои қувваҳои нафс бармеояд ва дар умум бо низоми маърифати ҳиссӣ ва таълимоти Арасту оид ба нафс ҳамоҳанг аст. «Аммо ба фарқ аз Арасту, ки мақоми аввалро дар фаъолияти маърифатӣ ба қувваи биноӣ медиҳад» [17, с. 397], дар андешаҳои ин ду мутафаккири шарқӣ аввалин қувваи амалкунанда – қувваи ғозияи нафс аст. Ин қувва дар ҳамаи мавҷудоти зинда муштарак буда, қобилияти ҳазм, афзоиш ва тавлиди наслро таъмин мекунад.

Ба андешаи Форобӣ, бо зоҳир шудани инсон дар олам, аввалин қуввае ки дар вуҷуди ӯ ба амал медарояд, қувваи ғозия мебошад. Ин қувва тамоми узвҳои бадани инсонро бо ғизо таъмин мекунад. Қувваи ғозия, ба гуфтаи Форобӣ, аз як қувваи ҳукмфармо ва қувваҳои хидматгузор иборат аст. Қувваи ҳукмфармо дар байни узвҳои бадан дар даҳон қарор дорад ва дигар қувваҳои ғизодиҳанда дар тамоми ҷисм паҳн шудаанд ва ҳар яке дар узви муайян ҷой гирифтааст. Қувваи ҳукмфармо ба таври табиӣ қувваҳои дигарро идора мекунад. Онҳо дар фаъолияти худ аз он пайравӣ менамоянд ва ҳадафи асосии қувваи ҳукмфарморо, ки дар дил ҷой гирифтааст, иҷро менамоянд.

Форобӣ меъда, ҷигар ва талхаро дар қатори узвҳое меорад, ки ба қувваи ҳукмфармо хидмат мекунанд. Узвҳои дигарро, ки номбар намекунад, ҳамчун хидматгорони ҳамин узвҳои асосӣ ба ҳисоб мегирад. Барои муайян кардани ҷойгоҳи онҳо менависад: «Ҳамин тариқ, ҷигар узви асосӣ ва фармондеҳ аст. Он ҳам фармон медиҳад ва ҳам итоат

мекунад: масалан, талхадон, гурда ва дигар узвҳоро идора менамояд, аммо ба дил итоат мекунад. Қувваи ҳосса (ҳискунанда) дар таълимоти ӯ баробар бо қувваи ҳукмфармо ва ҳамзамон, бо қувваи ғозия шумурда мешавад. Қувваи ғозияи он иборат аз панҷ узви ҳис мебошад, ки ба ҳама маълуманд ва дар байни чашмҳо, гӯшҳо ва дигар узвҳо тақсим шудаанд. Ҳар яке аз ин панҷ ҳис маҳсусоти хоси худро дарк мекунад» [9, с. 266].

Ба андешаи Форобӣ, қувваи ҳокими нафсонӣ қудратест, ки дар он дарки панҷ ҳис бо ҳам муттаҳид шудаанд ва онҳоро ба як навъ хабар барои ҳар як минтақаи подшоҳӣ ба сифати хабардиҳанда тавсиф медиҳад, яъне қувваи ҳоким ба подшоҳе монанд аст, ки дар атрофи ӯ хабарҳои тамоми минтақаҳои салтанаташ, ки аз ҷониби хабаргузоронаш пешниҳод карда мешаванд, ҷамъоварӣ карда мешаванд. Форобӣ, инчунин, қайд мекунад, ки қувваи тахайюл қудрати ғизоӣ надорад, ки дар байни узвҳои дигари бадан тақсим карда мешавад, балки ягона аст ва дар қалб қарор дорад ва ҳар чизе, ки дарк карда мешавад, пас аз қатъ ёфтани афъоли ҳиссиёт ҳифз мекунад. Ба ин монанд, қувваи тафаккур низ, ба ақидаи ӯ, дар дигар узвҳо қувваи ғизогиранда ва хидматгузоре надорад.

Насируддини Тусӣ дар китоби «Ахлоқи Носирӣ» дар бораи маърифати ҳиссӣ ва бавижа дар бораи қувваи ғозия сухан ронда, ошкоро қайд кардааст, ки ӯ дар ин масъала пурра дар зери таъсири ғояҳои Форобӣ қарор дорад ва навиштааст: «Мисоли маъунати модда, маъунати набот ҳайвонеро, ки аз ӯ ғизо ёбад, ба мисоли маъунати олат маъунати об қуввати ғозияро дар расонидани ғизо ба аъзо ва мисоли хидмати ба зот маъунати мамлук моликро ва мисоли маъунати хидмати ба араз маъунати шубон рамаро. Ва ҳакими сонӣ – Абунасри Форобӣ, ки аксари ин мақолати манқул аз ақвол ва нукоти ӯст, гӯяд: «Афъоли ходим аносиранд ба зот, чи эшонро дар ласъ (газидан)-и ҳайвонот, ки сабаби маҳлулшавии таркиби эшон аст, нафъе нест ва сибоъ (бо ангушт нишон

додан) ходиманд ба араз, ки ғарази эшон аз ифтироси нафъи хеш аст ва инҳилол бо аносир ба табаийят лозим ояд» [26, с. 195].

Насируддини Тусӣ дар тафсири ин масъала, чуноне ки дида мешавад, монанди Форобӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки онро дар доираи таносуб ва ташбеҳ бо масоили иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Аммо, Насируддини Тусӣ дар баробари ин ва бо тафовут аз Форобӣ, тафсири қувваи ғозияро дар доираи омезиши афкори метафизикӣ, психологӣ ва табиатшиносӣ низ анҷом диҳад. Ӯ дар асараш – «Равзаи таслим», масъалаи мазкурро ба таври мухтасар баён намуда, ин нуктаро чунин шарҳ додааст: «Чун Худои Таоло ҳар чизеро, ки офарид, чунон тақдир кард, ки ғизои ӯ, ки бақои ӯ ба он аст, аз ҷинси ӯ бошад ва ҷисми инсон аз ин чаҳор унсур омад ва ғизои ӯ ҳам аз ин чизҳо бувад, ки аз ин чаҳор унсур хостааст. Ва нафси инсонӣ аз он рӯй, ки ақли ба қувват аст ва ақл нафси ба феъл, аз олами ақл аст ва ғизои ӯ аз илму амал омад. Ва далел бар он ин ки агар касе то ба охири умр ҳар рӯз аз ғизоҳои солеҳи латиф ва ба танаум чизе бисёр бихӯрад ва касби илм накунад, олим нашавад. Ва агар аз ғизоҳо мухтасар он миқдор, ки рамақе ёбад, бихӯрад ва касби илм кунад, олим шавад» [28, с. 51].

Мутафаккир тасдиқ мекунад, ки инсон ва умуман, мавҷудоти зинда бе қувваи ғозия ҳаёт дошта наметавонанд, зеро нафси ҳиссии онҳо ҳамеша фоил аст. Масалан, агар наботот фақат дорои нафси ғозия бошанд, пас, нафси ғозия дар муқоиса бо нафси ҳосса то даме ки ҷисм нобуд намешавад, бояд дорои қобилияти фаъолияти доимӣ бошад.

Дар ин ҷо саволе пайдо мешавад, ки ин раванд, кадом хусусияти бунёдии нафси ғозияро ба миён меорад? Ба ин савол дар осори на Форобӣ ва на Насируддини Тусӣ ҷавоби мустақим ва муназзамро дарёфтан мумкин нест, аммо азбаски ҳардуи онҳо, чуноне ки аллакай маълум аст, зери таъсири ғояҳои Арасту қарор доранд, тафсири онро, пеш аз ҳама, бояд дар ақоиди ин файласуфи юнонӣ ҷуст. Дар асари худ –

«Дар бораи нафс», Арасту дар шарҳи қувваҳои наботӣ чунин таъкид мекунад, ки растаниҳо дорои қуввае мебошанд, ки ба шарофати он метавонанд дар ду самти зид – ҳам нашъунамо ва ҳам нобудӣ амал кунанд. Ба гуфтаи ӯ, растаниҳо танҳо ба самти боло нашъунамо намекунанд, балки ба самти поён низ рушд мекунанд, зеро пайваста ғизо мегиранд ва то вақте зиндаанд, ин қобилияти ғизогириро нигоҳ медоранд. Арасту мегӯяд, ин қобилиятро метавон аз дигар қобилиятҳо ҷудо кард, вале дигар қувваҳо наметавонанд мустақил аз қобилияти ғизогирӣ амал кунанд. Ӯ таъкид мекунад: «...ин дар мавриди наботот равшан аст, зеро онҳо қувваи дигаре аз навъи нафсонӣ надоранд. Ҳамин тариқ, ба шарофати ҳамин ибтидо ҳаёт вуҷуд дорад, аммо на аз ҳисоби ҳаракат, балки аз ҳисоби эҳсос. Агар мавҷуде бошад, ки на ҳаракат мекунад ва на ҷой иваз мекунад, вале эҳсос дорад, мо онро ҳайвон меномем ва тасдиқ мекунем, ки он зинда аст» [17, с. 397].

Чуноне ки қаблан ишора кардем, Арасту дар маърифати инсонӣ нақши аввалро ба қувваи ҳиссӣ медиҳад. Ба назари ӯ, ҳайвонот низ дорои чунин қобилият ҳастанд ва ҳар гуна ғизо, хоҳ хушк ва хоҳ мулоим, гарм ё сард, тавассути ҳамин қувваи ҳиссӣ дарк мешавад. Сайри дарки дигар маҳсусот низ ба воситаи ҳамин қобилият ва бо миёнаравии он сурат мегирад, зеро на овоз, на ранг ва на бӯй бе иштироки ҳис наметавонанд бо ғизо иртибот пайдо кунанд ва чизеро ба он изофа намоянд.

Форобӣ низ бар ин назар аст, ки қувваи ғозия барои «хидмат ба ҷисм» таъин шудааст. Насируддини Тусӣ дар ин маврид, бо ӯ ҳамандеша аст. Ҳарчанд қувваҳои ҳиссӣ, тахайюлӣ ва тафаккур низ дар хидмати ҳаёти ҷисмонӣ қарор доранд, вале нақши қувваи ғозия ҳамчун зербино ва асос боқӣ мемонад. Ба гуфтаи Форобӣ, қувваи ҳиссӣ дар айни замон, ҳам қувваи ҳукмрон ва ҳам ғизодиҳанда шумурда мешавад. Ин қувва дар панҷ узви ҳис таҷассум ёфтааст, ки ҳавоси зоҳириро ташкил медиҳанд ва

онҳоро метавон чунин хулоса кард: ҳар як аз ин узвҳо, яъне чашм, гӯш, бинӣ, забон ва пӯст, маҳсусоти хоси худро дарк мекунанд.

Ба назари пайравони мактаби машшоияи Шарқ, аз ҷумла, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, эҳсосоти инсон танҳо тавассути абзорҳои ҷисмонӣ комил мегардад. Ба гуфтаи онҳо, ҳиссу дарки маҳсус танҳо замоне имконпазир аст, ки сурати маҳсус дар узви ҳисси марбута, мисли як шабаҳ ё соя нақш бандад. Аз ин рӯ, чашм, гӯш ва дигар узвҳои ҳиссӣ на танҳо васила, балки шарти зарурии маърифати маҳсус маҳсуб мешаванд. Амалиёти ҳиссӣ, маҳз, тавассути ҳамин узвҳо, ки ҳавоси зоҳириро ташкил медиҳанд, сурат мегирад ва маҳдуд ба доираи эҳсоси мустақим мебошад.

Аммо он чи ки дар марҳилаи ташаккули сурат ва ё тарсим шудани сурати маҳсусот рух медиҳад, бевосита бо ҳисси муштарак ва дигар қувваҳои ботинӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, узвҳо ва абзори ҷисмонӣ танҳо воситаи қабули таъсири моддӣ ҳастанд, на муҳаррики дарки маъноҳои муҷаррад. Қобилияти онҳо маҳдуд ба дарки он чизи моддист, ки дорои сифат (кайфият), миқдор (каммият) ва ҳолати замонӣ мебошад. Яъне, ҳисси зоҳирӣ наметавонад маънои ҷудошуда аз модда ё муҷаррадро дарк намояд, зеро фаъолияти он ҳамеша бо модда алоқаманд аст.

Ин матлабро Форобӣ дар таҳлили андешаҳои пайравони Афлотун ва Арасту муфассал баррасӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, баъзе пайравони Афлотун, бо шунидани назарияи Арасту оид ба қувваи биноӣ, хато карда, онро эҳсоси ғайрифаъол маънидод кардаанд. Онҳо мегӯянд, ки ин эҳсоси ғайрифаъол, ки ба идроки ранг ва шакл марбут аст, аз ҳисси зоҳирӣ ҷудо нест ва дар он тағйири сифати чиз идрок мешавад. Форобӣ ин назариётро рад карда, таъкид менамояд, ки агар эҳсоси ғайрифаъол дар худи узви биноӣ – масалан, гавҳараки чашм сурат бигирад, пас, бояд ин узв ҳамеша ва дар як вақт метавонад рангҳои мухталифро қабул кунад ва беохир ранги худро иваз намояд. Ин, ба назари Форобӣ,

ғайримантиқист, зеро ҳама гуна тағйирот фақат дар замон имконпазир аст ва танҳо замоне воқеъ мешавад, ки як чиз пурра ҷойи чизи дигарро гирад. Агар дар як вақт як ҷузъ тағйир ёбад, вале ҷузъҳои дигар бетағйир бимонанд, пас, ин ҷузъҳо бояд ҷудо ва мутафовит бошанд, ки дар мавриди гавҳараки чашм чунин нест ва ин фарзия ботил шумурда мешавад.

Форобӣ бар асоси далелҳои ақлӣ хулоса мекунад, ки эҳсоси ғайрифаъол дар муҳити шаффоф, яъне ҳаво, ки байни чашм ва чизи дидашаванда воқеъ аст, сурат мегирад. Вале агар чунин мебуд, пас, мебоист як чиз дар як вақт ду сифати зидро доро бошад, масалан, ҳам наздик будан ва ҳам дур будан, ки ин аз лиҳози мантиқӣ номумкин аст. Форобӣ бо такя ба андешаи пайравони Арасту мегӯяд, ки онҳо бо далелҳои устувор дурустии назари худро собит сохта, чунин таъкид мекунанд: «Агар рангҳо ва дигар сифатҳои дидашаванда дар муҳити шаффофи чашм паҳн намешуданд, чашм наметавонист ашёро дар фосилаи дур дарк кунад. Чунки ҳар чизе, ки дар муҳит ҳаракат мекунад, пеш аз ҳама, ба наздиктарин нуқта мерасад, на ба дуртарин. Аз ҳамин ҷост, ки мо метавонем чароғҳоро ҳам дар фосилаи дур ва ҳам наздик дар як вақт мушоҳида кунем. Агар ин раванд дар муҳити шаффоф сурат намегирифт, чунин эҳсос имкон надошт» [9, с. 67-68].

Насируддини Тусӣ низ муътақид аст, ки ҳисси зоҳир маънои холисро дарк намекунад, балки омехта ва пайваста бо мавод буда, баъд аз нобудшавии маҳсусот наметавонад суратҳои онҳоро ҳифз намояд. Гузашта аз ин, чуноне ки болотар аз китоби ин мутафаккир иқтибос овардем, – «...ҳеҷ ҳис идроки эҳсоси худ накунад ва на идроки олати эҳсоси худ, чунонки босира на биноиро бинад ва на чашмро», идроки ҳиссии ҳар гуна маҳсусот ба зоти ӯ вобаста аст ва ҳар кадомашон вазифаҳои хоси худашонро ба иҷро мерасонанд. Ӯ дар асараш бо номи «Талхис-ул-муҳассал» қайд кардааст, ки баъзе мутафаккирони қадима

(файласуфони юнониро дар назар дорад– С.Б.) муддаиянд, ки ашёи маҳсус мумкин аст пас аз ҷудо шудан аз маҳалли доимии ҷойгирифтаашон боқӣ монда, худ ба худ ҳастиашонро идома диҳанд ва бо бутлони интиқоли ҳаводис ботил шаванд. Ба ин тезиси онҳо Насируддини Тусӣ посух дода, навиштааст: «Ин шак фақат аз нур ва бӯй ва амсоли онҳо бар эшон (яъне мутафаккирони қадима – С.Б.) иттифоқ афтодааст, зеро, ҳангоме нурро диданд, ки гӯё аз он ки нур дорад, ба тарафи муқобилаш ҳаракат мекунад ва бӯй аз бӯёӣ ба сӯйи ҳавос ҳаракат мекунад, гумон карданд, ки пас аз ҷудо шудан аз маҳаллашон, боқӣ хоҳанд монд» [310, с. 146].

Насируддини Тусӣ дар асари худ на танҳо ба тавзеҳи масъалаҳои маърифати фалсафӣ мепардозад, балки ақидаҳои файласуфони пешин, махсусан Фахриддини Розиро таҳти таҳлили шадид ва баҳси мантиқӣ қарор медиҳад. Ӯ дар заминаи масоили мухталифи фалсафӣ, аз ҷумла, назарияи маърифат ва нақши ҳис дар шинохти воқеият, мавқеи хоси худро пешниҳод мекунад. Дар ин росто, Тусӣ бо пайравӣ аз Форобӣ, масъалаи тағйирёбии ашё ва идроки онҳо тавассути ҳисро бо далелҳои мантиқӣ ва ақлонӣ шарҳ медиҳад.

Аз ҷумла, Насируддини Тусӣ ба таври махсус ба яке аз андешаҳои Фахриддини Розӣ ишора мекунад, ки ҳис наметавонад дар бораи бақо (давомдор будан)-и ашё довари дуруст бошад. Розӣ чунин мегӯяд: ҳис қобилият надорад, ки миёни ашёи воқеӣ ва чизҳои шабеҳи онҳо (монандӣ)-ро фарқ кунад ва натиҷа ин аст, ки ҳис дучори ошуфтагӣ мешавад. Ба назари Розӣ, дар воқеият, масалан, рангҳо пайваста нобуд мешаванд ва Худо онҳоро ҳар лаҳза нав ба нав халқ мекунад. Вале ҳис, яъне қувваи биноӣ, ин пайвастагии доимиро дарк мекунад ва ба нодуруст будани тасаввури худ ноогоҳ мемонад. Аз ин ҷост, ки Розӣ ба натиҷае мерасад, ки довари ҳис дар бораи бақо ва давомдор будани ашё

ғайри қобили қабул аст, зеро он аз воқеият дур ва зоҳиран бар асоси тасаввуроти хатоӣ бино ёфтааст.

Тусӣ ин ақидаро бо услуби мантиқӣ мавриди баҳс қарор дода, бо истидлоли мураттаб нишон медиҳад, ки чунин хулосаҳо ба натоиҷи ботил меоранд. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳарчанд эҳсос метавонад фиреби зоҳир шавад, вале он пурра беэътимод нест, балки бояд он дар иртибот бо дигар қувваҳои ботинӣ, ба монанди ҳисси муштарак, тахайюл ва тафаккур арзёбӣ гардад. Ба қавли Тусӣ, фиреби эҳсосӣ бештар ба норасоии худи ҳис вобаста нест, балки ба тарзи истифодаи он ва шароити хориҷии таъсиргузор бастагӣ дорад.

Дар натиҷа, Насируддини Тусӣ бо равиши фалсафии мутавозин ва мантиқгароёна хулоса мекунад, ки ҳис, гарчи дар баъзе мавридҳо дучори хато мешавад, аммо он ҳамчун зинаи аввалини маърифат қобили қабул ва ҳатмӣ аст. Ӯ андешаи Форобиро дар ин замина дастгирӣ намуда, таъкид мекунад, ки маърифати ҳиссӣ, ҳарчанд нопурра аст, вале пойдевори маърифати ақлонӣ ва таҳлилӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, рад кардани аҳаммияти ҳис дар маърифат, ба мисли Фахриддини Розӣ, ба рад кардани тамоми равандҳои маърифатӣ мебарад, ки дар воқеият на амалӣ аст ва на қобили қабули ақлонӣ. Ба ин гуфтаҳо Насируддини Тусӣ посух додааст, ки «ҳукм дар бораи бақои зиндагӣ ҳукм дар бораи он аст, ки он чи дар замони оянда вуҷуд дорад, ҳамон мавҷудест, ки дар замони аввал буд. Ва ин ҳукм дар нисбати ҳис саҳҳеҳ нест, зеро он дар ду замон ҳузур дошта наметавонад, пас, чӣ гуна мавҷуд дар ҳар ду замон ҳузур дошта метавонад? Пас, ҳукм дар бораи бақо аз ақл вобаста аст. Ва ақл ба иштибоҳ меравад, агар онро миёни ду чизи муташобеҳ муштарак тааққул намояд ва дарк накунад, ки ҳар кадоми онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ба ҳис таҳвил додани ин хато дуруст нест» [310, с. 22]. Насируддини Тусӣ дар тақвияти исботи фикраш ақоиди мактабҳои гуногунро дар боби ин масъала матраҳ месозад. Аз ҷумла, дар мавриди

афкори пайравони ашъария, ки рангҳоро доимӣ намешуморанд ва он ақидаест, ки бар принсипи пазируфтаашон воҷиб аст, яъне маҳв шудани онҳо феъли фоили онҳо нест ва бақои он аз муассиркунандаи он, яъне Худо аст.

Ҳарчанд низоми маърифати ҳиссии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ имкони таъсири мутақобилаи байни чунин соҳаҳои фаъолияти унсурҳои маърифатӣ, аз қабили нафс ва ҷисм, дарки зеҳнӣ ва эҳсосӣ, дарки куллӣ ва ҷузъиро нигоҳ медорад, аммо нуктаҳои нозуктаре вуҷуд доранд. Масалан, дар кадом марҳила ва чӣ гуна маърифат аз ҳодисаҳои мушаххас ба куллӣ интиқол ёфта метавонад. Чӣ гуна нафс ҳамчун як вуҷуди ғайримоддӣ ва ғайриҷисмонӣ метавонад ба ашёи моддӣ ва қобилиятҳои мушаххаси онҳо иртибот дошта тавонад. Бо ин ҳама, чуноне ки дар боло ёдрас шудем, ҳардуи ин мутафаккир моддиятро, ки ба маънои субстрат таъбир додан мумкин аст, монеаи тафаккур намедонанд. Ин мавқеъ сазовори таҳқиқи муфассалтар аст, зеро ҳам назарияи Форобӣ, ки дар он тафовут байни куллиёт ва ҷузъиёт, маҳсусот ва маъқулот мақоми марказӣ доранд ва ҳам хулосаҳои нисбатан дақиқтари Насируддини Тусӣ (ба он маъно, ки ӯ дар ҳолатҳои мушаххас онҳоро дар доираи илмҳои табиатшиносӣ, дар осори махсуси худ, ки ба риёзиёт, физика ва математика бахшида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад), ки аз назарияи маърифати ӯ бармеоянд ва зоҳиран ин тафовутҳоро на он қадар тезу тунд маънидод мекунанд, ифода меёбад. Форобӣ ин нукотро дар рисолааш «Қабл аз он ки фалсафаро биёмӯзем, чӣ бояд кард» дар мисоли қувваи нузуъиййа (кӯшиш), ки шавқ, ирода ва ихтиёр аз он сарчашма мегиранд, шарҳ медиҳад. Он, ба қавли мутафаккир, қуввааст, ки чизро ё мепазирад ва ё инкор мекунад ва бар қуввaҳои дигар ҳоким буда, онҳо дар хизмати онанд. Ба шарофати он хоҳиш, рағбат ва ё шавқ ба кӯшишу талош гузашта, ҳар он чизе, ки аз тариқи эҳсос ва ё идрок қабул шудааст, ҳифз ва ё рад мекунад. Дар

иртибот бо ин матлаб Форобӣ қайд мекунад, ки фаъолияти ҷисм аз ҷониби қувваҳое барпо карда мешавад, ки дар хизмати қувваи нузуъиййа қарор доранд ва ин қувваҳо дар узвҳое ҷой гирифта, чунон тақсим шудаанд, ки барои фаъолиятҳои онҳо имконият фароҳам меоваранд. Ин узвҳо – моҳияти асабҳо ва мушакҳо буда, дар узвҳое ҷой гирифтаанд, ки тавассути онҳо фаъолият, ҳадафи хоҳиши ҳайвонот ва инсон, ба мисоли дасту пойҳо ва аъзои дигар, ки онҳоро низ аз тариқи хоҳиш фоил кардан мумкин аст, ҳосил мешавад. Ҳамин тавр, Форобӣ таъкид мекунад, ки ин қувваҳо дар узвҳое ҷойгир буда, абзори ҷисмонӣ ва тобеи қувваи нузуъиййа мебошад, ки худи он дар қалб амал мекунад. Аммо агар хоҳиши маърифати маҳсусот пайдо шавад, дар муқоиса бо қувваҳои ақлонӣ, ки ҳуш, тасаввур, хоббинӣ, тафаккур ва хулосабарорӣ ҳосил мекунад. Форобӣ хоҳиш барои дарки маърифати ҳиссиро чунин шарҳ додааст: «Аммо агар хоҳиши маърифати ашёи маҳсус тавассути эҳсос вуҷуд дошта бошад, пас ба воситаи он таҳаққуқ ёфтани ин хоҳиш феълест, ки аз фаъолиятҳои ҷисмонӣ ва нафсонӣ иборат аст. Масалан, мо чизеро дидан мехоҳем, пилки чашмонамонро боло мебардорем ва нигоҳамонро ба чизе, ки онро дидан мехоҳем, равона мекунем. Агар ҳамон чиз дар масофаи дур воқеъ бошад, ба сӯйи он наздиктар меравем ва агар монеае моро аз он ҷудо созад, мо ин монеаро бо дастони худ аз сари роҳамон дур мекунем. Ҳамаи ин афъол фаъолиятҳои ҷисмонӣ мебошанд, аммо эҳсос бошад, худ ба худ як феъли равонӣ (психикӣ) аст» [9, с. 269].

Аз ин андешаҳои Форобӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки нуқтаи назари ӯ на танҳо нисбат ба ҳиссиёти ботинӣ, балки умуман, нисбат ба анвои дигари идроки ҳиссӣ ва қувваҳои гуногуни он низ хусусияти тафсирӣ-интиқодӣ дорад. Насируддини Тусӣ, ки дар масъалаи эҳсосоти ботинӣ бо Форобӣ мавқеи мушобеҳро ишғол мекунад, дар мавриди имкони идрокҳо тавассути қувваҳои гуногуни нафс ва ҷисми

инсон дар доираи таносуби дутарафаи эҳсоси зоҳир ва ботин, куллӣ ва ҷузъӣ, маҳсусот ва маъқулот баҳс мекунад. Ба ақидаи мутафаккир, идрокоти ҷузъӣ гурӯҳи идрокҳое ҳастанд, ки мадраки онҳо ҷузъӣ аст ва идрокоти куллӣ идрокоте ҳастанд, ки мадраки онҳо куллӣ буда, қобилияти ҳосил намудани дурустии эҳсосро ба афроди зиёд дошта бошанд. Идрокҳои вобаста ба қувваи идрокӣ, чуноне ки болотар гуфта будем, аз ҳавоси зоҳирӣ ва ҳавоси ботинӣ иборатанд. Насируддини Тусӣ дар асараш «Талхис-ул-муҳассал» ин анвои эҳсосро таъбир дода, панҷ намуди ҳавоси зоҳир – биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ, басовиш ва панҷ намуди ҳавоси ботин – муштарак, мусаввира, муфаккира, воҳима ва ҳофизаро тасниф додааст. Маҳз, тавассути онҳо инсон метавонад ҷузъиётро аз куллиёт ва баръакс ҷудо сохта тавонад. Дар мубоҳиса бо рақибони хеш – ашъариён ва Фахриддини Розӣ мавзуъҳои маърифати ҳиссиро таҳлил намуда, Насируддини Тусӣ, аз ҷумла, дар бораи куллиёт ва ҷузъиёт овардааст, ки даъвои ин мутафаккирон аслан хусусияти суфастоӣ дошта, дар байни аввалиёт ва маҳсусот, аз ҷумла, бар он истинод овардаанд, ки ҳукми ҳис мебоист дар ҷузъиёт ва ё куллиёт эътибор дошта бошад. Аммо дар ҷузъиёт он қобили қабул нест, зеро ба иштибоҳ меравад. Пас, инчунин, муҷаррадоти ин ҷузъиёт низ қобили қабул намешавад. Ба ин даъвои эшон ӯ чунин посух додааст: «Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки ҳис на дар ҷузъиёт ва на дар куллиёт ҳукме надорад, магар ин ки мурод аз ҳукми ҳис ҳукми ақл бар умури маҳсус бошад. Ва агар ин тавр бошад, дурусту ботил танҳо дар аҳкоми он садди роҳи ақл мешавад. Ҳамчунин, агар ҳукми эҳсос ғайри қобили қабул бошад, вале дар маърази иштибоҳ қарор гирифта бошад, дар он ҳукми ақл низ ҷой дорад» [310, с. 41]. Дар идомаи ин мубоҳисаҳо Насируддини Тусӣ ба назари як донишманди номаълум истинод меорад ва андешаи ӯро дар бораи хусусияти узвҳои ҳис, аз ҷумла, чашм, ёд мекунад. Ба гуфтаи ӯ, чашм метавонад чизи майдаро бузург нишон

диҳад, мисли он ки оташи дурро «зулмати азим» ва ангурро дар об «соқа (поя)-и он» мебинад; ё агар ҳалқаи ангуштарӣ ба чашм наздик оварда шавад, онро мисли дастмона дарк мекунад. Мутафаккири мо ба ин нукта чунин посух медиҳад: пеш аз ҳама, агар дар андешаи касе шубҳае пайдо шавад, ки маъқулот ва аввалиётро намедонад, ӯ сазовори посух нест ва посух додан ба чунин шахс ғайриимкон аст, магар онҳое, ки ба ҳукмҳои ақл бовар доранд – ба онҳо бояд ҷавоб дод ва сабабҳои ин иштибоҳро фаҳмонд. Аммо, тавре мутафаккир илова мекунад, он ки биноӣ як чизи хурдро калон дарк мекунад, дар асл ба маънии он нест, ки чашм онро бузург мебинад. Муқаррар шудааст, ки идрокшаванда (на чизе, ки чашм мебинад!) дар ҳар ду ҳолат як чиз боқӣ мемонад ва ин идрок кори чашм нест, зеро ҳукм танҳо вақте содир мешавад, ки объект дар ҳар ду ҳолат яксон дарк гардад. Аз ин рӯ, ин ба воситаи миёнаравии хаёл ва кори ақл сурат мегирад. Мутафаккир чунин хулоса мекунад: «Ва ин иштибоҳро танҳо ақл тасаввур мекунад, на чашм ва ин аз он ҷост, ки ақл он чизеро, ки хаёл тасвир кардааст, хурд медонад, зеро чашм низ онро эҳсос кардааст ва пас аз он қувваи босира онро калон дарёфтааст. Онҳо бар асоси он чи дар ин ҷо нишон дода шудааст, чунин пиндоштаанд, ки биноӣ дар дидани худ иштибоҳ кардааст, аммо он иштибоҳ накардааст. Ва баёни он ин аст, ки руъият (биниш) ё аз тариқи таъсири шибҳи чизе, ки ба чашм намоён аст, ҳосил мешавад, ё бо тобиши нури чашм ба чизи дидашаванда. Ва наздиктарин ба ҳақиқат, ҳамин фарзияи дувум аст» [310, с. 15].

Аз гуфтаҳои боло дар бораи маърифати ҳиссӣ дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки моҳиятан яксонанд, вале дар тафсир ва таъбири онҳо ихтилоф вуҷуд дорад, бармеояд, ки хосиятҳои узвҳои ҳис хоси ҳамаи ҷисмҳоянд. Ба ибораи дигар, агар чизе ҷисм бошад, он дорои дараҷаи муайяни гармӣ ё сардӣ (ҳарорат), хушкӣ ё намнокӣ, сахтӣ ё нармӣ аст, ки ҷисмҳоро барои эҳсос дастрас месозад. Мутафаккирон ҳар

як узви ҳисро бо назардошти навъҳои мувофиқи эҳсос, воситаҳое, ки тавассути онҳо маҳсусот ба ҳиссиёт табдил меёбанд ва ҳолати зарурии муҳити зист вобаста ба шароити таъсиррасон баррасӣ мекунанд (масалан, муҳити ранга – ҳаво ё об, ки бояд равшан гардад; ё садоҳо, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи ҷисмҳои дорои хосиятҳои муайян ба вуҷуд меоянд).

Навъи дигари объектҳо, ки дар зоти худ дарк мешаванд, ба ном объектҳои ҳассос ном бурда мешаванд. Эҳсоси муқаррарии ҳиссиёт, асосан, ба хосиятҳои миқдории ҷисмҳо, монанди сурат, андоза, адад ва ҳаракати онҳо дахл дорад. Онҳоро «муқаррарӣ» меноманд, зеро ки ду ё зиёда узви ҳис онҳоро метавонанд дарк кунанд. Бо вуҷуди ин, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, дар мисолҳои боло зикр мекунанд, ки чунин хосиятҳо ҳамчун ҳамсафарони эҳсосоти махсус қабул шуда, маънои хоса на танҳо дар сурат ё андозаи ашё, балки дар пайвандии онҳо бо узвҳои махсуси ҳис зоҳир мегардад. Инсон суратҳоро мебинад ва эҳсос мекунад, зеро ки суратҳо ҳам рангу ҳам сифатҳои моддиро муайян месозанд. Ӯ на танҳо рангро мебинад, балки ҳар рангро бо сурат ва андозаи муайян дарк мекунад, ки оё он як аст ё бисёр, ҳаракаткунанда аст ё ором ва ғайра.

Ниҳоят, дар маърифати ҳиссӣ, назарияи инъикос нақши муҳим дорад, ки дар фалсафаи классикии асримиёнагӣ ба қобилияти он таваҷҷуҳи хоса зоҳир шудааст. Дар маънои аввалия, инъикос як навъ идрок аст, ки бо чор хусусияти муҳим хос мешавад: аввалан, он аз он чизе ки фавран ба чашм мерасад, фаротар меравад; сониян, он дараҷаи олитари эҳсос аст, ба маънои он ки тафаккурро дар бораи ҳолати равонӣ ё мазмуни репрезентативӣ (намояндагӣ) фаро мегирад, гарчанде ки ҳатман ба он пайваст набошад; сеюм, он ба фаҳмиши сохторӣ нигаронида шудааст ва чунин фаҳмишро тавассути баровардани хулосаҳо, бе гирифтани маълумоти нави таҷрибавӣ ё ғайр аз он, аз

доираи он чи аллакай дарк шудааст, инкишоф медиҳад. Чунин инъикос, одатан, ба такмили фаҳмиш ё дониши қаблӣ равона шудааст. Дар бисёре ҳолатҳо, инъикос аз донишҳои заминавии таҷрибавӣ истифода мебарад ва дар ҳолате ки асосноккунии он аз таҷрибаи ҳиссӣ вобаста нест, он хусусияти априорӣ пайдо мекунад. Аз ин тафсирҳо бармеояд, ки инъикос як марҳилаи маърифат аст, ки дорои ҳам хусусияти ҳиссӣ ва бештар хусусияти ақлонӣ мебошад. Дар ҳолати дуюм, ин масъала дар бахши минбаъдаи таҳқиқоти мо мавриди таҳлили амиқтар қарор хоҳад гирифт.

Дар ин маврид, зикр кардан ҷоиз аст, ки Форобӣ нисбат ба Насируддини Тусӣ ба назарияи инъикос таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудааст ва онро асосан дар доираи мавзуъҳои дигари маърифатшиносӣ баррасӣ мекунад. Ӯ инъикосро пеш аз ҳама ҳамчун яке аз манбаъҳои дониши аввалия ва эътиқоди мантиқӣ мешуморад. Ба андешаи Форобӣ, назарияи инъикос бештар бо қувваи тахайюлӣ (хаёл) иртибот дорад. Ӯ бар ин назар аст, ки агар ин қувва пурзӯр ва комил бошад, эҳсосоте, ки аз берун ба он мерасанд, на танҳо қабул ва ҳифз мешаванд, балки ба шевае дар худ таҷдид ва табдил меёбанд, ки ба неруи тафаккур низ хидмат мерасонанд.

Форобӣ таъкид мекунад, ки қувваи тахайюл, новобаста ба фаъолиятҳои ҳиссӣ ва фикрӣ, дорои захираи мустақил ва кофӣ мебошад, ки ба он имкон медиҳад то ҳамзамон бо ин ду амал фаъолият намояд – хоҳ дар ҳолати бедорӣ бошад ва хоҳ дар ҳолати хоб. Қувваи тахайюл маълумоти зеҳнии фоилро ба воситаи маҳсусоти ошкор, ки онҳоро ба шаклу қолабҳои муайян медарорад, ифода мекунад. Дар натиҷа, ин ашёи маҳсус аз нав эҳё мегарданд ва дар қувваи эҳсосот нақш мебанданд. Форобӣ ин равандро чунин ҷамъбаст мекунад: «Пас, вақте ки ин тахайюлот дар ҳисси умумӣ шакл мегиранд, қувваи биноӣ онҳоро бо сустӣ дарк мекунад. Ва он чизе, ки дар қувваи биноӣ чунин шакл гирифтааст, боиси дубора падид омадани тасвирҳо дар ҳавои

равшаншуда, дар канори чашм ва бо убури нуре мешавад, ки аз чашм хориҷ мегардад. Вақте ки ин тасвирҳо дар ҳаво падид меоянд, онҳо бозгашта, аз нав дар қувваи биноӣ нақш мебанданд ва сипас, дар ҳисси умумӣ ва қувваи тахайюл инъикос меёбанд» [9, с. 300].

Ҳамин тавр, Насируддини Тусӣ низ ҳамчун намояндаи равияи ақлгароӣ дар фалсафаи классикии исломӣ бар он ақида аст, ки инъикос қодир аст донише фароҳам орад дар бораи ашёе, ки ҳатман дорои табиати мустақими ақлонӣ нестанд. Ба андешаи ӯ, баъзе донишҳо метавонанд берун аз равон (психика)-и шахси мушаххас вуҷуд дошта бошанд ва ба таври априорӣ (яъне қабл аз таҷриба) татбиқ шаванд.

Дар муқоиса бо Форобӣ, Насируддини Тусӣ ба назарияи инъикос таваҷҷуҳи васеътар ва таҳлили амиқтар зоҳир намудааст. Ӯ ин назарияро на танҳо дар чаҳорчӯбаи физикӣ ва фалсафӣ, балки дар сатҳи мантиқӣ ва риёзӣ низ баррасӣ кардааст. Ҳамин нуктаро метавон дар осори ӯ, махсусан дар китоби «Талхис-ул-муҳассал», мушоҳида кард. Барои мисол, Тусӣ дар тавзеҳи механизми инъикоси тасвир дар об чунин овардааст: «Агар шуои биниш аз нуқтаи чашм ба сатҳи об бархӯрад ва қонуни баробарии кунҷҳо – яъне кунҷи афтодан ва кунҷи инъикос риоя шавад, он гоҳ шуое, ки ба болои дарахт равона мешавад, дар нуқтаи наздиктар ба бинанда инъикос меёбад ва шуое, ки ба пояи дарахт мерасад, дар нуқтаи дуртар аз бинанда бармегардад. Дар натиҷа, тасвири дарахт чун ба самти поён дар об кашидашуда менамояд ва пояи он бо тасвири пояи муқобил пайваста метобад. Пас, агар бинанда дар нуқтаи «А» қарор дошта бошад ва сатҳи об «BC» ва дарахти воқеъ дар он сатҳ «DC» бошад, пас, шуои нури чашм, ки аз «А» ба нуқтаи «Е» (нуқтаи бархурд бо сатҳи об) мерасад ва аз он ҷо ба болои дарахт – нуқтаи «D» – инъикос меёбад, ду кунҷ, яъне «AEB» ва «DEC» бо ҳам баробар мешаванд» [9, с. 21]. Ин мисол нишон медиҳад, ки Тусӣ назарияи инъикосро ҳамчун модели умумии дарки воқеият истифода

мебарад ва онро бо қонунҳои геометрӣ ва мантиқи шинохт тавъам медонад. Ба ҳамин тариқ, инъикос барои ӯ танҳо як ҳолати ҳиссӣ нест, балки равандест, ки дар он фаҳмиш ва дарки воқеият ба таври ақлонӣ ва сохторӣ ташаккул меёбад.

Таҳлилҳои анҷомшуда моро ба хулосаҳое мерасонанд, ки дар назарияи маърифати ҳиссии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ки ҳар ду дар доираи таълимоти машшоӣ қарор доранд, умумияти консептуалӣ мушоҳида мешавад. Ин умумият, пеш аз ҳама, ба таҳқиқи масъалаҳои зерин марбут аст:

- таносуби миёни нафс ва ақл, нафсонӣ ва ақлонӣ;
- робитаи маҳсусот ва маъқулот;
- нақши узвҳои ҳис дар шинохти воқеият;
- ҷойгоҳи тахайюлот, тасаввурот ва идрок (қисман) ҳамчун натиҷаи фаъолияти ин узвҳо;
- таҳлили ҷузъиёт ва куллиёт дар партави ҳисси зоҳирӣ ва ботинӣ;
- баррасии ҳукмҳои мантиқӣ, ки ба ин таҷрибаҳо тааллуқ доранд.

Бо вуҷуди ин умумиятҳои консептуалӣ, таҳлил ва баррасиҳои ин ду мутафаккир фарқиятҳое низ доранд, ки онҳоро метавон дар чор банд чунин ҷамъбаст кард:

1. Дар таълимоти Форобӣ маърифати ҳиссӣ бештар дар чаҳорчӯбаи масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ баррасӣ мешавад, дар ҳоле ки Насируддини Тусӣ ин мавзуъро аз дидгоҳи фалсафӣ ва илмҳои табиӣ (физика, нуҷум, риёзиёт) таҳқиқ мекунад.

2. Форобӣ ба қувваҳои ҳис ва қобилиятҳои онҳо хусусияти илоҳӣ ва абадӣ нисбат медиҳад. Баръакс, Тусӣ сарчашмаи онҳо ва низоми шинохтиро ба Нафси кул иртибот медиҳад, на мустақиман ба Худо.

3. Ба андешаи Форобӣ, дарки куллиёт танҳо тавассути нафс ва ақл имконпазир аст. Аммо Насируддини Тусӣ дарки ҳам куллиёт ва ҳам

ҷузъиётро тавассути фаъолияти нафс ва ақли инсон қобили имкон медонад.

4. Форобӣ назарияи инъикосро ба таври умумӣ ва бештар дар робита ба кӣ будани инсон дар низоми ҳастӣ баррасӣ мекунад, дар ҳоле ки Насируддини Тусӣ онро бо таҳлили дақиқ ва муфассал аз дидгоҳҳои метафизикӣ, физикӣ, мантиқӣ ва риёзӣ дар доираи низоми фалсафии худ ҷудогона таҳқиқ мекунад.

Таҳқиқи назарияи маърифати ҳиссӣ ва инъикос дар осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду мутафаккир дар доираи фалсафаи машшоия бо нигоҳу равиши мушобеҳ ба масъалаи шинохти олам таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Онҳо ба инъикоси воқеият тавассути қувваҳои ҳиссӣ ва зеҳнӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд ва маърифатро ҳамчун раванди ташаккули тасаввур ва идрок дар нафси инсон арзёбӣ менамоянд.

Бо вуҷуди умумияти консептуалӣ, равиши таҳлили онҳо дар муносибат ба масоили маърифатӣ тафовутҳои муҳимме дорад. Форобӣ бештари таваҷҷуҳро ба ҷанбаҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фалсафаи амалии маърифат равона сохта, қувваҳои ҳиссӣ ва тахайюлро ба низоми илоҳӣ пайванд медиҳад. Насируддини Тусӣ бошад, бо такя ба таҳлили мантиқӣ, риёзӣ ва табиӣ, ба таҳқиқи ҷанбаҳои зиёди равандҳои шинохт мепардозад ва онҳоро дар доираи низоми васеи фалсафии худ ҷой медиҳад.

Дар маҷмуъ, тафовут дар он зоҳир мешавад, ки Форобӣ маърифати куллиро маҳдуд ба нафс ва ақл медонад, дар ҳоле ки Тусӣ имкон медиҳад, ки ҳам куллиёт ва ҳам ҷузъиёт тавассути неруҳои шинохтии инсон дарк шаванд. Ҳамчунин, Тусӣ назарияи инъикосро ба таври мукаммал дар робита бо физика, мантиқ ва риёзиёт шарҳ медиҳад, ки ин нишонгари паҳнои тафаккури илмии ӯст.

4.3. Маърифати ақлӣ (мантиқӣ) ва таҳлили он дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Дар ин зербоб маърифати ақлонӣ ҳамчун зинаи олии шинохти инсон мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Муаллиф бо такя ба манбаъҳои илмию фалсафӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна Форобӣ ва Насируддини Тусӣ равандҳои шинохти мантиқӣ ва қиёсӣ, аз ҷумла истифодаи ҳад ва бурҳонро барои исбот ва таҳкими дониш ба роҳ мондаанд. Маълум мегардад, ки маърифати ақлонӣ дар назари онҳо на танҳо таҷаллии иқтидори фикрӣ, балки заминаи камолоти маънавию иҷтимоии инсон низ мебошад.

Гарчанде барои шарҳ ва хулосабарорӣ аз таҳлили падидаи ақл ва маърифати ақлонӣ ғояҳои гуногун пешниҳод шудаанд, то кунун маъмултарин назария, назарияи умумӣ дар бораи ақл аст (дар равоншиносӣ бо номи омили **g** (g factor) маъруф аст). Ин назария баҳодиҳии муштараки малакаҳои маърифатӣ (монанди захираи калимаҳо, қобилияти ҳисобкунӣ, сатҳи касби дониш) ба қобилияти ақлонии инсон шумурда мешавад. Он як назарияи муҳим ба шумор меравад, зеро қобилияти баланди пешгӯйии он дар заминаи комёбӣ дар соҳаи илму дониш, касб ва иҷтимоъ аҳаммияти хоса дорад.

Усулҳои маърифатии ақлонӣ ба он марбутанд, ки инсон чӣ гуна фикр мекунад, дарк менамояд, дар хотир нигоҳ медорад ва онро идора мекунад. Ин равандҳо дар тамоюлоти зерин зоҳир мешаванд: майл ба ҷамъоварии маълумот пеш аз қабули қарор; омодагӣ барои андешаи амиқ дар бораи масъалаи матраҳшуда пеш аз ибрози назар; тамоюл ба арзёбии аниқи ҷанбаҳои мусбат ва манфии ҳолатҳо пеш аз тасмимгирӣ; майл ба таваҷҷуҳ ба ҷузъиёти масъала ва канорагирӣ аз тасаввуроти мутлақ; тамоюл ба баҳогузорӣ ба неруи андешаи худ нисбат ба далелҳои мавҷуд; талош барои баррасии нуқтаҳои назари мухталиф пеш аз

расидан ба хулоса; ва майл ба пешгӯии оқибатҳо пеш аз андешидани тадбирҳо.

Мусаллам аст, ки воситаи асосии маърифати ақлӣ худи ақл мебошад. Ин мафҳум аз калимаи арабии «ʻақл» бармеояд, ки мухолифи он мафҳуми «ҳамāқа», яъне беақлӣ ё аблаҳӣ аст. Бинобар ин, шахси боақл ё оқил касест, ки худро аз коре, ки мухолифи меъёрҳои пазируфта мебошад, бозмедорад ё аз он парҳез мекунад. Дар маънои умумӣ, ин ба маънии тамоюл ба шинохти фазилат ва нуқсони ашё ва сипас, амал кардан дар асоси он дониста мешавад. Шахсе, ки камолот ё нуқсони ашёро дарк мекунад, вале аз амал дар асоси дониш худдорӣ меварзад, оқил ҳисобида намешавад. Аз ин рӯ, истифодаи мафҳуми ақл нисбат ба чунин нафар мувофиқ нест.

Мафҳуми ақл дар фалсафа аҳаммияти хоса дошта, диққати ҳамаи файласуфон, аз ҷумла Форобӣ ва Насируддини Тусиро ба худ ҷалб намудааст. Онҳо дар бораи ақл ва ақлгароӣ назариёти вижаи худро иброз доштаанд. Чуноне қаблан зикр шуда буд, дар таълимоти онҳо таъсири андешаҳои файласуфони Юнони Қадим, бахусус, Арасту басо равшан эҳсос мешавад.

Маҳз зери ҳамин таъсир, ин ду мутафаккири Шарқ ба маънои забонии «ақл» чандон таваҷҷуҳ накарда, онро дар доираи фаҳмиши фалсафии ин мафҳум тавзеҳ додаанд. Ба андешаи онҳо, чуноне ки дар аввали таҳқиқот зикр шуда буд, панҷ қувваи нафс вуҷуд дорад: ғозия (ғизодиҳанда), ҳисси муштарак, мусаввара, ваҳму ҳофиза ва муфаккираю мутахаййила. Қувваҳои асосии нафс онҳоянд, ки бо ақл мутобиқат доранд. Ба қавли Арасту, «онҳо дар фаъолияти худ мутаносибан намуди ҳуш ва хоҳишро мегиранд. Зуҳуроти асосии нафси оқила фаъолияти ҳуш аст ва зуҳуроти ғайриасосии он – саъй ва хоҳиш. Чунин дугунагӣ, ки ба асосҳои назарӣ ва амалӣ такя мекунад, тақсими қобилиятҳо ва вазифаҳои инсонро ба сатҳи олӣ ва поёнӣ, ақлонӣ ва ҳиссӣ пешбинӣ

менамояд. Он қобилиятҳое, ки бо ақл мувофиқанд, моҳияти фаъолиятҳои муқобилро доро мебошанд, дар ҳоле ки ҳар қобилияте, ки бар ақл асос надорад, танҳо ибтидои як навъи фаъолият ба шумор меравад. Чунончи, гармӣ танҳо ибтидоест барои гарм кардан, дар ҳоле ки санъати тиб – ибтидоест ҳам барои беморӣ ва ҳам барои саломатӣ» [17, с. 236].

Ҳамчунин, Арасту сабаби чунин тақсимот ва фаъолияти нафсро дар он мебинад, ки дониш дарк – ё аниқтараш, тааққул аст ва бо як тааққул ҳам мавзуи ашё ва ҳам маҳрумияти онҳо аз сифатҳо равшан мегардад. Донише, ки аз ин раванд ҳосил мешавад, қобилияти тааққулӣ ё ба ақл дарк кардани ашё мебошад. Ӯ менависад: «Нафс қобилияти оғози ҳаракатро дорад, дар ҳоле ки барои саломатӣ танҳо саломатӣ манфиат дорад, қобилияти гармкуниро – гармӣ, хунуккуниро хунукӣ ва донишпазир – қобилияти ҳардуи онҳоро дорад» [17, с. 235].

Ақл ва маърифати ақлонии ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ дар доираи таълимоти умумии эпистемологии онҳо унсурҳои ҳам космологияи арастуӣ ва ҳам консепсияи навафлотунии фаязони нур ё нузулу судури нур (эманатсия)-ро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, таъсири қавии навафлотунӣ ба ақоиди онҳо барои тавсифи маърифати ақлонии олам мутобиқ бо арзишҳои фалсафии исломӣ мебошад. Онҳо ақлро ҳамчун унсури муттаҳидкунандаи се воқеияти бунёдии инсонӣ таъбир мекунанд: олами офаридаи илоҳӣ, табиати инсон ва ҳаёти ҷомеаи инсонӣ.

Ҳарду мутафаккир таҳлили раванди маърифати ақлониро аз воқеияти олам ва кайҳоншиносии олами боло оғоз мекунанд. Мабдаи асосии кайҳоншиносии онҳо ақл аст, ки ҷавҳари мавҷуди аввал (ал-мавҷуд-ул-аввал)-ро ташкил медиҳад. Аз ҳамин ҷо, минбаъд, дар таълимоти онҳо тафовут ба назар мерасад: Форобӣ фаязони даҳ ақл ва

Насируддини Тусӣ фаязони Ақли кул ва Нафси куллро ба ин низом ворид мекунанд.

Аз назари Форобӣ, нахуст «ақли пок» аст, ки чизе ғайр аз Воҳид нест. Муҳимтарин хусусияти ин ақл феълӣ будани он аст, ки тавассути тааққул ҳосил мегардад. Ақл, ба андешаи ин мутафаккир, амали ҷовидона ва муттасили маърифати фоилии воқеист, ки ба василаи ақли аввал моҳияти худро тааққул мекунад. Дар ин амали шинохт, субъекти тафаккур, худи тафаккур ва объекти тафаккур яканд.

Ҳамзамон, ақли аввал сарчашмаи абадии офариниш ва сабаби ниҳоии ҳамаи ашёст: «Ақли аввал худашро тааққул мекунад. Аз он ақле содир мешавад, ки имкони ҳастӣ аз зоти худ ва воҷибияти будиш аз ҳастии дигареро дорад. Ин раванд роҳи дугоникӣ аст: он дуюмӣ – ақли аввал ва ақли зоти хеш мебошад. Аз ақли аввал бояд дурахши нур ва аз худи он ақл сурате содир шавад, ки бо модда ва нафси фалаки осмонӣ иртибот дошта бошад...Тааҷҷубовар аст, ки ақли муҷаррад (абстрактӣ), агар чизеро дарк кунад, аз тааққули он дар ҳастӣ осоре боқӣ мегузорад» [12, с. 352].

Ҳамин тариқ, ақли дуюм ба воситаи фаязони нур аз ақли аввал ба вуҷуд меояд ва худ, бо тааққули равиши ҳастии хеш, ақли сеюмро меофарад. Ақли дуюм, бо тааққули зоти худ, ҷисми осмониеро меофарад, ки онро «осмони аввал» меноманд. Тафаккури дугонаи ақлҳо феълест офаридгорона, ки пайваста такрор мешавад ва бо тартиби поинравӣ идома меёбад. Пас аз тааққули ақли аввал, ҳар як ақли навбатӣ ақли зинаи поёнии баъдиро тавлид мекунад.

Ҳамин тавр, олам ба низоми зинавии онтологие мубаддал мешавад, ки дар он ҳар як ақл дар пайи ақли болотар меояд ва аз он таъсир мегирад. Асоси ин равандро тафаккур ва тааққул ташкил медиҳанд. Ба назари Форобӣ, чунин ақлҳо даҳто мебошанд. Ҳамаи онҳо аз модда ҷудо буда, объекти умумии маърифат – Ақли аввалро дороянд. Ҳар яки онҳо,

ҳамзамон, дар бораи моҳияти хеш тафаккур мекунад. Форобӣ ин ақлҳоро дар зинаи мавҷудият ҳамчун «савонӣ» (дуюмдараҷа) ном мебарад, зеро онҳо баъд аз феъл ва иродаи Воҳид дар кайҳон мавқеи дуюмро ишғол мекунанд.

Ба ақидаи Форобӣ, сабаби аввалини вуҷуди тамоми ашё Худо аст. Ақлҳои дуюмдараҷа бошанд, сабабҳои вуҷудии ҷисмҳои осмонӣ мебошанд. Ба ин тартиб, тамоми ҳастӣ бар асоси шаш мабдаъ фаъолият мекунад: сабаби аввал, сабабҳои дуюмдараҷа, ақли фаъол, нафс, сурат ва модда. Маърифати ҳар як ақл хусусияти дугоникӣ дорад, яъне гузариш аз содагӣ ба мураккабӣ, аз ягонагии Воҳид ба касрати оламро инъикос мекунад.

Ин ақлҳои холис дар ҷараёни маърифати дугонаи худ на танҳо сабабҳои амиқи ҳастии худро дарк мекунанд, балки мабодии моваройттабиӣ ва заминаҳои маърифати тамоми ҳастиро низ мефаҳманд. Занҷири кайҳоншиносии Форобӣ ин даҳ ақли холисро ба таври тадриҷӣ ба вуҷуд меорад, ки бо ақли фаъол – роҳнамои маърифати ҷаҳони таҳт-ул-қамар анҷом меёбад.

Гарчанде ки ин ақлҳо аз нуқсонҳое, ки ба модда ва сурат мансубанд, поканд, боз ҳам онҳо комили мутлақ нестанд, зеро дар ҳастии худ ба зоти комилтар мутеъанд.

Назарияи судур ва фаязони нур дар маърифати ақлонии олам, чуноне ки дар боло зикр шуд, дар таълимоти Насируддини Тусӣ тағйир меёбад. Агар Форобӣ ба даҳ ақли судурнамуда такя кунад, Тусӣ фаязони Нафси кул аз Ақли кул ва судури нафсҳои дигарро ба ин низом ворид месозад. Насируддини Тусӣ дар баъзе мавридҳо Ақли кулро бо Ақли аввал мутобиқ месозад ва бар хилофи Форобӣ равиши ибдоъро баён мекунад, ки гарчанде дар зоҳир хилоф менамояд, дар мазмун ба таълимоти Форобӣ мувофиқат дорад. Ӯ дар «Равзаи таслим» судури Ақли аввалро ба иллати амри Худо тафсир дода, менависад: «...ақли

аввал, яъне ақли фалак-ул-афлок, ки фалаки атлас ва Арш ҳам хонандаш, тасаввури иллати худ кард, ки нисбати шарифтар дошт, он тасаввур муҷиби эҷоди ақле дигар шуд ва чун тасаввури зоти худ кард, ки нисбати васат дошт, яъне бидонист, ки воҷиб ба ғайр аст, он тасаввур муҷиби эҷоди Нафси куллӣ шуд, яъне нафси фалак-ул-афлок ва чун тасаввури имкони худ кард ва бидонист, ки ба худ мумкин аст, он тасаввур муҷиби эҷоди фалак-ул-афлок шуд» [28, с. 34-35].

Ҳарчанд Насируддини Тусӣ маърифати ақлониро асосан дар раванди муносибати Ақли аввал ё куллӣ бо Нафси куллӣ матраҳ мекунад, аммо фаязони Ақли куллиро, ки онро Нафси куллӣ таааққул карда, комил медонад ва аз ин нуқсон ҳаюло ва сурат пайдо мешаванд, матраҳ менамояд, аммо дар ҳолатҳои ҷудогона ба назарияи ақли даҳгонаи Форобӣ таваҷҷуҳ варзидааст. Дарки камоли Ақли аввал ва аз паси он дарки нуқсон дар зоти хеш барои судури ақлҳои дигар иллати асосӣ аст ва инро Насируддини Тусӣ ду навъи тааққул, аниқтараш, тассаввур номида, дар мисоли аҷроми самовӣ чунин таъбир додааст: «...ақли фалак-ул-афлокро ҳам бар мисоли Ақли аввал се тасаввур лозим омад, яке муҷиби ақли дигар шуд, яъне ақли фалак-ул-буруҷ, яъне ақли фалак-ул-буруҷ, ки фалак-ул-кавокиб ва курсӣ ҳам хонандаш ва яке муҷиби эҷоди фалак-ул-буруҷ то ба ақли фалаки Зуҳал. Ва аз ақли фалаки Зуҳал, то ба ақли фалаки Муштарӣ ва аз ақли фалаки Муштарӣ, то ба ақли фалаки Миррих ва аз ақли фалаки Миррих, то ба ақли фалаки Офтоб ва аз ақли фалаки Офтоб, то ба ақли фалаки Зуҳра ва аз ақли фалаки Зуҳра то ба ақли фалаки Уторид ва аз ақли фалаки Уторид, то ба ақли фалаки Қамар» [28, с. 35-36].

Дар ҳар ду ҳолат, ҳам дар таълимоти Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ, дараҷаи ин сохтори маротиби вуҷуди ақлонӣ ҳар қадар поинтар фарояд, сохтори он ҳамон қадар мураккабтар мешавад. Бинобар ин, ақли фаъол дар фаҳмиши Форобӣ ва ақлҳои ҷирмҳои осмонӣ – дар

тафаккури Насируддини Тусӣ сатҳи камтари камолот аст, зеро онҳо дар фосилаи дуртари замонӣ аз Сабаби аввал қарор доранд. Касрат бештар дар фаъолияти он зоҳир мегардад, зеро барои расидан ба камолот бояд дар як вақт се ашёро дарк кунад: Сабаби аввал, ҳамаи сабабҳои дуюмдараҷа ва зоти хеш. Фарқияти асосии он дар муқоиса бо ақлҳои дигар дар ҳамин аст ва аз он на ақли дигар (дар фаҳмиши Насируддини Тусӣ нафси нотиқа) ва на аҷсоми самовӣ судур мешаванд. Сарфи назар аз он, ки он дар сатҳи пасттарин ва дуртарин аз Худо ҷойгир аст, Ақли фаъол (ё нафси нотиқа) олами таҳт-ул-қамарро идора мекунад.

Аз нигоҳи гносеологӣ бошад, сатҳи Ақли фаъол баландтарин аст, ки ҳадафи ниҳоии инсон дар зинанизоми ҳастӣ ба он ноил гаштан аст. Ақли фаъол ба далели иртиботи худ бо нафси оқила (ё нотиқа – дар тафсири Насируддини Тусӣ)-и инсон дар шинохти олам ва инсон нақши марказӣ дорад. Ин ақл (ё нафс)-и инсонӣ бо модда маҳдуд аст ва худ ба дониши воқеияти моваройуттабиӣ (транссендентӣ) расида наметавонад. Аз ин рӯ, ақл ба кумаки беруна ниёз дорад. Он бояд аз олами моддӣ тавассути Ақли фаъол дур ё ҷудо карда шавад, ки ба он дониши ибтидоӣ, қадами аввалини ба даст овардани саодатро ато менамояд. Форобӣ пайдоиши ақли фаъолро чунин шарҳ медиҳад, ки он дар нисбати ақли ба қувва, ки танҳо дар зоти ашё вуҷуд дорад ва дар он аз сувари ашё ҳанӯз чизе вуҷуд надорад, муҳаррик ва фаъолкунандаи ин сувар аст. Дар идомаи ин қазия мутафаккир навиштааст: «Бо пайдоиши маъқулот дар ин ақл, ки онҳоро аз модда таҷрид мекунад, онҳо маъқулоти фоил мегарданд, дар ҳоле ки то таҷридшавиашон [танҳо] маъқулоти ба қувва буданд. Маҳз, пас аз таҷридшавиашон онҳо ба ҳайси маъқулоти ба феъл ба кор рафта, барои ин зот суварро ташаккул медиҳанд. Ин зот, маҳз, ба фазли ин маъқулоти ба феъл, ба ақли фаъол табдил меёбад... Вақте ки мо он [зот]-ро маъқулот меномем, танҳо далелеро дар назар дорем, ки маъқулот барои онҳо ба сувар табдил меёбанд ва худи вай бошад, ҳамон сувар аст» [11, с. 178].

Ба ғайр аз ин мушоҳидаи метафизикӣ, инчунин бояд қайд кард, ки маҳз ҷисмҳои осмонӣ моддаро ташаккул медиҳанд, ки тавассути онҳо қувваи ақл ба тамоми мавҷудоти олами таҳт-ул-қамар интиқол меёбад. Аз ин рӯ, азбаски фалаки Моҳ ва Ақли фаъол дар маротиби мавҷудот охирин мебошанд, аз онҳо ҷисмҳое бармеоянд, ки табиати онҳо имкон намедиҳад, ба ихтиёри худашон дар ҳастии хеш ба камолот бирасанд. Онҳо ҷисмҳое ҳастанд, ки аз модда ва сурат иборат буда, ҳаракати давриро иҷро мекунанд, то аз ҳолати ба қувва ба ҳолати ба феъл интиқол ёбанд, аммо ба иллати нуқсони ҳастиашон наметавонанд, ки тамоюли хешро муайян созанд ва пас, ба муҳаррики беруна ниёз доранд. Ин маънои онро дорад, ки Ақли фаъол барои такмили аҷсом вазифадор аст. Аз ҷониби дигар, хулоса кардан мумкин аст, ки ба ақидаҳои Форобӣ ва Насируддини Тусӣ Ақли фаъол се феъли мушаххасро анҷом медиҳад: ба мавҷудоти таҳт-ул-қамар бахшидани сувар, фоил намудани ҳар он чизе, ки ба қувва аст ва имкони ба саодат расонидани инсон. Кӯшиши наздик шудан ба Ақли аввал ё кул бо далеле асоснок мешавад, ки тамоми донишҳое, ки инсон аз сабаби аввал ва ҷисмҳои осмонӣ мегирад, ба воситаи Ақли фаъол ё Нафси кул мегирад. Аз ин рӯ, ҳангоме ки аз Ақли фаъол судури сувар анҷом мепазирад, ақли фоили инсонӣ дониши маъқулоти воқеиро касб намуда, ба ақидаи ҳарду мутафаккир – «ҳаким ва файласуф мегардад». Барои фаҳмидани он, ки ин амр чӣ гуна сурат мегирад, яъне наздикшавии инсон ба Ақли фаъол ё Нафси кул ва касби дониш чи гуна сурат мегирад, қобилияти идроки нафси инсонро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар ин бора қаблан ақоиди Форобӣ ва Насируддини Тусиро таҳқиқ намуда, қайд намудем, ки дар таълимоти онҳо панҷ навъи қувваи идроки инсонӣ мавҷуд аст: ғозия (ғизодиҳанда), ҳисси муштарак, мусаввара, ваҳму ҳофиза, муфаккираю мутахаййила.

Ин қувваҳо дар ҷисми инсон ба тамоми узвҳое таъсир мерасонанд, ки ҳаракати касб намудани чизе, майлу талошро ба вуҷуд меоранд.

Қобили тазаккур аст, ки ба ақидаи ин ду мутафаккир, дар мавриди амалӣ гардонидани қобилияти ҳиссӣ, ки бо қобилияти майлу талош робита дорад, иродаи инсон, ё ба ибораи дигар, хоҳише, ки аз эҳсос бармеояд, ҳосил мешавад, ки он ба озодии ирода, яъне он шакли хоҳиш, ки асоси он аз ақл реша мегирад, мувофиқат дорад. Азбаски он танҳо хоси инсон аст, дар асоси таҳлили он қазоват кардан мумкин аст, ки тафаккур ё кирдори инсон шоистаи таъриф аст ё маломат, яъне то кадом дараҷа онҳо барои саодати инсон кумак расонда метавонанд. Дар ин раванд, ба ғайр аз қобилияти ғизогирии инсон, ҳамчунин, қувваи тасаввури ӯ низ мақоми хоса дорад.

Дар таълимоти Форобӣ қувваи тасаввур ҳамчун қобилияти ҳифзи таассуроти ҳосилшуда дар хотир, таҳлил, таркиб ва ба ҳам омезиш додани онҳо маънидод мешавад. Бар асоси ҳамин таассурот маълумоти ҳақиқӣ ё ботил пешкаш мегардад, ки маълумоти хоббиниро низ дар бар мегирад. Ин қувва тавоноии ҳифзи таассуроти ҳиссиро дошта, дар маърифати ақлонии инсон низ нақши муҳим бозӣ мекунад. Он чун миёнарав байни қувваҳои ҳиссӣ ва ақлӣ амал намуда, ҳар чизеро, ки аз ҷониби узвҳои ҳис ворид мешавад, барои коркарди минбаъдаи ақл интиқол медиҳад.

Форобӣ дар идомаи андешаҳояш менависад: «Агар қувваи тасаввурот зери таъсири ягон шайъ қарор гирад ва агар дар табиати он чизе мавҷуд бошад, ки чунин таъсирро дарк кунад ва онро интиқол диҳад, ин қувва онро ба ду тарз дарк мекунад: ончуноне ки ҳаст ё чунонки ба он интиқол додаанд; ва ё ба ҳамин тарз, ки он тавассути маҳсусоти дохилии худ, ки табиати қолабсозӣ доранд, ин шайъро ба қолаб медарорад. Аммо агар он қобилияти дарки ашёи маъқулро надошта бошад ва ҳангоме сурат гирад, ки қувваи ақл онро бо ин ашёи маъқул таъмин намояд, он гоҳ ин қувва онҳоро чунон тасаввур мекунад,

ки моҳияташон дар қувваи тафаккур ҷой мегирад, вале ба ҳамон тарз тавассути маҳсусот онҳоро ба қолаб медарорад» [9, с. 294].

Дар баробари тавоноии офаридан ва нигоҳдории сувари маҳсус, қувваи тасаввурот хосияте дорад, ки дар дарки маънои ваҳйи илоҳӣ низ нақш мебозад ва ба ҳамин сабаб дар дин ҳам мавриди истифода қарор мегирад, ҳарчанд ин аз доираи баҳси мо хориҷ аст. Умуман, ин раванд ба қобилияти ақл вобаста буда, аз ҷониби ақли фоил ба амал меояд ва воқеияти метафизикиро тавассути рамзҳо ифода мекунад.

Дар ин ҷараёни гузариш аз тааққул ба ҳолати фоилӣ, Форобӣ чор дараҷаи ақлро нишон медиҳад: ақли ба қувва, ақли ба феъл, ақли мустафод ва ақли фоил. Ба ақидаи Форобӣ, ақли ба қувва як навъ нафс ё ҷузъи он аст, ки аз рӯйи зот қобилият ва омодагӣ дорад, то моҳият ва сувари ашёро аз моддаашон таҷрид кунад. Ин суратҳои ғайримоддӣ аз ҷавҳаре ҷудо мегарданд, ки бо вуҷуди моддӣ буданашон, барои дарки ақл ҳамчун маъқулот ба сурати ғайримоддӣ табдил меёбанд.

Форобӣ менависад: «Ақли ба қувва ҷавҳарест, ки дар он суратҳо фоил мешаванд. Агар ту ягон моддаи ҷисмониро тасаввур кунӣ, масалан як порчаи мум, ки бар он нақш мегузоранд ва ин нақшу сурат сатҳ ва умқи мумро фаро мегирад, то ки ҷавҳар бо интишор ёфтан дар он ба сурати комили вай табдил ёбад, он гоҳ, ба дарки он наздик мешавӣ, ки суратҳои ашё дар ин моҳият чӣ гуна ташаккул меёбанд. Зеро моҳият барои сурат ҳамчун ҷавҳар ва макон, вале на ҳамчун умқи он хизмат мекунад» [9, с. 23-24].

Ақли ба феъл, ба андешаи Форобӣ, дар ҳолате зоҳир мешавад, ки маъқулоти ақл, ки аз ҷавҳар таҷрид ёфтаанд, ба объекти фоилии ақл табдил ёбанд. Қабл аз таҷрид, ин маъқулот дар ҳолати ба қувва қарор доштанд. Моҳият тавассути маъқулоти ақл ба ақли ба феъл табдил меёбад ва дар натиҷа, моҳияти маъқулоти фоилии ақл ва худи ақли ба феъл яксон мегарданд.

Форобӣ таъкид мекунад: «Объектҳои ақл, ки танҳо дар қувва маъқуланд, қабл аз он ки ба объектҳои фоилии ақл табдил ёбанд, суратҳое дар ҷавҳарҳои моддӣ мебошанд. Вуҷуди онҳо ба он иллат аст, ки ба феъл маъқуланд, на ба он шакле, ки дар модда вуҷуд доранд. Ба маънои том, онҳо дар замоне ки ба маъқулоти ақли ба феъл табдил меёбанд, ҳеҷ гуна ҳастии хос надоранд» [9, с. 26].

Намунаи ин адами ҳастиро Форобӣ дар тафсири саволи «дар куҷо?» баён мекунад: агар шахс дар бораи ин савол андеша карда, онро тафсир кунад, дар байни дигар мақулаҳо чизе намеёбад, ки ба он мутааллиқ бошад. Дар натиҷа, ё онро тибқи фаҳмиши шахсии худ дарк мекунад, ё ба он маъное дигар мебахшад.

Дар мавриди ақли мустафод, Форобӣ тавзеҳ медиҳад, ки агар ақли ба феъл маъқулотеро, ки суратҳояшон қобили дарк шудаанд, дарёбад, пас, ақле, ки то ин замон ақли ба феъл маҳсуб мешуд, ба ақли мустафод табдил меёбад. Ақли мустафод, ба гуфтаи Форобӣ, чун субстрат барои ин суратҳо ва ҳамчун ҷавҳар барои худи ақли мустафод аст. Ақли ба феъл низ ҳамчун субстрат ва ҷавҳар барои ақли мустафод хизмат мекунад.

Ҳамин тариқ, ақли ба феъл сурат барои ин моҳият ба шумор меравад ва худи моҳият як навъ ҷавҳари он аст. Форобӣ дар идомаи андешаҳояш шарҳ медиҳад: «Суратҳо ба тадриҷ ба ҷониби сувари ҷисмонӣ ва моддӣ майл мекунанд, дар ҳоле ки пештар онҳо ба андозае судур менамуданд, ки ба тадриҷ аз ҷавҳар таҷрид мешуданд. Чун ин суратҳо комилан ғайримоддӣ буда, ҳеҷ гоҳ моддӣ набуданд ва нахоҳанд буд, дар камолот ва ҷудоӣ аз модда маротиби муайян доранд. Аз ин рӯ, дар ҳастии онҳо як тартиби зинавие мавҷуд аст ва сурати комилтарини нокомилтарини онҳо дар ин зина – ақли мустафод аст» [9, с. 32].

Ниҳоят, ақли фаъол – ба таъбири Форобӣ (дар робита бо андешаи Арасту) сурати таҷридиест, ки ҳаргиз дар модда вуҷуд надоштааст ва ҳеҷ

гуна иртиботе бо модда надорад. Ақли фаъол як навъи ақли ба феъл маҳсуб мешавад, ки аз лиҳози моҳият ба ақли мустафод наздик аст. Он ҳамон моҳиятеро, ки дар ҳолати ба қувва қарор дорад, ба ақли фаъол табдил медиҳад ва маъқулоти ақлро низ ба объектҳои мутаносиби ба феъл мубаддал месозад.

Форобӣ таносуби байни ақли ба феъл ва ақли ба қувваро мисли муносибати Офтоб ба чашмест медонад, ки ҳанӯз дар торикӣ қарор дошта, фақат дорои қобилияти биноии ба қувва мебошад. Чунон ки Офтоб чашмро бо нурҳои худ мунаввар сохта, ба феъл бино мекунад, ба ҳамон тарз, ақли фаъол низ асоси такомул ва фаъолшавии ақли ба қувваро таъмин намуда, онро ба ақли ба феъл табдил медиҳад. Форобӣ мегӯяд: «Ба ҳамин далел маъқулоти ақл ба маъқулоти ба феъл даркшаванда табдил меёбанд. Ақли фаъол навъе аз ақли мустафод аст, ки суратҳои ашёи дар он мавҷуд гум нашудаанд ва нахоҳанд шуд. Аммо вуҷуд ва тартиби онҳо дар муқоиса бо маъқулоти воқеъан ба феъл гуногун аст» [9, с. 35].

Дар назарияи маърифати ақлонӣ Насируддини Тусӣ низ, таснифи ақл ҷойгоҳи марказӣ дорад. Мисли Форобӣ, вай низ аз «суратҳои ақлӣ» сухан мегӯяд – ин суратҳоеанд, ки аз айнияти мавҷудот дар шакли ҷавҳар, араз, воҳид, касир (бисёр) ва ғайра баргирифта шуда, дар шакли маъқулоти умумӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ин гуна суратҳо, куллиян, дар ҳадди идроки ҳавос нестанд ва танҳо ақл тавассути қудрати тамйиз метавонад онҳоро муҷаррад аз ашё дарк кунад.

Ҳосил намудани ҳар гуна сурат дар ақл тавассути қувваҳои идрокӣ сурат гирифта, аз роҳи тааққул умумисозӣ мешавад. Тусӣ шарҳ медиҳад, ки тааққул раванде аст, ки худи ақл дар он даркро анҷом медиҳад – бе ягон воситаи миёна.

Аз рӯйи тақсимбандии маърифати ақлонӣ, тааққул ба ду навъ ҷудо мешавад:

1. Тааққулоти ақли назарӣ – он гурӯҳи афкору ақоидест, ки ақл дар бораи олами ҳастӣ ба даст меорад. Ин афкор чун аз таваҳҳум ё эҳсос сарчашма намегиранд, саҳеҳ ва дуруст ҳастанд. Яке аз вижагиҳои асосии инсон ҳамчун мавҷуди мутааққил, маҳз дурустии ин гуна тааққул аст.

2. Тааққулоти ақли амалӣ – инҳо усул ва принсипҳои ахлоқиву арзишманданд, ки ба ҳайси қоидаҳои рафтору амали инсон дониста мешаванд. Ин тааққулот инсонро ба саодат мерасонанд ва амал ба онҳо хислатҳои фозилона ба вуҷуд меоранд.

Насируддини Тусӣ қайд мекунад: «Ва ҳар чи маъқул бувад, аъло бувад ва ҳарчанд дар макони асфал (зер) тааққули ӯ кунанд. Ва модом ки мардум дар ин олам бошад, итлоқи исми саодат бар ӯ машрут бувад ба истиҷмоъи ҳар ду фазилат, то ҳам чизҳое, ки дар вусул ба саодати абадӣ нофеъ бувад, ӯро ҳосил бошад ва ҳам дар аснои умури моддӣ ба мутолиаи ҷавоҳири шарифи олӣ ва ба баҳс аз он ва иштиёқ бад-он мавсуму моил ва ин мартабаи аввал буд аз маротиби саодат» [26, с. 70].

Дар ин ҷо вижагии дигари тааққул – дарки куллиёт дар назар дошта мешавад, ки он ҳақиқати ашёи куллӣ на ҷузъӣ ва ҳадафи қувваи нотиқа ё нафси нотиқа (ки дар таъбири Форобӣ ҷой надорад) мебошад, ки бе ягон олати дигар ҳосил мешавад.

Ақли назарӣ ба эътибори маротиби идроки маъқулот ба зинаҳое тақсим мешавад, ки вобаста ба қобилиятҳои ақлонии инсон муайян мегарданд ва аниқтараш, аз қобилияти ба феъл овардани қувваи ақлонӣ ҳосил мешаванд. Дар «Равзаи таслим» мутафаккир қайд мекунад, ки «дар уқул тараттуб ва тафозул аст ва нахуст дар маҳалли қувват мебошанд ва то аз қувват ба феъл омадан чаҳор мартабаи ӯро исбот мекунанд: яке ақли ҳаюлонӣ ва яке ақли малакӣ ва яке ақл ба феъл ва яке ақли мустафод» [28, с. 52]. Аз ин таснифоти Насируддини Тусӣ маълум мегардад, ки дар муқоиса бо тақсимбандии Форобӣ фарқиятҳо ба мушоҳида мерасанд: Насируддини Тусӣ ба ҷойи ақли ба қувваи Форобӣ

ақли ҳаюлонӣ, ақли фоил – ақли ба малака (ва ё малака)-ро ба кор бурдааст.

Ақли ҳаюлонӣ, ба андешаи мутафаккир, мартабаи назарӣ аст, ки сарфи қувваи идроки куллиётро дар назар дорад ва дар ин ҳолат нафси нотиқаи инсон (на ақли фаъол, чуноне ки дар таъбири Форобӣ аст) аз ҳамаи маъқулот холӣ аст, аммо қобилияти тамомии онҳоро дорад, ба монанди ҳаюлои аввал, ки аз ҳар навъ феълияте орӣ аст: «Ақли ҳаюлонӣ қуввате аст, ки қабули суратҳо мекунад, муҷаррад аз мавод, аммо ҳанӯз қабули он суратҳо накарда бошад, валекин шоистагии онро дорад, ки қабул кунад. Масалан, чун кӯдаки тифл, ки дабирӣ натавонад кард, аммо истеъдод ва имкони он дорад, ки дабир шавад» [28, с. 52].

Ақли ба малака ва ё одитар – ақли малакӣ марҳилаест, ки ақл дар он ба феълият мерасад ва куллиёти бадеҳӣ (муҳимтарин марҳилаи маърифат аз байни тасаввурот ва тасдиқот аст)-ро идрок карда, бо далелу бурҳонҳо омодаи исботи илмҳои назарӣ мегардад. Дар ин марҳила, ақл маъқулоти бадеҳиро дарёфт карда, омода аст, ки ҳамчун малака маъқулоти назариро аз тариқи фикр ва назар ҳосил намояд: «Ақли малакӣ қуввате аст, ки чун қобили ин суратҳои муҷаррад шавад, ки ба аввал гуфта омад, он суратҳо дар ӯ қарор гирад ва аз заруриёт ба назариёт ва аз назариёт ба заруриёт тавонад омадан ба осонӣ» [28, с. 52].

Ақли ба феъл мартабаи дигар аст, ки дар он нафси оқила донишҳои назариро бо натиҷагирӣ аз илмҳои бадеҳӣ ба даст меоварад ва маъқулоти назарӣ дар он ба сурати ба феъл мавҷуд аст ва дар ин ҷо ниёз ба иктисоби нав нест. Дар хотираи инсон маъқулоти назарӣ захира шуда, ҳар вақт бихоҳад онро ҳозир месозад, ё ба осонӣ муқаддамотро таркиб намуда, натиҷа мегирад, монанди нависандаи варзидае, ки ҳар вақт бихоҳад, навишта метавонад. Насируддини Тусӣ тасдиқ мекунад, ки «ақли ба феъл қуввате аст, ки қабули сурати муҷаррада ва шуданӣ аз

заруриёт ба назариёт ва аз назариёт ба заруриёт ӯро ба феъл ҳосил ояд, на ба инфиол. Ва ҳар вақт, ки хоҳад мутолиаи он кунад» [28, с. 52].

Ниҳоят, ақли мустафод аст ва он мартабае мебошад, ки нафси нотиқа тавассути он илмҳо ва маъқулоти бадеҳӣ ва назариро, ки бо ҳақоиқи олами боло ва поён мутобиқ аст, ба даст оварда, онҳо дар назди он ҳозиранд. Нафси нотиқа ду қувва – илм ва амал дорад ва ҳар яки онҳо дорои маротиби камол ва нуқсон аст ва камолтарини он дар ин қувваи мустафод мебошад ва он ҳосил намудани илмҳо ба феъл мебошад, ки ба умури илмӣ ва амалӣ тааллуқ дорад. Ин нуктаро ҷамъбаст намуда, Насируддини Тусӣ дар асараш – «Равзаи таслим» навиштааст: «Ва ақли мустафод қуввате аст, ки чун ҳамаи ин камолот, ки гуфта шуд, ӯро ҳосил омада бошад, миёни ӯ ва он ақл, ки ӯро аз қувват ба феъл меоварад, муносибате пойдор ояд, чунонки ҳар сурати маъқул, ки дар ӯ бошад, дар ин як бар мисоли оинаи зудуда, ки дар баробари шахсе бидоранд, бе зиёдат ва нуқсон падидор ояд» [28, с. 52].

Ҳамин тариқ, агар гуфтаҳои болоро натиҷагирӣ намоем, гуфтан мумкин аст, ки идрок метавонад дар заминаи ақл хусусияти ақлонӣ пайдо кунад, агар он имкон диҳад бифаҳмем, ки чӣ кор кардан лозим аст ва фаҳмиши васеътари вазъияте, ки ба он инсон дучор мешавад, дар тааққули ӯ инъикос ёбад. Аммо он инчунин метавонад дар заминаи назариявӣ ақлонӣ бошад, вақте ки имкон медиҳад, ки ба таври бадеҳӣ (махсусан дар таълимоти Насируддини Тусӣ) дарк кунем, ки чаро чизе ба тавре рух медиҳад, ки фаҳмиши васеътари баъзе масоили фанҳои илмиро инъикос мекунад ё инсон чизеро эътироф мекунад, ки бар пояи он донишеро касб кардан мумкин аст. Маърифати ақлонии инсон тавассути қувваҳои гуногуни ақлонӣ қобилиятҳои идроки моро тағйир медиҳанд ва онҳо ин корро тавре иҷро мекунанд, ки инсон танҳо ба далели мавҷуди соҳиби ақл буданаш маҷбур ҳаст, ки ба таври ақлонӣ оламро дарк намояд, ки онро ҳайвоноти дигар иҷро карда наметавонанд. Барои

ҳамин, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар фаъолияти маърифатии инсон қобилиятҳои ақлонии ӯро бо анвои гуногуни қуввaҳои ақл таъбир медиҳанд. Маҳз, ҳамин қобилиятҳо ва қуввaҳои ақл, ки инсон тавассути онҳо оламро дарк мекунад, аз назари файласуфоне чун Форобӣ ва Тусӣ, на танҳо ба маърифати зеҳнӣ, балки ба баъзе хусусиятҳои равонӣ низ иртибот доранд. Масалан, вақте ки инсон бемор аст ё ба хоб фаромадааст, қобилиятҳои дарки ӯ заиф мешаванд. Агар ин қобилиятҳо пурра ва бетаъсир аз ҳолатҳои ҷисмонӣ фаъол мебуданд, инсон чизҳоро ҳамон гуна дарк мекард, ки қобилияти фикр ва мулоҳизаи ӯ дар бораи онҳо инъикос мекунад.

Аз ин рӯ, дар ин раванд фаъолияти қобилияти дарк (идрок) метавонад то ҳадде мустақил бошад, вале бидуни ёрии ақл он ҳамеша нокифоя ва маҳдуд мемонад. Ин нуқтаи назар ба назари Арасту дар бораи шинохти инсон наздик аст, ки маърифатро натиҷаи фаъолияти қобилиятҳои идрокии инсон медонад, ҳатто агар дар баъзе ҳолатҳо онро бе кумаки ақл низ имконпазир шуморад.

Арасту таъкид мекунад, ки одамони дорои таҷриба метавонанд дар корҳои амалӣ ширкат варзанд, ҳатто бе он ки дониши куллии ақлонӣ дошта бошанд. Ӯ ин навъи таҷрибаи амалӣ ва ахлоқиро муҳим арзёбӣ мекунад ва мисли он ки ба одамони солманд як навъ «чашми дуввум» ато шудааст – чашми таҷриба, ки ба онҳо имкони дуруст дарк кардани ашёро медиҳад, сарфи назар аз набудани маърифат ё ҳикмат дар шакли муназзами ақлонӣ.

Ба назари Арасту, агар инсон қобилияти қазоват кардан дошта бошад, ки ақл бо чӣ сару кор дорад, пас ӯ тавони тааққул дорад. Ҳамаи амалҳои инсон, ки ба шинохт ва рафтори оқилона марбутанд, ба ҳолатҳои мушаххаси ҷузъӣ ва додаҳои охирин (маълумотҳои таҷрибавӣ) такя мекунанд. Арасту, дар ин замина, менависад: «Ақл бо додаҳои охирин сарукор дорад, зеро ки барои ҳар ду – ҳам додаҳои аввалия ва

ҳам додаҳои охирин ақл вуҷуд дорад. Агар дар истидлолҳо ақл бо таърифҳои аввалия ва тағйирнопазир кор кунад, пас, дар амал ва рафтор бо додаҳои ниҳоӣ – бо имкони тағйир ва муқаддамоти дуюм сарукор мегирад.

Ин муқаддамоти дуюм, ки ба гуфтаи ӯ ибтидои шинохт аз ҷиҳати сабабҳои ғоӣ [телеологӣ] ҳастанд, ҷузъиётро ба куллиёт табдил медиҳанд. Аз ин рӯ, эҳсоси ин додаҳои ҷузъӣ ва воқеӣ зарур аст ва ин маҳз вазифаи ақл мебошад» [19, с. 185].

Таълимоти фалсафии Арасту, бо таваҷҷуҳ ба робитаи мустақими он бо масъалаҳои ҳастӣ ва шинохти инсон, ба ҳалқаи масъалаҳои онтологӣ ва равонӣ тааллуқ дорад. Арасту дониш ва тафаккури инсонро равона ба идроки ашё, кашфи сабабҳо ва бунёдҳои вуҷуд медонад.

Ин таъсиргузорӣ дар фалсафаи исломӣ низ равшан аст: дар зери таъсири мустақими ӯ Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба истилоҳи «ҳастӣ» маъноҳои гуногун додаанд. Аммо новобаста аз гуногунӣ ва таъбирҳои мухталифи он, ҳамаи ин маъниҳо ба як ҳақиқати воҳид, ягона ва ғайримутакаррир ишора мекунанд. Ба иборати дигар, ҳастӣ аз як ҷониб гуногуннамо ва сермаънӣ аст (чун ба тарзи мухталиф таҷалло мекунад), вале аз ҷониби дигар, ҳамаи ин маъниҳои мутафовит ба маънои асливу ибтидоии ҳастӣ истинод мекунанд ва тавассути он тавзеҳ дода мешаванд.

Агар ҳастӣ дар доираи онтологӣ дарк гардад ва дониш ба муҳити ҳастӣ ва моҳиятҳо иртибот дошта бошад, пас метавон хулоса кард, ки худи дониш низ табиате гуногун дорад. Аммо ин гуногунӣ низ дар доираи таносуби муайяни моҳият ва маъқулият аст.

Дар партави таълимоти Форобӣ ва Тусӣ, ки ба маротиби судури ақлҳо такя мекунанд, олам ҳамчун маҷмуи ҷавҳарҳои ақлоние тасаввур мешавад, ки дар иртиботи зич ва низомманд қарор доранд. Новобаста аз тафовутҳо дар таснифоти ақл, ин файласуфон оламро ҳамчун сохтори зинда ва бо низоми маърифатӣ таъбир мекунанд, ки ҷавҳари он ақл аст

ва ҳама мавҷудоти он қобили дарк ва маъқул мебошанд. Ба иборати дигар, худи моҳияти олам – ақлонӣ аст.

Аз ин рӯ, ратсионализатсияи олам (яъне ақлонӣ сохтани он) аз нигоҳи онҳо, қобилияти инсон барои дарк ва кашфи сохтори воқеии олам аст. Ин раванд, ки ба таҳқиқи муносибати тафаккури инсон бо ҳастӣ равона шудааст, ба воситаи забон ҳамчун абзори ифода сурат мегирад. Яъне ратсионализатсия на танҳо шинохти ҳастӣ, балки тавони баён ва ба низом овардани он аст.

Дар ин замина, ду мафҳум – инсон ва олам ҳамчун қутбҳои марказӣ баромад мекунанд, ки тавассути се омили асосӣ бо ҳам пайвандӣ доранд:

1. воқеият (онтология);

2. тафаккур (психология-мантиқ);

3. забон (баёни маърифат).

Ин таносуб, дар навбати худ, се сатҳи шинохтро ташаккул медиҳад:

- сатҳи онтологӣ (мавҷудият ва ҳастӣ);

- сатҳи мантиқӣ-равонӣ (дониш ва тафаккур);

- сатҳи забонӣ (ифодаи фикр ва дониш).

Аз омезиши ҳавзаҳои мантиқӣ (тафаккури илмӣ) ва забонӣ (забони илмӣ), ки ҳар ду ба объекти онтологӣ (яъне ашё ва падидаҳое, ки илм бо онҳо сарукор дорад) нигаронида шудаанд, дониш ба вуҷуд меояд.

Дар инҷо ба таври махсус бояд ба як принсип ишора кард, ки дар маркази таълимоти онтологӣ ва маърифатии Форобӣ ва Тусӣ қарор дорад – мувофиқати ҳастӣ ва тафаккур. Яъне, он чӣ ки ҳаст, қобили дарк аст ва тафаккур, ба шарте ки мукаммал бошад, метавонад он чиро ки ҳаст, идрок кунад.

Яке аз хусусиятҳои хоси методологияи фикрии Форобӣ, ки таълимоти ӯро аз дигар андешаҳо фарқ мекунонад, муназзамӣ, муташаккилӣ ва ҳамбастагии тафаккури мантиқӣ бо тасаввуроти метафизикӣ, физикӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ин хусусият аз руҳияи умумии

ҷаҳонбинии ӯ бармеояд, ки он дар тафсири ӯ аз моҳияти инсон, ҷойгоҳи ӯ дар низоми ҳастӣ ва пеш аз ҳама, дар консепсияи ақл – бахусус ақли фаъол таҷассум ёфтааст.

Форобӣ, мисли Арасту, барои фаҳми моҳияти ҳастӣ ба омӯзиши воқеият, тафаккур ва забон такя мекунад ва бо ин васила, кӯшиш менамояд, ки оламро аз тариқи ақл дарк намуда, онро ақлонӣ созад (ратсионализатсия намояд). Ин муносибати ҳамоҳангсозии мантиқ ва онтология, ки ба фалсафаи ӯ хос аст, дар тамоми таълимоти ӯ, хусусан, дар асарҳои мантиқиаш возеҳ намоён аст.

Мураттибони тарҷумаи русии «Рисолаҳои мантиқӣ»-и Форобӣ низ дуруст таъкид мекунанд, ки «ақли фаъол дар муносибати байни тафаккури инсон ва ашёи воқеӣ миёнаравӣ мекунад. Он тафаккурро бо донишҳои асосии маърифати мантиқӣ, муқаддимот, дастгоҳи мафоҳим ва муқаррароти аксиоматикии қабулшуда таъмин менамояд» [11, с. 50].

Ин ҷо, ақли фаъол ҳамчун ҳалқаи пайванддиҳандаи ҷаҳони маъқул ва идроккунандаи инсонӣ амал мекунад. Таълимоти Форобӣ, ба ин васила, на танҳо масъалаҳои фалсафӣ, балки масъалаҳои методологии шинохтро низ ҳал менамояд. Форобӣ дар таҳлили худ робитаи зарурии байни воқеиятҳо ва шинохтро тавассути модели кайҳоншиносӣ ва мантиқӣ баён мекунад. Баён ва таҳлили ӯ дар мисоли машҳури тулуи Офтоб ва вуҷудияти рӯз нишон медиҳад, ки ӯ таъриф ва тафсири сабабиятро бо равиши мантиқӣ ва ҳамзамон, онтологӣ месозад: «Сабаби мусаббаб сабабест, ки ду чизи дар робитаи ҳастӣ баробарро дар бар мегирад. Масалан, тулуи Офтоб ва вуҷудияти рӯз. Агар рӯз бошад, ҳатман аз он бармеояд, ки Офтоб тулуъ кардааст; ва агар Офтоб тулуъ карда бошад, аз ин ҷо бармеояд, ки рӯз вуҷуд дорад. Ин зуҳурот дар робитаи зарурии ҳастӣ баробаранд, вале тулуи Офтоб сабаби вуҷуди рӯз аст ва вуҷуди рӯз сабаби тулуи Офтоб нест» [11, с. 108].

Дар ин таҳлил Форобӣ на танҳо робитаи байни сабаб ва натиҷаро муайян мекунад, балки тартиби вуҷуди онҳоро низ ба таври мантиқӣ ва фалсафӣ тавзеҳ медиҳад. Ӯ равшан месозад, ки ҳарчанд ду падида метавонанд дар замон ҳамзамон бошанд ва робитаи зарурӣ дошта бошанд, сабабият на ба ҳамзамонӣ, балки ба тартиби мантиқӣ ва ҳастишиносӣ такя мекунад. Ба ин тартиб, тулуи Офтоб ҳамчун сабаби вуҷудияти рӯз маънидод мешавад, на баръакс. Ин таҳлил, дар асл, ифодаи ҳамон ҳамбастагии мантиқ ва онтология мебошад, ки Форобӣ дар тамоми низоми фалсафии худ онро меомӯзад ва татбиқ мекунад.

Аз дидгоҳи Форобӣ, дониш танҳо раванд ё воситаи иттилоъ нест, балки соҳиби хусусияти онтологӣ аст, зеро он ба ҳолати маърифатии инсон иртиботи мустақим дорад. Яъне, дониш на танҳо аз воқеият иттилоъ медиҳад, балки ҳастии инсонро шакл медиҳад ва таъин мекунад. Маҳз, дар ҳамин замина, ҳадафи ғоии вуҷудияти инсон бо ҳадафи ниҳоии рушди ақли инсон мувофиқат пайдо мекунад. Дар натиҷа, марҳилаи олии камолоти инсонӣ – ҳолати ақли холиси ғайримоддӣ ҷисми инсонро аз доираи заминии худ берун бурда, ба сатҳи маърифати метафизикии олам мерасонад.

Ин раванд, ба таъбири Форобӣ, як ҳолати шахшудаи фикрӣ нест, балки ҳаракат, тағйир ва пешрафт аст – яъне раванди тадриҷии камолоти маърифатӣ, ки инсон тавассути он ба тартиби маротиби судур ворид мешавад. Он ҳамчун ҷузъи низоми космологӣ ва ҳамзамон, ҳамчун узви ҷомеаи инсонӣ, мавқеи хос дорад, ки дар он ақл ва тафаккури ақлонӣ нақши меҳварӣ мебозанд.

Ақл инсонро ба суйи мувофиқат ва тавозун бо куллиёт мебарад ва ин тавассути дарки ду сатҳи бунёдии воқеият амалӣ мешавад:

1. Олами офаридашуда, ки ба вуҷуд ва сохтори ҳастӣ дахл дорад;

2. Табиати инсонӣ, ки қобилияти шинохт ва маърифатро таъмин мекунад.

Форобӣ ин таносубро дар таҷзия ва тавсифи унсурҳои маърифат – ашё, ҳолатҳо ва зуҳуроти воқеӣ нишон медиҳад ва дар ин замина чор навъи муқаддамият ва мутаахириятро ҷудо мекунад:

«1. Аз рӯйи замон: муқаддам чизест, ки дар замони гузашта, дуртар аз ҳозира воқеъ шудааст; мутааххир чизест, ки ба замони ҳозира наздиктар аст;

2. Аз рӯйи табиат: муқаддам чизест, ки новобаста аз вуҷуди чизи дигар вуҷуд дорад ва бо нест шудани он чизи дигар, маҳв намешавад;

3. Аз рӯйи мақом: муқаддам чизест, ки ба нуқтаи ибтидоии ҳисоб ё андоза наздиктар аст;

4. Аз рӯйи манзалат, фазилат ва камол: яъне муқоисаи ду мавҷудот аз лиҳози камол, мисли ду табиб, ки яке дар илми тиб комилтар аст ва аз ин рӯ, муқаддам ба шумор меравад» [11, с. 108].

Бо ин таҳлил Форобӣ нишон медиҳад, ки дониш ва маърифат дар иртибот бо сохтори ҳастӣ на танҳо равандҳои зеҳнӣ, балки мавҷудиятҳои воқеии инсон ва ҷаҳонро дар бар мегиранд. Ин фаҳмиш, дар маҷмуъ, инсонро ҳамчун мавҷуди космологӣ ва маърифатгар, ки ба камолоти зотӣ равона шудааст, ба тасвир меорад.

Форобӣ дар таҳлили шинохти инсонӣ ба нақши тасаввурот ва таҷриба аҳаммияти амиқ медиҳад. Ба ақидаи ӯ, объектҳо дар тасаввури инсонҳо ба шаклҳои гуногун ҳифз мешаванд ва ин имкон медиҳад, ки инсон онҳоро дар оянда бо маълумоти нав муқоиса ва таҳлил намояд. Ин қобилият дар мағзи инсон бо воситаи як неруи хос – ки Арасту онро «phantasía» (шакли тасаввурот ва ё тахайюлот) номидааст, амалӣ мешавад. Ин қобилият, ҳамзамон, бо қобилияти хотира фаъолият мекунад ва ба инсон имкон медиҳад, ки тасаввуроти дар гузашта ҳосилшударо ҳифз ва таҷдид намояд.

Бо вуҷуди ин, Форобӣ таъкид мекунад, ки шинохти ақлӣ бе шинохти ҳиссӣ таҳаққуқ намеёбад. Сувари ақлӣ, ба таъбири ӯ, танҳо он вақт

вуҷуд пайдо мекунанд, ки аз сувари ҳиссӣ баргирифта шуда, тавассути таҷрид ба зеҳн интиқол ёбанд ва баъдан, ба ақли фаъол ирсол шаванд. Маҳз, дар ин раванд, таҷриба нақши асосӣ мебозад.

Ба андешаи Форобӣ, зиракии хотира ва қобилияти ҷамъоварии таҷриба дар инсон ва баъзе ҳайвонот вуҷуд дорад, вале дар инсон ин қобилият бо ақл ва забон мукаммалтар мебошад. Дар натиҷа, инсон метавонад ашёро муқоиса намояд, умумият ва ихтилофро дарёбад ва бар асоси он рафтори оқилонаро интихоб кунад. Ин қобилиятро ҳам Форобӣ ва ҳам Арасту «таҷриба» меноманд ва онро заминаи асосии шинохт мешуморанд.

Форобӣ менависад: «Агар донишҳо дар нафс дар натиҷаи таҷриба пайдо шаванд, нафс ақлонӣ мегардад. Зеро ақл чизе ҷуз таҷриба нест. Ҳар қадар таҷриба бештар бошад, ҳамон қадар нафс ба ҳадди комилтар мерасад» [9, с. 79].

Дар идомаи ин равиш, Насируддини Тусӣ низ нақши таҷриба ва шинохти ақлиро дар касби дониш таъкид мекунад. Ба гуфтаи ӯ, олам бо сохтори ақл ва маъқулот муайян мешавад, ки ин сохторҳо дар вуҷуди ашё ҳастанд, вале танҳо инсон қобилияти ба феъл овардани онҳоро дорад. Ба андешаи Тусӣ, одамон бо қобилияти зеҳнии худ маълумоти ҳиссиро дарк намуда, онҳоро дар шакли маъқулоти умумӣ муттаҳид ва таҳлил мекунанд.

Ба ақидаи ӯ, майл ба дониш ва фаҳмиш дар табиати инсон ҳамчун мавҷуди соҳибақл ниҳода шудааст ва ин майл дар истифодаи маҳсусот тавассути узвҳои ҳис зоҳир мегардад. Дар натиҷа, вобаста ба қобилияти ҳар инсон, навъҳои гуногуни дониш ташаккул меёбанд. Вақте ки инсон хосиятҳои ашёро шинохта, онҳоро гурӯҳбандӣ мекунад, талош мекунад сабабҳо ва қоидаҳои умумии онҳоро муайян намояд, то ки ба кашфи принсипҳои аввалия бирасад ва ҷаҳонро ба таври мантиқӣ шарҳ диҳад.

Ақл, аниқтараш нафси оқила қобилияти дарк кардани сурат ё моҳияти ашё омили ҳалкунандае мебошад, ки чизҳоро пурра ва боэътимод тамйиз мекунад: «Ва агар нафс қисматпазир будӣ дар як ҷониб ба чизе ҷоҳил будӣ ва дар як ҷониб ба ҳамон чиз олим ва аз они нафс на чунин аст. Ва аввал қуввате аз қуваҳои инсонӣ, ки қобили файзи ақл мешавад ва мавриди руҳониёт ва хизонаи сувари маъқулот мебошад, ӯст. Ва тамйиз миёни чизҳо, ки идроки шакл ва маънии он, он чизро мумтанеъ бошад, ӯ мекунад.... Ва низ ба он сабаб метавон тасаввур кард, ки нафси инсонӣ ҷавҳари руҳонии басит аст, ки як кас мебошад, ки аз анвои улум, чун риёзӣ ва табиӣ ва мантиқӣ ва илоҳӣ чизе бисёр медонад» [28, с. 48-49]. Сарфи назар аз тафовут дар фаҳмиши пайдоиши мафҳумҳо, ҳарду файласуф дар ин масъала иттифоқи назар доранд, ки ақл ё зеҳн кори худро аз ҳавос оғоз мекунад, аз ҷумла, он ки суратҳои ақлиро натиҷаи таҷриди суратҳои ҳиссӣ донистан зарур аст ва ё онро маротиби олии тахайюлӣ ва сурати тахайюлиро мартабаи олитар аз сувари ҳиссӣ таъбир намоем.

Дар ин ҷо низ, мисли таълимоти Форобӣ, дар андешаҳои Насируддини Тусӣ робитаи возеҳи байни тасаввуроти метафизикӣ, физикӣ ва забонӣ-мантиқӣ ба мушоҳида мерасад. Вай низ ба таври муназзам равандҳои шинохтро аз зинаҳои ҳиссӣ ба зинаҳои ақлӣ ва маъқулӣ пайгирӣ менамояд. Бо вуҷуди ин, Тусӣ бо таъкиди хос зикр мекунад, ки ҳарчанд эҳсос метавонад барои ташаккули ҳукми ақлонӣ шарти зарурӣ бошад, ин маънои онро надорад, ки эҳсос нисбат ба тааққул дар мақоми онтологӣ ва маърифатӣ болотар аст.

Ба ақидаи ӯ, қувва ё майл (нишот) танҳо яке аз талаботи ибтидоӣ барои ба амал овардани камолот аст, на худи камол. Майл ҳамчун шарти имконӣ дар оғоз зарурат дорад, аммо танҳо дар пайванд бо амал ва шинохт метавонад комил гардад. Ҳамин тартиб дар таълимоти метафизикӣ низ ба назар мерасад, ки тибқи он:

1. Майл аз нигоҳи замонӣ бар камолот пешӣ мегирад (яъне, аввал хоҳиш, сипас, татбиқи он);

2. Модда (материя) ҳамчун шарти зарурии шакл (сурат) вуҷуд дорад, зеро сурат бе модда дар воқеияти муҷаррад таҳаққуқ намеёбад.

Аммо Насируддини Тусӣ таъкид мекунад, ки ҳеҷ яке аз ин муқаррарот маънои афзалияти онтологии майл бар камол ё модда бар суратро надоранд. Баръакс, дар тартиби вуҷудшиносии фалсафии ӯ, камол ва сурат дар зинаҳои болоии ҳастӣ қарор доранд ва аз ин ҷиҳат сазовори авлавияти мантиқӣ ва метафизикӣ мебошанд.

Дар иртибот бо ин маънӣ, Насируддини Тусӣ қайд кардааст, ки «ҳар вақт, ки ин олоти ҷисмонии муносиби осори руҳонӣ шаванд, яъне нафсро, ки тановули улум ва қабули фавоид ба воситаи ҳавос рӯй менамояд, чун ба тааммули маҳсусот ва мураккабот тасаввури сувари маъқулот ҳосил кунад, ҳашри ҷасадонӣ бибуда бошад, ба ҳукми маънӣ ва ҳақиқат. Ҳам ҷисм ба нафс ба камол расида бошад ва ҳам нафс ба фоидаҳое, ки аз ҷисм иктисоб карда бошад, комил гашта ва ҳар ду яке буда, яъне ҷисмонии руҳонишуда» [28, с. 104-105].

Дар доираи консепсияи майл, Насируддини Тусӣ ин мавзуъро бо ҳаракати нафс пайванд дода, зикр мекунад, ки нафс мақом ва аҳаммияти худро нисбат ба суръати ҳаракат (тез ё суст) муайян менамояд. Ба андешаи ӯ, «нафс тавассути ҳаракат майлро ташаккул медиҳад ва ин майл ба ду шакли ҳаракат (яъне суръат ва сустӣ) алоқаманд аст, ки хоси фаъолияти дохилии нафс аст» [450, с. 10].

Ӯ тезиси маъруфро дар бораи он ки ҳис метавонад барои ҳукми ақлонӣ шарти зарурӣ бошад, боз ҳам таъкид ва дар доираи консепсияи майл мустаҳкам менамояд. Ин равиш аз фарқиятҳои консептуалии ӯ бо назариёти Форобӣ низ ҳисоб мешавад, зеро ки Тусӣ бо вуҷуди эътироф кардани нақши ҳис, авлавияти маърифатии онро нисбат ба ақл рад мекунад.

Дар асари маъруфи худ – «Ахлоқи Носирӣ», ӯ ин нуктаҳоро бо тавзеҳоти равшан шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, таъкид мекунад, ки: аввалан, нафс қобилият дорад, ки сувари ба ҳам мутазодро дар як ҷо ба ҳам оварад, монанди он ки сиёҳӣ ва сафедиро тасаввур кунад, ки он нишонаи ҷисм набудани нафс аст. Аз ҷониби дигар қувваҳои ҷисмонӣ майли идрокоти ҷисмонӣ доранд, монанди майли босира ба идроки «сувари неку ва майли сомеа ба шунидани овозҳои хуш» ва ё қуввати шаҳвонӣ, ки майли он «ба ҳусули лаззати шаҳват» ва қуввати ғазабӣ – «ба вусул ва камоли тағаллуб» мебошад. Дар маҷмуъ, масири ин гуна қувватҳо расидан ба навъҳои лаззатҳои мутаносиби ҳиссӣ аст, ки хилофи лаззатҳои ақлонӣ аст ва ҳадафи он расидан ба саодат аст. Мутафаккир ин ақидаро дар пайравӣ аз андешаи Арасту ҷамъбаст карда, менависад, ки : «... агар бо иттилоъ бар ҳақиқати он шараф (саодат – С.Б.) мутамаккин шавад, аз изҳори осораш лаззати ӯ лаззати тому ба феъл бошад ва сурури ӯ суруре ҳақиқӣ бувад, муназзаҳ аз тамвеҳу мубарро аз майл ба захорифу аботил.... Ва сурури музахраф ба лаззоте бувад, ки дигар ҳайвонотро дар он ширкат аст, чи он лаззат ҳиссӣ бошад ва дар маърази заволу интиқол ва аз тавотуру таоқуб муаддӣ ба малолат ва кароҳат ва муқтазии алам ва лаззати ақлӣ ба хилофи ин. Пас, зоҳир шуд, ки лаззати ақлӣ зотӣ аст ва ҳиссӣ аразӣ» [26, с. 78].

Бояд қайд кард, ки консепсияи лаззат ва саодат дар таълимоти Форобӣ низ ҳамчун ҳадафи ниҳоии мутаносибан маърифати ҳиссӣ ва маърифати ақлонӣ мавқеи хоса доранд, аммо дар омезиши бо онҳо консепсияи майл ба ҳадде ки Насируддини Тусӣ ба кор бурдааст, мақоми бузурге надорад. Аз ҷониби дигар, агар онҳо дониш ва фаҳмиши мушоҳидавиро ҳамчун таснифи маърифати ақлонӣ ба назар гирифта бошанд, пас аз он бармеояд, ки танҳо тафаккури дедуктивӣ дар ҷустуҷӯи ҳақиқати ақлгароии бунёдиро ифода мекунад. Ин нукта ҳам, аслан, ба гносеология ва фалсафаи Арасту дар бораи ақл ва ақлгароӣ ва дар зимни

он, ба тасаввур ва махсусан ба тафаккур, хос аст. Қобили қайд аст, ки Арасту тасаввурро аз «тафаккур» (noêsis) фарқ мекунад. Ӯ, инчунин, тафаккури истидлолӣ (дискурсивӣ ё ба ифодаи худи Арасту – dianoia)-ро як навъ усули ҷустуҷӯйие тавсиф медиҳад, ки онро бо ҳолати ассерторӣ ҳукми гарона, яъне ҳукме, ки қобили тасдиқ ва инкор аст, омезиш медиҳад ва он, аз назари ин файласуф, моҳиятан ҳам дониш ва ҳам эътиқод буда метавонад. Муаллими аввал дар асараш таҳти унвони «Дар бораи тафсир» ин масъаларо дар доираи баррасии тасдиқ ва инкор матраҳ намуда, савол гузоштааст, ки оё тасдиқ мухолифи инкор аст ва ё тасдиқ мухолифи тасдиқ аст? Ин қиёсро дар мисоли имкони мухолифат будани ҳукм дар бораи он ки оё «ҳар кас одил аст» ба ҳукми «ҳар кас беадолат аст» ва ё ҳукми «ҳар кас одил аст» ба ҳукми «ҳама одил аст» мавриди таҳлил қарор дода, мегӯяд: «Масалан, Каллий одил аст – Каллий одил нест – Каллий беадолат аст: кадоме аз ду ҳукми [охирин] ба ҳукми [аввал] мухолиф аст? Чунки агар он чизе, ки дар ифодаҳо бошад, аз пайи он меояд, ки дар тафаккур аст ва дар тафаккур бошад, дар бораи ҳукми муқобил фикри муқобил вуҷуд дошта бошад. Масалан, андеша дар бораи он ки ҳар кас одил аст, мухолифи андеша дар бораи он ки ҳар кас беадолат аст, зарур аст, ки вазъ бояд дар тасдиққҳое, ки дар ифодаҳо баён шудаанд, ҳамин тавр бошад. Аммо агар дар тафаккур андешаи мухолиф на андеша дар бораи мухолиф бошад, пас тасдиқи мухолиф на тасдиқ, балки инкори он хоҳад буд» [18, с. 113].

Форобӣ бар асоси ин ақида, қайд мекунад, ки ташаккул ёфтани маърифати ақлонии инсон бевосита ба донише, ки ӯ дорад, иртибот дорад. Ин раванди шахсияти субъект ва объект бо зарурати мутаносиби инкишоф ё ба ибораи дигар, такмили имкониятҳои зеҳнии инсон алоқаманд аст. Ин амалӣ шудани камолоти ӯст, аз ин рӯ, барои комил шудани инсон лозим аст, ки ба дониши комил ноил шавад. Дар ин кор ба даст овардани итминон дар он чизе, ки ба назари ӯ ҳамчун маҷмуи

донишҳои ҳақиқӣ ва аз ин рӯ, исботшаванда дар бораи чизе ба назар мерасад, мувофиқи нақшае сурат мегирад, ки дар он унсурҳои эътиқод, зарурат ва тасодуфи ҳукмҳо нисбати ашёи муқарраршуда иштирок мекунанд. Вобаста ба он, ки Форобӣ ин гуна унсурҳоро чӣ гуна таҳия кардааст, файласуфи донишгоҳи Торонтои Канада Д.Л. Блэк дар асоси он консепсияи зерини ӯро дар сохтори мантиқиаш чунин созмон додааст: «Субъект, S комилан ба қазия боварӣ дорад, P – дар фалон вақт ва танҳо дар он вақтест, ки он ҳаст, агар: 1. S бовар дорад, ки P – шарти эътиқод аст; 2. P – ҳақиқат аст (шарти ҳақиқат); 3. S медонад, ки P – дуруст аст (шарти дониш); 4. Номумкин аст, ки P ҳақиқат набошад (шарти зарурат); 5. Замоне нест, ки дар он P – ботил бошад (шарти абадият); 6. Шартҳои 1-5 моҳиятан ба иҷро мерасанд ва на ба таври тасодуфӣ (шарти ғайритасодуфӣ)» [334, с. 16].

Чуноне ки дида мешавад, файласуф ҳамчун шарти аввалини (яқин)-и қазия аз эътиқод истифода мекунад, вале на ҳар гуна эътиқод, балки эътиқоди асоснок, ки ҳамчун имкони санҷиши ҳақиқати ашё эътироф шудааст. Ҳамин тариқ, ашёе, ки дар аввал танҳо объекти эътиқод аст, пас аз тасдиқ ба объекти дониш (илм) табдил меёбад. Ин ба раванде мувофиқат мекунад, ки дар он шахс аввал ашёро ботинӣ дарк мекунад ва баъд бар хилофи санҷиши беруна андешаҳои аввалини худро дар бораи он тасдиқ мекунад ва ё на. Форобӣ дар «Китоб-ул-хитоба» ишора мекунад, ки эътиқод мавқеияте аст, ки нисбати ҳақиқати чизҳо андешае муайян менамояд – яъне чизе фалон аст ё нест. Ӯ идома медиҳад: «Ҳар кадоме аз ин ду мавзеъ ба инсон [хулосаи] ҳақиқӣ намедиҳад. Ҳамин тавр, ҳар як хулоса [дар хитоба] надонистани ҳақиқат аст. Агар гуфта шавад, ки андеша на ақида дар бораи ҳақиқати чизест, ки ботил буда метавонад, балки баръакс, андеша – ин ақида дар бораи ҳақиқати он чизест, ки ботил буда наметавонад, пас, дар ин маврид, он андеша набуда, балки дониши эътимоднок аст ва дар ин ҷо танҳо дар номҳо

хатогӣ вуҷуд дорад. Аммо, андеша дар бораи чизе ҳатман дуруст ё ботил хоҳад буд, вақте ки он [ягон чизро] инкор ё тасдиқ мекунад. Ҳақиқати он дар ин маврид бо он тасдиқ карда мешавад, ки қазияи сеюм ҷой надошта бошад» [11, с. 441].

Ҳамин тариқ, ба назари Форобӣ, дониш, ба монанди эътиқод дар лаҳзаи пайдоиши он бо ашёи маърифатшаванда тамоси мустақими гносеологиро тақозо мекунад, ки он бевосита ба объекти эътиқод иртибот дошта, барои кафолати дониши ҳақиқӣ ё яқинӣ бояд ҳузур дошта бошад. Тасдиқ, азбаски робитае вобаста ба мавҷудияти ду ҷанбаи таносуби он донисташаванда ва маълумшаванда аст, бинобар ин, амалҳои ҳамзамон худшиносии ҳолати маърифатии худ ва огоҳӣ аз объекти берунии донишро тақозо мекунад. Форобӣ ҳангоми санҷиши дониши ҳақиқӣ ҳамон шартҳои тағйирнопазирӣ ва зарурати арастуиро ворид мекунад. Зарурат дар он ифода меёбад, ки агар маърифаткунанда дар бораи мавзуъ (предмет)-и дониши худ сухан меронад, яқин дорад, ки ин мавзуъ ба тарзи муайян вуҷуд дорад.

Аз ин рӯ, ин ҳукмро на фақат ҳамчун самараи андешаи ӯ дар бораи таассуроти гирифтааш фаҳмидан лозим аст, балки мазмуни онро ҳатман ҳақиқат донистан лозим аст. Дар бораи пайиҳам омадани як ашё аз паси чизи дигар ҳарф зада, Форобӣ чунин сурат гирифтани раванди тафаккурро дар он мебинад, ки яке аз онҳо сабаби мавҷудияти дигаре аст, аммо он метавонад тасодуфӣ ҳам бошад, масалан, дар гуфтори «чун Зайд омад, Амр рафт», зеро рафтани Амр пас аз омадани Зайд танҳо тасодуфӣ ва гоҳе моҳиятан сурат мегирад. Аммо бо овардани мисоли дигар, Форобӣ тасдиқ мекунад, ки дар аксари ҳолатҳо онҳо пайиҳам сурат мегиранд, монанди он ки «чун пагоҳӣ ситораи Сириус (Шабоҳанг) тулуъ мекунад, гармӣ зиёд мешавад ва боронҳо қатъ мешавад», зеро ин ду раванд аз тулуи Сириус бармеояд, аммо он танҳо дар аксар мавридҳо ҳамчун зарурат аст. Дар идомаи ин гуфтор ӯ хулоса мекунад: «Пайиҳам

омадани як чиз бар дигари он ду навъ аст: пурра ва нопурра. Пайвастагии пурра маънои онро дорад, ки агар яке аз ду чиз, новобаста аз навъи он, вуҷуд дорад, дигари он низ ба фазли аввалӣ ҳатман вуҷуд дорад... Пайвастагии нопурра маънои онро дорад, ки агар аз ду чиз аввали онҳо вуҷуд дошта бошад, дуюми онҳо ҳатман вуҷуд дорад, аммо агар дуюмӣ вуҷуд дошта бошад, мавҷудияти аввалӣ аз рӯйи зарурат нест. Он ду чиз аст, ки дар мавҷудияти пайиҳамӣ баробар нестанд. Чунинанд, одам ва ҳайвон: агар инсон вуҷуд дошта бошад, аз рӯйи зарурат ҳайвон низ вуҷуд дорад, аммо агар ҳайвон вуҷуд дошта бошад, аз ин ҷо тибқи зарурат вуҷуд доштани инсон бар намеояд» [11, с. 236]. Аз ҳамин сабаб, дар бораи зарурият сухан меравад, ки он на аз ҷиҳати моддӣ, балки аз нигоҳи гносеологӣ ва ҳатто психологӣ хамчун шарти маърифат ва омӯзиши воқеияти ҳақиқии ашё муайян карда мешавад.

Чунин тарзи тафаккури истидлолӣ ба маърифати ақлонии Насируддини Тусӣ низ хос аст ва дар муқоиса бо Форобӣ, фарқият танҳо дар интихоби масъалаҳо ва тафсиру таъбири онҳо мушоҳида мешавад. Тибқи ақидаи Насируддини Тусӣ дониш ба тасаввур ва тасдиқ ҷудо мешавад ва ҳар як аз ин ду мафҳум боз ба бадеҳӣ ва муктасаб ҷудо мешавад. Тарзи қолабии тавсифи гносеологии «тасаввур ё тасдиқ» чунин аст: ««тасаввур» танҳо маърифат ё донистани чизе бидуни ҳукм дар бораи он аст, ба монанди дониши мо дар бораи маънои истилоҳи «секунҷа», дар ҳоле ки «тасдиқ» – маърифат ё фаҳмиши чизе аст, ки бо ҳукм ба иҷро мерасад, масалан, дар мавриди донистани он, ки ҷамъи ҳар як кунҷҳои секунҷа ба ҷамъи ду кунҷи рост баробар аст» [22, с. 13-14].

Тасдиқ, дар доираи ин баҳс, фаъолияти зеҳнии бидуни мазмун нест, балки аз ҷиҳати сурат хусусияти бадеҳӣ дорад; яъне, тасаввуроти гуногун ба ҳам омехта мешаванд, ки дар онҳо, масалан, сифат бар субъект маҳмул мегардад ва дорои мазмуни бадеҳӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар ин чаҳорчӯба сухан гуфтан дар бораи тасдиқ аз нигоҳи эпистемологӣ

маънои баррасии бадеҳиётро дорад, ки Насируддини Тусӣ онро ба «илми зарурӣ» нисбат додааст. Ӯ менависад: «Илми зарурӣ, ки онро бадеҳӣ хонанд, он аст, ки идроки он ба ваҳм ва ҳис ва хаёл тавон кард ва дар он [на] ба истеъмоли фикри худ муҳтоҷ бошанд [ва] на ба таълими ғайр. Масалан, чун илми кул ва ҷузъ ба бадеҳаи ҳол донанд, ки кул аз ҷузъ бузургтар аст ва он ки аз пешони хона то ба даргоҳ ҳам чандон, ки аз даргоҳ то ба пешон [ки] бар оқил як маънӣ ва бар ҷоҳил ду менамояд. Масалан, дарёҳо хун нашудааст ва кӯҳсор зар нашудааст. Масалан, он ки як чиз дар як вақт дар ду макон натавонад буд, аммо дар [ду] вақт шояд» [28, с. 63].

Ҳамин тавр, андешаҳои Форобӣ ва Насируддини Тусиро дар бораи моҳият ва аҳаммияти маърифати ақлонӣ метавон дар хулосаҳои мушаххас ҷамъбаст кард. Пеш аз ҳама, умумияти ақоиди онҳо дар он зоҳир мегардад, ки тасаввури онҳо аз ақл ва маърифати ақлонӣ зери таъсири таълимоти эпистемологӣ ва космологии Арасту, инчунин, консепсияи неоплатоникии фаязони нур ё нузулу судури нур (эманатсия) ташаккул ёфтааст. Дар доираи ин назарияҳо, умумиятҳои нисбатан ҷузъӣ ва мушаххаси зеринро низ метавон чунин хулоса кард: якум, таҳаққуқи шинохти ақлӣ ниёз ба шинохти ҳиссӣ дорад, зеро сувари ақлӣ ҳамон сувари ҳиссие мебошанд, ки тавассути марҳилаҳои қувваи ҳисси зоҳир, ҳисси муштарак, қувваи тахайюл ва қувваи тамйиз гузашта, аз ғалбери ақл гузашта, дар шакли тоза ва равшан дар ихтиёри он қарор мегиранд. Пас аз таҷриди сувари ҳиссӣ, замина барои таъсири ақли фаъол (ё нафси нотиқа) ҳамчун сабаби фаъоли ташаккули ин сувар ва дониши ақлӣ муҳайё мегардад. Бидуни вуҷуди ақли фаъол ҳамчун ақли ба феъл ва ҷавҳари зотан, табдили сувар аз ҳолати қобилият ба ҳолати амалӣ имконнопазир аст. Дуюм, маҳсусот наметавонанд маъқулот ва мавриди шинохти ақлӣ бошанд, ҳамон тавр ки шинохти ақлӣ, ба сабаби он ки ба маъқулот марбут аст, ба шинохти ҳиссӣ дахл надорад. Сеюм,

ҳамзистии нафси инсон бо ҷисми ӯ монеаи расидан ба шинохти комили ақлӣ ва зеҳнӣ мегардад, зеро қувваҳои нафсӣ сабаби гароиши нафс ба шинохти ҳиссӣ ва тахайюлӣ мешаванд.

Дар таъбиру тафсири маърифати ақлонӣ байни Форобӣ ва Насируддини Тусӣ чунин фарқиятҳо мушоҳида мешаванд: аввалан, агар Форобӣ шинохти ақлониро дар олами ҷисмонӣ танҳо ба қувваи ақли фаъол марбут донад, Насируддини Тусӣ онро дар таносуби ақли фаъол ва нафси нотиқа мавриди баррасӣ қарор медиҳад; сониян, дар таснифи ақлҳо, Насируддини Тусӣ ба ҷойи мафҳуми «ақли ба қувва»-и Форобӣ, истилоҳи «ақли ҳаюлонӣ»-ро ба кор мебарад ва ба ҷойи «ақли фоил» мафҳуми «ақли ба малака»-ро истифода мекунад; сеюм, табиист, ки шарҳу тафсири масъалаҳои марбут ба маърифати ақлонӣ аз ҷониби ин ду мутафаккир, ки дар муҳитҳои мухталифи замонию маконӣ фаъолият кардаанд, барои гуногунӣ ва ихтилофи таъбирҳо мусоидат кардааст. Ҳар кадоме аз ин масъалаҳоро дар доираи фаҳмиши махсуси худ тавзеҳ дода, дар интихоби мавзуъ ва тафсири онҳо фарқиятҳо зоҳир кардаанд.

Таҳлили таълимоти мантиқӣ ва маърифати ақлонӣ дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду мутафаккир дар баробари пешбурди мантиқ ҳамчун абзори таҳқиқ ва хулосабарорӣ, ба масъалаи шинохти маърифат ва шеваҳои эҳсосу фаҳми ақлӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ доштаанд. Форобӣ, бо таъсир аз Афлотун ва Арасту, донишу маърифатро раванде медонад, ки тавассути ақл ба ҳақиқати ашё ноил мешавад ва мантиқ воситаи танзими ин раванд аст. Ӯ мантиқро қонуни умумии фикр ва воситаи ташкили илмҳо мешуморад, ки воситаи расидан ба камолоти ақлонӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Насируддини Тусӣ бошад, дар баробари пайравӣ аз мантиқи аристуӣ, кӯшиш мекунад онро ба мафкураи шарқиёна тобиш дода, мутобиқ созад. Ӯ масъалаҳои мантиқиро ба таври систематикӣ ва

мураттаб таҳқиқ намуда, ба таҳаввули назарияҳои қазияҳо, қиёс, таърифи илмӣ ва шаклҳои хулоса бар пояи далелҳо мусоидат кардааст.

Ҳар ду мутафаккир ба мантиқ ва шинохти ақлонӣ на танҳо чун абзори таҳқиқи илмӣ, балки ҳамчун заминаи ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ менигаристанд. Маърифати ақлонӣ барои онҳо роҳи расидан ба саодат, адолат ва назми ҷамъиятӣ буд. Аз ин рӯ, осори Форобӣ ва Тусӣ на танҳо ба пешрафти мантиқ ва фалсафа, балки ба ташаккули фарҳанги илмӣ ва хирадгароёнаи асрҳои миёна саҳми бузург гузошта, дар рушди маърифати ақлонии замони муосир низ бетаъсир наход буд.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки таҳлили ин ду таълимот на танҳо имкони дарки амиқи решаҳои фалсафаи маърифатро фароҳам месозад, балки дар раванди таҳаввули таълимоти фалсафӣ низ нақши муҳим дорад. Омӯхтани ин таълимот имкон медиҳад, ки пайвандҳои ногусастанӣ миёни шинохти ҳиссӣ, тафаккури мантиқӣ ва рушди консепсияҳои илмии навин дарк карда шаванд.

БОБИ 5. НАҚШИ МАНТИҚ ҲАМЧУН МЕТОДОЛОГИЯИ МАЪРИФАТИ ОЛАМ ВА ШИНОХТИ ҲАҚИҚАТ ДАР ОСОРИ АБУНАСРИ ФОРОБӢ ВА НАСИРУДДИНИ ТУСӢ

Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар таълимоти мантиқию фалсафии худ барои дарки низоми олам ва ҷойгоҳи инсон дар он, назарияҳои мураттаб ва устувори маърифатиро дар асоси меъёрҳои мантиқӣ ташаккул додаанд. Онҳо бо истифода аз усулҳои мантиқӣ ва таҷрибавӣ равандҳои шинохти ҳақиқат, табақабандии дониш ва унсурҳои асосии маърифатро вобаста ба категорияҳои фалсафӣ тавзеҳ медиҳанд. Дар ин раванд, мафҳумҳои калидии илмӣ – монанди эътиқод, шинохт, ҳақиқат, зарурат ва тасодуф бо ҳам дар иртиботи зич қарор дошта, низоми ҳамгирои маърифатро ташкил медиҳанд.

Маърифати олам аз дидгоҳи ин ду мутафаккир, ҳарчанд дар зоҳир пайдарҳам ва якнавохт менамояд, дар асл дорои сохтор ва мароҳили мураккаб буда, вобаста ба истилоҳоти соҳавӣ ва тарзи татбиқи онҳо дар таҳқиқи воқеияти объективӣ ба таври низомманд ташаккул ёфтааст. Форобӣ ва Тусӣ ҳар ду дар осори худ нишон медиҳанд, ки шинохти олам танҳо кори зеҳнӣ нест, балки равандест, ки аз мушоҳидаи ҳиссӣ оғоз ёфта, тавассути хулосабарории мантиқӣ ба сатҳи маърифати ақлонӣ мерасад.

Шинохти ҳақиқат, ки ҷузъи марказии низоми маърифатии онҳо ба ҳисоб меравад, дар таълимоти Форобӣ ва Тусӣ ҳамчун омили муайянкунандаи робитаи байни дониш ва воқеият арзёбӣ мегардад. Ҳақиқат аз назари онҳо на танҳо мафҳуми фалсафӣ, балки меъёри асосии санҷиши дониш ва таҷассумгари мувофиқати андеша бо воқеият аст. Дар таҳлилҳои онҳо нишон дода мешавад, ки фаҳми ҳақиқат ҳам дар сатҳи шинохти ботинӣ ва ҳам дар доираи санҷиши мантиқӣ амалӣ мегардад.

Ҳамин тавр, низоми шинохт дар таълимоти Форобӣ ва Тусӣ бар пояи робитаҳои мантиқӣ ва усулҳои истидлол устувор буда, ба ҳосил кардани дониши ҳақиқӣ равона шудааст. Мантиқ дар осори онҳо на

танҳо ҳамчун абзори истидлол, балки ҳамчун методологияи умумии маърифати олам ва шинохти ҳақиқат зуҳур мекунад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки мантиқ дар осори ин ду файласуфи бузург ҳамчун калиди фаҳми тамоми самтҳо ва равандҳои олами объективӣ – аз табиат то зоҳиру ботини инсон таҷассум ёфта, заминаи методологии таҳаввули андешаи илмӣ ва фалсафии Шарқро фароҳам овардааст.

5.1. Маърифати олам аз дидгоҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Абунасри Форобӣ, ки бо унвони «Муаллими сонӣ» машҳур аст ва Насируддини Тусӣ, ки донишманди бузург ва олими фарогири соҳаҳои гуногуни илм мебошад, тамоми зиндагии худро ба маърифати олам, ҷомеа ва инсон, таҳқиқи дониш ва коркарди усулҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла гносеология (назарияи маърифат) бахшидаанд. Консепсияи маърифати онҳо унсурҳои муттаҳидкунандаи тамоми мавзуъҳои асосии замони худро фаро гирифта, низоми хоси фалсафӣ-гносеологиро ташаккул додааст.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар осорашон масъалаҳои муҳимро марбут ба шинохти олам ва ашё матраҳ мекунанд: донишро чӣ гуна метавон ба даст овард? Оё касби дониш дар бораи мавҷудоти ғайримоддӣ ва моваруттабиӣ имконпазир аст? Оё идроки ҳиссӣ метавонад манбаи маърифати илмӣ ва ташаккули қонунмандиҳои он бошад, ё танҳо ақл, ки куллиётро дарк мекунад, метавонад чунин маърифати амиқро фароҳам оварад? Шароити таърихӣ ва консептуалӣ, ки осори ин ду мутафаккир бар асоси онҳо эҷод шудаанд, посух ба ин саволҳоро боз ҳам мушкилтар мекунад, зеро фалсафаи онҳо маҷмуи назарияҳои илмиро аз сарчашмаҳои мухталиф гирд оварда, онҳоро бо ҳам омезиш додааст.

Дар оғози таҳқиқоти худ, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ба мутолиа ва тафсири осори файласуфони юнонӣ дар масъалаи маърифат рӯ меоранд. Онҳо бо баҳсу баррасии матнҳои тарҷумашудаи Афлотун, Арасту, муфассирони навафлотунӣ ва дигар мутафаккирони антиқӣ, таҳаввулоти амиқеро дар афкори худ таҷриба намуда, ҳамзамон тавассути равиши ақлгароёнаи хеш дар ҳолатҳои зиёд аз анъанаҳои суннатии асримиёнагӣ фаротар мераванд: «Ирфон ва бидъат дар Шарқ пайдо шуда, унсурҳои ақоиди шарқӣ ва фалсафаи антиқаро фаро гирифта, на танҳо дар масеҳият, балки дар ислом низ паҳн мешуданд. Бидъат ҳамчун шакли муборизаи ошкоро бар зидди дини бунёдгаро зуҳур намуда, ба гуфтаи Фридрих Энгелс, ҳадафи он «ҳуҷуми осмон ба хотири замин» буд» [96, с. 48].

Дар ин замина, консепсияҳои маърифатшиносии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ низ унсурҳои метафизикӣ, кайҳоншиносӣ ва табиатшиносии файласуфони юнонӣ, бахусус Арасту ва намояндагони навафлотунияро инъикос намуда, таълимот ва усулҳои нави фалсафиро, ки бо арзишҳои исломӣ мутобиқанд, ташаккул медиҳанд. Ба ибораи дигар, ин замина, ҳамроҳ бо дигар омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ, барои рушду таҳаввули тафаккури нав ва таҳияи усулҳои тозаи таҳқиқотӣ дар соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла, фалсафа, шароити мусоид фароҳам овард. Ҳамаи ин сабаб гардид, ки дар андешаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ таълимоти онҳо дар бораи ақл, узвҳои ҳиссии шинохт ва нақши онҳо дар маърифати олам бо консепсияҳои динии ислом ба ҳам пайванд ёбад. Ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ таҳлили раванди маърифатро аз воқеият ва кайҳоншиносии олами фавқулқамар (фаротар аз Моҳ) оғоз мекунанд. Принсипи асосии кайҳоншиносии онҳо ақл аст, ки бинобар хеле доманадор будани мавзуи мазкур, мо онро мухтасаран дар ин ҷо матраҳ хоҳем кард, дар ҳоле ки дар бахши баъдии таҳқиқотамон нақши ақл дар маърифат муфассал баррасӣ хоҳад шуд.

Ақл ҷавҳари Мавҷуди Аввал (ал-мавҷуд-ул-аввал)-ро ташкил медиҳад. Боиси тазаккур аст, ки ҳар ду мутафаккир дар мавқеи қавии ақлгароии фадсафӣ қарор доранд. Ба андешаи Форобӣ «Мавҷуди Аввал ақли холис буда, он ғайр аз ҳастии дигар мавҷудот ва берун аз Воҳид нест. Он дорои тамоми сифатҳои илоҳист: аз ҳар гуна нуқсон орӣ, абадиву азалӣ, бениёз аз сабаб, бешаклу бешарик, дорои ҳастии басити тақсимнашаванда. Он мухолифате надорад ва чун «моддӣ нест ва ба ҳеҷ навъ моддае ниез надорад», зотан ақли фаъол аст. Ҳамаи он чизҳое, ки шакли ақлро ҳифз мекунанд ва амалан тааққул менамоянд, дар модда вуҷуд доранд. Баръакс, агар чизе бе шарикии модда вуҷуд дошта бошад, он зотан ақли фаъол маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, Мавҷуди Аввал, айнан, ҳамин гуна дониста шуда, ақли фаъол мебошад… Ва он маҳз тавассути тааққул маърифат мешавад» [9, с. 212]. Форобӣ, таҳти мафҳуми Мавҷуди Аввал, «Сабаби Аввал ва Муҳаррики Аввал Худоро мефаҳмад» [9, с. 419].

Гарчанде Форобӣ назарияи фаязон (эманатсия) ё судури Мавҷуди Аввалро аз Плотин иқтибос гирифта бошад ҳам, ӯ ин сифатро, бар хилофи Плотин, ба Воҳид нисбат надодааст. Плотин чунин тавзеҳ додааст, ки Худоро аз Ақл болотар мешуморад. Аз ин нигоҳ, фаҳмиши Ақл дар таълимоти Насируддини Тусӣ ба андешаи Плотин наздиктар аст. Дар муқоиса бо Форобӣ, Насируддини Тусӣ мафҳумҳои Ақли Аввал, Ақли Фаъол ва Ақли Кулро бо ҳам яксон медонад, онро ҳамчун мавҷуди мустақил таъбир карда, бо Борӣ (Худо) ҳаммазмун намешуморад: «Ақли аввалро аз он рӯй, ки аввалмавҷудест, ки аз амри Борӣ Таоло дар вуҷуд омад ва вуҷуди бе тавассут ёфт, Ақли аввал хонанд ва аз он рӯй, ки ашё ба воситаи таъйиди ӯ аз қувват ба феъл меоянд, ақли фаъол ва аз он рӯй, ки уқули ҷузъӣ, ки дар ин олам ба оқилон пайваста аст, осори ӯст, – Ақли кул» [28, с. 41].

Аз ин ҷо бармеояд, ки ба андешаи ин ду мутафаккир, муҳимтарин хусусияти Ақл ҳастии зотии он мебошад, он зотан моҳияти худро андешида, сипас онро дарк менамояд. Дар ин раванди шинохт, субъекти тафаккур, худи тафаккур ва объекти тафаккур яке ҳаст маҳсуб мешавад. Дар бораи ин хусусияти Ақл байни Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ихтилофи назар вуҷуд надорад. Агар Форобӣ низоми даҳгонаи судур ва нузули ақлро пайгирӣ карда бошад (ки он аз ҷониби дигар машшоиён, ба мисли Ибни Сино, ҷонибдорӣ шудааст), Насируддини Тусӣ дар низоми фаязон ва маротиби судури Ақл бештар ба таносуби Худо – Ақл – Нафс таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ба ин маънӣ, дар таълимоти Форобӣ Мавҷуди Аввал ҳам бо Худо ва ҳам бо Ақл баробар дониста мешавад. Он сарчашмаи абадии офариниш ва сабаби ниҳоии ҳама чиз буда, заминаи судури ақлҳои даҳгона ва аз тариқи онҳо, пайдоиши дигар мавҷудоти оламро фароҳам месозад.

Дар низоми судур, ҳар як ақл барои тавлиди мартабаи баъдии худ моҳият ва зоти худро дарк мекунад ва дар натиҷа мавҷуди нави оламро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тариқ, ҷаҳон ба як тартиби онтологӣ мубаддал мегардад, ки дар он мавҷудоти пасттар аз дараҷаҳои баландтар судур ва нузул меёбанд. Асоси ин раванди фаязон - дарки ақлҳо буда, ҳамаи онҳо аз модда ҷудо ҳастанд ва объекти умумии тафаккур – Мавҷуди Аввал маҳсуб меёбад. Ин тартиб силсилаи судури даҳ ақли холис ва фардиро ба як низоми муназзам табдил медиҳад, ки бо Ақли Фаъол – принсипи роҳнамои олами таҳтулқамар (зери Моҳ) анҷом меёбад.

Ҳар қадар ки зинаи ин сохтори мартабавӣ поёнтар бошад, ҳамон қадар он мураккабтар мегардад. Бинобар ин, камоли Ақли Фаъол нисбат ба дигар ақлҳо пасттар аст, зеро он дар дуртарин масофа аз Сабаби Аввал қарор дорад ва барои расидан ба камолот бояд се чизро дарк кунад: Сабаби Аввал, ҳамаи сабабҳои дуюмдараҷа ва болотар аз он, инчунин зоти худро. Форобӣ менависад, ки Ақли Фаъол «ба асле

табдил меёбад, ки ба василаи он объектҳои дар ҳадди қувва буда, ба феъл мегузаранд. Монанди он ки Офтоб бо шуои худ чашмро мунаввар месозад ва онро ба феъл бино мегардонад, инчунин Ақли Фаъол бо касби ин асл, ақли ба қувва бударо ба ақли ба феъл табдил медиҳад. Аз ҳамин сабаб, объектҳои даркшаванда дар воқеъ ба феъл даркшаванда мешаванд. Ақли Фаъол як навъ ақли иктисобӣ буда, шаклҳои мавҷудот дар он на аз байн рафтаанд ва на аз байн хоҳанд рафт» [9, с. 36-37]. Дар идомаи ин баҳс, Форобӣ таъкид мекунад, ки дар раванди маърифат мо аз маълум ба номаълум мегузарем. Вале ҳастии комил дар асли худ барои мо камтар маълум аст ва дониши мо дар бораи он нопурра мебошад. Аз ин рӯ, тартиби чизҳое, ки дар шуури инсон ба таври феълӣ вуҷуд доранд, бояд бо тартиби муқарраршуда дар ақли фаъол мухолиф бошад. Ақли фаъол, ё ақли аввал комилтарин падидаҳои ҳастиро дарк мекунад.

Системаи метафизикии маърифати Насируддини Тусӣ, тавре ки қаблан зикр шуд, аз системаи Форобӣ фарқ дорад ва онро метавон чунин тасвир кард: Ақли Кул, Нафси Кул, ақли инсон ва нафсҳои ҷузъии мавҷудот. Агар Форобӣ мавҷуди аввалро Худо номида бошад, Насируддини Тусӣ бар он таъкид мекунад, ки: «Ва мавҷуди аввал, ки ба ибдои маҳз бе тавассут аз амр дар вуҷуд омад, Ақли аввал аст ва дигар мавҷудот ба тавассути мутавасситон аз амр дар вуҷуд омаданд. Масалан, нафс ба тавассути ақл ва ҳаюлою табиат ва ҷисм ба тавассути нафс... Шарҳи ин он аст, ки чун Худои Таоло худро холиқ донист, аз донистани Ӯ худро, холиқ махлуқ лозим омад ва он махлуқ Ақли аввал буд ва чун Ақли аввал воҳид ба ваҳдат буд, мин кулл-ил-вуҷуҳ, ҳақиқат масъалаи ло ясдуру ан-ил-воҳид илл-ал-воҳид лозим (воҳид танҳо воҳид содир мекунад – С.Б.) гашт» [28, с. 32-33]. Маротиби вуҷуд аз тариқи тасаввур ва дарк, яъне тавассути ақл, шинохтани зинаҳои аз худашон болотар, аз худашон комилтар донистани онҳо ва ноқис маърифат намудани хешро ташаккул медиҳад. Мартабаи дуюми фаязони нур ё маротиби судур

Нафси кул аст, ки аз қувваи он мавҷудоти боқимонда, аз ҷумла, табиати куллӣ, ба таҳрик омада, ҳастиашонро шуруъ мекунанд. Нафсҳо гуногунанд ва дар байни онҳо нафси инсонӣ аст, ки «тааққули зоти хеш ва тааққули маъқулот ва муфориқот на ба олати ҷисмонӣ кунад ва ба зоти хеш, инҳо ҳамаро дарёбанд» [28, с. 48]. Шинохти ақлонӣ, аз назари Насируддини Тусӣ, хислат ва қобилият хоси инсон аст, зеро ҳеҷ махлуқе тавоноии шинохт ва таҳқиқи оламро ба он гунае, ки ҳаст, надорад ва ҳайвонҳо дар муқоиса бо одамон ба маротиб бештар асири дидгоҳи мушаххас ва маҳдуди ҳис ва ҳадси худ ҳастанд. Бо ин хислат инсон метавонад худро аз низоми равонӣ ва дарки муқаррарии худ дур кунад ва оламро аз дидгоҳи ақл мушоҳида кунад.

Дар ин ҷо ҳам метавон гуфт, ки ба ғайр аз шабоҳат бо низоми метафизикии навафлотунии маротиби судур, назарияи маърифати олам, дар низоми фалсафии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, бо ақидаҳои кайҳоншиносии онҳо ҳамбастагӣ дорад. Дар мушоҳидаҳои онҳо як нуктаи муҳим ин аст, ки маҳз ҷисмҳои осмонӣ моддаро ташкил медиҳанд. Инсон тавассути ақл, нафс, узвҳои ҳиссӣ ва ҳадс аз онҳо дар бораи тамоми мавҷудоти олами ҷисмонӣ иттилоъ мегирад. Аз ин рӯ, азбаски доираи афлок ва ақли фаъол дар низоми мавҷудоти ақлонӣ марҳилаи охиринро ташкил медиҳанд, дигар мавҷудот дар шинохти худ ба онҳо пайравӣ мекунанд. Ин мавҷудот мустақилона ба камол расида наметавонанд, зеро онҳо аз сурат ва модда таркиб ёфта, ҳаракати даврӣ доранд. Ҳадафи ин ҳаракат аз ҳолати қувва ба ҳолати феъл ва ё аз иҷрокунанда ба таъсирпазиранда гузаштан мебошад.

Дар ин масъала ҳарду мутафаккир – Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ақидаҳои қариб ҳамсон доранд. Форобӣ менависад: «Ҳамчунин қувваҳое [ибдоъ] вуҷуд доранд, ки тавассути онҳо баъзе мавҷудот ба дигарон таъсир мерасонанд ва қувваҳое ҳастанд, ки бо ёрии онҳо баъзе мавҷудот таъсир мепазиранд. Дар натиҷа, ҷисмҳои осмонӣ ҳам ба худ ва ҳам ба

якдигар таъсир мегузоранд – яке ба дигаре таъсир мерасонад ва ҳангоми ҳамоҳангии амали ин қуввaҳои гуногун, навъҳои омехта, моддаҳои мураккаб ва ҳаҷмҳое ба вуҷуд меоянд, ки метавонанд бо ҳам зид бошанд ё бе ихтилоф ба ҳам пайванд гарданд» [9, с. 252].

Насируддини Тусӣ оламро аз доираи афлоки самовӣ то Замин «Олами Кабир» меномад ва Нафси Куллиро қуввае мешуморад, ки бо ба ҳаракат даровардани мавҷудоти дигар дар ҳастӣ нақши фаъол дорад. Аммо таъсири он вобаста ба қобилият ва тавоноии ҳар як унсури олам гуногун зуҳур мекунад. Вай таъкид мекунад, ки феъл ва таъсири Нафси Куллӣ дар осмон ба шакли ҳаракат, дар Замин – ба сукун, дар аносир – ба омезиш, дар маъданҳо – ба ақд, дар наботот – ба рушд, дар ҳайвонот – ба ҳис ва ҳаракат ва дар инсон – ба нутқ ва тафаккур зоҳир мегардад. Мутафаккир ин андешаро дар порчаи зерин чунин хулоса мекунад: «Ва дар куллиёт эътибор ба муҷиботи аҳкоми нуҷум аст ва масирот ва мунозироти иттисолот ва маториҳ шуооти кавокиб, ки фоилони самовианд, аз саъд ва наҳс дар усули маволиди халоиқ, зеро ки ба ҳукми ҳикмати Борӣ Субҳонаҳу ва Таоло ва қазо ва қадари ӯ, ҳеҷ ҳаракати қавлӣ ва феълӣ аз ҳеҷ махлуқ содир наметавонад шуд, илло қуввате, ки аз қувватҳои самовӣ бар нутқ ва аъзо ва ҷавориҳи он махлуқот фоиз мегардад» [28, с. 85].

Ҳарду мутафаккир бар онанд, ки ҷисмҳои осмонӣ ба сабаби гуногунии мавқеашон нисбат ба якдигар ва нисбат ба Замин, гоҳе ба он наздик ва гоҳе дур, баъзан ҳампайванд ва баъзан мухолифанд. Онҳо гоҳе дар назари мо пайдо мешаванд ва гоҳе пинҳон мегарданд, ки ин на аз моҳияти худи онҳо, балки аз муносибати онҳо бо олами кул вобаста аст.

Ақл, ҳамчун мавҷуди руҳонӣ, болотар аз фалаки Моҳ қарор гирифта, миёни мавҷудоти ақлонӣ ва мавҷудоте, ки аз сурату модда иборатанд, ҷойгир шудааст. Вазифаи асосии он тасдиқи вуҷуди ин мавҷудот ва тавлиди фалаки зери фалаки Моҳ мебошад. Мавҷуде, ки дар

ҳолати қувва қарор дорад, наметавонад худ аз худ ба феъл табдил ёбад, магар он ки Ақл (дар тафсири Форобӣ) ё Нафс (дар тафсири Насируддини Тусӣ) онро ба ҳаракат оварад.

Аз ин рӯ, бо назардошти он ки модда сабабе барои маҳдудияти камоли ҷисм мегардад, зарурати фоилии Ақл ба миён меояд, ки он дар сурат ва нафс таҷассум меёбад. Дар рушди ақлонии нафс, ақли фаъол нақши асосӣ дошта, онро барои фаъолият дар ҷисм таҳрик мекунад. Ба андешаи Форобӣ: «Ҳар яке аз ин ҷисмҳои [осмонӣ] ба воситаи сурати худ дар ҳолати феъл ба тааққул мерасад. Бо ин васила, онҳо вуҷуди худро аз ақли муфориқ, ки сабаби ҳастии онҳо мебошад, дарк мекунанд ва ҳамзамон сабаби аввалро тааққул менамоянд. Вале на ҳар чизе, ки тааққул мекунад, дар зоти худ ақл аст, зеро он танҳо мавзуи хешро дарк мекунад, ки он ҳам худ ақл нест. Агар мавзуи худро дарк накунад, пас танҳо ба воситаи сурати худ тааққул мекунад, аммо он маъқул намешавад. Аз ин ҷо, он ҳар чизеро, ки тааққул мекунад, ҳамчун ҷавҳар ташаккул медиҳад ва сурату мавзуи онро ба шакли ҷавҳар медарорад» [234, с. 63].

Насируддини Тусӣ низ ин масоилро тақрибан дар ҳамин равия шарҳ додааст. Масалан, дар асараш «Масориъ-ул-мусориъ» («Муқобилаҳои мантиқӣ» ё «Бархурдҳои ақлонӣ») ӯ менависад, ки агар ақлҳои ҳаюлонии инсонро аз ҳолати қувва ба феъл оварем, дар натиҷа ақли ба феъл ташаккул меёбад. Аммо зоти ин ақлҳоро ба феъл овардан номумкин аст, зеро ҳамон тавре чизеро, ки дар ҳолати қувва вуҷуд надорад, наметавон ба вуҷуд овард, зоти ақл ҳам ба ин тарз ба феъл даромада наметавонад. Ба андешаи ӯ, хулосаи ин нукта чунин аст: ақли ба феъл дар зоти худ ягона буда, онро ақли фаъол, муфаййиз (файздиҳанда) ва мудаббир (танзимгар) меноманд, ки тадбири фалаки қамар ва дигар афлокро бар дӯш дорад.

Дар ин асар, Тусӣ ба баҳси яке аз мутакаллимони ашъарӣ посух медиҳад. Ин мутакаллим ақли фаъолро ҳамчун як мусаввири тасвирҳо дониста, онро дорои ҷавҳарҳо ва эътибороти гуногун мешуморад ва чунин тавсиф мекунад, ки ақли фаъол ҳамчун воҷиб-ул-вуҷуд зот, иллат ва маълули хешро тааққул мекунад ва дар вуҷуҳи он такассур (гуногунӣ) вуҷуд дорад. Тусӣ ба ин назариёт чунин посух медиҳад: «Касрати содиркунанда (яъне нур ва фаязон) сабаби пайдоиши касрати ҷавҳарӣ дар зоти манбаъ намегардад. Баръакс, касрати содиршуда далолат мекунад, ки ҳамаи он аз як манбаи ягона сарчашма мегирад. Агар фарз кунем, ки қабулкунандаҳои ин файз бениҳоятанд, пас, судури бениҳояти корҳои гуногун аз як мабдаъ, бидуни касрат дар зоти ӯ имконпазир мебуд. Нокомии ӯ (мутакаллим) дар дарки ин маънӣ боис шудааст, ки дар гуфтораш дучори саргардонӣ гардад ва ибораҳои мухталифро такрор кунад, чунин тасаввур намуда, ки гӯё бо ин роҳ далеле бар зидди рақиби худ пеш оварда истодааст» [307, с. 265]. Ҳамин тариқ, Насируддини Тусӣ мутмаин аст, ки ақли фаъол аз тариқи содир шудани қувва ё фаязони нур ва таҳмили он дар ҷисми инсонӣ, ақли инсонӣ, ки дар ҳоли ба қувва қарор дорад, ба ҳолати ба феъл оварда, маъқулро, ки ҳанӯз шинохта нашудааст, дар ҳоле ба таҳрик меоварад, ки маъқул объекти маърифати ақл мегардад. Дар айни ҳол, мутафаккир таъкид мекунад, ки ҳангоми тавзеҳ додани имкони фоил шудани мавҷудоти иборат аз модда ва сурат, яъне мавҷудоти фалаки таҳт-ул-қамар, ки танҳо инсон бо тавоноии ақлаш имкон дорад, ки ҳастии худро дар талош барои камолот, аз ҳолати қувва ба ҳолати феъл баромаданаш рушд диҳад. Ба ҳамин сабаб, инсон, дар миёни мавҷудоти дигари олами ақлонӣ, ҳамчун мавҷуди хос ҷудо мегардад, зеро ӯ қобилияти боло бурдани маъқулотеро дорад, ки дар зеҳнаш ташаккул меёбанд. Бо ин тарз, инсон ба дараҷае наздик мешавад, ки ба ақли фаъол мерасад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳам дар метафизика ва ҳам дар кайҳоншиносии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ масъалаи маърифати олам аз баррасии Сабаби аввал оғоз меёбад. Бо дарки моҳияти он, инсон моҳияти тамоми мавҷудоти дигарро низ мешиносад, зеро ҳастии ҳақиқии ҳамаи мавҷудот дар он реша дорад. Аммо дар маърифати ашё ва олами ҷисмонӣ, руҳонӣ ва метафизикӣ бояд ба як нуқтаи асосӣ таваҷҷуҳ кард: тамоми ҷустуҷӯҳои донишӣ ба худ як марҳилаи бунёдӣ доранд.

Ба ақли фаъол наздик шудан, тибқи андешаҳои ҳар ду мутафаккир, дар заминаи назарияи маърифат ва расидан ба саодат муайян мегардад. Талошҳои маърифатии инсон барои расидан ба ақли фаъол чунин шарҳ дода мешаванд: ҳамаи донишҳое, ки аз маъқулот – Сабаби аввал, Сабаби дуюм (даҳ ақли Форобӣ, Нафси Кулли Насируддини Тусӣ ва дар ниҳоят, ақли фаъол, ки барои ҳардуи ин мутафаккирон муштарак аст) ва ҷисмҳои осмонӣ ҳосил мешаванд, ба воситаи ақли фаъол ба инсон мерасанд.

Аз ин рӯ, Форобӣ менависад: «...маъқулот ба феъл қобили тааққул мешаванд... Ва азбаски мо аз маълум ба сӯйи номаълум ҳаракат мекунем ва ҳастии комил дар худи он бароямон танҳо то ҳадде маълум аст – ё ба ибораи дигар, дониши мо дар бораи он маҳдуд аст, зарур аст, ки тартиби мавҷудот дар ақли фаъоли ашё бар хилофи тартиби муқарраршуда дар ақли фаъол бошад. Ақли фаъол пеш аз ҳама мукаммалтарин ашёро дарк мекунад ва суратҳое, ки моддӣ ҳастанд, дар ақли фаъол ҳамчун таҷридоти моддӣ зоҳир мегарданд» [9, с. 38].

Насируддини Тусӣ ҳар навъ тасвири ашё дар ақлро, ки тавассути неруҳои дарккунанда ҳосил мешаванд, идрок меномад ва дар маърифати олам Ақли фаъол, ё аниқтараш, Нафси нотиқаи инсонро дар ҳадди камол ва нуқсон мегузорад ва мегӯяд, ки камоли инсон ду навъ аст, зеро ки Нафси нотиқаи ӯ ду қувва дорад – яке қувваи илмӣ ва дигаре қувваи

амалӣ ва илова мекунад: «Камоли қуввати илмӣ он аст, ки шавқи ӯ ба сӯйи идроки маориф ва майли улум бошад, то бар муқтазои он шавқи иҳотат ба маротиби мавҷудот ва иттилоъ бар ҳақоиқи он ба ҳасби истиоат ҳосил кунад. Ва баъд аз он ба маърифати матлуби ҳақиқӣ ва ғарази куллӣ, ки интиҳои ҷумлагӣ мавҷудот бо ӯ бувад, мушарраф шавад... Ва аммо камоли қуввати амалӣ он аст, ки қувваҳо ва афъоли хоси хешро мураттаб ва манзум гардонад, чунонки бо якдигар мувофиқу мутобиқ шаванд ва бар якдигар ғолиб наомад. Пас, ба тасолуми эшон ахлоқи ӯ марзӣ гардад... ва ҳамчунон ба саодате, ки дар он масоҳим (саҳмгузор) бошанд, бирасанд» [26, с. 56-57].

Нафс дар маротиби судур мавҷуди мустақилест, ки аз Ақл сарчашма мегирад ва дар таълимоти Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳамчун мабдае тасвир мешавад, ки ба ҷисмҳо ҳис, ҳаракат, ҳикмат ва дониш медиҳад. Ба ибораи дигар, нафс ҷавҳари ягонаест, ки сабаб ва сарчашмаи ҳаракати ҳамаи мавҷудот ва ашё мебошад. Он сурати оқилаест, ки қобилияти шинохт ва фаҳмро доро аст.

Илова бар ин, нафси оқила ё нафси нотиқа вобаста ба қувваи худ ба панҷ қисм ҷудо мешавад: ғизогирӣ, ҳиссӣ, шаҳвонӣ, тахайюлӣ ва ақлонӣ. Ҳарду мутафаккир ин қобилиятҳоро мувофиқи тартиби фитрӣ ва марҳилаҳои рушд дар инсон тафсир намуда, бар он ақидаанд, ки ҳангоми таваллуд нахуст қувваи ғизоӣ пайдо мешавад ва сипас дигар қувваҳое инкишоф меёбанд, ки дар маърифати ашё ва зуҳурот нақши аслӣ доранд. Ба инҳо ҳисси биноӣ, шунавоӣ, бӯёӣ, чашоӣ ва ламс дохил мешаванд.

Баъдан, қобилиятҳои дигаре ташаккул меёбанд, ки имкон медиҳанд инсон осори ин эҳсосотро ҳатто пас аз қатъ шудани мушоҳидаи ашё ва зуҳурот ҳифз кунад. Яке аз онҳо тасаввур аст, ки тавассути он муқоисаи баъзе ҳиссиёт бо дигарон ва фарқ гузоштан миёни онҳо сурат мегирад. Ин қобилият бо истифода аз таркибҳои гуногун, ки баъзеи онҳо ботил ва

баъзеи дигар дурустанд, амал мекунад. Вале муайян кардани дурустӣ ё ботил будани онҳо дар сатҳи аввалия танҳо тавассути тасаввур имконпазир аст, дар ҳоле ки таҳлили амиқтар ва тафриқаи дақиқи онҳо ба ақл вобаста аст.

Ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ аз тамйизи ин қувваҳо, ки дар асарҳои Арасту, аз ҷумла, дар китоби дуюми «Дар бораи нафс» [17, с. 394], омадааст, истифода бурда, қайд мекунад, ки чунин тақсимот бо дараҷаи вобастагии қобилиятҳо ба узвҳои бадан мувофиқ аст.

Ҳамин тариқ, дар ибтидо қувваи ғизоӣ зикр мешавад, ки масъули амали ғизогирӣ дар бадан аст. Ин қувва на танҳо ғизоро таъмин мекунад, балки барои нигоҳдории ҷисм низ аҳаммияти хоса дорад. Он тамоми узвҳои ҷисмониеро, ки бо ғизогирӣ ва рушди организм алоқаманданд, ба фаъолият водор менамояд ва дар ҳамаи мавҷудоти зинда вуҷуд дорад. Дар дараҷаи узвҳои ҷисмонии инсон, ки вазифаҳои мушаххаси худро доранд, пас аз қувваи ғизоӣ қувваи ҳиссӣ рушд мекунад. Ин қувва тавассути узвҳои ҳис амал карда, барои дарки ашёи муҳит пешбинӣ шудааст. Ҳамин раванд оғози маърифат ва ҳосил кардани донишро дар бораи ҷаҳони атроф ташкил медиҳад. Пас аз он, маърифати инсонӣ аз ҳадди ҳиссиёт гузашта, тавассути қобилияти тасаввур инкишоф меёбад ва дар ниҳоят ба сатҳи маърифати ақлонӣ мерасад, ки дар он ҳукмҳо дар бораи воқеият ташаккул меёбанд.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, мисли Арасту, донишро раванде мешуморанд, ки комилан ба таҷрибаи ҳиссӣ такя мекунад. Ба ақидаи онҳо, бе узвҳои ҳис чизеро донистан ғайриимкон аст, зеро ҳиссиёт асоси тамоми маърифат мебошад. Бинобар ин, дониш тавассути ҳис ба ақли фаъол ё нафси нотиқа мерасад.

Дар ин марҳилаи маърифат, ба қувваи шаҳвонӣ низ аҳаммияти хоса дода шудааст. Ин қувва дар ҷисми инсон ва ҳайвон тамоми узвҳоро таҳрик дода, ҳаракатро барои ба даст овардани чизе ва ё саъю талошро

ба вуҷуд меоварад. Муҳим аст қайд шавад, ки тибқи ақидаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, дар ташаккули қобилиятҳои ҳиссӣ, ки бо қобилиятҳои ақлонӣ робита доранд, ирода нақши асосӣ мебозад. Аниқтараш, майлу хоҳише, ки аз ҳиссиёт ҳосил мешавад, ба ин раванд таъсири назаррас мерасонад. Форобӣ ин ақидаро чунин баён кардааст: «Майл ба сӯйи чизи даркшаванда, дар маҷмуъ, зуҳури иродаи озод аст. Агар он аз ҳиссиёт ё тахайюл барояд, бо зуҳури иродаи озод номи муштарак мегирад, вале агар он аз тафаккур ё тааққул сарчашма гирад, он бо [истилоҳи] умумии иродаи озод ифода мешавад, ки махсуси инсон аст» [9, с. 288].

Насируддини Тусӣ дар «Ахлоқи Носирӣ» идроки олиро ба ду навъ ҷудо кардааст: яке он аст, ки «олоти он мушоири зоҳир бувад» ва онҳо панҷтоанд – босираву сомеа ва шоммаву зоиқа ва ломиса; дигаре он чи «олоти он ҳавоси ботин бувад» ва онҳо ҳам панҷтоанд – ҳисси муштарак ва хаёлу фикр ва ваҳму зикр. Қувваи иродиро бошад, ба ду қисм ҷудо мекунад – қуввати шаҳвонӣ ва ғазабӣ. Мутафаккир илова мекунад: «Ва тафсили осори ин қуваҳо ва далолат бар вуҷуди ҳар як ва тамйизи ӯ аз назоираш ва баҳс аз он, ки мабдаи ин қуво дар ашхоси ҳайвонӣ ва инсонӣ як нафси муҷаррад аст, ё нуфуз ва қувои мухталиф, тааллуқ ба илми табиӣ дорад ва ғараз аз эроди ин қадар дар ин мавзеъ он аст, ки то миёни қувватҳое, ки осори он ба ҳасби иродат ва равият (руъият – С.Б.) содир шавад ва такмили он ба иктисоб сурат бандад ва миёни он чи таъсир аз ҷиҳати табиат кунад ва қобили камоле зоид бар он чӣ дар асл фитрат ёфта бошад, нашавад» [26, с. 47].

Дар мавриди қувваҳои маърифатӣ, чунон ки маълум аст, қувваи ақлонӣ дар низоми фалсафии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ин ба он сабаб аст, ки қувваи ақлонӣ на танҳо инсонро аз ҳайвонот фарқ мекунад, балки бевосита бо раванди шинохт пайванд дорад. Маҳз, бо кумаки он, ки аз ҳамаи дигар қувваҳо болотар

аст, инсон дониши ҳақиқии айниро ба даст оварда, ба дараҷаи олии маърифат мерасад. Аз ин рӯ, дониши ақлонӣ бо камоли инсон иртиботи мустақим дорад.

Барои шарҳи беҳтари он, ки ин раванд чӣ гуна сурат мегирад, ҳарду мутафаккир ба таҳлили қобилияти инсон дар касби дониш ва таъсири маърифат ба ташаккули шахсияти ӯ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ҳангоми баррасии масоили дониш ва рушд, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ танҳо шинохти объектро аз ҷониби инсон ба назар намегиранд, балки раванди маърифат ва тағйироти руҳӣ ва зеҳниеро, ки дар натиҷаи он дар шахс ба амал меоянд, низ меомӯзанд. Ин ба он маъност, ки маърифат барои онҳо на танҳо омӯхтани ҳақиқати ашё, балки такмили худи инсонро низ дар бар мегирад.

Тибқи назари ин файласуфон, дар раванди маърифат таъсири мутақобила миёни субъект ва объект ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷаи он инсон тадриҷан такмил меёбад. Аз ин рӯ, мушоҳидаи воқеият ва интихоби василаҳои муносиб барои дарки ҳақиқии ашё аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Ҳар ду мутафаккир, бидуни дур шудан аз тафсири метафизикии ин масъала, касби донишро дар доираи робитаи нафс бо ҷисм ва роҳи такмили он дар раванди бозгашт ба сӯйи ақл муайян намудаанд. Бар асоси ин андеша, таъкид мешавад, ки ташаккули шахсият бевосита ба дониш вобаста аст. Раванди айният миёни субъект ва объект бо эҳтиёҷоти рушди инсон, яъне такмили имкониятҳои ақлонӣ, пайванди қавӣ дорад. Ин, дар навбати худ, нишонаи амалӣ гаштани камолоти инсон аст. Аз ин рӯ, барои расидан ба камол, инсон бояд пайваста кӯшиш кунад, ки дониши мукаммал касб намояд.

Ба ақидаи Форобӣ, дониши мукаммал маънои онро надорад, ки инсон метавонад ҳамаи донишҳоро ба таври баробар фаро гирад ва дар ҳама соҳаҳои илм ба дараҷаи олӣ бирасад. Баръакс, ӯ бо истинод ба Арасту таъкид мекунад, ки донишҳои инсон ба ду навъ тақсим

мешаванд: «Дониши матлуб – донишҳое, ки барои расидан ба ҳадафҳои амалии инсон ва беҳбуди ҳолати зиндагии ӯ заруранд. Ин донишҳо ба инсон кумак мекунанд, то дар ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ муваффақ бошад ва амале анҷом диҳад, ки ба нафъи ӯст; Донише, ки ба зоти худ арзишманд аст – донишҳое, ки на барои манфиати амалӣ, балки барои худи маърифат арзиш доранд. Ин донишҳо на ба хотири фоидаи берунӣ, балки барои дарки ҳақиқати ҳастӣ омӯхта мешаванд» [12, с. 214].

Форобӣ чунин тақсимотро муҳим меҳисобад, зеро он ба инсон имкон медиҳад, ки донишро мувофиқи табиати худ ва ниёзҳои равониву зеҳниаш интихоб кунад. Ҳамин тавр, тибқи ин тасниф, донишҳои амалӣ бештар бо амал ва татбиқи онҳо дар ҳаёт алоқаманданд, дар ҳоле ки донишҳои назарӣ бештар ба фаҳмиши амиқи мавҷудот ва ҷаҳоншиносӣ нигаронида шудаанд. Тибқи ин назария, инсон бояд вобаста ба ҳадафҳо ва хусусиятҳои шахсии худ, барои омӯзиши яке аз ин ду навъи дониш талош варзад.

Ба ақидаи Насируддини Тусӣ, инсонҳои комил онҳоеанд, ки хосияти камоли худро ба беҳтарин тарз зоҳир мекунанд. Вай бар он назар аст, ки нафси нотиқаи инсон дорои ду қувва мебошад:

1. Қувваи илмӣ – ки бо донишу маърифат иртибот дорад. Камолоти ин қувва дар он зоҳир мешавад, ки инсон шавқ ва майли амиқ ба дарки ҳақиқат ва илмҳои гуногун дошта бошад. Ба гуфтаи Тусӣ, инсон бояд то ҳадди имкон ба дараҷаи олии дарки мавҷудот ва ҳақиқатҳои онҳо бирасад.

2. Қувваи амалӣ – ки бо идора ва назорати рафтору кирдори инсон алоқаманд аст. Камоли ин қувва дар он аст, ки инсон тавонад қувваҳо ва амалҳои худро ба таври мураттаб ва муназзам созад, то ки дар ниҳояти кор миёни онҳо ҳамоҳангӣ ва тавозун вуҷуд дошта бошад.

Ба ин тартиб, аз назари Насируддини Тусӣ, инсон бояд ҳам дар илм ва ҳам дар амал ба дараҷаи олӣ расад. Комилтарин шахс касе аст, ки ҳам

дониш ва ҳам ахлоқи худро ба сатҳи баланд бардорад ва миёни онҳо тавозунро ҳифз кунад. Мутафаккир қайд мекунад, ки камоли қувваи назарӣ, ки «...тааллуқ ба назар дорад, ба манзалати сурат аст. Ва камоли дувум ба масобати модда ва чунонки суратро бе модда ва моддаро бе сурат суботу субут натавонад буд, ҳамчунин илм бе амал зоеъ бувад ва амал бе илм маҳол. Пас, илм мабдаъ аст ва амал тамом. Ва камоле, ки аз ҳар ду мураккаб бошад, он аст, ки онро ғараз аз вуҷуди инсон хондем, чӣ камол ва ғараз дар маънӣ ба якдигар наздик аст ва фарқ миёни ҳар ду ба изофат собит шавад.... Пас, чун инсон бад-ин дараҷа бирасад, ки бар маротиби коинот бар ваҷҳи куллӣ воқиф шавад, ҷузвиёти номутаноҳӣ, ки дар таҳти куллиёт мундариҷ бошад, бар ваҷҳе аз вуҷуҳ дар ӯ ҳосил омада бошад» [26, с. 57].

Тибқи назари Насируддини Тусӣ, амалҳои ихтиёрии инсон танҳо вақте метавонанд ба маърифат ва дарки ҳақиқии олам бирасанд, ки тавассути ақли амалӣ сурат гиранд. Агар инсон таҳти таъсири дигар қувваҳо амал кунад, ӯ ба ҳадаф ва камоли худ намерасад.

Тусӣ, ҳамчун пайрави Форобӣ ва Ибни Сино, ақли амалиро дар ду вазифаи асосӣ мебинад:

1. Исботи орои куллии амалӣ – яъне хулосабарории қонунҳои умумӣ дар бораи рафтор ва ҳукмҳо бар асоси муқаддамоти назарӣ.

2. Интиқол аз орои куллӣ ба баррасии ҷузъӣ ва барангехтани ирода – яъне татбиқи донишҳои умумӣ дар ҳаёти амалии инсон.

Ин раванд танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ақли амалӣ ҳамчун малака дар вуҷуди инсон устувор бошад ва фазилатҳо ҷойи разолатро гирифта бошанд. Аз ин рӯ, дар инсоншиносии Насируддини Тусӣ, нафси нотиқа на танҳо қобилияти шинохти ҳастиву нестиҳоро дорад, балки метавонад дар асоси ин маърифат амал кунад ва дар бораи он чӣ бояд анҷом дода шавад ё нашавад, тасмим бигирад.

Ин маърифат ду ҷанба дорад:

- ҷанбаи назарӣ, ки қобилияти инсонро дар шинохти олам ифода мекунад;

- ҷанбаи амалӣ, ки ба ташаккули шахсият ва рафтори инсон таъсир мерасонад.

Ҳар ду ҷанбаи маърифат барои камоли инсон заруранд.

Гузориши саволҳо дар бораи маърифат ва шахс дар таълимоти ин ду мутафаккир бо андешаҳои файласуфони Юнони қадим шабоҳат дорад. Аммо дар шарҳи онҳо ва усули баррасии масоили фалсафӣ, ҳар яке аз ин донишмандон роҳи хоси худро паймудаанд.

Барои Форобӣ ва Насируддини Тусӣ итминон ба ҳақиқати донишҳо тибқи нақшае сурат мегирад, ки дар он унсурҳои боварӣ, абадият, зарурат ва эҳтимол дар ҳукмҳо нақши муҳим доранд. Яъне, онҳо бар онанд, ки дониш бояд исботшаванда бошад ва танҳо дар асоси далелҳои мутлақ ва зарурӣ метавон ба ҳақиқат расид.

Тибқи таҳлили ин ду мутафаккир, касби дониши ҳақиқӣ раванди пайдарпайест, ки дар он унсурҳои зарурӣ бояд мавҷуд бошанд. Ин раванд бо боварӣ оғоз ёфта, ба дониши ҳақиқӣ мерасад. Он чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад:

- Субъект (С) – инсон, ки дар бораи ҳақиқат андеша мекунад.

- Шароити касби дониш (Ш) – ҳолатҳое, ки дар онҳо дониш ҳосил мешавад:

1. Шарти эътиқод: С боварӣ дорад, ки Ш (шарти дониш) дуруст аст.

2. Шарти ҳақиқат: Ш воқеан дуруст аст.

3. Шарти дониш: С медонад, ки Ш дуруст аст.

4. Шарти зарурат: Муҳол аст, ки Ш дуруст набошад.

5. Шарти абадият: Замоне вуҷуд надорад, ки дар он Ш ботил бошад.

6. Шарти ғайритасодуфӣ: Шартҳои 1-5 зотан ба иҷро мерасанд, на ба таври тасодуфӣ.

Аз рӯйи ин нақша, объектро танҳо дар сурате санҷидан мумкин аст, ки ҳастии он аллакай муайян шуда бошад. Ин маънои онро дорад, ки дар ибтидо объект танҳо мавриди эътиқод қарор мегирад, аммо бо таҳқиқ ва далелҳои мантиқӣ, он ба дониш (илм) табдил меёбад.

Ин раванд ду марҳила дорад:

1. Дарккунии ботинӣ – инсон ашёро дар сатҳи аввалияи эътиқод эҳсос мекунад.

2. Санҷиши мантиқӣ ва таҷрибавӣ – андешаҳои аввалия дар бораи ашё таҳқиқ мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки боварӣ худ ба худ мақоми донишро надорад, балки танҳо қадами аввал барои расидан ба дониши комил мебошад. Танҳо вақте ки объект ба таври мантиқӣ ва таҷрибавӣ исбот шуд, он мақоми илм пайдо мекунад.

Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мафҳуми итминон ба донишро на танҳо ба эътиқод, балки ба мантиқ ва исботи зарурӣ вобаста медонанд. Барои онҳо, маърифат на танҳо раванди субъективии эътиқод, балки системаи муназзамест, ки дар он унсурҳои боварӣ, ҳақиқат, зарурат, абадият ва ғайритасодуфӣ муттаҳид мешаванд.

Форобӣ дар масъалаи табиати эътиқод дар асари худ «Китоб-ул-хитоба», изҳор медорад, ки эътиқод шакли муайяни андеша аст, ки инсон дар бораи чизе баён медорад – яъне онро тасдиқ ё инкор мекунад. Дар чунин ҳолат, андешае, ки дар шуури инсон ташаккул меёбад, метавонад бо воқеияти зотии он чиз мувофиқат накунад. Аз ин ҷиҳат, Форобӣ таъкид мекунад, ки на ҳар тасдиқ ва на ҳар инкор ҳатман ба дониши ҳақиқӣ мерасонад, зеро ҳар ду ҳолат метавонанд дур аз ҳақиқат бошанд. Ин нишон медиҳад, ки эътиқод наметавонад худ ба худ кафолати дониши ҳақиқӣ бошад ва гоҳе натиҷаи надонистани ҳақиқат аст.

Дар идома, Форобӣ чунин тавзеҳ медиҳад: «Агар бигӯем, ки эътиқод – андешаест дар бораи ҳақиқати чизе, ки имкон надорад ботил бошад,

пас сухан аз дониши саҳеҳ меравад, на аз эътиқод. Дар ин сурат, фарқ фақат дар номгузорӣ аст. Вале дар ҳолате, ки андеша (ё эътиқод) бо тасдиқ ё инкор алоқаманд аст, он ҳатман ё дуруст хоҳад буд ё ботил. Ба гуфтаи Форобӣ, дар чунин вазъият ҳақиқат танҳо дар ҳолате сурат мегирад, ки имкони мавҷудияти варианти сеюм (ғайри тасдиқ ё инкор) вуҷуд надошта бошад. Ба иборати дигар, тасдиқи ҳақиқӣ танҳо замоне мумкин аст, ки фарзияҳои мухолиф пурра рад шаванд» [11, с. 442].

Чунин ба назар мерасад, ки Форобӣ дар мавриди дониш онро ба маънои дарки маърифат ва натиҷаи истидлоли мантиқӣ истифода мебарад. Вай дар баҳси дониши ҳақиқӣ ба шартҳое такя мекунад, ки реша дар мантиқ ва таълимоти Арасту доранд, аз ҷумла зарурат ва тағйирнопазирӣ. Ба назари ӯ, зарурат на ба маънои физикӣ, балки ба маънои эпистемологӣ ва ҳатто, психологӣ истифода мешавад. Зарурат вақте ба миён меояд, ки маърифаткунанда, ҳангоми сухан дар бораи объекти дониш, бовар дорад, ки он чиз дорои ҳувият ва мақоми муайян аст. Аз ин рӯ, ҳукм дар бораи он наметавонад танҳо бар асоси тасаввур ё таассуроти зоҳирӣ бошад, балки бояд дар заминаи ҷустуҷӯи ҳақиқат сурат гирад.

Ин аст, ки Форобӣ заруратро ҳамчун омили эпистемологӣ ва ҳатмӣ барои таҳқиқи воқеияти ашё мешуморад. Ҳамин маънӣ ба мафҳуми абадият низ иртибот дорад: вақте ки дар бораи ашё итминони комил ҳосил мешавад ва ин итминон бо гузашти замон тағйир намеёбад. Ин дар сурате аст, ки сухан дар бораи ҳақиқатҳои зарурӣ меравад, на контингентӣ (тасодуфӣ). Пас аз ҳосил шудани эътиқод, шахс бояд мавриди санҷиш қарор диҳад, ки оё он чизе, ки ба он эътимод дорад, дуруст аст ё на. Дар акси ҳол, ӯ дар муносибат бо ҷаҳон бар асоси маълумоте амал мекунад, ки шояд дурӯғ бошад. Форобӣ ин ҳолатро хатаре ҷиддӣ барои расидан ба ҳадафи ниҳоии инсон – дарки ҳақиқат

мешуморад. Зеро агар шахс натавонад ҳақиқат ё ботилии андешаи худро муайян кунад, ӯ ба таври нодуруст дарк ва амал мекунад.

Форобӣ дар «Китоб-ул-хитоба» чунин натиҷагирӣ мекунад: дониши ҳақиқӣ аз ҳукм дар бораи зарурат сарчашма мегирад ва навъҳои донишҳои ҳақиқӣ мувофиқ ба навъҳои ин гуна ҳукмҳоанд. Аз ин рӯ, ӯ донишҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад:

1. донишҳои мутлақан ҳақиқӣ (яъне донишҳое, ки дар ҳама ҳолат ва ҳама замон дурустанд);
2. донишҳои ҳақиқие, ки дар як замони муайян дуруст будаанд.

Форобӣ меафзояд: «Он имконияте, ки дар заминаи андеша вуҷуд дорад, ба он чизе ишора намекунад, ки воқеан, дар ашёи хориҷӣ ҳаст, балки ба чизе ишора мекунад, ки дар иртибот бо мо вуҷуд дорад» [11, с. 445]. Ин чунин маъно дорад, ки мо намедонем, ки оё андешаи мо бо воқеияти ашё мувофиқат мекунад ё не. Аз нигоҳи Форобӣ, он «имконият», ки ба шуури инсон ворид мегардад, на дониши собит, балки андешае аст, ки аз надонистани воқеият бармеояд – ҳолате, ки аз нодонӣ, вале нодонии мувофиқ бо донистан иборат аст. Дар натиҷа, ҳар гуна андеша дар бораи ашё дар зеҳн аз он ташаккул меёбад, ки чизе монанди дониш (яъне тасаввури муназзам ва таркибӣ) ба шуур ворид мешавад. Аммо то замоне ки ин дониш ба воситаи истидлол ва санҷиши мантиқӣ ба ҳақиқат мувофиқат накунад, он танҳо андеша бо эҳтимоли дуруст ё ботил будан боқӣ мемонад.

Ҳарчанд Насируддини Тусӣ, мисли Форобӣ, ба дидгоҳи анъанавии арастуӣ пойбанд аст, ки дониши ҳақиқии истидлолӣ танҳо дар бораи «ашёи зарурии маъқул» ба даст меояд, яъне он чизҳое, ки ба зоташон абадӣ ва бетағйир мебошанд, бо вуҷуди ин, ӯ бар нақши ҳадс (интуитсия) низ таъкид мекунад. Ба назари Тусӣ, инсон метавонад тавассути ҳадс дар бораи бисёр чизҳое, ки абадӣ ва зарурӣ нестанд, дониши боэътимод

пайдо кунад. Албатта, ин мавзуъ мавзуи баҳси муфассалтарест, ки дар бахшҳои оянда ба таври ҷудогона баррасӣ хоҳад шуд.

Дар ин маврид, бояд зикр кард, ки муносибати Тусӣ ба мафҳуми дониш комилан ҳамсон бо шарҳҳои фалсафии Форобӣ нест. Аз дидгоҳи Тусӣ, маърифат тавассути тасаввури ҳақиқатҳои мавҷудот ва тасдиқи аҳком ва ҷанбаҳои онҳо ба вуҷуд меояд. Яъне, дониши ҳақиқӣ вақте имконпазир аст, ки инсон бо неруҳои идрокии худ – махсусан, бо қувваи нафси нотиқа ба дарки зот ва воқеияти ашё даст ёбад.

Ба андешаи Насируддини Тусӣ, дониши ҳақиқӣ он аст, ки пайванди мустақим бо ҳақиқати ашё дошта бошад, на бо зоҳироте, ки зери таъсири тағйир ва таҳаввул қарор доранд. Он маълумоте, ки бар асоси тасаввуроти зоҳирии эҳсосӣ ҷамъ оварда мешаванд, танҳо маҷмуаи иттилоот буда, наметавонанд дониши илмӣ ба маънои аслӣ бошанд. Ба иборати дигар, дониши илмӣ маърифате нест, ки аз айнияти ашё бархезад, балки он донише аст, ки тавассути абстраксия ва ба воситаи қобилияти фикрии нафси инсонӣ ҳосил мегардад. Дар ин раванд, неруҳои ҳиссӣ танҳо зоҳироти ашёро дарк мекунанд ва наметавонанд инсонро ба ҳақиқати зотии онҳо бирасонанд. Аз ин ҷост, ки ба андешаи Тусӣ, василаи аслии дарки ҳақиқат на идроки ҳиссӣ, балки идроки ақлонӣ мебошад, ки хусусияти илоҳӣ ва доираи маънавии инсонро таҷассум мекунад.

Насируддини Тусӣ дар «Кушоишнома» дар ин бора чунин овардааст: «Пас, равшан шуд, ки камол ба ду чиз тааллуқ дорад: яке камоли дарёфтан чун камоли биноӣ, масалан, дигар – камоли дарёфтан чун камоли ҳусни сурат ва ҷумлаи ҳавосро ба мисоли ин маънӣ тавон овард. Чун ин маънӣ равшан гашт, гӯем: дарёфтани ақл аз дарёфтани ҳис ба бисёрӣ қавитар аст, чун ақл ҳақиқати чизро дармеёбад ва ҳис ҷуз зоҳир чизеро дар намеёбад. Ва низ сифоти чизе, ки ҳис дарёбад ба шумор

андак аст ва сифоте, ки ақл онро дармеёбад, бисёр аст, чунонки маълум гашт» [306, с. 219].

Ҳадди ниҳоии шинохт, ки инсон тавассути қувваи илмии ақл, аниқтараш – нафси нотиқаи худ, ба он ноил мегардад, вуқуфи ӯ бар мартабаҳои куллии ҳастӣ ба маънои умумӣ ва дарки ҷузъиёти номутаноҳӣ дар зери ин куллиёт ба маънои хос мебошад. Шаклгирии чунин шинохт амали инсонро ба низоми кулли вуҷуд ва ба рафтори мутобиқ бо қувваҳо ва малакоти маънавии ӯ пайванд медиҳад, то афъоли ӯ ба ҳасби тавоноӣ ва сайқали ахлоқии дарунӣ содир гарданд.

Аз ин ҷост, ки ҳикмат ба маънои аслиаш маҳсули ниҳоии ҳамин тасаввур ва тасдиқи ҳақиқии тамоми мавҷудот мебошад. Ба таъбири худи Насируддини Тусӣ, ҳикмат «донистани ҳамаи чизҳост, чуноне ки ҳастанд».

Ин дониш, ки дар мафҳуми ҳикмат таҷассум ёфтааст, ба андешаи Тусӣ, маънои ба феъл овардани тамоми камолотеро дорад, ки нафси инсонӣ қобилияти дарёфт ва татбиқи онҳоро дар ду сатҳ – илму амал дорост. Ин ҳам донистани ҳақиқатҳоест, ки мавриди ихтиёр ва иродаи инсон нестанд ва дар доираи ҳикмати назарӣ қарор мегиранд ва ҳам онҳое, ки зери таъсири ирода ва интихоби инсонанд ва мавриди омӯзиши ҳикмати амалӣ мебошанд, мисли масоили ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, ба монанди адолат.

Аз ин ҷо, хулоса мекунад, Насируддини Тусӣ, дониши ҳақиқӣ ва ё ҳикматро чунин маънидод кардан мумкин аст: «Ба феъл омадани ҳар камоле, ки дар нафси инсонӣ ба қувват бошад, аз илм ва амал. Аммо дар илм ба он, ки тасаввури ӯ вуҷудотро ва тасдиқаш ба аҳкоми ҳар як чунон бошад, ки ҳаст; тасаввуре том ва тасдиқе яқинӣ. Ва аммо, дар амал ба он ки халқи адолат, ки муштамил бувад бар таҳзиби қувватҳои нутқӣ ва шаҳвӣ ва ғазабии ӯро ҳосил бувад» [25, с. 410]. Бинобар ин, маърифаткунандаи дониши ҳақиқӣ, ё ҳаким шахсе аст, ки маърифатро

дар шакли донистани устувор дар нафси худ ба даст оварда, камолоти қувваи амалии худро дар зиндагӣ зоҳир месозад.

Ин нуқтаи назари Насируддини Тусӣ ба андешаи Форобӣ наздик аст. Форобӣ бар он аст, ки маъқулот дар низоми ҳастӣ ва сохтори олами маъқулот ба сурати қувва ва феъл комил мебошанд ва аз ин рӯ маърифаткунандаи онҳо низ бояд комил гардад. Аз ин ҷо бармеояд, ки маъқулот бояд объекти аслии дониши инсонӣ бошанд. Насируддини Тусӣ низ, мисли Форобӣ, бар ин ақида аст, ки ҳар қадар инсон бештар ба маъқулот рӯ оварад ва онҳоро идрок кунад, дар вуҷуди ӯ эҳсоси хоҳиши бештари шинохти олам бедор мешавад.

Ин иродаи шинохти олам, чуноне ки пештар ишора шуд, дар оғоз аз иттиҳоди неруи шавқ (ҳавас) бо қувваи тахайюлӣ падид меояд ва тадриҷан ба объекти фикр табдил меёбад. Дар ин марҳила, ирода, ки худ равандест зодаи озодӣ ва интихоби ақлонӣ, шакл мегирад ва он аз қувваи ақл сарчашма мегирад, ки бо озодии ирода мутобиқат дорад.

Дар таълимоти ҳар ду мутафаккир – Форобӣ ва Насируддини Тусӣ таъкид шудааст, ки инсон ба василаи озодии ирода аз ҳаёти ҷисмонӣ болотар меравад ва бо расидан ба ақли бафеъл, ба саодат ноил мегардад. Чунон ки ишора шудааст, бахту саодат танҳо дар натиҷаи амалҳое ҳосил мешаванд, ки бо ирода ва интихоби шахсӣ сурат мегиранд. Аммо ин амалҳо бояд фазилатманд бошанд – яъне бо табиати ақлонӣ ва донишҳои воқеӣ ҳамоҳанг бошанд. Бо такя ба ин мулоҳизаҳо, ҳар ду файласуф ба хулосае омадаанд, ки одамон бо қобилияти шинохти маъқулот аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Пас аз маърифати ашё, ҳар инсон ба таври гуногун онҳоро фаҳмида ва кашф мекунад: вобаста ба шароити иҷтимоӣ, талабот ба дониш, қобилияти идрок, тарзи интиқоли он ба дигарон ва ҳатто қобилияти роҳнамоӣ ба сӯйи дониш.

Форобӣ дар робита ба ҳамин масъала чунин мегӯяд: «Воқеан, ҳиссиёт, тасаввур ва тафаккур бидуни он, ки амалашон бо хоҳиш ва майл

ба сӯйи он чизе, ки дарк мегардад, сурат гирад, фаъол буда наметавонанд. Зеро хоҳиш – талошест ба василаи қувваи майл ба сӯйи он чизе, ки эҳсос, тасаввур ё тафаккур шудааст. Агар саодат, ки ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ тасаввур шудааст, тавассути тафаккур маърифат гардад ва неруи майл барои расидан ба он талош варзад ва ҳамзамон тафаккур муайян созад, ки барои расидан ба он бо кумаки тасаввур ва ҳис чӣ гуна амал лозим аст ва агар ин амалҳо тавассути узвҳое, ки дорои қувваи майланд, анҷом пазиранд, пас, тамоми афъоли инсон на танҳо боақл, балки зебо ва шоиста хоҳанд буд» [9, с. 291].

Дар таълимоти Насируддини Тусӣ консепсияи иродаи озод ва майл, нисбат ба таъбири метафизикии онҳо, бештар хусусияти табиатшиносӣ дошта, дар доираи масоили физикӣ баррасӣ ва таҳлил мешавад. Бояд ёдовар шуд, ки гносеология вобаста ба маърифати кайҳоншиносии ҳастӣ дар таълимоти Форобӣ (ба ҳадди камтар) ва Насируддини Тусӣ (ба ҳадди бештар) ҳамчун як навъ тафриқа миёни илми табиатшиносӣ ё нуҷумшиносии «физикӣ» (таълимот дар бораи осмон аз назари фалсафаи табиат) ва илми риёзӣ зуҳур мекунад. Дар ин замина, танҳо нуҷумшиносии «физикӣ» барои шарҳи сабабият дар зуҳуроти табиӣ муҳимтар дониста шуда, асосан ба фалсафаи табиати Арасту (назарияи ӯ дар бораи ҳаракат, маконҳои табиӣ ва низоми космологӣ) ва қабули назарияи қолабии фалакии кайҳонии ӯ такя мекард.

Аз ин ҷиҳат, онҳо бо Арасту ва Птолемей дар мавриди куравӣ будани Замин ва мавқеи он дар маркази Кайҳон, инчунин, курашакл будан ва ҳаракати даврии осмон ҳамназар буданд. Дар ин ҷо танҳо ба як ҷузъи масъала, яъне ҳаракат таваҷҷуҳ карда, зикр мекунем, ки агар Форобӣ назарияи ҳаракатро умдатан дар доираи кайҳоншиносии «физикӣ» тавзеҳ дода бошад, Насируддини Тусӣ онро дар омезиши кайҳоншиносии «физикӣ» ва илми риёзӣ маънидод мекунад.

Кайҳоншиносии «физикӣ»-и Форобӣ дар боло мухтасаран, дар ҳадди талаботи ин қисми диссертатсия баён гардид ва он на танҳо ба таълимоти Насируддини Тусӣ, балки ба афкори мутафаккирони дигари исломӣ, аз ҷумла Ибни Сино, шабоҳати зиёд дорад.

Насируддини Тусӣ бошад, дар назарияи маърифат қайд мекунад, ки қабл аз ҳама, саъю талоши инсон дар ҳаракати ӯ инъикос меёбад ва ҳамин ҳаракат ба зинда ва ғайризинда ҷудо мешавад. Мавриди зикр аст, ки муаррихони илми асри XX ба консепсияҳои марбут ба майл, аз қабили ангеза (импулс), таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд, зеро дар онҳо нуқтаҳои тобиш ва гардишро дар гузариш аз механикаи арастуӣ ва пайдоиши мафҳумҳои нав, чун инертсия (беҳаракатӣ), мушоҳида мекунанд. Дар асл, ба назар мерасад, ки консепсияи «ал-муʿāвиқ ад-дāхилӣ» (қувваи муқовимати дохилӣ) моҳияти ҳамон мафҳуми инертсияро ифода мекунад.

Дар ин замина, дар таълимоти Насируддини Тусӣ дар баъзе мавридҳо гароиш аз қоидаҳои маъмулии физикаи асримиёнагӣ низ мушоҳида мешавад. Масалан, дар ин ҷо тамоюли маъмулии асримиёнагӣ ба дарки суръати тезтар («асраъ») ва сусттар («абтаъ»), ё «гармӣ» ва «сардӣ» ҳамчун моҳият, на ҳамчун ченакҳои як қимати физикӣ, ба назар мерасад. Насируддини Тусӣ маънии тезҳаракатӣ ва сустҳаракатиро аз рӯйи зот (би-з-зот) яксон мешуморад.

Ӯ чунин қайд мекунад, ки он сифатест, ки зиёдшавӣ ё пастшавиро ифода мекунад ва танҳо дар муносибатҳое, ки миёни ашё ба вуҷуд меоянд, фарқиятро падид меорад. Ҳар чизе ки нисбат ба чизи муайяне тезҳаракат аст, метавонад худ нисбат ба чизи дигар сустҳаракат бошад. Азбаски ҳаракатро аз ин сифат ва табиат, ки худ мабдаи ҳаракат аст, ҷудо кардан имкон надорад, ҳаракат чизиест, ки зиёдшавӣ ва пастшавиро намепазирад. Зеро муносибати ҳамаи навъҳои ҳаракат бо он, чунонки дар қувва ва заъф фарқ мекунанд, яксон аст.

Ин нуктаро шарҳ дода, мутафаккир таъкид мекунад, ки аз он берун баровардани ҳаракати муайян бо истиснои ҳаракати дигар ба иллати афзалияти яке бар дигаре ғайриимкон аст. Ӯ, сипас, ба таври априорӣ (яъне бидуни таҷриба) таъкид мекунад: «... шиддат мегирад ё заиф мешавад, ки он бар асоси ихтилофи фарқиятҳои ҷисме, ки дорои хусусияти табиӣ [ҳаракат кардан] аст, муайян мегардад: ё аз рӯйи миқдор, яъне калон ва майда; ё аз рӯйи кайфият, яъне ғафсӣ ва борикӣ; ё аз рӯйи мавқеъ, яъне наздикӣ ё дурии аҷзо; ва ё аз рӯйи муносибат бо чизе, ки ба он пайваст аст ва бо он мувофиқат мекунад, ҳамчун ҳолати ҳаракате, ки дар он қарор дорад ва он дар робита бо сахтӣ ё сустии таркиби ҷисм муайян мешавад. Он – майл аст» [299, с. 281]. Аниқтараш, он майл ба сӯйи маърифати ашё, маърифати олам ба шакли хос ва ба даст овардани саодат ба таври умум мебошад.

Ин хоҳиш ва талоши инсон барои расидан ба саодат равандест муттасил, ки тамоми қувваҳои руҳонӣ ва нафсонии инсонро сафарбар месозад. Ҳадафи ниҳоии ҳаёти инсон фаротар аз олами моддист, зеро дар дунёи охират танҳо нафси онҳое, ки ҳаёти руҳониро аз сар гузарондаанд, метавонад зинда бимонад. Аз ин лиҳоз, дар ин олам муҳимтарин чиз он аст, ки инсон бояд ба роҳи дарёфти дониши комил, ки худ хушбахтии олӣ аст, қадам гузорад. Қадамҳо дар ин роҳ дар таълимоти ҳарду мутафаккир (Форобӣ ва Насируддини Тусӣ) равшан нишон дода шудаанд. Барои расидан ба саодати абадӣ, инсон бояд бидонад, ки саодат чист, онро ҳадафи худ қарор диҳад, ҳамеша дар назар нигоҳ дорад ва сипас, амалҳои нек ва хайрро анҷом диҳад.

Дастрасӣ ба саодат аз нигоҳи ин мутафаккирон ҳамчун як интихоби бошууронаи ахлоқӣ муайян мешавад, ки тамоми қувваҳои руҳониро барои кумак ба қисми ақлонии нафс (нафси нотиқа) сафарбар мекунад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар консепсияи маърифати худ оид ба олам ва инсон, дар доираи нақши

ақл, нафс ва майлу хоҳиш дар нисбати онҳо, баҳс намуда, сабабҳои амалӣ шудани андешаҳои худро бо далелҳо баррасӣ менамоянд. Ба ибораи дигар, вазифаи асосии ақл ва нафс таъмини хушбахтии инсон мебошад ва ин вазифа танҳо дар сурате пурра амалӣ мегардад, ки шахс дар тафаккури назарӣ ва амалӣ ба камол бирасад. Ба ин ҳадаф, метавон тавассути анҷоми корҳои хайр ва некукорӣ ба ҷомеаи фозилаи онҳо ноил гашт.

Дар баробари ин, ҳарчанд Насируддини Тусӣ низ, ба монанди Форобӣ, масъалаи маърифати олам ва инсонро дар доираи васеи илму донишҳои гуногун – аз ҷумла сиёсат, ахлоқ, дин ва ғайра мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳад, таваҷҷуҳи ӯ бештар ба илмҳои табиатшиносӣ равона гардидааст.

Таҳлилҳои афкори Насируддини Тусӣ ва порчаи дар боло овардашуда аз шарҳи ӯ ба «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино гувоҳӣ медиҳанд, ки дар чунин ҳолатҳо ӯ мекӯшад аз ҷанбаҳои метафизикӣ ва ирфонӣ канора ҷуста, маърифати олам ва инсонро дар иртибот бо илмҳои физика ва нуҷумшиносӣ шарҳ диҳад.

Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар андешаи фалсафии худ консепсияи маърифати оламро ба сифати раванд ва низоми мураттаби ақлонӣ, ҳиссӣ ва метафизикӣ шарҳ додаанд. Онҳо шинохти ҳақиқатро ба василаи пайванд миёни нафс, ақл ва ҷаҳон тасвир карда, бо истифода аз таълимоти фалсафаи Юнон ва арзишҳои исломӣ, системаи гносеологии мушаххасе таҳия намудаанд. Маърифат, ба ақидаи онҳо, танҳо замоне комил аст, ки ақли инсон бо Ақли Фаъол пайванд ёбад ва маъқулотро ба шакли соф дарк намояд. Дар ин раванд, неруҳои ҳиссӣ, нафси нотиқа, ирода ва камоли ахлоқӣ нақши асосӣ мебозанд. Ҳар ду мутафаккир маърифатро на танҳо воситаи дарки ҳақиқат, балки шарти асосии расидан ба саодати комили инсонӣ мешуморанд. Аз ин рӯ, онҳо илму

амалро бо ҳам омезиш дода, шинохти инсонро аз олам ва хештан ба сифати мақсади асосии зиндагӣ таъриф мекунанд.

5.2. Консепсияи ҳақиқат ва меъёрҳои он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ

Баррасӣ ва таҳлили мафҳумҳо ва мавзуи ҳақиқат дар фалсафа умуман ва хусусан дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ муҳаққиқро водор месозад, ки маҳдудиятҳои ниҳон дар табиати худи ашё ба назар гирифта, дуруст ё ботил будани андешаҳо дар мувофиқат ё номувофиқатӣ нисбат ба объекти он муайян гардад. Маҳз, ҳамин тарзи тафсири мафҳуми ҳақиқат ба аксарияти мутафаккирони атиқа ва Шарқи асримиёнагӣ хос аст, ки ҳақиқат ва ботил (дурӯғ)ро ҳамчун хусусияти гносеологии дониши инсон, дар иртибот бо воқеияти шинохташаванда инъикос кунанд.

Аз рӯйи табиати худ, ҳама раванди ҷамъи дониш маърифат аст. Аммо чӣ гуна метавон муайян кард, ки ин ё он фикр дуруст аст ё на? Ин ва саволҳои монанди он ҳангоми баррасии масъалаи ҳақиқат зарурати муроҷиат ба далел, асосноккунии фикр, тасдиқ, инкор ва дигар воситаҳои маърифатиро ба миён меоранд. Ин омилҳо ба маърифаткунанда имкон медиҳанд, ки дар дараҷаи муайян, ҳақиқӣ будани донишҳои худро арзёбӣ ва муайян намояд. Дуруст аст, ки чунин итминон ҳеҷ гоҳ комилан мутлақ буда наметавонад – ҳамеша эҳтимоли фикри ботил дар бораи масъалаи баррасишаванда боқӣ мемонад. Ин нуқтаи назарест, ки онро дар таълимоти мутафаккирони юнонӣ низ метавон дарёфт. Ҳангоме ки масъалаи ҳақиқат матраҳ мегардад, қабл аз ҳама, онро аз ҷиҳати этимологӣ тавзеҳ медиҳанд. Дар илми муосири аврупоӣ, маншаи ин мафҳумро аксаран, аз калимаи қадимии англисии *treowth* медонанд, ки маънои садоқат, вафодорӣ ва аз ин рӯ, ваъдаи

эътимодро дар бар мегирад. Таърифи маъмули аввалин аз ҳақиқат чунин аст: ҳар чизе, ки ҳақ аст, бояд ба воқеият мувофиқат намояд.

Мо ин нуқтаи назарро дар андешаҳои Афлотун низ мушоҳида мекунем. Дар «Тимей» ӯ мегӯяд: «Чунон ки ҳастӣ бо тавлид иртибот дорад, ҳақиқат низ, бо эътиқод чунин пайванди зотӣ дорад» [138, с. 511]. Дар ин ҷо, Афлотун ба тафовути байни донишҳои аввалияи «устувор», «раднопазир», «доимӣ ва даркшаванда» ва он чизе, ки танҳо «нусха» ё «шабеҳ»-и донишҳои тағйирёбандаи аввалӣ мебошанд, ишора мекунад. Ин ҷо сухан дар бораи диалектикаи байни воқеият ва тафаккур меравад. Чӣ қадаре ки эътиқод ба ҳақиқат наздик гардад, ҳамон андоза мушкил аст, ки ба «донишҳои ҷовидона» пурра даст ёфт. Метавон гуфт, ки ин порчаҳо назарияи мувофиқати ҳақиқатро дар бар мегиранд: яъне, баёни ҳақиқӣ бояд бо ҳолати воқеае, ки ба он ишора мешавад, мувофиқ бошад.

Чунонки аллакай бароямон маълум аст, дар афкори фалсафӣ-мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, аз ҷумла дар консепсияи ҳақиқат, таъсири файласуфони юнонӣ, махсусан, Афлотун ва Арасту хеле бузург аст. Ба андешаи Арасту, ҳақиқат (alêtheia) дар мувофиқати байни ду ченак ифода меёбад: тафаккур (diánoia) ва шайъ ё далел (tò prâgma). Ботил, баръакс, он ҳолатест, ки чунин мувофиқат вуҷуд надорад. Ҳолате ботил ҳисобида мешавад, ки ҳукм ё хулосаи баёншуда ба воқеият мутобиқ набошад, зеро гӯянда дар фаҳмиши худ ин мувофиқатро аз даст медиҳад ва дар мавриди шайъи воқеӣ фирефта мешавад (lanthánei).

Дар ин маврид, сухан дар бораи тасдиқ ё инкори маълумоти гирифташуда меравад. Арасту, ҳангоми баррасии андешаи ҳамасронаш доир ба ҳақиқат, таъкид мекунад, ки ҷавоби амиқ ба ин масъала на танҳо дар эътирофи ҳукм (масалан: «чизе ҳаст» ё «нест») маҳдуд мегардад, балки муҳимтар аз он – фаҳмидани таърифи ботил ва мувофиқати маънии он бо ҳақиқат аст. Ӯ менависад: «Аммо агар ботил ҷуз инкори

ҳақиқат набошад, пас ҳама чиз метавонад ботил бошад, зеро яке аз ду ҷузъи тазод бояд дуруст бошад. Аз ин рӯ, агар нисбат ба чизе тасдиқ ё инкор зарур бошад, имкон надорад, ки ҳам тасдиқ ва ҳам инкор ботил бошанд – танҳо яке аз онҳо метавонад ботил бошад... Агар касе тасдиқ кунад, ки ҳама чиз дуруст аст, он гоҳ тасдиқеро, ки ба андешаи худи ӯ мухолиф аст, низ дуруст мешуморад ва дар натиҷа, бо тасдиқи худ онро ботил месозад. Ҳамчунин, агар касе бигӯяд, ки ҳама чиз дурӯғ аст, пас ин сухани ӯ низ дурӯғ мешавад» [17, с. 143-144].

Ин ҷанбаи мантиқии фаҳмиши ҳақиқат аст, ки аз роҳи дуруст ё нодуруст будани ҳукмҳою қазияҳо ташхис мешавад. Вале консепсияи ҳақиқат на танҳо дар мантиқ, балки дар доираҳои васеътари тафаккури фалсафӣ – метафизика, физика, кайҳоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва инсоншиносӣ – аз ҷониби мутафаккирони атиқа ва махсусан намояндагони мактабҳои ақлонӣ дар шарқи исломӣ, монанди Форобӣ ва Тусӣ, тафсир шудааст.

Дар маҷмуъ, мафҳуми ҳақиқатро дар андешаҳои Форобӣ ва Насируддини Тусӣ – мисли дигар пайравони мактабҳои ақлии исломӣ, метавон дар шакли зерин ҷамъбаст намуд:

1. Ҳақиқат ҳамчун ҳадафи олӣ: ҳақиқат чизест, ки ҳанӯз ба таври комил ба он даст наёфтаанд. Ба ибораи дигар, ҳақиқат ҳамчун нуқтаи ниҳоии роҳи маърифат фаҳмида мешавад ва аз ин рӯ, ҳамчун уфуқи тафаккур ва ҳаёти инсон арзёбӣ мегардад.

2. Мантиқ ҳамчун василаи расидан ба ҳақиқат: Форобӣ моҳияти мантиқро дар ин раванд шарҳ дода, қайд мекунад, ки мантиқ маҷмуи қонунҳоест, ки такмили ақлро таъмин менамояд ва «инсонро дар ҳама ҳолатҳои маърифати маъқулот, ки хатогӣ дар онҳо имконпазир аст, ба роҳи ҳақиқат ҳидоят мекунад». Ӯ таъкид мекунад, ки қонунҳое, ки барои санҷиши маъқулот истифода мешаванд, хатарҳои иштибоҳро коҳиш медиҳанд, аммо кафолати мутлақи ҳақиқатро намедиҳанд.

3. Маъқулоти ғайриштибоҳӣ: Форобӣ ишора мекунад, ки дар низоми маъқулот ашёе мавҷуданд, ки қобили иштибоҳ нестанд – ашёе, ки худи инсон дар бораи онҳо андеша мекунад ва ба назар мерасад, ки дониши боэътимоде табиатан ба ӯ ато шудааст.

Тақрибан ба ҳамин маънӣ, Насируддини Тусӣ низ дар бораи илми мантиқ сухан ронда, ба таври мушаххас ба санъатҳои мантиқ (ṣinā'at al-manṭiq) ва бахше аз он, ки ба хосиятҳо ва сабабҳои иштибоҳ бахшида шудааст, ишора мекунад. Ӯ нишон медиҳад, ки чӣ гуна фарқ кардани ҳақ аз ботил ва ҳазар аз иштибоҳ дар раванди тафаккур имконпазир аст. Тусӣ ин нуқтаро дар асари машҳури худ «Асос-ул-иқтибос» бо таҳлили масоили марбут ба тасдиқот, сидқ ва кизб (ростӣ ва дурӯғ), тарзи ҳосил кардани натиҷаи содиқ аз қиёсоти содиқ ва ғайрисодиқ, инчунин, мавзуъҳои исбот (исбāt) ва радд ё ибтол (ibṭāl) тавзеҳ медиҳад.

Аз ҷумла, ӯ доир ба мафҳуми сидқ ва кизб чунин мефармояд: «...ҳар қазияе, ки ҷузъи қазияи шартӣ гардад, исми қазия аз ӯ бардошта мешавад. Ва хосияти ахёри хориҷӣ – яъне нисбати он ба сидқ ва кизб аз он соқит мегардад ва он хосият ба рабти миёни он қазия ва қазоёи дигар, ки боқимондаи аҷзои қазияи шартӣ мебошанд, марбут мешавад. Масалан, агар бигӯем: «Агар офтоб тулуъ кунад...», он гоҳ тасдиқ ё такзиби мустақими ин ҷумла ғайриимкон мешавад, зеро он акнун дар чаҳорчӯбаи муносибати шартӣ қарор мегирад» [25, с. 80].

Дар муқоиса бо Форобӣ, чунонки аз осори Тусӣ ва махсусан аз ҳамин сатрҳо бармеояд, ӯ дар доираи мантиқ мафҳуми ҳақиқатро ба таври мустақим ба кор намебарад. Ӯ бештар бо истилоҳоти сидқ ва кизб, содиқ ва ғайрисодиқ, исбот ва ибтол кор мекунад. Бо вуҷуди ин, чунонки дар боло низ зикр шуд, дар таълимоти ҳар ду мутафаккир мафҳуми ҳақиқат на танҳо дар чаҳорчӯбаи мантиқ, балки дар соҳаҳои метафизика, кайҳоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва инсоншиносӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Аз ин ҷиҳат, ҳақиқат ҳамчун ҳадафи олӣ, дар марҳилаи маърифати зоти илоҳӣ, бо тафсири сифати илоҳии «Ҳақ» маънидод мешавад. Дар андешаи Форобӣ, Худо нахустин мавҷуд аст, ки дар бораи ҳастии дигарон иттилоъ медиҳад ва ҳамчун «Ягонаи аввалин, ба ғайр аз худаш, ба ҳар чизе ваҳдат мебахшад ва «Ҳақ» аст – яъне Ӯст, ки ҳақиқатро ба ҳар чизе, ки ҳақиқат дорад, мерасонад, Форобӣ меафзояд, ки Ӯ чӣ гуна ва бо кадом тарз иттилоъ медиҳад. Ӯро аз ҳар гуна касрате, ки мумкин аст ба вуҷуд ояд, комилан берун медонад – яъне, дар Ӯ на танҳо касрат нест, балки имкони онро низ рад мекунад. Ӯ дар ном ва маънии худ ҳақтарин аст ва дар муқоиса бо ҳамаи мавҷудоти дигар, ки дар мавриди онҳо мо аз моҳият ва ё ҳақиқат сухан мегӯем, Вуҷуди ягона ва комил аст» [9, с. 174].

Тақрибан ҳамин тавр, Насируддини Тусӣ низ дар посухҳояш, дар китоби «Шарҳ-ул-ишорот»-и Ибни Сино, моҳияти Худоро дар доираи фаҳмиши ирфонӣ-тасаввуфӣ тавзеҳ дода, қайд мекунад, ки «ҳар касе, ки барои касби чизе саъй дорад, аз он шуруъ мекунад, ки бояд ба андешаи вай, аз ҳар чизе, ки ӯро аз ҳадафҳо дур мекунад, ҳазар намояд. Сипас, ӯ ба он рӯй меоварад, ки ба андешаи ӯ, ӯро ба ҳадаф наздиктар мерасонад ва оқибат ба он мерасад. Аз ин рӯ, толиби Ҳақ бояд аз ҳар чизе ҷуз аз Ҳақ дурӣ ҷӯяд, ба вижа, аз он чизе, ки метавонад ба ҷустуҷӯяш халал расонад, яъне неъматҳои дунё ва манфиатҳои он. Он гоҳ бояд худро ба такмил додани он амалҳое бахшад, ки ба ақидаи вай, ӯро ба Ҳақ наздиктар мерасонанд» [337, с. 126].

Мусаллам аст, ки ин консепсияи фалсафӣ-ирфонӣ бо назарияе иртибот дорад, ки дар пояи он ҳақиқат ҳамчун мувофиқат ё тавозун бо рушди олам асос меёбад. Дар ҳақиқат, санавият (дугонагӣ)-и сидқ ва кизб (рост ва дурӯғ), содиқ ва ғайрисодиқ, исбот ва ибтол, баъзан тавассути нақше мавриди интиқод қарор мегирад, ки дар он эътиқодҳое, ки таъбири мафҳуми ҳақиқатро ҳамроҳӣ мекунанд, барои муайян кардани далелҳои ҳақиқат ҷалб карда мешаванд. Воқеан, дар баъзе

ҳолатҳо, дар ақоиди хитобавии ин ду мутафаккир, санавият ё дугонагии ҳақиқат ва ботил фаротар гузошта шуда, барои интихоби қазияи сеюм байни ҳақиқат ва ботил ҷойи бештар гузошта мешавад. Ин нукта ба фаҳмиши воқеияти метафизикӣ дахл дошта, саволе ба миён меояд, ки онро чӣ гуна тавсиф додан мумкин аст. Дар ҷавоб ба ин савол танҳо хотиррасон кардани он кофист, ки агар шахс чизеро, ки ба ҳайси далелҳои асосии вуҷудият мешуморад ва агар онҳо дар ҳақиқат чунин бошанд, пас, ӯ кашф хоҳад кард, ки онҳо комилан бо ашёи боқимондае, ки медонад, муттаҳид мешаванд.

Хулоса, далелҳои асосӣ бояд хеле умумӣ, ба таври васеъ ё ба таври умум, татбиқшаванда бошанд – далелҳое, ки дар ҳама ҷо ва дар ҳар замон, бе ягон истисно ба кор бурда мешаванд. Санҷиши он, ки оё шахс воқеияти метафизикиро муайян кардааст, натиҷаест, ки бо татбиқ шудани он бо ҳамаи ашё бояд мувофиқат дошта бошад. Аз ин рӯ, он бояд ба ҳар як тасдиқи фикр ва ҳар як имкони воқеӣ мувофиқ бошад. Албатта, пайдо кардани ягон тасдиқ ё ҳукме, ки ҳама чизро ба он мутобиқ созад, имкон надорад. Воқеияти метафизикӣ метавонад танҳо ба воситаи тасдиқи мақулавӣ ва ё экзистенсиалӣ (вуҷудӣ) ташаккул ёбад – тасдиқ дар бораи он, ки «чизе чунин аст» ва на дар бораи он ки «агар он чунин бошад, аз он чизи дигар бармеояд».

Бо нигоҳ доштани воқеиятҳои метафизикӣ дар доираи таваҷҷуҳи ақл, метавон тавассути мантиқ, идроки дақиқ ва гоҳе, таҳлили густарда дар соҳаҳои мухталифи фалсафа ба хулосае омад, ки то ҳадди имкон дуруст аст. Дар фалсафаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ба монанди фалсафаи юнонӣ, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки сарҳадҳои он аксаран аз дохили майдони мубоҳисаҳо муайян гардад ва онҳоро аз ҷузъҳои дигари фарҳанг ва ҷомеа – тафаккури мифологӣ, мубоҳисаҳои теологӣ (каломӣ) ва ғайра ҷудо созанд.

Барои ҳардуи ин файласуфон, фалсафаи аввал ва ё метафизика, аз фанҳои дигар бо фазилати мавзуи хеш – яъне дониш дар бораи Ҳақиқати аввал фарқ мекунад, ки он иллати ҳақиқатҳои дигар аст. Аз ин рӯ, комилтарин ва олитарин файласуф касе хоҳад буд, ки ин навъи донишро касб карда бошад. Аммо чунин, ба истилоҳ, ганҷинаи умумиинсониро бе ҳамраъйии файласуфони фарҳангҳои гуногун ва забонҳои мухталиф, ки дар тули асрҳо ба вуҷуд омадааст, тасаввур кардан имкон надорад. Ягон забон ё фарҳанг набояд даъвои соҳибият ба тамоми ҳақиқат ва ҳамаи ин ганҷи муштаракро дошта бошад. Ҳақиқат ин масъалаест, ки дар он саҳми ҳар фарҳанг, забон ва одамони гуногун гузошта мешавад.

Ба ин маъно, мураттибони нашри русии китоби «Рисолаҳои таърихӣ-фалсафӣ» [12, с. 14] дар сарсухани он савол мегузоранд, ки талоши Форобӣ барои «ҷустуҷӯи ҳақиқат «дар афкори пешгузаштагон» чӣ гуна шарҳ дода шавад? Барои ӯ рӯ овардан ба мероси фалсафии Афлотун ва Арасту на ҳадаф, балки василаи ба даст овардани дониши ақлонӣ мебошад. Ба андешаи Форобӣ, ду ҳукми ба ҳам мутазод – дар бораи он ки ҳама чиз ҳақ аст ва дар бораи он ки ҳама чиз ботил аст на якдигарро истисно, балки пурра мекунанд. Онҳо на дар алоҳидагӣ, балки танҳо дар ҳолате, ки якҷо фаҳмида шаванд, дар ягонагии худ ҳақиқӣ буда метавонанд. Аз ин рӯ, дар афкори пешгузаштагон наметавонад танҳо иштибоҳ ва ҳамчунин, танҳо ҳақиқат вуҷуд дошта бошад.

Дар ин замина, ҳадафе ба миён меояд, ки Форобӣ, ба монанди Арасту, ба он пайравӣ мекунад: «Аз фалсафаи пешина дурустӣ (ҳаққ)-ро гирифтан ва аз иштибоҳ канора гирифтан зарур аст» [12, с. 15]. Бешак, чунин муносибат ба тамйизи ҳақ ва ботил бо равишҳои гуногун, бо анъанаҳо ва низомҳои гуногуни дониш ва тафсиру таъбирҳо иртибот дорад. Аз ин рӯ, баррасии масъалаи ҳақиқат ҳамчун як мавзуи

метафизикӣ аксаран бо методологияи фалсафии анъанавӣ ва бо истифода аз услуби синтетикӣ сурат мегирад.

Дар ин ҷо ҳамчунин масъалаи меъёри ҳақиқат ба миён меояд, ки таърифи онро, масалан, дар «Философская энциклопедия» («Энсиклопедияи фалсафӣ») чунин овардаанд: «Меъёрҳои ҳақиқат (аз юнонӣ – criterion – ченак, воситаи ҳукмронӣ) – василаест, ки ба воситаи он ҳақиқати дониш муайян мегардад ва ҳақ аз иштибоҳ фарқ карда мешавад» [471, с. 89-90].

Ин таърифест, ки аксарияти муҳаққиқону файласуфон бо он ихтилоф надоранд. Ин масъаларо Г.Д. Левин матраҳ намуда, масъалаҳои марбут ба меъёри ҳақиқатро муайян кардааст. Ба андешаи ӯ, «масъалаи меъёри ҳақиқат дар он аст, ки чӣ гуна метавон бовар ҳосил кард, ки дониш ба объекти мофавқуттабиӣ мувофиқат мекунад, ба шарте ки худи дониш дар ихтиёри мо бошад. Муҳаққиқон кӯшиш мекунанд, ки аз ин масъала канорачӯйӣ кунанд ва онро бо масъалаи исбот (бурҳон) иваз намоянд. Нишон дода шудааст, ки ин як масъалаи қолабии илмист, ки ба воситаи усулҳои қолабии илмӣ ҳаллу фасл мегардад: хулосабарорӣ бо қиёс ва усули гипотетикӣ (тахминӣ)-дедуктивӣ. Ба воситаи ин усулҳо таърифи кантии меъёри ҳақиқат ҳамчун нишондиҳандаи дониши ҳақиқӣ муайян мегардад ва ҳақиқат, эътимод ва таносуби дониш бо эътиқод баррасӣ карда мешаванд» [114, с. 74].

Баҳси Форобӣ дар бораи ҳақиқат аз хулосаи он матлабе бармеояд, ки имрӯз бо назарияи мутобиқат бо ҳақиқат маъруф аст ва ба он қисман дар порчаи болозикр ишора шудааст. Ӯ таъбири ин назарияро дар асараш – «Шароит-ул-яқин» ба шакле печида ва мураккаб баён мекунад (шояд ба ҳамин сабаб, дар тарҷумаҳои русии осораш ин порча нодида гирифта шудааст). Дар он, шарти ҳақиқатро дар мувофиқат (мутабақа)-и ақида – хоҳ мусбат ва хоҳ манфӣ бо вазъи ашёи воқеии беруна вуҷуд-уш-шайъ мин хāриҷ (ҳастии чизро аз берун) мебинад. Яъне, ҳақиқат баробар

аст бо набудани мухолифат байни он чизе, ки ақида тасдиқ мекунад ва вазъи воқеии ашёи берун аз нафс.

Дар ин замина, Форобӣ таърифи зерини ҳақиқат (ас-сидқ)-ро ба ҳайси чунин мувофиқат пешниҳод мекунад: «Ин аст маънои сидқ – яъне эътиқод ба чизи мавриди эътиқод, ба ҳадде ки он берун аз нафс аст, ё ба ҳадде ки он мавзуи эътиқод мебошад. Мавҷудоти хориҷ аз эътиқодот, бо нисбат додани онҳо ба мавзуоти онҳо, ки берун аз нафсанд, ё ба ҳадде ки берун аз эътиқодотанд, ё дурӯғин мешаванд ва ё ҳақиқӣ. Зеро агар сифатҳои онҳо нисбат ба иҷоб (тасдиқ) ва салб (инкор) бо сифатҳои ашёи беруна мувофиқат кунанд ва мухолиф набошанд, он гоҳ эътиқод дуруст аст. Вале агар сифатҳои ашё ба эътиқод мухолиф бошанд, пас эътиқод ботил мешавад» [233, с. 98].

Форобӣ барои ташаккули тавсифи дақиқи робитаҳо дар масъалаи мутобиқат заҳмати зиёд мекашад. Ин масъала бо он нукта пайванд дорад, ки таърифи қолабии эътиқоди ҳақиқӣ бар асоси мутобиқати он ба мавҷудоти хориҷӣ, доираи ҳақиқатро ба таври ноодилона маҳдуд месозад. Агар мо ин маъниро дар шакли кунуниаш қабул намоем, пас эътиқоди ҳақиқӣ танҳо нисбат ба мавҷудоти ҷисмонӣ ва моддӣ, ки табиати ғайризеҳнӣ доранд имконпазир хоҳад буд. Дар ин ҳолат, ҳақиқат ҳамаи он чизҳоро, ки ба ҳолатҳои ботинӣ, равонӣ, инчунин ҳақиқатҳои мантиқӣ ва забонӣ дахл доранд (яъне он чизҳое, ки дар асрҳои миёна маъқулоти «дуюмдараҷа» номида мешуданд), истисно мекунад. Ин тавзеҳ дар порчаи баҳсбарангези «Шароит-ул-яқин» зоҳир мегардад, ки ҷойгоҳи он дар миёни далелҳои асосии матн то ҳол комилан рӯшан нест.

Дар ин порча Форобӣ тавзеҳ медиҳад, ки истилоҳи «хориҷӣ» ба маънои истиснои будишҳо ё ҳолатҳои равонӣ ҳамчун субъекти муқаддамоти ҳақиқӣ набуда, балки «ҳар гуна таассурот дар нафс аст, ки бо субъекти муқаддамот ишора шуда, хориҷӣ ҳисоб меёбад» [233, с. 98].

Ҳамин тариқ, «хориҷӣ» маънои берун аз нафсро надошта, балки «хориҷӣ барои эътиқод»-ро ифода мекунад. Аммо, дар ин замина, чунин тасниф аз он сабаб низ муҳим аст, ки ба меъёри сеюми эътимоднокии Форобӣ – шарти дониш иртибот дорад. Азбаски шарти дониш шакли дуюми эътиқодро ба таърифи итминони мутлақ ворид мекунад, зарур аст, ки шарти ҳақиқӣ тавре таҳия карда шавад, ки ба он эътиқодҳои ҳақиқие ворид гарданд, ки субъектҳои онҳо эътиқодоти беруна (хориҷӣ) мебошанд: «Худи эътиқодро метавон яқин ё занн (гумон), содиқ ва ё кизб (дурӯғ) ҳисоб кард ва эътиқоде, ки он содиқ ё козиб ва ё яқин, ё занн ва ё ғайри онҳо дониста мешавад, бояд бар эътиқоде ҳамл гардад, ки он низ аз хориҷ аст, пас, хориҷ аз эътиқодест, ки ба он муътақиданд, ки дар он масалан, занн ё яқин аст. Бар пояи он касрати ашёи мантиқӣ ва маъқулот вуҷуд доранд, ки онҳоро маъқулоти дуюмдараҷа меноманд ва онҳо бояд ғайри мутобиқ ё ғайри муқобил бошанд ва он занни содиқе хоҳад буд, ки шахси муътақид сидқ будани онро эҳсос намекунад» [233, с. 99].

Бояд тазаккур дод, ки Форобӣ дар ин порча «яқин»-ро ба «илм» дар доираи мухолифатгузории суннатии дониш ва эътиқод, ки дар маркази таваҷҷуҳи «Аналитикаи дуюм»-и Арасту низ қарор дорад, иваз кардааст.

Насируддини Тусӣ низ дар афкори мантиқиаш барои исботи ҳосил намудани ҳақиқат дар ҳукмҳо ва қазияҳои хеш истилоҳоти дар боло зикршударо ба кор бурда, аз ҷумла, дар бораи чигунагии тааллуқ доштани сидқ ва кизб ба қазияҳои шартӣ сухан рондааст. Ба андешаи ӯ, ҳар қазияе, ки ҷузъи қазияи шартӣ шавад, номи қазия аз он бар мехезад ва «хосияти ахёри хориҷӣ, яъне тааллуқи сидқ ва кизб» аз он барканор гашта, ба робитаи миёни он қазия ва қазияҳои дигар, ки ҳамчун боқии ҷузъҳои шартӣ мебошад, табдил меёбад. Дар ин ҳол, сидқ ва кизбро бояд аз вазъи робитаи қазияи шартӣ баррасӣ кард ва на аз вазъи қазияҳое, ки ҷузъҳои он бошанд. Гоҳе чунин ҳам буда метавонад, ки лузум на дар

қазияи ҳақиқӣ, балки ба ҳасби лафз бошад ва тасдиқ мекунад: «Чунонки гӯянд: агар панҷ завҷ (ҷуфт – С.Б.) аст, пас, адад аст, на лузуми толӣ на ба ин иллат аст фӣ нафс-ул-амр. Ва ин қазия дар лафз содиқ бувад ва ба маънӣ козиб, чӣ муштамил бар вазъи муҳол аст, пас, лузуме ё ҳақиқӣ бувад ё лафзӣ» [25, с. 81]. Бар пояи муайян намудани таносуби сидқ ва кизб (содиқ ва козиб) Насируддини Тусӣ ба тадриҷ ба тавзеҳи мафҳуми «яқин» мегузарад ва барои он шарт мегузорад: аввалан, «яқин – эътиқоди содиқ аст, бинобар ин, бояд мутобиқат бо воқеият (айният бо назарияи мутобиқати Форобӣ) дошта бошад, то ки «ҷаҳли мураккаб хориҷ шавад»; сониян, эътиқод – ҷозим, яъне қотеъ ва бегумон аст, аз ин хотир, «зан(н)» аз таърифи яқин хориҷ мешавад ва эътиқоди ҷозим эътиқодест ҳамроҳ бо ин эътиқод, ки ба файзи эътиқоди аввал мумкин нест, аз ин рӯ, ҷазм – баёнгари эътиқоди дуюм аст; яқин – эътиқоди собит ва ғайриқобили завол аст, яъне ҳамроҳ бо ин эътиқод аст, ки нақзи он содиқ нест ва мумкин ҳам нест, ки ин эътиқоди дуюм завол пазирад» [312, с. 226]. Дар натиҷа, «яқин»-ро ҳамчун эътиқоди содиқи ҷозими собит арзёбӣ кардан мумкин аст. Инчунин, натиҷа он аст, ки Насируддини Тусӣ дар чунин таърифи «яқин» масъалаи мутобиқатро ҳамроҳ намудааст ва эътиқоди дуюм ба гунаи хосе маъно мегирад, то ки «зан(н)» аз таъриф берун монда, қайди «собит» оварда шавад ва эътиқоди тақлидӣ низ аз он дар канор монад. Дар муқоиса бо Форобӣ, ки дар қазияҳои мантиқии ӯ низ эътиқоди тақлидӣ ба гунае хориҷ шудааст, вай қисмҳоеро барои таълим (синоӣ, талфиқӣ (сохтакорӣ), тақлидӣ, танбеҳӣ ва зеҳнӣ) муҳим мешуморад, ки ғайри қобили завол будан ба кизбро шарти яқин донистааст.

Аз доираи қазияҳо ва ҳукмҳои мантиқӣ ба ҳадде берун баромада, Насируддини Тусӣ яке аз сабабҳои ба хато рафтани дониши инсонро дар хатопазир будани бадеҳиёти аввалия медонад ва муътақид аст, ки инсон бояд ҳангоми ҳосил намудани маърифатҳои ғайрибадеҳӣ ҳам кӯшиш ба

харҷ диҳад, ки бо корбарии мантиқ аз воқеъ шудани хато ва иштибоҳ канораҷӯӣ намояд [310, с. 43]. Чунин тарзи гузориши масъала дар андешаи Форобӣ хусусияти нисбатан сатҳӣ дорад ва бар хилофи Насируддини Тусӣ, ба умқи масъала ворид намешавад. Аз нигоҳи Насируддини Тусӣ, касб намудани дониш баромадан аз қувваи ҷаҳл ба феълияти илм аст ва ин иктисоб дар ҳар марҳила бар асоси донишу огоҳии қаблӣ сурат мегирад. Пас, огоҳӣ ва дониш бояд бар пояи чизе вуҷуд дошта бошанд, то инсон тавассути он битавонад ба дониши нав даст ёбад. Инсон дар иктисоби донишҳои тасаввурӣ ба тасаввуроти ғайрииктисобӣ ва дар иктисоби донишҳои тасдиқӣ ба тасдиқоти ғайрииктисобӣ – ки онҳоро асосҳои қиёсҳо меноманд – ниёз дорад. Тасдиқоти бадеҳӣ қобили инкор ва исбот нестанд. Барои исботи ин нукта, мутафаккир ба маърифати ҳиссӣ мурочиат мекунад: ба андешаи ӯ, бадеҳии аввалӣ он донише аст, ки инсон онро тавассути ваҳм, ҳис ва хаёл дарк мекунад ва дар ин раванд, эҳтиёҷе ба таълими беруна нест, балки танҳо корбурди андешаи шахсӣ кифоя мебошад. Мутафаккир таъкид мекунад, ки гарчанде инсон гоҳе дар иктисоби дониш дучори хато мешавад, он воҷиб намегардад, ки баррасии ҳамаи маърифатҳои ӯ зери савол гузошта шавад. Бадеҳиёти аввалия хатопазиранд ва инсон бояд ҳангоми ба даст овардани донишҳои ғайрибадеҳӣ ҳамаи кӯшишҳояшро барои ҷилавгирӣ аз лағзишҳои фикрӣ ба кор гирад. Эҳтимоли ба миён омадани иштибоҳ дар касби донишҳои нав набояд сабаб шавад, ки инсон «ҷазмиёти бадеҳи»-ро зери савол барад, ё аз дастёбӣ ба донишҳои ақлии нав мункир шавад.

Бахши қобили таваҷҷуҳ аз ихтилофи назар ва пазируфтани андешаҳо дар масъалаҳои мураккаби фалсафӣ аз печидагӣ ва нозукиҳои мавзуъҳои мавриди баҳс аст ва бояд қайд кард, ки ноил шудан ба маърифат ва исботи яқин дар ин гуна масъалаҳо мумкин, вале дар айни ҳол, душвор аст. Он чизе, ки ба андешаи Насируддини Тусӣ, монеи

натиҷагириҳои шаккокона мешавад, иборат аст аз: «1) полоиши фикр; 2) диққати назар ва парҳез аз содаандешию саҳлпиндорӣ; 3) канораҷӯйӣ аз ғализиҳои андешаҳои маъмулӣ; 4) парҳез аз тақлидҳои кӯр-кӯрона» [21, с. 11]. Дар робита бо он, мутафаккир иштибоҳот ва хатоҳоеро, ки ба ҳиссу эҳсосот нисбат медиҳад, дар ду нукта тавзеҳ медиҳад: якум, заминаҳои хатоҳо ва иштибоҳотро дар соҳаи доварӣ ва ҳукми ақл ҷустуҷӯ кард, ки он низ дар навбати хеш, иллату сабабҳои худро дорад; дуюм, ҳарчанд гоҳе инсон дар ҳукму довариҳояш дар бораи маҳсусот дучори иштибоҳҳо мешавад, аммо ин гуна хатоҳо набояд ба инкори маърифатҳои ҳиссӣ расонад.

Аз таҳлилҳои овардашудаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар бораи моҳияти консепсияи «ҳақиқат» бармеояд, ки ҳардуи онҳо ба баррасии масъалаи меъёри ҳақиқат ба он шакле, ки дар фалсафаи муосир ҳаллу фасл мешавад, рӯй наовардаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои ноэтикӣ (ба истилоҳи Э. Гуссерл), яъне маҷмуи масоили марбут ба ҷамъи малакаҳои интеллектуалӣ ва маънавӣ, тафаккур ва дониш, марбут ба дарки беҳтари имконоти такомули шахсӣ ва кайҳонии инсон, таъсирпазирии шуур ҳамчун яке аз омилҳои муайянкунандаи ҳақиқат, дар таълимоти онҳо ба шакли пароканда ва дар осори гуногунашон мавриди таҳлил қарор гирифта, имкон медиҳанд нуқтаи назарашон дар бораи ҳақиқат равшан гардад. Гарчанде ин нуктаҳо дар таълимоти эшон ҳамеша бо равшанӣ баён нашудаанд, вале барои хулоса кардани исботи объективӣ меъёри ҳақиқат дар назари онҳо ба шумор меравад, кофиянд. Ҳам Форобӣ ва ҳам Насируддини Тусӣ муътақиданд, ки воқеият дорои хусусияти зотӣ ва доимӣ мебошад ва онро метавон тавассути тафаккур, тасаввур ва тааққул дарк намуд. Ба андешаи онҳо, ҳақиқати дониш ба мувофиқати ҳукмҳо ва қазияҳои шахс бо тартиби айнии ашё вобаста аст.

Ин андешаҳо дар он сурат тасдиқ мешаванд, ки ҳар он чизе, ки ба маънои қотеи он моҳият аст, ҳақ ё ботил мебошад. Дар мавриди ашё, ин

моҳият қобили тамйиз ва тағйир буда, хусусияти объективӣ дорад. Ҳамзамон, эшон бар онанд, ки ҳақиқатҳое ибтидоӣ ва аввалия вуҷуд доранд, ки на тавассути ҳақиқатҳои дигар, балки бар пояи зоти худ тасдиқ мешаванд. Талоши эшон барои исботи ин гуна ҳақиқатҳо ё принсипҳои аввалияи ҳақиқат, пеш аз ҳама, моҳиятӣ ва зотист, на истидлолии беруна. Аз ин рӯ, донишро бо эътиқод ва эътиқоди айниро бо зарурати зеҳнии эътиқод пайванд медиҳанд. Бо ин вуҷуд, бояд таъкид кард, ки мафҳуми «эътиқод» дар ин ҷо набояд ба маънои динии он, ё ба маънои «имон» фаҳмида шавад.

Ин хулосаҳо, дар маҷмуъ, зери таъсири таълимоти Арасту шакл гирифтаанд. Арасту донишро ба далелҳое вобаста медонад, ки тавассути тасаввур ва тааққул маълум мегарданд. Ба ақидаи ӯ, дониш бояд бар дониши бадеҳӣ ва аввалия асос ёбад, ки онҳоро наметавон ботил сохт ва онҳо сарчашмаи донишҳои дигар буда, худ аз чизе фаротар аз худ барнамеоянд. Арасту минбаъд донишро бо истифода аз муқаддамоти диалектикӣ ва истидлоли мантиқӣ асоснок мекунад. Ба таъкиди ӯ, таҳти мафҳуми «дониши аввалӣ» се маъниро бояд дарк кард: дониши муқаддам ва нисбатан машҳур, ки ба эҳсоси инсон наздиктар аст; дониши куллитар, ки дуртар аст; ва дониши ҷузъитар, ки ба он наздиктар мебошад – ҳардуи охир ба ҳам мухолифанд. Ба андешаи ӯ, донишҳои «аз байни аввалинҳо» маънои он чизеро доранд, ки аз мабдаи хоси шайъ бармеоянд, зеро мафҳуми аввал ва мабдаъ дар фаҳми ӯ як маъниро доранд. Оғози исбот – муқаддамоти бевосита аст ва муқаддамоти бевосита – онҳоянд, ки пеш аз онҳо муқаддамоти дигар вуҷуд надоранд. Муқаддамоти диалектикӣ – онҳоянд, ки ду ҷузъи мухолифро яксон мепазиранд, ҳол он ки муқаддимаҳои исботкунанда яке аз онҳоро ҳатман ҳақиқӣ мешуморанд» [18, с. 260].

Чунин ба назар мерасад, ки барои Арасту, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ исбот ва раддия на амалҳои сирфан субъективӣ, балки бар мабнои

принсипи яқин сурат мегиранд. Онҳо ҳақиқати фаҳмишҳои инсонро бо воқеияти объектӣ ва бо ниёзи табиӣ ва зарурати зеҳнии инсон ба дарки мутмаин пайванд медиҳанд. Исбот ва ё раддия, пеш аз ҳама, ба худи объект ва тааққули он дахл дошта, ба баррасии ҳақ ё ботил будани моҳияти ашёи воқеӣ ишора мекунанд.

Дар ин фаҳм, ашё берун аз моҳияти худ вуҷуд дошта наметавонанд. Моҳият ё зот ҳамчун пояи фаҳмиши воқеият ҳамеша мушаххас боқӣ мемонад ва дар шакли куллӣ бо айнияти ашё иртибот дорад. Ин моҳият, ҳарчанд асоси падидаи мушаххас аст, барои ҳар се файласуф – Арасту, Форобӣ ва Тусӣ танҳо мафҳуми ақлонӣ нест. Баръакс, он танҳо тавассути зуҳури мушаххаси воқеӣ ва воқеияти эмпирикӣ қобили дарк ва таъйид аст. Бо мақсади асосноксозии чунин фаҳмиш, Арасту ба принсипи муқовимат (зиддият) истинод меорад. Ӯ изҳор медорад, ки дақиқтарин принсип аз миёни ҳамаи принсипҳо он аст, ки дар бораи он, ҳатто, эҳтимоли фиреб вуҷуд надорад. «Ин принсип, ба гуфтаи ӯ, бо зарурат, ҳамонест, ки аз ҳама машҳуртар ва маъруфтар дар миёни ҳамаи принсипҳо мебошад. Ин маъруфият на ба маънои тасдиқи умумӣ, балки ба маънои шинохти бадеҳии он мебошад, ки қобили инкор нест ва ҳар гуна истидлолро бар пояи худ имконпазир месозад» [18, с. 100-101].

Сарфи назар аз талошҳои мутафаккирон барои бартараф намудани мухолифоти назарӣ ва мутобиқ сохтани натиҷаҳои онҳо ба воқеияти метафизикӣ ва физикӣ, масъалаи онтологӣ дар бораи маънои «донистан» ва ҷустуҷӯйи воқеият ё ҳақиқат ҳамоно муҳим боқӣ мемонад. Барои ҳаллу фасли мушкилоти метафизикӣ ва гносеологии зикршуда, ду саволи марказӣ ба миён меоянд. Аввалан, масъалаи вобаста ба тарзи дарки таҳқиқот, яъне масъалаи методологӣ матраҳ мегардад: он усули идиографиро дар бар мегирад (мафҳумҳои рамзӣ), ки омӯзиши ҳодисаҳои тағйирёбанда ва такрорнашавандаро, ҷустуҷӯйи қонунҳои мантиқӣ ва пайванди сабабу натиҷаро бо такя ба мушоҳидаи олам ва

инсон дар бар мегирад. Сониян, масъалаи усулҳое ба миён меояд, ки ба ҷаҳонбинӣ ва дурнамои тафаккуру тааққул, ки мантиқи таҳқиқотро роҳнамоӣ мекунанд, марбутанд: позитивистӣ, тафсирӣ, диалектикӣ, системавӣ ва худшиносӣ. Муҳим он аст, ки ҳамаи ин усулҳо дар ҷустуҷӯ ва дарки ҳақиқат ҳам дар сатҳи метафизикӣ ва ҳам физикӣ бо истифода аз василаҳо ва мақулаҳои мантиқӣ ба кор рафта, як навъ синтези ақидаро ба вуҷуд меоранд. Муҳаққиқи маъруфи рус А.В. Смирнов дар баррасии консепсияи «ҳақиқат» дар фалсафаи асримиёнагии шарқӣ чунин хулоса кардааст: «Ҳақиқат» муносибати байни ду сохтор – лафзӣ ва воқеӣ – мебошад, ки ҳар яки онҳо дар таносуби «зоҳир-ботин», яъне мутаносибан «талаффуз-маъно» ва «маъно-маъно» ифода меёбад. Агар маъноҳои ду сохтор ба ҳам мувофиқ оянд, лафз дуруст, дар акси ҳол, ботил (кāзиб) дониста мешавад. Аз ин бармеояд, ки маънои ҳақиқат ва ботилро танҳо ба он гуфтаҳое нисбат додан мумкин аст, ки ҳақиқати онҳоро бо ҳақиқати чизҳо муқоиса кардан мумкин бошад. Дар афкори машшоиён, қиёс ҳамчун «муқарраркунандаи ҳақиқат» (тасдиқ) истифода мешавад, ки бояд аз тасаввур, яъне муайян сохтани маънои калимаҳои истифодашаванда дар қиёс, муқаддамтар бошад» [173, с. 173-174].

Ба ин маънӣ, Форобӣ мафҳуми «ҳақ» («содиқ»)-ро чунин таъриф мекунад, ки он метавонад дар олами хориҷӣ (беруна) низ ба ҳамон шакле (би-айниҳӣ) вуҷуд дошта бошад, ки дар нафс ҳаст. Ба ақидаи ӯ, барои он ки ин таъриф маънӣ дошта бошад, ҳатмӣ нест, ки мафҳум хусусияти бадеҳӣ дошта бошад. Масалан, мафҳуми «хало» ҳақиқат надорад, зеро он танҳо дар тафаккури инсон вуҷуд дорад, на дар олами беруна. Яъне сухан дар бораи таносуби ҳастӣ ва ҳақиқат меравад.

Дар истинод ба Демокрит ва Левкипп, Форобӣ менависад, ки «онҳо чунин мешумориданд, ки берун аз олам халои беохир вуҷуд дорад ва аз ин хулоса баровардаанд, ки берун аз олам шумораи бепоёни оламҳо вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, бисёре аз одамон бар асоси тасаввуроти худӣ

дар бораи ҳаво чунин арз кардаанд, ки ҳаво хало аст ва ҳавое, ки дар зарф аст, халоест, ки бо деворҳои зарф иҳота шудааст. Метавон гуфт, ки тасаввуроти худӣ ҳар як ҷанбаи ашё (ё падидаҳоро) мувофиқи ниёзе, ки дар ҳар замон ба миён меояд, тағйир медод. Агар касе дар истифодаи ақидаҳои худ таҷриба надошта бошад ва ба ҷойи як ғоя ғояи дигареро ҷойгузин кунад, вале ин ақида ба чизи воқеӣ мувофиқат накунад, пас, ин оғози иштибоҳ хоҳад буд» [11, с. 431-431].

Форобӣ дар ҳолатҳои гуногун мафҳуми «тасдиқ»-ро ба кор мебарад, ки дар байни «итминон» (яъне ба даст овардани боварӣ ба ҳақиқат будани чизе) ва «мувофиқат» (яъне ҳақиқат донистани чизе дар муқоиса бо чизи дигар) як қатор маъноҳои дигарро низ касб мекунад. Ӯ ин тафовутро дар нисбати чор навъи «тасдиққҳои машҳура» шарҳ медиҳад, ки маҳз, онҳо асоси консепсияи мантиқи Форобиро ташаккул медиҳанд: «1) ақоиди пазируфташуда, ки ба шарофати қабул шудани онҳо аз ҷониби ҳама ё аксари одамон, ё ҳакимон қобили эътимод дониста мешаванд; дар ҳолати охир, агар ин ақоид, ақаллан, аз ҷониби баъзе донишмандони муътабар қабул шудаанд; 2) ҳукмҳои ошкор ва аз ҷониби умум пазируфташуда, ба мисли: «миннатдорӣ ба волидайн – қарз аст»; 3) маълумоте, ки аз ҳиссиёт ба даст меоянд («Зайд нишастааст»); 4) баъзе принсипҳои умумӣ, моҳиятҳои ақлонӣ ва ҳақиқатҳои баҳснопазир («ҷузъ аз кул камтар аст»)» [11, с. 81].

Форобӣ, ҳамин тавр, доираи маъноҳои мафҳуми «тасдиқ»-ро тавсеа медиҳад ва таъкид мекунад, ки тасдиқ бо ду роҳ: ё тавассути бурҳон ва ё тавассути эътиқод сурат мегирад. Ба назари ӯ, бурҳони мушаххас бо тасдиқ ва эътиқод бо итминон анҷом меёбад. Дар асараш «Ал-алфоз ал-мустаъмала фӣ ал-мантиқ» («Калимаҳои истифодашаванда дар мантиқ») ишора мекунад, ки раванди таълим се марҳиларо фаро мегирад: тасаввур – ки дар он мафҳум ҳамчун сурат дар дарк зуҳур мекунад; тасдиқ – ки дар

он муносибати ҳақиқатсанҷи маънӣ ба воқеият баррасӣ мешавад; ва ҳифз – нигоҳ доштани маълумоти бадастомада дар хотира.

Аммо ин дарки маънӣ метавонад тағйир ёбад. Масалан, бо илова кардани ҳиссачаи инкорӣ ба ҷумла, метавон қазияи ростро ба дурӯғ табдил дод, ба мисли: «ин ҳолате нест (лайса), ки...». Форобӣ таъкид мекунад, ки ҷойгиршавии ҳиссачаи инкорӣ дар ҷумла аҳаммияти хос дорад, зеро он метавонад тамоми маъниро таҳти таъсир қарор диҳад. Ӯ як қатор мавридҳоро баррасӣ мекунад, ки дар онҳо ҳиссачаи инкорӣ ба исм илова мешавад, масалан, агар исми «ноодилона» (беадолат) аз «одилона» сохта шавад. Дар ин маврид, ки сифатҳо ҳамчун исм ба кор мераванд, Форобӣ – дар пайравӣ аз Теофраст чунин навъи инкорро «’удулӣ» (радкунӣ) меномад. Бо вуҷуди ин, ҷумлаи ҳосилшуда ба андешаи Форобӣ на ҳамчун инкор, балки ҳамчун тасдиқ баррасӣ мешавад.

Форобӣ таъкид мекунад, ки чизе наметавонад дар як вақт ҳам одил ва ҳам беадолат бошад. Вале ҳолатҳое ҳастанд, ки на тасдиқ ва на инкор мебошанд, масалан, тифли навзод, ки на одил ва на беадолат аст. Ҳарду иддао – «тифл одил аст» ва «тифл ноодил аст» [241, с. 125], ботил мебошанд. Дар чунин нуқтаҳо, Форобӣ назарияҳои асосии Арастуро бо риштаи метафизикаи худ омезиш медиҳад – равише, ки баъдан, дар назари Насируддини Тусӣ низ рушд мекунад. Ба назари Насируддини Тусӣ, ҳадафи илми мантиқ омӯзонидани роҳи дурусти таъриф ва истидлол аст. Бо ёрии мантиқ, зеҳн ва ақл метавонанд аз тасаввуроти зарурӣ ва бадеҳӣ ба тасаввуроти назарӣ ва иктисобӣ интиқол ёбанд ва гоҳе аз як навъи тасаввури назарӣ ба навъи дигари он гузаранд. Ҳамчунин, тасдиқҳои зарурӣ ва бадеҳӣ воситаи кашфи тасдиқҳои назарӣ ва иктисобӣ мегарданд ва бар замми он, аз тасдиқоти назарӣ метавон тасдиқоти назарии нав ба даст овард. Тусӣ ишора мекунад, ки қазияҳое, ки дар истидлол истифода мешаванд, вобаста ба муҳтавои маълуми худ

ба панҷ гурӯҳ ҷудо мешаванд: бурҳон, ҷадал, муғолата, хитоба ва шеър. Ба гуфтаи ӯ, «қавли ҷозим» (яъне баён ё ҳукми қатъӣ) ба зоти худ ба яқин наздик аст. Дар бурҳон, мабодӣ ва тасдиқоти он, асосан, аз манобеи зерин иборат аст: маҳсусот, муҷарработ, мутавотирот, аввалиёт ва ҳадсиёт. Махзани асосӣ ва ибтидои бурҳон бар маъқулот такя мекунад ва пазириши мабодии он барои ҳар шахси соҳибхирад зарурист, гарчанде на ҳама онро бидуни шубҳа мепазиранд.

Дар доираи ин низоми мантиқӣ, Насируддини Тусӣ низ масъалаи тасаввур ва тасдиқро мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Аз ҷумла, дар асари маъруфи худ «Асос-ул-иқтибос» ӯ менависад: «Ҳар илме ва идроке, ки бошад, чун онро эътибор кунанд, аз ду ҳол холӣ набошад: ё муҷаррад ёбанд аз ҳукм, чи ба исбот ва чи ба нафй ва онро «тасаввур» хонанд, ё муқорини ҳукм ёбанд, ба исбот ё нафй ва онро «тасдиқ» хонанд. Мисоли тасаввур – «ҳайвони нотиқ» ва мисоли тасдиқ – «ин ҳайвон нотиқ аст» ё «ин ҳайвон нотиқ нест» [25, с. 3].

Бо вуҷуди он, ки ин тақсимбандӣ ба таври зоҳирӣ бо назари Форобӣ ҳамсон менамояд, аммо таҳлили амиқи истилоҳот нишон медиҳад, ки байни онҳо тафовутҳои назаррасе вуҷуд доранд. Махсусан, тафсири Насируддини Тусӣ аз мафҳумҳои қазия ва тасдиқ дорои хусусиятҳои хос аст. Ба назари Тусӣ, тасдиқ танҳо ба маънои қазияи маъқула фақат аз он ҷиҳат, ки «қазия» аст – маҳдуд намешавад. Баръакс, тасдиқ аз лиҳози маъноӣ зиёда аз қазия мебошад. Он на танҳо ибораест, ки дар шакли мантиқӣ ду тарафро ба ҳам нисбат медиҳад, балки шакли равонии эътиқод ва иқрор ба воқеияти маънои ин қазияро низ фаро мегирад. Пас, мувофиқи ин назари Тусӣ, тасдиқ – ин на фақат изҳори як ҳукм аст, балки донистани воқеияти он ҳукм ва иқрор ба ҳаққонияти он мебошад. Ба сухани дигар, инсон метавонад мафҳуми як қазияро тасаввур кунад (масалан, «ин ҳайвон нотиқ аст»), вале танҳо вақте ки ин маъно ҳамчун воқеият дар шууру зеҳни ӯ собит мешавад, он вақт тасдиқ сурат мегирад.

Мутафаккир таъкид мекунад, ки ҳукм ва тасдиқ бояд аз ҳам ҷудо шинохта шаванд. Ҳукм – нисбат додани чизе ба чизи дигар аст, ки дар зоҳир сохтори мантиқии қазияро ташкил медиҳад. Аммо ҳукм то замоне ки онро воқеӣ надонанд, ҳанӯз дар сатҳи тасаввур боқӣ мемонад. Танҳо вақте ки ин нисбат ҳамчун воқеият дар зеҳн пазируфта мешавад, тасдиқ ҳосил мегардад.

Насируддин Тусӣ дар мубоҳиса бо яке аз рақибонаш қайд мекунад, ки маънои сухани ӯ дар бораи он ки «инсон – ҳайвон астро тасаввур мекунем ва сипас, онро тасдиқ мекунем» ин хоҳад буд, ҳангоме, ки сурати ин маҷмуъ шомили сурати тарафайн ба иловаи таълиф аст, ҳосил мешавад. Сипас, сурати ин таълиф барои мо ҳосил мешавад, лекин мумкин нест сурати ин маҷмуъ дар ақл ҳосил шавад, магар баъд аз ҳусули сурати аҷзое, ки сурати ин таълиф яке аз онҳост. Бинобар ин, ҳусули сурати ин таълиф баъд аз ҳусули сурати ин маҷмуъ аст ва ин таҳсил ҳосил ва муҳол аст» [314, с. 40].

Насируддин Тусӣ дар идомаи ин суханҳояш қайд кардааст, ки зикри мутобиқат дар сухани ин рақибаш дар маънои тафсир ва сидқ баррасӣ шудааст ва на тафсиру маънои тасдиқи ислоҳӣ, зеро дар тасдиқи ислоҳӣ дар мавридҳои зиёд мутобиқат вуҷуд надорад ва ё мавриди мулоҳиза қарор нагирифтааст. Он чизе ин шахс ба унвони «тасдиқ» зикр намудааст, маънои маъмулии тасдиқ аст, ки дар воқеъ ҳамон «сидқи каломӣ ё хабарӣ» аст, ки сифати исм аст ва дар он мутобиқати қазия бо воқеият оварда мешавад ва аз тавсифҳои аразии тасдиқ ва на худи тасдиқ аст. Ин нуктаро мутафаккир дар «Асос-ул-иқтибос» дар посух ба як «қавме» шарҳ дода, менависад, ки ба қавли он «иктисоби тасаввурот ба ҳудуд ба он чӣ ҷории маҷрои ҳудуд бошад, мумкин нест, чӣ матлуб агар дар зеҳн ҳосил бувад аз иктисоб мустағнӣ бувад. Ва агар ҳосил набувад, иктисобаш сурат набандад, чӣ он чӣ мутасаввир набувад, матлуб натавонад буд. Ва агар мутасаввир шавад, натавон донист, ки

матлуби ӯ будааст ё ғайри ӯ. Бар хилофи тасдиқе, ки тасаввуроти аҷзояш маълум натавонад буд ва ҳукм ба исбот ва ё нафй матлуб бувад ва сабаби ин ғалат ғафлат аз шуур ба кайфияти ҳусули тасаввур бувад» [25, с. 411].

Сипас, ин «ғалат»-ро шарҳ дода, мутафаккир сабаби онро, пеш аз ҳама, дар он мебинад, ки маърифати ашё ба як дафъа ҳосил намешавад, балки он аз марҳилаҳое мегузарад, ки дар он қуввату заифӣ, возеҳияту махфият, хусусу умум ва камолу нуқсон сурат мегиранд. Ба ақидаи ӯ, маърифате ҳаст, ки ба зоти худи чиз, маърифате ҳаст, ки ба зотҳои он, ба аразҳои он, бо ашёи дигар дар муқоиса вобаста буда, ҳосил мешавад. Ин матлабро дар нисбати маҳсусот шарҳ дода, шахсеро мисол меоварад, ки агар ӯ шахси дигарро аз дур бубинад, мефаҳмад, ки «ҷисме касиф аст ва бидонад, ки сангест ё дарахте бо ҷонварӣ, пас, маърифати ӯ он шахсро маърифати мубҳами оми ноқис бувад муҳтамали ин анвоъ. Баъд аз он, агар ӯро мутаҳаррик ёбад, маълумаш шавад, ки ҳайвон аст. Пас, ин маърифат муҳассалтару хостар ва комилтар шавад, бе он ки дар он шахс тафовуте ҳодис шавад» [25, с. 411].

Ҳам дар андешаҳои Форобӣ ва ҳам дар таълимоти Насируддини Тусӣ мафҳуми ҳақиқат дар чаҳорчӯбаи назарияи мутобиқат ба воқеият маънидод мешавад. Аз лиҳози моҳият ва мазмун, дар фаҳмиши ин мафҳум миёни онҳо тафовути ҷиддие ба назар намерасад, зеро ҳарду дар таҳлили ҳақиқат комилан зери таъсири мантиқи файласуфони юнонӣ, махсусан Арасту, қарор доранд. Дар фалсафаи муосир чунин шакли таърифи ҳақиқат бо номи назарияи корреспондентӣ (рӯзноманигорӣ) маъруф аст. Форобӣ ва Тусӣ ҳақиқатро на ҳамчун як чизи зотӣ ва мустақил, балки танҳо дар доираи муносибатҳо таҳлил мекунанд. Ба андешаи онҳо, ҳар чизе, ки ҳақиқат номида мешавад, танҳо дар нисбат ба чизи дигар – яъне воқеият ё далели берунӣ – тасдиқ ва исбот мешавад. Онҳо чунин натиҷагирӣ мекунанд, ки ҳақиқат ҳангоми мавҷуд будани

мутобиқати андеша ба воқеият падид меояд. Аммо саволи асосӣ дар ин ҷо чунин боқӣ мемонад: агар ин воқеиятҳо ва далелҳоро новобаста ва мустақил аз шуури инсон ҳисоб кунем, пас, чӣ гуна метавон мутобиқати онҳоро ба ҳолатҳои равонии инсон, ки фаҳми маънӣ, маҳз, аз робитаи байни онҳо бармеояд, муайян кард? Аз таҳлили таълимоти ҳарду мутафаккир метавон хулоса кард, ки ҳақиқат дар фаҳмиши онҳо ҳамчун як чизе «дар хориҷ» (берун аз шуур) мавҷуд аст, вале танҳо дар заминаи муносибати мутақобилаи шуур бо воқеият шинохта мешавад. Ҳамин равиши таҳлил, яъне муносибат ва мутобиқати андеша ба воқеият, заминаи асосии назарияи мутобиқати ҳақиқат дар фалсафаи Форобӣ ва Тусиро ташкил медиҳад.

Аз нигоҳи онҳо, ҳақиқат як эътиқоди асоснокшуда ва муназзам аст, ки бар пояи ҳамбастагии мантиқӣ ва методологияи дақиқи мантиқӣ шакл мегирад. Дар доираи ин методология, онҳо ба тарзи возеҳ қазияҳоро ташаккул, таърифҳоеро равшан ва ихтилофоти мантиқиро бартараф мекунанд.

Бар ин асос, ҳақиқат дар фалсафаи Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо ба маънои мутобиқати як андеша ба воқеият, балки ҳамчун як низоми пайваста ва динамикӣ дарк мешавад, ки хусусиятҳои зеринро дорост:

1. Ҳақиқат ҳамчун низоми рушдёбандаи дониш – ки тадриҷан ба сӯйи камол ва итмоми маърифатӣ ҳаракат мекунад.

2. Ҳақиқат ҳамчун қисми як низоми мутобиқ ва муназзам – далелҳо фақат вақте қобили қабуланд, ки бо дигар ақидаҳо ва донишҳо мутобиқ бошанд.

3. Ҳақиқат ҳамчун мавқеи муқобил бо шаккокӣ – яъне як изҳорот ё қазия ҳақиқат шуморида мешавад, агар тавонад дар муқобили пешниҳодҳои шаккокона ё инкорӣ устувор биистад ва бо низоми умумии дониш дар созгорӣ бошад.

Ин нуқтаи сеюм, яъне меъёри шубҳа ва шаккокӣ дар исботи ҳақиқат, ҳанӯз дар матнҳои гузашта таҳлил нашудааст. Аз ин рӯ, барои комил намудани фаҳмиши назарияи мутобиқат дар фалсафаи ин ду мутафаккир, дар поён ба таҳқиқи мухтасари он хоҳем пардохт.

Дар ин ҷо мо бояд қабл аз ҳама, бо гузоштани баъзе фарқиятҳои маъмул дар байни анвои шубҳа ё шак оғоз кунем. Яке аз тафовутҳое, ки муҳим аст, фарқи байни тасдиққҳои шаккоконаю шубҳанок дар бораи донишҳои мантиқӣ, ки бар пояи қазияю ҳукмҳои мухолиф ва ё ворунаи ҳамдигар ҳосил мешаванд ва ӯ эътиқоди ирфонӣ ё ақлонӣ аст. Мо ин ду навъи шубҳаю шаккокиро мутаносибан заиф ва қавӣ меномем. Иддао дар бораи он, ки инсон наметавонад чизеро, ки хоҳад, маърифат кунад, аз нуктаи назари фалсафӣ ҳукми нисбатан заиф аст, зеро ба осонӣ ба ин гуна шубҳа бо як навъ эҳтироми қатъӣ нисбат ба иштибоҳи шуури инсон боварӣ ҳосил кардан мумкин аст. Тасдиқ дар бораи он ки ҳатто, дар доираи ақл бовар кардан мумкин нест, ки чизе ҳақиқат аст, ҳукми қавитар ва шадидтар аст. Чунин ба назар намерасад, ки он ба шахсе, ки мехоҳад эътиқодро ба чизе идома диҳад, ки барои он ақли солим тақозо мегардад, дода шуда наметавонад. Ҳамин тариқ, инсон метавонад дар бораи фарзияҳо дар бораи олами ҷисмонӣ, замони гузашта, ақлҳои дигар, замони оянда, ҳастии Худо ва ғайра шубҳа дошта бошад. Дар бораи шакку шубҳа нисбат ба ин масъалаҳо, масалан, нисбат ба Худо, Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, асосан, дар зери таъсири муътазила усули шаккокияро барои он ба кор бурдаанд, ки аз як тараф, шаклҳои духӯраи тавзеҳоти имон ба Худоро, ки руҳониён пешниҳод менамуданд, ба майдони мубоҳисаҳои фалсафӣ-мантиқӣ кашанд ва аз ҷониби дигар назарияи яқин ва мувофиқати арастуиро, чуноне ки дар боло бо баррасиҳо пешниҳод намудем таҳти шак ва ё таҷдиди назар қарор диҳанд. Барои ҳаҷми кӯтоҳи ин бахши таҳқиқот мо шаккокии онҳоро

дар ақоиди метафизикӣ, аз ҷумла, дар нисбати Худо, сарфи назар намуда, танҳо ҷанбаи мантиқии онро баррасӣ менамоем.

Форобӣ дар «Китоб-ул-қиёс» дар бораи ҳукмҳои мантиқӣ сухан ронда, менависад, ки агар бихоҳем, ки ҳақиқати ҳукмро муайян ва дақиқ созем, пас ҳукмеро, ки хилофи он аст, мегирем ва ба он муқаддимаеро илова мекунем, ки он бешакку шубҳа ҳақиқӣ аст. Агар аз онҳо қиёс созем, ҳатман «хулосаи ошкоро бардурӯғ ва қобили қабулро ҳосил кардан мумкин аст. Ба ин васила, мо ҳақиқӣ будани ҳукми аввалро, ки тавзеҳ додани онро ҳадафи худ қарор дода будем, ба исбот мерасонем» [11, с. 295]. Форобӣ барои исботи ин матлаб мисоле меорад, ки агар исбот кардан хоҳем, ки ҳамаи одамон ҳиссиёт доранд, пас, мо бояд тасдиқ кунем, ки қазияи «ҳамаи одамон – эҳсос доранд», дуруст аст, аммо агар онро инкор кунем, қазияи мухолифи онро ҷоиз медонем, яъне «на ҳамаи одамон эҳсос доранд»-ро эътироф намуда, ба ин васила, ин қазияи мухолифро таҳти шакку шубҳа қарор диҳем ва ба он қазияи бешубҳа ҳақиқӣ, яъне «ҳамаи одамон – ҳайвонанд»-ро илова мекунем. Форобӣ ин ҳукмҳоро шарҳ дода, қайд мекунад, ки «дар зарб (модус)-и шашуми шакли сеюм мо чунин ҳосил мекунем: «На ҳамаи одамон эҳсос доранд» ва «ҳамаи одамон – ҳайвонанд», аз ин рӯ, «на ҳамаи ҳайвонҳо – ҳассосанд». Ин [хулоса] дурӯғ, ғайри қобили қабул ва ботил аст. Чунин ботил будан дар натиҷаи қазияи «ҳамаи одамон – ҳайвонанд», ҷоиз нест, зеро охирин – ҳақиқӣ аст. Агар дар натиҷаи ҳукми мо «на ҳамаи одамон эҳсос доранд» ботил ҳосил мекардем, пас, он ботил аст ва аз ин ҷо, қазияи мухолифи он, ки қаблан ҷоиз дониста будем, яъне – «ҳамаи одамон эҳсос доранд» ҳақиқӣ аст» [11, с. 296]. Ҳамин тавр, Форобӣ зимни баррасии маъниҳои ҳақиқии қазияҳоро тавассути шубҳа, инкор ва исботу натиҷагирӣ аз онҳо муайян месозад ва онро як усули хосаи ҳосил кардани дониши ҳақиқӣ мешуморад.

Ба ҳамин монанд Насируддини Тусӣ дар баҳс бо Фахриддини Розӣ дар баррасии мисолҳои мантиқӣ ва раддия бар қазоватҳои Розӣ масъалаи исботи ҳақиқатро дар доираи усули шакку шубҳа матраҳ месозад. Масалан, Розӣ дар асараш – «Ал-муҳассал», овардааст, ки «тасаввур кунед, ки шумо шахсеро дидаед, ки Зайд ном дорад ва сипас, чашмонатонро як лаҳза мепӯшед ва боз мекушоед ва бори дуюм Зайдро мебинед (онҳоро Зайди 1 ва Зайди 2 ном гузоред). Дар ин ҳолат, шумо бешак мутмаин ҳастед, ки шахсе, ки бори дуюм мебинед, ҳамон Зайд аст, ки бори аввал дидаед. Аммо ин итминон (ҷазм) беасос аст, зеро мумкин аст, ки Зайд 1 нобуд шавад ва якбора касе монанди ӯ (яъне Зайди 2) дар замоне, ки чашмонат баста буд, ба миён ояд. Аз ин рӯ, дар воқеъ ду Зайдро дидаед, ки аслан, як шахсанд» [291, с. 110]. Насируддини Тусӣ се ҷанбаи интиқоди шаккоконаро пешкаш мекунад. Нахуст, ӯ тазаккур медиҳад, ки хатти муайянкунандаи ҳувияти фарде ба мисли Зайд воқеияти ошкоро аст ва ин нуктаи тавофуқ дар миёни шахси шаккоки ақлгаро ва ғайришаккок аст. Ба ибораи дигар, инкори шахси шаккок дар ин соҳа бар хилофи ошкор будани эътиқоди мо дар бораи мудовимати ҳувияти шахсӣ дар замон ва дар соҳаҳои мухталифи зиндагӣ нигаронида нашудааст. Он эътирози эшон бар зидди эътимоднокии итминони мо дар чунин маврид аст. Ҳамин тавр, Насируддини Тусӣ тасдиқ мекунад, ки далеле дар масъалагузориҳои Розӣ оварда шудааст, беасос хоҳад буд, «зеро ақли инсон бо итминони қатъӣ (ҷозим би-т-тараддуд) қазоват мекунад, ки ин Зайде, ки ҳоло мушоҳида мекунем, ҳамон Зайде аст, ки лаҳзае пештар дида будем ва ин итминон аз қобилияти инкор намудани имконияти мухолифе, ки дар ин қазия зикр шудааст, вобаста нест. Дар акси ҳол, он бо воқеияти Зайд мувофиқ буда наметавонад» [310, с. 40].

Сониян, нисбат додани назари нобудшавии Зайд, ки онро Розӣ дар ин қазияҳо ҳамчун ақидаи аҳли калом овардааст, бидуни тавзеҳи иловагӣ, ботил аст. Тусӣ таъкид мекунад, ки илоҳиётшиносони калом ба

мувофиқати якдилона дар бораи он нарасидаанд, ки барои ниҳояти ҳастии мавҷуде ҳамчун шахси инсонӣ дар ин қазияҳо нобудшавии ӯ бо дахолати бевоситаи илоҳӣ имкон дошта бошад.

Таҳлили муқоисавии консепсияи ҳақиқат ва меъёрҳои он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ моро ба хулосаҳои зерин мерасонад:

1. Таълимоти ҳарду мутафаккир – ҳам дар заминаи фаҳмиши ҳақиқат ва ҳам дар баҳси усули маърифат зери таъсири амиқи фалсафаи Юнон, махсусан, андешаҳои Афлотун ва ба таври хос Арасту ташаккул ёфтаанд. Онҳо борҳо дар асарҳояшон ба ин манбаъҳо истинод меоранд ва онҳоро ҳамчун пояи назариявии таҳқиқоти худ истифода мебаранд.

2. Меъёри марказии ҳақиқат дар андешаи ҳарду файласуф мутобиқати ақл бо воқеият мебошад. Онҳо бар ин назаранд, ки ҳақиқат танҳо тавассути бархурд ва санҷиши мантиқии андеша бо воқеият муайян мешавад. Барои исботи ҳақиқат ё ботил сохтани он, онҳо як зумра абзорҳои мантиқиро ба кор мебаранд: далел, бурҳон, усулҳои яқин ва нафй, шубҳа ва шаккокӣ, ҷудокунии қазияҳои содиқ ва ғайрисодиқ ва ғайра.

3. Таҳлили ҳақиқат аз назари онҳо аз сатҳи метафизикӣ оғоз шуда, то ба баррасиҳои мантиқӣ ва маърифатӣ мерасад. Онҳо кӯшиш мекунанд, то ҳастии аристуиро, ки дар бунёди он ҳақиқат ҳамчун падидаи «бадеҳии фалсафӣ» қарор дорад, бо таълимоти исломии худ дар бораи ҳақиқати воқеӣ ва шаклҳои гуногуни мавҷудият ҳамоҳанг созанд.

4. Дар муқоиса бо маърифати ҳиссӣ ва ақлонӣ, ки дар бахшҳои қаблӣ баррасӣ гардида буданд, тафовути ҷиддии назариявӣ байни Форобӣ ва Тусӣ дида намешавад. Ихтилофот бештар хусусияти услубӣ ва методологӣ доранд – масалан, фарқ дар истифодаи истилоҳот, услуби баёни қазияҳо ва интихоби мисолҳои мантиқӣ.

Бо ин ҳама, таълимоти Форобӣ ва Тусӣ дар бораи ҳақиқат на танҳо тамдиди фалсафаи юнонӣ дар ҷаҳони ислом аст, балки такмил ва мутобиқсозии он бо фазои фикрии исломӣ ва илми мантиқии асримиёнагӣ мебошад. Онҳо шубҳа ва шаккокиро на ҳамчун радди ҳақиқат, балки ҳамчун асбоби баррасӣ, санҷиш ва исботи он истифода мебаранд.

Боби панҷум исбот менамояд, ки мантиқ дар афкори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ танҳо як фанни техникии истидлол нест, балки пояи низоми маърифатӣ дар сарзамини Шарқ ба ҳисоб меравад. Ҳарду мутафаккир мантиқро ҳамчун василаи шинохти ҳақиқат ва ташаккули низоми муназзами дониш донистаанд. Онҳо бо таҳлили амиқи осори Арасту ва татбиқи мантиқ ба дигар соҳаҳои илм ва фалсафа, тавонистанд мантиқро ба унсури марказии маърифат табдил диҳанд.

Форобӣ бо таҳияи таснифи илмҳо ва бо тавсифи муфассали мафҳумҳо ва қиёсҳо, заминаи методологиро барои андешаи фалсафӣ гузошт. Насируддини Тусӣ бошад, бо асарҳои монанди «Асос-ул-иқтибос» ва «Шарҳ-ул-ишорот», мантиқро ба зинаи баланди таҳқиқ бароварда ва он ҷойест, ки мантиқ ба як усули таҳлили воқеият ва танзими дониш табдил ёфтааст.

Дар маҷмуъ, мантиқ дар андешаи ин ду мутафаккир на танҳо як илм, балки як низоми ҷаҳонибинист, ки ҳамзамон, бо ахлоқ ва фалсафа пайванди зич дорад ва барои шинохти инсон ва ҷомеа нақши меҳварӣ мебозад.

ХУЛОСА

Таҳқиқоти анҷомшуда ба баррасии амиқи таълимоти мантиқӣ ва маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ бахшида шуда, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва иҷтимоии афкори онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Дар раванди таҳқиқ, на танҳо сохтор ва функсияи мантиқ дар низоми маърифатии ин мутафаккирон, балки робитаи он бо масъалаҳои ахлоқ, сиёсат, дин ва ҷомеа равшан гардид. Хулосаҳои зерин бар пояи таҳлили муфассал ва муқоисавии осор ва ақидаҳои ду андешаманди бузург таҳия шудаанд.

1. Дар натиҷаи таҳлили осори фалсафӣ-мантиқии Абунасри Форобӣ ва Хоҷа Насируддини Тусӣ ба таври рӯшан метавон дид, ки таъсири амиқи афкори фалсафии Юнони бостон, бахусус, таълимоти Арасту, дар ташаккули низоми мантиқӣ ва назарияи маърифати онҳо ҳузури назаррас дорад. Бо вуҷуди ин, мутафаккирони машшои шарқӣ – Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, ҳангоми муаррифӣ ва шарҳи афкори мантиқӣ ва маърифатии Арасту, на ҳамчун муқаллидони ин мутафаккири юнонӣ пайравӣ мекарданд, балки бо назари интиқодӣ ва таҳлилии фалсафӣ ба таълимоти ӯ муносибат намудаанд. Онҳо на танҳо бархе аз муқаррароти Арастуро таҳким бахшидаанд, балки дар бисёр мавридҳо ба такмил ва бознигарии бунёдии онҳо даст зада, ба низоми мантиқии Арасту навоварии илмӣ ворид кардаанд. Аз ҷумла, таҳлили муфассали онҳо дар боби назарияи ҳамлпазирии мафҳумҳо бо такя ба куллиёти панҷгонаи Порфирий, тафсири амиқи таъриф аз дидгоҳи зотгароӣ, истиқроъ ва тамсил, ташхису тавзеҳи объектҳои муғолита, саҳми бузурги онҳо дар рушди мантиқро нишон медиҳад. Ин раванд дар таърихи мантиқ ҳамчун марҳилаи тавсеаи назариявӣ ва табдили он ба як низоми комили арзёбӣ пазируфта мешавад. Махсусан, ҷудо кардани мантиқ ба ду бахши бунёдӣ – тасаввур ва тасдиқ, ки аз ҷониби Форобӣ пешниҳод гардид ва минбаъд ба як модели устувори мантиқнигорӣ дар осори Ибни Сино ва дар

шакли мукаммалаш дар китоби «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ инкишоф ёфт, аз муҳимтарин қадамҳои эҷодии ин ду мутафаккир арзёбӣ мегардад [4-М; 5-М; 7-М; 12-М;14-М; 16-М; 38-М].

2. Аз таҳлили равандҳои ташаккул ва такомули дастгоҳи мафҳумӣ ва мақулаҳои мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ метавон ба хулосаи муайян расид, ки ҳар ду файласуф мантиқро ҳамчун пояи усулӣ ва василаи асосии тавлиди дониш ва фарқгузорӣ байни маърифати саҳеҳ ва ақидаҳои носаҳеҳ мешумориданд. Ба андешаи онҳо, мантиқ танҳо як фанни ёрирасон ё низоми хушки шаклӣ набуда, балки заминаи универсалии арзёбӣ ва тартибдиҳии донишҳо ба шумор мерафт. Дар ин замина, ҳарду мутафаккир бо истинод ба мантиқи Арасту, онро бо донишҳои анъанавии фалсафии ҷаҳони ислом мутобиқ намуда, як низоми мантиқан мутаносиб ва фаҳмопазирро иншо кардаанд. Бо истифодаи равиши интиқодӣ ва илмию истилоҳӣ, онҳо ба эҷоди забони мантиқии хоси худ иқдом намудаанд. Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳамзамон бо истифода аз истилоҳоти файласуфони юнонӣ, истилоҳоти нав ва меъёрҳои таълимии мутобиқ ба муҳити шарқӣ таҳия кардаанд, ки бо он ҷаҳони маърифати фалсафӣ ва мантиқӣ дар Шарқ ташаккул ёфтааст. Тафовути онҳо бештар дар сатҳи услуби баён, тартибу низоми истилоҳот ва таври пешниҳоди маърифати мантиқӣ падид меояд. Агар шеваи баёни Насируддини Тусӣ бештар мураккаб ва борикбинона бошад, шеваи таҳлили Форобӣ содатар, равшантар ва дорои низоми системавист, ки ба хонанда имкон медиҳад дарки равшантаре аз масъалаҳои мантиқӣ ба даст орад [10-М; 18-М; 22-М; 34-М; 41-М].

3. Таснифи илмҳо дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ на танҳо ҳамчун амали шаклӣ, балки ҳамчун як механизми назариявӣ барои дарки сохтори дохилии донишҳо ва танзими равандҳои маърифатӣ ба ҳисоб меравад. Ин таснифот ба шиносоии мароҳили

мантиқии омӯзиш ва таҳқиқи илмҳо дар заминаи принсипи «муқаддам» ва «муаххар» мусоидат намуда, тартибу тадриҷи мантиқии омӯзишро таъмин мекунад. Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, дар ин замина, дар пайравӣ ва бозофаринии анъанаи таснифоти илмии Арасту нақши меҳварӣ бозида, таснифи улумро бо назардошти заминаи таърихӣ, ниёзҳои амалӣ ва меъёрҳои мантиқӣ такмил додаанд. Дар ҳоле ки Форобӣ ба нақши мантиқ ҳамчун шохаи муқаддам ва абзори асосии таҳқиқоти илмӣ аҳаммияти хос медиҳад. Насируддини Тусӣ бо такя ба пешрафтҳои илмии асримиёнагӣ таснифи илмҳоро бо таҳлили ҷиддӣ ва назари фарогир тартиб медиҳад. Саҳми муҳим ва мушаххаси ин ду донишманд дар он аст, ки онҳо таснифоти илмро як рукни бунёдӣ барои ташаккули низоми таълимӣ ва тавсеаи тафаккури илмӣ мешуморанд. Тафовут дар интихоби категорияҳо, услуби баён ва дараҷаи таҳлили назариявӣ дар осори ин ду файласуф, шеваи гуногунандешии эҷодии онҳоро инъикос менамояд. Омӯзиши ин таснифот имрӯз низ имкон медиҳад, ки мо на танҳо равобити дохилии сохтории илмҳоро равшан бинем, балки аз таҷрибаи таърихии онҳо дар такмили низоми муосири илм ва маориф истифода барем [4-М; 5-М; 21-М; 22-М; 24-М; 33-М].

4. Осори мантиқӣ-маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нишон медиҳанд, ки ҳар ду мутафаккир ба забон на фақат ҳамчун василаи муошират, балки ҳамчун падидаи фалсафӣ ва пояи маърифати инсонӣ менигаристанд. Ба андешаи онҳо, забон ва мантиқ дар робитаи зич қарор доранд ва таҳқиқи равандҳои маърифатӣ бидуни таҳлили сохтор ва қонунмандии забонӣ нопурра боқӣ мемонад. Форобӣ дар шарҳу таҳлили мафҳумҳо ва истилоҳоти мантиқӣ, нақши забонро ҳамчун омили ташаккули тафаккур тавсиф мекунад ва муносибати сохтории онро бо мантиқ муайян месозад. Насируддини Тусӣ бошад, ин равобитро дар заминаи таҷриба ва таълимоти Форобӣ ва Ибни Сино тавсеа бахшида, дар осори худ, махсусан, дар «Асос-ул-иқтибос» ва

«Меъёр-ул-ашъор», модели назариявии ҳамгироии мантиқ ва забонро ба таври мураттаб таҳия менамояд. Мероси фикрии ин ду мутафаккир имрӯз низ барои рушди забоншиносӣ ва таҳқиқоти фалсафаи забон, инчунин, барои тақвияти худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури интиқодӣ ва системавӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад [8-М; 9-М; 11-М; 13-М; 20-М; 40-М; 41-М].

5. Дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ мафҳум мақоми меҳвариро дар раванди тафаккур ва маърифат ишғол мекунад. Ин ду мутафаккир мафҳумро на танҳо воситаи тасвири зеҳнӣ, балки ҳамчун асоси ташаккули дониш ва умумисозии воқеият шинохтаанд. Форобӣ тавассути таҳлили дақиқи сохтор ва намудҳои мафҳум, аз ҷумла мафҳумҳои муфрад ва мураккаб, куллӣ ва ҷузъӣ, таъсири забон ва нақши он дар ташаккули андеша ва маърифатро равшан кардааст. Аз сӯйи дигар, Насируддини Тусӣ ин мавзуъро бо густариши таҳлили куллиёти панҷгона ва мақулаҳои мантиқӣ пайгирӣ намуда, нишон медиҳад, ки мафҳум ҳамчун воситаи асосии дарки бонизоми олам ва ташкили дониш хидмат мекунад. Барои ҳарду файласуф, мафҳум танҳо як воҳиди забонӣ набуда, балки унсури назариявии бунёдӣ дар шинохти мантиқӣ маҳсуб мешавад, ки тавассути он тафаккури инсон ба сатҳи абстрактӣ ва интизомёфта мебарояд. Мероси фикрии онҳо то ба имрӯз заминаи муҳимми рушди таҳлили мафҳумҳо дар илми мантиқ ва густариши ҷаҳонбинии маърифатӣ боқӣ мондааст [2-М; 4-М; 5-М; 10-М; 15-М; 18-М; 23-М].

6. Қазия ҳамчун шакли асосии ифода ва арзёбии андешаи мантиқӣ дар маркази таваҷҷуҳи Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ қарор дорад. Форобӣ дар осори худ бо таваҷҷуҳи хос ба сохтори дохилии қазия, аз ҷумла, робитаи байни мубтадо ва хабар ва нақши бандакҳои мантиқӣ, масъалаи ифодаи дуруст ва саҳеҳи андешаро асоси шинохти ҳақиқат медонад. Ӯ дар баррасии қазияҳои ҳамлӣ ва шартӣ кӯшиш

мекунад, ки меъёрҳои мантиқии дурусти арзёбӣ ва интиқоли фикрро муайян созад. Насируддини Тусӣ бошад, таҳлили қазияҳоро ба сатҳи амиқтар бардошта, бо истифода аз намунаҳои равшан ва таснифи муфассал мавзуи шартият, муқобиланигарӣ ва таноқузро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Вай, тавассути равишҳои дақиқ ва услуби таҳлили мантиқӣ, ба эҷоди як низоми устувори арзёбии қазияҳо ноил мегардад. Назари ҳарду мутафаккир ба қазия ва робитаи он бо қиёс, хулосабарорӣ ва баҳсҳои мантиқӣ ба рушди назарияи мантиқ дар тамаддуни Шарқи асримиёнагӣ мусоидат намудааст ва имрӯз низ барои мантиқшиносии муосир заминаи арзишманд ва муфидро таъмин мекунад [5-М; 6-М; 15-М; 16-М; 25-М].

7. Дар афкори мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ назарияи қиёс на танҳо чун асоси мантиқии хулосабарорӣ, балки ҳамчун абзори амиқи маърифат ва дарки ҳақиқат дар шинохти инсонӣ мавқеи марказӣ дорад. Форобӣ бо ташаккули низоми муназзами истилоҳот ва таҳрири дақиқи сохторҳои қиёсӣ, пояи мантиқшиносии анъанавии Шарқро гузоштааст. Таҳлили ӯ ба унсурҳои асосии қиёс – аз ҷумла, муаррифии муқаддимаҳо ва таснифи шаклҳои хулоса заминаи назариявии устувор фароҳам овардааст. Насируддини Тусӣ ин меросро бо таҳқиқи зарбҳои мухталифи қиёс, тавсеаи шаклҳои истихроҷи хулоса ва ҷорӣ намудани усули таҳлилии амалӣ такмил бахшид. Ӯ бо истифода аз манобеи гуногуни маърифат – маҳсусот, мақбулот, машҳурот ва ғайра нишон дод, ки қиёс воситаи бунёдии иртиботи тафаккури мантиқӣ бо воқеияти маърифатӣ аст. Ҳарду мутафаккир мантиқро на ҳамчун фанни маҳдуди абстрактӣ, балки ҳамчун дастгоҳи таълимӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ арзёбӣ намудаанд. Ин равиш то ҳол дар методологияи илм ва таҳкими қобилияти таҳлилӣ дар ҷомеа таъсири муассир дорад [4-М; 11-М; 12-М; 13-М; 26-М].

8. Мафҳуми бурҳон дар таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ ҳамчун пояи асосии далеловарӣ ва воситаи дарки илмии ҳақиқат матраҳ гардидааст. Форобӣ бурҳонро шохае аз қиёс медонад, ки бар муқаддимаҳои яқинӣ асос ёфта, натиҷае дорои дараҷаи итминон ба вуҷуд меорад. Вай таваҷҷуҳи хос ба сохтори дохилии бурҳон ва нақши акси қазияҳо дар ин раванд дода, муҳиммияти низоми муқаддимавӣ ва дурустии сохтори мантиқиро таъкид намудааст. Насируддини Тусӣ бошад, мавзуи бурҳонро бо густариши мавзуоти он, аз ҷумла бурҳони лимӣ, бурҳони иннӣ ва бурҳони истиқроӣ, таҳлили амиқ кардааст. Ӯ навъҳои мухталифи муқаддимотро шарҳ дода, шароити татбиқи дурусти бурҳонро дар равандҳои шинохт ва таҳқиқ ҳамчун мақулаи махсуси мантиқ тавзеҳ додааст. Ба назари ҳарду мутафаккир, бурҳон танҳо дар сурате боэътимод хоҳад буд, ки бар асоси қиёсоти дуруст ва мантиқан пазироишшаванда бунёд ёбад. Ин таҳлилу таҳқиқот нишон медиҳанд, ки бурҳон на танҳо воситаи назариявии далеловарӣ, балки зербинои устувори рушди тафаккури илмӣ ва фарҳанги таҳқиқотӣ маҳсуб мешавад [12-М; 19-М; 32-М; 42-М].

9. Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ дар таълимоти фалсафии худ шинохти ҷаҳони ҳастиро ҳамчун раванди ҳамгироёнаи ҳиссӣ, ақлӣ ва метафизикӣ тавсиф намудаанд, ки дар он инсон бо воситаи неруҳои маърифатӣ ба дарки ҳақиқат мерасад. Онҳо бар онанд, ки маърифат маҳсули мутақобили нафс ва ақл бо ҷаҳони воқеӣ буда, пайванди ногусастанӣ бо неруи Ақли фаъол дорад. Шинохт, ба назари онҳо, замоне комил аст, ки инсон аз зинаҳои ҳис, тасаввур ва тафаккур гузашта, ба маъқулоти ҷовидон расад. Форобӣ бо таҳияи модели фалсафии шинохт, ки бар мабнои мероси фалсафаи Юнон ва арзишҳои миллӣ бунёд ёфтааст, маърифатро ҳамчун роҳи расидан ба камоли ахлоқӣ ва саодати ақлонӣ маънидод мекунад. Насируддини Тусӣ ин равишро бо таҳлили дақиқтари равандҳои маърифатӣ ва ҷанбаҳои

гуногуни неруҳои шинохтӣ такмил додааст. Ҳарду мутафаккир таъкид менамоянд, ки шинохти олам ва шинохти хештан дар воқеъ як раванд буда, асоси зиндагии маънавии инсонро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, онҳо робитаи зичро миёни илм ва амал барқарор карда, маърифатро на танҳо чун ҷустуҷӯйи ҳақиқат, балки ҳамчун шарт ва василаи камоли инсонӣ мешуморанд [11-М; 13-М; 21-М; 22-М].

10. Баррасии маърифати ҳиссӣ ва масоили инъикос дар осори Форобӣ ва Насируддини Тусӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду мутафаккир дар чорчӯбаи фалсафаи машшоия масъалаи шинохтро бо назари амиқ ва бисёрҷанба таҳлил намудаанд. Ба андешаи онҳо шинохт равандест, ки тавассути узвҳои ҳиссӣ оғоз ёфта, ба воситаи зеҳн ва ақл ба сатҳи маъқулот мерасад. Форобӣ дар таҳлили худ аҳаммияти неруҳои тахайюл ва ҳисро дар ташаккули идрок таъкид намуда, онҳоро бо сохтори ҷаҳони руҳонӣ ва низоми ахлоқӣ мепайвандад. Ӯ маърифатро на танҳо дар заминаи равонӣ, балки ҳамчун аъмоли иҷтимоӣ ва ахлоқӣ арзёбӣ менамояд. Насируддини Тусӣ бошад, бо такя ба методи илмии таҳлил ва низоми мантиқӣ, масъалаи инъикосро дар робита бо табиати воқеият, шинохти математикӣ ва низоми илмӣ таҳқиқ намудааст. Ӯ бори аввал бо равиши мураттаб ва мукаммал шинохти ҳиссиро ба таҳлили илмии физика ва риёзиёт пайванд медиҳад. Тафовути аслӣ дар он аст, ки Форобӣ маърифати куллиро маҳдуд ба ақл медонад, дар ҳоле ки Насируддини Тусӣ имкони дарки ҳам кул ва ҳам ҷузъро тавассути тамоми қувваҳои шинохтӣ мумкин мешуморад. Ҳамин тавр, таҳлили таълимоти ин ду мутафаккир на танҳо ба решаҳои гносеология равшанӣ меандозад, балки заминаи фаҳми муосири робитаи шинохти ҳиссӣ, тафаккури мантиқӣ ва инкишофи донишҳои илмиро низ фароҳам месозад [3-М; 12-М; 27-М; 38-М].

11. Дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ, таҳлили масоили мантиқ ва маърифати ақлонӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду

